**Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

***ТОҶНОМА***
***Силсилаи***
***Тоҷикон дар масири тамаддун***
**Китоби**
**XII**

# ТАЪРИХИ СИСТОН

Душанбе
«Бухоро»
2014

ББК 63.3(2тоҷик)+63.5(2тоҷик)
Т– 36

Таҳияи матн, муқаддима, тавзеҳот ва феҳристҳо аз
Муҳаммадюсуф Имомов ва
Абдушукури Абдусаттор

Муҳаррир
Шамсиддин Солеҳов

**Таърихи Систон.** Душанбе: «Бухоро», 2014. – 352 саҳ.

ISBB 978-9975-42-40-3

© Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2014

***СИЛСИЛАИ МАЗКУР БО ҲИДОЯТ ВА ДАСТГИРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ЧОП РАСИД***

## МУҚАДДИМА

Китоби «Таърихи Систон» аз зумраи куҳантарин осори таърихӣ чун тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ илал Мағриб»-и муаллифи номаълум, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва амсоли онҳо ба шумор меравад, ки ба забони форсӣ таълиф гардидаанд. Дар масъалаи ном ва муаллиф ё саҳеҳтар муаллифони ин асар дар миёни донишмандон ва асҳоби таъриху тазкираҳои асрҳои миёна ихтилофи назар мавҷуд аст. Ҳарчанд ин китоб бо номи «Таърихи Систон» шуҳрат пайдо кардааст, вале дар нусхаи асл ҳаргиз аз ин ном ёд нашуда ва дар ҳар ҷои асар аз он бо номи «Таърих» ишора шудааст. Ҳамчунин яқинан наметавон гуфт, ки номи китоб «Систоннома», «Ахбори Систон» ё «Таърихи Систон» буда бошад.

Дар ҳар ҳол, ин китоб пас аз он ки бори нахуст дар тӯли солҳои 1881-1885 дар поварақи рӯзномаи «Эрони қадим» бо саъйи Абдулазимхони Гургонӣ ва бо номи «Таърихи Систон» ба табъ расид, минбаъд бо ҳамин ном шуҳрат пайдо намуд. Баъд аз он Маликушшуаро Баҳор аз рӯи яке аз нусхаҳои қадимии ин асар матни интиқодии онро бо тасҳеҳоти худ соли 1936 бо ҳамон номи «Таърихи Систон» ба чоп расонд. Минбаъд аз рӯи матни интиқодӣ ва тасҳеҳшудаи Маликушшуаро Баҳор «Таърихи Систон» ду маротиба, яъне солҳои 2004 ва 2009 ба табъ расонида шуд.

«Таърихи Систон» дар осори илмӣ-таҳқиқотии донишмандони муосир маъмулан чун асари муаллифи гумном ёд карда мешавад, вале агар ба муҳтаво ва сабки нигориши он таваҷҷуҳ карда шавад, ба хулосае метавон расид, ки ин асар маҳсули заҳмати на як муаллиф, балки якчанд муаллифон мебошад. Зеро муҳтавои асар ва сабку равиши сухан ба он далолат мекунанд, ки воқеоти он бо се сабки мухталиф ва дар давраҳои гуногун навишта шудааст:

1. Воқеоти давраи аввал аз бунёди шаҳри Систон, ки дар қадим Заранг ном дошт, оғоз гардида, то замони ин

сарзаминро фатҳ кардани арабҳо дар ибтидои аҳди исломӣ идома меёбад.

2. Қисмати дигари воқеоти «Таърихи Систон» аз соли 1053, яъне омадани Туғрали Салҷуқӣ ба Систон ва ҳодисоти то соли 1056-ро дар бар мегирад. Аз ин ҷо сабки сухан тағйир ёфта, алфозу таъбироти «амир», «адомаллоҳу мулкаҳу» ва ғайра истифода мешавад. Вале аз ин таърих ба баъд риштаи сухан гусаста мешавад ва воқеаҳои дар 17 соли минбаъда рухдода сарфи назар мешаванд. Нақли минбаъдаи воқеоти таърихӣ аз соли 1073 идома меёбад ва рӯйдодҳои то соли 1296 ба таври ихтисор ва дар фаслҳои хеле кӯтоҳ шарҳ дода мешаванд. Сабку равиши сухан дар ин қисмат аз қисмати аввал тафовути ҷиддӣ дорад.

3. Сабки нигориши «Таърихи Систон» аз тасвири воқеоти марбут ба мухолифатҳо ва лашкаркашиҳои миёни шоҳони маҳаллии Систон Рукниддин Маҳмуд, падараш Насируддин ва бародараш Нусратуддин ва дигарон боз тағйир ёфта, аз саҳифаи 376 то охири китоб (с. 382) услуби феҳристнигории қисмати дуюм қатъ мегардад ва воқеоти минбаъда, ки муаллифи он шоҳиди зиндаи онҳо будааст, дар ҳафт саҳифа ба тафсил нақл карда мешавад. Аз лиҳози сабки сухан ин қисмат ба қисмати дуюмӣ шабоҳати наздик дорад, вале аз равиши сода ва мӯҷази қисмати аввал ба куллӣ фарқ мекунад.

Аз ин ҷо метавон тахмин кард, ки «Таърихи Систон»-ро се муаллиф навишта ва ҳар яке даврони муайяни таърихиро аз рӯи имкону сабки нигориши худ тасвир кардааст. Чунончи, муаллифи қисмати аввал тасвири воқеоти Систонро аз оғози бунёди он ҳадафи худ қарор дода, дар баробари ин, дар бораи мавқеи ҷуғрофии ин шаҳр ва навоҳии он, расму ойинҳои мардумӣ, илму адаб, шахсиятҳои маъруфи он ва дигар воқеоти аз қадим то нимаи дуюми асри XI рухдода маълумот медиҳад. Ҳамчунин дар ин қисмат таърихи зуҳури ислом ва зиндагиномаи Муҳаммад (с) то ҳукумати хулафои рошидин ва Умавиён ва ибтидои кишваркушоиҳои онҳо дар Систон мавриди тасвир қарор гирифтааст. Ин қисмати китоб, ки нисбат ба дигар қисматҳои он ҳаҷман хеле бузург аст, рӯйдодҳои муҳимми таъсиси ҳукуматҳои маҳаллии

Тоҳириёну Саффориён, сипас Сомониён ва рӯйдодҳои марбут ба онҳоро то омадани Туғрали Салҷуқӣ ба Систон фаро мегирад ва қисмати қадимтарин ва аз лиҳози таърихиву адабӣ арзишмандтарини «Таърихи Систон» ҳисоб меёбад. Арзиши адабии ин китоб, чунонки устод Забеҳуллоҳи Сафо низ тасдиқ менамояд, дар он зоҳир мегардад, ки равиши нигориши муаллифи ин қисмат «бисёр сода ва табиист ва ин содагӣ ва наздикӣ ба табиат ва фасоҳати нависанда ба ҳаддест, ки насри ӯро ҳамдӯши фусаҳои бузурги қадим, монанди Балъамӣ, кардааст ва агарчи ин китоб дар поёнии аҳди мавриди таҳқиқи мо нигориш ёфта, боз ҳам аз луғоти арабӣ ва таркиботи мушкили тозӣ ба нисбати бисёр зиёде холист ва маъмулан аз калимоти содаи мустаъмал ва порае таркибот, ки ба маврид ва ғолибан аз забони арабӣ истеъмол мешавад, монанди: «Субҳоналлоҳи-л-азим, аъаззаллоҳ-ул-амира» ва амсоли онҳо, осори куҳнагии забон ва калимоту таркибот аз баъзе мавориди китоб ба дараҷае машҳуд аст, ки онро ба насри аҳди Сомонӣ ба шиддат наздик мекунад» (2, 632-633). Аз ин ҷост, ки ин қисмати китоб барои омӯзиши марҳалаҳои нахустини таърихи ташаккул ва таҳаввули забони адабии форсӣ- тоҷикӣ низ ба ҳайси яке аз маъхазҳои муҳим хидмат карда метавонад.

Далели қадимӣ будани қисмати аввали «Таърихи Систон» он ҳам буда метавонад, ки муаллиф аз маъхазҳои адабӣ-таърихии қадим чун «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ, Абулмуайяди Балхӣ, «Аҷоиби баҳру барр»-и Бушри Муқассам, «Фазоили Сиҷистон»-и Ҳилол Юсуфи Авқӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Китоби анбиё»-и Алӣ ибн Муҳаммади Табарӣ, «Сияр-ул-мулук»-и Абдуллоҳ ибн Муқаффаъ, «Китоби хироҷ»-и Қудома ибн Ҷаъфар, «Бундаҳишн»-и зардуштиён ва китобҳое бо номи «Булдон ва манофеи он», «Бахтиёрнома» ва ғайра, ки дар асрҳои нахустини аҳди исломӣ таълиф шудаанд, истифода ва иқтибос кардааст. Баръакс, аз китобҳое чун «Таърихи Байҳақӣ»-и Абӯалии Байҳақӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Таърихи Яманӣ»-и Абдулҷаббори Утбӣ ва амсоли онҳо, ки дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудаанд, ёдоварӣ

нашудааст. Ин ҳама дар навбати худ аз қадимӣ будани қисмати аввали «Таърихи Систон» гувоҳӣ медиҳад.

Қисматҳои дуюму сеюми асар, ки ба қалами муаллифони гуногун навишта шудаанд, аз лиҳози забон ва сабки баён аз қисмати аввал тафовути ҷиддӣ доранд ва он соддагии забон ва фасоҳату мӯҷазии сабки сухан, ки дар қисмати аввал мушоҳида мешавад, дар онҳо ба назар намерасад. Тафовути миёни ду қисмати ахир асосан дар он аст, ки муаллифи қисмати дуюм воқеоту рӯйдодҳоро ба усули феҳристнигорӣ баён менамояд, вале тасвири ҳодисот дар қисмати сеюм ба тафсил омадааст. Дар ҳар ҳол, дар ду қисмати охири «Таърихи Систон» он сабки содаи насри тарассул, ки дар қисмати аввал риоя шудааст, мушоҳида намешавад ва вуҷуди алфозу таъбироти арабӣ, печидагӣ ва нишони такаллуф аз таъсири насри маснуъ, ки аз нимаи дуюми асри XI дар адабиёти форсӣ нуфуз намудааст, гувоҳӣ медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар масъалаи муаллифони қисматҳои ҷудогонаи он ва умуман интисоби ин асар ба қалами муаллифи муайян дар шарқшиносӣ ва адабиётшиносӣ фикру андешаи мушаххас ва бо далелҳои илмӣ асоснокшуда изҳор нагардидааст. Теъдоде аз муҳаққиқон, аз ҷумла, Саид Нафасӣ ва Эраҷи Афшор чунин ақидаеро изҳор кардаанд, ки тибқи он гӯё матни аслии «Таърихи Систон» ба арабӣ таълиф шуда ва сипас ба форсӣ тарҷума гардидааст (5, 156; 4, 188). Вале ин ақида ба ҳақиқат мувофиқ намеояд ва зоҳиран бо такя ба гуфтаҳои зерини муаллифи китоби «Эҳё-ул-мулук» Шоҳҳусайн ибни Малик Ғиёсуддин Муҳаммад пайдо шудааст, ки дар бораи ин китоб менависад: «Вақоеи салотин ва мулуки он ҷоро (Систонро – М. И., А. А.) Абӯ-абдуллоҳ, ки аз сиқоти ровиёни ҳадис аст, ба забони арабӣ ба қалам оварда ва дар замони давлати Шоҳқутбиддин Шоҳалӣ Абӯмуҳаммад номе нусхаи арабиро форсӣ намуда ва амири фозил Абӯмуҳаммади Мубориз, ки ҷадди модарии роқими ин нусха аст, таърихе ба шарҳу баст то замони Малик Низомуддин Яҳё таълиф намуд ва дар айёми сабӣ дар дабистон чанд ҷузв аз он нусха ба назари ин ҳақир даромада ва алҳол он нусха дар миён нест» (3, 18).

Муаллифи муқаддимаи «Таърихи Систон» Маликушшуаро Баҳор низ бар он ақида аст, ки шояд мардуми бофазлу донишманди Систон аз вуҷуди ин асар ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ огоҳӣ доштанд, вале ба андешаи ӯ аз рӯи ин санад наметавон гуфт, ки шахсе бо номи Абдуллоҳ ин асарро ба арабӣ таълиф карда ва каси дигаре бо номи Абӯмуҳаммад онро ба форсӣ тарҷума намуда бошад. Аз ин хотир Маликушшуаро Баҳор ақидаи асли арабӣ доштани «Таърихи Систон»-ро рад мекунад ва мегӯяд, ки агар фикри асли арабӣ доштани ин асарро дуруст шуморем, дар чунин ҳол «боистӣ ин китобро, ки дар 725 ба поён расидааст, ноқис бишуморем, зеро ба қоидаи ривояти Шоҳҳусайн (муаллифи «Эҳё-ул-мулук» – М. И., А. А.) форсии он китоб дар аҳди Қутбиддин Алӣ (822-842) таҳрир шуда ва ҳол он ки ин китоб сад сол қабл аз он тамом мешавад» (3, 18).

Маликушшуаро Баҳор тахмин мекунад, ки шояд Шамсиддин Муҳаммади Мавлавӣ ва Маҳмуд ибни Юсуфи Исфаҳонӣ, ки соҳиби «Эҳё-ул-мулук» аз онҳо ёд мекунад, муаллифони ду қисмати «Таърихи Систон» бошанд. Ӯ ба тасдиқи ин тахмини худ илова мекунад, ки «ба назар мерасад, ки таърихи «Эҳё-ул-мулук» дунболаи таърих аст, ки Амир Муҳаммади Муборизи дар замони Низомуддин Яҳё навишта ва аз асари Низомуддин то замони Қутбиддин Алӣ, ки Абӯмуҳаммад номе «Таърихи Систон»-ро аз арабӣ тарҷума карда (842-885 ҳ.) беш аз чиҳилу се сол нест ва низ аз матни таърихи «Эҳё» («Эҳё-ул-мулук» – М. И., А. А.) бармеояд, ки дар ин муддат вақоеи умдае ҳам дар миён наёмадааст, пас пайдост, ки Абӯмуҳаммад ё Абӯабдуллоҳ салафи ӯ, ки муассиси таърихе будаанд, ки «Эҳё-ул-мулук» ах он ба вуҷуд омада, китоби худро аз рӯи манбае қадимтар пардохтаанд ва тақрибан агар ин муқаддимот дуруст ояд, шаке намемонад, ки он ҳар ду «Таърихи Систон»-ро дар даст доштаанд, зеро мебинем, ки айнан матолиби бисёре мунтаҳо қадре шикастабаста то сафҳаи 42 сатри 7 аз он нақл кардаанд ва балки асоси он таърих то ин ҷо бар рӯи «Таърихи Систон» ниҳода шудааст ва дар муқаддимаи ин нақл низ аз ду нафари мазкур ном бурдаанд» (3, 20). Пас Маликушшуаро Баҳор ба хулосае меояд, ки Шамсуддин Муҳаммади Маволӣ муаллифи қисмати аввали «Таърихи

Систон» буда, рӯйдодҳои то замони Тоҷуддин Абулфазлро (448 ҳ.) нақл намудааст ва Маҳмуд ибни Юсуфи Исфаҳонӣ онро бо ихтисори воқеоти дар муддати 17 соли баъд, яъне то 465 ҳиҷрӣ ба амал омада идома додаст.

Аз ҷумлаи муҳаққиқони дигари эронӣ Манучеҳри Пизишк андешаҳои Маликушшуаро Баҳарро дар бораи ду муаллифи мазкури «Таърихи Систон» мавриди мулоҳиза қарор дода, менависад, ки «бо ин ҳама бо истиноди гуфтаи муаллифи «Эҳё-ул-умулк» наметавон ин ду танро (Шамсуддин Муҳаммади Маволӣ ва Маҳмуд ибни Юсуфи Исфаҳониро – М. И., А. А.) нависандагони ду бахши нахуст ва дувуми китоб донист, зеро мумкин аст, ки он ду низ матолиби худро аз маохизи дигаре бардошта бошанд. Афзун бар ин муаллифи «Эҳё-ул-мулук» дар баёни фазоили Систон, ки фақат дар бахши куҳани китоб мавҷуд аст, аз ин ду тан ёд кардааст, ҳол он ки мебоист танҳо аз як тан аз онон ном мебурд» (1, 295). Ин муҳаққиқ ҳамчунин эҳтимоли ба арабӣ вуҷуд доштани «Таърихи Систон»-ро низ мумкин медонад, вале бедалел будани ин эҳтимолро ҳам ёдовар мешавад. Ба андешаи ӯ, шояд муаллифони «Таърихи Систон» ва «Эҳё-ул-мулук» аз як матн, ки эҳтимол рисолаи кӯтоҳе дар якчанд саҳифа будааст, истифода карда бошанд.

Бо вуҷуди ин ҳама, то имрӯз шахсияти муаллиф ё муаллифони «Таърихи Систон» ва асли арабӣ доштан ё надоштани он ба таври қатъӣ ва бо далелу бурҳонҳои илмӣ исбот карда нашудааст. Вале мувофиқи андешаҳои ба ҳақиқат наздики мураттиб ва мусаҳҳеҳи китоб Маликушшуаро Баҳор он аз оғоз бо забони форсӣ навишта шудааст ва шеваи баёни он, ки намунаи насри мурсали ҳамон замон аст, ба ин маънӣ далолат мекунад. Мулоҳизоти зерини Маликушшуаро Баҳор, ки ба тасдиқи форсӣ будани асли «Таърихи Систон» изҳор намудааст, ба андешаи мо ҷолиб ва боварибахш аст. Аз ин хотир, ҳарчанд иқтибоси суханони ӯ тӯлонитар аст, зикри онро аз фоида холӣ намедонем. Ӯ менависад:

«Аммо дар ин ки ин китоб аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шудааст, ё дар асл ба форсӣ навишта шуда ва аз кутуби арабӣ истифода кардааст, ба назари ҳақир, ташхиси ин маънӣ чандон осон нест, хоса дар навиштаи қудамо. Зеро

медонем, ки насри форсӣ ғолибан тақлид аз насри арабист ва қадимтарин кутубе, ки ба форсӣ дида мешавад ва ҳамонҳо муассис ва сармашқи насрнависӣ барои ояндагонаш шудааст, аз забони арабӣ ба форсӣ тарҷума гардида ва аз ин рӯ тавон гуфт, ки шеваи насри форсӣ дар як ҳадде ҳамон шеваи насри арабист. Пас дар сурате, ки нависанда ё мутарҷим ошно бо усули нависандагӣ буда бошад, мушкил аст тамйиз дод, ки навиштааш биласола ба форсӣ таҳрир ёфта ё аз арабӣ тарҷума шудааст. Маазолик, ба далоиле, ки зикри он ҳама тафсиле хоҳад дошт, ба назар мерасад, ки ин китоб дар асл ба форсӣ таҳрир шуда ва гоҳе ҳам аз кутуби арабӣ матлабе тарҷума гардидааст. Масалан, матолибе, ки аз «Китоби Гаршосб»-и Абулмуайяд нақл карда ва ҳадиси Каркӯӣ ва ҳадиси Фирдавсӣ, шаке нест, ки аз форсӣ нақл шуда, валекин тарҷумаи ҳоли ҳазрати расул ва аслофи вай ва ҳоли хулафои исломӣ ҷой ба ҷой аз арабӣ нақл гардида. Боз достони Ҳамза ва Саффориён то охири китоб ба порсӣ будааст – маазолик дар миёни ҳамон қисматҳое, ки дар охири китоб ё ҳашви китоб мусаллам аст, ки ба форсӣ таҳрир шуда, боз таркиботест дар ҷумлабандӣ, ки комилан шабеҳ ба арабист, аз қабили ин ки гоҳе афъолро дар ибтидои ҷумла меоварад ва гоҳ дар васати ҷумла ва ба ҷои он ки ба қоидаи забони форсӣ афъолро дар авохири ҷумла зикр кунад, ҷумларо ба исм хатм менамояд: «Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфарро ал-Мустаъин Биллоҳ ном буд ва ҳам бад-ин таърих нишаст, ки фармон ёфт падар». Ва маълум аст, ки ин ҷумла, ки шарҳи ҳоли ал-Мустаъин Биллоҳ аст, нақл аз арабист, аммо он ҷо, ки маълум аст, аз ёддоштҳои форсӣ нақл шуда, ҷумалот ба сиғаи форсӣ навишта мешавад, монанди: «То ҳазор мард ба якбора биёмаданд ва Яъқуб меҳтарони эшонро хилъат дод ва некуӣ гуфт, ки: Аз шумо, ҳар ки сарҳанг аст, амир кунам ва ҳар ки як савор аст, сарҳанг кунам ва ҳар чи пиёда аст шуморо, савор кунам ва ҳар чи пас аз он ҳунар бинам, ҷоҳу қадр афзоям. Пас он мардум ба ӯ ором гирифтанд». Ва он ҷо, ки гӯяд: «Сӯи Аммори Хориҷӣ кас фиристод, бигуфт, ки: Шумо ин шуғл, ки ҳолӣ ба сар бурдед, бад-он буд, ки Ҳамза ибни Абдуллоҳ ҳеч мардуми Сагзиро наёзурд. Агар бояд, ки саломат ёбӣ, амиралмуъмининӣ аз сар дур кун, бархез ва бо

мо даст якӣ кун, ки мо ба эътиқоди неку бархостем, ки Систон низ фаро кас надиҳем ва ба вилоят андар фазоем, он чӣ тавонем». Аз ин ду-се намуна аз таркиботи форсӣ, монанди «бузургии Яъқуб пайдо гаштан гирифтан» ва ғайра муддаои он равшан мешавад. Ва билохира, бо он чӣ зикр шуд, наметавон ҳукм кард, ки ин китоб аз арабӣ ба форсӣ ба тамомӣ тарҷума шуда ва аҳват он аст, ки чунон ки акнун ба форсист, онро ҳам аз асли форсӣ бидонем» (3, 26-27).

Ҳамин тавр, то имрӯз масъалаи таъйини муаллиф ё муаллифони «Таърихи Систон», асли форсӣ ё арабӣ доштани он ҳал нашудааст ва метавон гуфт, ки ҳал нашуданист. Вале ба андешаи мо, муҳимтар аз ҳама барои аҳли таҳқиқ ва алоқамандони таъриху фарҳанги форсизабонон арзишҳои адабӣ ва таърихиест, ки ин китобро нодир ба зоти худ гардонидааст.

Ҳарчанд, ки «Таърихи Систон» мувофиқи унвон ва муҳтавои матолиби фарогирифтаи худ чун таърихи маҳаллӣ таълиф гардидааст, метавон онро дар шумори маъхазҳои муҳимме ҳисоб кард, ки аз равиш ва талошҳои неҳзати эрониён дар эҳёи худогоҳии миллӣ ва суннатҳои фарҳангиву адабӣ дар асрҳои IX-XI маълумот медиҳад. Аз ин маънӣ ахбори ин китоб дар бораи бунёди оташкадаи Каркӯй, суруди Каркӯй иборат аз панҷ байт бо оғози «Фурӯхта бодо рӯш, Хунида Гаршосб ҳуш» ва аз шоирони дарбори худ гуфтани шеъри форсиро талаб кардани Яъқуб ибн Лайси Саффорӣ ва амсоли онҳо аз саъйи муаллиф дар нишон додани мақоми Систон дар эҳёи фарҳангу адаби Эрон пас аз истилои арабҳо гувоҳӣ медиҳанд, Ахбори мазкури «Таърихи Систон»-ро дар бораи суруди Оташкадаи Каркӯй ағлаби муҳаққиқон иқтибос намуда ва онро қадимтарин шеър ба забони форсӣ ҳисоб кардаанд. Ҳамчунин нақши Яъқуби Лайси Саффорӣ ва ҳукумати ӯ дар зуҳури шеъру шоирӣ ба забони форсии дарӣ аз ҳамин китоб возеҳ мегардад.

Яке аз муҳимтарин арзишҳои таърихии китоб дар он зоҳир мегардад, ки ба василаи он зикри ном ва ахборе аз маъхазҳои қадим маҳфуз мондаанд, ки теъдоде аз онҳо акнун аз байн рафта ва танҳо дар «Таърихи Систон» иттилоъ пайдо карда метавонем. Аз ҷумлаи ин китобҳо, ки

муаллифи «Таърихи Систон» истифода ва иқтибос намуда ва имрӯз вуҷуд надоранд, яке «Китоби Гаршосб»-и Абулмуайяди Балхӣ ва дигаре «Фазоили Сиҷистон»-и Ҳилол Юсуфи Авқӣ мебошанд. Ба замми ин дар «Таърихи Систон» аз китобҳои муҳимме чун «Китоби анбиё»-и Алӣ ибни Муҳаммади Табарӣ, «Ат-таворих»-и Муҳаммад ибни Мусои Хоразмӣ, «Китоб-ул-хироҷ»-и Қудома ибн Ҷаъфар, «Сияри мулуки Аҷам»-и Ибн Муқаффаъ, «Ахбори Систон»-и муаллифи номаълум ва ғайра зимни шарҳи рӯйдодҳои марбут ба Эрони бостон, зиндагиномаи Пайғамбари ислом (с), воқеоти замони хулафои рошидин ва Умавиён мавриди истифодаи муаллиф қарор дода шудааст. Ҳамчунин аз «Таърихи Систон» маълумоте дар бораи ташаккули муқоимати истиқлолхоҳии эрониён бо саъйи хавориҷ ва айёрон ва бар асари он таъсис ёфтани нахустин давлатҳои маҳаллии эронӣ чун Тоҳириёну Саффориён оварда шудаанд, ки аз лиҳози таърихӣ хеле арзишманд мебошанд.

Арзиши адабии «Таърихи Систон»-ро ахбори муҳимме дар бораи шоирони арабизабон ва форсизабони қарнҳои нахустини аҳди исломӣ ташкил менамоянд, ки дар дигар китобҳои таъриху тазкира ба назар намерасанд. Аз ҷумлаи чунин ахбор воқеаи шеъри арабии шоирони дарбори худро нафаҳмидани Яъқуби Лайси Саффорӣ ва бо талаби ӯ шеъри форсӣ гуфтани Муҳаммад ибни Васифи Сагзист, ки муаллифи «Таърихи Систон» чунин овардааст:

«… Пас шуаро ӯро шеър гуфтандӣ ба тозӣ:

Қад акрама-л-лоҳу аҳла-л-Мисри ва-л-баладӣ,
Бимулки Яъқуба зӣ-л-афзоли ва-л-удади...

Чун ин шеър бархонданд, ӯ олим набуд, дарнаёфт. Муҳаммад ибни Васиф ҳозир буд ва дабири расоили ӯ буд ва адаб неку донист ва бад-он рӯзгор номаи порсӣ набуд. Пас Яъқуб гуфт: Чизе, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт? Муҳаммад ибни Васиф пас шеъри форсӣ гуфтан гирифт ва аввал шеъри порсӣ андар Аҷам ӯ гуфт. Ва пеш аз ӯ касе нагуфт, ки то порсиён буданд, сухан пеши эшон ба рӯд боз гуфтандӣ бар тариқи хусравонӣ. Ва чун Аҷам барканда шуданд ва Араб омаданд, шеър миёни эшон ба тозӣ

буд ва ҳамгинонро илму маърифати шеъри тозӣ буд ва андар Аҷам касе барнаёмад, ки ӯро бузургии он буд пеш аз Яъқуб, ки андар ӯ шеър гуфтандӣ, магар Ҳамза ибни Абдуллоҳ аш-Шорӣ ва ӯ олим буд ва тозӣ донист. Шуарои ӯ тозӣ гуфтанд ва сипоҳи ӯ бештар ҳама аз Араб буданд ва тозиён буданд. Чун Яъқуб Занбил ва Аммори Хориҷиро бикушт ва Ҳарӣ бигрифт ва Систону Кирмону Форс ӯро доданд, Муҳаммад ибни Васиф ин шеър бигуфт:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,
Бандаву чокару мавлову саги банду ғулом...» (6, 215)

Инчунин муаллифи «Таърихи Систон» намунаҳои шеъри нахустин шоирони дигари форсигӯ Бассоми Курд ва Муҳаммад ибни Мухалладро меорад, ки дар таҳқиқи таърихи шеъри форсӣ маъхази дасти аввал маҳсуб мегардад. Ба замми ин ҳама, дар қисмати аввали «Таърихи Систон» қиссаи паҳлавонони Систон Сом, Зол, Рустам ва амсоли онҳо низ зикр гардидааст, ки барои қиёс бо симои Рустам дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маводи муътамад ва арзишманд дода метавонад.

Арзиши бузурги адабии «Таърихи Систон»-ро ин санад ҳам таъйид карда метавонад, ки ба василаи ин китоб дар бораи муносибати миёни Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ва Амир Абӯҷаъфари Саффорӣ ва матни қасидаи 96 байтии Рӯдакӣ, ки ба номи «Модари май» маъруф аст, огоҳӣ пайдо карда метавонем. Муаллифи «Таърихи Систон» баъд аз зикри маҷлиси тарабу шароби Наср ибн Аҳмади Сомонӣ ба ёди шуҷоат ва муруввати амири Систон Абӯҷаъфар ва иқтибоси матни комили қасидаи дар ин маҷлис хондаи Рӯдакӣ хулоса мекунад, ки «Аммо мо ин шеър бад-он ёд кардем, то ҳар ки ин шеър бихонад, Амир Боҷаъфарро дида бошад, ки ҳама чунин буд, ки вай гуфтааст. Ва ин шеър андар маҷлиси амири Хуросон ва содот Рӯдакӣ бихондаст, ҳеч кас як байт ва як маънӣ аз ин ки дар ӯ гуфта буд, мункир нашуд, илло ҳама ба як забон гуфтанд, ки андар ӯ ҳар чи мадеҳ гӯӣ, муқассир бошӣ, ки марди тамом аст. Чун шеър ин ҷо оварданд, даҳ ҳазор динор фиристод Рӯдакиро ва шаробдори амири Хуросонро, ки он ёдгор оварда буд,

хилъат доду ато ва бозгардонид…» (6, 308). Хабари мазкури «Таърихи Систон» дар шинохти Рӯдакӣ ва шеъри ӯ аз чанд лиҳоз муҳим аст. Аввалан, ба василаи он матни қасидаи Рӯдакӣ комилан маҳфуз мондааст. Сониян, таъбироти «ҳеч кас як байт ва як маънӣ аз ин ки дар ӯ гуфта буд, мункир нашуд» ва санади ба ҳузури Абӯҷаъфар ба Систон расидани қасидаи Рӯдакӣ ба василаи шаробдори Амир Наср ибни Аҳмад ва даҳ ҳазор динор фиристодани Абӯҷаъфар ба Рӯдакӣ бар ивази қасида – ҳама аз ҳақиқат, ҷазолат ва бо шахсияти мамдуҳ мувофиқат доштани сухани Рӯдакӣ гувоҳӣ медиҳанд. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки «Таърихи Систон» яке аз маъхазҳои муҳим ва дасти аввал дар таҳқиқи шеъру адаби форсӣ низ ҳисоб меёбад.

Ба замми ин ҳама, «Таърихи Систон» яке аз маъхазҳои арзишманд барои таҳқиқи забони адабии форсии дарӣ ва вазъи он дар қарнҳои X-XI дар шумор меояд. Дар сабки нигориши ин китоб осори саъйи муаллифи он барои нигоҳ доштани асолати забони форсии дарӣ ва ҳаддалимкон парҳез аз алфозу таъбироти арабӣ мушоҳида мешавад. Саъйи муаллиф дар нигоҳ доштани асолати форсии забони китоб аз таъкиди худи ӯ: «аммо шарти мо андар ин китоб порсӣ аст, магар ҷое, ки андар монем ва порсӣ ёфта нашавад», низ возеҳ мегардад. Аз ин ҷост, ки муаллифи китоб саъй кардааст, аз алфозу таъбироти арабӣ дар ҳолатҳои зарурӣ ва пайдо нашудани муродифоти форсии онҳо истифода намояд ва ҳам аз истифодаи калимаҳои ғайримаъмули форсӣ, ки барои оммаи хонандагони он замон ноошно будаанд, худдорӣ кунад. Шояд ин равиши муаллиф аз он сабаб ҳам бошад, ки «нависандагони кутуби таърихӣ дар қадимулайём саъйӣ будаанд, ки чунин бинависанд, ки ҳамаи мардум тавонанд хонд ва донист» (3, 29).

«Таърихи Систон» дар таҳқиқи забон ва услуби нигориши насри содаи тарассул, ки онро «насри мурсал» ва «насри мутарассилон» низ меноманд, аз аҳамият холӣ нахоҳад буд, зеро забон ва тарзи баёни он «дар содагӣ ва эҷоз мунҳасир ба фард аст ва аз истеъмоли мутародифот, ки умдаи шеваи мутарассилони форсист, барканор аст, дар кӯтоҳии ҷумлаҳо ба ҳеч як аз кутуби форсӣ шабоҳат надорад ва дар ин санъати ширину латиф мунфарид аст ва

ба ҳадде дар наёвардани калимоти мутародиф ва мукаррар ва эроди ҷумалоти кӯтоҳ саъй дошта, ки ҳар гоҳ ба қоидаи нуқтагузории имрӯз ҷумлаҳо аз ҳам тафкик намешуд (3, 28). Аз ин хотир ин асар натанҳо барои адабиётшиносон дар таҳқиқи шеъру адаби форсии асрҳои IX-XI маъхази муҳим ҳисоб меёбад, балки барои забоншиносон низ барои омӯхтани вазъи забони адабии форсии дарӣ дар ин давра маводи гаронбаҳо дода метавонад.

Бо назардошти ин ҳама мо тасмим гирифтем, ки ин маъхази қадимӣ ва арзишманди таърих ва фарҳангу адаби форсиро ба ҳуруфи сириллик баргардонем ва омодаи чоп намоем. Чопи ҳозир аз рӯи матни тасҳеҳшудаи Маликушшуаро Баҳор, ки бори сеюм соли 1387 шамсии мутобиқ бо 2009 мелодӣ дар Теҳрон ба табъ расидааст, ба хати сириллик баргардонида шудааст.

Таҳиякунандагон ба хотири тавзеҳи луғоту таъбироти душвор ё машкук дар поварақии китоб аз шарҳу тасҳеҳоти устод Маликушшуаро Баҳор истифода намудаанд. Ҳамчунин дар охири китоб феҳристҳои номи ашхос ва маҳалҳо бо тавзеҳоти онҳо оварда шудааст.

Дар таҳияи матни мазкур кормандони Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон муованати хешро дареғ надоштанд, ки муҷиби сипосгузорӣ мебошад.

Китоби ҳозир, ки иқдоми тозаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва раиси он академик Носирҷон Салимов дар нашру тарғиби ёдгориҳои таърихии ниёгон аст, барои муҳаққиқони таъриху фарҳанг ва шеъру адаби форсии дарӣ ва оммаи васеи хонандагон армуғони арзишманде хоҳад буд.

**Муҳаммадюсуф Имомов**
**Абдушукури Абдусаттор**

**Маъхазҳо:**

1. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. Ҷилди чаҳордаҳум. Зери назари Козим Мӯсавии Буҷнавардӣ. Чопи аввал. – Теҳрон, 1385 ҳ. ш.

2. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Ҷ. 1. Аз оғози аҳди исломӣ то давраи Салҷуқӣ. Чопи понздаҳум. – Теҳрон, 1378 ҳ. ш.

3. Маликушшуаро Баҳор. Муқаддимаи «Таърихи Систон» // Таърихи Систон. Тасҳеҳи Муҳаммадтақӣ Баҳор (Маликушшуаро). Бозхонии Шаҳобуддин Арҷмандӣ. Чопи дувум. – Теҳрон, 1387 ҳ. ш. – с. 15-29.

4. Муҳаммад Қазвинӣ. Ёддоштҳо. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор. – Теҳрон, 1337 ҳ. ш.

5. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. – Теҳрон, 1344 ҳ. ш.

6. Таърихи Систон. Тасҳеҳи Муҳаммадтақӣ Баҳор (Маликушшуаро). Бозхонии Шаҳобуддин Арҷмандӣ. Чопи дувум. – Теҳрон, 1387 ҳ. ш.

# ОҒОЗИ КИТОБ

Ал-ҳамду-ли-л-лоҳи рабб-ил-оламин ва субҳона-л-лазӣ аҳота бикулли шайъин илмуҳу ва нафада[1] фӣ кулли мавҷудин ҳукмуҳу ва заҳара фӣ ҷамъи-л-умури ҳикматиҳи ва бианна фи кулли маснуъин латифату сунъиҳӣ наҳмадуҳу ало ниъматиҳи индано бимавҳибати-л-ақли-л-лазӣ ихтассано мин соири-л-ҳаявони биҳи, фаваҷаба ъалайно бизолика ҳуҷҷатуҳу ва лазимно маъаҳу ибодатуҳу ва-л-икрору бирубубиятиҳи ва салла-л-лоҳу ъало Муҳаммадин абдиҳи ва расулиҳи ва ъало олиҳи мин аҳлиҳи.

Ахбори Систон аз аввал, ки бино карданд ва ансоби бузургон ва ҳудуди шаҳри Сиҷистон ки аз куҷо буд андар ибтидо ва фазоили он бар дигар шаҳрҳо чунон ки ёфта шуд, андар китоби Гаршосб…[2]

Ва аз китоби «Фазоили Сиҷистон», ки Ҳилол Юсуфи Авқӣ кардаст ва он чи аз паси он гузашт то рӯзгори подшоҳӣ...[3]

Аммо бино кардани Систон бар дасти Гаршосб ибни Асрат, ибни Шаҳр ибни Куранг ибни Баедасб ибни Тур ибни Ҷамшедулмулук ибни Наванҷаҳон ибни Инҷад ибни Ушҳанг ибни Фаровак ибни Сиёмак ибни Мусо ибни Каюмарс буд ва Каюмарс-Одам (алайҳиссалом) буд ва Каюмарсро аз он рӯз, ки Эзад-таъоло ба замин овард подшоҳӣ ва зиндагонӣ 1000 сол буд. Ва пас аз вай подшоҳии [Ушҳанг] буд чиҳил сол ва пас аз вай подшоҳии Таҳмурас буд, ки…[4]

Систон бино карданд, то пайғомбари мо Муҳаммади Мустафо (с) берун омад ба фармони Эзад-таъоло ва шариати Ислом овард, чаҳор-ҳазор сол буд шамсӣ. Ва бештарин фазле шаҳри Систонро ин аст, ки аввал ному

[1] Шояд дар асл «нафаза» бошад.
[2] Дар матни асл пас аз лафзи «Гаршосб» се сатр вуҷуд надорад.
[3] Инҷо ҳам се сатр афтодааст.
[4] Ин ҷо ҳам се сатр холист.

хабари ӯ (с) ба забони мардуми хосу оми он ҷо рафта шуд. Ва бино кардани Систон он рӯз буд, ки Гаршосб доноёни ҷаҳонро гирд карда буд, ки: Ман шаҳре бино хоҳам кард бад-ин рӯзгор, ки Заҳҳок ҳама ҷаҳон ҳаме вайрон кунад ва озодагони ҷаҳонро ҳамекушад ва аз ҷаҳон ба ҷодуи ҳаме барканад, то мардумони оламро сомае[1] бошад, ки ӯро бар шаҳре, ки ман карда бошам, фармон набошад. Аммо чунон хоҳам, ки неку нигоҳ кунед ва аз ҳафту чаҳору дувоздаҳ[2] бингаред ва ҳисоб кунед ва ба вақте ибтидо кунед, ки саъд бошад бе ҳеч, наҳс, чунон-к дергоҳ бимонад, чандоне ки ҳадди имкон бошад, ҳарчанд ки ҷаҳон ва ҳар чи андар вай аст, баргузар аст ва ҳама охир ночиз гардад.

Эшон бар фармони ӯ бисёр диранг ва рӯзгор карданд,[3] то вақте нигоҳ карданд ва гуфтанд, ки: Акнун бино кун. Ӯ ибтидо ба дасти хеш бияфканд. Пас ҳукм карданд, ки то чаҳор ҳазор соли шамсӣ ин шаҳр бимонад ва чун Мустафо (а) берун ояд ва дини ислом ошкор гардад ва мардуми Аҷамро ба дини Ҳақ хонад, аввал касоне, ки дини ӯро иҷобат кунанд, мардуми Систон бошанд ва ӯро иҷобат кунанд, чи ба тавъ[4] ва чи ба карҳ[5]. Ва андар рӯзгор дини ӯ (а) ба чаҳорсаду чиҳилу чаҳор сол вақъатҳо бошад ва чун чаҳорсаду чиҳилу чаҳор сол бигзарад ин шаҳр боз ободон гардад бар дасти Шаҳбургон ибни Кароястшон, ки наздикони замони Каён буда бошад.

Гаршосб бад-он шод шуд ва эшонро хилъатҳо дод ва ин шаҳр бино кард ва тамом кард. Ва қиссаи Гаршосб зиёд аст ва ба китоби ӯ тамом гуфта ояд, аммо ин миқдор ин ҷо басанда[6] кардем, то китоб дароз нагардад. Аммо аз бузургӣ ва фахри ӯй яке он буд, ки ба рӯзгори Заҳҳок ки ҳанӯз чаҳордаҳ сола беш набуд, яке аждаҳоро ки чанди кӯҳе буд, танҳо бикушт ба фармони Заҳҳок ва пас аз он бо андак

---

[1] Сома-Ба маънии хоса, ҷои амну осоиш, паноҳгоҳ. Ба маънии аҳду паймон ва савганду фарз ҳам истифода мешудааст.

[2] Дар асл бояд ба ҷои «дувоздаҳ» «даҳ» бошад, зеро дар ин ҷо мақсади муаллифи китоб дидани толеи шаҳр ва истифода аз илми нуҷум аст ва дар истилоҳи нуҷум ҳисоби дувоздаҳӣ вуҷуд надорад. (Аз шарҳи устод М. Баҳор).

[3] Рӯзгор кардан – сабр кардан.

[4] Тавъ – хоҳиш, зорӣ, илтимос.

[5] Карҳ – ҷабр, зӯрӣ.

[6] Басанда кардан – қаноат кардан, кифоят кардан.

мардуми зовулӣ ва эронӣ бирафт ҳам ба фармони Заҳҳок ба ёрии Баҳроми Ҳиндӣ то бирафт ва Беҳуро бо ду бор ҳазор ҳазор савор ва ҳазор пил бигрифту бикушт ва ҳиндувону[1] он диёр ҳама эмин кард ва ба Сарандеб шуд ва Насринро он ҷо бигрифту бикушт ва перомуни дарёи Муҳит[2] баргашт ва он ҷазираҳо ва аҷоибҳо бидид. Ва аз он ҷо ба Мағриб шуд ва коркардҳо бисёр кард, то боз Афредун берун омад, писари амми вай ва Заҳҳокро бибаст ва боз касе фиристоду Гаршосбро бихонд ва Гаршосб бирафт ва бо набераи хеш Наримон ибни Куранг ибни Гаршосб сӯи Афредун шуд ва Афредун пазираи[3] ӯ боз омад ва ӯро бар тахт нишонд ва Наримонро андар пеши тахт бар курсии заррин биншонд. Ва боз ӯро ба Чин фиристод то шоҳи Чинро, ки ба фармони Афредун дар наёмада буд бигрифт ва бо ҳазор пилвори зару ҷавоҳир ба даргоҳ фиристода, ба дасти Наримон ва худ ба нафси хеш ба Чин буд ва нома кард сӯи Афредун, ки: Ин мардро гирифтам ва бифиристодам ва ин ҷо бибудам[4], то ӯ ин ҷо биёяд. Аммо [ту ӯро] хилъат деҳ ва бозгардон ва афв кун, ки марди муҳташам аст, ҳеч кас ин вилоятро ҷуз ӯ натавонад дошт.

Ва Афредун ҳамчунон кард ва з-он ҷо Гаршосб ба даргоҳи Афредун омад ва з-он ҷо ба Систон омад ва нӯҳсад сол подшоҳи Систон буд. Ва Заҳҳоқро ба рӯзгори ӯ ба Систон ҳеч ҳукм набуд ва ҳама Зобулу Кобулу Хуросонро, ки Заҳҳок дошт, ба Гаршосб боздошта буд, Афредун бар вилояташ зиёд кард.

---

[1] Ҳиндувон – дар асл «ҳиндукон» буда ба маънии Ҳиндустон омадааст ва дар матнҳои паҳлавӣ вожаи «Ҳиндукон» ба маънии Ҳиндустон мустаъмал будааст (Аз тавзеҳи М. Баҳор).

[2] Дарёи Муҳит: уқёнус, океан.

[3] Пазира омадан – ба истиқбол, ба пешвоз омадан.

[4] Бибудам – бимондам.

## ҲАДИСИ КУРАНГ

Куранг беш аз сӣ сол зиндагонӣ накард ва ба рӯзгори Гаршосб фармон ёфт. Ва чун Гаршосб бо худойпарастӣ машғул гашт, ҷаҳонпаҳлавониро ба набераи худ Наримон, ки писари Куранг буд, супурд ва Афредун то ба рӯзгори Манучеҳр, Манучеҳрро ба Наримон супурд, то бирафту хуни падараш Эраҷ боз овард ва Афредун Худой-таъолоро шукр кард, ки намурдам то бидидам, ки Эзад-таъоло бад-ин ҷаҳон доди ман аз бедодон бидод.

Ва бо рӯзгори Нӯзар ҳам ҷаҳонпаҳлавон Соми Наримон буд ва фарёдраси ӯ буд ва ҷаҳони ӯро софӣ кард ва то боз, ки Афросиёб берун омад ва дувоздаҳ сол шаҳри Эрон[1] бигрифта буд ва Наримону писараш Сом бар ӯ тохтанҳо ҳамекарданд, то Эроншаҳр яла[2] карду бирафт ба аҷз боз ба Туркистон шуд. Ва ба рӯзгори Таҳмосб ҷаҳонпаҳлавон Сом буд ва писараш Дастон олам ба мардӣ ободдошт, то боз Афросиёб берун омад ва Эрон бигрифт. Ва мардумони Эрон ба зинҳори Дастон омаданд, то Дастон бирафт ва Рустам чаҳордаҳсола буд ва Қайқубодро биёвард ва миёнаи лашкари туркон рафт ва боз омад ва мардиҳо кард ва Афросиёбро битохтанд ва ҷаҳон ба ором кард.[3] То ба рӯзгори Кайковус боз ҳам Рустам ба Туркистон шуд ва кини Сиёвуш боз овард то боз, ки бо Кайхусрав бирафт ва ҳарбҳо кард то як роҳ, ки Афросиёбро ба даст овард ва бикушт. Ва боз аз паси вай Фаромарз буд ва ахбори Фаромарз ҷудогона дувоздаҳ муҷаллад аст. Ва ахбори Наримону Сом ва Дастон худ ба «Шоҳнома» бигӯяд, ки ба такрор ҳоҷат наояд. Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Булқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба шеър кард ва бар номи Султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳаме бархонд, Маҳмуд

[1] Шаҳри Эрон – кишвари Эрон, Эронзамин.

[2] Яла кард – бигзошт, раҳо кард, холӣ кард.

[3] Ҷаҳон ба ором кард – комилан ором кард. «Бо»-и таъкид дар авали «ором» ба маънии «комилан».

гуфт: Ҳама Шоҳнома худ ҳеч нест магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст, Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод, надонам андар сипоҳи ӯ чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки Худой-таъоло хештанро ҳеч банда чун Рустам дигар наёфарид.

Ин бигуфту замин бӯса кард ва бирафт. Малик Маҳмуд вазирро гуфт: Ин мардак маро ба таъриз дурӯғзан[1] хонд. Вазираш гуфт: Бибояд кушт. Ҳарчанд талаб карданд, наёфтанд. Чун бигуфту ранҷи хеш зоеъ кард ва бирафт ҳеч ато ноёфта, то ба ғурбат фармон ёфт. Ва агар мо ба шарҳи ҳар як машғул гардем, ғараз ба ҷой оварда набошем ва ин ягон-ягон ҷаҳонро маъруф ва машҳур аст, ҳамчунин фарзандонашон насл бар насл ба рӯзгори мулуки Аҷам ҷаҳонпаҳлавон буданд.

То чаҳор ҳазор сол баромад ва пайғамбари мо (с) берун омад ва шариати ислом овард бар рӯзгори Хусрави Парвиз ибни Хурмуз ибни Анушервон ал-Малик, ки Бахтиёр ҷаҳонпаҳлавон буд аз фарзандони Рустам ва ба «Бахтиёр-нома» қиссаи ӯ бозхонанд.

## Нисбати Бахтиёр ал-Исбаҳбад

Бахтиёр ибни шоҳ Фирӯз ибни Барзфарӣ[2] ибни Шеравжан ибни Ҳудойкон ибни Фаррух ибни Моҳхудой ибни Фирӯз ибни Гурдофарин[3] ибни Паҳлавон ибни Испаҳбад ибни Рустам ибни Меҳрозод ибни Рустам, ибни Бӯлод ибни Конозодмард ибни Рустам ибни Ҷаҳрозод ибни Нерӯсанҷ ибни Фаррухбеҳ ибни Додофарин ибни Сом ибни Беҳофарид ибни Ҳушанг ибни Фаромарз ибни Рустам ал-Акбар ибни Дастон ибни Сом ибни Наримон ибни Куранг ибни Гаршосб.

Пас чун ислом ба Систон оварданд ва лашкари ислом қавӣ гашт, ҷаҳониёнро маълум шуд, ки касеро бар фармони самовӣ[4] тоб набошад ва кор на ба иддату силоҳу лашкар

[1] Дурӯғзан – дурӯғгӯ.
[2] Барзфарӣ – дар асл Фарибарз бояд бошад.
[3] Гурдофарин – Гурдофарид.
[4] Фармони самовӣ – амри илоҳӣ, амри Худованд.

аст, илло ба фармони Худой-таъоло. Ва мардумони Систонро маълум буд андар охирзамон берун омадани Мустафо (а), ки барҳақ аст, Систон ба сулҳ бидоданд...[1] Ба ҷойгоҳи он паҳлавони Систон бар рӯзгори подшоҳии…[2] Рустам ибни Озодхӯ ибни Бахтиёр ал-Исбаҳбад буд ва аз Бахтиёр боз гуфтем то ба Гаршосб ва нисбати Гаршосб андар ибтидои ин китоб боз гуфтаем, то Каюмарс, ки Одам буд (а).

Акнун баъзе аз фазоили он чи андар китобҳост [ва] худовандони ахбор ва ҳукамо ёд кардаанд. Андар китоби анбиё [алайҳимуссалом] Алӣ ибни Муҳаммади Табарӣ бозгӯяд ки:

«Чун Одам (а) аз Сарандеб ба талаби Ҳавво бирафт, ба ҳеч ҷо иқомат накард, магар бад-он ҷойгоҳе, ки акнун Систон аст. Он ҷо оби равон дид бар рег, бихӯрд, сабук буд ва боди шимол ҳаме омад. Ба хиффат[3] хоб кард, чун бархост, таҳорат кард ва тасбеҳ кард. Чун фориғ шуд, чизе хост, ки бихӯрад, Ҷабраил (а) ба наздики ӯ омад, ӯро андар вақт дарахти нор ва дарахти хурмо падид овард ва ба қудрати Борӣ-таъоло ба бор омад ва Одам аз он бихӯрд. Ва ҳанӯз асли хурмо ва нор аз он гоҳ аст. Ва он вақт, ки Гаршосб рағбати бино кардани Систон кард, сабаб он хурмо ва нор буд, ки он ҷо дид.

### Фазли охир

Фазли дигар он аст, ки ба гоҳи ғарқи Нӯҳ (а), ки андар киштӣ гирди офоқ ҳамегашт киштӣ он ҷо биистонид ва кабӯтарро бифиристод, то хабар овард наздики вай, ки азоб бархост ва об камтар шуд. Ва он ҷо ду ракъат намоз кард андар киштӣ ва кабӯтарро дуо кард, ки: Ё Раб, инро азиз гардон. Ва он буқъаро[4] дуо кард ба баракат ва акнун то растохез ҳамеша он баракат бар он мардумон бошад ва бар он вилоят.

---

[1] Дар ин ҷо сеяки сатр афтодааст.
[2] Ин ҷо ҳам сеяки сатр вуҷуд надорад.
[3] Хиффат – сабукӣ.
[4] Буқъа – маҳал, ҷой, қитъаи маҳдуди замин.

## Фазли охир

Фазли дигар, ки Сулаймон (а) бодро фармуд, то ӯро бо ҳама лашкар гирди олам бигардонид ва ҷаҳониён ӯро бидиданд ва фармони ӯро кор бастанд ва ҷинну инс бо ӯ буданд ва таббохон бар кор буданд. Бодро гуфт: Маро ба ҷойгоҳе фуруд ор, ки муътадилтар бошад ва ҳаво сабук. Ӯро ба Систон фуруд овард, то он ҷо чошт хӯрд. Пас гуфт: Аз чандин ҷой, ки рафтем, ин ҷо хуштар аст ва ҷаҳон имрӯз ҳама бар адл аст ва ҷавр нест, ки олам ҳама баробар гаштанд андар дин. [Ва] хавориҷ фарқи миёни дори ҷавр ва дори адл з-ин ҷо гирифтанд.

## Фазли дигар

Искандари Румӣ,[1] чун Доро ибни Дороб кушта шуд ва Равшанак – духтари ӯро ба занӣ кард ва қасди Ҳинд кард, Систон рафт ва ба он қалъа шуд, ки Кайхусрав бино карда буд бар шимоли қалъаи Систон ва қалъаи дигар аст бар ҷануб, ки пас аз он Ардашери Бобакон бино карда. Ва он ҷо ҳафт рӯз бибуд ва исбаҳбади Систонро бинвохт, ки ӯро хидмати бисёр кард ва пазираи[2] ӯ боз шуд. Пас бифармуд то он ҷо ки дидбонгоҳи қалъа буд, қалъаи ҷудогона карданд ва Равшанак он ҷо яла кард, то аз кори Ҳинд фориғ шуд ва боз он ҷо омад ва он қалъа тамом карда буданд. Пас як моҳ ин ҷо бибуд, то неку тамом шуд. Гуфт: Арок чунин бояд қалъа андар на чунон ки буд. Арок – ба забони румӣ дидбонгоҳро гӯянд ва он ин аст, ки акнун қалъаи Систон аст, ки Арк[3] гӯянд, Зулқарнайн кардааст. Ва ин ҳикоят ба чандин китоб ёд карда омадааст, яке ба «Ахбори Систон» ва дигар Абдуллоҳ ибни ал-Муқаффаъ андар китоби «Сияри мулуки Аҷам», боз гӯянд ва

[1] Дар шинохти муаррихони қадими Эрон ва аҳди исломи Искандари Мақдунӣ бо лақаби Румӣ маъруф будааст.

[2] Котиби «Таърихи Систон» дар ҳама ҷо саъй кардааст, ки ҳарфи «зол»-ро бенуқта нависад. Дар ин ҷо ҳам дар асли матн «пазира» дар шакли «падира» омадааст (Аз тавзеҳи М. Баҳор).

[3] Арк – ин вожа дар забони паҳлавӣ корбурд мешуда ва яке аз лақабҳои дарбори Сосониён «Аркбад» будааст.

Абулфараҷи Қуддома ибни Ҷаъфар ибни Қуддома ал-Бағдодӣ андар «Китоби хироҷ» ба боби масолик ва мамолик[1] боз гӯяд. Ин хабарҳо дуруст мегардад андар ҳадиси Сиҷистон аз ҳадиси анбиё (а) ва биллоҳи-л-исмату ва-т-тавфиқ.

## Ва аммо он чи дар зоти Систон мавҷуд аст, ки дар соири шаҳрҳо нест

Аввал он аст, ки шористони бузурги ҳасин[2] дорад, ки худ чанди шаҳре бошад, аз дигар шаҳрҳо ва он гоҳ онро Мадинат-ул-азро гӯянд, ки ҳаргиз ҳеч касе натавонист онро ситадан,[3] илло то бидоданд ва натавонанд то абадуддаҳр. Ва мардони марди ҳарбӣ бошанд ва ҳарбу шӯридани силоҳ одат карда бошанд, ки он эшонро аз хурдӣ то бузургӣ пеша бошад ва ба таълими ҷангу муқотила омӯхта бошанд. Ва дигар ҷои[4] бас муътадил аст андар ҳаво. Ва қутби ҷанубию қутби шимолӣ ва Суҳайлу Қадмон ва Фарқадон[5] бад-он ҷо тобиш кунанд. Ва боди шимол доим ояд он ҷо ва боди сабо то фаҳму зеҳни мардумони он бад-он эътидол ва хушии ҳаво беҳтар аз мардумони ҷойгоҳе дигар бошад. Ва корҳои дигар доранд, ки дуни эшонро нест чун рондани рег аз ҷой ба ҷой ва ҷамъ кардани он ва бидоштан бар ҷое, ки бихоҳанд. Ва он рег эшонро хазинаи бузургвор аст, ки ҳама чизе, ки бихоҳанд ба рег андар кунанд, ҳарчанд, ки солиён барояд, нигоҳ дорад ва бад-он андар ҳеч нуқсон наояд. Ва ин илм касе дигарро нест ва фоидаи он рег низ дуни ин он аст, ки ба ҷое, ки аз он андак бидоранд, набот беҳтар рӯяд ва об, ки бар он ҷо биравад, беиллат гардад ва мардум, ки бар он ҷо нишинад ва хусбад, тандуруст бошад. Ва аз фазли рег аст, ки фарзанди одамро, чун хурд бошад, бар он ҷо бидоранд, то қавӣ гардад [ва] аъзои вай дуруст бошад. Ва

---

[1] Масолик ва мамолик – роҳҳо ва мамлакатҳо.

[2] Шористони бузурги ҳасин – шаҳри бузурге, ки гирдогирди он девор дорад ва девори онро сур ва рабаз ҳам мегӯянд.

[3] Ситадан – гирифтан, ба даст овардан.

[4] Дар «Таърихи Систон» ҳамзае, ки баъд аз ҳарфи «ё»-и аслӣ меояд, дар ҳама ҷо ҳазф мешавад (Аз тавзеҳи М. Баҳор).

[5] Суҳайл, Кадмон ва Фарқадон – номи ситораҳо дар бурҷҳои гуногуни осмон.

дигар осиёе чарх кунанд, то бод бигардонад ва орд кунад ва ба дигар шаҳрҳо сутур бояд ё осиёи об ё ба дастосиё кунанд. Ва ҳам аз ин чархҳо бисохтаанд то об кашад аз чоҳ ба боғҳо ва ба замин, ки аз он кишт кунанд, чи агарчи об танг бошад.[1] Ва ҳамчунин бисёр манфиат аз бод баргиранд.

Ва дигар, ки шаҳрест ба зоти хеш қоим, ки ба ҳеч шаҳре муҳтоҷ нест, ки агар корвон гусаста гардад, ҳама чизе аз неъматҳои алвон ва ҷомаҳои бузургвору ончи мулукро ва аҳли мурувватро бояд, ҳама андар он шаҳр ёфта шавад, ки ба ҷои дигар ҳоҷат наояд ва ба зиёдат [бошад]. Ва ба зимистон меваи тар бошад, ҳамчунон ки ба тобистон сол то сол ва испарғамҳои[2] неку ва ҳамасола барраи ширмаст ёфта шавад ва моҳии тоза ба ҳама авқот, ки Эзад-таъоло онро дар китоби худ бисутудааст. Ва дигар, ки аз шаҳрҳои дур бор ба киштӣ биёранд то андар қасаба ва дигар ҷойҳо бар сутур ҳамл бояд кард, магар ба Бағдод, ки ҳамин ёфта шавад. Ва дигар, ки уламои бузург хостанд аз Систон андар боби фиқҳу адаб ва қироату тафсир, чунонки ба ҳарамайн ва Шому ироқайн муҳтоҷи эшон буданд ва кутуби эшон хонданд ва кунун мехонанд, ки агар номи ҳар яке бигӯям, китоб татвил гирад. Ва ҳаргиз набувад, ки холӣ бувад аз уламо ва фуқаҳои бузург, ки дар табъи ҳавои ӯ мавҷуд аст, ки он ҷо ночор уламои бисёр бояд, ки бошад. Ва оммаи Систон илмдӯст бояд ки бошад ва мардони он мард ва занони он покизаву боҳамият, чунон ки ононро ба дигар ҷой андар покизагӣ ёр набошад. Ҳарчи аз он саҷзии холис бошад, магар он ки на аз Систон бошад. Ва андар ниҳодаш он шаҳрест, ки ҳеч душмане қасди он накард ва накунад, ки на махзул[3] ва мазмум[4] бозгардад, агар худ бозгардад, ё на[5] ҳалок шавад. Ва дигар, ки андар ҳама олам чандон бинои бузургвор нест ва мумкин нест, ки бошад, ки ба Систон аст. Ва дигар, ки андар олам маъруф аст, ки замин нест беҳтар аз замини Систон ва ба ҳеч ҷой гӯшти ҳайвон хуштар аз гӯшти ҳайвони Систон набошад ба таъму лаззат ва ба ҳеч

[1] Чоҳе, ки ҳангоми камобӣ аз он киштзору боғҳо обёрӣ мешаванд.
[2] Испарғам – райҳон, нозбӯ.
[3] Махзул – хору залилшуда.
[4] Мазмум – бадномшуда, зишт.
[5] Ё на – ба маънии вагарна.

ҷой мардум набошад ба нону намак ва фарохи маишат чун мардуми Систон, з-он чи арсаи шаҳр ва саводи[1] эшон фарох аст ва неъмат аз ҳар лавне дорад ва то буданд, он диданд, ки бихӯрданду бидоданд ва одати карими эшон худ ин бувад ва ин будаст ва ҳамин бошад, то он гоҳ ки ҷаҳон сипарӣ шавад. Ва биллоҳи-т-тавфиқ.

## Дигар аҷоибҳо, ки дар Систон буда ва баъзе кунун мебинем

Булмайяди Балхӣ ва Бушри Муқассим андар китоби «Аҷоиби барру баҳр» гӯянд, ки андар Систон аҷоибҳо будаст, ки ба ҳеч ҷой чунон нест. Яке он аст, ки яке чашма аз Фароҳ аз кӯҳ ҳамебаромад ва ба ҳаво андар дувоздаҳ фарсанг ҳамебишуд ва он ҷо ба яке шористон ҳаме фуруд омад ва боз аз шористон ҳаме берун шуд. Ва чаҳор фарсанг киштзори он буд ва акнун ҳар ду ҷойгоҳ падидор аст. Он ҷо ки чашма ҳаме баромад ва шористону киштзор, он чашмаро Афросиёб пас аз он ки бисёр ҷаҳд кард ва наёрист баст, то ду кӯдаки хурд тадбири он бисохтанд. Чун тамом шуд, ҳар дуро бикушт ва дахмаи эшон кунун бар сари он чашмаи баста пайдост.

## Фазли дигар

Ҳам ба Фароҳ ба деҳе, ки Масав гӯянд, аз кӯҳи Бӯлӣ об чакон аст, ки агарчи бузург иллате бошад, чун бад-он об хештан бишӯяд, ки аз он болои кӯҳ бар ӯ чакон гардад, шифо ёбад. Ва аҷаб он аст, ки чун мард басалоҳу покиза ва некусират бошад, об бар ӯ барчакад, пас агар мардуми муфсид ва бадкирдор бошад, бар ӯ об наояд ва ҳарчанд ки он муфсид он ҷо бошад, агарчи дер бимонад, об фурӯ наояд, чун бархезад боз об чакон шавад.

[1] Саводи шаҳр – гирду атрофи шаҳр, музофот.

## Фазли охир

Ҳам ба Фароҳ ба кӯҳи Ҳарун бар шимоли он яке сӯрох аст, чунон ки тир он ҷо барнарасад ва аз забарсун касе он ҷо натавонад омад ва аз он сӯрох аз ҳазор сол боз яке мор берун ояд, чандон ки чашму рӯй ва зуфони вай мебинӣ ва ду суру, чунонки меши кӯҳии зинда, ки касе надонад, ки ғизои ӯ аз чист, магар Эзад-таъоло.

## Фазли охир

Он ки бар ноҳияти Равин ва Чӯл[1] яке рег аст бузург андар баро[бари] кӯҳ ба боло баршуда, чун ба наздики он мардум шавад, агар ҳеч чизе олуда бар он фиканaнд, он рег бинолад чунон, ки раъд бинолад. Ва ин аз аҷоибҳост ва чунон мегӯянд, ки аз он рег ба зери замин андар кушодаст то кӯҳи Дамованд, ки Афредун Заҳҳоқро он ҷо банд кард ва ба зиндон кард. Ва андар хабар чунон аст, ки Даҷҷол, ки ба охируззамон берун ояд, ҳам Заҳҳок аст ва ҳанӯз зинда аст, то он гоҳе, ки берун ояд ва Исо (а) аз осмон ба замин ояд ва ӯро ҳалок кунад ва Ҳусайн Алӣ ибни Абитолибро пурсиданд, аз ҳадиси Даҷҷол ҷавоб дод бад-ин ду байт:

Шеър:
*Ва фи Саҷастона рамлун наҳва куратиҳо,*
*Мусаҷҷинун фи тақтиҳо аййу тасҷинин.*
*Изо лақийта алайҳо ҷифатун натақат,*
*Самиъта минҳо анинан мисла тиннинин.*[2]

---

[1] Ноҳияи Равин ва Ҷӯл дар китоб ҳама ҷо тавъам зикр мешавад. Номи ин ду ноҳият дар китобҳои маъруфи ҷуғрофии қадим зикр нашудааст. Гумон меравад, ки лафзи «Ҷӯл» дар асл бо «ҷим»-и сенуқта, яъне ҳарфи «ч» буда ва дар канори биёбон воқеъ будааст. Лафзи «чӯл» имрӯз ҳам дар Хуросон ба маънии биёбон ва саҳрои васеъ истифода мешавад (Аз тавзеҳоти устод М. Баҳор).

[2] Маънии ду байти арабӣ:

Ва дар Систон ва атрофи он регзорест,
Ки зери он басе асрор мадфун аст.
Агар дар он биёбон ҷасади мурдаеро
дучор ой, ки сухан гӯяд,
Аз ӯ нолае мисли фарёди аждаҳо мешунавӣ.

Ва дигар он аст ва кунун пайдост, ки рӯди Ҳирманд ва Рухадрӯд ва Хошрӯд ва Фароҳруд ва Хушкрӯд ва Харутрӯд ва даштҳо ва кӯҳҳо аз ҳамаи атрофи Систон ва аз ҳазор фарсанг ҳама ба Зиреҳ ояд ва яке сӯрох аст, онро даҳони шер гӯянд, на бузург, ҳама ин чандин об бад-он фурӯ шавад, ҳеч кас надонад ки куҷо шавад, магар Худой-таъоло ва тақаддас. Ва ин аз аҷоибҳост.

## Фазли охир

Ва дигар Булмуайяди Балхӣ гӯяд ва андар китоби «Ибни Даҳаштӣ»[1]-и габракон[2] низ бозгӯянд, ки андар шористони Систон, ки биркаи[3] гирди гунбад аст, яке чашмае будаст, ки аз замин ҳаме баромад…[4] аз он кардиде ҳам Афросиёб бибаст ва чунин гӯянд, ки баъд аз ҳазор сол, акнун ки фароз расад, боз шавад ва манфиати он фародид ояд бимашият-ил-лоҳи таъоло.[5]

## Фазли дигар

Андар китоби «Булдон ва манофеи он», ки ёд кардаанд, ки аз ҳар шаҳре чӣ хезад, гуфтаанд, ки аз Систон заробрез хезад ва моро асли он маълум набувад то акнун, ки Булмуайяд гӯяд ва андар китоби «Ибн Даҳаштӣ»-и габракон низ бигӯяд, ки яке чашмае буд дар Ҳирманд баробари Буст ва об ҳаме баромадӣ ва регу зар баромехта, чунонки он рӯз, ки камтар ҳосил шудӣ, камтар аз ҳазор

---

[1] Мурод аз «Ибн Даҳаштӣ» «Бундаҳишн» – китоби муқаддаси зардуштиён аст, ки маънии он «Асли хилқат» мебошад, зеро дар забони паҳлавӣ «бун» ба маънии асл, реша ва поя ва «даҳишн» хилқат аст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Аксари муаррихон ва шоирон лафзи «Габр» (оташпараст, пайрави оини зардуштӣ)-ро дар шакли мусағғар зикр кардаанд (Аз шарҳи М. Баҳор).

[3] Бирка – сардоб, ҳавз, обанборест, ки берун аз шаҳр канда ва болои он пӯшида мешудааст. Бо сабаби он ки бирка асосан аз оби борон пур карда мешудааст, барои ворид шудани оби борон ва пас аз пур шудани он берун рафтани об равзанаҳо мемондаанд. Чунин биркаҳо ҳанӯз ҳам дар минтақаҳои ҷанубии Эрон (Порсиён, навоҳии Халиҷи Форс мавҷуданд).

[4] Дар ин ҷо чоряки сатр афтодааст.

[5] Бо иродаи Худой-таъоло.

динор зарри сов набудӣ. Афросиёб онро ба банди ҷодуӣ бибасту гуфт: Ин хазинаест. Ва чунин гуфтаанд, ки ҳам ба сари ҳазора[1] боз шавад ва боз манфиат ба ҳосил ояд бимашият-ил-лоҳ. Ва кӯҳи Тужкӣ худ маъруф аст ва машҳур, ки нуқра ҳаме берун омад ва акнун агар хоҳанд ҳам, берун ояд.

## Фазли дигар

Чашмаи Самур аст, ки сол то сол ба тобистону зимистон равон аст ва манфиати он мавҷуд аст. Булмуайяд дигар ҳамегӯяд, ки андар Систон яке кӯҳ аст, ки он ҳама хумоҳан[2] аст ва ҳар хумоҳан, ки он нек аст, он аз он кӯҳи Систон бархоста ба рӯзгор, аммо мардумони моро ин маълум нест ва басо аҷоиб аст, аммо ҳар чизе, ки ба ҷои дигар ҳамчунон бошад, мо он ёд накардем.

## Акнун ёд кунем баъзе номҳои эшон, ки аз паси ислом бузург гаштанд ва мардумон эшонро бидонистанд ба фазл

Акрамат-ул-фақеҳ Мавло ал-Аббос, ки бештари ривоёт аз вай ояд, андар фиқҳ, Муъоз ибни Муслим, ки Маҳдии вилояти ҳамаи Хуросон ва Систон буд, муфавваз кард.[3] В-аз паси вай Яҳё ибни Муъоз ибни Муслим ва аз паси вай Бассом мавлои Лайс ибни Бакр ибни Абдуманоф ибни Кинона, [ки] аз бузургии дараҷот ва илм бад-он ҷойгоҳ баррасид, ки хештанро ба сад ҳазор динор бозхарид аз мавлои хеш. Гуфтанд, ки: Чизе хат нахоҳӣ. Гуфт: На, ки ман хештанро беш аз ин арзам ва нек нақд баркашид ва бидод ва Иброҳим ибни Бассом бо бузургии ӯ писари ӯ буд.

---

[1] Ҳазора – ба маънии ҳазор сол.

[2] Хумоҳан ё Хумоҳон – сангест хеле сахт ва сиёҳранги ба сурхӣ моил, ки ду навъ – нар ва мода мешудааст. Нари он дар ҳолати бо об суда шудан монанди шангарф, яъне симоби гӯгирддор сурхранг мешудааст. Модаи ин монанди зарних (гӯгирди бо маргимуш омехташуда) ранги зард ба худ мегирифтааст. Онро навъе аз оҳан донистаанд ва ба арабӣ сандали ҳадидӣ хондаанд.

[3] Таъбири «Маҳдии вилояти ҳамаи Хуросон буд» маънии пешвою роҳнаморо дорад ва ин ҷо таъбири «муфавваз кард» бояд зиёдатӣ бошад (Аз шарҳи М. Баҳор).

Ва Фирӯз мавлои ал-Ҳусайн ибни Абиабҳар ал-Анбарӣ аз Систон буд, ки бар Ҳаҷҷоҷ ҳаме ҳарб кард ва андар як рӯз Ҳаҷҷоҷ аломати хеш бар ҳафтод мард кард ва бидод аз бузургони лашкари хеш [ва Фирӯз] ҳамаро бикушт. Охир бонг кард, ки: **Кам Ҳаҷҷоҷукум**. Чанд Ҳаҷҷоҷ аст шуморо. Ҳаҷҷоҷ мунодӣ кард, ки: Ҳар ки сари ӯ пеши ман орад, ӯро даҳ ҳазор дирам бидиҳам. Ва Язиди Муҳаллабро гуфт: **Тақаддам ва лака ъашарата олофа дирҳамин**. Пеш рав ва туро даҳ ҳазор дирам. Ҷавоб дод: **Анта тақаддам ва лака ишруна алфа дирҳамин. Фаано ҳува раъсун воҳид.** Гуфт: Ту пеш рав, туро бист ҳазор дирам, ки ман сар беш яке надорам.

Фирӯз бишнид андар лашкари хеш мунодӣ кард, ки: Ҳар ки сари Ҳаҷҷоҷ пеши ман орад, 100 ҳазор дирам бидиҳам. Он рӯз ҳарбе ҳавлнок карданд. Охир Ҳаҷҷоҷ ба ҳазимат бозгашт. Ин Фирӯз бо олимие, ки буд, бад-ин диловарӣ буд ва Зуҳайри Наъим, Аффон ибни Муҳаммад ва Усмон Аффон ва Абӯҳотам ас-Сиҷистонӣ ва Сулаймон ибни ал-Ашъас, ва Усмон ибн ал-Абд ва [Абӯдовуд] ва Абӯбакр ибни Абидовуд ва Абӯяқуб аз-Зоҳид ва ал-Халил ибни Аҳмад ва Абӯҳотам ибни Ҳассон, Наср ибни Ҷик ва Ёсир ибни Аммор ва Убайд ал-Қавқа ва Умайр ибни Яҳё ва Абинаср ибни Ҳамдон ал-Ҷувайнӣ ва Абӯисҳоқ ал-Ҷошинӣ ва Шоҳин ибн ал-Анбар ва Бакр ибни Ҷаъд ва Ғолиб ибни Шодик ва Равнак ал-Қуравӣ ва Абулҳусайн ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Яҳё **аллазӣ аллафа «Ғариб-ул-Қуръон»**[1] ва Ҳилол ибни Ҳувайс ва Абӯомир ибни Аби Ҷон ва ал-Имом Абӯҷаъфар Фохир ибни Муъоз ва Абӯзакариё Яҳё ибни Аммор ва ал-Қозӣ Абулҳасан ва ал-устод Абулаббос ва Абӯсаид ибни Абиумар [ва] Алӣ ибн Ҳамдун ва Абулқосим ал-Хайрӣ ва Абӯумар ан-Навқотӣ ва Абулҳасан [Умар] ибни Аби Умар ан-Навқотӣ ва Аҳмад ас-Самурӣ ва Абӯаҳмад ал-Қассор ва Абӯҷаъфар ибни Абӯмансур ибни Абисаъид ал-вазир…[2]

Инон андар илм ва бузургӣ бад-он ҷойгоҳ буданд, ки ҳеч кас андар олам фазли эшонро мункир наёрад шуд ва

---

[1] Оне, ки китоби «Ғариб-ул-Қуръон»-ро таълиф кардааст.

[2] Дар ин ҷо аз матни аслӣ се сатр афтодааст.

бисёр буданд, ки номашон набурдем ва акнун ҳастанд. Аммо чун шарт андар ҷамъ кардани ин китоб ихтисор буд, қисса дароз накардем, аз ҳар тоифа миқдоре ёд кардем ва ал-қалилу ядуллу[1].

## Шароити ободонии Систон бар се банд бастан ниҳода омад

Бастани банди об ва бастани банди рег ва бастани банди муфсидон. Ҳар гоҳ, ки ин се банд андар Систон баста бошад, андар ҳама олам ҳеч шаҳр ба неъмат ва хушии Систон набошад ва то ҳаме бастанд, чунин буд ва чун бибанданд, чунин бошад ва рӯзгори онро қивом бошад.

## Номҳои Систон: Систон ва Зовул ва Заранг ва Нимрӯз

Аммо Систон аз баҳри он гӯянд, ки Заҳҳоқ ин ҷо меҳмон буд ба наздики Гаршосб ва одати ӯ он буд, ки ба Айла нишастӣ ва акнун Айларо Байтулмуқаддас гӯянд ва шароб бо занон хӯрдӣ ва бад-он рӯзгор сарои занонро шабистон гуфтандӣ. Чун Заҳҳок маст гашт, ӯро ёд омад одати хеш, гуфт: Шабистон хоҳам, то он ҷо хуштар хӯрам, Гаршосб одати ӯ даниста буд, гуфт: Ин ҷо Севистон аст, на Шабистон. Ва «сев» марди мардро гуфтандӣ бад-он рӯзгор. Ва Систон бад-он гӯянд, ки ҳамеша он ҷо мардони мард бошанд. Ва марди мард бояд, то он ҷо бигзарад. Чун ин сухан гуфта шуд, Заҳҳок шармнок шуд гуфт: Эй паҳлавон, рост гӯӣ, мо ба Севистонем, на ба Шабистон. Аз пас аз он ин ҷоро Систон гӯянд ба як ҳарф камтар, ки «вов» аст.

Аммо Зовул аз он гӯянд, ки ҳама шаҳрҳо, ки карданд бад-ин олам, ё ба лаби дарё карданд ё ба наздики кӯҳ, зеро ки ҷавоҳиру чизҳои бузург аз дарё хезад ва маъодин аз кӯҳ бошад. Ин ҷо, ки бино карданд, гуфтанд: Ҳама чизҳои мо аз обу гил бояд сохт. Ин ҷо як ҳарф ба гуфтор андар фурӯ шуд, ки коф бошад, Зовул гуфтанд. Аммо Заранг бад-он гуфтанд,

[1] Кам далолат мекунад (ба бисёр).

ки бештар ободонӣ ва рӯдҳо ва киштзорҳо Золи Зар сохт. Чунон ки Золиқ-ул-атиқ[1] гӯянд, андар пеш Зиреҳ ва Золиқ-ул-ҳадис[2], ки муарраб кардаанд, он Золи куҳан аст ва Золи нав. Ва ӯро мардумони Систон «Зарваранг» хонданд, зеро ки мӯи ӯ рост ба зар кашида монистӣ. Баскӯро, ки ӯ сохта буд, Заранг гуфтанд, ин ҷо низ ду ҳарф кам карданд, андар гуфтор ва чун мардони марду кори бузургон ҳам аз Баскӯ хостанд, ҳама Систонро бад-он ном карданд ва Зарранг хонданд. Аммо Нимрӯз ду қавл гӯянд. Яке он, ки хусравонро дар соле як рӯз будӣ, ки доварии яксоларо мазолим[3] кардандӣ, они ҳама ҷаҳон ба Нимрӯз рост гаштиву мазлумони Систонро ҷудогона Нимрӯз боистӣ, бад-ин сабаб Нимрӯз ном карданд. Ва Булфараҷи Бағдодӣ гӯяд, на чунин аст: Аммо ҳукамои олам ҷаҳонро бахшиш кардаанд бар баромадану фурӯ шудани хуршед бо Нимрӯз. Ва ҳадди он чунон бошад, ки аз сӯи Машриқ аз он ҷо, ки хуршед ба кӯтоҳтарин рӯзе барояд ва аз сӯи Мағриб аз он ҷо, ки Хуршед ба дарозтарин рӯзе фурӯ шавад ва ин илм ба ҳисоб маълум гардад. Ва ин ҷумларо бар чаҳор қисмат кардаанд: Хуросону Эрон [Ховарон] ва Нимрӯзу Бохтар. Ҳар чи ҳадди Шимол аст, Бохтар гӯянд ва ҳар чи ҳадди Ҷануб аст, Нимрӯз гӯянд ва миёна андар ба ду қисмат шавад ва ҳар чи ҳадди Шарқ аст, Хуросон гӯянд ва ҳар чи Мағриб аст, Эроншаҳр. Валлоҳ-ул-мустаъон[4].

### Аммо ҳудуди Систон ва шаҳрҳои ӯ чанд аст ва аз куҷо то куҷост

Систон худ гуфтем, ки Гаршосб кард ва аз пеши кардани Систон худ Бусту Рухад ва замини Довару Кобул ва саводи он ӯро буд, ки ҷадди ӯ карда буд аз сӯи модар ва Гударз ном дорад ва акнун ин шаҳрҳо ба девони Бағдод ва хулафо аз ҷониби Систон барояд ва моли он бар Систон ҷамъ аст. Ва Сафзор ва Бузистон ва Лаволистон ва Ғур Соми Наримон кард ва Кашмир Рустами Дастон кард ва

[1] Золи қадим, куҳан.
[2] Золи нав, муосир.
[3] Ҷамъи мазлима, додхоҳӣ ва шикоят аз зулму ситам дар назди подшоҳ.
[4] Худованд мададгор аст.

хазоини хешу моли хеш он ҷо ниҳода буд. Ва Гардез Ҳамза ибни Абдуллоҳ аш-Шорӣ кард ва Ғазнин Яъқуб ибни Лайс Маликуддунё кард. Ин ҳама шаҳрҳо ба рӯзгори ҷоҳилият андар фармони паҳлавонону марзбонони Систон буданд, то рӯзгори ислом, ки вилоят дигаргун шуд.

Ва ҳадди Шарқ ақсои Кашмир аст, то ба лаби дарёи Муҳит ва аз сӯи Ғарб з-он сӯи Сипиҳ ба даҳ фарсанг ба миёнаи кӯҳҳо ҳад пайдо кардаст, бар канори кӯҳ. Ва ҳама биёбонҳо, ки аз чаҳор сӯи Систон аст, аз ҳудуди Систон аст ва ӯро ба миёнаи ҳама бино кардаанд ва…[1] Кис буда ва биллоҳиттавфиқ.

Ва Булфараҷи Бағдодӣ гӯяд, соҳиби «Китоб-ул-хироҷ», ки Хуросону Эрону Сиҷистон сурраи замин[2] аст… Ва[3] ӯро ҷунбандаи бомин гӯянд… ва гӯянд, ки бад-ин миёна андар эътидоли ҳаво бештар аст ва қадди мардумони ин навоҳӣ муставо[4] аст ва сурхии румиён надоранд ва сиёҳии ҳабашону ғализи туркон ва хазариён ва дамомаи аҳли Чин ва ин ҷумларо бар чаҳор қисмат кардаанд: Хуросону Эрон ва Нимрӯзу Бохтар ҳар чи ҳадди Шимол аст, Бохтар гӯянд ва ҳар чи ҳадди Ҷануб аст, Нимрӯз гӯянд ва миёна андар ба ду қисмат шавад, ҳар чи ҳадди Машриқ аст, Хуросон гӯянд ва ҳар чи ҳадди Мағриб аст Эроншаҳр. Ва биллоҳ-ил-ъисмату ва-т-тавфиқ.

## Амали Систон пас аз ислом ва қуртаҳои (хӯраҳои)[5] он бар сулҳи қадим

Алфа алфа дирҳам[6], Сиҷистон ва Буст ва Рухад ва Кобул ва Зобулистон ва Навзод ва замини Довар ва Исфизор ва Хуҷистон.

---

[1] Ин ҷо аз матни асл чизе афтодааст. (Шарҳи М. Баҳор).

[2] Сурраи замин – нофи замин.

[3] Дар матни асл «вов» хат зада шудааст (Шарҳи М. Баҳор).

[4] Қадди муставо – миёнақад.

[5] Кӯра – арабишудаи хӯра аст ва кувар ҷамъи он аст. Қабл аз ислом сарзамини Форсро ба панҷ хӯра тақсим карда будаанд: 1. Хӯраи Ардашер. 2. Хӯраи Истахр. 3. Хӯраи Дороб. 4. Хӯраи Шопур. 5. Хӯраи Кубод. Хӯра ба забони паҳлавӣ ба маънии шукӯҳу ҷалолат ва фарру фара будааст ва бар сиккаи Сосониён нақши хӯраи Эзад зада шуда будааст.

[6] Дирҳам (дирам) – танга, сиккаи нуқрагӣ; воҳиди вазн баробари 3,12 грам.

**Амали Хуросон то ғояти ҳадди ислом**

Бар рӯзгори Абдуллоҳ ибни Тоҳир андар иҳдо ашара ва миатай самонияти ва салосуна алфа алфа дирҳамин дирҳам (сиву ҳашт ҳазор дирам).

**Қуртаҳои он**

Табасайн, Қаҳистон, Ҳирот, Толиқон, Гузконон Хафшон, Бодғис, Бушанҷ, Тахористон, Форёб, Балх, Хулм, Марвурруд, Чағониён ва Ошҷар, Хатлон, Бадахшон, Бомиён, Абаршаҳр, Бухоро, Самарқанд, Шош, Фарғона, Сурушана, Суғд, Хуҷанд, Омӯя, Хоразм, Кеш, Исбиҷоб, Тирмиз, Насо, Абивард, Сарахс, Марвишоҳҷон, Тӯс, Борсуҳон, Балсам, Аҳрун, Насаф.

Андар рӯзгори ислом то бад-он вақт, ки хавориҷ берун омаданд ва дахли Хуросону Систон аз Бағдод бурида гашт ва охир сулҳ уфтод бар хутбае, ки андар шаҳрҳо ҳамекарданд, ба қасаба, ки ба саводи хавориҷ буданд, чунин буд ва пас аз он ҳанӯз он дахли муттасил нагашт, ки мутағаллибон бархостанд, то акнун ва би-л-лоҳ-ит-тавфиқ. Ва сабаби ёд кардани кувари Хуросон ва маҷмӯи он андар ин фасл он буд, ки моро ғараз андар ин китоб фазли шаҳри хеш аст, то ҳар ки ин бихонад, маълум гардад, ӯро, ки Систон ҳамеша аз миёни олам мафруз будаст ва ба зоти хеш қоим ва онро ба ҷое пайваста накардаанд, илло бисёр шаҳрҳо карданд ва бад-он андар пайвастанд. Ва би-л-лоҳи-т-тавфиқ.

Акнун ёд кунем тӯл ва арзи кувар ва расотиқи[1] Систонро аз паси ислом, ки омил ва волии Систон кӣ будаст. Аммо тӯли Систон аз навоҳии Хуросон то ҳадди Синд ва арзи Систон аз Кирмон то ҳадди Ҳинд аст. Аммо кувари Систон: Исфизор ва ҷабали Неҳ ва сари дурраи Ҳинди Қонон ва Фароҳ ва Авқ ва Хавош ва Фулод ва Фушанҷ ва Навзод ва Буст ва замини Довар ва Рахҷ ва Ракш ва Рӯдбор ва Зобул ва Кобул ситта ашара (шонздаҳ).

---

[1] Расотиқ – ҷамъи рустоқ, деҳаҳо, рустоҳо.

## Расотиқи Систон

Қавс ва Тоқ ва Савкан ва Пол ва Ҷӯи кухан ва Ноширӯд ва Наҳижан ва Жушт ва Бар ва Ҷавсам ва Бакрӯд ва Каркӯй ва Жолиқ, Майсун ва Навҷурд ва Нуқ, Нишак ва Имомуссирот ва Сипаҳ.

## Лаҳу мо деҳҳо[1]

Ҷарвоткан на аз ҷолиқи нав аст ва на аз кухна ва Қарнин, ки на аз Хош аст ва на аз Нишак аммо Савофӣ, ки онро қисмати дигар будӣ Қарнин ва Абар ва Нишак ва Ҷолиқи кухан ва аз ҷумла Каши Саффор ва аз кӯраи Буст, Рарзон ва Сарвон.

## Қисмати хироҷи Систон

Салосата алф алфин ва хамсумиъатин ва исно ашара алфа дирҳамин (се ҳазор ҳазор ва панҷсаду дувоздаҳ ҳазор дирҳам). Ва дараме дараме, дуни моли ҷаволӣ ва савофӣ ва озурӯӣ ва ин ҷумла бувад хамсатун ва самонуна алф дирҳамин (ҳаштоду панҷ ҳазор) фазалика салосату алфа алфа [ва хамсумиа] ва тисъина алфан ва сабъата алфа (се ҳазор ҳазорва панҷ саду наваду ҳафт ҳазор) дирҳамин. 3-ин ҷумла ду бор ҳазор ҳазор дирам султонро будӣ, дигар бар ин ҷумла, ки тафсил бад-он нотиқ аст, ба кор бурдандӣ, то мардумон ба дарди сар набудандӣ [ва] бар қассомот ва хашрҳо ва шуғлҳои хеш пардохта будандӣ. Аввал рост кардани тимуқ аз байтулмол будӣ, ҳарчанд шудӣ, аз ҷумла ду бор ҳазор ҳазор дирам бибоистӣ дод ҳар соле. Аммо он чи аз ҷумлаи дигар мол боистӣ кард, омил ва волиро рост кардани бораро ҳар сол исно ашара алфа (дувоздаҳ ҳазор) дирҳамин ва рост кардани кураҳо арбаъату олофи (чаҳор ҳазор) дирҳамин ва рост кардани дигар қалъатҳоро пароканда хамсина алфа (панҷоҳ ҳазор) дирҳамин ва маҳбусон-

[1] Фасле доир ба деҳаҳо.

ро ба ҳар шаҳре, ки буданд ишрина алфа (бист ҳазор) дирҳамин ва моҳи рамазон дар масҷиди Ҷомеъ салосуна алфа (сӣ ҳазор) дирҳамин; қуръонхононро ҳарчанд будандӣ ва ходимони девонро ва авононро[1] ва ҳарасиёнро[2] ва арифонро ва посбононро ва муаррифонро ва ҳар чашми бинишеро ҳарчанд ки будандӣ ба ҳар шаҳр, ки будандӣ, ҳар якеро андар ин моҳ ишрин (бист) дирҳаман ва андар ҳар рӯз мин ал хубзи маннавайни[3] ва муаззинонро ба ҳама ҷой, ки будандӣ ишрина алф (бист ҳазор) дирҳамин. Ва андар ҳар сол сад банда бихаридандӣ аз понсад дирам то чаҳорсад дирам ва озод кардандӣ, нару мода ва ҳар якеро чандон, ки баҳои ӯ будӣ... Ва бемористонро ашарата олофи (даҳ ҳазор) дирҳамин ва банд бастанҳоро. Агар беш боистӣ ҳарчанд шудӣ, вагарна хамсатун ва ишрина алфа (бисту панҷ ҳазор) дирҳамин. Волии шуртаро дар ҳар сол салосина алфа (сӣ ҳазор) дирҳамин бундори хироҷро ва дабирони ӯро хамсина алфа (панҷоҳ ҳазор) дирҳамин ва соҳиби мазолимро ишрина алфа (бист ҳазор) дирҳамин ва рег бастанҳоро салосина алфа (сӣ ҳазор) дирҳамин [ва] паранҳоро[4], ки нигоҳ доштандӣ, хамсина алфа (панҷоҳ ҳазор) [ва] пулҳо ва рӯдҳо ва ҷӯйҳо ва маъбари киштиҳоро андар Ҳирманд салосина алфа (сӣ ҳазор) дирҳамин, дигар бар ҷой ниҳодандӣ абнои сабил[5] ва зуафоро ва нафақот ва ҷома кардандӣ ғуработо ва нигоҳ кардандӣ, агар касеро воме омадӣ, бидодандӣ ва агар ҷое ба ғарқ ё ба сабабе вайрон гаштӣ, ободон кардандӣ ва ҳар чи ба сари сол зиёдат шуда будӣ волӣ бар ин касҳо, ки ёд карда шуд, тафриқа кардӣ ва ба идҳо меҳмонӣ кардандӣ ва бухуру ғолия додандӣ зуафоро ҳам аз ин. Ва би-л-лоҳи-т-тавфиқ.

---

[1] Маъмурони девонхона ва корҳои давлатӣ.
[2] Посбонон.
[3] Аз нон ду ман.
[4] Паран ё паранд – ин лафз хоси гӯиши мардуми Систон ва Хуросон буда, ба маънии саддест, ки дар гузаргоҳи дарёҳо ва киштзорҳо баста мешавад ва онро бо вожаи «пул» ҳам таъбир мекунанд (Аз шарҳи М. Баҳор).
[5] Мусофирон.

## Акнун ёд кунем аз тариқе, ки мардуми Систон доштанд андар қадим, то ислом оварда шуд

Гаршосб ва наберагони ӯ то Фаромарз ибни Рустам ҳама бар он тариқат буданд, ки Одам (а) оварда буд. Бомдод ва ба вақти завол ва шабонгоҳ намоз кардандӣ ва парастиши Эзад-таъоло ва дигар ба ҳама авқот, ки ба шуғли дунёӣ андаку бисёр хостандӣ шуд, бештар намоз кардандӣ. Пас аз он бад-он шуғл рафтандӣ ва зино ва лавота ва дуздӣ ва хуни ноҳақ миёнашон ҳаром буд. Ва мурдор нахӯрдандӣ ва то забиҳат накардандӣ, он чи ҳалол аст акнун хӯрдани он, нахӯрдандӣ ва садақа бисёр додандӣ ва ҳамеша мизбон будандӣ ва меҳмонро неку доштандӣ ва ин ҳама аз ҷумлаи фароиз доштандӣ бар хештан. Духтару хоҳару модарро ба занӣ накардандӣ.

Ва пайкор, ки миёни Рустаму Исфандиёр уфтод, сабаб он буд, ки чун Зартушт берун омад ва дини Маздяснон[1] овард, Рустам онро мункир шуд ва напазируфт ва бад-он сабаб аз подшоҳ Гуштосб сар кашид ва ҳаргиз мулозимати тахт накард ва чун Гуштосбро Ҷомосб гуфта буд, ки марги Исфандиёр бар дасти Рустам хоҳад буд ва Гуштосб аз Исфандиёр тарс дошт, ӯро ба ҷанги Рустам фиристод, то Исфандиёр кушта шуд ва пас аз он чун Фаромарз аз Систон рафта буд, Баҳман ибни Исфандиёр ба кин хостан омад ва Фаромарз рафта буд ба Ҳиндустон, то бозомад ғариқ гашт. Бухтуннаср, ки сипаҳсолори ӯ буд, савоб чунон дид, ки сулҳ кунад бо Баҳмани Исфандиёр ва Ҳушангро, ки ҳанӯз хурд буд, ба шоҳии Систон яла кард ва худ сулҳ кард ва бо дувоздаҳ ҳазор марди Зовулӣ аз Систон бо Баҳман бирафт ва ба Балх шуд.

## Нисбати Бухтуннаср

Бухтуннаср набераи Рустами Дастон буд, аз сӯи духтар, хоҳарзодаи Фаромарз ва ӯро ном Бухт Нерси ибни

[1] Маздяснон аз ду вожаи паҳлавӣ – «мазд» ва «яснон» иборат буда вожаи Маздо «Худо» ва ясн «парастидан» аст ва маздяснон ба маънии «худопарастон» омадааст. Вожаи «ясн» ба маънии парастиши Худо дар шаклҳои «яшн» ва «яшт» ҳам истифода мешудааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

Гев ибни Ҷударз ибни Кашвод ибни Ашҷур ибни Фарҷир ибни Ҳир ибни Яшудон ибни Анбут ибни Нобҷан ибни Тафар ибни Тафук ибни Войзанҷ ибни Занҷ [ибни…] Мойшу ибни Нӯзар ибни Манучеҳр ал-малик. Баҳмани Исфандиёр набераи ибни Ёмин буд, аз сӯи модар. Чун Бани Исроил Яҳёро ва Закариё (а)-ро бикушт, Бухтуннасрро он ҷо фиристод, то хуни эшон боз оварад. Ва Эзад-таъоло Бухтуннасрро ва мардони Систонро ба мардӣ андар каломи хеш ёд кард ва гуфт ҷалла қавлуҳу таъоло. «**Ибодан лано увло баъсин шадидин**»[1]. Чун ин оят биёмад, содот ва бузургони араб аз муҳоҷир ва ансор аҷаб карданд, ки чӣ гуна мардон буданд, то Эзад-таъоло эшонро биситуд. Паёмбар (с) гуфт: «**Инна уммати сатағлибу алайҳо**»[2], фахр кард ба Систон ва рӯзгори исломи эшон ва бузургтарин фахре шаҳри Систонро каломи Худояст ва қавли расул (с).

## Акнун ёд кунем сабаби оташи Каркӯй

Булмуайяд андар китоби Гаршосб гӯяд, ки чун Кайхусрав ба Озарбодагон рафт, Рустами Дастон бо вай ва он торикӣ ва патёраи[3] девон ба фарри Эзад-таъоло бидид, ки Озаргушасб пайдо гашт ва рӯшноӣ бар гӯши аспи ӯ буд ва шоҳӣ ӯро шуд бо чандон муъҷиза. Пас Кайхусрав аз он ҷо бозгашт ва ба Туркистон шуд, ба талаби хуни Сиёвуш падари хеш ва ҳар чи нарина ёфт андар Туркистон, ҳама кушт ва Рустам ва дигар паҳлавонони Эрон бо ӯ. Афросиёб гурез гирифт ва ба сӯи Чин шуд ва з-он ҷо ба Ҳиндустон омад ва з-он ҷо ба Систон омад ва гуфт: Ман ба зинҳори Рустам омадам ва ӯро Бункӯҳ фуруд оварданд. Чун сипоҳи ӯ ҳамеомад фавҷ-фавҷ, андар Бункӯҳ анбори ғалла буд, чунонки андар ҳар ҷонибе аз он бар се сӯ миқдори сад ҳазор кайл[4] ғалла доим ниҳода будандӣ ва ҷодувон бо ӯ гирд шуданд ва ӯ ҷоду буд. Тадбир кард, ки ин ҷо алаф ҳаст ва

---

[1] Бандагони мо соҳиби мардонагии бузург ҳастанд.

[2] Ба дурустӣ умматони ман дар мардонагӣ афзалият доранд.

[3] Бало ва мусибат.

[4] Паймона, ченак барои андоза кардани орд, биринҷ, ғалла ва дигар маводи рехтанӣ.

ҳисори маҳкам, аҷз набояд овард, то худ чӣ бошад. Ба ҷодуӣ бисохтанд, ки аз ҳар сӯй ду фарсанг торик гашт. Чун Кайхусрав ба Эрон шуд ва хабари ӯ шунид, он ҷо омад, бад-он торикӣ андар наёрист шуд ва ин ҷойгоҳ, ки акнун оташгоҳи Каркӯй аст, маъбадҷои Гаршосб буд ва ӯро дуо мустаҷоб буд бар рӯзгори ӯ ва ӯ фармон ёфт, мардумон ҳам ба умеди баракот он ҷо ҳамешудандӣ ва дуо ҳамекардандӣ ва Эзад-таъоло муродҳо ҳосил ҳамекардӣ. Чун ҳол бар ин ҷумла буд, Кайхусрав он ҷо шуд ва палос пӯшиду дуо кард. Эзад-таъоло он ҷо рушноӣ фародид овард, ки акнун оташгоҳ аст. Чун он рӯшноӣ баромад баробари торикӣ, торикӣ ночиз гашт ва Кайхусрав ва Рустам ба пойи қалъа шуданд ва ба манҷаниқ оташ андохтанд ва он анборҳо ҳама оташ гирифт, чандинсола ки ниҳода буд. Ва он қалъа бисӯхт ва аз он ҷо Афросиёб ба ҷодуӣ бигрехт ва дигар касон бисӯхтанд ва қалъа вайрон шуд. Пас Кайхусрав ин бор ба як нима он шористони Систон бикард ва оташгоҳи Каркӯя ва он оташ гӯянд, он аст, он рӯшноӣ, ки фаро дид ва Габракон чунин гӯянд, ки он ҳуши Гаршосб аст ва ҳуҷҷат оранд ба суруди Каркӯй бад-ин сухан:

Байт:

*Фурухт бодо рӯш,*
*Хунинда Гаршосб ҳӯш.*
*Ҳаме бираст аз ҷӯш,*
*Нӯш кун май, нӯш.*
*Дӯст бадо кӯш:*
*Б-офарин ниҳода гӯш.*
*Ҳамеша некӣ кӯш,*
*Дӣ гузашту дӯш.*
*Шоҳо, худойгоно,*
*Б-офарин шоҳӣ.*[1]

---

[1] Дар тавзеҳи матни «Суруди Каркӯй» устод Баҳор менависад: «Ба ақидаи ман, вазни ин шеърҳо (Тано танан тан-тан) ва қироати саҳеҳи он чунин бояд бошад: Фурухта бодо рӯш, хунида Гаршосб ҳӯш, ҳаме пур аст аз ҷӯш, Ануш кун, май ануш, Дӯст базо агӯщ, Ба офарин на гӯш, ҳамеша некӣ кӯш, Ки дӣ гузашту дӯш. Ила охир, ки дар ин сурат риояти асбоб ва ҳиҷоҳо шудааст. Ба илова калимаи «нӯш» ба танҳоӣ дар форсии қадим ё паҳлавӣ дида нашуд ва асли он «анъӯш» аст, яъне бемарг, ки аз таркиби «خوش» ба маънии марг, ки баъдҳо «ҳуш» шуда ва аз алифу нун нафй сохтаанд ва «анӯша» сифате аз «анӯш» мебошад, яъне ҷовидона ва «анӯша бизӣ» ва «анӯша равон» ба ин

Пас шарти мо андар аввали китоб он будаст, ки ансоби бузургон, ки номи эшон ёд карда шавад, бозгӯем ва бузургтарин касе андар дунё ва охират Муҳаммад (а) буд ва чун рӯзгори ислом ёд кунем, ибтидо аз ӯ бояд гирифт. Пас ибтидо ба ҳадиси ӯ кунем, то ин китоб бо ёдкарди ӯ азиз гардад ва би-л-лоҳи-т-тавфиқ.

## Пеши ибтидои кори ислом омади мавлуди Мустафо (а) бозгӯем, ки ҳеч фахре Систонро бештар аз он нест

Ва ба ду ривоят ҳаддасано ва ахбарано[1] андар китоби мавлуди Муҳаммади Мустафо (а) гӯяд, то ба «Каъб-ул-аҳбор»[2], аммо мо шарти татвил барафкандан кардаем. Аммо Саъид ибни Амру ал-Ансорӣ гӯяд аз падари хеш, ки мо ҳеч касе надидем, ки ӯ сифати пайғомбар (а) нодида беҳтар донист ва дида аз «Каъб-ул-ахбор» ва бештарин сабаби исломи мо аз пеши[3] дидори Мустафо (с) аз хабарҳо ва ривоятҳо буд, ки моро Каъб кардӣ аз ҳадиси ӯ аз пеши мабъаси ӯ ва ҷунончи хотами нубуввати ӯ ва ахлоқи ӯ ва сурати ӯ пеш аз дидори ӯ гуфта буд ва ончи бидидем. Боз солу моҳ ва рӯзу соати марги ӯ (с) моро бигуфт ва он шаб, ки Мустафо (с) фармон ёфт, мо бо Каъб ба шаҳре будем. Каъб нахуфту ҳама шаб берун шуд ва боз дармеомад ва ба осмон менигарид. Бомдод гуфтем: Ё Боисҳоқ, дӯш аз ту аҷаб дидем. Бигристу гуфт: Буданӣ буд ва пайғомбари мо (а) андар ин шаб рафт, ки дарҳои биҳишт кушода буд, рафтани ӯро ва андар замини мо ҷои бузургвортар нест з-он ҷойгоҳ, ки ӯро канор гирад. Маро аз ӯ аҷаб омад. Ӯ

маънист. «Рӯш» дар мисраи аввал ҳам ба маънии нур ва фурӯғ аст ва «рӯшноӣ» исми макон аз «рӯш» ва «ноӣ» ва «рӯшан» исми масдар аз ҳамӯст. «Хунида» ба замми аввал ба маънии нофиз ва мунташир ва танин афканда дар ҷаҳон ва зери сақфи осмон аст».

[1] Ба мо нақл карданд ва моро хабар додаанд.

[2] Дар асли матни китоб вожаи дуюми «Каъб-ул-аҳбор» дар шакли «ахбор» омада ва шакли дурусти он «аҳбор» аст ва муаллифи «Каъб-ул-аҳбор» аз ҷумлаи яҳудоне будааст, ки ислом оварда ва аз ӯ ривоятҳои зиёд нақл шудааст. Ривоёти ӯро аҳли ташаййуъ эътимод надоранд (Аз шарҳи М. Баҳор).

[3] Ба маънии «пеш аз». Дар «Таърихи Систон» пешоянди «аз пеши» ҳамеша ба маънии «пеш аз» омадааст.

бозгашт ва ман рафтам, то ӯро бидидам, то Абӯбакр ас-Сиддиқ (р) андар гузашт, ба рӯзгори Умар (р) ба Мадина омад, наздики ӯ шудам, салом кардам. Маро бидонисту наздик кард. Мардумонро хабар мегуфтам, з-он чи з-ӯ шунида будам. Мардумон аҷаб карданд, гуфтанд: Ӯ ин ба ҷодуӣ гуфт, ки ҳама ҳамчунон буд, ки вай гуфта буд. Ӯ сухани мардумон бишунид, гуфт: Аллоҳу Акбар! Аллоҳу Акбар! Ба Худой-таъоло, ки ман ҷоду наям. Боз фармон дод, то сафате[1] хурд берун оварданд аз дурраи байзои қуфле аз зари сурх бад-он барниҳода, муҳр карда. Муҳр баргирифт ва қуфл бикшод, ҳарире сабз берун кард. Гуфт: Инак, сифати Мустафо (с) ман аз ин ҷо гуфтам. Боз гуфтем: Ё Абоисҳоқ, акнун бар мо хон ин саҳифа ва ибтидои ҳоли ӯ интиҳо моро баргӯй. Гуфт: Чунин кунем, иншоаллоҳ.

Эзад-таборак ва таъоло чун хост, ки сайиди валади Одам Муҳаммад (с)-ро бияфаринанд, Ҷабраилро фармон дод, то аз қалби замин як қабзаи байзо, ки нуру баҳои замин аст, баргирифт, бад-он ҷойгоҳ, ки акнун қабри ӯяст ва он қабза ба оби тасним бисиришт, бимолид, то чун дурраи байзо гашт, боз ба ҳама ҷӯйҳои биҳишт онро бишуст ва андар осмонҳо ва заминҳо бигардонид ва ба дарёҳо, то ҳама малоикаро маълум гашт. Боз ба ҳама ҷӯйҳои биҳишт онро бишуст ва андар осмонҳо ва заминҳо бигардонид ва ба дарёҳо, то ҳама малоикаро маълум гашт фазли Мустафо (а) беш аз Одам (с). Чун офариниши Одам тамом кард ва рӯҳ андар ӯ мавҷуд овард, Одам аз миёни ҷибиллати хеш овозе бишнид ва гуфт: Субҳонака Борӣ, Худоё ин чист? Эзад-таъоло гуфт: Ё Одам, тасбеҳи хотам-ул-анбиё ва сайиди валадак минал мурсалин[2] бипазир онро ба аҳд ва мисоқи ман, ки ба ҳеч ҷой вадиъат накунӣ онро, магар ба покону покизагон. Одам гуфт: Пазируфтам, эй Бор-Худоё. Пас нури Муҳаммад (с) ба доираи ғурраи ҷабини Одам (с) пайдо буд, чун хуршед ба даврони фалак ва Одам чун хостӣ, ки ба Ҳавво наздик гардад, таҳорат кардӣ ва атр ба кор бурдӣ ва Ҳавворо бифармудӣ, то ҳамчунон кардӣ. То як роҳ Шис падари анбиё (а) мавҷуд гашт. Он рӯз

---

[1] Сафат – шакли арабишудаи «сабад»-и форсист ва ба маънии ҷувол, ҷомадон ва сабад истифода шудааст.

[2] Хотами анбиё ва сайиди фарзанди ту аз ҷумлаи пайғамбарон.

ҷӯи биҳишт Одаму Ҳавворо кушода шуд ва раҳмати Эзад-таъоло эшонро андар гирифт, то хештан бад-он об бишустанд ва з-он бихӯрданд. Бомдод Одам нигоҳ кард он нур ба рӯи Ҳавво бидид, шод шуд ва Ҳавворо ҳар рӯз мартаба зиёдат гашт, то мурғони ҳаво ва дадону ҳайвон ҳама ба Ҳавво унс гирифтанд. Одам (а) бад-ӯ ҳеч тақарруб накард ва фариштагон ҳар рӯз ба салому таҳнияти ӯ ҳамеомаданд ва оби тасним ҳамеоварданд ва то аз ин хурдӣ, то хилқати Шис тамом гашт, ҷудогона ки бо ӯ ҳеч фарзанди дигар набуд, то аз модар ҷудо гашт. Ва нури Мустафо (с) ба миёни ҷабини ӯ пайдо омад. Эзад-таъоло ҳиҷобе аз нур миёни ӯ ва он иблиси малъун баровард понсадсола роҳ ва он нур ҳарчанд Шис мефузуд, ҳаме бар фузуд, то ба осмонҳо баршуд ва ҳар малак, ки дид, ҳамегуфтанд, ки нури Мустафост (с). Чи[1] Шис ба ҳадди балоғат расид ва гоҳи рафтани Одам омад, дасти Шис гирифт ва ӯро наздики Ҳавзи аъзам бурд ва гуфт: Эй писар, ин нур, ки ту дорӣ ва деати Эзад аст наздики ман, ки нагзорам, онро магар ба поктарин ҷой чи ба мардон чи ба занон. Боз гуфт: Бор-Худоё, фариштагон фиристӣ, то бар Шис гувоҳ кунам. Ҷабраил (а) андарун омад бо ҳафтод ҳазор фаришта бо ҳарире сафед ва қаламе аз қаламҳои биҳишт ва салом карду гуфт: Ё Одам, инак, қалами биҳишту ҳарир ва ин қаламро давот намебояд, ки худ чандон ки бинвисӣ, мидод дорад. Бар ин ҳарир бинавис, чунон ки бар ту набиштанд. Одам аҳде набишт бар Шис ва Худойро ва фариштагонро гувоҳ кард ва барнабишт ва ба хотам Ҷабраил (а) муҳр кард ва ба Ҷабраил вадиъат ниҳод он аҳд. Ва андар вақт ду ҳулла оварданд аз биҳишт ба нуру ранги хуршед ва бар Шис пӯшиданд ба фармони Борӣ-таъоло. Маҳвоилат-ул-байзоро Эзад-таъоло ба занӣ ба вай дод, ки рост ба Ҳавво монист. Ҷабраил. (а) хутба бихонд ва малоика гувоҳ буданд. Валӣ Одам (а) буд ва қуббае аз зумурради сабз гирди Маҳвоила андар гирифт ва ба қудрати Борӣ-таъоло боз Маҳвоиларо аз Шис баргирифт ва андар вақт аз ҳар ҷой нидо шунид, ки ҳанийан, ҳанийан[2], ё Байзо, нури Муҳаммад (с) зӣ ту омад. Эзад-таъоло он қубба

[1] «Чи» ҳама ҷо ба маънии «чу» ё «чун» истифода шудааст.
[2] Муборак бод, муборак бод.

аз чашми мардумон ва аз шаётин андар ҳиҷоб кард, ки ҳеч касе аз он сӯ натавонистӣ нигарист аз нури бисёр, ки чашми вай нобино гаштӣ андар вақт. Чун Байзо Анӯшро биёвард ва он нур андар ҷабини ӯ бидид, шод шуд. Чи Анӯш бузург шуд, Шис он вадиат ба Анӯш супурд ва Анӯш ба Қинон ва Қинон ба Маҳлоил ва Маҳлоил низ зане ихтиёр кард, чунон ки фармон буд, номаш Аҷарра. Ва бор баргирифт ва Ахнух, ки Идрис буд, биёмад ва он нур бар ҷабини ӯ пайдо. Ҳамон васият ва аҳд бад-ӯ супурд ва ӯ бипазируфт [ва] Баруҳоро – бузургвортари занонро ба занӣ кард ва Матушалх [аз ӯ биёмад ва Матушалх]ро Ламак биёмад ва Ламак марди бузургвори боқувват буд, Қайнӯш бинти Баркоил ибни Маҳвоилро ба занӣ кард, Нӯҳ (а) аз ӯ биёмад ва он нур пайдо. Ламак он аҳд ба Нӯҳ пайваста кард ва ӯ қабул кард. Амаррияро ба занӣ кард, зане бузургвори муъминаи солеҳа буд, Сом аз ӯ биёмад ва нури Мустафо (с) бар ӯ пайдо. Нӯҳ он нур ба вай вадеат кард ва ӯ бипазируфт ва тобути Одам (а) бад-ӯ супурд ва он тобут аз дурраи Байзо буд ва онро ду дар буд аз зари сурх ва ду банд аз зумурради сабз ва зане бад-ӯ доданд аз духтарони мулук, чунон зане, ки андар ҳама олам ӯро низ ба ҳусну ҷамол ва покизагӣ назир набуд. Арфахшад аз ӯ биёмад ва нур биёвард. Сом тобут ва нур бад-ӯ супурд ва ӯ қабул кард. Ва Арфахшад Марғонаро ба занӣ кард ва Обир аз ӯ биёмад ва ӯ Ҳудуннабӣ буд (а). Нур биёвард ва аз ҳар ҷой нидо баромад, ки ин нури Мустафост, ки бутон бишканад ва куффор ҳалок бикунад. Ва Арфахшад тобут ва нури падар бад-ӯ супурд ва ӯ қабул кард. Миййшохоро ба занӣ кард, Фолих аз ӯ биёмад ва аз Фолих Шоних ва аз Шоних Арғуво ва аз Арғуво Ашруъ ва аз Ашруъ Ноҷуро ва аз Ноҷуро Торах ва аз Торах Озар, то бинти Саммарро ба занӣ кард ва Халил Иброҳим (с) биёмад. Ва андар вақти мавлуди Иброҳим ду олам падид омад: яке ба Машриқ шуд ва дигаре ба Мағриб, ҳама дунё пурнур шуд, нуре сӯи осмон чун амуде баршуд, чунон ки овозе аз он ҳаме омад. Малоика бididанд ва гуфтанд: Бор-Худоё ин чист? Овоз омад, ки: Нури Муҳаммад аст (с). Ва боз Иброҳимро ҳиҷоб баргирифта шуд, чунонки Одам (а)-ро буд аз пеш, то бидид ҳама Бани Одамро ва аз уммати анбиё алайҳим-ус-салом, уммате надид бузургвортар аз уммати Мустафо (с).

Хост, ки бипурсад, нидо омад, ки: Ин Муҳаммад аст ё Халил, Ҳабиби ман (с) ва дуни ин ҳеч ҳабиб нест. Ман ӯро ёд кардам пеш аз офариниши осмон ва замин ва падари ӯ Одам он рӯз миёни гилу рӯҳ буд ва туву ӯ андар дараҷа бартаред ва ман нури ӯ ба ту пайваста кунам ва аз ту ба Исмоил (а) ва караму хайру бузургвориро фармудам, то бо ӯ ҳамроҳ бошанд. Иброҳим Сораро хабар кард бад-он чи Эзад-таъоло ӯро намуд ва Сора тамаъ андар нури пайёмбар (с) кард ва ҳамеша онро мутаваққеъ буд, то Ҳоҷар биёфт. Чун Исмоил биёмад ва нур биёвард, Сора ғамнок гашт ва бигирист аз ғайрат ва гуфт: Ё Иброҳим, чӣ буд, ки аз ҳама занон ман бе фарзанд мондам. Иброҳим (а) гуфт: Ғам мадор, ки Эзад-таъоло ваъдаи хеш тамом кунад. Ҳамчунон ғамгин буд, то Исҳоқро (а) биёвард ва бузург шуд. Чун Иброҳимро вақти рафтан омад аз ин ҷаҳон, тобути Одам биёвард ва фарзандонро ҷамъ кард ва он рӯз шаш писар буданд ва ҳар пайғомбареро андар он тобут хонае буд. Гуфт: Сар боз кунед, сар боз карданд ва нигоҳ карданд ҳама хонаҳои [вулди][1] Иброҳим (а) андар он бididанд, ба охири ҳама хонаи Муҳаммад Мустафо (с) буд ва ансоби ҳама пайдо карда, ки аз кӣ бошад ва ба кадом насл бозгардад. Ва Муҳаммад (с) андар хонае буд, аз ёқути ҳамро ва намоз ҳамекард ва аз дасти рости ӯ марде куҳли мутеъ бар ҷабини ӯ набишта: **Ҳаза аввалу ман табиъаҳу мин умматиҳи мин ал-муъминин[2]** ва ӯ Абӯбакр ас-Сиддиқ буд ва бар ясори ӯ Форуқ ва бар ҷабини ӯ набишта: **Фарқу мин ҳадидин ло таъхузуҳу фи-л-лоҳи лавмата лоимин[3]** ва ин Умар ибн ал-Хаттоб буд. В-аз паси пушти ӯ Зуннурайн буд, набишта бар ҷабини ӯ: **Ё зайн-ал-барияти ва лубб-ал-хулафои[4]** ва ин Усмони Аффон буд ва аз паси ӯ Алӣ ибни Абитолиб буд, шамшер кашида бар гардан ниҳода, бар пешонии ӯ набишта: **Ҳаза аҳуҳу ва ибну аммиҳи ал-муайяду би-н-насри**

[1] Фарзанд, насл. Ин вожа дар шакли «валд» ҳам истифода мешавад.
[2] Ин аввал касе аз ҷумлаи муъминони уммати ӯст, ки ба вай мутобиат кардааст.
[3] Порае аз оҳан, ки дар роҳи Худо маломати маломатгарон ӯро нахоҳад расид.
[4] Эй зинати покӣ ва фахри хулафо.

**инда-л-лоҳи таъоло**[1] ва перомуни вай муҳоҷирину ансор. Ва гуфтаанд нури ҳавофири сутурони эшон чунон тобон бошад, ки хуршед акнун ба дори дунёст. Пас Иброҳим (а) фарзандонро гуфт: Нек нигоҳ кунед, то анбиё ба кӣ бипайвастаст аз шумо. Пас нигоҳ бикарданд, ҳама ба Исҳоқ пайвастанд, магар Муҳаммад (с) ҷудогона ба Исмоил пайваст. Ва андак вақт нур пайдо шуд бар ҷабини Исмоил. Падар ӯро гуфт: Бах, бах **ҳанийан лака ё бунайя,**[2] Эзад-таъоло ва тақаддас туро хоса кард бад-ин нури бузургвори хотами анбиё ва аҳду [тобути] падар [бад-ӯ] дод ва ӯ қабул кард, пас Ҳоларо – духтари Ҳорисро ба занӣ кард ва Қайдор аз ӯ биёмад ва нур биёвард. Чун бузург шуд, Исмоил [аҳд] бад-ӯ супурд, ӯ қабул кард ва тобут бад-ӯ супурд ва Қайдор малики хеш буд хост, ки ба ихтиёри он нур ба вулди Исҳоқ (а) пайваста гардонад. Ва Эзад-таъоло хост, ки ӯро бисёр аҷоибҳо андар нафси ӯ бинамояд ва охир он бошад, ки Эзад-таъоло хоҳад.

## Қиссаи Қайдор ал-Малик ибни Исмоил андар ҳадиси нури Мустафо (а)

Қайдор подшоҳ буд ва ӯро ҳафт хислат буд, ки ҳеч подшоҳро набуд. Сайд кардан, ки ҳар чи бидидӣ, хостӣ ба каманд гирифтӣ ва хостӣ мукобара ва тир андохтӣ, ки ҳаргиз як чӯба тир хато накардӣ.

Седигар[3] чунон савор ҳаргиз набуд ва чаҳорум бар қуввати ӯ аз бузургон ҳеч кас аз одамӣ набуд ва панҷум ба диловарии ӯ ҳеч мард набуд ва шашум ба саховати ӯ набуд ва ҳафтум касеро қуввати занон доштан чун ӯро набуд. Дувист духтар ба занӣ кард, аз вулди Исҳоқ (а), ки магар он нур ба яке пайваста гардад, нагашт. Ва дувист сол ӯро умр баромад, ки ҳеч фарзанд наёмад. Охир рӯзе ба сайд рафт ва аз он ҷо бозгашт. Вуҳушу туюр ва сибоъ дид, ки як ҷо ҷамъ шуда, ӯро аҷаб омад ба як овоз ӯро гуфтанд ба забонҳои фасеҳ ба сухани одамӣ ки: Чаро андешаи нури Муҳаммади

---

[1] Ин бародари ӯ (яъне Муҳаммад (с) ва писари амаки ӯ, таъйидшуда ба нусрат аз ҷониби Худованд.
[2] Муборак бод бар ту, эй писарам.
[3] Сеюм.

Мустафо (а) надорӣ ва вадеату васият, ки пазируфтаӣ, тамом накунӣ ва чанд умр гузоштӣ ба бозӣ машғул гашта?

Қайдор ба хона шуд ғамгин ва савганд хӯрд, ки таому шароб нахӯрам, то Эзад-таъоло маро пайдо гардонад, ки чӣ бояд кард. Пас чанд рӯз баромад ва ҳеч нахӯрд. Андар миёни ҳомуне намоз ҳамекард, ки фариштае ҳамчу одаме некурӯй бо либос аз ҳаво омад ва бад-ӯ салом кард ва Қайдор саломи ҷавоб дод. Пас фаришта ӯро гуфт: Ё Қайдор, чандин мамлакат ва шаҳрҳо рондӣ ва ба шаҳвоту лаззоти дунё машғул будӣ. Вақт наёмад, ки аҳдро тамом кунӣ ва нури Муҳаммади Мустафоро адо кунӣ? Ва бидон, ки он андар вулди Исҳоқ нахоҳад буд, аммо акнун бибояд рафт ва Худойро таъоло ва тақаддас қурбонӣ кунӣ ва аз ӯ дархоҳӣ, то туро пайдо гардонад.

Ин бигуфт ва ҳамчунон бар осмон баршуд. Қайдор андар вақт бад-он ҷойгоҳ шуд, ки Исмоилро мавлуд буд. Ҳафтсад кабши ақран[1] аз кибоши Иброҳим (а) қурбон кард ва ҳар қурбонӣ, ки бикард, оташе сурх аз ҳаво андар омад ва он қурбонро ба ҳаво бурд. Пас аз ҳаво бонг омад, ки: Бас кун ё Қайдор, ки Худой-таъоло дуои ту мустаҷоб кард ва қурбони ту қабул кард. Бирав андар зери дарахти Ваъд Бихусб, то ба хоб андар туро бинамояд, ки чӣ бояд кард. Қайдор андар зери дарахт шуд ва бихуфт. Ба хоб андар дид, ки касе ояд ва ӯро гӯяд, ки ин нуре, ки ту дорӣ Эзад-таъоло ҳама нурҳоро аз ин офарид ва нахоҳад, ки бирасад ба ҷои дигар, магар аз покизагон ва духтарони араб аз духтаре, ки номи ӯ Ғозира бувад. Қайдор бедор шуд, шодон гашт ва андар соат расулон фиристод ба ҳар ҷой, ки талаб кунанд духтаре, ки номаш Ғозира аст ва бад-он сабр накарду худ барнишаст, шамшер кашида ва талаб ҳамекард, то бирасид ба наздики малики Ҷарҳам ва ӯ аз вулди Даҳл ибни Омир ибни Яъруб ибни Қаҳтон буд ва ӯро духтаре буд Ғозира ном, некутари занони он замон. Ӯро ба занӣ кард ва ба подшоҳии хеш бурд. Ҳамл аз ӯ ба Ғозира омад. Дигар рӯз Қайдор андар рӯи Ғозира нигоҳ кард ва нур он ҷо дид, шодон шуд. Ва тобути Одам (а) ӯ дошт, вулди Исҳоқ ӯро ҳаме гуфтанд, ки тобут моро диҳед, ки нур худ шумо доред,

---

[1] Гӯсфанди шохдор.

бас кунад ва анбиё андар вулди мост. Ва ӯ намедод ва гуфт: Падарам васият маро кардаст. То рӯзе бирафт, ки тобут бикушояд, кушода нагашт ва аз ҳаво овоз омад, ки: Беш ин тобут ба дасти ту накшояд, ки ту васияти хеш тамом кардӣ. Тобут ибни амми хешро, Яъқубро деҳ, ки он ба дасти ӯ кушояд ва ӯ Исроил аст.

Ва Абӯмуҳаммад ат-Тарранақӣ[1] чунин гӯяд, ки ӯро бадон Исроил хонанд, ки ӯ андар Байтулмақаддас буд ва охир ҳама кас берун омадӣ ва пеш аз ҳама кас андар шудӣ, чун андар шудӣ, ҳама чароғҳо дидӣ фурӯ карда. З-он аҷаб дошт, андар масҷид ниҳон шуд, то ин кӣ ҳаме кунад. Чун замоне буд он касро биёфт ва бигрифт ва бар сутуне барбаст, то мардумон бомдод андар омаданд ва ӯро бидиданд. Яке ҷиннӣ[2] буд номи он Қайд. Он ки номи Исроил бар Яъқуб ниҳоданд, зеро, ки он ҷинниро асир карда буд.

Пас чун Қайдорро фармон омад, ки тобут Исроилро деҳ, Ғозираро гуфт: Ночор ин вадеат мебояд супурд, ки наздики ман амонат аст. Агар ман бирафтам ва пеш аз омадан туро ғуломе ояд, ӯро Ҳамл ном кун. Пас тобут баргирифт, ки ба Канъон барад, бар дӯш барниҳод, ба як соат аз баракати он тобут наздики Канъон бирасид ва замини ӯро баргирифт. Пас тобут яке бонг кард, Яъқуб (а) гирён гашт, ки он нур бо ӯ надид. Гуфт: Ё ибни амм, чӣ буд туро? Гуфт: Нури Муҳаммад (с) бидодам нур аз ман бишуд. Яъқуб гуфт: Ба фарзандони Исҳоқ додӣ? Гуфт: На би-л-аъарабият-ил-ҷарҳамия Ғозираро. Яъқуб гуфт: Ба фарзандон ин аст бузург шарафи Мустафо (с), ки набувад магар андар арабиёти тоҳирот. Ё Қайдор, башорат туро, ки туро дӯш писаре бузургвор омад. Қайдор гуфт: Ту ба замини Шому ӯ ба замини Ҳарам андар, чӣ гуна донӣ? Гуфт: Дарҳои осмон кушода дидам ва он нур то ба осмон баршуда, ки Муҳаммади Мустафо (с)-ро Эзад-таъоло аз он мавҷуд дорад, бидонистам, ки ҳол будаст андар олам ҷиҳати ӯ. Пас чун Ҳамл бузург шуд, Қайдор дасти ӯ бигрифт, то ӯро Макка ва

---

[1] Дар асл бояд ин ном Тарқуфӣ бошад, ки Ёқути Ҳамавӣ дар «Мӯъҷам-ул-булдон» онро дар шакли Абумуҳаммад ал-Аббос ибни Абуллоҳ ибни Абиисо ат-Тарқуфӣ зикр кардааст ва ӯ яке аз пешвоёни илми ҳадис будааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Аз ҷумлаи ҷинҳо.

мақому ҷойгоҳи хона бинмояд. Чун ба кӯҳи Сабир расид, малакулмавт андар сурати одамӣ пеши ӯ омад ва салом карду гуфт: Куҷо равӣ, ё Қайдор? Гуфт: Ин писарро мақому хонаи Ҳарам бихоҳам намуд. Гуфт: Умед, ки хайр бошад, аммо ман туро насиҳате дорам. Дасти вай бигрифт ва рӯҳи ӯ аз сӯи гӯш қабз кард ва Қайдор мурда бияфтод пеши писараш. Ҳамл хашм гирифту гуфт: Падарамро бикуштӣ. Малакулмавт гуфт: Неку нигоҳ кун, ки то худ мурдаст ё на? Ва Ҳамл хост нигоҳ кунад, Малакулмавт андар пеши ӯ бар осмон баршуд. Ва Ҳамл барнигарид ва ҳеч кас надид, донист, ки ҳол чист. Фаро сари падар биншаст гирён. Эзад-таъоло сабаб кард, то андар вақт гурӯҳе аз фарзандони Исҳок (а) фаро расиданд ва Қайдорро бишустанду кафан ва дафн карданд ва ба кӯҳи Сабир андар ниҳоданд. Ҳамл танҳову ятим бимонд. Эзад-таъоло ӯро қабул кард, то бузург шуд ва малик шуд ба иззу шараф ва зане ба занӣ кард аз бузургони қавми хеш бар он ҷумла, ки эшонро аҳд буд, номаш Ҳурайва ва Набат аз ӯ биёмад ва ба расми падари хеш ҳамебуд ба ҷалолату бузургӣ то Ҳамайсаъ аз ӯ биёмад ва боз Ҳамайсаъро Удад биёмад ва номаш андар ҷаҳон бузург шуд ва илму адаб омӯхт ва фазли китобат буд ӯро бар аҳли замони хеш. Ва Удадро Аднон биёмад ва Аднон бад-он гуфтанд, ки чашми ҷинну инс бад-ӯ буд. Хостанд, ки ӯро ба ҳасад бикушанд, ки доноёни ҳаким гуфтанд, ки бузургони олам аз ин бошанд. Эзад-таъоло мувакқал кард бад-ӯ, ҳарчанд ҷаҳд карданд бад-ӯ бад наёристанд кард. То боз аз ӯ Муъад биёмад ва ӯро Муъад бад-он гуфтанд, ки андар Бани Исроил бисёр ҳарбҳо ва ғоратҳо кард ва бар ҳама вақте музаффар ва мансур буд ва моле ӯро ҷамъ шуд, ки ҳеч подшоҳро чандон набуд андар дунё. Боз Назор аз ӯ биёмад ва ӯро Назор аз он гуфтанд, ки Муъад чун нури Мустафо (с) андар он бидид, қурбонҳо бисёр кард. Охир гуфт: Агар ҳеч мулку милки ман аст, ҳама пеши ин нур қурбон кунам, андак бошад, **Лақалилун нузур**.[1] Боз ӯ аз қавми хеш, чунон ки аҳд буд, зане ба занӣ кард номаш Саъда ва Музар аз ӯ биёмад ва ӯро Музар бад-он гуфтанд, ки ҳар гаҳ ки ӯ даст ба дил барниҳодӣ, ҳеч кас ӯро надидӣ

[1] Назрҳо кам аст.

ва сайиди ҳама араб ӯ буд. Ва з-ин ҳар як бар фарзанди хеш номае ҳаменабишт бар аҳду мисоқ бар он ҷумла, ки гуфтем ва он номаҳо андар хонаи Каъба ҳамениҳоданд, аз рӯзгори Исмоил (а) то он гоҳ ки пилро ба Макка оварданд. Пас Амру ибни ал-Луҳай он ҳама тағйир кард. Пас Музар Казмаро ба занӣ кард ва Казмаро Умми Ҳаким гуфтӣ. Илёс аз ӯ биёмад, баъд аз он ки аз фарзанд навмед гашта буданд ва Илёс ҳамеша талбия кардани Ҳазрати Расул (а) мешунидӣ ва мегуфтӣ мардумонро, то Мухҳаро ба занӣ карду Мудрика аз ӯ биёмад ва ӯро Мудрика бад-он гуфтандӣ, ки бирасид ба дараҷае бузург аз шарафу фазл. Боз Мудрика Қуръаро ба занӣ кард ва Хузайма аз ӯ биёмад ва Хузайма дер боз зан накард, ки намеёфт андархури хеш...[1] Андар дид, Мурра духтари Адд ибни Тобихаро ба занӣ бояд кард. Пас ба занӣ кард ва Кинона аз ӯ биёмад ва Кинона Райҳона, ки Умму-т-тайиб гуфтандӣ ба занӣ кард ва Назр аз ӯ биёмад. Эзад-таъоло ӯро мухтор кард ва нуре бузургвор аз ӯ падид омад, ва ӯро Қурайш гуфтанд. Ҳар чи фарзандони Назр бошанд, Қурашӣ бошанд ва ҳар чи аз ӯ нестанд, Қурашӣ набошанд ва ӯ он буд, ки ба хоб дид.

## Хоби Назр ибни Кинона ва ӯ он аст, ки ӯро Қурайш гуфтанд

Ва ӯ ба хоб дид, ки дарахти сабз аз пушти ман падид омад ва ҷой гирифт ва баршуд то инони осмону ҷаҳон ҳама шох зад ва он шоххо ҳама нур гашт. Боз гурӯҳе дидам, чандон ки ҳама ҷаҳон пурмардум шуд ва ҳар кас аз он шохе даст гирифта, то ба осмони дунё ҳама пурмардум дидам.

Чун аз хоб бедор шудам, кандаони[2] Қурайшро бипурсидам, гуфтанд: Агар ин хоб ту дидаӣ, ба иззу карам ва бузургӣ махсусе гаштӣ ва ба ҷойгоҳе расидӣ, ки ҳеч одамиро он бузургӣ набудаст. Ва андар вақт Эзад-таъоло назаре кард ба сӯи замин, фаро малоика гуфт: Кист андар ин замин, андар ин рӯзгор бузургвортар наздики ман? Ва

---

[1] Мувофиқи худ, муносиби худ.
[2] Доноён, ҳакимон.

худ бад-он донотарам. Гуфтанд: Бор-Худоё, сайидо, намебинем ҳеч кас, ки туро ҳаме ёд кунад андар замин, магар як нур, ки он вадеат аст наздики яке аз вулди Исмоил (а). Ҷаббор ҷалла ҷалолуҳу гуфт: Гувоҳ бошед ё малоика, ки ман ӯро ба баракоти Мустафо (с) баргузидам ва наздик гардонидам.

Ва Ҳараму Макка ва Араб ҳама ӯро кушода шуд. Ва Молик аз ӯ мавҷуд омад. Молик бад-он гуфтанд, ки ҳама Араб ӯро андар фармон шуданд. Ва аз Молик Фаҳр биёмад ва аз Фаҳр Лувай ва аз Лувай Ғолиб ва аз Ғолиб Каъб ва аз Каъб Мурра ва аз Мурра Килоб ва аз Килоб Қусай ва ӯро Қусай бад-он ном карданд, ки ҳама ботил дур фиканд ва ҳақ наздик овард ва аҳкоми ҳама Араб ӯ кардӣ. Ва аз Қусай Абдуманноф биёмад ва ӯро шарафи бузург буд, чунонки ҳама мулуки замин ӯро ҳадя ва расул фиристоданд ва ливои Назору камони Исмоил ва сиқоят-ул-ҳоҷу мафотиҳи асном[1] ба даст овард. Ва ӯро панҷ писар буд ва нӯҳ духтар. Аввали писарон Ҳошим буд ва ӯро Ҳошим бад-он гуфтанд, ки ибтидои сарид[2] ӯ кард ва ҳама ҷаҳонро хони ӯ ниҳода буд. Ва Ҳошим он нур биёвард ва васият пазируфт ва ҳама модаронашон то наздики Ҳазрати Расул (с) покон ва ҳурратони араб буданд ва ҳама аҳд пазируфта буданд ва аҳдро вафо карда ва кобинҳои гарон аз ҳазор динор ҳеч кас кам набуд ва беш буд.

Воқидӣ гӯяд, ки Ҳошимро Эзад-таъоло баргузид ва пок кард ва малоикаро огоҳ кард, ки: Ман ин бандаро аз ҳама чизе пок кардам. Ва он нур андар ӯ таъсир кард, то чун ҳилоле бадре ё кавкабе дурре андар ҷабини ӯ дарафшон буд, то чунон шуд, ки ҳеч одамӣ ва ҷиннӣ ӯро надид, илло соҷид гашт. Ва хабари ӯ бирасид сӯи Қустантини Қайсар ба Рум, пас расул фиристод сӯи вай, ки маро духтарест, ки имрӯз то Шарқу Ғарб ӯро дигар нест, ба занӣ туро диҳам. Ва ӯ ибо кард ва сабаби он нури бузургвор буд, зан накард, то Эзад-таъоло ӯро ба хоб андар бинамуд, ки Салморо – духтари Зиёд ибни Амру ибни Лабид, ибни Хардош, ибни Удай

---

[1] Раҳнамоии ҳоҷиёну калидҳои Каъба.

[2] Таоме, ки аз гӯшти дар об пухташуда тайёр карда мешавад ва нонпораҳоро дар он тар карда мехӯранд. Онро тарид ё тарит ҳам мегӯянд. Ин ҷо мурод аз «сарид» меҳмондории умумӣ аст (Аз шарҳи М. Баҳор).

ибни ан-Наҷҷорро ба занӣ кун. Ба занӣ кард ва ӯ аз ҳурратони араб буд, чунонки Хадиҷа бинти Хувайлид андар замони Расул буд ва бикр буду бохирад ва камолу ҷамол, Абдулмуталлиб з-ӯ биёмад.

Ӯ ба хоб буд, бедор шуд, ҳуллае дид аз биҳишт пӯшида ва маҳд ба ҳуллаҳои биҳишт ороста ва Абдулмуталлиб покиза бад-он маҳд андар, сурма ба чашми модару писар андар кашида ва ба равғанҳое, ки ҳаргиз чунон надида буд, андояш карда, аҷаб монд. Сӯзане ба даст гирифту наздики куҳанаи[1] Қурайш шуд ва қисса бигуфт. Гуфтанд, ки Эзадтаъоло...[2] фармон дод, ки ин ғуломро аз бузургон зане диҳед ва бузурге хоҳад буд з-эшон. Қайла бинти Амру ибни Оҷирро бад-ӯ доданд ва бузург шуду аҳд қабул кард ва Ҳорис аз ӯ биёмаду бимурд он зан. Боз Ҳинд духтари Амруро ба занӣ кард. Пас Ҳошимро гоҳи рафтан омад Абдулмуталлибро гуфт: Фарзандони Назрро ҷамъ кун наздики ман. Абдушшамсу Маҳрум ва Фаҳру Лувайии Ғолиб... ва Ҳошим чуз модари Абдулмуталлибро...[3] ва Абдулмуталлиб он рӯз бисту панҷсола буд ва некутару бохирадтари ҳама мардумони ҷаҳон буд. Ва касе набуд андар ин олам, ки бо ӯ тавонистӣ кӯшидан аз шуҷоату фарру ҳайбат, ки андар ӯ буд. Ва бӯй ҳамедамидӣ аз ӯ хуштар аз бӯи мушку кофур ва анбар ва нури Мустафо (с) аз ғурраи ӯ дарафшон.[4] Чи Ҳошим бад-ӯ бад-он нур нигоҳ кард ва ҳама Қурайш ҷамъ буданд, гуфт: Бидонед, ки шумо мухҳи вулди Исмоилед ва Худои азза ва ҷалла шуморо баргузидаст ва хосаи хеш карда ва суккони ҳараму саданаи ӯед. Ва ман имрӯз меҳтару сайиди шумоям ва ливои Назору қавси Исмоил (а) ба дасти ман аст ва сиқоят-ул-ҳоҷҷу мафотиҳ-ул-асном ва сомаву ҳома,[5] акнун ман шуморо ва ин чизҳо, ки ёд кардам, ҳама ба Абдулмуталлиб супурдам ва ӯро меҳтари шумо кардам.

Ва ҳама бузургони ҷаҳонро аз ин кори нур хабар буд, бад-ин имон доштанд ва ҳадяҳо фиристодандӣ худовандаи онро. Чун ба Макка борон наёмадӣ, Қурайш ҷамъ шудандӣ

---

[1] Коҳинон.

[2] Ин ҷо аз матн чизе афтодааст.

[3] Дар як ҷумла ду афтодагии матн ҳаст ва ҷумла ноқис шудааст.

[4] Дар ҳама ҷо «дарафшон» ба маънии дурахшон омадааст.

[5] Ҳимоят ва нигаҳбонӣ.

ва Абдулмутталибро ба кӯҳи Сабир бурдандӣ ва ӯ дуо кардӣ, Эзад-таъоло андар вақт борон фиристодӣ ва бисёр аҷоибҳо буд ӯро ба нури Муҳаммади Мустафо (а).

## Андар қиссаи Абраҳа ас-Саббоҳ бо Абдулмутталлиб, нахустин, ки ба Макка омаданд

Чун Абраҳа каррати нахустин биёмад ва қасди вайрон кардани Макка кард, Абдулмутталлиб бузургони арабро гуфт: Бад-ин боб ҳеч дил машғул набояд дошт, ки ӯ он вайрон наёрад кард, ки онро Худованде тавоност, ӯро нагузорад ва ин хонаро нигоҳ дорад.

Пас Абраҳа биёмад, то наздикони[1] Ҳарам фурӯд омад ва уштуру гӯсфанди маккиён биронданд ва андар миёнаи он чаҳорсад уштури сурхи Абдулмутталлиб буд. Чун хабар ёфт, барнишаст бо гурӯҳе бузургони Қурайш, чун ба кӯҳи Сабир бирасид, он нур бар ҷабини Абдулмутталлиб мудаввар шуд ва чун моҳ тобидан гирифт ва аз он ҷо бар Макка тофт. Бузургони Қурайш з-он дар тааҷҷуб монданд. Гуфтанд: Бозгардед, ки ин нур ҳаргиз натофт бар ҷое илло зафар онро буд. Бозгардед, ки ин бар Макка тобид. З-он ҷо бозгаштанд. Хабар ба наздики Абраҳа шуд, ки бузургони Қурайш биёмаданд ва бозгаштанд. Ӯ хашмнок шуда ва ӯро сарҳанге буд, ки ҳазор савор баробарӣ кардӣ, Ҳабботат-ул-ҳумайри гуфтандӣ. Бифиристодаш, ки Абдулмутталлибро биёр. Биёмад, ба Макка андар шуд. Чун Абдулмутталлибро бидид ва он нур бар ҷабини ӯ, битарсиду ларзон гашт ва ҳуш аз ӯ бишуд, то як замон, ки ба ҳуш омад, гуфт ки: Ҳақ-қо сайиди Қурайш туӣ. Пас ӯро соҷид гашту гуфт. Малик Абраҳа мегӯяд, биёмадӣ ва бозгаштӣ, сабаб чӣ буд? Кунун фазл кунад ва ранҷа бошад, то ӯро бубинем. [Абдулмутталлиб] барнишаст бо бузургони Қурайш ва бирафт. Чун ба миёни лашкар андар шуд, расул ба ҳоҷибе пеши вай бирафт, то пеши малик даршуд ва гуфт: Инак Сайиди

---

[1] Дар «Таърихи Систон» дар ҳама ҷо лафзи «наздики» дар шакли «наздикони» оварда шудааст. Имрӯз ҳам дар гуфттугӯи мардум ин лафз дар шакли «дар наздикиҳои фалон ҷо» истифода мешавад, ки монанди ҷамъбандии муаллифи «Таърихи Систон» аст (Аз шарҳи М. Баҳор).

Қурайш омад. Абраҳа чун бидид, гуфт: Ин Сайидро набояд таъриф кард, ки ҳар ки инро бубинад, яқин гардад, ки ин Сайид аст, бо ин бузург нур. Пас ба пой хост ва Абдулмутталлибро даст гирифт ва ба тахт бароварду биншонд ва бад-ӯ нигоҳ ҳамекард, боз гуфт: Ё Абдулмутталлиб, падаронатро ин нур буд? Абдулмутталлиб гуфт: Ин мерос аст. Ҳама падарони маро ҳамчунин буд. Гуфт: Шумо шарафи мулук ва бузургонед. Ва боз нигоҳ карду ӯро пиле сафед буд бузургвор, чунонки дандони ӯро мурассаъ карда буд, ба ҷавоҳир ва бар ҳама мулук хештанро бад-он пил фахр донист. Ва ҳама пилон Абраҳаро саҷда кардӣ ва он як пил накардӣ. Фармон дод, ки он пилро биёред. Он пилро пеш оварданд, ороста. Чун пил Абдулмутталлибро бидид, ба зону андар омад ва Абдулмутталлибро саҷда гирифт ва ба забони одамиён бонг кард, чунонки ҳама халқ овози ӯ бишниданд, ки: Салом бар он бузургӣ, ки ҷабини ту шарафу иззи дунёву охират андар ӯст. Ё Абдулмутталлиб, ту ҳаргиз хор нагардӣ ва касеро бар ту зафар набошад.

Маликро аз он аҷаб омад, ва ба дил андеша кард, ки магар Абдулмутталлиб соҳир аст. Андар вақт саҳара ва кухҳони[1] худро бихонду гуфт: Маро рост гӯед, ки ин сабаб чист, ки ин пил ҳаргиз маро саҷда накард ва Абдулмутталлибро саҷда карду сухан бо ӯ гуфт. [Нигаред, ки ин соҳир аст? Гуфтанд: Ин пил саҷда накарда соҳирии ӯро], валекин он нуреро, ки андар ӯ мувадда’ аст, охирзамон берун ояд ва ӯ Муҳаммад бошад ва дунё ҳама бигираду мулукро хор кунад ва дини кунандаи[2] ин хона ошкоро кунад, яъне Иброҳим (а) ва мулки ӯ бисёр фузун шавад аз мулки вай ва он аз мулук, ки буданд андар ҷаҳон то кунун. Пас гуфтанд: Моро дастурӣ деҳ, то ҳама дасту пои Абдулмутталлиб бӯса кунем. Дастурӣ дод. Дасту пойи Абдулмутталлибро бӯса доданд ва пас малик бархост ва сари ӯ бӯса доду ӯро атои бисёр дод ва он уштуру гӯсфанд ҳама боздоду аз он ҷо бозгашт. Ва Абдулмутталлиб ба Макка бозомад ва Ҳола бинт-ал-Ҳарсро ба занӣ кард. Бӯлаҳаб аз ӯ биёмад ва номи Бӯлаҳаб Абдулуззо буд, кофире буд,

---

[1] Соҳирон ва коҳинон.
[2] Созанда, бунёдкунандаи хона.

шайтоне рачим. Боз Суъдо бинти Ғиёсро ба занӣ кард ва Аббос аз ӯ биёмад, он ки хулафову умаро аз вай омаданд ва Сафия аз ӯ биёмад. Ва Ҳамидаро ба занӣ кард, Ҳамза Сайидушшуҳадо аз ӯ биёмад ва Ҳачал ибни Абдулмуталлиб ва Отика бинти Абдулмуталлиб. Боз рӯзе хоб карду тарсида бедор шуд ва ҳамчунон бо шитоб мерафт. Ва Аббос гӯяд, ки ман бузург будам, аз паси падар ҳамерафтам, то каҳанаи Қурайш пазираи ӯ омаданд, гуфтанд: Чӣ буд ё Або ал-Ҳорис. Гуфто: Хобе дидам ва аз он тарсон шудам. Гуфтанд: Чӣ дидӣ? Гуфто: Занчире дидам, ки аз пушти ман берун омад ва онро чаҳор тараф, яке бирафт ва бигрифт то Машриқ ва дигар бирафту бигрифт то Мағриб ва яке то ба осмон баршуд ва яке аз Сурайё бигзашт ва ман бад-он нигоҳ ҳамекардам, то силсила дарахте гашт, ҳамчунин гирифта буд ва ҳар чи сабзтару некутар аз он дарахт нур дарафшон гашт. Ҳамчунон нигоҳ ҳамекардам, ки ду пири бузургвори боҳайбат дидам, ки пеш омаданд, якеро гуфтанд: Ту кистӣ? Гуфто: Маро надонӣ? Гуфтам: На. Гуфт: Ман Нӯҳам, пайғамбари Рабб-ул-оламин. Дигарро гуфтам: Ту кистӣ? Гуфт: Ман Иброҳими Халилурраҳмон. Ман бедор гаштам.

Каҳана гуфтанд: Агар хобат рост аст, аз пушти ту берун ояд фарзанде, ки аҳли осмонҳо ва заминҳо бад-ӯ имон оранд ва оламе пайдо гардад ду чаҳон. Пас Абдулмуталлиб дер гоҳ баромад, ки ҳеч зан накард, то боз ба хоб дид, ки Фотима бинти Амруро ба занӣ кун. Ба занӣ кард ва сад уштури сурх ва сад ратл[1] зари сурх дод ӯро ва Абӯтолибу Омина бинти Абдулмуталлиб аз ӯ биёмад ва ҳеч он нур аз ӯ нарафт, то рӯзе ба сайд шуд, ташнаву ранча бозгашт, сояе бузург дид. Ва бар он об фуруд омад ва аз он бихӯрд ва ба хона омад. Он шаб нур аз ӯ сӯи Фотима шуд. Ва Абдулоҳ аз ӯ мавчуд омад бо он нури бузургвор. Ва Абдулмуталлиб шод шуд, бад-он ва ҳама аҳбори Шом андар вақт хабар ёфтанд аз мавлуди Абдуллоҳ. Ва сабаб он буд, ки суфе доштанд сапед аз они Яҳёи Закариё (а) ва хуни ӯ бар он чо хушк гашта ва бар он чубба[2] набишта буд, ки

[1] Ченаки вазн, баробари 144 дирҳам ё 449, 28 гр.
[2] Ҷомае бо остинҳои дароз.

ҳар он вақте ки бинед, ки ин хун қатра-қатра аз ин ҷубба бичакад ва ҷубба сапед гардад. Бидонед, ки Абдуллоҳ падари Муҳаммади Мустафо (а) андар ин ҷаҳон омад. Ва эшон рӯзу моҳу сол ҳамешумурданд, чи бидиданд, ки хун қатра гашт ва ҷубба сапед шуд, бидонистанд. Чун ӯ бузург шуд, ҷуҳудон ба талаби ӯ омаданд, ки ӯро бикушанд. Эзад-таъоло ӯро нигоҳ дошт ва чашми эшон бар ӯ кор накард, бозгаштанд ва надиданд. Пас ҳар киро дидандӣ ба Шом аз Макка, аз Абдуллоҳ бипурсиданд. Қурайш ӯро ҳамесутуданд ба сурату камолу ҷамол ва ҷуҳудон гуфтандӣ, ки он нур Абдуллоҳро нест. Пас гуфтанд: Киpост? Гуфтанд: Муҳаммадро писари ӯро, ки ба охири замон берун ояд ба пайғомбарӣ ва бутон бишканад ва дини Иброҳим (а) биёрад. Ва Абдуллоҳ андар ҳусн  бад-он ҷойгоҳ расид, ки ҳама занон бар ӯ фитна ҳаме гаштанд ва Юсуфи замони хеш шуд ва он занони коҳина хештанро бар ӯ арза ҳамекарданд ва молҳо ҳамепазируфтанд. Ва ӯ гуфтӣ, ки: Шуморо наздики ман роҳ нест ва ҳар чи аз аҷоибҳои кори хеш падарро бигуфтӣ. Боз рӯзе ба Батҳои Макка берун шуд, нуре дид, ки аз ҷабини ӯ бирафт ва ба ду шох шуд, яке ба Шарқ шуду яке ба Ғарб, боз ҷамъ шуд ва ба ҷабини ӯ андар шуд. Падарро, бигуфт. Падар гуфт: Дер барнаёяд, то фарзанде аз ту биёяд, ки ҷаҳон ҳама ӯро мусаххар гардад. Ва ҳамеша ахбори Шом қасди табоҳ кардани Абдуллоҳ доштанд, то ҳафтод мард аз он ҷо биёмаданд ниҳон ва ба камин андар бинишастанд, то Абдуллоҳ ба сайд шуд, бар ӯ бархостанд ва гирди ӯ андар омаданд. Пас Ваҳб Абдуманоф аз дур бидид – падари Омина, ки ҷадди Мустафо (с) буд, хост, ки Абдуллоҳро нусрат кунад, аз осмон саворон дид, ки омаданд ва он ҷуҳудонро андар вақт ҳама бикуштанд. Ӯро аз он аҷаб омад. Андар вақт ба хона омад ва бар Бирра, ки модари Омина буд, гуфт: Ҷаҳд бояд кард, то духтари хеш ба Абдуллоҳ диҳӣ, пеш аз он ки аз даст бишавад. Бирра ба наздики Абдулмуталлиб омад, ки духтари манро – Омина ба Абдуллоҳ деҳ. Абдулмуталлиб гуфт: Ҳеч кас нест писари маро беҳтар аз Омина. Пас ӯро падар ба Абдуллоҳ дод ва дувист зан аз Қурайш бемор шуданд ва аз ғами он бимурданд. Ва Омина некутару покизатари занони Қурайш буд. Пас [ба фармони] Эзад-таъоло ва тақаддас чун шаби

ғурра буд ва шаби одина андар моҳи ҷумодиюлохир он нур аз Абдуллоҳ ба Омина супурда шуд ва дарҳои биҳишт кушода шуд ва фариштагони осмонҳову заминҳо ҳама мужда бидоданд, ки Муҳаммад (а) андар ин шаб мавҷуд омада. Андар иншаб андар ҷаҳон ҳама бутон манкус[1] гаштанд ва тахти иблиси лаъин манкус гашт ва ӯ ба дарё андар уфтод ва яке малак ӯро чиҳил рӯз ба эҳтироқи хуршед[2] ба дарё ҳаме фурӯ бурд, то сари чиҳил рӯз яла кард. Сӯхтаву гурехта ба кӯҳи Бӯқубайс баромад ва нола кард, то ҳама шаётин бар ӯ ҷамъ шуданду гуфтанд: Ё меҳтар, чӣ буд? Гуфт: Ҳалок гаштам, ки ҳаргиз чунин рӯзгор набуд маро. Гуфтанд: Ҳол гӯй! Гуфт: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб бо шамшери қотеъ берун омад, ки моро баъд аз ин ҳеч қувват нест. Динҳо бигардонад ва бутон бишканад ва табоҳ кунад ва дини ваҳдонияти Эзад-таъоло ба олам ошкоро гардад. Ва ин Муҳаммад аст ва уммати ӯ, ки маро ва Эзад-таъоло ба сабаби ӯ лаину ронда кард ва акнун аст, ки ҳол бар ман танг шуд. Надонам, ки чӣ кунам ва куҷо шавам. Афорит[3] гуфтанд: Андеша мадор, ки Эзад-таъоло одамиро ба ҳафт табақа офарид ва ҳар табақаро аз эшон қисмате бувад ва шаш табақа, ки бузургвортар буданд, бигзоштанд ва мо инсофи хеш аз эшон биёвардем, бар инон низ бикӯшем. Пас Иблис гуфт: Бар эшон чӣ гуна даст ёбед? Ва андар эшон чунин хислатҳо бошад: Амри маъруф кунанд ва наҳйи мункару намозу дуову ҳаҷҷу ғазву закот ва Қуръон хондан. Гуфтанд: Мо бар ҳар гурӯҳе бад-он чиз андарем, ки ӯ бад-он тавассул кунад. Бар олим ба илми ӯ ва бар ҷоҳил бар ҷаҳли ӯ, бар зоҳид ба зуҳди ӯ ва бар худованди риё ба риёи ӯ ва дунё бар чашми эшон ороста кунем, то дин бар эшон табоҳ шавад. Иблис гуфт: Эшон эътисом ба Эзад-таъоло кунанд. Гуфтанд: Мо ҳаво ва бидъатҳо андар миёни эшон афканем ва ба хаёл андар дили эшон ширин бикунем. Иблис бихандид, гуфт: Акнун дили ман хуш шуд.

Ва он сол, ки Расул (с) мавҷуд омад, соли қаҳт буд ва Қурайш андар монда буданд. Чун ӯ мавҷуд омад, боронҳо

---

[1] Чаппа шуданд, фурӯ афтоданд.
[2] Гирифтани офтоб.
[3] Ифритҳо, девон.

омад ва ҷаҳон ҳама сабз шуд ва аз ҳар ҷой вафдҳо[1] омадан гирифтанд сӯи Қурайш. Он солро соли фатҳ ном карданд Қурайш ва акнун суннат-ул-фатҳ маъруф аст миёни эшон. Ва ҳукми ҳама араб андар он сол Абдулмуталлибро буд. Ва ҳар рӯз берун омадӣ ва тавоф кардӣ. Чу тавоф бикардӣ, шахсе бузургвор дидӣ, ки баробар истодӣ, бар он сувар, ки Мустафо омад (а). Ва ӯ мардумонро ҳамегуфт, ки ман чунин шахсе ҳаме бинам **кааннаҳу қитъату нурин.**[2] Пас Қурайш нигоҳ кардандӣ ва надидандӣ. Ва андар он шаб ҳама сутурон, ки андар Қурайш буданд, ба забоне фасеҳ бигуфтанд бо худовандон, ки: Ба Худованди Каъба, ки Муҳаммад офарида шуд ва ӯ амонест бар дунё ва сироҷе аҳли онро. Ва андар он шаб ҳама қоҳинон аз якдигар маҳрум гаштанд ва алами эшон бишуд ва ҳама тахтҳои мулуки олам андар он шаб нагун гашта буд, ки бомдод бидиданд ва ҳама мулукон он шаб забон баста гаштанд, ки ин сухан наёристанд гуфтан то бомдод. Ва вуҳуши замину ҳавоми дарё ҳама якдигарро башорат ҳамедоданд ба мавҷуд омадани ӯ (а). Малоика нидо ҳаме карданд ба осмону замин, ки: Башорат шуморо, ки расид вақти берун омадани Абулқосим[3] (с), ки нӯҳ моҳ бигзашт бе дарде ва сахтӣ, ба олам андар ошкора гашт. Ва ӯ ҳанӯз наёмада буд, ки падари вай бад-он ҷаҳон шуд.

## Мавлуди Муҳаммади Мустафо (а)

Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ гӯяд андар таърихи хеш, ки мавлуди Мустафо рӯзи душанбе буд. **Лисамони лаёлин халуна мин шаҳри рабиъи-л-аввали санати-л-фили**.[4] Пас аз он ба панҷоҳ рӯз зод, ки асҳоби Фил ба Макка ҳалок шуданд. Ҳафдаҳуми даймоҳ ва бистуми Найсон **санаи самонмиа ва исно ва самонина** (ҳаштсаду ҳаштоду ду) аз гоҳи Зулқарнайн ва хуршед андар он рӯз ба Савр даҳ дараҷа ва моҳ андар Асад ба ҳаждаҳ дараҷа ва даҳ дақиқа ва Зуҳал

---

[1] Намояндагон.
[2] Мисли он ки вай пораи нурест.
[3] Лақаби Пайғамбари ислом, ки аз номи яке аз писарони вафоткардааш – Қосим пайдо шудааст.
[4] Ҳашт шаб монда аз моҳи рабеъулаввали соли Фил.

андар Ақраб ба нӯҳ дараҷа ва чиҳил дақиқа роҷеъ ва Муштарӣ ба Ақраб ба ду дараҷа ва даҳ дақиқа роҷеъ ва Миррих дар Саратон ба ду дараҷа ва панҷоҳ дақиқа ва Зуҳра дар Савр ба дувоздаҳ дараҷа ва даҳ дақиқа ва Аторуд дар ҳамал ба нӯҳ дараҷа ва чиҳил дақиқа. Ва модари ӯ гуфт, ки: Маро овоз омад, ки чун туро писаре бувад, Муҳаммад ном кун, ки ӯ сайиди оламин аст. Ва рӯзи душанбе, ки танҳо андар сарой будам ва Абдулмуталлиб ба тавоф, ки маро раъбе ба дил андар омад. Чун парри мурғе сапед дидам, ки бар дили ман молид ва ман сокин гаштам, ва ҳама ғаме ва аламе аз ман бирафт. Боз бознигиристам, ҷоме дидам, ки маро доданд. Гуфтам: Магар шир аст. Ва ман ташна будам, бихӯрдам нуре дидам, ки падид омад ва чун дарахти хурмо биболидан гирифт. Ва боз заноне дидам андар болои он нур монандаи духтарони Абдуманоф, гирди ман андар гирифтанд. Боз дебои сапеде дидам, ки андар ҳаво омад ва гирди ман андар гирифт. Нидо ҳамеомад, ки: Ӯро аз чашми мардумон нигоҳ доред. Пас мардумон дидам андар ҳаво ва ба дасти эшон ибриқҳои симини пуроб, ки з-он об қатра ба рӯи ман бар ҳамеомад, хушбӯй тар аз мушк. Ва ман мегуфтам: Кошки ки Абдулмуталлиб наздики ман оядӣ. Боз мурғе дидам, ки андар омад ба ҳуҷраи ман, минқори ӯ аз зумурраду парҳои ӯ аз ёқути сурх. Чун фуруд омад, ҷаҳон маро кушода гашт. Аз Шарқ то Ғарб бидидам ва се алам дидам, зада яке ба Машриқ ва яке ба Мағриб ва яке ба сари боми Каъба. Пас ҳол танг гашт ва он занон ҳама даст бар ман андар гирифтанд ва Муҳаммад (а)-ро бизодам. Нигоҳ кардам, бар замин соҷид буд ва ангушт ба ҳаво баргирифта ба тазарруъ. Абре сапед аз ҳаво андар омад ва ӯро баргирифт ва овоз ҳаме омад, ки: Муҳаммад (а)-ро ба Шарқу Ғарб баред ва ба дарёҳо, то ному наъту сурати ӯ бидонанд ва бигӯянд ки ӯ моҳӣ[1] аст, ки ширку куфр ҳама бад-ӯ маҳв гашт ва дергоҳ барнаёмад, то дидам, ки биёварданд ӯро дар пораи ҷул ба суфи сапедтар аз ҳарир ва ҳама чизе. Ва зери ӯ андар пораи ҳарири сабз ва бад-он се банд аз луълуи тар барбаста ва се калид аз луълуъ. Бар он [се] навишта: **мифтоҳ-ун-нусра ва мифтоҳ-уш-шариъа ва мифтоҳ-ун-**

[1] Маҳвкунанда, нобудкунанда.

**нубувва.**[1] Боз андар вақт абре дигар омад. аз он меҳтар, аз он ҷо овози асбону овози мурғону сухан гуфтани мардумон ҳамеомад. Боз як соат ӯро аз ман ғоиб карданд ва овоз шунидам, ки: Бигардонед Муҳаммад (а)-ро бар Машриқу Мағриб бар маволиди анбиё (а) ва бар арвоҳи ҷинну инс ва туюру сибоъ ва ҳайвон, ки вайро ато кардам сафвати Одам ва риққати Нӯҳу Яъқуб ва савти Довуд ва сабри Айюб ва зуҳди Яҳё ва карами Исо (а) бурданд ва ба соат оварданд. Яке ҳарири сабзи дигар бад-ӯ печида ва овоз доданд, ки баҳ-баҳ Муҳаммадро, ки ҳама олам андар дасти вай карда шуд. То з-он се мард, ки андар ҳаво дида будам бо ибриқу тошт ва он оби хушбӯйтар аз мушк пеш омаданд ва ӯро баргирифтанд ва бишустанд. Ва яке омад ва ангуштаре ба даст, ки чун хуршед ҳаметофт. Ӯро ҳафт бор бишустанд ва бад-он хотам миёни китфи ӯ муҳр карданду гуфтанд: Ин аст қиблаи Муҳаммад (с). Ва ӯро ба миёни ҳарир андар карданд ва аз мушк яке ҳабл буд, бад-он маҳкам бубастанд ва яке ӯро аз он [се] замоне ба миёни парри хеш бидошт.

Ва Ибни Аббос чунин гӯяд, ки ӯ Ризвон буд, хозин-ул-ҷинон ва андар гӯши ӯ суханон гуфт ва миёни ду чашми ӯ бӯса дод. Боз гуфт: Ё Муҳаммад, башорат туро, ки ҳеч паёмбарро илме набуд, илло туро дода шуд ва илми хоси ту, зиёдати он калиди нусрат бо туст, ки ҳеч кас номи ту нашунуд, ки на тарсон гардад.

Боз яке мард дидам, ки лаб бар лаби ӯ ниҳоду чизе бад-ӯ таслим ҳамекард, чунон кабӯтарбачаро дона диҳад. Ва Муҳаммад ҳамегуфт: Зиднӣ, зиднӣ[2] ва ба даст сӯи осмон ишорат ҳамекард. Боз чунон дидам, ки чизе чун моҳи чаҳордаҳ пеш омаду ӯро пеши ман ниҳод, ки: Бигир Сайиди аввалину охиринро, ки иззи дунёву охират биёфт. Ва бирафтанду пас аз он кас надидам.

Боз Абдулмуталлиб гӯяд, ки: Он шаб ман ба Каъба андар будам бар мақоми Иброҳим (а), ки Каъбаро дидам, ки соҷид гашт, боз рост биистод ва ба овозе фасеҳ ҳамёгуфт: Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Рабби Муҳаммадин (а). Акнун аст, ки Худой-таъоло маро пок кард ва аз мушрикон

---

[1] Калиди нусрат, калиди шариат ва калиди нубувват.

[2] Зиёда гардон, зиёда гардон.

бозрастам. Боз ҳама бутон нагунсор гаштанд ва мунодӣ бонг ҳамекард, ки Омина Муҳаммад (а)-ро бизод ва инак, ду бор шуста ба ташту ибриқу оби Фирдавс. Ва ман гуфтам ки: Магар ин ба хоб ҳаме бинам. Бозгуфтам, субҳоналлоҳ ман бедорам. Боз берун аз боби Бани Шабиба ба Батҳои Макка рафтам, боз Сафо ва Марварo дидам мутаҳаррик ва маро гуфтанд, ки: Ё Сайиди Қурайш, куҷо равӣ? Ва ман ҳеч ҷавоб накардам, ки маро дил андар ҳадиси он баста буд, ки то наздики Омина шавам ва нигоҳ кунам, то чӣ будаст. Чун он ҷо бирасидам, ҳама мурғони оламро дидам он ҷо ба ҳаво андар истода ва абре сапед бар сари ҳуҷраи вай соя карда. Бисёр ҷаҳд кардам, то хештан бад-он овардам, ки дар бизадам. Омина маро нармак овоз дод ва биёмаду боз кард. Ба рӯи ӯ нигоҳ кардам, ки нур андар ҷабини ӯ надидам ва бар ӯ ҳеч нишон надидам. Аз заъф хостам, ки ҳарири хеш бидаронам. Омина гуфт: Чӣ буд? Гуфтам: Нур куҷост? Гуфто: Тамом биёвардам ва инак, ин мурғон маро мегӯянд, ки фармон деҳ, то бипарварем. Ва ин абр ҳамегӯяд, ки фаро ман деҳ, то бипарварам. Абдулмуталлиб гуфт: Маро намой. Гуфт: Имрӯз натавон, ки касе омадааст ва мегӯяд, ки ҳеч одамиро бад-ӯ то се рӯз роҳ нест. Абдулмуталлиб шамшер баркашиду ба дари ҳуҷра шуд. Гӯяд, марде ҳавлнок дидам, ки берун омад пазираи ман ва гуфто: Бозгард ва в-агарна ҳамакнун ҳалок гардӣ. Гуфто: Дасти ман суст шуд ва зуфон гунг. Шамшер ба пӯст кардам.[1] Пас маро гуфт: То се рӯз тамом нашавад, ки ҳама фариштагон биёянд ва ӯро зиёрат кунанд. Пас одамиёнро дидори ӯ бошад.

Ибни Аббос гӯяд: Як ҳафта шабу рӯз Абдулмуталлиб сухан наёрист гуфт. Пас гӯяд: Он абру мурғон ва боду ҷин мунозаат карданд, ки ҳар яке гуфт: Ӯро ман шир диҳам. Пас мунодӣ шуниданд, ки: Ҳеч касе шир надиҳад, магар одамиён. Пас эшон навмед гаштанд. Пас бонг омад, ки Тубо онро, ки ӯро шир диҳад. То Эзад-таъоло ва тақаддас тақдир кард, Ҳалима бинти Абизувайб ас-Саъдияро.

Ва Ҳалима гӯяд, ки: Андар он сол қаҳтии бузург шуд ва бар ман ранҷи бисёр расида буд ва андар он шаб, ки Муҳаммад (с) бизод, ман ба хоб дидам, ки маро яке фариш-

---

[1] Шамшер дар ғилоф кардан.

та гирифта ва ба ҳаво бурд ва яке чашмаи об дидам, ки ҳаргиз чунон надида будам. Гуфт: Аз ин бихӯр. Бихӯрдам. Гуфт: Низ бихӯр. Низ бихӯрдам. Гуфт: Акнун шири ту бисёр гардад, ки туро ширхорае меояд, ки Сайиди аввалину охирин аст. Ва аз хоб бедор шудам, шири хеш бисёр дидам ва қуввати хеш ва ҳеч асари гуруснагӣ низ ба ман роҳ наёфт. Дигар рӯз занони Бани Саъд маро гуфтанд: Ё Ҳалима, имрӯз ба духтари подшоҳе монӣ. Ман ҳеч чиз нагуфтам, то бар кӯҳ шудам, ба талаби ҳезуму гиёҳ. Замоне буд, мунодӣ бонг кард, ки: Чаро ба Макка ва Ҳарам нашавед ва Сайиди аввалину охиринро наситонед ва шир надиҳед, то кори шумо ба ду ҷаҳон неку гардад. Он занон ва ман низ бо эшон фуруд омадем ва роҳ баргирифтем. Ҳар ҷо, ки ман танҳо мондам, наботу сангҳо маро ҳаме гуфтанд: Беҳтарини халқонро ту ёфтӣ, низ ҳеч андеша мадор. То ман биёмадам, ҳама занони Бани Саъд рафта буданд сӯи Макка. Ман ёри хешро гуфтам: Маро низ бибояд рафт. Яке модахаре доштам, барнишастаму рафтам ману соҳиби хеш сӯи Макка. То ман он ҷо шудам, ин занон ба Макка андар шуда буданд ва ҳама фарзандон, ки модару падар доштанд, бистаданд. Ман яке мард дидам, бо шукӯҳ ба болои яке хурмобун, ки берун омад аз миёни кӯҳ, маро гӯяд: Ё Ҳалима, он ба ту мондаст. Ту Сайиди Арабро талаб кун. Пас чун он ҷо бирасидам, соҳиби хешро гуфтам, Сайиди Араб кист? Гуфт: Абдулмуталлиб.

Пас ман андар рафтам ба Мака, занонро дидам, ки бистада буданд фарзандони Қурайшро. Ва ҳар касе чизе ёфта ва боз мегаштанд. Ман Абдулмуталлибро дидам, ки ҳамегуфт: Аз занони Бани Саъд кист, ки фарзанди маро бипарварад. Ман гуфтам: Манам. Гуфт: чӣ номӣ? Гуфтам: Ҳалима. Гуфт: Баҳ-баҳ рост, ту парварӣ. Гуфтам, ки ҳарчанд ки падар надорад, ин хоби ману он чӣ дидам ба аён ва маро гуфтанд, хато нагардад.

Бо ӯ бирафтам ва ӯ доманкашон аз пеши ман ҳамерафт, то ба ҳуҷраи Омина (р) дар бикушод, чунончи гуфтам дари биҳишт кушода гашт аз тайиб. Ва маро андар овард, Оминаро бидидам чун моҳи бадр ё чун кавкаби дуррӣ ва бад-он ҳуҷра андар бурданд маро бӯи хуш ба сарам баршуд. Чунон ки гуфтам, ки магар мурда будам ва акнун зинда

гаштам ва ин рӯҳ буд. Нигоҳ кардам Муҳаммад (с)- ро дидам ба хоб андар ба суфе сапед, ки донистӣ, ки санъати махлуқ нест, андар печида ва ба ҳарир андар навишта ва ҳарири сабз ва бар бӯю лавни ҳар ҷома пайдо, ки санъати Эзад-таъоло аст, на санъати махлуқ ва ба хоб андар шуда. Чун ман он нуру баҳои ӯ бидидам, хостам, ки ҷон андар пеши ӯ нисор кунам. Дил надод, ки ӯро бедор кардаме. Пистон хостам, ки фаро лаби ӯ барам. Ӯ бихандиду чашм боз кард. Нур аз чашми ӯ баромад ва баршуд то осмон, ман мутаҳаййир бимондаму дар миёнаи чашми ӯ бӯса додам ва пистони рости хеш бад-ӯ додам. Бихӯрд, хостам, ки чап ӯро диҳам, ибо карду нагирифт.

Ибни Аббос гӯяд, ки ӯ (с) адл буд ва донист, ки ӯро шарик аст, чапи ӯро бигзошт. Боз ӯро бипазируфтам ва баргирифтам ва наздики ёри хеш овардам.Чун ӯро бидид, Эзад-таъолоро соҷид гашту гуфт: Ҳеч кас ба хона аз мо тавонгартар бознагардад. Боз модари ӯ кас фиристод, наздики ман, ки ӯро, аз Батҳои Макка берун набарӣ, то маро набинӣ, ки туро васиятҳо дорам андар ҳадиси ӯ. Пас се шаб он ҷо будам. Шабе бедор шудам, яке мард дидам, ки нур [аз ӯ] бар осмон ҳаме баршуд ва маҳди ӯро канор гирифта бӯса ҳамедод. Ман ёри хешро бедор кардам, гуфто: хомӯш, ки то ӯ бизодаст, ҷуҳудони оламро хобу қарор нест. Ҳар чи з-ӯ бинӣ, ниҳон дор.

Боз бари модари ӯ шудам ва ӯро бидруд[1] кардаму бирафтем ва ман бар он хари хеш нишастам ва ӯро андар пеш гирифтам. Он хар рӯ ба сӯи Каъба кард ва саҷда карду чизе ба сар бинмуд ва бирафтем. Он занон аз ман аҷаб мекарданд, ки: Ё бинти Абӣ Зувайд, ин на он хар аст, ки бо мо роҳ меомад, ин уштури бухтӣ[2] аст! Ман гуфтам, ки: Он на хар аст, ин коре дигар аст ва бузургест. Чун ман ин бигуфтам, хар гуфт: Бале, ман мурда будам, зинда гаштам ва туро рабудам ва фарбеҳ гаштам, ки донад аз баракоти Хотам-ун-набийин ва сайид-ул-мурсалин ва ҳабиби рабби-л-оламин. Он гоҳ пеши ҳама сутурони эшон ва мардони эшон шуд ва ба ҳар ҷой, ки фаро расидам, наботи сабз ҳаме

[1] Падруд.
[2] Уштури нари дукӯҳона, ки қавӣ ва бузургҷусса мешудааст.

руст, то он хари ман ҳамехӯрд. Чун ба хона расидам, гӯспандону уштур ва он хари ман ва он чӣ доштам, андар зиёдат истод аз ниточу аз ширу аз фарбеҳӣ, то моли ман бисёр шуд аз баракати ӯ. Ва он кас, ки хештан ба ман пайваста кард ва ҳама донистем, ки ба сабаби баракоти ӯй аст. Ӯро азиз ҳамедоштем ҳамчунон. Пас, як рӯз шунидем, ки ӯ ҳамегуфт: **Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Валҳамду ли-л-лоҳи Раби-л-оламин.** Маро аз ӯ сахт аҷаб омад ва ҳаргиз ман бавлу ғоити ӯ надидам ва набоист шуст ва ҳаргиз бо кӯдакон бозӣ накардӣ, то рӯзе маро гуфт ки: Ёрони ман куҷоанд? Гуфтам эшон гӯспандон ба чарогоҳ баранд, шабро бозоянд. Бигрист, ки маро ба эшон бифиристӣ. Гуфтам: Фадатка нафсӣ[1], бомдод бифиристам.

Бомдод ӯро равған молидам ва чашми ӯро сурма кардам ва ҷузъе ямонӣ ба гардани ӯ афкандам чашмзахмро ва асобае битофтам ӯро. Бо сурур рафтӣ ва бо сурур омадӣ, то рӯзе, ки дигар нимарӯз писари ман Зумра омад гирён ва ба арақ андар ва бонг ҳамекард, ки: Андар ёбед Муҳаммадро (с). Гуфтам: Чист? Гуфт: марде ӯро аз миёни мо ба сари кӯҳ бурд ва медидам, то шиками ӯ пора кард ва надонам, то низ чӣ кард. Пас ману падари ӯ давон он ҷо шудем. Ӯро дидам бар сари кӯҳ нишаста ва чашм ба осмону табассум ҳамекард. Хештан бар ӯ афкандам ва бӯса ҳамедодам бар миёни ду чашми ӯ ва ҳамегуфтам: Чӣ буд, эй ҷону ҷаҳон. Гуфт: Эй модар, ҳеч набуд, магар некуӣ, валекин бад-ин вақт, ки гузашт, ман ба сухан бад-ин бародар машғул будам. Се сурати бузургвор дидам, ки маро бихонданд. Андар дасти яке ибриқе симин дидам ва ба дасти дигаре таште аз зумурради сабзбарф карда ва маро баргирифтанд ва бар ин сари кӯҳ бурданд ва ба латофату шафқат бари ман боз карданд ва ман нигоҳ ҳаме кардам ва ҳеч озор ба ман роҳ наёфт. Боз яке даст бар ҷавфи ман андар кард ва ҳама чизе, ки андар ҷавфи ман буд, берун овард ва бад-он барф покиза бишуст ва боз ба ҷойгоҳ фурӯ ниҳод. Дигаре бархост, ёри хешро гуфт: Ту тамом кардӣ фармони Худой, ман низ тамом бояд кард. Даст бурду дили ман берун овард ва ба ду ним боз кард, нуктае сиёҳ аз хун

---

[1] Ҷони ман фидои ту бод.

он ҷо берун овард, гуфт: Баргирифтам он чизе, ки шайтон бад-он тааллуқ кардӣ. Акнун, ё Ҳабибуллоҳ, шайтонро бар ту ҳеч роҳ намонд. Боз он се дигар бархосту гуфт: Ман низ фармон тамом кунам. Дасти хеш бар бари ман фуруд овард ва ҳамаи он боз карда рост гашт, ки ҳеч асар намонд. Ва маро худ аз он ҳеч дард набуда буд. Боз гуфт: Инро акнун боробари даҳ аз уммати ин барсанҷед. Барсанҷиданд ва афзун омадам. Боз гуфт: Баробари сад барсанҷиданд, афзун омадам. Боз гуфт: Бигзор, ки агар ӯро баробари ҳама олам барсанҷед, беш ояд. Боз маро ба талаттуф баргирифтанд ва ба замин оварданд ва бар сару чашми ман бӯса доданд ва гуфтанд, ки: Надонӣ, ки ба ту чӣ некӣ хоҳад омад, эй Ҳабибуллоҳ, валекин бубинӣ на дер. Бозгаштанду маро бад-ин ҷойгоҳ, ки ту мебинӣ, бигузоштанд ва бар осмон баршуданд. Ва агар хоҳӣ туро намоям, ки ба кадомин ҷой ба осмон баршуданд.

Ҳалима гуфто: Ӯро баргирифтаму биёвардам ба Бани Саъд ва мардумон хабар шунида буданд, гуфтанд: Ӯро ба наздики фалон коҳин бояд бурд, то ӯро муолиҷат кунад. Пайғомбар (с) гуфт: Маро ҳеч муолиҷат ба кор нест, ки тану дилу хиради ман дуруст аст биҳамдиллоҳи таъоло. Охир мардумон гуфтанд: Ин кор бар ӯ ҷинниён кардаанд. Ӯ гуфт: Субҳоналлоҳ маро ҳеч нест, ман ба кори хеш беҳ аз шумо донам.

Охир маро сабр набуд, то ӯро баргирифтам ва ба назди коҳин бурдам ва хостам, ки қисса бозгӯям, коҳин гуфт: Бигзор, то ин ғулом худ гӯяд. Рӯй бар ӯ карду гуфт: Ғулом баргӯй. Муҳаммади Мустафо (а) қисса аз аввал то охир баргуфт. Коҳин ба ду қадам барҷаст тарсида ва ӯро баргирифту бонг кард: Ё Ол-ал-Араб, Ё ол-ал-Араб! Бикушед, ки бузург шарре наздик шуд ба сабаби ин ғулом бар шумо, ки агар ба балоғ расад, бутони шумо бишканад ва дини шумо ночиз кунад ва шуморо бехудо хонад, ки шумо ӯро нашиносед! Ҳалима гуфт: Чун ман аз ӯ ин бишнидам, гуфтам, ки: Ту кистӣ? Хештанро талаб, то туро кушад, ки ман Муҳаммадро накушам ва агар донистаме, ки чунин чиз бинам ва шунавам, ӯро ин ҷо наёвардаме.

Пас ӯро ба хона овардам ва чун ба Бани Саъд ӯро андар овардам, ҳама мардуми Бани Саъд гуфтанд, ки: Бӯи

мушк ҳамеояд аз ин чунон ки ба ҳама хона баршудаст, бузургвор фарзанде! Ва ҳар рӯз ду нур дидаме, ки аз ҳаво андар омадӣ ва бар ҷомаи вай нопадид гаштӣ. Чун ҳол чунин буд, мардумон гуфтанд: Ӯро боз Абдулмуталлиб бар, ки набошад, ки ҳоле бошад, то боре ту аз уҳдаи ӯ берун омада бошӣ. Ӯро баргирифтаму рафтам. Чун ба саҳро берун омадам, мунодӣ аз ҳаво бонг кард, ки: **Ҳаниъан лака ё Батҳои Макка,**[1] ки нуру дин ба ту боз омад ва баҳову камол ба ту расид ва аз бадиҳо пок гаштӣ ва аз харобӣ растӣ, то абад обод мондӣ.

Ва ман бар хари хештан барнишастам ва ӯро андар пеш [доштам], то ба Боби аъзами Макка бирасидам ва он ҷо ҷамоате нишаста буданд. Ман фуруд омадаму ӯро бинҳодам, гуфтам: То кораки хеш сохта кунам. Саъб овозе омад. Нигоҳ кардам, ӯро надидам. Ман андар мондам, гуфтам: Ё Айюҳанносу ин кӯдак куҷо шуд? Гуфтанд, кадом кӯдак? Гуфтам: Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб, он ки дарвешии ман бад-ӯ ғано гашту бемории [ман] тандурустӣ гашт ва ромиши ман бад-ӯ бисёр гашт ва ҳама ғам аз ман рамида гашт. Ӯро биёвардам, ки ба падари ӯ Абдулмуталлиб супорам. Акнун намедонам, ки куҷо шуд. Агар ӯро бознаёбам, хештан аз ин сари кӯҳ бифканам ва пора-пора кунам. Ва ҳамегиристаму ҳамаи он мардумон низ ба раҳмат бар ман мегиристанд. Боз даст ба сар ниҳодаму бонг кардам: Во Муҳаммадо! Ё валадо! Мардуми Макка бар ман ҷамъ шуданд. Пире дидам бар яке уккоза,[2] маро гуфт: Биё, то туро ҷое барам, ки туро бигӯянд, ки ӯ куҷост. Гуфтам: Фадатка нафсӣ, ӯ кист? Гуфт: Санаму-л-аъзам Ҳубал, ӯ донад ва ҳар ҷо ки ҳаст, бигӯяд. Ман бар хештан бигуфтам, ки модарат бар ту гирён бод. Гӯй, ки ман надонам, ки бар Ҳубал чӣ расида ва ба валодати Муҳаммад (а) ва аз пас акнун чӣ хоҳад расид. Аммо ҳеч нагуфтам, то пир маро бибурду ҳафт роҳ гирди Ҳубал андар омад ва ман нигоҳ ҳамекардам. Боз бар сари ӯ бӯса доду гуфт: Ё сайидо, ҳамеша миннати ту бар Қурайш бузург аст, ин занро писаре гум шудаст, ин ғам аз Макка баргир ва бад-ӯ роҳ намой.

---

[1] Муборак бод бар ту, эй Батҳои Макка.

[2] Асое, ки бар сари он оҳане часпонида бошанд.

Ва Ҳубал ва дигар бутон бар вай андар уфтоданд ва ба забоне фасеҳ Ҳубал гуфт: Аз мо дур, эй пир, ки ҳалоки мо ба дасти ин кӯдак хоҳад буд ва ӯ Муҳаммад (с) аст. Пирро дандон бар дандон сахт гашт ва уккоза аз дасти ӯ бияфтод. Маро гуфт: Эй Ҳалима, дил хуш дор, ки ин Муҳаммадро Худовандест, ки ӯро зоеъ нагузорад, бичӯй, то бозёбӣ. Ман тарсон бари Абдулмуталлиб шудам. Чун маро бад-он ҳол бидид, гуфт: Чӣ буд, шуғле расид? Гуфтам: Шуғле ва чӣ шуғле! Гуфт: Магар писарат гум шуд? Гуфтам: Наъам[1] Ӯро занн[2] шуд, ки магар Қурайш ӯро бикуштанд, шамшер баркашиду хашмнок берун омад, бонг кард, ки: Ё Оли Ғолиб! Ва эшон андар ҷоҳилият чунин гуфтандӣ. Дарсоат ҳама ҷамъ шуданд, гуфтанд: Фармон. Гуфт: Муҳаммад гум шуд. Гуфтанд: Барнишин, то барнишинем. Ба соат ӯ барнишаст ва ҳама барнишастанд ва гирди Макка андар ҳама битохтанд, болову фуруд биҷустанд ва наёфтанд. Абдулмуталлиб гирди Ҳарам андар бигашт ва тавоф кард гирди хона ва ин ду байт бигуфт:

*Ё Раббӣ руддий зокӣ Муҳаммадо,*
*Авдидҳу Раббӣ ва атиххиз ъинди адо.*
*Ё Раббӣ ин Муҳаммадан лам юҷадо,*
*Фаҷамуъу қавмӣ куллуҳум мубаддадо*[3]

Чун Абдулмуталлиб ин байтҳо ёд кард аз ҳаво андар бонг омад: Маъоширан нос[4], ғамгин мабошед, ки Муҳаммадро Худованде аст, ки ӯро зоеъ накунад. Абдулмуталлиб гуфт: Ё ҳотиф, чӣ бошад, агар бигӯӣ, ки ӯ куҷост? Гуфт: Ба водийи Таҳома наздики Шаҷаратуляман. Абдулмуталлиб барнишаст бо силоҳ ва битохт. Варқа ибни Навфал пеши ӯ буд, бо ӯ битохт, то он ҷо расид, Муҳаммадро бididанд, барги дарахт [ба] даст гирифта. Абдулмуталлиб пеш шуд,

---

[1] Бале.

[2] Гумон, шубҳа.

[3] Мазмуни байтҳои арабӣ:

Эй Худованди ман муҳаббати ман ба Муҳаммад пок аст,
Баргардон ӯро, Худои ман ва аз ман дасти душманони ӯро кӯтоҳ гардон,
Эй Худои ман, агар Муҳаммад пайдо нагардад,
Ман тамоми қавми парешони худро ҷамъ месозам.

[4] Одамон, мардум, халқ.

Муҳаммад гуфт: Ту кистӣ? Гуфт: Ман ҷадди ту. Фуруд омаду ӯро баргирифт ва бӯса доду барнишаст. Ӯро бар қарпуси[1] зин ниҳоду овард то Макка ва Қурайш биёрамиданд.

Ҳалима гӯяд: Абдулмуталлиб маро бинвохту бисёр ато дод, аз ҳар чизе чи уштуру чи гӯспанд ва чи ҷомҳои неку ва чи зару сим ва чи мушку кофур ва анбару уд ва маро ба некуӣ бо гурӯҳе бузург аз ғулому банда боз гардонид ва ман некуии дунёву охират ёфта, ба хона бозгаштам. Муҳаммад (с) назди ҷадди хеш бимонд, Абдулмуталлиб.

Акнун ба сифати муъҷизоти бузургии Муҳаммад (с) агар машғул гардам, умр ба сар ояд ва аз ҳазорон яке гуфта наёяд. Ин бад-он ёд кардем, то ҳар касе, ки ин китоб бихонад, бидонад, ки мардумони Систон, ки ин шаҳр ба сулҳ бидонанд, ғараз бузургии Мустафоро буд ва дини исломро ва аз пеш дониста буданд ва андар китобҳову ахбор хонда берун омадани ӯ ба Ҳақ ва ин Систонро бузургтарин маноқибе аст бар ҳама шаҳрҳо ва биллоҳиттавфиқ.

Боз Муҳаммад (а) ҳар ҷо, ки рафтӣ сангҳову кӯҳҳо ва заминҳову наботҳо ва ашҷору ҳайвон ва сабоъу малоикаву ҷинн бар ӯ салом ҳаме карданд то чиҳил сол аз умри ӯ бигзашт ва Эзад-таъоло ӯро маъсум ҳамедошт, ки ҳаргиз пеши бут нашуд, ҳар чи парастиш кард, Худойро кард, чун чиҳил сол бигзашт ва фармон омад ӯро, ки: Мардумонро ба тавҳид хон ва бигӯ, то бигӯянд: Ло илоҳа илла-л-лоҳу Муҳаммадан расулу-л-лоҳ. Аввал касе Абӯбакр ас-Сиддиқ буд, ки имон овард ба Эзад-таъоло, дини хешро нусрат кард. Ва футуҳ буд бисёр, аввал фатҳе, ки буд Мадина буд ба Қуръон буд фатҳи Мадина. Боз Бани ан-Назир ва Хайбар ва Фадак ва Водӣ-ал-Қуро ва Таймо ва Макка ва Тоиф ва Табола ва Ҷураш ва Давмат-ул-Ҷандал ва Наҷрон ва Яман, Уммон ва Баҳрайн [ва] Ямома. Пас чун ин фатҳҳо буд, пайғомбари мо (а) ба Мадина буд [ва] рӯзи душанбе, лиисно ъашарати лайлатан халат мин шаҳри рабиъи-л-аввали санати ъашара.[2] (фармон ёфт).

[1] Қоши зин, кӯҳаи зини асп.

[2] Дувоздаҳ шаб монда аз моҳи рабеъулаввали соли даҳуми ҳиҷрӣ.

## Хилофати амиралмуъминин Абӯбакр (р)

Рӯзи сешанбе нишаст андар сақифаи Бани Соида, пештар байъати ӯро Умар ибни Хаттоб кард ва Убайда ибни ал-Ҷаррох ва боз ансор пеш аз дафни расул (с). Ӯ Абӯбакр ибни Абиқаҳофа ва номи ӯ Абдуллоҳ буд ва лақаби ӯ Атиқ буд ва номи [падари] ӯ Абиқаҳофа буд ибни Омир ибни Амр ибни Каъб ибни Саъд ибни Тайм ибни Мурра ибни Каъб ибни Лувай ибни Ғолиб ибни Фаҳр ибни Молик ибни Назр ва ин Назр Қурайш буд, ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Назор ибни Муъад ибни Аднон (р), бар сирати Мустафо рафт ва осори вай нигоҳ дошт, суннати вай кор басту аҳкоми мусулмонӣ бар он ҷумла ронд, ки ҳукми китобу шариат буд, Ва ҳарб кард ба муртадон ва ба ислом бозовард ва дин бар ҷой дошт ва Мусайлимаи Каззобро ва Исоро, ки даъвои дурӯғ карданд ва гурӯҳе, ки бо эшон ёр шуданд, чунон ки қисса  бад-он дароз шавад, бикушт. Ӯро чун гоҳи рафтан омад, Умар ибни ал- Хаттобро халифа кард ва аҳд набишт ба хилофати ӯ ва ба ҳар ҷой аз он нусхате бифиристоду худ фармон ёфт ва шасту ду сол ӯро умр буд ва ду солу се моҳу бисту ду рӯз халифатӣ кард ва Умар ибни ал-Хаттобу Усмон ибни Афон ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Абдурраҳмон ибни Абибакр ӯро ба ҷониби қабри Мустафо (с) андар шаб дафн карданд.

## Хилофати Амиралмуъминин Умар ибни ал-Хаттоб (р)

Пас муҳоҷиру ансор[1] Умарро байъат карданд ва ӯ Умар ибни ал-Хаттоб ибни Нуфайл ибни Абдулъуззо ибни Риёҳ ибни Абдуллоҳ ибни Қурт ибни Разоҳ ибни Удай ибни Каъб ибни Лувай ибни Ғолиб ибни Фаҳр ибни Молик ибни ан-Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Назор ибни Муъад ибни Аднон буд. Кунният ӯ Абӯҳафс ал-Адавӣ ва лақаби ӯ Форуқ буд (р).

[1] Муҳоҷирон – мусулмононе, ки ҳамроҳи Пайғамбари ислом (с) аз Макка ба Мадина кӯчиданд. Ансор – аз аҳли Мадина онҳое, ки ислом оварданд ва бо муҳоҷирон пайвастанд.

Рӯзи душанбе нишаст ва бархост ба зоҳир кардани ислом бар ҳукми шариат ва суннату сирати Мустафо (а) ва Эзадтаъоло бисёр шаҳрҳо бар дасти вай [бикшод] ва моли бисёр ҷамъ шуд андар байтулмоли мусулмонон. Ва бархостани вай ноижаи залолат гусаст ва ҷаҳолат ночиз шуд. Аввал фатҳи Ҷиср кард ва сипоҳ фиристод, то Шом бикшоданд ва андар ин вақт ҳафтод ҳазор мард аз румиён кушта шуд ва кори ислом азиз гашту боло гирифт ва куфр ночиз шуд.

Боз Саъд ибни Абиваққосро ба Қодисия фиристод ва Рустам сипоҳсолори Яздиҷурд – шоҳи Аҷам он ҷо омад бо сипоҳи бисёр. Ва Атаба ибни Ғазвонро бифиристод Умар (р), то Убулла ва Фуроту Майсон бикшод. Боз фармон дод, то Куфа ва Басра бикарданд ва худ ба нафси хеш ба Шом рафт ва боз бозомад ва Абӯубайда ибни ал-Ҷарроҳро фармуд, то Амр ибни ал-Осро ба Қаннасрин фиристод, то он бикушод. Ва фармон дод Умар Амруро то Руҳҳо ва Сумайсот бикшод, боз Холид ибни ал-Валидро фиристод то Ҳумс бикшод, боз бо Мусо Ашъарӣ Ҷунди Шопур ва Сус ва Ромҳурмуз ва Тустар ва Сипоҳону Қумвад, Қошон чи ба номаву сулҳ ва чи ба ҳарб бикшод.

Боз Муовия ибни Абисуфёнро бифиристод, то Қайсория ва Румайла бикшод. Боз Амру ибни ал-Осро нома кард то Искандария бикшод. Боз Нуъмон ибни Мақрунро бифиристод, то Наҳованд бикшод, боз Амру ибни Осро бифиристод, [ба] Бирқа, то Бирқа ва Тароблус бикшод, боз Муғираи Шаъбаро бифиристод, то Озорбодҷонро бикушод ва навоҳии он Усмон ибни Аби ал-Осро фиристод, то бикшод. Чун кор бад-ин ҷо расид, бомдод намоз хост кард рӯзи чоршанбе... мин зилҳиҷҷа хост, ки такбир [гӯяд] Булуълуъа ғуломи Муғира ибни Шаъба ӯро се таъна бизад. Умар дарднок шуд. Абдурраҳмон Авфро даст карду пеш кард, то намоз кард. Боз Усмону Алӣ ва Талҳа ва Зубайру Саъд ва Абдурраҳмонро бихонду гуфт: Ишорат кунед ва онро ки ройи ҳамчунон бар ӯ дуруст гардад, халифат кунед. Ва фармон ёфт ва умри вай шасту панҷ сол буд ва хилофати ӯ даҳ солу шаш моҳу чаҳор шаб. Ва Суҳайб бар ӯ намоз кард ва ба сарои Оиша ба ҷониби Абӯбакр ӯро Усмон ибни Аффон ва Убайдуллоҳ писари ӯ дафн карданд.

## Хилофати Амиралмуъминин Усмони Аффон (р)

Чун Умарро дафн карданд, Алӣ ибни Абитолиб, Зубайр ибни ал-Аввом ва Талҳа бинни Абдуллоҳ ва Абдураҳмон ибни Авф ва Саъд ибни Аби Ваққос, Усмон ибни Аффон ишорат карданд андар хилофат, Усмон Абдураҳмонро гуфт: Ту бигир. Гуфто: Натавонам. Боз Абдураҳмон гуфт: Се рӯз замон бояд кард, то неку нигоҳ кунем. Пас ҳамгинонро пурсиш карданд, чун замон ба сар омад [ва] иттифоқ бар Усмон карданд, ғурат-ул-муҳаррам буд паси дафни Умар ба се рӯз. Ва ӯ Усмон ибни Аффон, Абил Ос ибни Умайя, ибни Абдушшамс ибни Абдуманоф ибни Қуссай ибни Килоб, ибни Мурра ибни Каъб ибни Лувай, ибни Ғолиб, ибни Фаҳр, ибни Молик ибни ан-Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Назор ибни Муъад ибни Аднон буд. Ӯро се куннияти буд: Абӯамр ва Абӯабдуллоҳ ва Абӯлайло.

Усмон бирафт бар расми дигар хулафо, ки пеш аз ӯ буданд, андар дину қисмату адл, андар қазият. Ва аввал фатҳе, ки андар хилофати Усмон буд, Ҳамадон буд ва он дар хилофати Умар кушода буданд, аммо муртад гаштанд ба рӯзгори вафоти ӯ. Ва Усмон Муғираи Шаъбаро он ҷо фиристод, то бикшод. Боз Бомусои Ашъариро фиристод, то Рай бикшод ва Буро ибни Озиб ва Қураза ибни Қаъбро бо ӯ, боз Муовияро ба Рум фиристод, то ҳиснҳо кушод ва Язиди писари ӯ он ҷо зода шуд аз модар ва он андар санаи хамсун ва ишрина (бисту панҷ) буд. Боз мардумони Искандария баргаштанд, Амр ибни Абилосро он ҷо фиристод, то он бикушод. Боз Амр ибни Осро аз Искандария маъзул кард [ва] аз Миср ва Абдуллоҳ ибни Саъд ибни Абисарҳро он ҷо фиристод ва Абдуллоҳ Мағриб бикшод. Боз Саъдро аз Куфа маъзул кард ва Валид ибни Ақаба ибни Аби Муъитро он ҷо фиристод. Валид Салмон ибни Рабиа ал-Боҳилиро бо дувоздаҳ ҳазор савор ба Бардаъа фиристод ва онро бикшод ва Байлақону Ҷурзон ба сулҳ ӯро доданд. Ва андар ин сол Ғазви Собур буд аввал, чун соли бисту шашум андар омад, Абдуллоҳ [ибни] Саъдро ба ғазо фиристод, Африқия бигрифт ва абодила (Абдуллоҳ ибни Ос ва Абдуллоҳ ибни Зубайр) бо ӯ буданд. Ҷарҷир бо дувист ҳазор

савор берун омад ба ҷое, ки Субайййитила гӯянд, то ҳафтод мил аз Қайрувон. Ҷарҷирро бикуштанд ва фатҳ буд ва ғаноимро бахшиш карданд. Савореро се ҳазор динор расид ва ҳар пиёдаеро ҳазор динор дуни дигар ҷизҳо. Ва Усмон ал-Ос фатҳи Собури сонӣ кард ба фармони Усмон ва Козарун бигрифту Ҳарм ибни Ҳайён ал-Абдиро ба қалъаи Ҷираҳ фиристод, то он бистуд ва онро акнун Қалъатушшуюх гӯянд. Чун соли бисту ҳафт андар омад, Усмон ибни Абил Ос Арраҷону Доробҷурд бигрифт. Чун соли бисту ҳаштум андар омад, Усмон Муовияро ва ӯ Ибода ибни ас-Сомитро ба ғазви Дарёбор фиристод, то он ҳама ҷазираҳо бигрифтанд. Боз фатҳи Порс буд бар дасти Ҳишом ибни Омир ва ҳам дар ин сол Абдуллоҳ ибни Саъд аз паси Муовия бишуд ба ёрии ӯ ва аз Рум бисёр шаҳрҳо бигрифтанд, чун Сурия ва Қубрус. Боз Ҳишом ибни Омир Истахр бигрифт андар ин сол. Чун соли бисту нуҳум андар омад, Усмон Бомусо Ашъариро аз Басра ва Усмон ибни Абил Осро аз Форс ҳардуро маъзул кард. Ва Басра ва Форс Абдуллоҳ ибни Омир ибни Карезро дод. Абдуллоҳ бисту панҷсола буд, ба Басра омад, рӯзе чанд он ҷо бибуд. Ба Порс омад ва Зиёд ибни Абиҳиро ба Басра бигзошт ва аз пеш аз ин дабири ӯ буд. Сипоҳсолори ӯ Абдуллоҳ ибни Муаммар ат-Таймӣ буд, ба Истаҳр омад, ғазви Ҷур кард ва ба Козарун шуд ва ба Доробҷурд омад. Боз Ардашери Ҳурра бигрифт ва Яздиҷурди Шаҳрайл бигрехт, ба Марв шуд. Ва Абдуллоҳ ибни Омир Муҷошиъ ибни Масъуд ас-Суламиро паси Яздиҷурд бифиристод, Муҷошеъ биёмад, Сирҷон бигрифт.

Чун соли сиюм аз ҳиҷрати Мустафо (а) андар омад Абдуллоҳ ибни Омир ибни Карез Муҷошеъро ба Систон фиристод ва ҳарб карданд ва бисёр аз мусулмонон куштанд ва Муҷошеъ бозгашт.

### Ҳадиси фатҳи Систон ба рӯзгори Усмони Аффон дар санаи салосин (соли сиюми ҳиҷрӣ)

Чун хабари Муҷошеъ ба наздики Усмон расид, ки ӯ аз Систон бозгашт, бар он ҳол Рабеъ ибни Зиёд ибни Асад аз-

Зиёл ал-Ҳорисиро бо сипоҳе бифиристод сӯи Абдуллоҳ ибни Омир, ки инро ба Систон фирист, Абдуллоҳ ӯро бифиристод ба Систон ба Паҳраи[1] Кирмон бирасид. Онро ба сулҳ бидоданд ва аз он ҷо ба Ҷолиқ [шуд], меҳтари он бо ӯ сулҳ кард. Боз Рабеъ ӯро гуфто: Маро сӯи Систон роҳ бояд намуд. Гуфт: Инак, роҳ чун аз Ҳирманд бигзарӣ, рег бинӣ ва аз рег бигзарӣ, сангреза бинӣ, з-он ҷо худ қалъа ва қасаба пайдост. Рабеъ рафт ва сипоҳ баргирифт, Ҳирманд бигзашт, сипоҳи Систон берун омад пеш. Ҳарбе сахт карданд ва бисёр аз ҳарду гурӯҳ кушта шуд ва аз мусулмонон бештар кушта шуд. Боз Мусулмонон низ ҳамла карданд, мардуми Сиҷистон ба Мадина бозгаштанд. Пас шоҳи Систон Эрон ибни Рустам ибни Озодхӯ ибни Бахтиёр ва мӯбади мӯбадонро ва бузургонро пеш хонду гуфт: Ин коре нест, ки ба рӯзеву соле ва ба ҳазор бихоҳад гузашт. Андар китобҳо пайдост ва ин дину ин рӯзгор то замони солиён бошад ва ба куштану ба ҳарб ин кор рост наёяд. Ва касе қазои осмонӣ нашояд гардонид, тадбир он аст, ки сулҳ кунем. Ҳама гуфтанд, ки: Савоб ояд. Пас расул фиристод, ки: Мо ҳарб кардан оҷиз нестем, чи ин шаҳри мардону паҳлавонон аст. Аммо бо Худой-таъоло ҳарб натавон кард ва шумо сипоҳи Худоед ва моро андар китобҳо дуруст аст берун омадани шумо ва они Муҳаммад (а) ва ин давлат дер бибошад. Савоб сулҳ бошад, то ин куштан аз ҳарду гурӯҳ бархезад. Расул пайғом бидод, Рабеъ гуфт: Аз хирад чунин воҷиб кунад, ки деҳқон мегӯяд ва мо сулҳ дӯсттар аз ҳарб дорем. Амон доду фармон дод сипоҳро, ки: Силоҳ аз даст дур кунед ва касеро маёзоред, то ҳар ки хоҳад ҳамеояд ва ҳамешавад. Пас бифармуд, то садре бисохтанд аз он куштагон ва ҷома афканданд бар пуштаҳошон ва ҳам аз он куштагон такягоҳҳо сохтанд. Баршуд бар он ҷо бинишаст. Ва Эрон ибни Рустам худ ба нафси худу бузургон ва мӯбади мӯбадон биёмаданд. Чун ба лашкаргоҳ андар омаданд, ба наздики садр омаданду онро чунон диданд, фуруд омаданд ва биистоданд.

---

[1] Дар матни аслӣ «Паҳра» дар шакли «Баҳра» омадааст ва шакли саҳеҳи он «Паҳра» буда, бо номи «Фаҳраҷ» дар Балуҷистони кунунӣ вуҷуд дорад (Аз шарҳи М. Баҳор).

Ва Рабеъ марде дарозболо, гандумгун буд ва дандонҳои бузургу лабҳои қавӣ. Чун Эрон ибни Рустам ӯро бар он ҳол бидид ва садри ӯ аз куштагон, бознигарид ва ёронро гуфт: Мегӯянд, ки Аҳриман ба рӯзи фародид наёяд. Инак, Аҳриман фародид омад, ки андарин ҳеч шак нест! Рабеъ бипурсид, ки: Ӯ чӣ мегӯяд? Тарҷумон бозгуфт: Рабеъ бихандид бисёр. Пас Эрон ибни Рустам аз дур ӯро дуруд доду гуфт: Мо бад-ин садри ту наёем, ки на покиза садрест. Пас ҳамон ҷо ҷома афканданду биншастанд ва қарордод бар ӯ, ки ҳар сол аз Систон ҳазор ҳазор дирам бидиҳам Амиралмуъмининро ва имсол ҳазор васифат[1] бихарам ва ба дасти ҳар як ҷоми заррин бифиристам ҳадя. Ва аҳдҳо бар ин ҷумла бикарданду хатҳо бидоданд ва Рабеъ з-он ҷо бархост ва бар қасаба андар шуд айман.[2] Рӯзе чанд бибуд ва з-он ҷо ба Хавош шуд, ки ба Буст шавад. Мардумони Буст фармон набурданд ва ҳарб карданд. Гуфтанд: Мо сулҳ менакунем. Охир аз эшон бисёр кушта шуд ва гурӯҳе бузург барда карданду ба даргоҳи Амиралмуъминин уфтоданд ва мардони бузург шуданд. Аз он бузургон чун Абдурраҳмон, ки дабири Ҳаҷҷоҷ буд ва Сулаймони Абдулмалик ӯро бар ҳироҷи Ироқайн омил кард ва чун Ҳасини Булҳарас ва Бассом ва Солим ибни Заквон ва писари Мавло Бани Мозон, ки ёд кардаем ҳадиси эшон андар ибтидои ин китоб, ки эшон бузургон гаштанд ва ба баракоти исलому илми умаро шуданд [ва] пас аз бандагӣ озодаӣ ёфтанд ва боз эшонро бандагони зиёд ҷамъ шуд.

[Рабеъ] боз ба Арнин шуд, ки сутургоҳи маркабони Рустами Дастон буд. Он ҷо якчанд бибуд ва хост, ки биёбон бигзорад ва ба Буст шуд ва боз нагзашт. Аз он ҷо бозгашту сӯи Абдуллоҳ ибни Омир шуд ва мардумони Систон аз фармон даст бидоштанд. Боз Абдуллоҳ ибни Омир ба фармони Усмон Абдурраҳмон ибни Самраро ба Систон фиристод ва Ҳасани Басриву фуқаҳои бузург бо ӯ.

---

[1] Ғуломи ноболиғ.
[2] Эмин.

## Омадани Абдурраҳмони Самра ба Систон андар санаи салосун ва салосина (сиву се)

Марде буд бузургвор аз ёрони Мустафо (с). Чун ба дари Систон омад, Эрон ибни Рустам пеши ӯ бозшуд ва гуфт: Ман ҳам бад-ин сулҳ андарам, аммо Рабеъ моро ёва бигзошту бирафт. Абдурраҳмон он ҷо бимонд ва изтироби кори Усмон пеш омад ва чиҳил тан аз саҳобаи расул ба сарои ӯ андар шуданд ва гуфтанд: Бар суннату сирати расули Худой ва Бӯбакру Умар (р) намеравӣ. Занаш гуфт: Ин мард ҳар шаб ҳама Қуръон ба намоз хатм кунад, хоҳед бигзоред, хоҳед бикушед. Пас Сумон Румон ал-Муродӣ бо ҷамоати саҳоба ӯро бикушт. Пас Ҷубайр ибни Мутъим баъд аз се рӯз ӯро бишусту кафан кард, шаби шанбе, исно ъашара (дувоздаҳ) бақият мин зилҳиҷҷа[1] ва хилофати ӯ дувоздаҳ сол буд, кам аз дувоздаҳ рӯз. Пас хилофат пас аз вай Алӣ ибни Абитолибро буд (р).

## Хилофати Амиралмуъминин Алӣ ибни Абитолиб каррама-л-лоҳу ваҷҳаҳу

Ӯ Алӣ ибни Абитолиб ибни Абдулмуталлиб ибни Ҳишом ибни Абдулманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Лувай ибни Ғолиб ибни Фахр ибни Молик ибни ан-Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Назор ибни Муъад ибни Аднон Абулҳасан ал-Ҳошимӣ.

Пас чун хабари Усмон наздики Абдурраҳмон расид, бар Систон ба ёрон ишорат кард, яке аз эшон Муҳаллаб Абисафра буд, гуфтанд: Ночор наздики Абдуллоҳ ибни Омир бояд шуд ва пас Абдурраҳмон. Амир ибни ал-Аҳмар ал-Юшкариро ба Систон халифат кард ва худ бирафту наздики Абдуллоҳ ибни Омир шуд. Чун ӯ бирафт, мардумон банди амир ниҳоданд, ки халифати Абдурраҳмон буд. Чун Абдурраҳмон ба Басра расид, ҳарби Ҷамал ҳамекарданд ва Алӣ бад-он машғул буд. Чун Абдурраҳмон чунон дид,

[1] Боқӣ монда аз зилҳиҷҷа.

ниҳон шуд, то Алӣ аз он ҳарб фориғ шуд. Пас Абдурраҳмон бо моле, ки бо хештан дошт, ба Шом шуд, наздики Муовия ва Муовияро ҳадяҳои бисёр дод ва он ҷо бимонд.

Ва аз суннатҳои Абдурраҳмон буд, ки фармуд, ки росу ва ҷужро[1] набояд кушт, то мор ҳамегиранд ва мехӯранд, ки ба Систон мор бисёр аст, то шарри эшон дафъ бошад. Чун Амиралмуъминин Алӣ бишнид, ки ӯ биёмад ва сӯи Муовия шуд, Абдурраҳмони Ҷаръ ат-Тоиро ба Систон фиристод. Чун ҳарби Саффин оғоз карданд, Абдураҳмони Самра хутба кард амали Систонро ва Муовия ӯро ба Систон бозфиристод. Чун хабари ӯ Абдурраҳмони Тоӣ бишнид, бирафт сӯи Алӣ шуд ва Абдураҳмон ибни Самра ба Систон омад андар санаи ситта ва салосина (сиву шаст). Мардумон ба фармон пеш рафтанд, якчанд ба Систон бибуд, боз ба Хавош шуд ва биёбон бигзошт ва Бусту Рухад бикшод. З-ин ҷо ба Кобул шуд ва Кобул бикшод ва бардагони бисёр аз он ҷо биёвард, бисёр бузургон буданд, аз ҷумлаи бардагон Боб буд мавлои ибни Саъд ва ҷадди Амр ибни Убайд ибни Боб ва Макҳул ас-Сомӣ ал-Фақеҳ ва Солим ибни Аҷлон ал-Афтан ва Ҳамид ат-Тавил ва Нофеъ мавлои ибни Амр. Боз он ҷо Абдурраҳмони Самра Муҳаллаб ибни Аби Сафраро ба Ҳиндустон фиристод ва сипоҳсолорӣ дод, ки то ин ҷо буд, як савор буд ва акнун қиссаи ӯ бигӯем.

## Сабаби солорӣ ёфтани Муҳаллаб

Муҳаллаб бистсола буд ва андар сипоҳи Абдурраҳмон буд, аммо хештандору бихрад ва мардонаи корӣ буд ва ҳамеша аз сипоҳ бар як сӯ рондӣ, ба биёбони Кирмон, ки ҳамеомаданд гурӯҳе бозаргонон андар суҳбати сипоҳи Абдурраҳмон ҳаме ба Систон омаданд ва андар миёни он бозаргонон марде кори буд доно ва ахбори Арабу Аҷам ва шеъри ҷоҳилият бисёр хонда ва ёд дошта. Муҳаллаб бо ӯ ҳамсухан шуд, чун марди зариф буд бад-ӯ унс гирифт ва бо ӯ як ҷо ҳамеронд. Чун лашкар аз биёбон берун омад,

[1] Росу – ҷонваре, ки бо лақаби муши хурмо маъруф будааст. Чуж ё жуж хорпуштро меномидаанд (Аз шарҳи М. Баҳор).

бозаргонон ҳанӯз аз пас буданд ва роҳ бимнок набуд. Куфчон бар думболи сипоҳ ҳамеомаданд, то магар чизе ёбем. Он бозаргононро андар ёфтанд хуфта, бар эшон барзаданд ва гурӯҳеро бикуштанду дигарон асир карданд ва бибастанду молҳои бисёр ва сутурон баргирифтанду биронданд ва он асиронро он ҷо бигзоштанд. Муҳаллабро одат он буд, ки бар яке гӯша фуруд омадӣ, з-он андар шаб хабар наёфт, бомдод бархост, намоз бигузорд ва барнишасту биронд ва сӯи бозаргонон шуд. Ӯро дид ва ҳоле чунон уфтода, ғамгин шуд, эшонро бикшод. Пас гуфт: Агар маро ёрӣ кунед, чунонки ман гӯям, ман ин моли шумо бозситонам ба тавфиқи Аллоҳ-таъоло. Ҳама гуфтанд: Мо фармони ту кунем ва бандаву озодкарди ту бошем. Гуфт: Шумо ҳар кас аз ин чӯбҳои хайма ба даст гиред ва ман аз пеш бар тохтан бар асари эшон биравам. Шумо бар асар ҳаме оед. Чун маро бубинед ва эшон, такбир кунед.[1] Эшон чунон карданд ва Муҳаллаб битохт, аз он куфчон ҳар чи яку ду биёфт, ки бар асар ҳамешуданд, бикушт, то ҳафтро бикушт. Чун ба наздики дигарон бирасид, як савора буд ва эшон мардуми бисёр буданд. Эшон ҳамеронданд ва ӯ бар болоҳо ҳамешуд ва аломате бар сари найза ҳамекард, чун касе, ки ёронро мунтазир бошад. Замоне буд он бозаргонон фаро расиданд такбир карданд. Куфчон чун чунон диданд, ҳама ба ҳазимат рафтанд ва сутурону колоҳо ҳамчунон бигзоштанд. Муҳаллаб он моли эшон бад-ин ҳол бозситонд ва ба Систон омаданд. Он меҳтари бозаргонон пеши Абдурраҳмон шуд ва ин қисса бозгуфт ва шукр кард аз Муҳаллаб. Андар вақт[2] Абдурраҳмон Муҳаллабро пеш хонд ва бинвохт ва аҷаб омад ӯро аз даҳо ва хираду шуҷоат ва хештандории ӯ. Пас гуфтанд, ки: Ин ҳамеша аз мо бар канора бошад, Абдурраҳмон гуфт: Ал-ашроф фи-л-атрофи[3], бештар ин масалро сабаб Муҳаллаб буд. Ӯро хилъат доду сад савор хайл дод ва аломату бӯқ[4] ва табл ва номи ӯ

[1] «Оллоҳу акбар» бигӯяд.
[2] Дарҳол, ба зудӣ.
[3] Бузургон дар атрофанд.
[4] Шайпур, олате, ки аз устухон ё филизз месозанд ва ҳангоми дамидан ба сӯрохи он садои баланд мебарояд.

фармуд, то дар девони арзи Форис-ул-фурсон[1] набиштанд. Пас чун ба ҳарби Кобул шуду сипоҳҳо баробар гаштанд, шоҳи Кобул ҳарб ба нафси хеш ҳамекард. Марде буд, ки ҳеч кас бар ӯ баробарӣ накард. Бисёр бикушт, то бисту анд ҳазор мусулмон бар дасти ӯ шаҳид гашт. Чун Муҳаллаб он бидид, ҳамла кард бар шоҳи Кобул ва шоҳи Кобул андар он вақт бозгашта буд сӯи сипоҳи хеш. Ӯро яке найза зад, бар пушти ӯ омад ва найза ба диръ андар шуд ба Кобулшоҳ андар нашуд. Бигашту дигар сӯ пеши рӯи ӯ ба диръ берун омад, Муҳаллаб неру кард, ки бозорад, чандон қувват кард, ки хост, ки Кобулшоҳро аз пушти асп бирбояд, то ӯ ба қувват гардани асб ба бар андар гирифт. Асб бар ҷой монд, охир найза барканд ва Кобулшоҳ ба тохтан аз пеши ӯ бишуд ва андар вақт кас фиристоду сулҳ кард ва гуфт: На! Бо инчунин сипоҳ ба ҳарб чизе натавон кард. Чун сулҳ бикард, пеши Абдурраҳмон омад, бозгуфт, ки: Ман ин сулҳ ба чӣ кардам, ки як савор бо ман чунин кард. Абдурраҳмон боз пурсид, ки: Ин кӣ буд? Чандин мард биёмаданду даъво карданд, ки мо будем. Абдурраҳмон гуфт: Маъно надорад, ки даҳ мард ба як ҷисм даршавад, коре чунин кунад, ҳам яке беш буда нест. Нӯҳи дигар дурӯғ ҳамегӯянд. Охир шоҳ Кобулро гӯяд, ки: Ту ӯро бишносӣ? Гуфто: Агар бар он ҷумла барнишаста бошад, ки рӯзи ҳарб буд, бидонам. Абдурраҳмон бифармуд, то ҳама сипоҳ силоҳ андар пӯшид-анд, пас ҳамаро бар шоҳ Кобул арз кард. Чун Муҳаллаб пеш омад, бар асбе аблақ[2] аз нажодаи падари хеш барни-шаста. Кобулшоҳ гуфт: Инак, эй мир ин аст! Абдурраҳмон Муҳаллабро пеш хонд, гуфт: Эй Субҳона-л-лоҳи-л-ъазим! Чандин мард даъво карданд, ки ин таъна мо кардем ва ту, ки карда будӣ ҳеч нагуфтӣ? Муҳаллаб гуфт: **Аъазза-л-лоҳу-л-амира**[3] ба ҳадиси илҷӣ[4] муфохирате наёяд. Абдурраҳ-монро он бузург омад ва Муҳаллаб андар чашми сипоҳ бузург омад. Пас чун ба ҳарби Кобулшоҳи Узмо рафтанд, ӯ

---

[1] Савори саворон.
[2] Аспи ало, сафеду сиёҳ, дуранга.
[3] Худованд амирро гиромӣ дорад.
[4] Илҷ (علج) уштур ва гӯрхари фарбеҳу боқувватро гӯянд. Мардуми кофири ғайриарабро низ илҷ мегуфтаанд (Аз шарҳи М. Баҳор).

пеш омад бо лашкари сохта [ва] ҳафт зиндапил[1] бо ҳар зиндапиле чаҳор ҳазор савор ва ҳарбе сахт ҳамекарданду сипоҳи ислом аз пилон фирор ҳаме карданд ва касе пешдастӣ ҳаменакард. Чун Муҳаллаб чунон дид, пешдастӣ карду пеши зиндапил андар шуд ва пилбон пил бар вай фиканд. Муҳаллаб зиндапилро ба бар андар яке найза бизад, чунонки ҳафт бадасти найза ба пил андар шуд ва бирасид то ба дил. Пил фарёд кард, найза бикашид. Пил фарёдкунон бозгашт. Дигар пилон он бididанд ва ин пил порае бишуд, биуфтоду бимурд. Пилони дигар ва сипоҳ ба ҳазимат бозгаштанд ва сипоҳи ислом даст ба куштан burdанд, то бисёр аз эшон бикуштанду бештар асир карданд ва фатҳе чунин бузург бар дасти Муҳаллаб бибуд. Чун кор чунин буд, Абдурраҳмон Муҳаллабро он рӯз сипаҳсолорӣ дод ва сипоҳ андар фармони ӯ кард ва ба Ҳинд фиристод ва худ бозгашту эътимод бар ӯ кард. Ва Муҳаллаб бузург шуду бирафт ва фатҳҳо бисёр буд. То Қандоил бишуд ва аз он ҷо ба саломат бо ғаноими бисёр бозгашт. Ва Абдурраҳмон ба Систон омад ва Ибод ибни ал-Ҳусайн ал-Ҳабати соҳиби шуртаи ӯ буд ва се сол бад-ин диёр бимонд. Ва Ҳасан Булҳасани Басрӣ ин ҷо буд ва масҷиди одинаи Систон Абдурраҳмон бино кард ва меҳроби он Ҳасани Басрӣ ниҳод. Ва андар ин се сол бештар он буд, ки Ҳасани Басрӣ ба масҷиди одинаи Систон андар нишаст ва мардумони Систон бари ӯ илм хонданд. Ва чунон буд, ҳоли Абдурраҳмони Самра андар се сол, ки ҳама намоз ба ҷамъу қаср карданд, зеро ки бар як ҷо ҳеч мақом накарданд. Чун Абдурраҳмон хост, ки ба Систон нишинад, мардумони Систон ҷамъ шуданд, уламову бузургону солорони Систон ва гуфтанд: Моро бояд, ки имоме ба ҳақ бошад, чунонки суннати Мустафо (с) ва акнун Алӣ ибни Абӯтолиб бар ҷой аст ва Муовия туро ин ҷо фиристодаст ва ҳаштод ҳазор мард аз аҳли таҳлил миёни эшон кушта шуда бояд, ки ин хутба ва намоз ба ҳақ бошад. Бар ин ҷумла, ки ҳаст, низ ризо надиҳем ва ин ба ҳузури Ҳасани Басрӣ ва Умар ибни Абдуллоҳ ибни Фаҳр ва Муҳаллаб ибни Аби Сафра буд ва Қатрӣ ибни ал-Фуҷот ва содоти уламо ва бузургон буданд. Пас Абдурраҳмон гуфт:

[1] Жандапил, фили бузургу қавӣ.

Ман акнун он ҷо равам, то ин кор бар ҷой қарор гирад ва боз агар зиндагонӣ бошад, бозоям. Шумо фармон нигоҳ доред ва ҳаққи ислом ба кор доред. Ва Ибод ибни ал-Ҳусайн ал-Ҳабатиро халифат кард, худ бирафт ва ба Басра шуд. Рӯзе чанд он ҷо бибуд ва Зиёд ибни Абиҳӣ ба Куфа буд, Абдурраҳмон бирафт, ки наздики Зиёд шуд, ба дари Куфа расид, фармон ёфт ва Зиёд бар ӯ намоз карду ӯро дафн кард. Ва насаби [ӯ] Абдурраҳмон ибни Самра ибни Ҳабиб ибни Абдушшамс ибни Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Лувай ибни Ғолиб ибни Фаҳр ибни Молик ибни Назр ва кунняти ӯ Абӯсаъид буд. Чун Амиралмуъминин аз кори Ҳарамайн фориғ шуд, Абдуллоҳи Аббосро Басра дод [ва ӯ] Рабиъ ибни [ал-Кос] ал-Анбариро ба Систон фиристод. Боз аз роҳ бозхонданд, боз Абдур-раҳмон ибни Ҷаруъ ат-Тоиро ба Систон фиристод, чи ӯ якчанд бибуд. Ӯро боз азл карданд ва Рабеъ ибни Ҳос ал-Анбарӣ ин ҷо омад. То ӯ ин ҷо расид, Алӣ Амиралмуъми-нин кушта шуд бар дасти Абдураҳмон ибни Малҷам, шаби одина, лисабъа ъашара лайлатан халлат мин шаҳриллоҳил муборак[1] ва шасту ду сола буд ва хилофати ӯ чаҳор солу нӯҳ моҳ буд. Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ва ал- Ҳусайн ибни Алӣ Абдурраҳмони Малҷамро бигрифтанд ва ду дасту пой бибуриданду чашму забонаш бибуриданд. Ва аҳли Куфа ал-Ҳасан ибни Алӣ ибни Абитолибро байъат карданд.

Ва чун хабари куштани Алӣ ба Шом расид, мардумони Шом Муовияро байъат карданд ба Илиё ва ӯ Муовия ибни Абисуфён буд ва номи Абӯсуфён Саҳр ибни Ҳарб ибни Умайя ибни Абдушшамс ибни Абдуманоф буд ва кунняти ӯ Абӯабдурраҳмон буд. Ва Муовия ба Димишқ омад ва з-он ҷо ба Куфа омад ва Ҳасан ибни Алӣ аз Куфа берун омад, ба Анбор фароҳам расиданд ва он ҷо сулҳ карданд ба шартҳо ва Ҳасан аморат бигзошт.

## Нишастани Муовия ба халифатӣ

Ва подшоҳӣ Муовияро софӣ шуд, з-он ҷо ба Мадина шуд ва ин андар соли чиҳилу якум буд аз ҳиҷрат ва ин солро

---

[1] Ҳабдаҳ шаб монда аз моҳи мубораки Худованд, яъне рамазон.

Санат-ул-ҷамоа[1] ном карданд, зеро ки кор Муовияро чунонки хоста, андар ин сол буда шуд. Чун ҳол чунин буд, Муовия Басра Абдуллоҳ ибни Омири Қарезро дод ва Системону Хуросон ва ӯ бирафт, ки ин ҷо ба Систон ояд.

### Омадани Абдуллоҳ ибни Омири Қарез ба Систон андар санаи иҳдо ва арбаъин (чиҳилу як)

Чун ин вилоят бад-ӯ муфавваз карда шуд, ибтидо ба Систон шуд ва бар муқаддимаи ӯ Аҳнафи Қайс буд ва сипоҳе анбӯҳ бо ӯ буданд аз бузургону содот ва Арабу Аҷам. Боз чун ин ҷо рӯзгоре бибуд, з-ин ҷо сӯи Хуросон шуд, то  бад-ин шаҳр, ки Нишобур гӯянд ва ин ҷо халифате бигзошт ва ду сол Систон ба рӯзгори Муовия андар амали ӯ буд. Боз Муовия Басра ва Хуросону Систон Зиёд ибни Абиҳиро дод ва Зиёд Рабеъ ал-Ҳорисиро ба Систон фиристод.

### Омадани Рабеъ ал-Ҳорисӣ ба Систон ба амал дар санаи ситта ва арбаъин (чиҳилу шаш)

Рабеъ биёмад ба Систон ва сиратҳои неку ниҳод ва мардумонро ҷабр карданд, то илму Қуръону тафсир омӯхтанд ва доду адл фурӯ ниҳод ва бисёр габракон мусулмон гаштанд аз некуии сирати ӯ. Ва андар санаи сабъа ва арбаъин (чиҳилу ҳафт) ба Бусту Руҳад ва он ноҳият шуд он Занбил ба ҳазимат аз пеши ӯ бирафт ва ба замини Ҳиндустон шуд. Ва ӯ он диёр софӣ кард ва моле, ки ба ҳақ бар эшон буд бистад ва ба Систон бозомад. Девони хироҷ ӯ ниҳод ба Систон ва расми дабирону ҳисоб ва ҷаҳду ҷой ва муставфиву мушрифон ва устуворон ва ин ҳама ба тадбири Ҳасани Басрӣ кард, ки ӯ бо вай ин ҷо омада буд. Ва ҳеч накардӣ, то аз ӯ напурсидӣ. Боз Зиёд ибни Абиҳи Рабеъро маъзул кард аз Систон ва Убайдуллоҳ ибни Абибакраро ба Систон фиристод.

---

[1] Соли ҷамоат.

## Омадани Убайдуллоҳ Абибакра ба Систон андар санаи иҳдо ва хамсина (панҷоҳу як)

Ва ӯро фармон дод, ки: Чун он ҷо шавӣ, Шобури ҳарбадонро[1] бикуш ва оташи габракон барафкан. Пас ӯ ба Систон шуд бар ин ҷумла ва даҳоқину[2] габракони Систон қасд карданд, ки осӣ гарданд бад-ин сабил. Пас мусулмонони Систон гуфтанд: Агар пайғамбари мо (с) ё хулафои рошидин ин кардаанд, бо гурӯҳе, ки бо эшон сулҳ карданд, то мо низ ин кор тамом кунем, агар на ва набудаст ин ҷо, коре набояд кард, ки андар шариати ислом нест ва андар сулҳ боз нома навиштанд ба ҳазрат. Бар ин ҷумла ҷавоб омад, ки: Набояд, ки эшон муоҳиданд ва он маъбад ҷои эшон аст ва эшон мегӯянд, ки: Мо Худой парастем ва ин оташхонаро, ки дорем ва хуршедро, ки дорем, на бад-он дорем, ки гӯем, инро парастем. Аммо ба ҷойгоҳи он дорем, ки шумо меҳроб доред ва хонаи Макка. Чун бар ин ҳол бошад, воҷиб накунад [баркандан], ки ҷуҳудонро низ куништ аст ва тарсоёнро калисо ва габраконро оташгоҳ. Чун ҳама муоҳиданд миёни маъбадҷои эшон чӣ фарқ кунем. Мегӯянд, ки мо Худой парастем ва ин оташхона, ки дорем ва хуршедро чӣ фарқ кунем, чи мункиранд ва низ дӯст надоранд баркандани чизе ва ҷое, ки дерина гардад ва пайғамбари мо (с) агар хостӣ, з-ин ҳеч нагзоштӣ, илло ҳама куфру адён дуни дини ислом баркандӣ. Он ки накард ва барнакунад ва бар эшон бар ҷизя сулҳ кард иззи исломро буд, то ҳарчанд ҷаҳон бошад ва рӯзгор бошад, мусулмонон, ки ҳақиқати эътиқоди хеш ва дини хеш нигоҳ кунанд, Худойро таъоло шукре нав кунанд ва чун халали кешҳои эшон ҳамебинанд ва ҳамешунаванд. Пас ӯ он фармон бигзошт ва ӯ омил буд ва қозӣ буд, номаи падари ӯ омад зӣ ӯ ки пайғомбар (с) гуфтааст, ки: Миёни ду мардум ҳукм макун, ки хашмнок бошӣ.

Пас ба Систон якчанд бибуду бирафт ба Бусту Рухад ва Кобул шуд ва боз Занбил ҳарб кард ва охир сулҳ кард бо ду ҳазор ҳазор дирам. Ва Занбил наздики ӯ омад ва бо ӯ ба

---

[1] Ҳарбад шакли дигари «ҳирбад» ва чун «мӯбад» лақаби гурӯҳи алоҳидаи бузургони дини зардуштӣ будааст (Аз шарҳи М. Баҳор).
[2] Ҷамъи деҳқон.

Систон омад ва з-ин ҷо Занбилро аз пас[и он] ба Басра фиристод, наздики Зиёд ба фармони Зиёд, ки Зиёд хост, ки ӯро бинад. Чи он ҷо расид, ӯро бинвохт ва хилъат доду бозгардонид сӯи Убайд[уллоҳ] ибни Абибакра. Ва ӯро хабарҳо бисёр аст андар ҷуду саҳо ва шуҷоат, аммо мо ин китоб бар ваҷҳи ихтисор қасд кардаем, ки мумкин ояд. Чун соли панҷоҳу се андар омад, Зиёд ибни Абиҳӣ ба Басра фармон ёфт ва ӯ низ панҷоҳу сесола буд ва Самра ибни Ҷандабро халифаи хеш [кард] бар Басра ва бар Куфа Абдуллоҳ Холид ибни Усайдро. Чун хабари вафоти Зиёд ибни Муовия расид, Заҳҳоқ Убайдуллоҳ ибни Абибакраро аз Систон маъзул кард ва Убайдуллоҳ ва Аббод ибни Зиёд ибни [Абиҳӣ] бародари ӯ сӯи Муовия шуд[анд], Муовия Хуросон Убайдуллоҳ ибни Зиёдро дод [ва ӯ бародари худ Аббод ибни Зиёдро ба Систон фиристод].

## Омадани Аббод ибни Зиёд ба Систон

Аббод ба Систон омад ва ҳар рӯзи панҷшанбе мазолим кардӣ ва ҳар ҳоҷате, ки аз ӯ бихостандӣ, тамом кардӣ ва ато додӣ ва некуӣ кардӣ ба мардумон ва ин хабар аз пайғомбар (с) ҳар панҷшанбе ривоят кардӣ: Аллоҳумма борик лиумматӣ фӣ букуриҳо ваҷъал золика явмал хамиси.[1]

Пас ин ҷо халифате ба пой кард ва худ бирафт ва ба Кобул шуд ва з-он ҷо ба Қандаҳор шуд. Ва сипоҳи Ҳинд пеш омаданд ва ҳарбе сахт карданд. Охир Эзад-таъоло мусулмононро зафар дод ва Аббод он рӯз ба астаре ҳарб ҳамекард ба нафси хеш ва Зуҳайр ибни Зувайб ал-Адавӣ ҳарб кард он ҷо он рӯз, чунон ки Рустам ба рӯзгори хеш ҳамекард. Ва хонае пур аз зар ёфтанд ва ғаноиме бузург ба дасти мусулмонон омад. Ва Ибни Муфаррағ он ҷо буд бо эшон бад-ин ғазо ҳама рӯз Аббодро ва Зиёдро ҳаҷв ҳамекардӣ чунин ки ин замон ёд кунем:

Шеър:

*Ва ашҳаду анна уммука лам тубоишир,*
*Або Суфёна возиъат-ал-қиноъи.*

---

[1] Худоё, ба субҳи уммати ман баракат деҳ ва онро рӯзи панҷшанбе ато фармо.

*Ва локин кона амран фабиҳи лабсун,*
*Ало ваҷлин шадидин ва иртиёин.*[1]

Пас Аббод ӯро биёвард ва адаб кард ва маҳбус ва ба дасти ҳаҷҷомон[2] дод. Он ҳаҷҷомон бирафта буданд ва хукони аҳлиро сикӣ[3] бор канданд ва биёварданд ва ин шоир он бихӯрд ва маст гашт. Дигар рӯз андар мастӣ ӯро исҳол уфтод, кӯдакон нигоҳ ҳамекарданд, аз бас сиёҳӣ, ки он исҳоли ӯ буд ва мунодӣ мекарданд ба забони порсӣ, ки: **Шаб аст ин, шаб аст ин, шаб аст.** Ӯ ҷавоб кард эшонро ҳам ба порсӣ ки:

*Об асту набиз аст,*
*Ва усороти забиб аст.*
*Ва дунбаи фарбеҳу пӣ аст,*
*Ва Сумайя ҳам рӯсапӣ аст.*

Ва Сумайя номи модари Зиёд буд. Пас Аббод ӯро моле дод ва ба сӯи Араб бозгардонид. Гуфто: Маро аз ту бас.

Ва ҳамеша волии Систон буд, то Муовия фармон ёфт. Вафоти Муовия рӯзи панҷшанбе буд, нимаи раҷаб санаи ситтин (шаст) ва умри ӯ ҳафтоду ҳашт сол. Ва намоз[4] бар ӯ Заҳҳоқ ибни Қайс ал-Фаҳрӣ кард. Ва хилофати ӯ нуздаҳ солу се моҳ ва бисту ду рӯз буд. Муовия хизоб кардӣ ба ҳинно ва вусма нақши хотам: **Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи-л-алаийи-л-ъазим** буд. Ва гӯри ӯ ба Димишқ аст ба гӯристони Боб-ус-сағир. Валлоҳ-ул-мустаъон.

---

[1] Мазмуни шеъри арабӣ:
Ва шаҳодат медиҳам, ки мубошират накард,
Модари ту бо Абӯсуфён ва чодари худро бадар накарда.
Валекин сиррест дар ин ҷо, ки гуфтан натавонам,
Аз тарси шадиду хавфи бисёр.

[2] Сартарош, ки ҳамзамон вазифаи хунгириро аз бадани беморон ба воситаи чок кардан бо устура иҷро мекардааст. Амали хунгириро, ки ба хотири саломатии бемор анҷом дода мешудааст, ҳаҷомат ва хунгирандаро ҳаҷҷом меномидаанд.

[3] Шароб, мусаллас.

[4] Намоз кардан, ин ҷо ба маънии салоти ҷаноза хондан.

## Нишастани Язиди Муовия ба халифатӣ рӯзи панҷшанбе, лисамони лаёлин бақина мин раҷаби санати ситтин[1]

Ва кунняти Язид Абӯхолид буд ва нақши хотами ӯ **«Оманту би-л-лоҳи мухлисан».[2]** Чун хабари нишастани Язиду байъати аҳли Шом ӯро наздики Ҳусайни Алӣ (р) баррасид, Муслими Уқайл Бӯтолибро фиристод ба Куфа, то ӯро байъат кунанд. Пас аҳли Куфа бар ӯ ғадр карданд, чунонки ҳоли он пӯшида нест назди хосу ом ва Муслимро фаро доданд, то гардан бизаданд ва Язидро огоҳ карданд.

Умари Саъд ҳамон ҷо нигоҳ ҳамекард, то [Язид] Убайдуллоҳ ибни Зиёдро он ҷо фиристод ва Муслим он шаб барнишаст, се ҳазор савор бо ӯ ба як ҷо. Замоне буд, нигоҳ кард, миқдори даҳ мард бо ӯ монда буд. Бозгашт, хост, ки бигрезад, ҳеч касе надид, ташна буд, аз зане об хост ва ба сарой андар шуд. Зан Убайдуллоҳ ибни Зиёдро огоҳ кард, Шуртаро[3] бифиристод, то ӯро биёваранд ва бифармуд то бар боми Қаср бурданд, гардани ӯ бизаданд ва сару бадани ӯ ба майдон андохтанд. Ва Ҳонӣ ибни Урва ал-Вадоъиро ва Зубайр ибни Арваҳ ат-Тамимиро низ гардан бизад ва ҳар се сар наздики Язид фиристод. Чун хабари Муслим сӯи Ҳусайн ибни Алӣ бирасид, бархост ва роҳи Куфа баргирифт. Убайдуллоҳ ибни Зиёд чун хабари ӯ бишнид, Умари Саъдро пазира бо сипоҳ боз фиристод ба Карбало, ҳардуро фароҳам расид. Ҳарб карданд ва роҳи об бар Ҳусайн баргирифтанд, то ташнагӣ ӯро ғамӣ кард. Пас он ҷо ӯро ташна бикуштанд. Рӯзи Ошуро чоршанбе буд, санаи иҳдо ва ситтин (шасту як) ва аз аҳли байти расул (с), ки бо Ҳусайн он ҷо кушта шуданд. Ҷаъфар ибни Алӣ ибни Абитолиб ва Аббос ибни Алӣ ибни Абитолиб, Муҳаммад ибни Алӣ ал-Асғар ва Алӣ ибни ал-Ҳусайн ибни Алӣ ва ал-Қосим ибни ал-Ҳасан ибни Алӣ ва Авн ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ибни Абитолиб, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ибни Абитолиб ва Абдуллоҳ ибни Муслим ибни Уқайл ибни Абитолиб ва беш аз ин аз хурдон ва бузургон, ки ба номи эшон қисса дароз шавад, аммо

---

[1] Ҳашт шаб боқӣ монда аз моҳи раҷаби соли шаст.

[2] Имон овардам ба Худо мухлисона.

[3] Шурта – созмони маъмури тартибот монанди полиси имрӯза.

маъруфон ин буданд. Шамр ибни Зилҷавшан лаъанаҳ-уллоҳ сари Ҳусайн ибни Алӣ (р) берун кард ва Убайдуллоҳ ибни Зиёд он сари вай бо занону кӯдакони хурд асир кард ва ба Шом фиристод бар уштурон. Сарҳошон бараҳна ва ҳар ҷойгоҳ, ки фуруд омаданди, он сари вай аз сандуқ берун кардандӣ ва бар сари найза кардӣ ва нигоҳ ба онон бар он кардандӣ то ба гоҳи рафтан. То бирасиданд ба манзиле, ки он ҷо яке роҳиб буд аз они тарсоён. Эшон он сар бар он расм, ки ҳамедоштанд, бар он сари найза карданд. Чун шаб андар омад, он роҳиб ба савмаа андар ба ибодат истода буд, нуре дид, ки аз замин бар осмон хаме баршуд, чунон ки ҳеч зулмат намонд, илло аз осмон то замин нуре сотеъ[1] буд. Аз бом овоз дод, ки: Шумо кистед? Гуфтанд: Мо аҳли Шом. Гуфт: Ин сари кист? Гуфтанд: Сари Ҳусайни Алӣ. Гуфт: бад гурӯҳед, ки агар аз Исо (а) фарзанд монда, мо ӯро бар дидагон ҷой кунем. Пас гуфт: Ё қавм, ман даҳ ҳазор динор меросе ҳалол дорам, агар ин сар фаро ман диҳед, то бомдод, ман он зар шуморо бидиҳам ҳалол. Гуфтанд: Биёр. Зар биёварданд ва бисохтанду қисмат карданд ва сари ӯ фаро ӯ доданд. Покиза бишусту гулобу мушку кофур бисиришт ва ба манфазҳои он андар кард ва бибӯсид онро ва ба канор андар ниҳод ва ҳамегирист то бомдод, ки субҳ бидамид. Гуфт: Ё сари бузургвор, маро подшоҳӣ бар нафси хеш аст. **Ашҳаду ан ло илоҳа илла-л-лоҳ ва анна ҷаддака Муҳаммадун (с) ва расулу-л-лоҳ.**[2] Ва ислом оварду мавлои Ҳусайн (р) шуд ва он сар бад-эшон боздод. Ва эшон андар сандуқ карданд ва бирафтанд. Чун ба наздики Димишқ расиданд, ба зар нигоҳ карданд, ки аз он роҳиб бистада буданд. Ҳама сафол гашта буд ва ба ҷои муҳр бад-он падид гашта бар якрӯй: **Ва ло таҳсабанна-л-лоҳа ғофилан ъаммо яъмалу-з-золимуна**[3] ва бар дигар рӯй падид гашта ба қудрати Борӣ-таъоло: **Ва саяъламу-л-лазина заламу айя мунқалабин янқалибун.**[4] Он ҳама зарҳо фароҳам карданд ва ба ҷӯи об

[1] Дурахшон, равшан, мунаввар.
[2] Шаҳодат медиҳам, ки нест Худое ғайр аз Аллоҳ ва ҷадди ту Муҳаммад (с) аст расули Худованд.
[3] Ва ҳисоб накунед, ки Худованд аз он чи ки золимон (гумроҳон) мекунанд, ғофил аст.
[4] Ва медонад, онҳое, ки зулм кардаанд, оқибат ба зулми хеш гирифтор хоҳанд шуд.

андар андохтанд. Бисёр кас аз эшон бигристу тавбат кард ва ҳам бар он кӯҳу дашт шуд ва бисёр буданд, ки исрор оварданд ва он занони асиру кӯдакони сар бараҳна бар уштур ба Димишқ андар бурданд ва он сар андар пеши ӯ ниҳоданд андар таште ва қазибе бар он лабу дандони вай ҳамезад. Ин хабар ба китоби хулафо ба тамомӣ гуфта ояд ва маъруф аст.

Пас чун ин хабар ба Систон омад, мардумони Систон гуфтанд: На неку тариқате баргирифт Язид, ки бо фарзандони расул (а) чунин кард. Порае шӯриш андар гирифтанд. Аббод Систон ҳам ба мардумони Систон супурд. Бист бор ҳазор ҳазор дирам андар байтулмол ҷамъ шуда буд, аз ғаноими Кобул ва дигар молҳо баргирифту ба Басра боз шуд. Убайд[уллоҳ] ибни Зиёд бародари хешро Язид ибни Зиёдро ва дигар бародар Бӯубайдаи Зиёдро ба Систон фиристод андар аввали санаи исно ва ситтин (шасту ду).

## Омадани Язиди Зиёд ва Бӯубайда ба Систон, Язид ба амирӣ ва Бӯубайда ба сипаҳсолорӣ

Язид ба Систон омад ва рӯзгоре бибуд бо сирате неку. Пас мардумони Кобул сар бартофтанд, Язид бо сипоҳ он ҷо шуд ва он ҷо сипоҳи бисёр ҷамъ шуда буд ва ҳарбе саъб карданд ва мусулмонони бисёр кушта шуданд ва асир карда шуданд ва баъзе бирастанду Бӯубайда асир монд. Ва Язид ва Салм ибни Ашям ал-Адавӣ, Абуссаҳбо ва писари вай Зайд ибни Ҷадъон, падари Алӣ ибни Зайд ва Бадил ибни Наъим ал-Адавӣ, Усмон ибни ал-Адҳам ал-Адавӣ ва ҷамоате бузург аз уббод ва бузургон он ҷо шаҳид [шуданд]. Чун ин хабар [ба Шом] бирасид. Язид ибни Муовия Салм ибни Зиёд ибни Абиҳиро ба Хуросон фиристод ва Систон. [Ва] Салм Талҳа ибни Абдуллоҳ ибни Халаф ал-Хузоӣ, ки Талҳату ат-Талаҳот гуфтандӣ, ба Систон фиристод ва сӯи Язид ибни Муовия кас фиристод ва нома карду дастурӣ хост ба фиристодани Талҳа ба Систон. Язид аҳд фиристод Талҳаро ба Систон ва Салм аҳд ба духулуҳу аз паси вай бифиристод ва ҳанӯз ба роҳ андар буд, ки он аҳд ба вай расид. Фармон дода буд, ки бародари маро ба аҳд бозхар.

## Омадани Талҳа ат-Талаҳот ба Систон ва Умар бародари ӯ соҳиби ҷайш буд

Талҳа ба Систон омад ва бародараш Умар соҳиб-ул-ҷайши ӯ буд ва соҳиби шуртаи ӯ Молик ибни Авс ал-Аздӣ. Ва расул фиристоду Бӯубайдаи Зиёдро ва асирон, ки бо ӯ буданд, ба понсад ҳазор дирам бозхарид. Боз ба Буст рафт ва кори он диёр бар низом кард ва боз Систон омад. Ва марде бузургвори некусирати бохирад буд ва ҳеч касе ӯро андар шуҷоат ва саховат назир набуд ва аз саховату адли хеш чунон гашт, ки мардумони Систон ҳама савганд ба ҷони ӯ ёд кардандӣ аз муҳаббати ӯ, ки дар дилҳо ҷойгир уфтод ва чунон буд, ки шоир гӯяд:

Шеър:

*Ё Талҳа анта аху-н-нада ва aқидуҳу,*
*Фабаҳису битта мина-л-манозили бото.*
*Шаҳида-л-аному сагируҳум ва кабируҳум,*
*Инна-н-надай ин мота Талҳата мото.*[1]

Ба саховат бад-он ҷойгоҳ буд, ки Буласад яке биёмад, қасди ӯро ба Систон ва рӯзе чанд ба даргоҳи ӯ бимонд, ки ӯро нагуфтанд. Охир ин байтҳо бинвишту пеши ӯ фиристод:

Шеър:

*Варада-с-суқоту-л-муътишуна фаанҳалу,*
*Райян ва тоба лаҳум ладайка-л-макраъу*
*Ва варадту баҳрака томиян мутадаффиқан,*
*Фарададту далвӣ шаннаҳо ятақаъқаъу.*
*Ва арока тақтару ҷонибан ан ҷонибин,*
*Ва маҳаллу байтӣ ъан самоика балқаъу.*[2]

---

[1] Мазмуни шеъри арабӣ:
Эй Талҳа, ту бародари ҷуд ва сарвари он ҳастӣ.
Дар ин манзил, ки ту ҳастӣ, ҷуд он ҷост.
Хурду бузурги Бани башар шоҳиданд, ки
Агар Талҳа бимирад, сахову ҷуд бо ӯ хоҳад мурд.

[2] Мазмуни шеъри арабӣ:
Машкобон омаданд ва ташнагон нӯшиданд.
Ба серӣ ва хушбӯ буд бар онҳо чашмаи ҷуди ту.
Ва даромадам ба баҳри саршори эҳсони ту,
Баромадам аз он бо сатили пур, ки садои резиши об аз он меомад.
Мебинам, ки аз самои ҷуди ту ба ҳар ҷониб қатраҳо мечакад,
Вале маҳалли хонаи ман бе абри ҷуди ту биёбон аст.

Чун хатту шеъри ӯ бидид, ҳиҷил монд ва андар вақт ӯро пеши хеш оварду узр хост ва ду ёқути сурхи гаронмоя ба даст ҳаме гардонид, гуфт: Ё Буласад, бист ҳазор дирам дӯсттар дорӣ ё аз ин яке? Гуфт: Ман як пора санг ихтиёр накунам, то бист ҳазор дирам. Бист ҳазор дирамро биёварду ғуломи хешро гуфт: Бигир. Пас гуфт: Агар амир бинад, як пора фаро ман диҳад, то бинам. Ҳарду пора зӣ вай андохт ва гуфт: Мардонро фиреб накунанд бад-ин ба сад ҳазор дирам харидаам. Ва Буласад ба Ироқ бурд ва ба саду бист ҳазор дирам бидод.

## Омадани Асвади Саид ба Систон

Боз Язид ибни Муовия Асвад ибни Саидро ба Систон фиристод андар охири санаи исно ва ситтин (шасту ду). Чун рӯзе чанд бибуд андар Ақаб, Абдуллоҳ ибни Талҳа ат-Талаҳотро ба Систон фиристод, андар санаи салоса ва ситтин (шасту се).

## Омадани Абдуллоҳи Талҳа ба Систон

Ва як сол ба Систон буд. Боз падари вай [Талҳа]-ро ба Систон фиристод, андар санаи арбаъа ва ситтин (шасту чаҳор). Ва [ӯ] писари хешро Абдуллоҳро халифат кард, ки мардумон аз некуӣ ва сирати вай шукри бисёр карданд ва ба Систон бибуд, то гоҳи вафоти вай. Пас васият кард, писари хешро, ки: Маро ҳам ин ҷо дафн кун, ки ин мардумон маро дӯст доранд, то зикри ман ин ҷо бимонад миёни дӯстони ман ва маро солҳо ёд ҳамекунанд, ки мардумон чун ӯро ҳаме ёд кунанд, мурда набошад ва он сухан, ки касе гӯяд, ки ҳазор сол туро бақо бод, он на бар хато гӯянд. Бақои мард зикри некуи ӯст ва ман умед медорам, ки з-он ҷумла бошам, андар ин шаҳри бузургвор ва ин бузургону озодмардон.

Пас чун фармон ёфт, писараш фармони ӯро кор баст ва ӯро ба Таҳали муҳоҷир дафн кард ва акнун гӯри ӯ маъруф аст. Шоир гӯяд ва ҳува Абдуллоҳ ибни Қайс ар-Руқиёт:

Шеър:

*Раҳима-л-лоҳу аъзуман дафануҳо,*
*Би Сиҷистона Талҳату-т-Талаҳот.*[1]

---

[1] Мазмуни байти арабӣ:

Чун Талҳа фармон ёфт, сипоҳи ӯ нофармон гаштанд, андар Язиди Муовия ва ҳар касе ба ноҳияте аз Систон биншастанд. Чун чунон буд, писари вай Қасаба бигузошт ва бозгашт. Абӯсалҳ ибни Рабеъ ал-Қашрӣ Дари таом гирифта буд ва Вакеъ ибни Асвад ноҳияти Авқ ва Абдулмаҷид ибни Ҷамил ноҳияти Хавош, Абдуллоҳ ибни Ношира ноҳияти Фароҳ ва Қасаба ва Баскар маҳмил гузошта буд. Ҳеч волӣ набуд, то Язид ибни Муовия фармон ёфт ба Ҳаворин аз навоҳии Шом чаҳордаҳ рӯз гузашта аз рабеъулаввали санаи арбаа ва ситтин (шасту чаҳор). Ва ӯро сиву ҳашт сол буд ва ҳашт моҳ кам ҳашт рӯз ва ӯро дафн карданд ба Димишқ.

## Нишастани Муовия ибни Язид ибни Муовия ба халифатӣ

Ва Муовия ибни Язид биншаст нимаи рабеи санаи арбаъа ва ситтин (шасту чаҳор) ва кунияти ӯ Абӯлайло буд. Чиҳил рӯз умр буд ӯро андар аморат. Чун ҳол бар ӯ танг шуд, гуфтанд: Касеро валилаҳд кун. Гуфт: Ман аз дунёи шумо чандоне некуӣ надидам, ки вуболи ончи хоҳад монд [бо] гардан кунам. Ва фармон ёфт панҷ рӯз монда аз рабеъулаввали санаи арбаъа ва ситтин (шасту чаҳор) ва ба Шом байъат карданд, Марвон ал-Ҳакамро ва ба Макка Абдуллоҳ ибни Зубайрро.

## Нишастани Марвон ал-Ҳакам ба Шом

Ва Марвон ал-Ҳакам ибни Абил Ос ибни Умайя ибни Абдушшамс ибни Абдуманоф буд. Ӯро байъат ба Ҷобия карданд рӯзи чаҳоршанбе, се рӯз гузашта аз зилқаъдаи санаи арбаъа ва ситтин (шасту чаҳор).

---

Худо раҳмат кунад, дафн карданд ӯро
Ба Систон Талҳат ат-Талаҳот.

## Нишастани Абдуллоҳи Зубайр ба Макка

Ӯ Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр ал-Аввом буд ва куникти ӯ Абӯҳабиб буд. Ва аҳли Ироқ ӯро байъат карданд ва модари ӯ Асмо буд, духтари Бӯбакр ас-Сиддиқ. Чун кор бар ӯ мустақим шуд, Басраву Хуросону Систон Ҳорис ибни Абдуллоҳ ибни Абирабиъа ал-Махзумиро дод, он, ки ӯро Қуноъ гуфтандӣ. Пас Қуноъ Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Омир ибни Карезро ба Систон фиристод.

## Омадани Абдулазиз ба аморат аз пеши Ҳориси Абдуллоҳ

Ӯ ба Систон омад ва бо мардумон некуӣ карду гуфт ва он сипоҳи Талҳаро ҷамъ карду бинвохт ва хабари Бусту Кобул карданд, ки эшон сар битофтаанд.

## Рафтани Абдулазиз сӯи Буст ва Кобул

Ба роҳи биёбон рафт. Занбил лашкаре аз туркон фароҳам карда буд. Ҳарбе саъб бикарданд, чунонки мусулмонон фурӯ монданд ва хостанд, ки бигрезанд аз қуввати душманон ва шавкати эшон. Умар ибни Шон ал-Орӣ, марде мард ва маъруф буд, бо Абдулазиз як ҷо буд. Ҳамла карду Занбил ҳазимат шуд ва бикушт аз туркон бисёр ва ҳазимат карданд. Ва мусулмонон бисёр ғаноим ёфтанд ва бардагони бисёр ва аспу силеҳ ва кори Кобулу Зобул ӯро мустақим гашт. Ва музаффар ба Систон бозомад. Ва марде буд олим ва аҳли илмро дӯст доштӣ. Пас рӯзе Рустам ибни Меҳрҳурмузд ал-Маҷусӣ пеши ӯ андар шуд ва биншаст ва мутакаллими Систон ӯ буда буд. Гуфт: Даҳоқинро суханони ҳикмат бошад, моро аз он чизе бигӯй. Гуфт: Нодон мардумон ӯй аст, ки дӯстӣ ба рӯи ифтиол дорад[1] беҳақиқат ва парастиши Яздон чашмдидиро[2] кунад ва дӯстӣ бо занон ба дуруштӣ ҷӯяд ва манфиати хеш ба озори мардум ҷӯяд ва

[1] Яъне дӯстии сохта ва зоҳирӣ.
[2] Риёкорона, мунофиқона.

хоҳад, ки адаб омӯзад ба осонӣ. Гуфт: Низ гӯй. Боз деҳқон гуфт: Оби ҷӯй хуш бувад то ба дарё расад ва хонадон ба саломат бошад, ҳарчанд фарзанд назояд ва дӯстӣ миёни ду тан ба салоҳ бошад, чанд бадгӯӣ дар миёна нашавад ва доно ҳамеша қавӣ бувад, чанд ҳаво бар ӯ ғолиб нагардад [ва] кори подшоҳӣ ва подшо ҳамеша мустақим бошад, чанд вазирон ба салоҳ бошанд.

Ва ҳам ба Систон буд, то Марвон ибни ал-Ҳакам фармон ёфт андар моҳи рамазони санаи хамсун ва ситтин (шасту панҷ) ва шастудусола буд. Вилояти ӯ даҳ моҳ буд кам се рӯз. Намоз бар вай писари ӯ кард Абдулмалик ибни Марвон ва Абдулмаликро валиаҳд карда буд. Ва ӯро ба Димишқ ба гӯр карданд ва аҳли Шом Абдуллоҳро байъат карданд.

## Нишастани Абдулмалик Марвон ибни ал-Ҳакам ба халифатӣ

Ва куннияти ӯ Абозунон буд ва нишастани ӯ андар моҳи рамазони санати хамсун ва ситтин (шасту панҷ) буд. Бозгаштем ба ҳадиси Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр ва ӯ Ҳорис ибни Абдуллоҳро аз Ироқ маъзул кард ва Ироқ бародари хешро дод. Мисъаб ибни аз-Зубайр қасди Абдулмалик кард ва роҳи Шом бо сипоҳи бузург баргирифт ва Абдулмалик низ қасди ӯ кард ва роҳи Ироқ баргирифт, то ҳарду сипоҳ ба дайри Ҷослиқ фароҳам расиданд ва миёншон вақъатҳову[1] ҳарбҳо бисёр буд, то як роҳ, ки ҳазимат бар сипоҳи Мисъаб расид ва Мисъаб кушта шуд, ки гурез накард.[2] Ва ӯ чиҳилсола буд. Пас чун соли ҳафтоду се андар омад, Абдулмалик Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро фиристод ба ҳарб кардан бо Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр. Ҳаҷҷоҷ ба Ҳарам андар омад ва Манҷаниқ бар Каъба рост кард ва чанд гоҳ он ҷо бибуду андар ҳарами мардум ҳамегашт, то як роҳ, ки Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр кушта шуд рӯзи шанбе, сенздаҳ рӯз монда аз Ҷумодиюлувлло санати салоса ва сабъина (ҳафтоду се). Бар

[1] Воқеаҳо.
[2] Нагурехт, фирор накард.

яке дарахти хурмо нагунсору бесар фурӯ овехт ва кор бар Абдулмалик қарор гирифт. Пас Абдулмалик Ироқу Хуросон ва Систон Ҳаҷҷоҷро дод. Пас Ҳаҷҷоҷ Умайя ибни Абдуллоҳро Хуросону Систон дод ва Умайя писари хешро Абдуллоҳ ибни Умайя Систон дод.

## Омадани Абдуллоҳи Умайя ба Систон ба рӯзгори Ҳаҷҷоҷ дар санаи арбаъа ва сабъин (ҳафтоду чаҳор)

Шаҳр фурӯ гузошта буд Абдулазиз [ва] рафта ва Абдуллоҳ як чанде ба Систон бибуд. Боз ба Буст шуд, бо Занбил ҳарб кард ва сари роҳҳо бо Занбил фурӯ гирифт. Чун кор бар Занбил танг гашт, як хирвор зар ҳадя фиристод ва замон кард, ки низ ҳарб накунам. Бо ду бор ҳазор ҳазор дирам сулҳ кард ва хештанро сесад ҳазор дирам. Пас ин хабар сӯи Абдулазиз бирасид, ӯро маъзул кард.

## Омадани Мусо Талҳаи Абдуллоҳ ба Систон

Ва Мусо ибни Талҳа ибни Абдуллоҳро бифиристод ва ин ҷо омад ва Абдуллоҳ бозгашту Мусо ин ҷо бибуд то авали санаи хамсун ва сабъин (ҳафтоду панҷ). Ва Бушр ибни Марвон ба Басра бимурд, бародари Абдулмалик ва Ҳаҷҷоҷ ба Куфа омад ва он ҷо рӯзе чанд бибуд. Боз ба Басра шуд ва Урва ибни ал-Муғира ибни Шаъбаро бар Куфа халифат кард. Ва чун ба Басра қарор гирифт, сипоҳ ҷамъ кард ҳарби хавориҷро ва ба ҳар ҷой хавориҷ берун омада буданд ва мардуми хосу ом бад-эшон пайваста ҳамегаштанд ва солорони эшон санодиду бузургони Араб буданд аз ёрони Мустафо (с), ки чун вақоеъ уфтод, миёни мусулмонон ва корҳо рафт, ки андар китобу суннат онро ҳуҷҷате надиданд, з-он фурӯ монданд ва ҳар рӯз бештар ҳамебуд. Чун аҳдоси Амиралмуъминин Усмон, ки ёрон ҷамъ шуданд ва ӯро инкор карданд, то сухан бад-он ҷой расид, ки ӯро бад-он ҳол бикуштанд. Ва чун ҳарби Ҷамал ва куштани Талҳаву Зубайр ва он бузургон, к-он ҷо аз ду гурӯҳ кушта шуданд. Боз хилофи Муовияву ҳарби Саффину ҳадиси ҳакамайн ва салим-

дилии[1] Бомусои Ашъарӣ ва фиреби Умар ва ибни ал-Ос ва қатли Амиралмуъминин Алӣ ибни Абитолиб. Боз ҷамъ гаштани гурӯҳ бар Муовия ва азл кардани Ҳасани Алӣ аз хилофат ва куштани Ҳусайни Алӣ ва ҳама авлоди Оли Мустафо (с) ба рӯзгори Язиди Муовия ва сари Ҳусайн баргирифтану ҳарамиёни Мустафоро сарҳои бараҳна ба Шом бурдан ва қазиб бар лабу дандони Ҳусайн задан, ки ҳазорон бӯса Мустафо (с) бар он дода буд. Боз куштани Мисъаб ибни аз-Зубайр ва ёрони Мустафо (с) бар рӯзгори Абдулмалики Марвон, боз фиристодани Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ба Макка ва ҳарами Эзад-таъоло ва қиблаи ислом ва онро ба сангу манҷаниқ фурӯ кӯфтану чандон хунҳои ноҳақ ба Ҳарам рехтан ва куштани Абдуллоҳ ибни аз-Зубайр ва ӯро нагунсор аз дарахт овехтан ва он чи бад-ин монад, ки агар ҳама ёд карда ояд, қисса дароз шавад.

Пас гурӯҳе аз ёрони Мустафо (с) чун ин ҳолҳо бididанд, гуфтанд: Дунё бад-ин наярзад ва мо донем, ки банда аз гуноҳ маъсум нест ва ҳафавот уфтад, аммо соате бошад, то рӯзе. Акнун ин аз соату рӯзу моҳ ва сол даргузашт, ин исрор аст. Аз эшон табарро карданд. Марде буд бузургвор Қатрӣ ибни ал-Фуҷот ва аз содоту санодиди Араб буд ва ин ҷо буда буд бо Абдурраҳмони Самра ва бо мардумони Систон ӯро дӯстиву суҳбат буда буд. Чун он ҷо бархост ва берун шуд аз миёни гурӯҳ, боз талаби ӯ карданд ва ӯро бинагзоштанд ва қасди ӯ карданд. Ночор гашт ҳарб кардан, ҳарбҳо бисёр кард, пас ба Систон касон фиристод. Ва ин қисса ба шарҳ ёд карданд, ин ҷо, ки андар ислом чунин чизҳо оварда шуд. Мардумони Систон чи хосу чи ом бо эшон даст якӣ карданд. Чун Ҳаҷҷоҷ ин тадбир кард ва лашкарҳо мусаммо кард ва Убайдуллоҳ ибни Аби Бакраро бо сипоҳе бузург ба Систон фиристод ва Ҳурай ибни Бастом ат-Тамимиро ба сипоҳсолории ӯ ва писараш Бӯбардаъа ибни Убайдуллоҳ ибни Аби Бакра бо сипоҳе бузург низ бо падар буд.

---

[1] Содадилии.

## Омадани Убайдуллоҳ ибни Аби Бакра ба Систон ба рӯзгори Ҳаҷҷоҷ

Убайдуллоҳ ибни Аби Бакра бо сипоҳ биёмад. Чун ба наздики Систон расид, Ҳурайш ибни Бастом ат-Тамимӣ аз пеш бо сипоҳе бузург биёмад ва мардумони Систон ба ҳарб пеши ӯ бозшуданд. Ин гурӯҳи хавориҷ ҳарбе сахт карданд ва бисёр мардум бикуштанд ва сипоҳи Қурайшро гуруснагӣ андар ёфт ва ташнагӣ, бисёр кушта шуданд ва Шурайҳ ибни Ҳонӣ ал-Ҳорисӣ ва Абдуллоҳ ибни ал-Аббос ибни Рабиа ибни Абдулмуталлиб он рӯз бад-ин ҳарб кушта шуданд. Пас гурӯҳе ба ҳазимат ба Қасаба андар шуданд, мардумон эшонро таом доданд ва бихӯрданд. Чун бисёр хӯрданд, ҳама бимурданд, чунонки ҳеч кас аз он сипоҳ намонд, ё кушта шуданд, ё бимурданд. Ва Араб андар омаданд, пеш аз эшон, чун чунон диданд эшонро Ҷайш-ул-фано[1] ном карданд. Пас Убайдуллоҳ ибни Аби Бакра фаро расид ба Систон андар аввали санаи самонин ва сабъин (ҳафтоду ҳашт) ва таваллияти хироҷ ба писари хеш Бӯбардаъа кард ва номи вай Муғира буд. Ва рӯзгоре Убайдуллоҳ ин ҷо бибуд, аз роҳи биёбон ба Буст шуд ва Систон ба писар супурд Бӯбардаъа. Чун ба Буст расид, Занбил сипоҳ овард андар пеши вай ва бо Убайдуллоҳ сипоҳе бузург буд. Ҳарбе сахт карданд, вақоеъ бисёр буд миёншон, охир сулҳ уфтод бар ҳафтсад ҳазор дирам. Убайдулоҳ ба Буст фармон ёфт ва сабаби ӯ дарди гӯш буд ва гӯри ӯ акнун ба Буст аст. Боз писари ӯ Бӯбардаъа ба ҳарби Занбил шуд ва кор бар Занбил сахт фурӯ гирифт, то он чи сулҳро пазируфта буд каррати увло[2], дигар роҳ бидод ва ба Систон бозомад.

Чун хабари вафоти Убайдуллоҳ наздики Ҳаҷҷоҷ бирасид, сипоҳ ҷамъ кард ва даҳ ҳазор савор ихтиёр кард аз миёнаи сад ҳазору бист ҳазор савор ва он чи эшонро боист аз сипоҳу сутур ва бистгонӣ,[3] ҳама муҳайё кард ва Умар ибни Аторо бар эшон солор кард. Боз Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ал-Ашъас ал-Киндиро пеш хонд, вилояти Систон ӯро дод ва ҳамон он сипоҳ андар зери дасти ӯ кард ва

---

[1] Лашкари нестӣ.

[2] Бори аввал.

[3] Маоше, ки ба сипоҳиён дода мешуд.

фармон дод, ки: Ҳама тоати ӯ доред. Ва ин сипоҳро Ҷайшу-т-тавовис[1] ном карданд, зеро, ки ҳама санодиду ашроф ва абнои неъами[2] Араб буданд, пас Абдурраҳмон бо он сипоҳ биёмад.

## Омадани Абдурраҳмон Муҳаммад ал-Ашъас ба Систон дар санаи исно ва самонина (ҳаштоду ду)

То Абдурраҳмон ба Систон омад Ҳумом ибни Удай ас-Судусӣ солори бузург аз хавориҷ ба Систон омада буд бо сипоҳи бузург. Абдурраҳмон бо ӯ ҳарб кард ва аз ҳар ду гурӯҳ бисёр кушта шуд. Охир Ҳумом ҳазимат кард ва Абдурраҳмон сарҳои он санодид, ки аз он гурӯҳ кушта шуда буданд, наздики Ҳаҷҷоҷ фиристод ва худ ба Қасаба андар омад ва Абдуллоҳ ибни Омир ал-Муҷошиъӣ аз бузургони Систон буд. Чун хабари омадани Абдурраҳмон шунид, бирафт. Ва Бӯбардаъа ба наздики Муҳаллаб ибни Абисафра нома кард [ва Муҳаллаб волии Хуросон буд], ки: Марде корӣ фирист бо сипоҳе, то кори ман ин ҷо суст нагардад, ки хавориҷ ин ҷо бисёр гашт. Муҳаллаб Ваҳеъ ибни Бакр ибни Воилро бифиристода буд ва Бӯбардаъа [ва] Вакеъ Бӯабдуллоҳ ибни Омирро, ки падари вай солори Систон буд, сулҳ кунад ҳаме доштанд ва Абдуллоҳ мардумонро ҳаме фурӯ дошт. Пас чун Абдурраҳмон фаро расид, талаби Абдуллоҳ ибни Омир кард ва ӯро бозхонд ва бинвохт ва ба шаҳр андар овард. Ҳар чи кардӣ, ба рою тадбири ӯ кардӣ ва мардумони Систон ҳама шиъати Абдуллоҳ ибни Омир буданд в-аз бузургони Систон буд. Боз Абдурраҳмон ба ҳарби Занбил рафт ва Систон ба Абдуллоҳ ибни Омир супурд. Ба охири санаи исно ва самонин (ҳаштоду ду) ба Буст андар шуд ва бо Занбил ҳарбе сахт кард ва бисёр куффор кушт ва ғаноиме бисёр ба даст овард ва лашкар ободон кард ва ба Систон бозомад. Боз номаи Ҳаҷҷоҷ омадӣ сӯи вай, ки: Молҳо бистон аз мардумон ва сӯи Ҳинду Синд тохтанҳо кун ва сари Абдуллоҳ ибни Омир дарвақт наздики

[1] Лашкари товусҳо.
[2] Соҳибони неъмат, сарватмандон.

ман фирист. Абдурраҳмон чун нома бихонд, намози шом чизе хӯрданӣ пеш оварданд. Яке мурғи фарбеҳ буд бар хон, ҳамехӯрд, ӯро хуш омад. Хонсолорро пурсид, ки: Ҳоли ин мурғ бозгӯй. Гуфт: Он мурғе чанд будаст, ки Абдуллоҳ ибни Омир фиристодаст, ҳама ҳамчунин аст. Андарвақт кас фиристоду ӯро бихонд. Чун биншаст, номаи Ҳаҷҷоҷ бар ӯ арза кард. Абдуллоҳ гуфт: **Инно ли-л-лоҳи**, маро чандоне замон кун, то васият кунам. Абдурраҳмон бихандиду гуфт: Замон аст то он гоҳ, ки Эзад-таъоло аҷали ту сипарӣ кунад, [ки] онро боздошт натавонам, аммо тавонам кард, ки з-он, ки Ҳаҷҷоҷ гӯяд, ҳеч накунам. Ту эмин бош, чӣ воҷиб кунад, ки ман мурғ аз они ту хӯрам, бар ту ба фармони Ҳаҷҷоҷ ҷафо кунам ва хештанро бар хуни ту маъхуз кунам. Даст фаро кун ва чизе бихӯр. Абдуллоҳ шод шуд ва чизе бихӯрд.

Пас номаи Ҳаҷҷоҷ ҷавоб кард, ки: Тохтани Ҳинд ва Синд кунам, аммо ноҳақ наситонам ва хуни ноҳақ нарезам. **Ва ло тоъата ли-махлуқин фи маъсияти-л-холиқи ва-с-салом.**[1] Ва нома сӯи Ҳаҷҷоҷ фиристод. Боз нома омад ба сӯи вай ба таҳдид. Бархост ва ба Кобул шуд ва бар ӯ гоҳ-гоҳ ба Занбил ҷанг кардӣ ва андар ниҳон дӯстӣ ҳамедошт. [Ва] бар мардумон некуӣ ҳамекард ба Систон ва Буст ва ин навоҳиҳо то Зобулу Кобул ва Ҳинду Синд ва ҳама мардум андар фармони вай гаштанд ва ба дил андар ҳамедошт, ки бо Ҳаҷҷоҷ хилоф кунад, аз бад муомилатии ӯ ва з-он чизҳо, ки з-ӯ ҳаме мавҷуд омад аз хунҳои ноҳақ ва бенигариш. Ва бо вай бисёр мардумони аҳли илм буданд ва аз он ҷумла Умардар буд яке, ки маҷлиси тазкир кардӣ ва фасеҳ буд ва сухане неку гуфтӣ. Дили ин мардумони навоҳӣ бар хештан кашид [ва] ислому шариат андар дилҳо ширин ҳамекард ва ёд ҳамекард, ки: Он чи Ҳаҷҷоҷ ҳамекунад, на аз тариқи шариат аст. Ва андар ниҳон байъати Абдурраҳмон ҳамекард ва мардумонро ҳамехонд. Пас Абдурраҳмон нома кард андар ин боб сӯи Муҳаллаб ибни Аби Сафра ва ӯ ба Марв буд ва гуфта буд, ки: Ҳамебинӣ ва мешунавӣ бадкирдории Ҳаҷҷоҷ ва эътиқоди бади ӯ он чизҳо, ки ӯ андар ислом кард.

---

[1] Итоат набояд кард ба махлуқ дар амри маъсият ба Худо.

Ва худ бирафт сӯи Кобул ва аз мардумони ҳар ҷой байъат ҳаме ситуд. Чун сухан фош гашт, Абӣ ибни Суфён ибни Савр ас-Садусӣ наздики Ҳаҷҷоҷ шуд ва ӯро аз ҳадиси Абдурраҳмон огоҳ кард, Ҳаҷҷоҷ андар вақт сӯи Абдулмалик Марвон расул фиристод ва огоҳ кард. Абдулмалик андар вақт ҷавоб кард, ки: Аз ҳар ҷой лашкарҳо ҷамъ кун ва уддату силоҳ бисоз. Ва ӯро андар боби Ҳаҷҷоҷ иноят буд. [Пас Ҳаҷҷоҷ] сипоҳ ҷамъ кард ва кор сохта кард ва бирафт, ки Абдурраҳмонро андар ёбад. Ва Абдурраҳмон сохта бирафт, ки ба ҳарби Ҳаҷҷоҷ шавад. Ба Басра фароҳам расиданд ва Ҳаҷҷоҷ аз Басра буд, пеши Абдурраҳмон аз Басра берун шуд, Абдурраҳмон он рӯз ба Басра ба минбар шуд ва кирдорҳои Ҳаҷҷоҷ ёд кард ва арз кард он касҳоеро, ки бо ӯ якҷо ҳамебуданд. Андар он рӯз чаҳор ҳазор марди обид аз ироқайн бар ӯ ҷамъ шуд, дуни дигар мардумон халъи Ҳаҷҷоҷро. Боз дигар рӯз рафт аз паси Ҳаҷҷоҷ ва ба Зовия ҳарб карданд, ҳарбе сахт ва бисёр мардум кушта шуд. Охир Абдурраҳмон ҳазимат кард ва ба Куфа шуд ба наздики Маттир ибни Ноҷия ар-Риёҷӣ ва Маттир ӯро байъат кард ва аҳли Куфа. Чун қавӣ гашт, боз ба ҳарб шуд ва ба Дайрул- Ҷамоҷим ҳаштоду як ҳарб карданд ва он ҳаштод Ҳаҷҷоҷ ба ҳазимат шуд. Ин роҳи ҳаштоду якум Абдурраҳмон ба ҳазимат шуд ва бештари ёрони ӯ кушта шуд ё ғарқ шуд ва баъзе гум шуд ба биёбонҳо. Аз [он] ҳама Омир аш-Шаъбӣ буд, ки ӯ бо Мовароуннаҳр фародид омад. Ва Саид ибни Ҷубайр ба Макка фародид омад ва Абдарраҳмон ба Басра шуд ва Ҳаҷҷоҷ аз паси вай бишуд, з-он ҷо ба Порс шуд ва ба Кирмон ва боз Систон омад. Ӯро ба Систон қабул карданд. Ва Ҳаҷҷоҷ сӯи Муҳаллаб нома кард ба Хуросон, ки: Сипоҳ фирист ба талаби Абдурраҳмони Ашъас ба Систон. Ва Муҳаллаб андар вақт писари хешро бо сипоҳе бисёр – Муфаззалро ба Систон фиристод. Ва аз Басра Ҳаҷҷоҷ Абдурраҳмон ибни ал-Аббос ал-Ҳошимиро бо ду ҳазор савор ба Систон фиристод. Чун Абдурраҳмони Ашъас хабар ёфт, аз Систон ба Буст шуд ва Абдурраҳмони Ҳошимиву Муфаззал ибни ал-Муҳаллаб бо ҳарду сипоҳ бар асари ӯ ба Буст шуданд ва ба миёни Бусту Рухад ҳарбе сахт бикарданд ва бисёр мардум кушта шуд аз ҳар ду гурӯҳ. Ва Абдурраҳмони Ашъас ба ҳазимат шуд ва ёрони ӯ бештар

асир шуданд. Ва яке аз он асирон Язид ибни Талҳа ибни Абдуллоҳ ат-Талаҳот буд ва дигар Наср ибни Анас ибни Молик ва Убайдуллоҳ ибни Фазола аз-Заҳронӣ ва ҳамчунин бузургон аз аҳли илм. Он асиронро сӯи Язид Муҳаллаб фиристод ба Марв ва Язид эшонро андар сирр[1] бинвохту бисёр чиз дод ва ҷома дод. Ва Абдурраҳмони Ашъас ба Зобулистон шуд, ба зинҳори Занбил. Хабар сӯи Ҳаҷҷоҷ расид, Ҳаҷҷоҷ Аммора ибни Тамим ал-Қайсиро ба расулӣ фиристод, сӯи Занбил ва биёмад бо Занбил хилват кард ва аҳдҳо фиристода буд, ӯро, ки: Низ андар вилояти ту лашкари ман наёяд ва аз ту мол нахоҳам ва миёни мо дӯстиву сулҳ бошад, бар он ҷумла, ки Абдурраҳмони Ашъасро ва фуломиро[2] аз ёрони вай сӯи ман фиристӣ.

Пас Абдурраҳмонро Занбил банд [кард] ва он мардро ва банде биёвард ва як ҳалқа бар пои Абдурраҳмон ниҳода буд ва яке бар пои он мард, бар бом буданд. Абдурраҳмон гуфт: Ман ҳоқинам, ба канори бом бояд шуд[ан]. Ҳарду ба канори бом шуданд. Абдурраҳмон хештанро аз бом фурӯ фиканд, ҳар ду бияфтоданду ҷон доданд. Ва номи ёри Абдурраҳмон Абулғайр буд ва Аммора ибни Тамим сари ҳар ду боз кард ва сӯи Ҳаҷҷоҷ фиристод. Ва ин ба Руххад [буд] ва ҷуссаи ӯ ба Руххад ба гӯр карданд. Ва Ҳаҷҷоҷ сари Абдурраҳмон ба Абдулмалик фиристод ба Димишқ ва Абдулмалик сари ӯ сӯи Абдулазиз Марвон фиристод ба Миср. Пас сари Абдурраҳмон ба Миср ба гӯр карданд ва ҷуссаи ӯ ба Руххад чунонки шоир фармояд:

Шеър:

*Ҳайҳота мавзиъу ҷуссатин мин раъсиҳо,*
*Раъсун би Мисра ва ҷуссатун би-р-Руххди.*[3]

Ва ҳарб, ки бо Ҳаҷҷоҷ кард ба Ҷамоҷим андар санаи салосун ва самонин (ҳаштоду се) буд ва ду сол ба Бусту ноҳияти Зовул бимонд ва куштани ӯ андар санаи хамсун ва самонин (ҳаштоду панҷ) буд. Ва Аммора ибни Тамим ба

---

[1] Пинҳонӣ.
[2] Фулониро.
[3] Мазмуни байти арабӣ:
Чи дур уфтодаст ҷусса аз сари он,
Сар ба Миср мадфун асту ҷусса дар Руххад.

Систон омад, чун ин шуғл тамом кард ва аҳде арза кард аз он Ҳаҷҷоҷ ба амали Систон. Дергоҳ барнаёмад, ки ба фармони Абулмалик маъзул карда шуд ва Мусмеъ ибни Молик биёмад.

## Омадани Мусмеъ Молик ба Систон дар санаи ситта ва самонин (ҳаштоду шаш)

Чун Мусмеъ ба Систон омад, Абӯхалда ал-Хориҷӣ бо бисёре мардум аз бузургон ҷамъ шуда буданд ба Систон, бо Мусмеъ ҳарбҳои бисёр карданд. Охир Бухалда гирифта шуд ва Мусмеъ сӯи Ҳаҷҷоҷ нома кард ва ӯро огоҳ кард. Ҷавоб омад, ки: Бӯхалдаро бифирист. Ӯро сӯи Ҳаҷҷоҷ фиристод ва ҳам андар ин сол Мусмеъ ба Систон фармон ёфт[1] ва писари бародари хешро Муҳаммад ибни Синон ибни Молик[ро] халифат кард ва ҳам андар сол Абдумалик Марвон фармон ёфт ба Димишқ чаҳор рӯз гузашта аз шавволи санаи ситтин ва самонин (ҳаштоду шаш). Ва Абдулмалик шастудусола буд. Вилояти ӯ сездаҳ солу чаҳор моҳ кам шаш рӯз буд. Пас Валиди Абдулмаликро ба Димишқ байъат карданд, ҳам он рӯз, ки Абдулмалик фармон ёфт.

## Нишастани Валид ибни Абдулмалик

Куннияти Валид Абулаббос буд ва нақши хотами ӯ ин буд, ки: **Ё Валид, иннака майийтун.**[2] Чун Валид биншаст Ҳаҷҷоҷро Ироқайн дод ва Хуросону Систон. Ҳаҷҷоҷ Хуросону Систон Қутайба ибни Муслимро дод.

---

[1] Вафот кард.

[2] Эй Валид, ту майит (мурда) ҳастӣ.

## Омадани Қутайба ибни Муслим андар раҷаби санаи ситтин ва самонин (ҳаштоду шаш) ба Систон

Қутайба аввал ба Сиҷистон шуд ва бар муқаддимаи ӯ Амр ибни Муслим буд. Рафт то ба Систон андар шуд ва рӯзгоре он ҷо бибуд ва боз ба Хуросон шуд ва Абдираббиҳи ибни Абдуллоҳ ин ҷо халифат кард ва ӯ Абди Раббиҳӣ ибни Абдуллоҳ ибни Амр ал-Лайсӣ буд. Чун Қутайба ба Хуросон шуд ва корҳо қарор дод, Ашъас ибни Бушр ал-Ярбуъиро наздики Ҳаҷҷоҷ фиристод, то он чи рафт аз ҳадиси Систону Хуросон бознамояд ва ҳамле бифиристод. Ва Ашъас марде фасеҳ бокифоят ва корӣ ва некурӯй ва некугуфтор [буд]. Чун Ҳаҷҷоҷ ӯро бидид ва сухани вай андар ҷавоб бишнид ва аз ҳар чи аз ӯ бипурсид, неку ҷавоб бишнуд, Ашъасро волии Систон ва Қутайбаро маъзул кард. Ва Қутайба андар ин миёна Абдираббиҳиро маъзул карда буд ва Нуъмон ибни Авфи Юшкариро ба Систон фиристод. То Нуъмон ба Систон расид, Ашъас ибни Бушр аз ҷиҳати Ҳаҷҷоҷ ба Систон омада буд андар санаи самони ва самонин (ҳаштоду ҳашт). Ашъас ба Систон якчанде бибуд, боз сӯи Буст шуд ва Занбил Ашъас бо сулҳе маълум фурӯ ниҳод ва Ашъас ба Систон бозомад ва сӯи Ҳаҷҷоҷро нома кард андар ин боб. Ва Ҳаҷҷоҷ он сулҳ андак омад ва хашм гирифт, Ашъасро боз маъзул кард ва Қутайбаро боз аҳду маншури нав фиристод [ба Систон] ва Қутайба бародари хеш Амр ибни Муслимро ба Систон фиристод. Ва Амр рӯзе чанд ба Систон бибуд ва боз ба Буст шуд ва ҳарби Занбил оғоз кард. Охир сулҳ уфтод бар ҳашсад ҳазор дирам. Амр сӯи Қутайба нома кард ва огоҳ кард ва Қутайба Ҳаҷҷоҷро огоҳ кард. Ҳам ризо надод ва нома ҷавоб кард, ки: Худ бо нафси хеш ба ҳарби Занбил бояд рафт. Қутайба ибни Муслим ба Систон омад.

**Омадани Қутайбаи Муслим ба Систон андар вақти бародари худ Амр дигарбора**

Якчанд ба Систон бибуд ва мардумонро таалluф[1] кард ва марде корӣ буд ва ҳар рӯз уламоро ҷамъ кардӣ. Ва боз аз ин ҷо ба Буст шуд ва якчанд бибуду сипоҳ бисохт ва ҳазор ҷуфт гови коргар ҷамъ кард ва ду ҳазор марди барзгар, он чи олати барзгарӣ бояд, бо хештан ба ҳарби Занбил бурд он ҷо шуд, ки ҳарб кунад ва бибошаду кишт кунад. Чун Занбил хабар бишнид, ӯро он ҳавл омад ва битарсиду бидонист, ки қасди бозгаштан надорад. Расул фиристод ва ду бор ҳазор ҳазор дирам пазируфт, ки ҳар сол [бифиристад] ва яксола бифиристод андар зилҳиҷҷаи санаи арбаа ва тисъин (наваду чаҳор). Қутайба бозгашту ба Систон омад ва з-он ҷо ба Хуросон шуд ва Абдираббиҳи ибни Абдуллоҳ ибни Амр ал-Лайсиро боз ба Систон халифат кард. Чун рӯзгоре Абдираббиҳи [ин ҷо бибуд], боз Қутайба Мунеъ ал-Минқариро ин ҷо фиристоду фармон дод, ки: Абдираббиҳиро банд барнеҳ ва маҳбус кун. Мунеъ ин ҷо омад ва бо Абдираббиҳи некуӣ кард ва ӯро маҳбус накард, аммо ба рифқу талаттуф аз ӯ мол ҳамеситуд. Хабар наздики Қутайба расид, ӯро маъзул карду Нуъмон ибни Авф ал-Яшкариро ин ҷо фиристод. Абдираббиҳиро фурӯ гирифт ва банд барниҳоду азобҳои алвон кард ва моли ӯ бистуд. Андар ин миёна Ҳаҷҷоҷ Қутайба ибни Муслимро маъзул кард аз Хуросону Систон ва Язид ибни Муҳаллабро ба Хуросону Систон фиристод.

**Омадани Язид ибни Муҳаллаб ба Хуросон ба амал ва фиристодани бародар Мудрики Муҳаллабро ба Систон**

Валид Абдулмалик чун Мудрики Муҳаллаб ба Систон омад, ба Димишқ фармон ёфт ва чиҳилу ҳашт сол ӯро умр буда буд. Ба мақбараи Боб-ус-сағир ҳам ба Димишқ дафн карда шуд ва Сулаймон ибни Абдулмалик ҳам андар ин рӯз ба хилофат нишаст. Ва кунияти Сулаймон Абӯайюб буд. Ва Сулаймон Систону Хуросон бар Язиди Муҳаллаб бидошт

---

[1] Меҳрубонӣ кард.

ва Мудрики Муҳаллаб дергоҳ ба Систон бимонд, то Язиди Муҳаллаб Мудрикро маъзул кард ва писари хешро Муовия ибни Язид ибни Муҳаллабро ба Систон фиристод. Ин ҷо омад ва бо мардумон бисёр нукӯӣ кард ва ин ҷо [бибуд] то Сулаймони Абдулмалик фармон ёфт ба Добиқ рӯзи одина буд, даҳ рӯз монда аз сафари санаи тисъун ва тисъин (наваду нӯҳ) ва чиҳилу панҷ сол умри Сулаймон буд ва Умар ибни Абдулазиз ибни Марвон ба хилофат нишаст.

## Нишастани Умар ибни Абдулазиз ба хилофат рӯзи одина, даҳ рӯз монда аз сафари санаи тисъин ва тисъина (наваду нӯҳ)

Ва куннияти Умар Абӯҳафс буд. Он рӯз, [ки] ӯро ба хилофат нишонданд, вукалои[1] хешро ҷамъ кард ва ҳисоби хеш бо эшон бикард ва мунодӣ кард, то ҳар киро бар ӯ хусумате буд, биёмаданд, ҳамгинон ва он чи дархостанд, бидод ва аз ҳама хештанро андар ҳалл кард. Боз занон ва канизони хешро ҷамъ карду ҳамаро талоқ дод ва кобин бидоду ҳазинаи иддат[2] ва дигаронро озод кард ва ҳар касеро ҷиҳозе бидоду шӯе мусаммо кард[3] ва зиёу савоими[4] хеш бифрӯхт, бисту чаҳор динор шуд ва ба садақа бидод. Боз хутба карду гуфт: Ё мардумон! Коре бузургу муҳим ба гардани ман андар кардед ва ман замон кардам ва ҷаҳд кунам, то тариқу суннати Мустафо (с) ва они Хулафои рошидин пеш гирам. Аҳли илму зуҳдро ба хештан наздик кард ва амалҳо бад-эшон доду он чи Худой-таъоло ба гардани вай кард. Ӯ ба аҳдҳо андар гардани эшон кард ва ба Хуросону Систон Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ ал-Ҳакамиро фиристод. Фармон дод, ки: Чунон, ки [ман кардам] ту [низ бояд] уммол аҳли дину вараъ ва илму зуҳдро кунӣ.

---

[1] Вакилони хешро.

[2] Нафақа

[3] Номзад кардан.

[4] Молу уштурон.

### Омадани Саббок ибни ал-Мунзир аш-Шайбонӣ

Ва Ҷарроҳ Саббок ибни Мунзир аш-Шайбониро ба Систон фиристод. Марде буд покдину некусират. Дергоҳ ин ҷо буд ва мардумон аз ӯ осоиш ёфтанду фитна бархост. Боз Умар ибни Абдулазиз Ҷарроҳро аз Систон азл кард.

### Омадани Абдурраҳмон ба Систон

Ва Абдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Зиёд ал-Қушайриро ба Систон фиристод, боз ӯро маъзул кард.

### Омадани Маъорик ибни ас-Салт ба Систон

Ва маъорик ибни ас-Салтро ба Систон фиристод ва ин ҳама андар камтар як сол буд. Боз Умар ибни Абдулазиз фармон ёфт рӯзи одина, панҷ рӯз монда аз раҷаби санаи иҳдо ва миъа (яксаду як) ва чиҳилу як сола буд. Вилоят[и ӯ] ду солу панҷ моҳу панҷ рӯз буд ва ӯ Умар ибни Умм Осим бинти Осим ибни Умар ал-Хаттоб буд, набераи Умар (р) буд. Доди Умарайн бидод. Гуфтанд, ки дар сирати ӯ рафт. Ба дайри Самъон мурд аз навоҳии Ҳимс ва Язиди Абдулмаликро он рӯз биншонданд.

### Нишастани Язиди Абдулмалик ба хилофат дар раҷаби санаи иҳдо ва миъа (яксаду як)

Язид андар аввали санаи исно ва миъа (яксаду ду) Умар ибни Ҳубайраро ба Ироқ ва Хуросону Систон фиристод ва Язиди Муҳаллаб андар сафари ин сол кушта шуд ва Сари ибни Абдуллоҳ рӯзгоре ба Систон буд. Боз Ҳакам ибни Абдуллоҳро ба Систон фиристод. Умар ибни Ҳубайра бар намозу ҳарб ва Қаъқоъ ибни Сувайдро бар молу хироҷ. Боз дер барнаёмад, то намозу ҳарбу молу хироҷ ҳама ба Қаъқоъ мафавваз карда шуд ва он дар охири санаи арбаъа ва миъа (яксаду чаҳор) буд. Қаъқоъ шароб хӯрдӣ ва маҷлиси лаҳв

дошт ва пештарин касе ба Систон Рӯди Таъом ӯ канд, пеш аз он ба кандан ҳоҷат наёмадӣ. Ва Қаъқоъ ҳамеша волии Систон буд, то бимурду Язид ибни Абдулмалик ба Ҳурон рӯзи одина, панҷ рӯз монда аз шаъбони санаи хамсун ва миъа (яксаду панҷ), бисту ҳафтсола. Ва чаҳор солу як моҳ хилофат ронд. Ва гурӯҳе гӯянд, ки ӯ ба Балқо мурд ба Шом ва гурӯҳе гӯянд ба Саводи Урдун мурд. Ва ҳам андар он рӯз Ҳишом ибни Абдулмаликро байъат карданд.

### Нишастани Ҳишоми Абдулмалик ба хилофат рӯзи одина, панҷ рӯз монда аз шаъбони санаи хамсин ва миъа (яксаду панҷ)

Ва куннияти Ҳишом Абулвалид буд ва Ҳишом аввали санаи ситтун ва миъа (яксаду шаш) Умар ибни Ҳубайраро маъзул кард аз Хуросону Систон ва Холид ибни Абдуллоҳ ал-Қасриро Ироқайну Хуросон ва Систон дод ва Холид Ҳайла ибни Ҳаммод ал-Фатғониро ба Систон фиристод. Ва Ҳайла ба Систон омад ва андар аввали санаи ситтун ва миъа (яксаду шаш) ва дергоҳ он ҷо бимонд. Боз андар аввали санаи сабъин ва миъа (яксаду ҳафт) Холид Язид ибни ал-Ариф ал-Ҳамдониро он ҷо фиристод ва Язид Билол ибни Абикабшаро сӯи Занбил фиристод ва Билол бар тариқи мустақим бирафт. Занбил ӯро тоат надошт ва Билол ба Систон бозомад. Язид Бушр ал-Ҳавориро амири шурта кард ва андар шаб панҷ мард аз хавориҷ биёмаданд ва Бушрро бикуштанд ва андар шаб ҳаме ҷанг карданд, то кушта шуданд ва ғалаба андар Систон хавориҷ гирифтанд. Ва Язид ибни ал-Ариф қазои Систон Муаммар ибни Абдуллоҳро дод ва Муаммар аз бузургони Систон буд ва ӯ он Муаммар аст, ки ривояти ҳадиси Расул (с) аз ӯ ояд. Пас чун хавориҷ ба Систон ғалаба карданд, Холид ибни Абдуллоҳ Язидро маъзул кард ва Асфаҳ ибн[и Абдуллоҳ] аш-Шайбониро ба Систон фиристод дар санаи самонин ва миъа (яксаду ҳашт) ва Муҳаммад ибни Ҷаҳш сипаҳсолори ӯ буд. Якчанде ба Систон буданд, боз ба ғазви Занбил рафтанд ва Умар ибни Наҷир бо эшон буд. Андар санаи тисъа ва миа (яксаду нӯҳ) ба Буст рӯзе чанд бибуданд, боз

сӯи Занбил рафтанд ва ҳарбҳои саъб карданд. Охир Занбил бар мусулмонон роҳҳо фурӯ гирифт ва бисёр мусулмонон кушта шуд аз бузургон ва Савор ибни ал-Ашъар асир монд. Ва Асфаҳро ҷароҳате бар сар омада буд, биёмад то ба Систон омад, шаҳид гашт. Ва ин муқоталат андар санаи тисъин ва миа (яксаду нӯҳ) буд ва хабар наздики Холид ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ бирасид, ғамгин шуд ва Муҳаммад ибни Ҳаҷар ал-Киндиро ба Систон фиристод.

Муҳаммад ибни Ҳаҷар ал-Киндӣ ба Систон омад ва рӯзгоре бибуд. Боз Холид ибни Абдуллоҳ Абдуллоҳ ибни Билол Барда ибни Абимусо ал-Ашъариро ба Систон фиристод ва биёмад андар шаъбони санаи иҳдо ашара [ва] миа (яксаду ёздаҳ) ва сияри неку тамом кард миёни мардумон ва адл кард ва мусалло[1] ба дари Порс ӯ бино кард, ки ҳанӯз бар ҷой аст ва он соҳат ҳама ба симу зар харид ва бисёр мустааллоти[2] онро бихариду бар он вақф кард ва баҳои он ҳама, ки бихарид, ба нақд бидод. Ва Абдуллоҳ ибни ал-Ҳусайнро, ки Бӯҳарир гуфтанд, қазои Систон дод ва ӯ аз ибод-ул-лоҳ ас-солиҳин[3] буд ва андар илм бузург буд ва бештари ривоёти басриён андар илми ҳадис аз ӯ омад. Ва андар вилояти Абдуллоҳ ибни Билол ба Систон зилзилаи саъб омад, ки кас чунон надида буд ва кори хаворич қавӣ гашт ба Систон. Ва Абдуллоҳ ибни Билол волӣ буд, то андар санаи ситта ва ашара ва миа (яксаду шонздаҳ) Холид ибни Абдуллоҳ ал-Қасриро азл кард[анд]. Ироқайну Хуросон ва Систон Юсуф ибни Умарро дод[анд] ва Юсуф ибни Умар Иброҳим ибни Осим ал-Уқайялиро ба Систон фиристод ва андар раҷаби санаи ситта ашара ва миа (яксаду шонздаҳ) Иброҳим ба Систон омад ва Наҳиф ибни Умайр аш-Шоир бо ӯ буд ва Абдуллоҳ ибни Билолро банд барниҳод ва ба Ироқ фиристод ва Юсуф ибни Умар фармон дод, то Абдуллоҳ ибни Билолро мутолабат карданд ва моли вай бистуданд. Чун кор бар ӯ сахт гашт, мустахриҷро моле бидод, ки: Андар пеши Юсуф ибни Умар бигӯй, ки Абдуллоҳ ҷон бидод. Мустахриҷ бигуфт: Гуфт: Мурда пеши ман ор, то бубинам. Мустахриҷ бозгашту ӯро бикушт ва пеши

---

[1] Намозгоҳ, масҷид.
[2] Амлоки мансуб ба он.
[3] Бандагони солеҳи Худованд.

Юсуфи Умар бурд. Ва Иброҳим ибни Осим амири Систон буд, бо сияри неку ва адл, то Ҳишом ибни Абдулмалик фармон ёфт ба замини Қаннасрин рӯзи чоршанбе, шаш рӯз гузашта аз рабеъулохири санаи хамса ва ишрина ва миа (яксаду бисту панҷ). Панҷоҳу шашсола буд ва нуздаҳ солу шаш моҳу ёздаҳ рӯз амирӣ кард ва ҳам андар рӯзи вафоти ӯ Валид ибни Язид ибни Абдулмалик ибни Марвонро байъат карданд.

## Нишастани Валид [ибни] Язид ибни Абдулмалик дар халифатӣ андар рабеъулаввали санаи хамса ва ишрина ва миа (яксаду бисту панҷ)

Ва кунняти ӯ Абулаббос буд. Пас Валид ибни Язид Абдуллоҳ ибни Умар ибни Абдулазизро ба Ироқу Систон ва Хуросон фиристод ва Абдуллоҳ ибни Умар ибни Абдулазиз Ҳарб ибни Қатан ал-Ҳилолиро ба Систон фиристод, андар аввали санаи ситта ва ишрин ва миа (яксаду бисту шаш) ва Иброҳим ибни Осим фармон ёфт ба Систон андар сафари санаи ситта ва ишрина ва миа (яксаду бисту шаш). Ва ҳам андар ин сол берун омад ба Ироқ бар Абдуллоҳ ибни Умар ибни Абдулазиз, Абдуллоҳ ибни Муовия ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ибни Абитолиб Зилҷаноҳайн ва мардумонро даъват кард сӯи ризо аз Оли Мустафо (с) ва ошкоро гашту сипоҳ ҷамъ кард. Ва Абдуллоҳ ибни Умар ба ҳарби ӯ шуд, вақъатҳои бисёр буд миёншон. Охир Зилҷаноҳайн ба ҳазимат ба Сипоҳон омад ва з-он ҷо ба Систон омад. Чун Зилҷаноҳайн ба ҳадди Систон андар омад, Ҳарб ибни Қатан нахост, ки бо ӯ ҳарб кунад, Систон Савор ибни ал-Ашъарро супурд ва худ бирафт. Пас чун ин хабар сӯи Абдуллоҳ ибни Умар бирасид, ки Ҳарб ибни Қатан бо ӯ ҳарб нахост, Ҳарбро аз Систон маъзул кард. Ва Муҳаммад ибни Арвон ба амали Систон омад, андар шаъбони санаи ситта ва ишрин ва миа (яксаду бисту шаш) ва Ҳарб ибни Қатанро бигрифту маҳбус кард ва Усмон ибни Рабеъаро ва моле бузург аз эшон биситуд.

Чун ҳол чунин буд, Ҳарб ибни Қатан марде некусират ва одил буд, машоиху бузургони Систон вафде сӯи Аб-

дуллоҳ ибни Умар фиристоданд, ба Ироқ ва андархостанд, то Ҳарб ибни Қатанро бигзоштанду дигар роҳ омили Систон кард ӯро. Мардумон бад-ӯ шод буданд ва ӯ ба мардумон, то кушта шуд, Валид ибни Язид ибни Абдулмалик рӯзи панҷшанбе, ду шаб монда аз ҷумодиюлохири санаи ситта ва ишрин ва миа (яксаду бисту шаш). Вилояти ӯ шаш моҳ буд ва бисту ду рӯз, байъат карданд Язид ибни Валидро.

## Нишастани Язиди Валид Абдулмалик ба халифатӣ рӯзи панҷшанбе, дар ҷумодиюлохир дар санаи ситта ва ишрина ва миа (яксаду бисту шаш)

Ва ӯро Язидунноқис гуфтанд. Пас Абдуллоҳ ибни Умарро [бар] вилояти Ироқайн ва Хуросону Систон бидошт ва Абдуллоҳ ибни Умар Ҳарб ибни Қатанро ба Систон бидошт, то Язид ибни Валид ба Димишқ фармон ёфт андар зилҳиҷҷаи санаи ситта ва ишрина ва миа (яксаду бисту шаш). Вилояти ӯ панҷ моҳ [ва] ду рӯз буд. Боз байъат карданд бародар[и ӯ]ро – Иброҳимро.

## Нишастани Иброҳими Валиди Абдулмалик ба хилофат андар зилҳиҷҷаи санаи ситта ва ишрин ва миа (яксаду бисту шаш)

Иброҳим Абдуллоҳ ибни Умарро ҳам бар вилояти Ироқайн ва Систону Хуросон бидошт [ва] Абдуллоҳ ибни Умар Ҳарб ибни Қатанро ба Систон бидошт.

## Аввали таассуб миёни фариқайн

Боз ба Систон фитна уфтод аз ҷиҳати Араб, миёни Бани Тамим ва Бани Бакр ибни Воил, ки з-он гурӯҳе аз ёрони Қатар[ӣ] ибни ал-Фуҷот буданд, ба ҳадиси фазоили саҳоба ва ҳарбҳову куштан бисёр шуд ва ҳар рӯз ҳарб буду ғавғо. Ва тамоми Систон ба ду гурӯҳ гаштанд, ҳар гурӯҳе

ҳавои як гурӯҳ ҷуст. Пас чун Ҳарб ибни Қатан бар хештан битарсиду аз Систон бирафт ва Савор ибни ал-Ашъарро бар Систон халифати хеш кард, Абдуллоҳ ибни Умар, Саид ибни Амрро аз Оли Саид ибни ал-Ос ба Систон фиристод. Ва андар омади Саид ибни Амр ба Систон андар муҳаррами санаи самонин ва ишрин [ва] миа (яксаду бисту ҳашт) . Пас Бани Тамим Саид ибни Амрро тоат доштанд ва Бани Бакр сар аз тоати ӯ бикашиданд. Боз Буҳтурӣ ибни Саҳлаб биёмад ва аҳде ва маншуре аз ҷиҳате Амиралмуъминин набишта, музаввар бар Систону Кирмон. Ва Буҳтурӣ ибни Саҳлаб Бакрӣ буд ва Савор ибни ал-Ашъар Тамимӣ, пас ба миёншон ҳарбеву вақъате бузург бияфтоду бисёр мардум кушта шуд. Саид ибни Амр низ ҳавохоҳи Бани Тамим буд ва андар ин вақъат ҳафтод марди пир кушта шуд дуни ҷавонон ва он ҳарбро Вақъатушшуюх[1] ном карданд. Ва Буҳтурӣ ибни Саҳлаб аз Буст буд ва андар ин вақъат бисёр бузургон кушта шуд ва яке аз он Ало ибни Убайдуллоҳ ал-Ҳиҷозӣ буд. Боз ғавғои Систон ҷамъ шуд ва Саид ибни Амрро ва Буҳтурӣ ибни Саҳлабро ҳар ду аз қасаба берун карданд ва Савор ибни ал-Аъшарро биншонданд ба иморат андар ҷумодиюлувлои санаи салосин ва миа (яксаду сӣ).

## Омадани Савор ибни ал-Ашъар ба Систон

Ва боз бар Савор хуруҷ карданд ва ҳам андар ин моҳ ӯро бикуштанд. Боз талаби Буҳтури ибни Саҳлаб карданд, наёфтанд. Аз шаҳр берун рафтанд, панҷоҳ ҳазор мардуми ғавғо[2] ва ба регҳо андар Буҳтуриро биёфтанду бикуштанд ва Ҳайсам ибни Абдуллоҳ ал-Буғосро ба амирӣ биншонданд, бад-он шарт, ки ҳеч бакриро нагузорад, ки андар Систон ояд. Боз Шайбон ал-Хориҷӣ омад ва бо мардумони шаҳр якӣ шуд ва Абдуллоҳ ибни Муовия Зилҷаноҳайн ба саводи Систон андар ҳамегаштанд. Ғавғои шаҳр ва Шайбони Хориҷӣ бад-ӯ ҳарб карданд ва Шайбон кушта шуду бо Зилҷаноҳайн сипоҳи бисёр набуд. Ва ому ғавғои

---

[1] Воқеаи пиронсолон.
[2] Оммаи мардуми шаҳр.

Систон буданду ҳисор доштанд. Зилҷаноҳайн чизе наёрист кард, з-ин ҷо ба Фароҳ шуд.

Иброҳим [ибни] ал-Валид, ки халифа буд, андар ин миёна Абдуллоҳ ибни Умарро аз Ироқайну Хуросону Систон маъзул кард ва ин ҷониб Язид ибни Умар ибни Ҳубайраро дод. Пас, чун ҳолҳо бад-ин ҷумла буд ва ба ҳар ҷой фитна падид омад, Марвон ибни Муҳаммад ибн[и Марвон] ба Ҳаррон бархост ва гуфт: Хилофат марост: Ва з-он ҷо ба Ҳимс омад ва Абдулазиз ибни ал-Ҳаҷҷоҷ он ҷо амир буд. Ҳарб карданд ва Ҳимс бистуд. Боз Сулаймон ибни Ҳишом бо сипоҳе ба ҳарби ӯ шуд аз фармони Иброҳим [ибни] ал-Валид. Ва миёни Ҳимс ва Димишқ ҳарбе саъб карданд ва Ҳакаму Усмон ду писари Валид Абдулмалик бад-ин ҳарб андар кушта шуданд ва Марвон ибни Муҳаммад з-он ҷо ба Ғута омад ба ҳадди Димишқ фуруд омад. Чун Иброҳим ибни ал-Валид кори хеш сустгуна дид, худро халъ кард ва ӯро махлуъ ном карданду байъат карданд Марвон ибни Муҳаммадро.

### Нишастани Марвон ибни Муҳаммад ба хилофат андар санаи сабъин ва ишрина ва миа (яксаду бисту ҳафт)

Куннияти ӯ Абоабдулмалик буд ва ӯро лақаб Марвон ал-Ҳаммор, гуфтанд ва ба рӯзгори ӯ ба Хуросону Систон ва Ироқайн фитнаи бузург шуд ва ба ҳама ҷой. Ва Бӯмуслим Абдурраҳмон ибни Муслим падид омад ва даъвати ризо аз Оли расул (а) ӯ кард, пештарин касе аз ҳар лавне мардумон бар канори биёбон. Чун ҷамъи ӯ бисёр шуд, ба Марв андар омад ва бо Наср ибни Сайёр ҳарб карду Наср ибни Сайёрро ҳазимат дод ва Наср ба Ироқ шуд, то ба Сова бирасид. Он ҷо аҷал расид ӯро ва фармон ёфт. Боз Бӯмуслим Қаҳтаба ибни Шайб ат-Тоиро бо сипоҳи бисёр ба Ироқ фиристод ва Молик ибни ал-Ҳайсамро бо сӣ ҳазор мард ба Систон фиристод.

## Омадани Молик ба Систон

Ва Ҳайсам ибни Абдуллоҳ аз ҷиҳоти Марвон ибни Муҳаммад ибни Марвон ибни ал-Ҳакам ба Систон омада буд бо ҳазор савор аз Шом. Чун Молик аз ҷиҳати Бӯмуслим ин ҷо омад, ба дари шаҳр фуруд омад ва мардумони шаҳрро гуфт: Ҳайсам ибни Абдуллоҳро бо он сипоҳ, ки бо ӯст, бар дасти ман бояд дод. Мардумон гуфтанд: Зишт ояд, ки мо касеро, [ки амир будаст] асир кунем ва фаро дасти душман диҳем. Мо ин накунем ва ҳарб кунем. Охир бар он ҷумла…[1] ки ҳазор ҳазор дирам фидо…[2] Ҳайсам ибни Абдуллоҳ ва гурӯҳи ӯро доданд ва ӯро дар замони саломат ба Шом фиристоданд ва дарҳои Қасаба ва Ҳисор боз карданд, то Молик ибни ал-Ҳайсам аз ҷиҳати Бӯмуслим ба шаҳр андар омад.

## Бархостани Бӯмуслим Абдурраҳмон ибн[и Муслим] соҳибуддаъват рӯзи душанбеи моҳи рамазони санаи иҳдо ва салосин ва миа (яксаду сиву як)

Ва куштани Марвон ибни Муҳаммад рӯзи панҷшанбе, шаш рӯз монда аз зилҳиҷҷаи санаи иҳдо ва салосин ва миа (яксаду сиву як). Омир ибни Исмоил кушт ӯро ба Димишқ, вилояти ӯ чаҳордаҳ солу даҳ моҳ буд. Подшоҳии Бани Умая бар ӯ андар гузашт ва Бӯмуслим ба Ироқ омад ва Булаббосро ва бародарони ӯро аз Мадина бо ҳама аҳли байти ӯ ба Куфа овард ӯро байъат кард ва ӯ аввалин халифате буд аз вулди Аббоси Абдулмуталлиб.

## Нишастани Абулаббос ас-Саффоҳ ба хилофат ва байати Бӯмуслим ва сипоҳи вай

Рӯзи одина, сездаҳ рӯз гузашта аз рабеъулаввали санаи исно ва салосин ва миа (яксаду сиву як). Ва номи ӯ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни

---

[1] Дар ин ҷо аз ҷумла чизе афтодааст.
[2] Дар ин ҷо ҳам чизе афтодааст.

Абдуллоҳ ибни ал-Аббос ибни Абдулмуталлиб буд. Пас вилоят дод Бӯмуслим андар хилофати Саффоҳ бар Сиҷистон Умар ибни ал-Аббос ибни Умайр ибни Уторид ибни Ҳоҷиб ибни Зарораро. Умар бародари хешро Иброҳим ибни ал-Аббосро бар муқаддимаи[1] хеш кард ва ба Систон омаданд ва бародари хеш Иброҳимро вилояти Синд дод. Ва он рӯз, ки хост, ки ба Синд равад, аз бародар Умар андар хост, ки мардумонро гӯянд, то маро ташйеъ кунанд. Пас Умар Язид ибни Бастомро фармон дод, ки волии шурта ӯ буд, то мунодӣ[2] кард, ки: Бояд, ки бо бародари амир мушоят[3] кунед, ки ӯ ба вилояти Синд ҳамеравад. Ва ҷоҳи Умар наздики Бӯмуслим бисёр буд ва мардумон берун шуданд бо ӯ. Се ҳазор марди ғавғо[4] ва хосу ом ва ҷамоате аз Бани Тамим бо эшон буданд ва сари ғавғои Систон гашта буданд бад-он рӯзгор. Пас яке аз он мардумони Бани Тамим беадабӣ кард, Иброҳим фармон дод, то гардани ӯ бизаданд,[5] Бани Тамим бишӯриданд ва Язиди Бастом, ки соҳиби шурта буд, кушта гашт. Боз ҳарбу корзор сахт шуд, Иброҳимро ва ҳама сипоҳро, ки бо ӯ буданд, ғавғо андар миён гирифтанд ва бо Бани Тамим ёрӣ карданд, ҳамаро бикуштанд ва сутуру буна ва колои эшон ва силоҳ ғорат карданд ва сур мотам гашт, шаҳр ҳама бишӯрид. Пас қасди Умар ибни ал-Аббос карданд, ӯ ба тохтан аз шаҳр берун шуд, ба роҳи Буст, ки ба он ҷо шавад. Матар ибни Майсара аз Буст биёмада буд, ки ба Систон ояд ва ӯ ҳам аз Бани Тамим буд ва з-ин ҷо Бани Тамим саворе ҳазор бар асари Умар ибни ал-Аббос рафта буданд. Ҳар се сипоҳ фароҳам расиданд, миёнаи биёбон. Матар ибни Майсара чун аз ҳол огоҳ гашт, ёрии Бани Тамим кард ва ҳарбе саъб бикарданд ва Умар ибни ал-Аббос низ он ҷо кушта шуд. Ва Матар ибни Майсара роҳ бигрифт андар санаи салоса ва салосин ва миа (яксаду сиву се) моҳи ҷумодиюлаввал.

Чун хабар ба Бӯмуслим расид, Абунначм Аммор ибни Исмоилро ба Систон фиристод, бар он ҷумла, ки: Агар

[1] Қисми пешгарди лашкар, талиа
[2] Ҷорчӣ, эълонкунандаи амре ё хабаре.
[3] Ҳамроҳӣ кардан, гусел кардан.
[4] Авбош, ҷанҷолӣ.
[5] Сар задан, сар буридан.

Умар ибни ал-Аббос зинда аст, ӯ амир аст ва агар зинда нест, амирӣ туростं. То Абуннаҷм ба Систон омад. Бӯосим номе аз Буст биёмад ба Систон бо силоҳе бузург ва Бани Тамим бо ӯ якӣ шуданд ва бо Абуннаҷм ҳарб карданд. Ва Абуннаҷм ҳазимат бирафт ва Бӯосим Систон фурӯ гирифт ба аҳду маншури Султон, то Абулаббоси Саффоҳ фармон ёфт ба Анбор сездаҳ рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи сита ва салосин ва миа (яксаду сиву шаш). Вилояти ӯ чаҳор солу ҳашт моҳ буд ва ҳам андар он рӯз Бӯҷаъфари Мансурро биншонд[анд] ба хилофат.

## Нишастани Абӯ Мансур Ҷаъфар бародари Саффоҳ ба халифатӣ

Ва номи вай Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни ал-Аббос ибни Абдулмуталлиб буд. Чун Мансур биншаст, ҳилати куштани ӯ Абӯмуслим кард, ки аз вай ба рӯзгори бародар озурда буд. Ва номаҳо набиштан гирифт ва Бӯмуслим ба Марв буд. Ва расулон ҳамефиристод Мансур сӯи ӯ ва ӯ ҳаменаёмад. Охир савгандон хӯрд ӯро ва аҳдҳо гирифт ба аймони муғаллаза, ки: Туро ҳеч озор аз ҷиҳати ман набошад ва ба ту хиёнат накунам. То як роҳ, ки Бӯмуслим бо гурӯҳе бирафт ва гуфт, ки: Ҳар чи қазост, бибошад.

То ба Нишобур омад, боз ҳадияҳо ва расулон фаро расиданд аз сӯи Мансур. То ба Рай омад, чун ба Рай расид, раъю хирад он ҷо бигзошт ва ба Ҳамадон шуд. Боз ҳадияҳо ва расулон фаро расиданд ва ба Ҳалвон шуд. Боз хилъатҳо оварданд, ба Наҳравон шуд ва силоҳҳо расидан истод ба истиқболи вай, то ба некутар ҳайъате ва каромату иззе ба Бағдод андар шуд. Чун ба дар бирасид, силоҳи ӯро ба майдон бидоштанд. Чун ба Ҳуҷҷоб бирасид, хавоси ӯро боззаданд ва гуфтанд: Биншинед. Ва Бӯмуслимро танҳо ҷудогона бор дод.

Ва чун ба миёни сарой андар шуд, силоҳ аз ӯ боз карданд ва Мансур ба қубба[1] андар нишаста буд ва ғуломонро

[1] Гунбад, бинои гунбадмонанди гирд.

сохта кард[1] куштани ӯро аз беруни хиргоҳ ва гуфта буд, ки: Чун бишнавад, ки ман даст бар даст задам, дароед ва ӯро бикушед.

Бӯмуслим андар шуд ва замин бӯса дод ва хост, ки узри хеш бознамояд андар дер омадан ва Мансур ӯро чизҳо ва суханҳо сахт ҳамегуфт ва масовии[2] ӯ ҳаме баршумурд. Ва Бӯмуслим ҳар якеро ҳуҷҷате пайдо ҳамекард. Пас даст бар даст зад, ғуломонро ёрагӣ[3] набуд, ки берун омаданӣ ба куштани ӯ, то он замон, ки Мансур қазибе[4] аз оҳан ба даст андар дошт, бар сари Бӯмуслим ба задан гирифт ва Бӯмуслим ҳамчунон замин бӯса ҳамедод.

Чун ғулом бидонистанд, ки Мансур ӯро қазиб ҳамезанад, андар омаданд ва Бӯмуслимро бикуштанд. Ва ин андар шаъбони санаи сабъа ва салосина ва миа (яксаду сиву ҳафт) буд. Боз Мансур бархост пас аз он ки ӯ кушта шуд, ду ракъат намоз кард ва Худойро таъоло шукр кард. Пас гуфт: **Лав кона фи ҳамо олиҳатун илла-л-лоҳа ла-фасадато.**

Бозгаштем ба ҳадиси Систон. Бӯмуслим ба Систон бузург гашт ва муҳташам гашт. Бо лашкари бисёр аз Систон бирафт, ки Хуросон бигирам ва Аттоб ибни ал-Ало[ро[ ба Систон халифат кард. Ва Бӯдовуд бар Хуросон волӣ буд ва хабари Систон бар-ӯ расида буд, ки Бӯосим он ҷо ҳаме чӣ кунад ва сар аз тоат кашидаст ва қасди Хуросон дорад. Пас Бӯдовуд Сулаймон ибни Абдуллоҳ ал-Киндӣ[ро] бо сипоҳе бузург ба Систон фиристода буд ба ҳарби Бӯосим.

## Омадани Сулаймон ибни Абдуллоҳ ал-Киндӣ

Чун Сулаймон ба Сафзор расид, мардумони Систон хабари ӯ бишниданд, ҷамъ шуданд ва Абдуллоҳ ибни ал-Алоро ва ал-Ҳазин ибни ар-Рабеъро силоҳе сохта ва тохтан аз паси Бӯосим фиристоданд ва ба Фароҳ, ба Бӯосим андар расиданд ва ҳарбе сахт карданд ва Бӯосимро он ҷо бикуштанд ва пазираи Сулаймон ибни Абдуллоҳ ал-Киндӣ

[1] Омода кард.
[2] Бадиҳо, айбҳо.
[3] Ёрои, ҷуръат.
[4] Шох, шоха, навдаи дарахт.

боз шуданд ва ӯро ба Систон андар оварданд рӯзи шанбе, андар моҳи рабеъулохири санаи самонин ва салосин [ва] миа (яксаду сиву ҳашт). Пас рӯзе чанд ин ҷо бибуд ва ба сари лашкар фуруд омад ва сари лашкар аз ин ҷо гӯянд. Боз ба Буст шуд ва аз он ҷо ба Руххад шуд ва Занбил бигрехт. Андар ин миёна сӯи Мансур хабар шуд, ки андар Систон фитна аст Мансур Ҳунодӣ ас-Сариро ба Систон фиристод.

## Омадани Ҳунодӣ ас-Сарӣ ба Систон

То ӯ ба Систон омад, Сулаймон аз Буст бозомад ва ин ҷо фуруд омад, ки акнун сари лашкари Сулаймон гӯянд. Ва ин кор андар санаи иҳдо ва арбаин (чилу як) буд. Ва аз он ҷо ба ҳарби хавориҷ шуд, ки андар лашкар Ҳазин ибни ар-Раққод бархоста буд ва ӯ аз рустои Рун ва Ҷул буд, марде бузургзода, бо ӯ мардуми бисёр ҷамъ шуда, Сулаймон бо ӯ ҳарб кард ва ӯро бикушт. Боз ба Қасаба омад ва аз ғазоти Руххад ва аз ҳарби хавориҷ моли бисёр ӯро ҷамъ шуд ва ҳам ба сари лашкар фуруд омад. Пас миёни Сулаймон ва Ҳунодӣ ас-Сарӣ ҳарб уфтод, мардуми шаҳр бо Ҳунод якӣ шуд, ки ӯ аҳду ливои Мансур дошт. Пас Ҳунод Сулаймонро банд ниҳод. Боз Мансур вилояти Систон Зуҳайр ибни Муҳаммад ал-Аздиро дод андар охири санаи иҳдо ва арбаин ва миа (яксаду чилу як).

## Омадани Зуҳайр ибни Муҳаммад ал-Аздӣ дар Систон

Ва Зуҳайр ба Систон омад ва Ҳунод гуфт: Туро андар Қасаба нагзорам ва ҳарб карданд ва Ҳунодӣ ас-Сарӣ кушта шуд. Ва Зуҳайр биншаст ва ба Сулаймон банде дигар барниҳод ва ӯро устувор кард. Ва Шуҷоъ ибни Аторо бо сипоҳе бузург ба Синд фиристод, он ҷо ғазот карданд ва моли бисёру пилон биёфтанд. Бозомаданд ва бо Зуҳайр хилоф оварданд ва Зуҳайр бо эшон ҳарб кард, охир андар ҳисор шуд ва Зиёд ибни Ҳумом ар-Росибӣ бо Зуҳайр марде корӣ буд ва ин ҳисор андар зилҳиҷҷаи санаи салоса ва арбаин ва миа (яксаду чилу се) буд. Ва Шуҷоъ ибни Ато

Савод ва Қасаба бигрифт, то боз Зиёд ибни Ҳумом он мухолафот ба салоҳ бозовард ва Зуҳайр аз ҳисор берун омад ва Шуҷоъ ибни Ато ва он гурӯҳ ба фармони ӯ андар омаданд андар муҳаррами санаи арбаа ва арбаин ва миа (яксаду чилу чаҳор). Боз сипоҳ ороста кард ва Утайба ибни Мусоро солор кард ва ба Буст фиристод. Аз ин гурӯҳе мутамаррадонро Утайба ибни Мусоро ба наздики хеш роҳ дод ва қасд кард, ки нофармон гардад. Ва хабар ба сӯи Зуҳайр расид, Убайдуллоҳ ибни ал-Алоро бар Систон халифат кард ва худ бирафт сӯи Буст. Чун ба наздики Буст расид, Утайба ибни Мусо сари хеш гирифту бирафт.

Зуҳайр ба маноқила битохт ва миёни Руххад ва Буст андар ӯ расид ва он ҷо ҳарбе саъб карданд ва Утайба кушта шуд ва Зуҳайр сари ӯ сӯи Мансур фиристод ва Бакр ибни Абон бо Утайба буд, ӯро накушт ва банд кард. Боз номаи Мансур расид, ки: Бар Систон марде корӣ халифат кун ва бадҳавл ба даргоҳ ой. Зуҳайр Убайдуллоҳ ибни ал-Алоро бар намоз халифат кард ва Ҳасийн ибни Муҳаммадро бар хироҷ ва бирафт, сӯи Мансур шуд. Ва Зиёд ибни Ҳумом ар-Росибиро бо хештан бибурд андар санаи хамса ва арбаин ва миа (яксаду чилу панҷ). Чун он ҷо бирасид, Мансур Маҳдиро валиаҳд кард.

## Нишастани Маҳдӣ ба халифат ва фиристодани Язид ибни Мансур ба Систон

Маҳдӣ холи хешро Язид ибни Мансурро ба Систон фиристод, пас аз он, ки Зуҳайр ба Ироқ расида буд ва Язид ибни Мансур ва Зиёд ибни Ҳумомро бо хештан ба Систон овард ва ба шаҳр андар омад рӯзи сешанбе, се рӯз гузашта аз шавволи санаи ситта ва арбаин ва миа (яксаду чилу шаш). Ва бо мардумон бисёр некуӣ кард ва марде одил буд. Якчанде бибуд, андар санаи хамсина ва миа (яксаду панҷоҳ) ба Буст шуд бад-он сабаб, ки он ҷо марде бархост аз Лағбариён, номи вай Муҳаммад ибни Шаддод ва Озаруя ал-Маҷусӣ ва Марзбон ал-Маҷусӣ бо гурӯҳе бузург бад-ӯ пайвастанд. Чун қавӣ шуд, қасди Систон кард. Язид ибни Мансур ба ҳарби ӯ шуд ва Усмони Торобиро бар Систон

халифат кард ва миёни эшон бисёр ҳарбҳо бибуд. Охир Язид ибни Мансур ҳазимат шуд ва роҳи Нишобур баргирифт ва Убайдуллоҳ ибни ал-Ало бо ӯ буд, дар роҳ ӯро халифати хеш кард ва ба Систон фиристод.

## Омадани Убайдуллоҳ ибни ал-Ало ба Систон дар санаи иҳдо ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу як)

Ва Убайдуллоҳ ибни ал-Ало ба халифатии ӯ омад ба Систон андар аввали санаи иҳдо ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу як) ва он ҷо бибуд. Чун хабар ба Мансур расид, ки он ҷо чӣ рафт, Маън ибни Зоида аш-Шайбониро ба Систон фиристон.

## Омадани Маън ибни Зоида аш-Шайбонӣ ба Систон

Ва ӯ Маън ибни Зоида ибни Абдуллоҳ ибни Матар ибни Шурайк буд ва Матар ибни Шурайк бародари Ҳуфрон Шурайк ибни Амр ибни Матар буд. Андар шаъбони санаи иҳдо ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу як) ба Қасаба андар омад ва Убайдуллоҳ ибни ал-Алоро ва ёрони ӯро ҳама азл кард ва Язид ибни Мазядро ба Руххад фиристод ва худ бар асари вай бирафт ва Занбил ӯро ҳадяҳо фиристод аз авонии симин ва қабоҳои туркӣ аз абрешим ва чизҳои латиф. Маънро андак омад ва бад-он хашм гирифт. Чун ба Буст расид, Язид ибни Мазяд сӯи ӯ омад ва фармон дод, то сари роҳҳо фурӯ гирифт, то хабари омадани Занбил бирасид ва бар сипоҳи бисёр корӣ тохтан кард ва ногоҳ бар эшон барзад ва сӣ ҳазор мардум з-он ба як ҷо асир кард ва домоди Занбил зинҳор хост ва пеши Маън омад ва ӯро айман кард. Ва номи он домод Мовид буд [ва] бо хештан ба Систон овард ва бо гурӯҳе бисёр ӯро бо кароматe бузург сӯи Мансур фиристод. Мансур ӯро бинавохт ва номи ӯ ва он сипоҳ, ки бо ӯ буданд, ба ҷаридаи сипоҳ фармуд, то сабт карданд ва бистгонӣ гарон кард ӯро.

Ва Маън андар бозгаштан мардумони Бустро ҳама мусодира кард ва ин ҷо ба Систон омад ва ҳамон одат фурӯ

гирифт, ки бар мардумон ҳаме дошт. Мардумони Систон шӯрида гаштанд. Убайдуллоҳ ибни ал-Ало сӯи Мансур яке нома набишт.[1] Нома ба роҳ андар бигрифтанд ва сӯи Маън оварданд ва Убайдуллоҳ ибни ал-Алоро бихонд ва з-он [ҳол] бипурсид. Инкор [кард]. Сараш[ро] фармуд, то бараҳна карданд ва чаҳорсад тозиёна бизад ӯро ва он гурӯҳро, ки бо ӯ дар он [корёр] буданд. Фармуд, ки гардан бизанед, то хештан[ро] бозхариданд ва моле азим аз эшон биситуд. Ва чил мард[ро] гирифт аз [он] хаворич ва банд барниҳоду ба Буст фиристод, ки корашон фармоянд, то маро он ҷо сарой бино кунанд. Ва [фармуд] бар эшон бар кор карданд, шитоб кунед ва ҳар ҷой, ки тамом шудӣ, нома кардӣ, ки ҷои дигар низ чунин ва чунин бикунед. Ва моли бисёр ҳамебахшид, чандон, ки аз адад ва иҳсо[2] андар гузашт. Боз рӯзе Марвон ибни Абиҳафса андар омад пеши ӯ ва Марвон шоири ӯ буд ва рӯзе чанд буд, то Маън ӯро надида буд. Гуфто: Куҷо будӣ? Гуфт: Бандазодае омада буду банда ба ҳадиси ӯ машғул буд. Гуфто: чӣ ном кардӣ? Гуфт:

*Саммийту Маънан би Маънин сумма қулту лаҳу,*
*Ҳазо самийу ақиди-л-маҷди ва-л-ҷуди*[3]

Гуфто: Ё ғулом, ҳазор динор деҳ ӯро ва ё Марвон байти дигаре бигӯй. [Гуфт]:

**Айзан:**

*Анта-л-ҷаводу ва минка-л-ҷуду аввалуҳу,*
*Фа ин ҳалакта фамо ҷудун бимавҷудин.*[4]

Боз гуфт: Ё ғулом, ҳазор ҳазор динори дигар бидеҳ ва ту байте дигар бигӯй.

[1] Дар «Таърихи Систон» феъли «навиштан» дар шакли «набиштан» истифода мешавад.
[2] Шумор, адад, ҳисоб.
[3] Мазмуни байти арабӣ:
Ном кардам Маънро ба номи Маън ва сипас ба ӯ гуфтам,
Ин ҳамному шарики шараф ва саховат аст.
[4] Мазмуни байти арабӣ:
Ту Ҷавод (саховатпеша) ҳастӣ ва аввали лафзи «Ҷавод» ҷуд аст,
Ва агар ту ҳалок гардӣ ҷуд дигар вуҷуд нахоҳад дошт.

Гуфт:

**Айзан:**

*Асҳаб яминука мин ҷудин мусавваратин,*
*Ло бал яминука минҳо сурату-л-ҷудӣ*[1].

Боз гуфт: Ҳазор динори дигар бидеҳ ва ту байте дигар бигӯй.

Гуфт:

*Мин нури ваҷҳика тузҳа-л-арзу мушриқатан,*
*Ва мин бононика яҷри-л-моъу фи-л-ъуди*[2]

Боз гуфт: Ё ғулом, ҳазор динори дигар бидеҳ ва ту байте дигар бигӯй, гуфт:

**айзан:**

*Саллай лиҷудика ҷуду-н-носи куллуҳум*
*Фасора ҷудука миҳробу-л-аҷодидӣ*[3].

Гуфт, ё ғулом, ҳазор динори дигар ва ту байте дигар бигӯй. Гуфт:

**айзан:**

*Лав анна мин нуриҳи мисқолу хардалатин*
*Фи-с-савди куллуҳум лаабяззати-с-савду*[4].

Гуфт: ё ғулом, ҳазор динори дигар фаро ӯ деҳ ва ту байте дигар бигӯй. Ғулом гуфт: Диноре низ намонд андар хазина. Маън гуфт: Ба Худой-таъоло, ки агар маро динор будӣ ва ту ҳамчунин то ҳазор байт мегуфтӣ, ҳар байтеро ҳазор динор ҳамедодаме. Ҳамеша ҳамчунин буду мол ба ҷавр ҳамесутудӣ ва ба ҷуд ҳамедодӣ, то табзир[5] кардани

---

[1] Мазмуни байти арабӣ:
Дасти рости ту ороста аз ҷуди туст,
Балки дасти рости ту худ рамзи ҷуд аст.

[2] Мазмуни байти арабӣ:
Аз нури рӯи ту замин дар Машриқ мунаввар мешавад,
Ва аз ангуштони ту об ҷорӣ мешавад ба барбат.

[3] Мазмуни байти арабӣ:
Ба туфайли ҷуди ту Худованд ба ҷуди тамоми мардум салавот мефиристад,
Ва ҷуди ту меҳроби саховатмандон шудааст.

[4] Мазмуни байти арабӣ:
Агар аз нури ӯ ба қадри зарраи хардал
Дар сиёҳӣ уфтад, сиёҳӣ сафед мегардад.

[5] Дар асли матн дар шакли тадбир омадааст. (Аз шарҳи М. Баҳор)

молу тадбир кардани бад. Дили бихрадон аз ӯ баршуд ва аз ҷавр, ки ҳамекард, то гурӯҳе аз хавориҷ байъат карданд ба куштани ӯ ба мукобира[1]. То Маън ба Буст шуд ва бад-он кӯшк шуд, ки ӯро ҳаме бино карданд ва бар боми ӯ шуд, ки шароб хӯрад. Он хавориҷ, ки байъати куштани ӯ карда буданд, берун омаданд. Ҳар яке пуштаи най ба гардан барниҳода ва андар ҳар пушта аз он шамшере муҷаррад. Гуфтанд ҳоҷиброро, ки: Мо он бурҷи хеш тамом кардем, Ҳоҷиб эшонро манъ кард. Бонг карданд, ки: Атои мирзо аз мо ҳаме дур кунӣ? Маън бонги эшон бишнид, гуфт: Андар оред эшонро. Эшон ҳамчунон андар шуданд бо он пуштаҳои най. Чун ӯро диданд шамшерҳо аз миёнаи най берун карданд ва қасди ӯ карданд, ӯро болише аз пеши хеш сипар кард. Ӯро ҷароҳати бисёр карданд, охир шиками ӯ пора карданд ва ӯ бузургшикам буд, кушта шуд ва ӯро ба Буст дафн карданд рӯзи панҷшанбе, ҳашт рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи исно ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу ду). Ва Язид ибни Мазяд расид ва бар чаҳор фарсанги Буст буд ва он хавориҷро бикушт. Ва сипоҳу мардумони Систон Язиди Мазидро байъат карданд ва хабар ба Маҳдӣ шуд ва Язид ибни Мазидро волии Систон кард ва аҳд фиристод андар аввали санаи салосун ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу се). Ва Язид ин ҷо муддате дароз бимонд, то нома набишт ва ба ёрӣ дод аз Бакри Воил сӯи Маҳдӣ, ба ҳадиси гурӯҳе, ки хост хироҷи эшон фурӯ ниҳад ин ҷо ба Систон ҳам аз Бани Бакри Воил.

Чун ба даргоҳ шуд, баъзе бадхоҳони Язид ибни Мазяд ҳилат карданд ва даҳ ҳазор дирам бидоданд, ин мардро ва аз забони Язид нома ба тазвир набиштанд сӯи Мансур, ки: Маро дастурӣ деҳ, то аз Систон ба хидмати даргоҳ оям бар он ҷумла, ки Маҳдиро бар ман сабил набошад. Мансур нома бихонд, хашм гирифт ва нома Маҳдиро дод, ки ин номаи сиъати[2] туст. Маҳдӣ ӯро маъзул кард ва Систон Тамим ибни Умар ат-Таймиро дод аз Тайми вулот[3] ва ӯ

---

[1] Ба зӯрӣ.

[2] Зоҳиран ин калима «санеъ», яъне парварда ва тарбияткарда аст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[3] Зоҳиран «Тайми вулот» дар асл бояд «таймуллоҳ» буда бошад. «Аз шарҳи М. Баҳор).

омили Ҳирот буд ва асли ӯ аз Сарахс буд. Нома ба Ҳирот сӯи Тамим ибни Умар расид, ба Систон омад, андар санаи салосун ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу се). Ва Ҷарроҳ ибни Зиёд ибни Ҳумом бо ӯ як ҷо.

Ва Тамиму Умарро суҳбат буда буд бо Мансур, ки андар роҳи Ҳаҷ адили ӯ буда буд. Пас Язиди Мазядро банд кард ва маҳбус кард. Язид ҳилат кард, то бигрехт ва ба Бағдод шуд ва якчанд ба Бағдод мутаворӣ[1] буд, то рӯзе ба ҷиср хост, ки бигзарад, ҷамоате аз хавориҷи Систон пазираи ӯ боз хӯрданд ва ӯро бишнохтанду бо ӯ ҳарб карданд ва ӯ бо эшон. Охир гурӯҳе бузург аз он қавм бикušт ва он рӯз боз кор бузург гашт ва боз ӯро ба Хуросон фиристоданд ва андар вилояти Тамим ибни Умар ба Систон хавориҷ бисёр ҷамъ шуду қавӣ гаштанд ва Ҳузайн ибни Муҳаммадро рӯзи Ошуро андар муҳаррами санаи ситта ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу шаш) бикуштанд. Ва хабар ба Маҳдӣ расид ва Тамим ибни Умарро боз Ҳирот фиристод ва Убайдуллоҳ ибни ал-Алоро боз аҳди Систон фиристод ва аҳд ин ҷо расид андар рамазони санаи самонин ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу ҳашт). Ва Бӯҷаъфар Мансур фармон ёфт рӯзи сешанбе, пеш аз тарвия ба рӯзе бар чоҳи Маймун дар Макка санаи самонин ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу ҳашт). Шасту се сола буд ва бисту ду сол кам ду рӯз халифат буд ва иқомати Ҳаҷ пас аз вафоти ӯ андар ин сол Иброҳим ибни Яҳё [ибни] Муҳаммад кард.

## Нишастани Маҳдӣ [ибни] Мансур ба хилофат рӯзи сешанбе, дар зилҳиҷҷаи санаи самонин ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу ҳашт)

Куннияти ӯ Абӯабдуллоҳ буду номи вай Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни ал-Аббос ибни Абдулмуталлиб. Маҳдӣ Ҳамза ибни Молик ал-Хузоиро ба Систон фиристоду Ҳамза ибни [Молик] Холид ибни Сувайдро халифати хеш кард бар Систон ва Холид ба Систон омад рӯзи чаҳоршанбеи чаҳор рӯз монда аз рабеъулаввали санаи тисъун ва хамсина ва миа

[1] Гуреза, фирорӣ.

(яксаду панҷоҳу нӯҳ).Чун рӯзе чанд бибуд, Усмони Торобиро ба ҳарби Нӯҳи Хориҷӣ фиристод ва Усмон он ҷо рафт ва Нӯҳ сипоҳ берун овард ва ҳарбе саъб уфтод миёнашон. Бад-ин ҳарб андар кушта шуд аз бузургон Зиёд ибни Ҳумом ар-Росибӣ. Боз Ҳамза ибни Молик ба нафси хеш ба Систон омад ва андар охири санаи тисъун ва хамсина ва миа (яксаду панҷоҳу нӯҳ), рӯзе чанд бибуд ва сипоҳе ба Хуросон фиристоду Усмон ибни Бассом ал-Аздиро бар эшон меҳтар кард. Чун ба Фароҳ расид, ёрони ӯ бар вай хуруҷ карданд ва Усмонро бикуштанду ҳам он ҷо ба Фароҳ ба гӯр карданд. Ва сипоҳ ба Систон бозгаштанд ва бар хеш меҳтар карданд Саъд ибни Қасм ас-Саъдӣ ва ба Рабазшаҳр андар фуруд омаданд ва Ҳамза ибни Молик пеши эшон ба ҳисор андар шуд рӯзи одина, аз сафари санаи ситтина ва миа (яксаду шаст). Ва Саид ибни Қасм рӯзе чанд ҳарб кард ва ба аҷз бозгашт ва сипоҳ баргирифту ба Буст шуд ва Буст бистуд ва қавӣ гашту ба Систон бозомад. Ва боз Ҳамза ибни Молик ба ҳисор андар шуд дигар роҳ ва Язид ибни Мазид бо сипоҳе бузург аз Хуросон ба Систон омад андар шаъбони санаи ситтина ва миа (яксаду шаст). Ва бо омадани Язид ибни Мазяд баробар номаи Маҳдӣ расид ба наздики Ҳамза ибни Молик, ки: Амали Систон тафвиз кун ба Убайдуллоҳ ибни ал-Ало. Ҳамза амал бад-ӯ таслим кард ва худ ба Ироқ шуд. Пас сабаб уфтод, ки [Убайдуллоҳ] андар зилқаъдаи санаи ситтина ва миа (яксаду шаст) ба Систон фармон ёфт ва Язид ибни Мазяд бар ӯ намоз карду ӯро дафну кафан кард.

Пас Язид писари хешро Файёз ибни Язид ибни Мазядро ба аморати Систон биншонд. Ҳам андар ин рӯз кори Систон қарор гирифт барин ҷумла. Боз Язид Файёзро бо сипоҳе ба Буст фиристод ва Мутеъ ибни Зиёд ал-Лахмиро ба халифатии писар биншонд. Боз Маҳдӣ Зуҳайр ибни Муҳаммад ал-Аздиро ба Систон фиристод ва фармон дод Язиди Мазядро, ки аз Систон бирав.

## Омадани Зуҳайр ибни Муҳаммад ал-Аздӣ ба Систон

Ва Зуҳайр ибни Муҳаммад ал-Аздӣ ба Систон омад андар санаи иҳдо ва ситтина ва миа (яксаду шасту як) ва

Язид ибни Мазяд бирафту Зуҳайр ба аморат биншаст ва бо мардумон некуӣ кард, ҳашт сол, то он гоҳе, ки Маҳдӣ фармон ёфт ба деҳе, ки онро Сарир гӯянд аз Мосабзон, шаби панҷшанбе, ҳашт рӯз монда аз муҳаррами санаи тисъа ва ситтина ва миа (яксаду шасту як). Чиҳилу се сола буд, ки фармон ёфт. Вилояти ӯ даҳ солу як моҳу чаҳордаҳ рӯз буд ва писари хешро Ҳодиро халифат кард.

## Нишастани Ҳодӣ ба хилофат дар санаи тисъун ва ситтина ва миа (яксаду шаст нӯҳ)

Номи вай Мусо ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Аббос ибни Абдулмуталлиб буд.Ва падар ӯро ба Бағдод байъат шуд [ва] валиаҳд кард ва Мусо он рӯз ба Ҷурҷон буд. Ҳодӣ Фазл ибни Сулаймонро Хуросон дод ва боқӣ Систон Тамим ибни Саидро дод ва Тамим ба Систон андар омад рӯзи шанбе, ҳашт рӯз монда аз сафари санаи тисъун ва ситтина ва миа (яксаду шасту нӯҳ) ва Бушри Фарқад бо ӯ буд, бор хироҷи Систон. Тамим рӯзгоре ба Систон буд. [Пас] ба Буст шуд ва Бушри Фарқадро халифати худ кард ва-з Буст ба Руххад шуд ва бо Занбил ҳарб карду бародари ӯро асир кард ва ба Ироқ фиристод. Боз Ҳодӣ Систон Касир ибни Солимро дод.

## Омадани Касир ибни Солим ба Систон

Касир ба Систон омад се рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи тисъун ва ситтина ва миа (яксаду шасту нӯҳ) ва Асад ибни Ҳабларо амири шурта кард. Ва Ҳодӣ ба Исообод фармон ёфт рӯзи одина, чаҳор рӯз гузашта аз рабеъулаввали санаи сабъина ва миа (яксаду ҳафтод). Ва Касир ба Систон некуӣ кард бо мардумон, то вафоти Ҳодӣ буда. Ва Ҳодиро бисту панҷ сол умр буд. Вилояти ӯ чаҳордаҳ моҳ буд, кам шаш рӯз. Пас Ҳодӣ халифатӣ бародари хешро дод, Ҳорунаррашид.

## Нишастани Ҳорунаррашид ба хилофат рӯзи одина, нимаи моҳи рабеъулаввали санаи сабъина ва миа (яксаду ҳафтод)

Ва куннияти ӯ Абӯҷаъфар буд Ҳорун ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни ал-Аббос ибни Абулмуталлиб. Ва дигар рӯз, ки ба хилофат нишаст, Абдуллоҳ ал-Маъмунро мавлуд буд. Пас Систон бишӯрид бар Касир ибни Солим ва сипоҳ бистгонӣ хост ва ҳарб карданд. Охир Касир бигрехт аз Систон ва ба Бағдод шуд. Даҳ рӯз монда буд аз ҷумодиюлаввали санаи сабъина ва миа (яксаду ҳафтод). Пас Ҳорунаррашид аҳди Хуросону Систон сӯи Фазл ибни Сулаймон фиристод ва Фазл ибни Сулаймон Асрам ибни Абдулҳамидро Систон дод. Ва Асрам Ҳамид ибни Абдулҳамидро бародари хешро ба хилофати хеш ба Систон фиристод ва андар омад рӯзи одина, ҳафт рӯз монда аз ҷумодиюлаввали санаи сабъина ва миа (яксаду ҳафтод). Пас аз он ба се рӯз, ки Касир ибни Солим ба Бағдод шуд. Боз Асрам ибни Абдулҳамид бар асари бародар биёмаду рӯзгоре ин ҷо ба Систон буд ва некуӣ кард, то боз Рашид Абдуллоҳ ибни Ҳамидро аз ҷиҳати хеш ба Систон фиристод.

## Омадани Абдуллоҳ ибни Ҳамид ба Систон

Аввал омиле[1], ки аз хоси Ҳорунаррашид ба Систон омад, Абдуллоҳ ибни Ҳамид буд. Андар омад ҳашт рӯз гузашта аз раҷаби санаи иҳдо ва сабъина ва миа (яксаду ҳафтоду як) ва Абдуллоҳ ибни Авнро халифати хеш кард. Ва ин ҷо рӯзгоре бибуд. Боз Рашид ӯро азл кард ва Усмон ибни Аммора ибни Ҳузайми ал-Музаниро ба Систон фиристод ва Усмон аз пеш омадан сӯи Шабиб ибни Убайдуллоҳ нома кард ва ӯро халифат кард ва Шабиб мардумонро истимолат[2] кард ва шаҳрро ором дод. Ва Убайдуллоҳи Ҳамид бозгашт сӯи Ироқ ва Усмон ибни Аммора ба нафси хеш ба Систон омад рӯзи одина, ҳафт рӯз монда аз

[1] Намоянда ва фиристодаи халифаҳои араб барои ҳукмфармоӣ дар сарзаминҳои фатҳшуда.
[2] Бо дилҷӯӣ ва меҳрубонӣ ба тарафи худ моил кардани мардум.

ҷумодиюлаввали санаи исно ва сабъина ва миа (яксаду ҳафтоду ду) ва ба дари Порс андар омад ва Бушр ибни Фарқадро андар он рӯз бикушт. Чун ба шаҳр андар омад, мардумонро ором дод. Ва сабаби куштани Бушр он буд, ки бар забонҳо рафта шуда буд, ки фитна ба Систон Бушри Фарқад ҳамеафканад. Боз писари хешро Садақа ибни Усмонро бо сипоҳе ба Буст фиристод ва Мутриф ибни Самра ал-Қозиро [ва] гурӯҳе ғозиён бо ӯ бифиристод то ба Руххад шуданд ва он ҷо туркон ҷамъ шуда буданд бо эшон ҳарб карданд ва зафар ёфтанд. Бисёр аз эшон бикуштанд ва Садақа ба Систон наёмад ба Буст бистод. Ҳусайни Хориҷӣ бо гурӯҳе хавориҷ миёни Бусту Систон тохтанҳо ҳамекард. Усмон нома кард сӯи Садақа писари хеш, то аз Буст ба ҳарби Ҳусайн омад ва ғозиёни ӯ биёмаданд ва худ аз ин сӯ бишуд, то Усмон сӯи хавориҷ бирасид, Садақа бар хавориҷ зафар ёфта буд, ҳарду сипоҳ ба Систон бозгаштанд ва [Аммора] ба Систон дод кард ва бо мардумон некуӣ кард, то боз сухан Систон рафт ба ҳазрати Амиралмуъминин Ҳорунаррашид, ки Лайс ибни Турсил рӯзе Амиралмуъмининро, ки аз шикор бозгашта буд, хидмате карду ба мавқеъ уфтод. Пас ӯро бихонду гуфто: Туро ба Миср ҳамефиристам, агар кор бар он ҷумла кунӣ, ки Эзад-таъоло ва тақаддас фармуда аст, ба Систон туро мусаммо кунам, то корат бузург гардад. Боз гуфт: Шоир гуфтааст:

Шеър:

*Алзим Сиҷистона ваҳзар ан тунофиҳо,*
*Фаиннаҳо ҷаннатун Субҳона муншиҳо.*[1]

Пас мардумони маҷлис гуфтанд, ки: Миср бузургвор шаҳре буд то имрӯз, ки Амиралмуъминин ҳадиси Систон ёд кард [ва] Довуди Бушр ал-Муҳаллабӣ аз бузургон буд Систон ӯро дод. Ҳорунаррашид ва Довуд ба роҳи Хуросон ба Систон омад ва рӯзи панҷшанбе, ёздаҳ рӯз рафта аз шаҳри рабеъулаввали санаи ситтун ва сабъина ва миа (яксаду ҳаштоду шаш) ва Ҳумом ибни Салама ибни Зиёд ибни Ҳумом бар хироҷ биёмад. Ва Довуд ин ҷо рӯзгоре бибуд,

---

[1] Мазмуни байти арабӣ:
Дар Систон бимон ва саъй кун, ки аз он ҷо ронда нашавӣ,
Ки он ҷаннатаст, ки сано бар бунёдкори он бод.

боз берун шуд ба ҳарби Ҳусайн шаби шанбеи сездаҳ рӯз гузашта аз рабеъулохири санаи сабъун ва сабъина ва миа (яксаду ҳафтоду ҳашт). Ва сипоҳи Мутаввиъа ва ғозиён – сипоҳе бузург бо ӯ ва ҳарбе бузург буд ва бисёр мардум кушта шуд аз ҳарду гурӯҳ ва Ҳусайни Хориҷӣ кушта шуд ва Довуд ба Систон бозомад. Боз Рашид Фазл ибни Яҳёро Хуросон доду Систон ва Фазл Язид ибни Ҷарирро ба Систон фиристод.

### Омадани Язид ибни Ҷарир ба Систон

Рӯзи панҷшанбе, дувоздаҳ рӯз монда аз ҷумодиюлохири санаи самонин ва сабъина ва миа (яксаду ҳафтоду ҳашт) ба Систон андар омад ва дер гоҳ бибуд, ки Фазл ӯро сарф кард ва Иброҳим ибни Ҷабраилро вилоят дод бар Систон ва Иброҳим Бассом ибни Зиёдро ин ҷо фиристод. Ва Бассом андар омад рӯзи душанбе, се рӯз гузашта аз сафари санаи тисъун ва сабина ва миа (яксаду ҳафтоду нӯҳ) ва Иброҳим бар нафси хеш бар асари Бассом биёмад рӯзи шанбе андар рабеъулаввали санаи тисъун ва сабина ва миа (яксаду ҳафтоду нӯҳ) ва дергоҳ бибуд. Боз ба Буст шуд, з-он ҷо ба Руххад шуд ва бо туркон ҳарб карду зафар ёфт ва з-он ҷо ба Кобул шуду ғазо кард ва ғаноими бисёр биёфт ва з-он ҷо ба Систон омад. Пас ба Систон Умар ибни Марвон ал-Хориҷӣ бар ӯ берун омад ва бисёре бар ӯ ҷамъ шуда аз хавориҷ. Ва Иброҳим ибни Ҷабраил бо ғозиён ба ҳарби Умар шуд ва ҳарбе сахт карданд ва Иброҳим бозгашт ба шаҳр омад. Боз Рашид Алӣ ибни Исо ибни Моҳонро Хуросон доду Систон ва Алӣ ибни Исо Алӣ ибни ал-Ҳусайни Қаҳтабаро ба Систон фиристод. Ва андар омад ба Систон ғурраи шаъбони санаи самонина ва миа (яксаду ҳашт). [Боз] ба сари даҳ рӯз Алӣ ибни Исо Систон Ҳумом ибни Саламаро дод ва Ҳумом ба Систон омад ба аҳде бар хироҷу намозу ҳарб. Андар ақиби ӯ номаи дигар омад аҳде писари Алӣ ибни Исоро ва номи ӯ ал-Ҳусайн ибни Алӣ ибни Исо.

Ва Ҳусайн Алӣ Наср ибни Сулаймонро ба Систон фиристод ва андар омад рӯзи чаҳоршанбе, чаҳор рӯз монда аз шаъбони санаи самонина ва миа (яксаду ҳаштоду як). Боз Алӣ ибни Исо вилоят[и Систон] Язид ибни Ҷарирро дод,

дигар роҳ ба Систон омад, ғурраи муҳаррами санаи аҳадун ва самонина ва миа. Ва Мутриф ибни Самра ал-Қозӣ ҳам андар ин сол фармон ёфт ва бист сол қазо кард[1], марде бузургу фақеҳ буд. Боз вилоят Алӣ ибни Исо Асрам ибни Абдулҳамидро ба Систон фиристод дигар роҳ ва Ҳуном ибни Салама бо ӯ бо Хироҷ. Ҳам андар ин сол, ки ёд кардем, чун Асрам ба Систон омад, иллате саъб[2] ӯро пеш омад ва Ҳумом ибни Саламаро халифат кард, ки шаҳр нигоҳ дорад ва худ фармон ёфт. Боз Алӣ ибни Исо писари хеш [Исо]ро Систон дод ва Исо хилофати хеш Ҳумомро дод, ки шаҳр нигоҳ дорад ва боз худ бар асар биёмад [ва] ба Систон, дер гоҳ набуд ва ба Буст шуд ва з-он ҷо ба Кобул шуд ва боз ба Буст омад ва ба Систон омад аввали санаи исно ва самонина ва миа (яксаду ҳаштоду як).

## Берун омадани Амир Ҳамза ибни Абдуллоҳ ал-Хориҷӣ андар санаи иҳдо ва самонина ва миа (яксаду ҳаштоду як)

Ҳамза ибни Абдуллоҳ аз насли Зави Таҳмосб буд ва марде бузург буд ва шуҷоъ ва аз Рун ва Ҷул буд. Аз уммол яке он ҷо беадабиҳо кард. Ҳамза олим буд ва бари ӯ амри маъруф кард. Он омил хост, ки ӯро табоҳ кунад, охир омил кушта шуд ва Ҳамза аз Систон бирафт ва ба ҳаҷ шуд. Ва аз он ҷо бозомад ва гурӯҳе аз ёрони Қатаррӣ ибни ал-Фуҷот бо ӯ. Боз хавориҷи Систон бар Халафи Хориҷӣ бархоста буданд ва ёрони Ҳусайн ва мардуми бисёр ҷамъ шуда, марде панҷ ҳазор. Чун Ҳамза биёмад, ҳамгинон ӯро байъат карданд ва Баскар омад ва ин ҷо берун омад ва ашкаро[3] шуд. Ва Исо ибни Алӣ ибни Исо бо сипоҳ ба ҳарби ӯ шуд ва Ҳафс ибни Умар ибни Таркаро бар Систон халифат кард рӯзи одина андар шавволи санаи исно ва самонина ва миа

[1] Вазифаи қозигиро адо кард.

[2] Беморие сахт, вазнин

[3] Ашкаро дар ин ҷо ба маънии «ошкоро» аст ва дар лаҳҷаи Хуросон аз қадим то имрӯз алиф (о) ба фатҳа (а) табдил меёбад. Масалан, вожаҳое аз қабили: «шикор» дар шакли «шикар», «авбор» - авбар», «бор» - «бар» «шумор» - «шумар» ва ғ. истифода мешуданд ва имрӯз ҳам «ҳаркора» чун «ҳаркара», «ёрак» чун «ярак», «хона» чун «хана», «одам» чун «адам» ва ғ. мушоҳида мешаванд. (Аз шарҳи М. Баҳор).

(яксаду ҳаштоду ду) ба ҳарби Ҳамза шуд ва Сайфи Усмони Торобӣ ва ал-Ҳузайн ибни Муҳаммад ал-Қавсиву Равқ ибни Ҳариш бо Исо ибни Алӣ бад-ин ҳарб шуданд ва ҳарбе саъб бикарданд ва хавориҷ бисёр мардум аз эшон бикуштанд ва Исо ибни Алӣ ба ҳазимат бирафт сӯи Хуросон ва ин меҳтарон бо ӯ ба Хуросон рафтанд, бар роҳи биёбон чунон ки шоир гӯяд:

Шеър:

*Ё Ибна Алийин айна тасрӣ фи-л-фало,*
*Ва кунта лайса-л-ғоби қаблу мурсало.*
*Байна ядай Ҳамзата фӣ қаблиҳи,*
*Фасирта фи-л-ҷубни ладайно масало.*[1]

Чун ҳол чунин буд, хавориҷ биёмаданд ба дари Касаба ва Ҳафс ибни Умар ибни Тарка мутаворӣ шуд ва Ҳамза бомдод бар Ғалс ба дари шаҳр омада буд, бонги намоз бисёр шунид, ки андар он чандин таҳлилу такбир бигӯянд, шамшер набояд кашид. Ба Ҳалофобод фуруд омад ва расул фиристод, ки: Ман бо оммаи шаҳр ҳарб нахоҳам кард, халифати Султонро гӯй, берун ой, то ҳарб кунем. Нигоҳ карданд, Ҳафс ибни Умари Тарка рафта буд ва ба ҷое андар ниҳон шуда. Шоири лашкари Ҳамза ин ду байт бигуфт:

*Ман зо абадан амиран ҳорибан,*
*Мутавориян фb арзиҳи мин аҳлиҳо.*
*Ҳафсу бин Тарка қадра оҳ хоифан,*
*Мин сатватин қад ъояну мин қаблиҳо.*[2]

Пас Ҳамза мардумони саводи Систонро ҳама бихонд ва бигуфт: Як дирам хироҷу мол беш ба султон мадиҳед,

---

[1] Мазмуни ду байти арабӣ:
Эй Ибни Алӣ, дар куҷо шабгардӣ мекунӣ дар биёбон.
Охир ту будӣ шери ҷангал ва фиристода
Ба назди Ҳамза ва қабилаи ӯ,
Вале дар назди мо ба тарсуӣ масал шудӣ.

[2] Мазмуни ду байти арабӣ:
Кӣ дидаст амири ҳамеша гурезаро,
Фирорӣ дар замини худ ва аз мардуми худ.
Ҳафс ибни Тарка аст, ки мебинем ӯро
Мисли ҳамеша тарсанда аз ҳамла…

чун шуморо нигоҳ натвонад дошт ва ман аз шумо ҳеч нахоҳам ва наситонам, ки ман бар як ҷой нахоҳам нишаст.

Ва з-он рӯз то имрӯз ба Бағдод беш аз Систон дахлу ҳамла нарасид, охир бар он ҷумла иттифоқ уфтод ва мардумони Қасаба бар вилояти Амиралмуъминин Рашид буданд ва хутба ҳамекарданд. Ҳанӯз он хутбаи Бани ал-Аббос бар ҷой аст, аммо мол мунқатеъ гашт. Боз ин бузургони Систон, ки бо Исо ибни Алӣ сӯи Алӣ ибни Исо рафта буданд, андар хостанд, то Ҳафс ибни Умарро сарф кард, ки ӯ оҷиз буд ва Сайф ибни Усмон ат-Торобиро бар намозу ҳарб ба Систон фиристод ва Ҳузайн ибни Муҳаммад ал-Қавсиро бар хироҷ ва андар омаданд дар муҳаррами санаи ситтун ва самонина ва миа (яксаду ҳаштоду шаш).

## Омадани Сайф ибни Усмон ат-Торобӣ ва Ҳузайн ибни Муҳаммад ал-Қавсӣ ба Систон

Ва Ҳафс ибни Таркаро бигрифтанду банд барниҳоданд ва ёрони ӯро боздоштанд ва Ҳабиб ибни Тарка соҳиби шуртаи Ҳафс буд ва ба Дари Таъом буд, кас фиристоданду биёварданд ва боздоштанду Ҳафсро бисёр азоб карданд, то кушта шуд. Боз Алӣ ибни Исо Абдуллоҳ ибни ал-Аббосро – сипоҳсолори Хуросонро ин ҷо фиристод ва андар омад ғурраи рабеъулаввали санаи сабъун ва самонина ва миа (яксаду ҳаштоду ҳафт).

## Омадани Алӣ ибни Исо ба Систон

Ва рӯзгоре ин ҷо бибуд ва Ҳамза ба Нишобур шуд ва ин ҷо ҳарб кард бар Алӣ ибни Исо. То Ҳамза ба Хуросон шуд ва боз омад, Абдуллоҳ ибни ал-Аббос ба Баскар берун шуд ва ғоратҳои бисёр кард ва боз ба шаҳр омад. Боз Алӣ ибни Исо писари хешро дигар роҳ – Исоро Систон дод ва Исо то Фароҳ омад ва хироҷи ҷобоят кард ва ба Авқ омад ва оммаи мардумонро бисёр он ҷо бикушт ва ба шаҳр андар омад, ба дари Каркӯй фуруд омад андар шавволи санаи самонин ва самонина ва миа (яксаду ҳаштоду ҳашт).

Боз Ҳамза аз Хуросон фаро расид ва ҳама уммолро, ки дар Баскар биёмад, бикушт ва ба дари шаҳр омаду Исои Алӣ ба ҳарби ӯ берун шуд ва бисёр мардум бо эшон. Ва Аффон ибни Муҳаммад бо он сипоҳ буд. Ҳарбе саъб бикарданд ва Аффон ибни Муҳаммад андар ин ҳарб кушта шуд ва ба шаҳр андар оварданду ба ҷониби масҷид ӯро дафн карданд. Аффон аз бузургону уламо ва фуқаҳои замона буд.

Боз Ҳамза бирафт, сӯи Хуросон шуд, чун донист, ки ин ҷо ҳанӯз бар он гурӯҳ барнаёяд ва Исо ибни Алӣ бар асари вай бо сипоҳ бирафт рӯзи панҷшанбе, сездаҳ рӯз гузашта аз шавволи санаи самонин ва самонина ва миа (яксаду ҳафтоду ҳашт). Андар ин миён Исо ин ҷо дувоздаҳ рӯз буд ва Ҳамза ба Нишобур шуд ва Исо бар асари ӯ ва ба дари Нишобур фароҳам расиданд ва ҳарбе саъб карданд. Ва Ҳамза бозгашт ба Систон омад ва Исо ба Нишобур наздики падар бибуд. Ва Алӣ ибни Исо Систон Ҳузайн ибни Муҳаммад ал-Қавсиро дод ва аҳд фиристоду нома. Ва Ҳузайн ба рустои Қавс буд, сӯи писар нома кард то шаҳр фурӯ гирифт ва андар ақиб худ ба шаҳр андар омад рӯзи сешанбе, ашараи зилқаъдаи санаи тисъун ва самонина ва миа (яксаду ҳаштоду нӯҳ) ва кори қасаба низом гирифт ва мардумон ором гирифтанд бо ӯ. Ва зилзила омад ба Систон андар муҳаррами шаш рӯз гузашта аз он санаи тисъина ва миа (яксаду навад). Ва Алӣ ибни Исо нома кард сӯи Амиралмуъминин Ҳорунаррашид ва огоҳ кард, ки марде аз хавориҷи Систон бархостаст ва бар Хуросону Кирмон тохтанҳо ҳамекунад, ҳама уммоли ин се ноҳиятро бикушт ва дахл бархост ва як дираму як ҳабба аз Хуросону Систон ва Кирмон ба даст намеояд. Пас Рашид байъат кард Маъмун писари хешро бар ҳама вилояти мусулмонӣ андар санаи самонин ва самонина ва миа (яксаду ҳаштоду ҳашт) ва худ ба нафси хеш Рашид биёмад то Рай, ки ба Хуросон ояд ба ҳарби Ҳамза, ки ӯро шавкату қувват шуд ва сӣ ҳазор савор бо ӯ ҷамъ шуд, понсадгон-понсадгон, [ки] ба ноҳиятҳо ҳаме фиристод[ӣ] ва ба ҳеч ҷой як рӯз беш мақом накардӣ.

Боз ба Рай хабар расид, ки аз Рум сипоҳ берун омад, з-он ҷо бозгашт ва ба Бағдод шуд. Ҳузайн ибни Муҳаммад ал-Қавсӣ ба Систон фармон ёфт андар санаи ситтун ва

тисъина ва миа (яксаду наваду шаш) ва девонҳо бисӯхтанд ва хироҷҳо каму беш карданд. Пас Рашид Алӣ ибни Исоро азл кард аз Хуросон ва фармон дод, ки моли ӯ ҳама баргиранд ва биситонанд ва Ҳарсама ибни Аъянро Хуросон дод ва Систон ва Ҳарсама Сайф ибни Усмон ат-Торобиро Систон дод.

## Омадани Сайф ибни Усмон ат-Торобӣ ба Систон

Чун Сайфи Усмон ба Систон омад, Муҳаммад ибни ал-Ҳусайн ибни Муҳаммад ал-Қавсӣ ба ҷои падари хеш нишаста буд, вилоят гирифта, ӯро андар шаҳр нагзошт. Пас ӯ ба дари шаҳр фуруд омад ва машоих бари ӯ шуданду гуфтанд: Савоб бозгаштани ту бошад. Ӯ бозгашту ба саводи Систон қарор наёрист кард ба сабаби Ҳамза. Бишуд ба Фароҳ ва аз он ҷо ба Буст ва он ҷо сипоҳ фароҳам кард ва ба Систон омад ва Абулурён бо ӯ биёмад. Ин Абулурён марде айёр буд аз Систон ва аз сарҳангшуморон буд ва ғавғо ёри ӯ буданд. Пас Сайф ба сари лашкар дар сарои хеш фуруд омад ва Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн бо ӯ ҳарб кард андар санаи исно ва тисъина ва миа (яксаду наваду ду). Сайф ба ҳазимат бирафт ва Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн шаҳр дошту хутба ва аз рустоҳо ҳеч дахл набуд ба сабаби хуруҷи хавориҷ. Боз Ҳарсама ибни Аъян ал-Ҳакам ибни Синонро сӯи Систон фиристод ва Солеҳ ибни ал-Факкок сипоҳсолори Ҳакам буд. Ва Муҳаммад ибни ал-Ҳусайн боз эшонро фармон надошт ва ҳарбҳо карданд. Охир сулҳ карданд ва Ҳакам ибни Синон ба сарои Ҳузайн ибни Бушр ибни Фарқад фуруд омад ва Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн андар сарои мардумон фуруд омад. Пас Муҳаммад ибни ал-Ҳусайн Сайфро гуфт: Акнун ба Систон амирӣ кардан ҳарби хавориҷ аст ва хутбаву намоз осон аст, ки он мардум к-андар қасабаанд, бар вилояти Амиралмуъмининанд. Ҳадис андар ҳарби хавориҷ аст.

Пас [Ҳакам] Солеҳи Ҳаммодро бар сипоҳ ба ҳарби хавориҷ берун фиристод ва ҳарбе сахт бикарданд ва Солеҳи Ҳаммоду ёрон кушта шуданд ва андаке ба ҳазимат ба қасаба омаданд. Ва Сайф ибни Усмон ат-Торобӣ фармон

ёфт ва Амиралмуъминин Ҳорунаррашид ҳам андар ин сол қасди Хуросон кард ба сабаби хаворич ва ба Гургон фуруд омад ва нома набишт сӯи Ҳамза ибни Абдуллоҳ ал-Хориҷӣ.

## Нусхаи номаи Ҳорунаррашид

*Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-Р-раҳим. Мин Абдиллоҳ Ҳорун амира-л-муъминина ила Ҳамзата ибни Абдуллоҳ. Саломун ъалайка ва инни аҳмиду илайка-л-лоҳа ал-лазӣ ло илоҳа илло ҳува ва асъалуҳу ан юсаллия ъало Муҳаммадин абдиҳи ва расулиҳи, сал-л-аллоҳу ъалайҳи. Аммо баъд, фаинна-л-лоҳа таборака ва таъоло баъаса Муҳаммадан набийюҳу сал-л-аллоҳу ъалайҳи ила-н-носи коффатан баширан ва назиран ва доъиян ила-л-лоҳи биизниҳи ва сироҷан муниран юбашширу би-л-ҷаннати ман атоъаҳу ва юнзиру би-н-нори ман ъасоҳу. Ва анзала ъалайҳи китобан ъазизан ло яътиҳи-л-ботилу мин байни ядайҳи ва ло мин халфиҳи, танзилун мин ҳакимин ҳамидин. Байяна фиҳи ҳалолаҳу ва ҳаромаҳу ва фароизаҳу ва ҳудудаҳу ва шароиъа диниҳи. Фабаллага Муҳаммадун рисолоти раббиҳи ва насаҳа-л-уммата ва байяна лаҳум ас-сунната-л- ҳодия. Ло ихтилофа байна-л-уммати фиҳо фи-с-салоти ва авқотиҳо ва-л-ҳаҷҷи ва-л-фароизи ва-л-ҳудуд. Ва авҷаба-л-лоҳу ъало ибодиҳи тоата набийиҳи (с) ва ҷаъала итоъатаҳу мақрунатан битоъатиҳи фаман атоъаҳу атоъа-л-лоҳа ва ман асоҳу асаллоҳа. Фаламмо балаға-л-лоҳу биҳи оммата-л-иҳтиҷоҷи ъало халқиҳи, қабаза-л-лоҳу расулаҳу салла-л-лоҳу ъалайҳи вахтора лаҳу мо ъиндаҳу ва халлафа байна заҳронийи умматиҳи китоба-л-лоҳи ва сунната-л-лати фиҳо ризоа раббиҳи. Ва-л-фавзу ва-н-наҷоту лиман лазамаҳо ваътасама биҳо, ва-л-бавору ва-л-ҳалоку лиман халафаҳо ва ъамила бигайриҳо. Ва амира-л-муъминина ядъука ила китоби-л-лоҳи ва синнати расулиҳи ва яҳассука ъало тоъатиҳи ва янҳока ъан маъсиятиҳи ва қад ъарафа амиру-л-муъминина аллази кона байнака ва байна уммолиҳи фи Хуросона ва Сиҷистона ва Фориса ва Кирмона мина-л-маъорибати ва сафаки-д-димоъи фааҳаббан назара лака ва ли-асҳобика фимо фиҳи салоҳукум ва ҷамъу калиматикум ва радду улфатикум ва*

*идхолу-с-саломати ва-л-офияти ва ат-тамаънинати ъалайкум ва халатакум биихвоникум мина-л-муслимина ва аътокум насибакум мина-л-файи ва-с-садақоти ва-л-ҳаққи ва-л-адли ва ҳуқну димоикум ва-с-сафҳи ва-л-афви ва-т-таҷовузи ъанкум аммо салафа мин аҳдосикум ва ҷароимикум ва иҳдори мо нилтум мин дамин ав молин ав гайри золика фи ҳозиҳи-л-ҳуруби такуну байнакум ва байна уммолиҳи лимо наво мина-л-аҷри ва-з-заҷри ва ҳусни-л-масубати ва лираиятиҳи фи салоҳика хоссатан ва истифоика ва халатака биаҳли тоъатиҳи ва мо яҷибу мина-л-иҳсони илайка ва-л-иттисоли илайка ва қад қурба мин билодика ва тарака бисададин минка ва лам яътика минҳу китобун ва ло расулун қабла китобиҳи ҳозо ва расулиҳи ва қад аманака амира-л-муъминина ъало дамика ва молика ва шаърика ва башарика. Ва ваҳаба лака куллу ҷурмин кона минка ва куллу дамин асаббуҳу анта ав аҳадун мин асҳобика ав ҳадасин иҳдасатҳу ав молин нилтаҳу сагирин ав кабирин кона минка фи ҳозиҳи-л-ҳуруби ва сафаҳа ъан золика ва таракаҳу ли-л-лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу. Ин қабилта амонаҳу ва қадимта ъалайҳи сомиан мутиъан тоибан ила-л-лоҳи мин зунубика, дохилан фи ҷамоъати-л-муслимин, мутамассикан битоатиҳи ва вулоти аҳдиҳи ва лам туъад ва лам танкас ва ҷаъала лака ин қабилта амонаҳу ва қадимта ъалайҳи ва вофайта бимо аштарата алайка аҳда-л-лоҳи ва мисоқаҳу ва зиммата амира-л-муъминина ва зиммата обоиҳи ва ашадда мо ахаза-л-лоҳу ъала-л-малоикати-л-муқаррабина ва-н-набиййина ва-л-мурсалина мин аҳдин ва мисоқин би-л-вафои лака ва ли-асҳобика би-л-амони ъало димоикум ва амволикум ва ҷамиъи мо аҳдастум фи-л-ҳуруби-л-лати конат байнакум ва байна уммолиҳи мо вофайтум ва лам табдилу ва лам тугаййиру ва лам танкасу ва лам таъзиру фақбал насиҳата амира-л-муъминина ва назариҳи лака ва лиасҳобика ваъриф мо фи золика мина-л-ҳаззи ва-р-рушди фb-л-оҷили ва-л-аҷали ва ақдама ъалайҳи маъа расулиҳи ва таъман би-л-вафои лака ва лиасҳобика ва-л-иҳсону илайка ва-л-ифзолу ъалайка. Ва ин анта лам тақбал амонаҳу ва лам ташаххас илайҳи фардуд илайҳи амонаҳу маъа расулиҳи ва ъаҷҷил сароҳаҳу ва ло якунанна лаҳу қаблика лабасун иншоаллоҳу, валлоҳу яшҳаду амирал-муъминин, фаиннаҳу қад аъзара илайка ва аҳтаҷҷа ъалайка ва*

*кафо биллоҳи шаҳидан ва-с-салому ъалайка ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу. Ва катаба Исмоил ибни Сабиҳ мавло амиралмуъминина явма-л-ҷумъати лисамонин бақина мин сафарин санати салосун ва тисъина ва миа. Ва-л-ҳамду ли-л-лоҳи ва саловотуҳу (ало) расулиҳи Муҳаммадин ва олиҳи аҷмаъин.*

## Ҷавоб кардани Ҳамза ибни Абдуллоҳ ал-Хориҷӣ

*Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Мин Абдиллоҳ Ҳамза амиру-л-муъминина. Саломун ъало авлиёи-л-лоҳи, аммо баъд, фаинна-л-лоҳа таборака ва таоло истафо Одама (с) ва каррамаҳу ва аншаа минҳу зурриятаҳу фаставдаъаҳу амонатаҳу ва авҷаба ъалайҳим маърифата рабубиятиҳи, ва-л-амала битоъатиҳи фаҷаъала минҳум анбиёаҳу ва русулаҳу ва анзала ъалайҳим кутубаҳу ва шараъа лаҳум динаҳу. Фататобаъат русулу-л-лоҳи фатаро фи умамиҳо ъало минҳоҷин воҳидин ва шароиъи мухталифатин юсаддиқу охируҳум аввалаҳум, ҳатто мазата-л-қуруна-с-солифата умаман ва аснофан маҳдиятан би-тоъати Раббино ва тасдиқи русулиҳи. Фабаъасаллоҳу Муҳаммадан ъало ҳини фатратин мина-р-русули ва иқтараба мина-с-соъати раҳматан ли-л-ъоламина ва хотиман ли-н-набийина ва мусаддиқан лаҳум ва анзала ъалайҳим ал-Фурқона муҳайминан ъала-л-кутуби ва носихан лаҳум фақтадо набиюллоҳи, китобаллоҳи ва садаъа биамриҳи фи муҷоҳидати аъдоҳи ва-д-даъо ило диниҳи ва-н-насиҳата ли-умматиҳи ҳатто акмала-л-лоҳу лаҳу-д-дина ва балага биҳи-л-ҳуҷҷата ва азҳара лаҳу-д-даъвата ва маккана лаҳу фи-л-арзи фахтора лаҳу мо ъиндаҳу мина-л-кароматi ва-л-фазилати. Фақабазаҳу-л-лоҳу фахатама биҳи-н-нубуввата ва рафаъа-л-ваҳя ва халлафа ли-умматиҳи китоба-л-лоҳи ва разиятуҳу фи халқиҳи, байяна фиҳи ҳалолаҳу ва ҳаромаҳу ва суннатаҳу ва фароизаҳу ва муҳкамаҳу ва муташобиҳаҳу ва амсолаҳу ва савоба аҳли тоъатиҳи ва иқоба аҳли маъсиятиҳи фатамассака (биҳи) авлиёу-л-лоҳи баъда набиййи-л-лоҳи, фақтаду биҳи осаруҳу фааййадаҳуму-л-лоҳу ва ваффақаҳум ва ароҳум мо юҳиббуна мина-л-иъзози ва-т-тамкини ва-л-*

*изҳори аъло адуввиҳим. Фалам язали-л-ислома ва аҳлуҳу фи зиёдатин мин нуъамои-л-лоҳи ва мо ифтатаҳа лаҳум мин раҳматиҳи халофата Абибакр ва Умар (р) ва садран мин хилофати Усмон, ҳатто таъарразати-д-дунё бибаҳҷатиҳо, фаракана илайҳи-р-рокинуна ва осараҳо ва молу илайҳо ва холафу китоба-л-лоҳи ва сунната набиййиҳи, фахталафати-л-уммату баъда ийтилофиҳо ва тафарраҷат баъда иҷтимоъиҳо. Фаҳада-л-лоҳу-л-лазина оману лимо ихталафу фиҳи мина-л-ҳаққи биизниҳи ва залла ман истаҳаққа-з-залолата бимо зайяъу мин китоби-л-лоҳи ва холафу мин суннати набийиҳи ва иҳтадо ман осара ҳаққа-л-лоҳи ва диниҳи ва китобиҳи. Ва лазаму-с-сабила ман ҳада-л-лоҳу қалбаҳум фасабару ъалайҳи ҳатто қаҳара ботилу ҳозо-л-уммати аҳла ҳаққиҳо фалбасат шайъан ва узиқа баъзаҳум баъса баъзин. Фало язолу мухталифатан илло ман раҳима раббука ва ло язолу-л-исломy ва аҳлуҳу фи нуқсонин ҳатто тақуму-с-соъату. Ва золика мавъиду ҳозиҳи-л-уммати ъинда иҷтимоъиҳо ъала-з-залолати. Ҳайсу яқулу бали-с-соъату мавъидуҳум ва-с-соъату адҳо ва аммарру. Фанаъузу биллоҳи ан юқаддимино фи-л-ҷаҳли ва-з-залоли ав яхлифуно фи-л-ашрори. Ва қад вассала илаййя китобука тадъунӣ фиҳи ила китоби-л-лоҳи ва суннати набиййиҳи ва закарта муҳорабати, аммо лака фи кувари Хуросона ва ғайриҳо. Ва сафаҳака ъан золика ва ғайруҳу миммо кона минно ва миммо аразта мин аманика ва эҳсоника баъда қабулиҳо китобака ва амонака ва духулуно фи тоъатика ва куллу мо катабта биҳи фақад фаҳимтуҳу. Фаммо китоба-л-лоҳи фаилайҳи даъватӣ ва биҳи ризоӣ ва ласту абғо биҳи ва ло ғайраҳу ҳукман. Фа-л-ҳамду ли-л-лоҳи ъало мо манна биҳи ъалаййя фимо арратнӣ мин диниҳи ва бассарани мин ҳудоҳу ва ҷаъаланӣ адъу ила муҳками китобиҳи ва би-л-воҷиби мин тоъатиҳи ва уҷоҳиду ъалайҳо ман ъанада ъанҳо ва холафаҳо ва ъамила бигайриҳо, валлоҳу-л-муъину ва-л-муваффиқу ва ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-лоҳи-л-ъалиййи-л-ъазим.*

*Ва аммо мо таноҳӣ илайка мин муҳорабати аммо лака фамо кона золика мин мунозаати лака фи мулкика ва ло рағбата фи дунё анолуҳо бизолика ва ло талабан ли-р-рафъати ва-з-зикри фиҳо ва ло ибтадаат аҳадан минҳум баго ъалайҳим маъа мо заҳара ли-л-ъоммати мин суъи сиратаҳим*

*фиман валлу ъалайҳим ва мо таъоту мин сафкид димоъи ва ибоҳати-л-амволи ва рукуби-л-фавоҳиши ва мо лам яҳиллуҳу-л-лоҳу-л-ибодата ва ло азуннуҳу илло қад табайяна лака мин ҳоли Хуросона ва баллагака мин Сиҷистона ва Фориса ва Кирмона, мо фиҳи кифоятун ъани-т-татвили ъалайка фимо асифу лака мин золика ва аммо иҳсонука илаййя ва назарука ли ва мо даъавта илайҳи фалав кунту мимман юсару-д-дунё ва яргибу фиҳо ва ялтамису ҳафза-л-ъайши ва-н-неъмата фимо ъарразта даркан фи-л-оҷили дуна-л-оҷили, иннӣ аъузу биҷалоли-л-лоҳи ан яҷъала золика ҳаззӣ ва насибӣ минҳу. Фаинна-л-магбуна ман боъа динаҳу бидунёҳу табқо лаҳу ва ло ябқа лаҳо ва ло хайра бихайрин баъдаҳу-н-нору ва ло шарра баъдаҳу-л-ҷаннату.*

*Ва амма-л-файю ва-с-садақоту фаинни золика ва қад фақад муслимуна атоёҳум ва арзоқуҳум ва садақотуҳум баъда-л-халифатайни (р), фасорат юъхазу мин гайри мавзиъиҳо ва ясрифу ила гайри аҳлиҳо Ва-л-лоҳу ҳасибу халқиҳи ва аммо мо ъарразта мин амоника ва даъавта илайҳи мин тоъатика, фаҳал ли-махлуқин амона-л-амри, мин явми-л-фазаи-л-акбари, явмун ло янфаъу нафсан имонаҳо лам такун оманат мин қаблу ва кайфа яъману мин золика ман ло ямлику ли-нафсиҳи мавтан ва ло ҳаётан ва ло нушуран. Фанзур ли-миъодика ва мо анта соирун илайҳи ва биҳи муртаҳинун ва ъанҳу масъулун ва биҳи аммо қалилун муҳосибун, фақад раъайта мо фаъалати-д-дунё биарбобиҳо аррокибина илайҳо, ал-муассирина лаҳо, кайфа авбақатҳум ва хазалатҳум ва асламатҳум фалан таъни ъанҳум шайъан иътабиру лаҳо ъанҳум ва бақият аъмолуҳум қалоиду фи аъноқиҳим ва сору ила-н-надомати ва талаҳҳафу ҳайсу ло ягни ъанҳум золика ъало мо фаррат ва фотаҳум мина-л-ъамали фи дунёҳим ли-маъодиҳим ва явма фақриҳим ва фоқатиҳим, ҳайсу яқулу ё ҳасратӣ мо фарратту фи ҷанби-л-лоҳи ва қад бояътуллоҳа ва оҳадтуҳу ъала-л-қиёми биамриҳи ва-д-даами ила тоъатиҳи ва муҷоҳадату аъдоиҳи ҳатто яфно нафсано мо мавфо аҳди ва манҷару мавъиди. Қола-л-лоҳу таъоло: Ва авфу биъаҳдӣ увфи биъаҳдикум, фанасъалу-л-лоҳа-л-исфоъа бимо ъалимно мин китобиҳи ва наъузу би-л-лоҳи ан накуна мимман лабису динаҳум ъало анфусиҳим фалабисаллоҳу ъалайҳим ва насъалу-л-исмата ва-л-калоата ва ан ло такиллано ила нафсино ва ло ило аҳадин мин халқиҳи ва ан ятавалло минно мо ҳува аҳлу-т-тақво ва аҳлу-л-магфирати, разийту би-л-лоҳи*

*раббан ва би-л-ислому динан ва би-муҳаммадин набийян ва би-л-Қуръони имоман ва ҳикматан.*

*Раббуно раббу-с-самовоти ва-л-арзи, лан надъу мин дуниҳи илаҳан лақад қулно изан шататан. Ҳозиҳи сабилӣ адъу ила-л-лоҳи ъало басиратин ано ва мани-т-табаъанӣ. Ва субҳона-л-лоҳи Рабби-л-ъоламина ва ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-лоҳ ло ҳукма илло ли-л-лоҳи яқзи-л-ҳаққа ва ҳува хайру-л-фосилина, фаин таваллав фақул ҳасбия-л-лоҳу ло илоҳа илло ҳува ъалайҳи таваккалту ва ҳува Раббу-л-ъарши-л-ъазим. Ва салла-л-лоҳу ъало Муҳаммадин ан-набиййи ва ъало ҷамиъи-л-мурсалина.*

Пас расули ӯро некуӣ кард ва аҳдномаву ин нома бад-ӯ дод ва бозгардонид. Чун расул сӯи Амиралмуъминин Ҳорунаррашид [расид], аз Гургон ба Тӯс омад андар ҷумодиюлохири санаи салосун ва тисъина ва миа (яксаду наваду се), ба ҷойгоҳе, ки онро Санобод гӯянд аз Навқон. Он ҷо фармон ёфт ва чиҳилу се сол умр ёфт. Кунняти ӯ Абӯабдуллоҳ буд. Пас Ҳамза корҳо бисохт ҳарбро ва бештари мардум, ки бар ӯ ҷамъ шуда буд, аз Араб буданд, кобини занон бидоданд ва васиятҳо бикарданд ва кафанҳо андар пӯшиданд ва силоҳҳо аз бари он ва сӣ ҳазор савор ҳама зуҳҳод ва Қуръонхон бирафтанд ва шоири эшон ин байтҳо ёд кард:

**Шеър:**

*Азанна Ҳоруна ва ашёуҳу,*
*Инно набиъу-л-ҳаққа би-л-ботили.*
*Наҳуққу фи қиртосиҳи астуран,*
*Аҷҳил биҳи мин китобин ҷоҳили.*
*Хаша фи баъзин ва фи баъзиҳи,*
*Лайса кафеъли-л-лоъиби-л-ҳозили.*
*Яъризу султонан ъало Ҳамзатин,*
*Бафкан ба шайкан гайрумо тоилин.*
*Ва лиман якун Ҳамзату мимман юбиъу,*
*Оҷилатан би-л-ъоҷили-з-зоили.*
*Ҳува-л-имому-л-Муртазо фаллазӣ,*
*Юқиму саъра-л-аъваҷи-л-моили.*
*Ва-с-содиқу-л-ваъди изо мо ваа,*
*Лайса биҳи михлофин вало мотили.*[1]

[1] Мазмуни шеъри арабӣ:

Пас чун ба наздикони Нишобур бирасиданд, хабари марги Ҳорун шуниданд ва дафн кардани ӯ ба Тӯс ва бозгаштани сипоҳ ба Бағдод. Ҳамза гуфт: Ва кафа-л-лоҳу-л-муъминина-л-қитола. Чун чунин буд, воҷиб гашт бар мо, ки ба ғазви бутпарастон биравем ба Синд ва Ҳинду Чину Мочин ва Турку Рум ва Занг. Ёрон гуфтанд, ки: Он чи Эзад-таъоло бар зуфони[1] ту ронд, савоби мо андар он аст. Пас панҷ ҳазор савор тафриқа кард понсадгон[2] ба Хуросону Систон ва Порсу Кирмон. Гуфто: Магузоред, ки ин золимон бар зуафо ҷавр кунанд. Ва ҳадиси ин лашкарҳо худ бад-он ҷой расид, ки эшон бар якдигар хуруҷ кунанд ва мо андар миёна наоем, то эшон бисёр аз якдигар табоҳ кунанд, ки ӯ подшоӣ ба баҳв кард бар писарони хеш ва ал-мулуку ғаюрун[3].

Пас бирафту ба Синду Ҳинд шуд, то Сарандеб бишуд ва ба дарё андар шуд ва гӯри Одам (а)-ро зиёрат карду он асарҳои вай бидид ва бисёр ғазвҳо кард ва аз сӯи лаби дарё ба Чин шуд ва з-он ҷо ба Мочин омад ва ба Туркистон андар омад ва ба Рум шуд ва аз он ҷо ба Туркистон омад ва боз ба Систон омад бар роҳи Макрон ба ҳама ҷой ғазв кард ва ёронро гуфтӣ, ки: Эзад-таъоло носири дини Муҳаммад аст, ё на моро чӣ ёрагӣ будӣ, ки ин кардӣ, ба шукр бояд шуд. Ва қисса тамомӣ ба «Мағозӣ»-и Ҳамза гуфта ояд ва би-л-лоҳи-т-тавфиқ.

---

Оё Ҳорун ва пайравони ӯ андешидаанд,
Ки мо ҳақиқатро бар дурӯғ намефурӯшем?
Мо ҳаққонӣ шаҳодат медиҳем дар дафтари ӯ:
То чӣ ҳад ҷоҳил аст ин дабир!
Баъзан Ҳорун дурушт буд бо Ҳамза,
Нарм буд баъзан, гӯё ки бозӣ мекард.
Давлатеро, ки бебақо ва нолозим аст.
Пешниҳод кард ӯ ба Ҳамза давлатро,
Зеро Ҳамза аз зумраи онҳое набуд, ки бихарад,
Ин дунёи фониро бар ивази дунёи боқӣ.
Ӯ имоми мақбул ва он касест, ки
Каҷиҳо ва каҷравонро рост месозад.
Ӯ ба ваъдаи худ содиқ аст ва ҳамгоме ки ваъда медиҳад,
Хилофи ваъда намекунад ва кибру ғурур ҳам наметварзад.

[1] Забони.

[2] Панҷсаднафарӣ ҷудо кард.

[3] Подшоҳон боҳамият, бо ору номусанд.

Боз Маъмун Систон Зуҳайр ибни Мусайябро дод ва Зуҳайр ин ҷо халифате фиристод номи вай Исҳоқ ибни Саман ва Зуҳайр худ ба нафси худ андар шавволи санаи салосун ва тисъина ва миа (яксаду наваду се) ин ҷо омад ва бо мардумон некуӣ кард ва чиз нахост ва рӯзгоре ин ҷо бибуд. Боз Маъмун Систон Фатҳ ибни Ҳаҷҷоҷро дод, мавлои ар-Рашидро ва Фатҳ Саҳл ибни Ҳамзаро ба хилофати хеш ба Систон фиристод ва боз Фатҳ ба нафси хеш дар омаданд, дар зилқаъдаи санаи арбаъун ва тисъина ва миа (яксаду наваду чор). Пас Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ шаҳр бар ӯ ошуфтагуна ҳамедошт, то охир ҳарб уфтод миёни эшон ва Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн ба ҳазимат ба ҷӯи Шаъба рафт. Ва бад-он замона фақеҳи Систон Холид ибни Мазо ад-Духалӣ буд, фармон ёфт андар ин сол ва марде олим ва вараъ буд. Боз хаворич, [ки] аз ҷиҳати Ҳамза ин ҷо буданд ва солори эшон Бӯуқайл андар шавволи санаи хамсун ва тисъина ва миа (яксаду наваду панҷ) ҳарб карданд бар сипоҳсолори Фатҳ, Алӣ ибни Абиалӣ ва Алӣ ба ҳазимат ба шаҳр андар омад ва ёрони вай бештар кушта шуданд. Пас Фатҳ гуфт: Эшон бисёранд ва як нимаи Систон бо эшонанд.

Ва Фатҳ шеърдӯст буд ва шуарои Систон ӯро шеър гуфтанд. Бишнид ва гуфт: [Ин ҷо] шоири нек набошад. Боз рӯзе Аммор ибни Исо аш-Шоир ба маҷлиси ӯ буд, ҳадиси шеър рафт. Аммор гуфт: Ман яке шеър ҳасби ҳол андар мидҳати амир бигӯям, агар нек ояд, саодате бошад. Гуфт: бигӯй. Гуфт:

*Саалту расма маҳдин ва ъанҳо фамозо абана,*
*Ё Фатҳу бал мин вуҷудиҳи яфто ман қараа.*
*Ал-Фатҳу ва-л-ҷуду халифан макрамоти нашаа.*[1]

Пас Фатҳ бархосту ӯро ба ҷониби хеш биншонд ва даҳ ҳазор дирам бидод. Боз маъмури Сиҷистон Муҳаммад ибни ал-Ашъас ат-Торобиро дод [ва ӯ] рӯзи чаҳоршанбе,

---

[1] Ба андешаи устод М. Баҳор се байти мазкур хароб аст ва байти аввалу охири он ба эҳтимол бояд чунин бошад:

Саалту расма Маҳдадин анҳо фамозо анбаа
… Ал-фатҳу ва-л-ҷуду ҳалифан макрамоти наша.

Дар мисраи аввал «Маҳдад» номи яке аз занон будааст. Дар ҳар ҳол тарҷумаи саҳеҳи мазмуни шеъри мазкур имкон надорад.

дувоздаҳ рӯз монда аз муҳаррами санаи сабъун ва тисъина ва миа (яксаду наваду ҳафт) андар омад ба Систон.

## Омадани Муҳаммад ибни ал-Ашъас ба Систон

Ва Ашъасро писари хешро ба Буст фиристод ва худ ин ҷо бибуд ва бо мардум бар тариқи некон бирафт. Боз Маъмун сипоҳ ҷамъ кард ва Тоҳири Аъварро ба Бағдод фиристод ба ҳарби бародар – Муҳаммад ибни Зубайда ва ӯ Тоҳир ибни Ҳусайн ибни Мисъаб ибни Разту мавлои Алӣ Бӯтолиб [буд] ва миёни Тоҳир [ва] Муҳаммад бисёр ҳарбҳо буд, чунон ки андар китоби хулафо ёд кунанд. То Муҳаммад кушта шуд, ҳафт рӯз монда аз муҳаррами санаи самонин ва тисъина ва миа (яксаду наваду ҳашт) [ба Бағдод ва] бисту ҳафт солу се моҳу ёздаҳ рӯз ӯро умр буд ва байъат карданд пас аз он Абулаббос Абдуллоҳ ал-Маъмунро.

## Нишастани Абулаббос Абдуллоҳ ал-Маъмун ба хилофат

Ва ӯ писари Ҳорунаррашид буд. Ҳам андар ин рӯз, ки Муҳаммад кушта шуд ва ҳам андар ин рӯз Абуссароё ба Куфа берун омад, байъат кард ибни Таботаборо ва номи вай Муҳаммад ибни Иброҳим [ибни] Муҳаммад Исмоил ибни Иброҳим ибни ал-Ҳасан ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб. Ва ҳама Ҳиҷозу Яман андар он байъат шуданд ва Ибни Таботабо андар гузашт рӯзи панҷшанбе, се рӯз гузашта аз раҷаби санаи тисъун ва тисъина ва миа (яксаду наваду нӯҳ). Абуссароёро ба Куфа ҳам андар ин сол бикуштанд. Ва андар ин сол марде бархост ба Буст ва берун омад ва ғавғои бисёр бо ӯ. Номи вай Ҳарб ибни Убайда аз Хавоши Систон буд ва Ашъас ибни Муҳаммад ибни ал-Ашъас ба ҳарби ӯ берун омад ва Ҳарб ба ҳазимат бирафт ва Ашъас аз паси ӯ бирафт. Боз Ҳарб бозгашт ва ҳарбе саъб карданд ва Ашъас ҳазимат кард ва Ҳарб бисёр мардум аз они ӯ бикушт ва буна ва молу сутури ӯ бигрифт ва бад-он қавӣ гашт. Ва Ашъас биёмад ба ҳисори Буст андар шуд ва

Ҳарб биёмаду ӯро аз Ҳисор берун овард ва банд барниҳод ва Ҳарб даъво кард, ки: Ман ҳарби Ҳамза ал-Хориҷиро бархостаам, ки ин сипоҳи Араб бо ӯ ҳаме бас наёянд. Пас хабар ба наздики Муҳаммад ибни ал-Ашъас бирасид, ал-Мусанно ибни Садм ал-Боҳилиро ба Буст фиристод бо сипоҳе бузург. Чун ба Буст бирасид, Ҳарб ӯро андар Буст нагзошт ва ба Систон Ҳамдуна ибни ал-Ашъас ибни ал-Ҳорис ибни Мушоҷеъ ал-Аҷалӣ бархост ва ғавғо бар ӯ ҷамъ шуд ва Муҳаммад ибни ал-Ашъас худ ва ходиму ғуломони хеш бо ӯ ҳарб кард, Муҳаммади Ашъас ҳазимат шуд ва ба сарои мардумон фуруд омад. Ва Ҳарб ибни Убайда аз Буст биёмад ва бар Ҳамдӯй ҳарб кард ва Ҳамдӯй ба ҳазимат бирафт. Ва Муҳаммади Ашъас низ бирафт ва Ҳарб ибни Убайда молу сутури эшон ҳарду бигрифт ва ин андар охири санаи тисъун ва тисъина ва миа (яксаду наваду нӯҳ) буд. Ва Амр ибни Аммора ал-Фақеҳ, ки мазҳаби Суфён ба Систон овард, ҳам андар ин сол фармон ёфт ва масҷиди ӯ ба дари Форс маъруф аст. Ва андар ин сол ба Систон зилзила омад. Боз Маъмун Лайс ибни Фазлро, ки ӯро Ибни Тарассул гуфтандӣ, Систон дод ва ӯ волии Қаҳистон буд, бародари хешро – Аҳмад ибни ал-Фазлро ин ҷо фиристод.

## Омадани Аҳмад ибни ал-Фазл ба Систон

Ва андар омад ба Систон ёздаҳ рӯз гузашта аз моҳи рамазони санаи тисъун ва тисъуна ва миа (яксаду наваду нӯҳ) ва Муҳаммад ибни ал-Ашъас андар ин миёна барниҳод, Ҳарб ибни Убайда омада буд ва бо ӯ якӣ гашта аз ҷумлаи сарҳангони ӯ. Аҳмад ибни ал-Фазл ба сарои Муҳаммад ибни ал-Ашъас фуруд омад ва молу сутурони ӯ ғорат кард ва Ҳарб ибни Убайда ва Муҳаммад ибни ал-Ашъас ва сипоҳ ҳама ба Дари Таом берун шуда буданд, ки ба ҳарби хавориҷ шавем. Аҳмад ибни ал-Фазл шаҳр фурӯ гирифт, [чун] эшон биёмаданд, эшонро ба шаҳр андар нагузоштанд. Боз Лайс ибни ал-Фазл ба нафси хеш ба шаҳр омад андар ҷумодиюлаввали санаи миъатай (дусад) ва ба талаби Ҳарб ибни Убайда ва сипоҳи вай [бишуд] бо сипоҳи хеш [ва] баъзе сақал ва бунаи ӯ бигрифт ва бозгашт, ки

қуввати ҳарб надошт, ки бо Лайс чаҳорсад савор буд ва бо Ҳарб ибни Убайда сӣ ҳазор савор ва марди пиёда буд, ҳама сохтаву корӣ ва қавӣ гашта. Лайс ба шаҳр андар омад ва шиати Ҳарбро ҳамегирифт ва ҳамегашт. Боз Ҳамза ал-Хориҷӣ аз роҳи Макрон ба Систон омад ва Лайс ибни Фазл пеши ӯ расулон фиристод ва бо ӯ сулҳ карду гуфт: Ту ғазвҳои бузург кардӣ ва хоҳем, ки бо ту мухолатат кунем[1], то ба музди он бирасем. Ва ин марде бархоста номаш Ҳарб ибни Убайда ва чунин мегӯяд, ки: Ҳарби Ҳамзаро бархостам ва хештанро бад-он бозоре ниҳод[а] ва ту ҳозир набудӣ, акнун аз ту ҳамле истионат[2] хоҳем, ки шарри ӯ аз мусулмонон дафъ кунӣ, ки ӯро силоҳу шавкат қавӣ гаштааст.

Ҳамза номаи ӯ ҷавоб кард, ки: Дил бад-ин боб машғул набояд дошт, агар Эзад-таъоло хоҳад, тамом шавад ва ҳаққи ту бар мо воҷиб шуд, ки ёрону касҳои мо аз ту бисёр шукр карданд.

Пас Ҳамза ба тохтани Ҳарб ибни Убайда рафт ва ҳарб карданд ва як ҷойгоҳ аз ёрони Ҳарб ибни Убайда бисту анд ҳазор мард бикушт ва Муҳаммад ибни ал-Ашъас ба ҳазимат ба шаҳр омад, Лайс ибни Фазл ӯро бигрифт ва ду дасту ду пои ӯ берун карду сӯи дари Порс порае биёвехт. Ва Лайс ҳар чи ба Систон ба даст кардӣ, таъом сохтиву айёрони Систонро меҳмон кардӣ ва хилъат додӣ. Ва ба рӯзгори ӯ хавориҷ андар шаҳр омадӣ ва рӯй ба наздики [ӯ] сулҳ буд ӯро бар Ҳамзаи Хориҷӣ ва ёрони ӯ ва бо эшон некуӣ кардӣ. Чаҳор сол бад-ин ҷо бар ин ҷумла бимонд ва бисёр биноҳо кард ва мустағлоту зиёъ харид ба ҳар ҷой.

Боз Маъмун Хуросону Систон Ғассон ибни Ибодро дод ва Ғассон Аъян ибни Ҳарсамаро Систон дод ва Аъян ибни Ҳарсама Амр Ибни ал-Ҳайсамро ин ҷо фиристод рӯзи чаҳоршанбе андар моҳи рабеъулаввали санаи арбаъун ва миатай (дусаду чор).

---

[1] Ҳамроҳ шавем.
[2] Ёрӣ, мусоадат.

## Омадани Амр ибни ал-Ҳайсам ба Систон

Андар омад мутанаккир ва амали хеш пайдо накард ва Лайс ибни Фазл ба деҳе берун шуда буд аз зиёи хеш, Амр он ҷо шуд ва хост, ки бар ӯ даст ёбад ва ӯро банд кунад. Мумкин нашуд, як рӯзу як шаб он ҷо бимонд, дигар рӯз ҳарду барнишастанд аз баҳри намози одинаро бо сипоҳи хеш. Чун ба дари масҷиди одина бирасиданд, Амр ибни ал-Ҳайсам маншуру аҳди хеш арза кард. Лайс бозгашту ба деҳи хеш шуд ва Амр андар шуду намоз бикард ва кор фурӯ гирифт. Боз Аъян ибни Ҳарсама ба нафси хеш андар омад рӯзи одина, даҳ рӯз гузашта аз шавволи санаи арбаъун ва миъатай (дусаду чор) ва бо мардумон некуӣ кард ва аҳдҳо неку кард. Боз Ғассон ибни Аббод Систон Абдулҳамид ибни Шабибро дод ва андар омад рӯзи панҷшанбе, даҳ рӯз монда аз рамазони санаи хамсун ва миъатай (дусаду панҷ) ва некуӣ бо мардумон [кардӣ]. Вилояти Систон он, ки аз он чизе ба ҳосил омадӣ, Дари Таъом буд ва ба нафақоте беш намебуд, дигар хавориҷ фурӯ гирифта буданд. Худ чизе наситадандӣ, аммо касеро нагузоштандӣ, ки чизе ситадӣ ва доим ба Ғуру Ҳинд ва Синд тохтанҳо ҳамебурданду мардуми Систонро ҳаме наёзурданд, магар сипоҳе агар бар эшон ҳарб кардӣ ва ба тохтани эшон шудӣ, бикуштандӣ.

Боз Маъмун вилояти Систону Хуросон Тоҳир ибни ал-Ҳусайнро дод ва Тоҳир писари хешро ба Ҷазира фиристод, андар санаи ситтун ва миъатай (дусаду шаш) ба ҳарби Наср ибни Сабт ва ҳам андар ин сол Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсиро ба Систон фиристод.

## Омадани Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ ба Систон

Ва андар омад ба Систон даҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлаввали санаи ситтун ва миъатай (дусаду шаш) ва бо мардумон некуӣ кард ва зиёъ бисёр харид ва дили мардумон ба хештан кашид аз некуӣ кардан ва гуфтан. Боз Тоҳир ибни ал-Ҳусайн Систон писари хешро дод, Талҳа ибни Тоҳирро. Ва Талҳа Илёс ибни Асадро ин ҷо фиристод.

## Омадани Илёс ибни Асад ба Систон

Ва андар омад ба Систон рӯзи панҷшанбе, даҳ рӯз монда аз сафари санаи самонин ва миъатай (дусаду ҳашт) . Андак рӯзгор буд, то боз Муъаддил ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ, бародари Муҳаммад ибни ал-Ҳусайн ин ҷо омад аз ҷиҳати Талҳа ба хилофати бародари хеш рӯзи панҷшанбе андар ҷумодиюлохири санаи самонин ва миъатай (дусаду ҳашт) [ва] Илёс ибни Асад амал бад-ӯ таслим кард ва аз Доруламора берун омад ва ба сарои ал-Ҳайрас ибни ал-Мусанно фуруд омад ва ҳамеша мардумонро бар Муъаддил ибни ал-Ҳусайн шӯридагуна ҳамедошт ва мардумон бо Илёс сохтатар буданд. Боз Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн бар хавориҷ рӯй гирифт ва бад-эшон тақвият ҷуст ва берун шуд ба Фароҳ шуд ва аз Ҳамза сипоҳ хост ва биёмаду мардумон ӯро андар Қасаба нагузоштанд. Бирафт ба деҳи хеш, ба миёни ду рӯд фуруд омад ва хавориҷ бо ӯ як ҷову ӯ бо эшон ҳамебуданд ва ҳама саводи Систон ӯ дошт, ҳамеша бо хавориҷ сохта буд ва ӯро ҳеч наёзурдандӣ. Боз Талҳа ибни Тоҳир Систон Муҳаммад ал-Аҳвасро дод.

## Омадани Муҳаммад ибни ал-Аҳвас ба Систон

Ва андар омад ба Систон рӯзи панҷшанбе, даҳ рӯз боқӣ монда аз шавволи санаи самонин ва миъатай (дусаду ҳашт) ва бо мардумон некуӣ кард ва адлу дод, боз Талҳа бини Тоҳир Систон Муҳаммад ибни Шабибро дод.

## Муҳаммад ибни Шабиб ба Систон омад

Рӯзи сешанбе, чаҳордаҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлохири санаи тисъун ва миъатай (дусаду нӯҳ) андар омад. Дер барнаёмад, то боз Систон Талҳа ибни Тоҳир Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Самраро дод ва Муҳаммад ибни Исҳоқ Муҳаммад ибни Язидро боз халифат кард ва бифиристод ва ӯ андар омад рӯзи одина андар моҳи раҷаби санаи ситта ъашара ва миъатай (дусаду шонздаҳ) ва шаҳр фурӯ гирифт.

## Омадани Муҳаммад ибни Язид ба Систон

Ва бар ақиби вай Муҳаммад ибни Исҳоқ андар омад. Боз ба Буст марде берун омад аз ҷумлаи айёрони Систон ва ғавғо бар ӯ ҷамъ шуд ва Муҳаммад ибни Исҳоқ берун шуд ба ҳарби ин айёр. Чун ба Хавош бирасид, Ҳасан ибни Алӣ ас-Сайёрӣ ба амали Систон омад аз ҷиҳати Талҳа ибни Тоҳир.

## Омадани Ҳусайн ибни Алӣ ба Систон

Андар омад ва аҳди хеш ниҳон кард чанд рӯз. Боз пайдо карду сипоҳ ба талаби Муҳаммад ибни Исҳоқ фиристод, андар расиданд ва Муҳаммад ибни Исҳоқро банд карда биёварданд ва ин ҳама андар санаи иҳдо ъашара ва миъатай (дусаду ёздаҳ) буд. Боз Исо ибни Аҳмадро ба ҳарби он айёр фиристод ба Буст, он ҷо шуду эшонро бипароканд ва ба Систон бозомад. Боз Талҳа ибни Тоҳир Систон Аҳмад ибни Холидро дод.

## Омадани Аҳмад ибни Холид ба Систон

Ва ӯ Муҳаммад ибни Исмоил аз-Зуҳайлиро ин ҷо фиристод ва рӯзи чаҳоршанбе, ҳафт рӯз монда аз рабеъул-охири санаи салоса ъашара ва миъатай (дусаду сездаҳ) андар омад ва бар асари вай Аҳмад ибни Тоҳир омад андар моҳи ҷумодиюлаввали ин сол. Чун хост, ки ба шаҳр андарояд, фавҷе аз ёрони Ҳамзаи Хориҷӣ ба тохтани ӯ омаданд ва ӯро андар шаҳр нагзоштанд ва ҳарбе сахт карданд ва Аҳмад ибни Холид ба ҳазимат боз Хуросон шуд ва Ҳамза ал-Хориҷӣ рӯзи одина, дувоздаҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлохири санаи салосун ашара ва миъатай (дусаду сездаҳ) фармон ёфт ва хавориҷ байъат карданд ҳам андар ин рӯз Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Умайр ал-Ҷошиниро. Ва Бӯисҳоқ марде некудилу мусулмон ва некусирату олим буд, бар хавориҷ инкор кард ва баъзе ғорат карданд аҳли таҳлилро. Чун фармони ӯ накарданд, аз миёни эшон бигрехт ва ба Зиреҳ андар шуд ба яке кавели най пинҳон шуд ва акнун

онро Кавели Бир гӯянд ва маъруф аст. Боз Хаворич Абоавф ибни Абдурраҳмон ибни Базеъ ал-Куфиро байъат карданд, андар ҷумодиюлохири санаи хамса ъашара ва миъатай (дусаду понздаҳ) ва Талҳа ибни Тоҳир рӯзи якшанбе, чаҳор рӯз боқӣ монда аз рабеъулаввали санаи салоса ашара ва миъатай (дусаду сездаҳ) фармон ёфт. Боз Абдуллоҳ ибни Тоҳир Систон Муҳаммад ибни ал-Аҳвасро дод.

## Омадани Муҳаммад ибни ал-Аҳвас ба Систон

Ва шаби фитр андар ин сол ба Систон андар омад ва сипоҳи Систон бо худ ёр кард ва ба ҳарби хавориҷ берун шуд ва аҳли илми Систон бо ӯ. Чун ал-Ҳасан ибни Амр Ал-Фақеҳ ва Шорик ибни ан-Назр ва Ёсир ибни Аммор ибни Шуҷоъ. Ва Ёсир аз хавориҷ буд ба мазҳаб, валекин чун Бӯисҳоқ ба Зиреҳ андар шуд, ӯ ба Қасаба андар омад ва Муҳаммад ибни Бакр ибни Абдулкарим ва Амр ибни Восил ва ҳама аҳли фазлу уламои Систон. Ва бирафтанду ҳарбе сахт бикарданд бо хавориҷ ва бисёр аз ин гурӯҳ кушта шуд бар дасти хавориҷ ва ба аҷз бозгаштанд ва Абдуллоҳ ибни Тоҳирро огоҳ карданд, Азиз ибни Нӯҳро бо лашкари анбӯҳ аз Ғарбо ба Систон фиристод ба ҳарби хавориҷ ва ҳар ду сипоҳ ҷамъ шуданд ва ба ҳарб бо Авф рафтанд ва ҳарб карданд ва аз хавориҷу ҳарду гурӯҳ бисёр мардум кушта шуд ва Боавф ба Каркӯй фуруд омад ва ин сипоҳ андар шаҳр омаданд ва боз ҷамъ шуданд ва бисёр ровияву ҳаблу митҳара ва машку[1] олати сафар баргирифтанд, андар зилқаъдаи санаи хамса ашара ва миъатай (дусаду понздаҳ), ки биравем, биёбону кӯҳ ва ҳар ҷо, ки хавориҷ шаванд, з-эшон бознагардем, то ҳеч кас намонад. Ва Муҳаммад ибни ал-Аҳвас бо Азиз ибни Нӯҳ як ҷо буд ва ба Дари Анҷара фуруд омаданд ва сипоҳ бистгонӣ хостанд аз Муҳаммад ибни ал- Аҳвас ва бидод, моли бисёр ва ҳарду сипоҳу ғавғои шаҳр бо Азиз [ибни] Нӯҳ берун шуданд ва бо Авф тохтан оварду ба Ҳарводкан бо эшон расид рӯзи шанбеи аввали

[1] *Ровия* – сатил ё машки бузург барои обкашӣ. *Ҳабл* – таноб, ресмон. *Митхара* – офтоба, кӯза.

рӯзи моҳи рамазони санаи ситта ашара ва миъатай (дусаду понздаҳ). Азиз ибни Нӯҳро бо гурӯҳе бисёр бикуштанд ва ба дари Каркӯй дафн карданд ва мардумон байъат карданд Ҳусайн ибни ал-Ҳузайн ибни Мисъабро амми Абдуллоҳ ибни Тоҳирро.

### Байъат кардани Ҳусайн ибни ал-Ҳусайн амми Абдуллоҳро

Ва ӯ бо Азиз ибни Нӯҳ омада буд ва Муҳаммад ибни ал-Аҳвас шуғл андар пеши ӯ ҳамеронд. Боз Абдуллоҳ ибни Тоҳир Аббос ибни Ҳошим ибни Абиҳур ва Илёс ибни Асадро ба ҳарби хавориҷ фиристод ва моле азим бо эшон аз дираму динор, ки аз Систон ҳеч дахл намешуд. Ва Боавф бо ёрон гурӯҳе сӯи Гургон рафта буд, Илёс ибни Асад бо сипоҳ ба талаби ӯ шуд, ӯ ба роҳи биёбон берун омад ба Ҷолиқ фуруд омад ва хабар сӯи Ҳусайн ибни ал-Ҳузайн ибни Мисъаб расид ва ӯ андар сарои Муъаддил Ҳусайни Қавсӣ фуруд омада буд. Хост, ки бар Боавф тохтан кунад, мардуми шаҳру сипоҳи ӯ ба тохтан рафтанд, то таъбия карда рӯзи одина, ҳафтдаҳ рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи ситта ашара ва миъатай (дусаду шонздаҳ).

Пас роҳ миёни регҳо гум карданд ва рӯзе сармо сахт буд ва Боавф бо сипоҳ берун омад ва ҳарбе сахт бикарданд. Охир ҳама лашкар ба дасти хавориҷ кушта шуданд, илло андаке, ки надиданд ва Муҳаммад ибни ал-Аҳвас ва Аҳмад ибни Амр ибни Муслим ал-Боҳилӣ ва Ваҳб ибни Ҳилол он рӯз кушта шуданд ва ба дари Каркӯй дафн карданд эшонро. Ва Боавф аз он ҷо ба Авқ шуд ва хавориҷ бо ӯ ҷамъ шуданд. Чун Муҳаммад ибни ал-Аҳвас кушта шуд, Ҳузайн ибни ал-Ҳусайн Илёсро биистонид ба амали Систон ва Муҳаммад Зоҳирро бо сипоҳ ба талаби хавориҷ фиристод ва гурӯҳе андакро аз хавориҷ биёфтанд ва бикуштанд ва сарҳошон биёварданду ба Нишобур фиристоданд. Ва аҳди Систон оварданд Ҳузайн ибни ал-Ҳусайнро аз Абдуллоҳ ибни Тоҳир рӯзи одина, санаи сабъа ашара ва миатай (дусаду ҳабдаҳ). Амиралмуъминин Маъмун фармон ёфт ба Рум ба ҷӯи Надандун ба наздикони Тарсус ва он ҷо ба гӯр карданд

ӯро андар рӯзи панҷшанбе, санаи самонина ашара ва миатай (яксаду ҳаждаҳ) ва хилофати ӯ бист солу шаш моҳ ва бисту шаш рӯз буд. Умри ӯ чиҳилу ҳашт солу се моҳ ва як рӯз буд ва андар ҳамин рӯз Муътасимро байъат карданд.

## Нишастани Абӯисҳоқ ал-Муътасим Биллоҳ ба халифатӣ

Ва куннияти ӯ Абӯисҳоқ ал-Муътасим Биллоҳ ибни Ҳорунаррашид ва номи ӯ Муҳаммад. Чун хабар ба Бағдод расид, низ ӯро байъат карданд ба Бағдод. Ва Муътасим бо Маъмун ба Надандун буд. Ва Муътасим майл кард ба аҳли бидъат ва муътазила. Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ба Хуросону Систон бидошт ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир ал-Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ас-Сайёриро Систон дод ва ӯ ба Систон буд.

## Омадани Ҳусайни Абдуллоҳ ас-Сайёрӣ ба Систон

Чун аҳд бад-ӯ расид, шаҳрро забт кард ва бародарзодаи хешро Абдуллоҳ ибни Муҳаммадро Буст дод ва ӯ ба Абдус маъруф буд, ба Буст [шуд] ва бо мардумон некуӣ кард. Ба Систон марде берун омад ҳам аз хавориҷ ва гуфт: Ман ба дур кардани хавориҷ ҳаме бархезам. Ва номи вай Абӣ ибни ал-Ҳузайн. Мардуми бисёр аз ҳарду гурӯҳ бар ӯ ҷамъ шуд ва Ҳусайни Сайёрӣ машоиху бузургони шаҳрро зӣ ӯ[1] фиристод. Чун Ҳасан ибни Умарро ва Шорик ибни ан-Назрро ва Усмон ибни Аффонро ва Ёсир ибни Амморро бар он ки ин мардумро аз хештан дур кун, ки туро фармоне нест. Ва ӯ накард ба қавли эшон. Пас Ҳасан ас-Сайёрӣ ба нафси хеш ба ҳарби ӯ шуд ва эшонро барпароканд. Ва Сайёриро занн[2] уфтод, ки магар ӯ ба авни[3] мардумони шаҳр мекунад. Нома кард ва Абдуллоҳ ибни Тоҳирро огоҳ кард. Ҷавоб омад, ки: Иброҳим ибни ал-Ҳузайнро ва Муъаддил ал-Ҳузайнро писарони Қавсиро ва Усмон ибни Рӯҳ ибни

---

[1] Ба сӯи ӯ.

[2] Гумон, шубҳа.

[3] Бо ёрии, бо дастгирии

Бассомро ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Таркаро ва Аҳмад ибни ал-Ҳузайнро ба наздики ман фирист. Пас Сайёрӣ эшонро ба Хуросон фиристод ва Шорик ибни Сулаймони Ҳумайрӣ бигрехт ва ба Макка шуд, он ҷо муҷовир[1] шуд.

Ва боз омад рӯзе се дигар, ки ба Систон омад, ӯро бикуштанд ва дигарон, ки ба Хуросон шуданд, ба қалъаи Ҳарӣ фиристоданд ва маҳбус карданд. Боз Сайёрӣ Муҳаммад ибни Сайфи Торобиро амири шурта кард ва Исҳоқи Иброҳими Ҳузайнро азл кард. Пас Муҳаммад ибни Сайфи Торобӣ талаби ёрони Абӣ ибни ал-Ҳузайн кард ба кӯҳҳо ва даштҳо ва регҳои Систон, он чи биёфт аз эшон бикушт. Ва андар санаи ишрина ва миатай (дусаду бист) Муътасим Аҳмад ибни Ҳанбалро фурӯ гирифт ва ба тозиёна бизад ва нома набишт ба ҳар ҷой ва ба халқи Қуръон хонд, мардумонро ба куфр, наъузу биллоҳи минал куфри.[2]

## Хушк шудани Ҳирманд ва қаҳту маргӣ

Андар санаи ишрина ва миатай (дусаду бист) оби Ҳирманд хушк шуд ва аз Буст қаҳтии саъб падид омад андар вилояти Систону Буст ва маргӣ бисёр буд, чунон ки туҷҷору бузургон ва худовандони неъмат бисёр бимурданд. Ва як сол бимонд ҳамчунон, то аввали санаи иҳдо ва ишрина ва миатай (дусаду бисту як) мардумон андар ин сол бисёр мол зуафоро бидоданд ва Сайёрӣ огоҳ кард аз ин ҳол Абдуллоҳи Тоҳирро ва нома набишт, то аз байтулмол сесад ҳазор дирам ба дарвешон доданд ва Сайёрӣ бидод тамом он моли Усмони Аффонро ва Ҳусайни Амрро, ки фуқаҳои фариқайн буданд, то тафриқа карданд бар зуафо ва аҳли буютот, ки ҳоли эшон табоҳ гашта буд. Пас ба Буст бар Абдус марде берун омад, Абдуллоҳ ал-Ҷабалӣ гуфтандӣ ӯро ва мардуми бисёр аз хавориҷ бар ӯ ҷамъ шуд ва ҳарб карданду Абдус бо ҳазимат ба Систон омад. Сайёрӣ Муҳаммад ибни Сайфро ба Буст фиристоду бирафт бо Абдуллоҳ ал-Ҷабалӣ ҳарб кард, охир сулҳ карданд ва Абдуллоҳро

[1] Ҳамсоя.
[2] Паноҳ мебарем ба Худо аз куфр.

хилъат дод. Чун Муҳаммад ибни Сайфро ба Буст фиристод, шуртаи Систон Алӣ ибни Саҳл ибни Усмон ат-Торобиро дод. Боз Сайёрӣ Абдусро дигар роҳ ба Буст фиристод. Чун ба Буст андар шуд, марде бар ӯ берун омад, номи ӯ Муҳаммад ибни Язид ва ҳама мардуми гурехта боз бар ӯ ҷамъ шуданд ва ба саводи Буст андар ҳамегашт ва Абдус берун шуд бо сипоҳ ва гурӯҳе ёрони вайро бикушту Муҳаммад ибни Язид ба ҳазимат бишуд ва ниҳон шуд. Ва биҷуст ӯро, боз наёфт ва Сайёрӣ ба Систон фармон ёфт рӯзи чаҳоршанбе, чаҳор рӯз монда аз сафари санаи исно ва ишрина ва миатай (дусаду бисту як). Халифат кард аз ҷиҳати хеш бар Систон писари амми хешро – Наср ибни Мансур ибни Абдуллоҳ ас-Сайёририро пеш аз вафоти хеш. Боз Илёси Асад фаро расид аз ҷиҳати Абдуллоҳ ибни Тоҳир бар ҳарб кардани хавориҷ ва ба сарои Абдуллоҳ ибни ал-Қосим фуруд омад ва аз Насри Сайёрӣ мол талаб кард ва ҳеч мол андар байтулмол намонда буд, аз мардумони шаҳр моле бистад ва Илёс берун шуд ба ноҳияти Баскар ва Авқ ба талаби хавориҷ ва хавориҷ рафта буданд сӯи Кирмон. Боз аҳди Убайдуллоҳ ибни Тоҳир расид, Насри Сайёририро бар Систон.

## Омадани Насри Сайёрӣ ба Систон

Ва Наср писари хешро Сайёр ибни Насрро ба Буст фиристод ва марде бар вай берун омад ба Буст, номи вай Муҳаммад ибни Восил мардуми пароканда бар ӯ ҷамъ шуд ва Сайёр зиштӣ кард бар мардумони Буст ва боз ба ҳарби Муҳаммад ибни Восил берун шуд ва ҳарб карданд ва ҳазимат бар Сайёр уфтод ва Сайёрро асир гирифт. Муҳаммад ибни Восил чун хабар ба Насри Сайёрӣ расид, ки писарро гирифтанд ва ҳол бар ин ҷумла буд, Муҳаммад ибни Сайф ат-Торобиро он ҷо фиристод ва боз Яъқуби Росибиро ба расулӣ сӯи Муҳаммад ибни Восил фиристод. Чун бо Яъқуб наздики ӯ шуд, Сайёриро халос кард, ва худ ба нафси хеш бо Яъқуб ба Систон омад, сӯи Наср ибни Мансур ас-Сайёрӣ. Чун биёмад ва пеши ӯ шуд, ӯро каромат кард бинвохту хилъат дод ва бозгардонид ва андар ин миёна нома расид сӯи Илёси Асад, ки фавҷ Сайёр ба Буст

фиристод, то он Марв нигоҳ доранд аз хаворич. Илёс – писари бародари хеш Аҳмад ибни Умайра ибни Асадро бо гурӯҳе саворони нек он ҷо фиристод ва худ ба кӯи Синак фуруд омад. Чун Аҳмад ибни Умайра ба Буст шуд, бо мардумон некуӣ кард ва мардумон бо ӯ ором гирифтанд ва андар миёна Абдуллоҳ ибни Тоҳир Иброҳим ибни Ҳузайн-ро халос кард аз қалъаи Ҳарӣ ва хилъат доду вилояти Ҳарӣ ба ӯ дод. [Боз] Абдуллоҳ ибни Тоҳир нома кард ва Илёс ибни Асадро аз Систон бозхонд. Пас рӯзи одина, даҳ рӯз боқӣ аз рабеъулохири санаи хамсун ва ишрина ва миатай (дусаду бисту панҷ) бозгашт аз ин ҷо ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир нома кард сӯи Иброҳими Ҳузайни Қавсӣ, ки: Ба Систон рав бар амали Систон ва ӯро, ки хоҳӣ, бар Ҳарӣ халифат кун.

## Омадани Иброҳим ал-Ҳузайн ба Систон

Иброҳим ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ ба Систон андар омад ба амал рӯзи шанбе, ду шаб монда аз рабеъуссонии санаи хамсун ва ишрина ва миатай (дусаду бисту панҷ) ва бародарро ба амал ҳамроҳ бигзошт.

Чун ба Систон омад, писари хешро Исҳоқ ибни Иброҳимро ба Буст фиристод ба вилоят, якчанд бибуд, мардумон аз ӯ шикоят карданд Исҳоқро бозхонду дигар писарро он ҷо фиристод. Пас Исҳоқ бозомад рӯзгоре бибуд, боз мардумон Исҳоқро [хостанд, андар ин карат бо мардумон бисёр некуӣ кард аз ҳад берун ва он ҷо бибуду мардумон бо ӯ шод, то он ҷо фармон ёфт рӯзи душанбе, ҳафт рӯз гузашта аз муҳаррами санаи ситтун ва ишрина ва миатай (дусаду бисту шаш) ва чиҳилу ҳафт солу сездаҳ рӯз ӯро умр буд. Ҳашт солу ҳашт моҳ халифат буд, баъд аз он ал-Восиқ Биллоҳ ба халифатӣ нишаст.

## Нишастани ал-Восиқ Биллоҳ ба халифатӣ дар санаи сабъун ва ишрина ва миатай (дусаду бисту ҳафт)

Ва кунияти ӯ Абӯҷаъфар буд ва номи вай Ҳорун ибни Муҳаммад ибни Ҳорун. Ва ӯ писари Муътасим буд ва бисту шаш солу ду моҳу ҳашт рӯз умри ӯ буд. Он рӯз, ки ба хилофат расид, ҳам ба одати падар рафт андар ҳадиси дин ва майл ба муътазила кард ва Қуръонро махлуқ гуфт, наъузу биллоҳи минал куфри! Аммо ҳеч касе ӯро иҷобат накард. Ва Абдуллоҳ ибни Тоҳирро бар Хуросон бидошт. Иброҳим ибни ал-Ҳузайн ибни Муҳаммад ибни Башир ибни Саид ал-Қавсӣ марде буд аз араб ва некуҳайат, аммо марде буд бо саломат ва бо хавориҷ ҳеч ҳарбе накардӣ ва бо ҳар касе сохта буд, то хавориҷ ба рӯзгор ӯ қавӣ гаштанд ва мардумонро андар ин сол, санаи сабъун ва ишрина ва миатай (дусаду бисту ҳафт) сармои саъб пеш омад ба Систон чунон ки дарахтону разон[1] ва меваҳо хушк шуд ва маргиву[2] вабои саъб буд. Пас ҳам Иброҳим ибни ал-Ҳузайн волии Систон бибуд, то Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба Нишобур фармон ёфт рӯзи шанбе, даҳ рӯз гузашта аз рабеъулохири санаи салосина ва миатай (дусаду сӣ). Ва Иброҳим ал-Қавсӣ аз Басра буд, ба Систон омад, аввал бор хештанро пайваста кард ба Оли Тоҳир ибни ал-Ҳусайн ва ӯро вилояти Ҳарӣ доданд. Боз ба Систон бозфиристоданд ва ин ҷо зиёъ харид ва сарой сохт ба Ҳурбандон ва Дари Муаддил[ро] ном ба сабаби Муаддили Қавсӣ карданд [бародари ӯ] ва ӯ ба Доруламора нишаст, то он гоҳе, ки писари хешро ба халифатии хеш ба Доруламора, ки кунун Авк гӯянд, биншонд. Ва марде сохта буд бетаассуб ва бар хавориҷу аҳли суннат ва Тамимиву Бакрӣ сохта буд ва тариқи саломат гирифта. Пас Абдуллоҳ ибни Тоҳир фармон ёфт, писари хешро Тоҳир ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро халифат кард бар Хуросону Систон. Чун хабар ба наздики ал-Восиқ Биллоҳ расид, ба вафоти ӯ аҳди Хуросону Систон сӯи Тоҳир ибни Абдуллоҳ фиристод. Пас амалҳо ҳамедод ва Иброҳим ибни ал-Ҳузайнро бар Систон бидошт. Иброҳим ибни

[1] Ангурзорон.
[2] Муромурӣ, маргу мири зиёд.

Адлро писари хешро ба Доруламора биншонд ва худ ба Ҳурбандон омад. Чун ба Буст Исҳоқ писари вай фармон ёфт, Аҳмадро он ҷо фиристод ва аз Буст аз ноҳияти Бӯлон бар Аҳмад марде берун омад, ӯро Ашшон ибни ан-Наср ибни Молик гуфтанд ва мардуми бисёр бар ӯ ҷамъ шуд. Ва Аҳмад ибни Иброҳим ал-Қавсӣ Сулаймон ибни Башир ал-Ҳанафиро бо гурӯҳе бузург аз саворони шуҷоъ ба ҳарби ӯ фиристод. Ва Сулаймон аз аҷиллои[1] Араб буд ва ҳарбе сахт карданд ва бисёр мардум кушта шуду Ашшон ба ҳазимат шуд. Боз ӯро бигрифтанду сари ӯ ба Систон фиристоданд, Иброҳим фармуд, то сари ӯро ба дор карданд. Мардумон бишӯриданд, ки ӯ марде бузург буду асил ва аз Систон буд. [Пас] он сар баргирифтанду ба гӯр андар карданд. Боз марде дигар аз Буст бархост, Аҳмади Қавлӣ гуфтанд ва айёрону мардони мард бар ӯ ҷамъ шуданд, чи аз Бусту чи аз Систон ва ҳарб карданд бар Аҳмад ибни Иброҳим ал-Қавсӣ ва Аҳмади Қавлӣ ҳазимат шуд. Боз Иброҳим писари хешро аз Буст бозхонд ва Яҳё ибни Амрро он ҷо фиристод ва Яҳё аз аҷиллои араб буд, он ҷо шуд. Мардумонро бинвохту бад-ӯ ором гирифтанд ва боз ӯро Иброҳим сарф кард ва писари хешро Аҳмадро боз он ҷо фиристод.

Ва Сулаймон ибни Башир ал-Ҳанафӣ ба Буст буд ва Аҳмад ӯро халифати хеш кард ва худ он ҷо шуд. Ва Ҳоқон ал-Бухориро ба саводи Буст берун фиристоду молҳо истихроҷ кард. Боз Башшор ибни Сулаймон раис ва бузург буд ва андар миёни мардумони Буст берун омад ва ҳарбҳои бисёр карданд ва Аҳмад ибни Иброҳим ал-Қавсӣ ба ҳазимат ба Систон омад ва Башшор шаҳр фаро гирифт ва биншасту бар мардумон ҷавр кард. Боз Солеҳ ибни ан-Наср ибни Молик ба Буст бархост ва мардуми бисёр бо ӯ ҷамъ шуд аз Систону Буст ва Яъқуб ибни ал-Лайс ва айёрони Систонро қувват карданд ва бар Башшор ибни Сулаймон ҳарб карданд ва Башшорро бикуштанд ва Бусту саводи ӯ Солеҳ ибни Насрро софӣ шуд. Ва ал-Восиқ Биллоҳ рӯзи чаҳоршанбе, шаш рӯз монда аз зилҳиҷҷаи санаи исно ва салосина ва миатай (дусаду сиву ду) фармон ёфт ва хилофати ӯ панҷ солу нӯҳ моҳ ва сездаҳ рӯз буд. Бародари ӯро ҳам андар он

[1] Бузургони, наҷибзодагони.

рӯз байъат карданд. Ном ва куннияти ӯ: Абулфазл Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳорунаррашид ва лақаби ӯ ал-Мутаваккил Алаллоҳ, писари Муътасим буд.

### Нишастани ал-Мутоваккил Алаллоҳ ба хилофат

Пас Мутаваккил роҳи суннати пайғамбар (с) пеш гирифт ва муддаиёнро[1] дур кард ва мардумон ӯро дӯст карданд. Ва фармон дод, то дар хутбаҳо ёд карданд, ки ҳар ки халқи Қуръон[2] гӯяд, кофир аст. Аҳмад ибни Ҳанбалро бигзошту неку гуфт ва ӯро ном карданд аҳли суннат Мутарриюлислом. Пас се писари хешро аз мардумон байъат бистад: Муҳаммад ал-Мунтасирро ва Абиабдуллоҳ ал-Муътаззро ва Абиисҳоқ ал-Муайядро ва фармон дод, то ба ҳар шаҳре хутба бар номи эшон карданд, андар аввали моҳи муҳаррами санаи ситтун ва салосина ва миатай (дусаду сиву шаш).

Ва кори Солеҳ ибни Назр ба Буст бузург шуд, ба силоҳу сипоҳу хазина ва мардон. Ва ҳама қуввати сипоҳи ӯ аз Яъқуб ибни ал-Лайс ва айёрони Систон буд. Ва ин андар ибтидои кори Яъқуб буд ва мардумони Буст андар муҳаррами санаи самонин ва салосина ва миатай (дусаду сиву ҳашт) Солеҳ ибни Назрро байъат карданд ва хироҷ биситадан гирифт ва сипоҳро рӯзӣ ҳамедод. Боз сипоҳ берун кард ва бифиристод ба Кеш. Аввал сипоҳе, ки бифиристод ин буд, ки Муҳаммад ибни Убайд ибни Ваҳб ва писарони Ҳайёни Ҳарим он ҷо бархоста буданд. Сипоҳи Солеҳ он ҷо омад ва эшон ҳазимат карданд. Аз паси эшон бирафтанд ва бигрифтандашон ва сутуру силоҳи эшон ба наздики Солеҳ бурданд ва писарони Ҳайёни Ҳаримро бигзоштанд ва Муҳаммад ибни Убайдро маҳбус кард ва Муҳаммад андар ҳабс фармон ёфт ва писарони Ҳайёнро чун бозгаштанд ба роҳи Кеш, фиристод, то бикуштанд. Боз Аммор ал-Хориҷӣ ба ноҳияти Кеш берун омад бо гурӯҳе аз хавориҷ, Солеҳ ибни Назр Касир ибни Риқодро ва Яъқуб

---

[1] Даъвогарон.
[2] Офарида будани Қуръонро гӯяд, кофир аст.

ибни ал-Лайсро ва Дирҳам ибни Назрро аз ҷумлаи Саҷзиён бифиристод ба ҳарби Аммор. Аммор ба ҳазимат бирафт аз пеши эшон боз Иброҳим ибни ал-Ҳусайн писари хешро – Муҳаммадро ба ҳарби Солеҳ ибни Назр фиристод ба Буст аз Систон нимаи шаъбони санаи тисъун ва салосина ва миатай (дусаду сиву нӯҳ). Муҳаммад он ҷо шуд ва ба замини Дов ҳарб карданд ва Солеҳ ба ҳазимат шуд ва ёрони ӯ пароканда шуданд. Ва Иброҳим ибни Холид, ки соҳиби шуртаи Солеҳ буд, ба зинҳори[1] Муҳаммад Иброҳими Қавсӣ омад бо гурӯҳе бузург ва Солеҳ бар роҳи Кеш бо андак мардум бирафт ва дергоҳ он ҷо бибуд, то гурӯҳе аз ҳазиматиён бар ӯ ҷамъ шуданд. Боз қасди Буст кард ва бишуд то Моҳиёбод. Хабар ба Буст расид, Муҳаммад ибни Иброҳим бо гурӯҳе берун омад ва ҳарбе сахт бикарданд ва аз ду гурӯҳ мардуми бисёр кушта шуд. Охир Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Қавсӣ ба Буст андар шуд ва Қалъаи Ҳисор [гирифт] ва Солеҳ ӯро бигзошт ба Ҳисор андар ва худ бирафту касе надонист, ки куҷо шуд. Ва ба роҳи биёбон ба Систон омад, ки ногоҳ ба Баскар фуруд омад ва Иброҳим ал-Қавсӣ хабар ёфт ва андар вақт барнишаст бо сипоҳ ва ба Дари Окор фуруд омад, он ҷо ҳарбе саъб бикарданд ва бисёр мардум аз ду гурӯҳ кушта шуд рӯзи чаҳоршанбе, даҳ рӯз монда аз зилҳиҷҷаи санаи тисъун ва салосина ва миатай (дусаду сиву нӯҳ). Иброҳими Қавсӣ бозгашт ва ба Доруламора фуруд омад ва Солеҳ ба шаб шаҳр андар омад ва Яъқуб ибни ал-Лайс ва ду бародари ӯ Амр ва Алӣ бо ӯ ва Дирҳам ибни Назру Ҳомид ибни Амр, ки Сарбовак гуфтандӣ, айёрони Систон бо эшон ва ба сарои Абдуллоҳ ибни ал-Қосим фуруд омаданд. Бомдод Солеҳ берун омад ва шиати ӯ,[2] ки андар Систон буд, бо ӯ ҷамъ шуданд ва бисёр мардум он ҷо ҷамъ шуд ва Иброҳими Қавсӣ машоиху фуқаҳоро ҷамъ кард ва сипоҳи хешро силоҳ пӯшид пиёдаву савор ва Иброҳим Ибни Бушр ибни Фарқадро ва Шорик ибни Назрро ва Усмон ибни Аффонро наздики Солеҳ фиристод, ки: Бирасед то ин ҷо ба чӣ шуғл омад?

---

[1] Ба авфхоҳии, ба ҳимояти.
[2] Пайравони ӯ, ҳаводорони ӯ.

Пас бирафтанду салом карданд ва бипурсиданд: Солеҳ гуфт: Ман ин ҷо ба ҳарби хавориҷ омадам, имрӯз то фардо биравам ва миёни ману Иброҳими Қавсӣ ҳарб нест. Машоих бар ин сухан баргаштанд ва Солеҳ барнишаст бо сипоҳу теғи хеш ва ба роҳи се лашкар ба Поргин берун омад ва Поргин хушк буд, то ӯ ба Поргин андар омад, сипоҳи Иброҳими Қавсӣ бар кӯраи Дари Таъом силоҳ пӯшида истода буданд. Чун Солеҳро бо сипоҳ диданд, ба Шористон андар шуданд ва ба дар андар бистаданд ва меҳтари эшон Убайд ал-Кешӣ буд. Ва пас чун Солеҳ чунон дид, ба дари Шористон фаро шуд, соате [буд] Ҳомиди Сарбовак ва айёрон фуруд омаданд ва ба бора баршуданд[1] ва ба боми сарои Ҳик ибни Молик, ки акнун хон аст, бар шуданд ва аз дари сарои ӯ берун шуданд ва дари Шористон боз карданд ва чандин мардум он ҷо бикуштанд. Ва ёрони Солеҳ ба Шористон андар шуданд ва бисёр мардум андар як соат аз они Иброҳим ал-Қавсӣ бикуштанд ва Иброҳимро аз ин ҳеч хабар набуд. Чун хабар ёфт, соате барнишасту ба Дари Порс берун шуд ва сӯи Дари Анҷара ба ҳазимат бирафт ва Шористон холӣ кард. Солеҳ ба Доруламора андар шуд ва фуруд омад ва з-он чизе, ки Иброҳим ал-Қавсиро сохта буданд, чошт хӯрданд. Ва ин рӯзи панҷшанбе буд, нӯҳ рӯз боқӣ аз зилҳиҷҷаи санаи тисъун ва салосина ва миатай (дусаду сиву нӯҳ). Ва Иброҳим ал-Қавсӣ бирафт, наздикони сипоҳи Аммор ал-Хориҷӣ фуруд омад ва Аммор бо ӯ сохта буд, ки Солеҳ боз сипоҳ бифиристод ба Ҳирбандон, ки хазинаи Иброҳим баргиранд ва зиндонҳо бишкананд. Чун чунин кард, мардуму оми шаҳр ҷамъ шуданд ва хостанд, ки ӯро ва сипоҳи ӯро ҳама бикуштандӣ. Солеҳ тарсида бозгашт ва наёрист шуд ба сарои Иброҳим ал-Қавсӣ ва ба Доруламора фуруд омад ва хост, ки он шаб аз шаҳр бигрезад з-он чи аз мардуми оми ин шаҳр дид. Боз гурӯҳе мардум ӯро гуфтанд: Наздики Усмон ибни Аффон бояд шуд, то ӯро чӣ гӯяд. Бомдод барнишасту наздики Усмон шуд, Усмон ӯро гуфт: Ин набояст кард. Солеҳ гуфт: Ман ба талаби хуни бародари хеш омадам, ки бародари маро хавориҷ куштанд Ашшонро. Ва ман чандон донистам, ки ту маро андар ин

[1] Баромаданд.

ёрӣ кунӣ. Усмон хомӯш гашт. Солеҳ аз он ҷо берун омад ва фармон дод, то сарои Баҳлул ибни Маън, ки соҳиби шурта Иброҳими Қавсӣ буд ғорат кунанд ва Солеҳ он рӯз сипоҳи хеш арз кард, чаҳор ҳазор мард буд савору пиёда.

Иброҳим ибни ал-Ҳузайн бозомад ва Аммори Хориҷӣ ба ёрии ӯ бо ӯ. Хабар ба Солеҳ расид, Яъқуби Лайсро ба Дари Окор фиристод ва Сарботакро ба Дари Мабиё ва Уқайли Ашъасро ба Дари Каркӯй бо аламҳои сиёҳ ва алами хавориҷ сапед буд. Чун мардуми хосу ом он аламҳои сапед бидиданд, ба сабаби хавориҷ ёрии Солеҳ карданд ва ҳарбе саъб карданд ва бисёр мард аз ҳарду гурӯҳ кушта шуданд. Охир Аммори Ҳаммод ва Иброҳим ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ ба ҳазимат бозгашт ва кори Солеҳ қавӣ гашт. Ва Иброҳим нома кард сӯи Тоҳир ибни Абдуллоҳ ба Хуросон ва з-ӯ сипоҳ хост ва Тоҳир бифиристод. Чун ҳол бар ин ҷумла буд, Солеҳ сарои Иброҳим ал-Қавсӣ ва сарои Ҳамдони Яҳё, ки ӯро Кулук гуфтандӣ, ғорат карду моли эшон баргирифт. Ва хавориҷ гирди шаҳр фурӯ гирифтанд, ки касе на берун тавонист шуд ва на дарун тавонист омад. Яъқуби Лайс ба тохтани хавориҷ шуд. Халқе кушта шуданд ва рӯзу шаб Яъқуб ҳарб боястӣ кард. Ва Иброҳим ал-Қавсӣ сӯи писар ба Буст ҷамоза фиристод, ки маро сипоҳ фирист. Муҳаммади Иброҳим он ҷо сипоҳе ҷамъ кард аз замини Довар ва ба силоҳ обод кардашон ва бифиристод.

Чун ба наздики Систон омаданд, меҳтари эшонро Хавошӣ гуфтанд, бо марде сесад наздики Солеҳ омад. Чун меҳтарашон баргашт, дигар[он] сӯи Буст бозгаштанд. Боз Усмон ибни Аффон нома набишт сӯи Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Қавсӣ ба Буст, ки: Бархезу ин ҷо ой. Ногоҳ Муҳаммад аз Буст ба тохтан бо сипоҳе сохта биёмад, ба шаб андар роҳ гум кард. Бомдод ба наздики шаҳр омаданд, хабар ба шаҳр расид. Яъқуби Лайс ва Ҳомиди Сарбовак ба дарвозаи Мукрон берун шуданд, ба ҳарби Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Қавсӣ. Солеҳ бо хосагони хеш ба камин андар шуд ба Минуҳанаф ва ҳарбе саъб бикарданд ва бисёр мардум кушта шуд аз ҳарду гурӯҳ. Охир Муҳаммади Иброҳим ба ҳазимат шуд ва бирафт ба Ҳайсун шуд, наздики падар. Дигар рӯз Солеҳ фармон дод, ки сарои Муҳаммад ибни Иброҳими Қавсиро ва они хавоси ӯ ғорат кунанд. Пас

Яъқуби Лайсу Сарбовак ва айёрони Систон гуфтанд: Ҳарб мо ҳамекунем. Шаҳр он ҷост ва мо инро тақвият мекунем.

Солеҳро асл аз Систон буд, аммо ба Буст бузург шуда буд. Эшон гуфтанд, ки: Ӯ кӣ бошад, ки то акнун ду бор ҳазор  ҳазор дирам аз ғорати бузургони Систон бад-ӯ расид ва акнун боз нав ғорат ҳоҳад кард Бустро ва ӯро худ чӣ хатар бошад? Бе ҳамияте бошад, агар вай ин молҳо аз ин ҷо бибарад. Ва хилоф оварданд. Ва ҳарчи мардуми саҷзӣ[1] буд, бар нишастанду ба Дари Анҷара лашкаргоҳ карданд ва фуруд омаданд ва ҳарчи аз Буст буд, бо Солеҳ бибуданд. Чун Солеҳ чунон дид, донист, ки ӯро ҳеч наёяд ба шаб андар буна барбаст ва нома кард ба Буст сӯи Молик ибни Мардуя, ки халифати ӯ буд, он ҷо, ки: Ман бихоҳам омад, ҳол чунин пеш омадааст. Ӯ ба тохтан бо саворе понсад биёмад, чун ба наздики шаҳр бирасид, Солеҳ берун шуд, Яъқуби Лайс ва Сарботак ба тохтан аз паси ӯ бишуданд ва ҳарбе саъб карданд ва Моликро бикуштанд ва хазинаву бору бунаи [ӯ] ҳама бигрифтанд ва ҳама вуҷуҳи сипоҳи ӯро бикуштанд ва омро силоҳу коло биситаданд ва Солеҳ бо андак мардум ба ҳазимат ба Буст шуд. Пас Яъқуб ҳамчунон ба тохтан аз паси Солеҳ ибни ан-Назр бишуд, ба Навқон ӯро дар ёфтанд ва он ҷо мардум бар Солеҳ ҷамъ шуданд ва ҳарбе саъб карданд ва андар он маърака Тоҳир ибни ал-Лайс кушта шуд – бародари Яъқуб, рӯзи одина, се рӯз монда аз ҷумодиюлохири санаи арбаа ва арбаина ва миатай (дусаду чилу чор) ва гӯри ӯ акнун ба Карматӣ аст.

Солеҳ ба ҳазимат рафту ниҳон шуд, чунон ки ӯро ба ҳеч ҷой бознаёфтанд. Ва сипоҳи Систон бозомаданд. Ва Дирҳам ибни ан-Насрро байъат карданд. Сипоҳи Систон андар ин вақт, андар охири ҷумодиюлохири санаи арбаъа ва арбаъина ва миатай (дусаду чилу чор) ва Яъқуби Лайс ва Ҳомиди Сарботак сипоҳсолори вай куштанд ва ҳарбҳо ҳамекарданд бар хавориҷ ва мухолифони ӯ. Ва [дирҳам ибни ан-Назр] Ҳафс ибни Исмоил ибни Фазлро амири шурта кард ва Муҳаммад ибни Иброҳим ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ ба Ҳайсун фармон ёфт ва ӯро бар ҷаноза ба гардани мардон ба қасаба оварданд, ду рӯз монда аз ҷумоди-

---

[1] Систонӣ.

юлаввали санаи арбаа ва арбаъина ва миатай (дусаду чилу чор) андар вилояти Дирҳам ибни ан-Назр. Боз Дирҳам чун мардӣ ва шуҷоати Яъқуб ибни Лайс ва шукӯҳи ӯ андар дили мардумон бидид, тарсон шуду андар сарой қарор гирифт, ки: Ман беморам. Яъқуб барнишаст, ки: Барбояд нишаст ва берун ой подшоҳ нимрӯз натавонист кард.

Дирҳам сипоҳи хешро фармон дод, ки Яъқубро бикушанд. Яъқуб чун нигоҳ кард ва он бидид ҳам он ҷо ҳамла оварданд ва бисёр мардум бикушт ва дигар гурезон гаштанд ва Дирҳам ибни ан-Назрро асир карду аз хона ба берун овард ва маҳбус кард. Ва байъат карданд мардумони Систон Яъқуб ибни ал-Лайсро рӯзи шанбе, панҷ рӯз монда аз муҳаррами санаи сабъун ва арбаъина ва миатай (дусаду чилу ҳафт).

**Ахбори Маликуддунё, Соҳибулқуръон Абиюсуф Яъқуб ибни ал-Лайс ва нисбати ӯ ва ёд кардани бузургӣ, ки ӯро буд**

Аммо нисбати ӯ: Яъқуб ибни ал-Лайс ибни ал-Муаддил ибни Ҳотам ибни Моҳон ибни Кайхусрав ибни Ардашер ибни Қубод ибни Хусрави Апарвиз ибни Ҳурмузд ибни Хусравон ибни Анушервон ибни Қубод ибни Фирӯз ибни Яздиҷурд ибни Баҳроми Ҷур ибни Бардҳур ибни Шопур ибни Шопури Зилактоф ибни Ҳурмуз ибни Нарсӣ ибни Баҳром ибни Ҳурмуз ал-Батал ибни Шопур ибни Ардашер ибни Бобак ибни Сосон ибни Бобак ибни Сосон ибни Баҳман ал-Малик, ибни Исфандиёр аш-Шадид ибни Ястосиф ал-Малик ибни Луҳросп амми Кайхусрав ибни Сиёвуш ибни Луҳросп ибни Охуҷанг ибни Кайқубод ибни Қайфашин ибни Кайабика ибни Кайманӯш ибни Нӯзар ибни Мануш ибни Манушраву ибни Манушчеҳр ибни Намрӯсанҷ ибни Эраҷ ибни Афридун ибни Абтиён ибни Ҷамшед алмалик ибни Баҳвчаҳон ибни Абҳаҳр ибни Ушҳанҷ ибни Фаровак ибни Сиёмак ибни Мусо ибни Каюмарс.

Ин аввал байъат буд, ки Яқубро карданд ба аморат ва Ҳомид ибни Умари Сарботак бо ҳамаи сипоҳ дар байъати ӯ омаданд. Ва Яъқуб амири шурта Ҳафс ибни Исмоилро дод, якчанде бибуд ва ҳарби хавориҷ ҳамекард, ҳар рӯз Яъқуб

[то] Дирҳам ибни Назр аз ҳабси Яъқуб бигрехт ва наздики Сарботак шуд ба Калошер ва сарои Сарботак он ҷо буд. Пас Дирҳам ва Сарботак сар якӣ карданд ва хостанд, ки бар Яъқуб шаҳр бигиранд. Яъқуб барнишасту он ҷо шуд ва Муҳаммад ибни Ромиш бо ӯ. Нахустин касе, ки пеши ӯ омад Сарботак буд, шамшер кашида пеш омад. Муҳаммад ибни Ромиш бо ӯ берун шуд ва Сарботакро бикушту сипоҳи ӯ ҳазимат шуд. Яъқуб ҳамаро бигрифт ва асир кард ва силоҳу сутуру моли Сарботак баргирифт ва музаффар ба Дорул-амора бозгашт ва кори Систон бар ӯ рост шуд. Пас ҳама мардумонро бихонду бинвохт ва асиронро берун гузошт ва хилъат дод ва савганду аҳдҳо баргирифт [ва] боз ҳама дил [бо ӯ] якӣ бикарданд ва сипоҳро рӯзӣ доду сӯи Аммори Хориҷӣ кас фиристод ва бигуфт, ки: Шумо ин шуғл, ки ҳаме ба сар бурдед, бад-он буд, ки Ҳамза ибни Абдуллоҳ марде буд, ки ҳаргиз қасди ин шаҳр накард ва ҳеч мардуми сагзиро наёзурд. Бар асҳоби султон берун омада буд, ки шумо ҳаме бедод кунед ва раияти Систон аз ӯ ба саломат буданд. Вилоят ғурабо доштанд ва мардумони Систон андар зимн саломат мебуданд ба сабаби хилофи ӯ. Ва пас аз он ба рӯзгори Бӯисҳоқ ва Боавф ва ғазошон ба Дорулкуфр буд. Акнун ҳол бар дигаргун шуд. Агар бояд, ки саломат ёбӣ, амиралмуъминӣ аз сар дур кун, бархез, бо сипоҳи хеш даст бо мо якӣ кун, ки мо ба эътиқоди неку бархостем, Систон низ фаро кас надиҳем. Ва агар Худой-таъоло нусрат кунад, ба вилояти Систон андар физоем, он чи тавонем. Ва агар ин-т хуш наёяд, ба Систон касеро маёзор ва бар ҳамон суннат, ки аслофи[1] хавориҷ рафтаанд, ҳамерав.

Аммор пайғом боздод, ки: То нигоҳ кунем, аммо туро беш наёзорем ва касони туро. Пас Яъқуби Лайс харроҷ берун карду вилоятҳо бидод ва девон бинҳод. Ва ал-Мутав-аккил Алаллоҳро писари ӯ Муҳаммад ибни Ҷаъфар ал-Мунтасир Биллоҳ бикушт ва хилофати Мутаваккил понздаҳ сол кам ду моҳ буд ва Мунтасирро ҳам андар он рӯз байъат карданд ва он рӯзи панҷшанбе буд, ҳафтум аз шавволи санаи сабъун ва арбаина ва миатай (дусаду чилу ҳафт).

---

[1] Фарзандони арзанда, сазовор.

## Нишастани ал-Мунтасир Биллоҳ ба хилофат

Бародари ӯ Муътазз ва Муайяд ҳарду байъат карданд ӯро ва хилофат Мунтасирро шуд. Ва андар хилофати ӯ коре нарафт, ки ёд кардани он воҷиб кунад. Ва ал-Мунтасир Биллоҳ ибни ал-Мутаваккил Алаллоҳ фармон ёфт андар моҳи рабеъулохири санаи самонин ва арбаина ва миатай (дусаду чилу ҳашт), шаш моҳ хилофат кард ва писари хешро пеш аз марги хеш валиаҳд кард – Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфарро [ва ӯро] ал-Мустаъин Биллоҳ ном буд ва ҳам бад-ин таърих нишаста, ки фармон ёфт падар.

## Нишастани ал-Мустаъин Биллоҳ ба хилофат

Ва Мустаъин Тоҳир ибни Абдуллоҳро бар Хуросон бидошт. Пас чун кори Яъқуб ба Систон қарор гирифт, Амрро бар Систон халифат кард ва Азиз ибни Абдуллоҳи Марзбонро амири шурта кард ва худ бирафт. Ва Солеҳ ибни ан-Назр ба Буст қавӣ гашта буд, ба ҳарби ӯ шуд, андар ҷумодиюлохири санаи самонин ва арбаина ва миатай (дусаду чилу ҳашт). Ва ҳарбҳои бисёр миёни эшон бирафт. Пас Солеҳ ибни Назр ба шаб бигрехт ва Буст ба Яъқуб бигзошт ва худ бо сипоҳ ба роҳи биёбон ба Систон омад ва ҳеч касеро хабар набуд, то дар шаб ба Дари Окор андар омад, андар раҷаби санаи самонин ва арбаина ва миатай (дусаду чилу ҳашт). Мардумон чунон донистанд, ки Яъқуб аст, ки аз Буст боз омад, Амр то бидонист, ки ҳол чист, мардум пароканда буданд ва шаб буд. Беш аз он нарасид, ки хона ҳисор гирифт андар кӯи Гӯша, Солеҳ перомуни хона бигрифт ва Амрро аз ҳисор берун овард ва Азиз ибни Абдуллоҳ ва Довудро – бародари ӯро бозгирифт ва Яъқуб бар асари вай омада буд. Пас лашкар фуруд омад ва Солеҳ Минуҳанаф ҳисор гирифт ва перомуни хеш канда кард, Яъқуб ба ҳарб омад рӯзи шанбе, панҷ рӯз рафта аз шаъбони санаи самонин ва арбаина ва миатай (дусаду чилу ҳашт) ва Солеҳ ба ҳазимат рафт ва Яъқуб ҳама молу силоҳу сутурони сипоҳи ӯ бигрифт ва Амру Азиз ва Довудро халос кард. Боз он асиронро ҳар касеро чизе бидод ва бигзошту Худойро

шукр кард бар ин зафар ва бозёфтани бародар зинда ва панҷоҳ ҳазор дирам ба дарвешон дод. Пас чун бузургии Яъқуб пайдо гаштан гирифт ва Эзад-таъоло фатҳҳо ҳамекард, Азҳарро бар хавориҷ дӯстӣ буда буд.

## Қиссаи Азҳар

Азҳар ибни Яҳё ибни Зуҳайр ибни Фарқад ибни Сулаймон ибни Моҳон ибни Кайхусрав ибни Ардашер ибни Қубод ибни Хусрави Абарвиз ал-Малик. Пас Азҳар номаҳо кард сӯи бузургони хавориҷ ва эшонро ба навохтану некуӣ гуфтан тарғиб кард, то ҳазор мард ба як роҳ биёмаданд ва Яъқуб меҳтарони эшонро хилъат дод ва некуӣ, гуфт, ки: Аз шумо [ҳар ки] сарҳанг аст, амир кунам ва ҳар ки яксавор аст, сарҳанг кунам ва ҳар чи пиёда аст, шуморо савор кунам ва ҳар чи пас аз он ҳунар бинам, ҷоҳу қадр афзоям. [Пас он мардум] бо ӯ ором гирифтанд. Якчанд ба Систон бибуд, пас Абуттайиби Тоҳир ибни Абдуллоҳ ба Нишобур фармон ёфт рӯзи душанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз раҷаби санаи самонин ва арбаина ва миатай (дусаду чилу ҳашт) ва ал-Мустаъин Биллоҳ Хуросон Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳро доду аҳднома фиристод. Ва хавориҷ бештар наздики Яъқуб омадан гирифтанд. Боз Яъқуб Азиз ибни Абдуллоҳро бар Систон халифат кард ва Яъқуб бо ду ҳазор савор сохта ба Буст тохтан кард, Солеҳ бидонисту бигрехт ва наздики Занбил шуд. Яъқуб тағалу бунаи ӯ баргирифту ба Систон бозомад ва рӯзи шанбе, шаш рӯз гузашта аз рамазони санаи тисъун ва арбаина ва миатай (дусаду чилу нӯҳ). [Боз] Асадвиҳ ал-Хориҷӣ ба Дари Таъом тохтан овард. Яъқуб хабар ёфт, берун шуд ва ҳарб карду Асадиро бикушт ва сари [ӯ] ба Қасаба овард ва бар дор кард. Боз дигар роҳ ба тохтан [ба] Буст шуд ва Азиз ибни Абдуллоҳро халифат кард бар Систон рӯзи панҷшанбе, ҳафт рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи тисъун ва арбаина ва миатай (дусаду чилу нӯҳ). Ва ба Буст андар шуд бо ду ҳазор савор ба дари Миркон фуруд омад ва Солеҳ бо лашкаре анбӯҳ берун рафт ва хост, ки бигрезад, ба наздики Руххад Яъқуб фаро ӯ расид ва ҳарбе карданд, ки ҳаргиз [кас] чунон надида буд ва Занбил ба ёрии

Солеҳ фаро расид бо лашкари анбӯҳ ва пилони бисёр. Чун кор бар Яъқуб сахт шуд, панҷоҳ савор баргузид аз миёнаи лашкар ва худ бо эшон берун шуд ва ҳамла андар овард ва Занбилро бияфканду бикушт ва ҳама сипоҳ ҳазимат карданд. Яъқуб бо ёрон шамшер андар ниҳоданд, то бар як ҷо шаш ҳазор мард бикуштанд ва сӣ ҳазор мард асир гирифтанд ва чаҳор ҳазор аспи гаронбаҳо он рӯз ба даст омад Яъқубро дуни уштуру астар ва хару аспону полонӣ ва туркӣ ва дираму динору пилон ва Хайракро, ки ғулому ҳоҷиби Солеҳ ибни ан-Назр буд, асир гирифтанд ва ҳама ёрони Солеҳ ба зинҳори Яъқуб омаданд. Солеҳ бо панҷ савор ба ҳазимат шуд ва бародари Занбил ба зинҳори Яъқуб омад ва ҳама қаробатони ӯ бар тахти симини Занбилу хазинаи ӯ ва силоҳи афзуне ва мол, ки ба даст омада буд ва сарҳои куштагон ба киштӣ ба Систон фиристод. Дувисту анд киштӣ бор буд ва Шоҳин ибни Равсанро бо фавҷе савор бар асари Солеҳ ибни ан-Назр бифиристод, то ба пул ба ҳадди Вашшон ӯро андар ёфтанд ва банд карда ба пеши Яъқуб оварданд. Пас Яъқуб ӯро бо он асирон ҳама ба Систон овард ва Аҳрасӣ бародари Занбилу қаробатони[1] вай, ки ба зинҳор омада буданд, ҳамаро бо хештан биёвард ва пилон он ҷо бигзошт, гуфт: Маро пил набояд, ки эшон ҳумоюн набошанд, ки Эзад-таъоло Абраҳаро бо пил ёд кард. Пас Солеҳ ибни ал-Ҳуҷр, ки ибни амми Занбил буд, ба вилояти Рухҳад фиристод ва Солеҳ ибни ан-Назр андар банди Яъқуб фармон ёфт, паси ҳафдаҳ рӯз, ки ӯро ба Систон овард рӯзи шанбе, ҳафдаҳ рӯз гузашта аз муҳаррами санаи иҳдо ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу як).

## Рафтани Яъқуб ба ҳарби Аммори Хориҷӣ

Ва нома набишт пеш аз рафтан ба ҳарби Аммор сӯи Халаф ибни Лайс ибни Фарқад ибни Сулаймон ибни Моҳон, ки амири Буст карда буд, то чун ҳадиси Солеҳ ибни Ҳуҷр тамом гашт, ин ҷо бозомад, Халафро халифат кард бар шаҳри Систон ва Яъқуб бирафту Аммор ба Наймак буд

[1] Наздикон, хешовандон.

бо сипоҳе фуруд омада ва Яъқуб ба Бату расид, бомдод буд ва Шоҳин ба Бату роҳнамунӣ кард. Чун фаро расид, ба сипоҳи сохта, сипоҳи Аммор носохта буданд он чӣ ҳазимат тавонистанд рафт рафтанд, дигар кушта гаштанд ва Аммор андар маърака кушта шуданд рӯзи шанбе, ду шаб монда аз Ҷумодилохири санаи иҳдо ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу як). Сари Амморро ба шаҳр оварданду ба Дари Таъом ба бора ниҳоданд ва тани ӯ ба Дари Окор нагунсор биёвехтанд. Ва хавориҷ ҳама дилшикаста шуданд ва ба кӯҳҳои Сафзор рафтанд ва ба дараи Ҳиндқонон. Ва андар ин миёна ба Бағдод фитна афтода буд миёни Муътаззу Мустаин то Мустаин хештан халъ кард[1] ва Муътаззро байъат карданд ва номи ӯ Зубайр ибни Ҷаъфар буд, андар санаи иҳдо ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу ду).

Чун ғурраи муҳаррами санаи исно ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу ду) буд, ҳама хосу ом [дар] байъати Муътазз ҷамъ омаданд. Боз ба Систон ба навоҳии Фароҳ ва Кубайн[2] берун омад. Яъқуб ба ҳарби ӯ шуд ва ӯро асир гирифту бикушт ва сараш ба Қасаба фиристод рӯзи одина андар шаъбони санаи исно ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу ду).

Ва Яъқуб рӯзгоре ба Систон бибуд, хабар омад, ки Солеҳ ибни Ҳуҷр осӣ шуд ба Руххад, Яъқуб ба ҳарби Солеҳ рафт рӯзи душанбеи ду шаб монда аз зилҳиҷҷаи санаи исно ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу ду) ва халифат кард бар Систон Азиз ибни Абдуллоҳро.

## Рафтани Яъқуб ба ҳарби Солеҳ ибни Ҳуҷр

Солеҳ ба қалъаи Кӯҳаж буд, ҳеч хабар надошт, то Яъқуб перомуни қалъа фурӯ гирифт. Пас чанд рӯз ҳарби саъб карданд. Чун Солеҳ яқин шуд, ки қалъа бихоҳад ситад, хештанро бикушт. Ӯро аз қалъа фурӯ афканданд ва қалъа бидоданду зинҳор хостанд Солеҳро ба Буст оварданд ва ба гӯр карданд. Яъқуб ба қалъа устуворе нишонду боз ба

[1] Истеъфо дод, маъзул кард.

[2] Шояд Кувайн бошад, ки дар ҷои дигар чун Ҷувайн оварда шуда ва Истахрӣ ҳам онро дар шакли Ҷувайн зикр кардааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

Систон омад чаҳор рӯз монда аз ҷумодиюлаввали санаи салосун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу се). Пас аз он, ки он ноҳиятро ором дод, ба Волишон ва замини Довару замини Буст уммол биистонид. Пас рӯзгоре ба Систон бибуд, қасди Ҳарӣ кард рӯзи душанбе, ёздаҳ рӯз гузашта аз шаъбони санаи салосун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу се).

## Рафтани Яъқуб ба Ҳирот ва гирифтани Ҳарӣ.

Амири Ҳарӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир буд, халифати Муҳаммад ибни Тоҳир. Яъқуб бар Систон Довуд ибни Абдуллоҳро халифат кард ва худ бирафту ба Ҳарӣ шуд. Ҳусайн Ҳарӣ ҳисор гирифт ва Яъқуб он ҷо фуруд омад ва дергоҳ ҳарб карданд. Охир ҳисор бистаду Ҳусайнро асир гирифт. Боз Иброҳим ибни Илёс ибни Асад сипоҳсолори Хуросон буд, омад ба ҳарби Яъқуб ва ба Пушанг фуруд омад. Хабар ба Яъқуб расид, Алӣ ибни ал-Лайсро, бародари хешро ва маҳбусону буна ба Ҳарӣ бигзошт ва худ бирафт, ки ба Пушанг шавад. Ва мардумони Ҳариро[1] амон дод ва айман кард, то дил бар ӯ бинҳоданд ва ба тохтан ба Пушанг шуд ва бо Иброҳим ибни Илёс ҳарб карду бисёр аз сипоҳи ӯ бикушт ва дигар ба ҳазимат бозгаштанд. Ва Иброҳим ба ҳазимат сӯи Муҳаммад ибни Тоҳир шуду гуфт: Бо ин мард ба ҳарб ҳеч наёяд, ки сипоҳе ҳавлнок дорад ва аз куштан ҳеч бок намедоранд ва бетакаллуф ва бенигариш[2] ҳаме ҳарб кунанд ва дуни шамшер задан ҳеч коре надоранд. Гӯӣ, ки аз модар ҳарбро зодаанд ва хавориҷ бо ӯ ҳама якӣ шуданд ва ба фармони ӯянд. Савоб он аст, ки ӯро истимолат карда ояд, то шарри ӯву они хавориҷ бад-ӯ дафъ бошад ва марде ҷидд асту шоҳфунун ва ғозитабъ. Пас [Муҳаммад] чун он бишнид, расулон ва нома фиристоду ҳадяҳо ва маншури Систону Кобул ва Кирмону Порс ӯро хилъат фиристод. Ва Яъқуб ором гирифт ва қасди бозгаштан кард. ва нома фиристод сӯи Усмон ибни Афон,

---

[1] Ҳарӣ, Ҳирот ва Ҳироҳ номи яке аз шаҳрҳои машҳури Хуросон (воқеъ дар Афғонистони кунунӣ) буда, сокинони он шаҳрро ҳиротӣ, ҳиравӣ ва ҳарева мехондаанд (Аз шарҳи М. Баҳор).
[2] Бемулоҳиза, беандеша.

фармон дод ба хутба ва намоз ӯро, то Усмон се одина хутба кард. Яъқуб фаро расиду баъзе аз хаворич, ки монда буданд эшонро бикушт ва молҳои эшон баргирифт. Пас шуаро ӯро шеър гуфтандӣ ба тозӣ:

**Шеър:**

*Қад акрама-л-лоҳу аҳла-л-мисри ва-л-баладди,*
*Би-мулки Яъқуби зи-л-афзоли ва-л-удади.*
*Қад омана-н-носи бихавоҳ ва ғурратиҳи,*
*Сатрун мина-л-лоҳи фи-л-амсори ва-л-баладди.*[1]

Чун ин шеър бархонданд, ӯ олим набуд, дарнаёфт. Муҳаммад ибни Васиф ҳозир буд ва дабири расоили ӯ буд ва адаб неку донист ва бад-он рӯзгор номаи порсӣ набуд. Пас Яъқуб гуфт: Чизе, ки ман андар наёям, чаро бояд гуфт? Муҳаммад Васиф пас шеъри порсӣ гуфтан гирифт. Ва аввал шеъри порсӣ андар Аҷам ӯ гуфт ва пеш аз ӯ касе нагуфта буд, ки то порсиён буданд, сухан пеши эшон бо руд бозгуфтандӣ бар тариқи хусравонӣ. Ва чун Аҷам барканда шуданд ва араб омаданд, шеър миёни эшон ба тозӣ буд ва ҳамгинонро[2] илму маърифати шеър тозӣ буд ва андар Аҷам касе барнаёмад, ки ӯро бузургии он буд, пеш аз Яъқуб, ки андар ӯ шеър гуфтандӣ. Магар Ҳамза ибни Абдуллоҳ аш-Шорӣ ва ӯ олим буду тозӣ донист. Шуарои ӯ тозӣ гуфтанд ва сипоҳи ӯ бештар ҳама аз Араб будаңду тозиён буданд. Чун Яъқуб Занбил ва Аммори Хориҷиро бикушт ва Ҳарӣ бигрифт ва Систону Кирмону Порс ӯро доданд, Муҳаммад ибни Васиф ин шеър бигуфт:

**Шеър:**

*Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,*
*Бандаву чокару мавлову сагу банду ғулом.*
*Азалӣ ҳаззе вар лавҳ,*[3] *ки мулке бидиҳед,*
*Бе*[1] *Абиюсуфи Яъқуб бин ал-Лайси Ҳумом.*

---

[1] Мазмуни байти арабӣ:

Худо гиромӣ дошт аҳли шаҳр ва атрофи онро,
Дар мулки Яъқуби соҳиби афзалият ва қудрат.

Матлаби гӯянда дар ду мисраи дигар ба сабаби носаҳеҳиҳо дар матн норавшан аст.

[2] Ҳамаро, ҳамагонро.

[3] Шояд дар асл на «вар лавҳ», балки «дар лавҳ» бошад.

*Ба Латом омад Занбилу лате хурд ба линг,*
*Латра*[2] *шуд лашкари Занбилу ҳабо гашт куном.*
*«Лимани-л- мулк» бихондӣ ту, амиро, ба яқин,*
*Бо «қалил-ул-фиа»*[3] *к-ат дод бар он лашкар ком.*
*Амри Аммор туро хосту з-ӯ гашт барӣ,*
*Теги ту кард миёнҷӣ ба миёни даду дом.*
*Умар ӯ назди ту омад, ки ту чун Нӯҳ бизӣ,*
*Дари Окор тани ӯ, сари ӯ Боби Таъом.*[4]

Ин шеър дароз аст, аммо андаке ёд кардем. Ва Бассоми Курд аз он хаворич буд, ки ба сулҳ назди Яъқуб омада буданд. Чун тариқи Васиф бидид андар шеър, шеърҳо гуфтан гирифт ва адиб буду ҳадиси Аммор андар шеъре ёд кунад:

Шеър:

*Ҳарки набуд ӯ*[5] *ба дил муттаҳам,*
*Бар асари даъвати ту кард*[6] *наъам.*
*Умр зи Аммор бад-он шуд барӣ,*
*К-ӯй хилоф овард то лоҷарам.*
*Дид бало бар тану бар ҷони хеш,*
*Гашт ба олам тани ӯ дар алам.*

---

[1] Истифодаи «бе» (بی бо ҳарфи «ё» ба ҷои «ба» به) боқимонда аз имлои асли «Таърихи Систон» аст, ки дар қадим «ки» (که), «чи» (چه) ва «ба» (به) дар шаклҳои кӣ, чӣ ва бе (بی چی کی) навишта мешуд (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Пора – порашуда, шикастхӯрда ва парешоншуда.

[3] Ин ҷо ишора ба ояти қуръонӣ: «кам мин фиатин қалила ғалабат фиатан касира» (Басо андак бар гурӯҳи бисёр ғалаба кардааст) мушоҳида мешавад.

[4] Шаҳри Заранг (Заранҷ) ду дарвоза доштааст, ки якеро Окор ва дигареро Таом мехондаанд ва ин ҷо ишора ба ҳамон дарвозаҳои шаҳри мазкур аст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[5] Ба андешаи устод М. Баҳор, дар ин ҷо бояд «ӯ» дар шакли «ӯй» бошад, зеро дар мисраи чаҳорум ҳам боз дар шакли «ӯй» омадааст.

[6] Устодони гузаштаи забону адаби форсӣ баъзан дар шеър ҳарфи «дол»-ро, ки дар охири шакли ҷамъи замони гузаштаи феълҳо мемадаанд, ҳазф мекардаанд, вале «дол» дар шакли танҳои замони гузаштаи феъл ҳазф намешудааст. Ин шеърҳо ҳанӯз дар оғози пайдоиши адабиёти форсии дарӣ эҷод шуда ва вуҷуди ғалатҳо дар зиҳофоти он низ далели асил будани онҳост, баръакси шеърҳои мансуб ба Абулаббоси Марвазӣ дар мадҳи халифаи Аббосӣ Маъмун, ки дар ҳадди камол гуфта шуда, муҳаққиқон онро сохта ва таҳрирхӯрда пиндоштаанд (Аз шарҳи М. Баҳор).

*Макка Ҳарам кард Арабро Худой,*
*Аҳди туро кард Ҳарам дар Аҷам.*
*Ҳар ки даромад, ҳама боқӣ шуданд,*
*Боз фано шуд, ки бидид ин Ҳарам.*

Боз Муҳаммад ибни Мухаллад ҳам Сагзӣ буд, марде фозил буд ва шоир, низ порсӣ гуфтан гирифт ва ин шеърро бигуфт:

*Ҷуз ту назод Ҳавво в-Одам накишт,*
*Шерниҳодӣ ба дилу бар маништ.*
*Муъҷизи пайғамбари Маккӣ тӯӣ,*
*Ба кунишу ба манишу ба гувишт.*
*Фахр кунад Аммор рӯзе бузург,*
*Ки ҳамонам*[1] *ман, ки Яъқуб кушт.*

## Рафтани Яъқуб ба Кирмону Форс

Бозгаштем ба ҳадиси рафтани Яъқуб сӯи Порсу Кирмон. Азиз ибни Абдуллоҳро рӯзи шанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз зилҳиҷҷаи санаи арбаун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу чор) халифат кард. Ҳам андар ин рӯз бирафт сӯи Кирмон чун ба Бум расид, Исмоил ибни Мусо, ки малҷаи ҳамаи хавориҷ буд, ки аз Араб омада буданд, бо Яъқуб ҳарб кард. Ӯро асир кард Яъқуб ва ҳар чи аз ёрони ӯ ба корзор кушта шуда буданд, ё на, асир кард ва з-он ҷо ба Кирмон шуд ва омили Кирмон Алӣ ибни ал-Ҳусайн ибни Қурайш буд, Туруқ ибни ал-Муғлисро ба ҳарби Яъқуб фиристод. Чун лашкар баробар гашт, ҳарбе саъб карданд ва Азҳар Туруқро андар миёни маърака ба каманд бигрифту асир кард ва сипоҳи ӯ ҳазимат карданд. Ва Боз зинҳор карданд, зинҳор додашон. Чун Алӣ ибни ал-Ҳусайн бишнид, ба Шероз шуд ва Алӣ ибни ал-Ҳусайн ҳарчанд битавонист лашкарҳо ҷамъ кард ва Куфчонро бо хештан ёр кард ва ба наздики Шероз пеш омад Яъқубро. Ҳарбҳои сахт сахт карданд, пас сипоҳи Алӣ ҳазимат карданд ва Алӣ ибни ал-

[1] Дар матни асл ин ҷо дар шакли «کو هدایم» омадааст ва мо бо истифода аз шарҳи устод М. Баҳор, ки онро «ки ҳамонам» ё «гӯяд онам» ё «гӯяд ҳамонам» тахмин кардааст, дар шакли «ки ҳамонам» сабт намудем.

Ҳусайн ибни Қурайш низ гирифта шуд ва асир монд, андар ҷумодиюлаввали санаи хамсун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу панҷ). Ва Алӣ набераи Қурайш ибни Шабал буд, ки Қурайш бад-он гуфтанд. Ва молҳои бисёр ба дасти Яъқуб уфтод андар ду ҳарб, ки онро ададу эҳсо набуд. Пас аз он ҷо сӯи ал-Муътазз Биллоҳ ҳадяҳои бисёр фиристод, маркабони неку ва бозони шикорӣ ва ҷомаҳои муртафеъ ва мушку кофуру ва он чи мулукро бояд. Ва аз он ҷо ба Систон бозгашт ва ба Систон андар омад рӯзи панҷшанбе, панҷ рӯз боқӣ аз раҷаби санаи хамсун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу панҷ). Кушта шуд ал-Муътазз Биллоҳ андар ин моҳ, ки ёд кардем.

## Нишастани ал-Муҳтадӣ Биллоҳ ба хилофат

[Пас аз вай хилофат] ал-Муҳтадӣ Биллоҳро дода шуд. Ва ӯ Муҳаммад ибни Ҳорун буд. Муҳтадӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ҳам бар Хуросон бидошт. Чун Яъқуб бо ин бузургӣ ва мол аз Порс андар омад, Алӣ ибни ал-Ҳусайн ибни Қурайшро ва Тавқ ибни ал-Муғлисро асир аз пеш бар буна оварданд ва панҷ ҳазор уштуру ҳазор астар дуни хару рамаки аспи тозӣ ва дигар молҳо. Мардумон шодӣ карданд ва [Яъқуб] ба Систон ором гирифт. Ва Абӯмуҳаммад Усмон ибни Аффон кушта шуд, ғурраи шавволи санаи хамсун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу панҷ) ва марде бузург буд андар илм ва фиқҳ ба Систон. Пас андар ин миёна писари Занбил габр буд ва ба Қалъаи Буст маҳбус буд. Фурсат ёфту бигрехт ва сипоҳе бузург бо хештан ҷамъ кард ва ба Руххад шуд ва Руххад бигрифт. Хабар ба Яъқуб омад, Ҳамдон ибни Абдуллоҳро бар Систон халифат кард ва рӯзи панҷшанбе, панҷ рӯз боқӣ аз зилҳиҷҷаи санаи хамсун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу панҷ) бирафт.

## Рафтани Яъқуб ба Руххад ба ҳарби Занбил

Чун ба наздикии Руххад шуд, писари Занбил бигрехт [ва] ба Кобул шуд ва Яъқуб ба талаби вай шуд. Чун ба

Ҳосбоб бирасид, барф уфтод ва роҳ баста шуд, ба Систон боз омад ба роҳ андар хилҷ ва туркон бисёр бикушт ва мавошишон[1] биёвард ва бардаи бисёр биёвард ва Субкарӣ яке аз он бандагон буд. Ва Ҳусайн ибни Абдуллоҳ [ибни] Тоҳир ба наздики Яъқуб омада буд ва андар ин тохтан бо ӯ рафта буд. [Яъқуб] рӯзи одина, чаҳордаҳ рӯз гузашта аз шавволи санаи ситтун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу шаш) ба Систон бозомад. Рӯзе чанд бибуду ба Ҳарӣ шуд ва Ҳарӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро дод ва сездаҳ рӯз он ҷо бибуд ва бозгашту ва ба Систон омад, якчанд бибуд.

Боз сӯи Кирмон шуд рӯзи панҷшанбе, панҷ рӯз боқӣ аз муҳаррами санаи тисъун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу нӯҳ). Ал-Муҳтадӣ Биллоҳро бикуштанд ба Бағдод андар раҷаби санаи сабъун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу ҳафт) ва ал-Муътамид Алаллоҳро биншонданд, ба хилофат.

### Нишастани ал-Муътамид Алаллоҳ ба хилофат

Ва номи ӯ Аҳмад ибни Ҷаъфар буд, андар раҷаби санаи ситтун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу шаш) ва Муътамид Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро бар Хуросон бидошт ва аҳди Систон низ ӯро дод ва Яъқуб сӯи Кирмон бирафт, чунон ки ёд кардем. Ва Ҳамдон ибни Абдуллоҳи Марзбонро халифат кард ва сипоҳсолорӣ Фазл ибни Юсуфро дод ва Иброҳим ибни Довуд ал-Бумиро намозу хутба ва байтулмол Исмоил ибни Иброҳимро. Чун Яъқуб ба Кирмон расид, Муҳаммад ибни Восил пазираи ӯ омад бо сипоҳи хеш ба тоату фармонбардорӣ ва ҳадяҳо ва молҳои бисёр пеши Яъқуб овард. Ва Яъқуб Порс ӯро дод ва расуле фиристод сӯи Муътамид ба ҳадяҳо ва панҷоҳ бути заррин ва симин, ки аз Кобул оварда буд, сӯи Муътамид фиристод, ки ба Макка фиристод, то ба Ҳарами Макка ба роҳи мардумон фурӯ баранд рағми куффорро. Ва ба Порс андар шуд рӯзи чаҳоршанбе, чаҳор рӯз гузашта аз

[1] Ҳайвоноти хонагӣ аз қабили шутур, гов, гӯсфанд.

муҳаррами санаи самонин ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоху ҳашт). Чун ҳадяҳо ва бутон ба Муътамид расид, шод шуд ба ғоят [ва] бародари хеш Абӯаҳмад ал-Муваффақ[ро], ки номи вай Талҳа буд [ва] валиаҳди Муътамид буд, ба расулӣ сӯи Яъқуб фиристод ва Исмоил ибни Исҳоқ ал-Қозиро ва Абосаид ал-Ансориро аҳду маншуру ливо фиристод ба вилояти Балху Тахористон ва Порсу Кирмон ва Сиҷистону Синд. Яъқуб бад-он шод шуд ва эшонро бинвохту хилъатҳо ва ҳадяҳои неку бидод ва ба хубӣ бозгардонид ва худ ба Систон бозомад. Ва рӯзгоре бибуду сӯи Кобул берун рафт, Мақсуд писари Занбил рӯзи шанбе, панҷ рӯз монда аз рабеъулаввали санаи самонин ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу ҳашт). Чун ба Зобулистон бирасид, писари Яъқуб ба қалъаи Нои Ломон баршуд ва ҳисор гирифт ва Яъқуб он ҷо биистод ва ҳарб пайваста кард, то ӯро он ҷо фуруд овард ва банд барниҳоду бар роҳи Бомиён ба Балх шуд ва Балх Довуд ибни ал-Аббос дошт. Ва чун хабари Яъқуб бишнид, бигрехт ва мардумони Балху Куҳандиз ҳисор гирифтанд. Яъқуб ба Балх андар шуд ва ба нахустин ваҳлат[1] Балх биситад ва бисёри мардум кушта шуд бар дасти сипоҳи ӯ ва ғорат карданд Муҳаммад ибни Баширро бар Балх халиф кард ва з-он ҷо ба Ҳарӣ омад ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Солеҳ ба Ҳарӣ буд, аз пеши Яъқуб бигрехт ва ба Нишобур шуд. Ва Яъқуб ба Ҳирот андар шуд ва биншасту мардумонро некуӣ карду гуфт. Ва мардумони Ҳирот шиати Яъқуб гашта буданд аз пеш ва дил бар ӯ ниҳода.

## Берун омадани Абдурраҳим ба амирӣ

Ва Абдурраҳим ал-Хориҷӣ, ки бархоста буд аз кӯҳи Карух ва хештан Амиралмуъминин ном ниҳода ва лақаб карда ал-Мутаваккил Алаллоҳ ва даҳ ҳазор мард бар хештан ҷамъ карда аз хавориҷ ва кӯҳҳои Ҳарӣ ва Сафзору навоҳии Хуросон фурӯ гирифта ва тохтанҳо ҳамекард ва сипоҳсолорони Хуросону бузургон аз ӯ оҷиз шуда буданд.

[1] Нахустин навбат, дафъа, маротиба.

Яъқуб қасди ӯ кард ва ӯ ба кӯҳ андар шуд ва барфи саъб уфтод ва Яъқуб андар барф бо ӯ ҳарб кард ва ҳеч бознагашт бар он сармо ва сахтӣ, то Абдурраҳим биёмад ба зинҳори ӯй ва андар фармони ӯ омад ва Яъқуб ӯро зинҳор дод, пас аз он ки ба тоат пеши вай омад ва ӯро аҳду маншур дод ва амали Сафзору биёбонҳо ва курдон бад-ӯ дод ва худ ба Ҳирот қарор гирифт. Як сол барнаёмад, то ҳам хаворич Абдурраҳимро бикуштанд ва Иброҳим ибни Ахзарро бар хештан солор карданд ва Иброҳим бо ҳадяҳои бисёр ва аспону силоҳи неку пеши Яъқуб омад ба тоат ва бузургӣ. Яъқуб ӯро ҳам бад-он амал бидошт ва бинвохту некуӣ гуфт. Пас гуфт: Ту ва ёрон дил қавӣ бояд дошт, ки бештари сипоҳи ман ва бузургон ҳама хаворичанд ва шумо андар ин миёна бегона нестед. Агар бад-ин амал, ки додам, басар нашавад, мардуми зиёдат наздики ман фирист, то рӯзии эшон пайдо кунам ва девонашон биронам ва ҳар чи аз он амал хоҳанд, бидиҳам. Аммо ин кӯҳҳо ва биёбонҳо сағрҳост[1], ки шумо аз душманон нигоҳ бояд дошт, ки мо қасди вилояти бештар дорем ва ҳамасола ин чо ҳозир натавонем буд ва маро мард ба кор аст хоса шумо, ки ҳамшаҳриёни манед ва ин мардуми ту бештар аз Баскар аст ва маро ба ҳеч рӯй мумкин нест, ки бад-эшон осеб расонам. Иброҳим бо дили қавӣ бозгашт ва ба ёрон шуд ва ба зудӣ бозомад бо ҳама сипоҳ, Яъқуб ҳамаи ёрону меҳтаронашонро хилъат дод ва оризро[2] фармон дод, то номҳоашон ба девони арз набишту бистгонишон пайдо кард бар маротиб ва Иброҳимро бар эшон солор кард ва эшонро Ҷайшушшарот ном карданд. Ва Яъқуб ба Систон бозгашт сездаҳ рӯз монда аз ҷумодиюлаввали санаи тисъун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу нӯҳ). Андар ин сол барфи бисёр уфтод ба Систон чунончи хурмобунон хушк гашт. Пас Яъқуб рӯзгоре ба Систон бибуд, боз қасди Хуросон кард ва Ҳафс ибни Завнакро халифати хеш кард бар Систон рӯзи шанбе, чор рӯз боқӣ аз шаъбони санаи тисъун ва хамсина ва миатай (дусаду панҷоҳу нӯҳ) бирафт ва роҳи Нишобур баргирифт ва чунин гуфт, ки: Ба талаби Абдуллоҳ ибни Муҳаммад

---

[1] Сағр – тангно, гузаргоҳи танг, дара; сарҳад, ҳудуд, заминҳои сарҳадӣ.
[2] Ориз – арзкунанда; ҳисобдори сипоҳ, вазифадори таъминоти сарбозон.

ибни Солеҳ ҳамеравам. Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ба Нишобур буд, ба наздики Муҳаммад ибни Тоҳир.

Чун Яъқуб ба дари Нишобур омад, расул фиристод сӯи Муҳаммад ибни Тоҳир, ки: Ман ба саломи ту хоҳам омад. Абдуллоҳ ибни Муҳаммад [ибни] Тоҳирро гуфт: Омадани ӯву саломи ӯ савоб нест, сипоҳ ҷамъ кун то ҳарб кунем. Муҳаммад ибни Тоҳир гуфт: Мо бо ӯ ҳарб барнаёем ва чун ҳарб кунем, ӯ зафар ёбаду моро ба ҷон осеб расад. Чун Абдуллоҳ [ибни] Муҳаммади Солеҳ чунон дид, бархосту ба Домғон шуд ва Яъқуб ба дари Нишобур фуруд омада буд. Муҳаммад ибни Тоҳир ҳама вузаро ва ҳуҷҷобро пеши Яъқуб фиристод ва дигар рӯз худ барнишасту наздики Яъқуб шуд. Чун фуруд омад ва хост, ки бозгардад, Яъқуб фармуд Азиз ибни Абдуллоҳро, ки: Инонро ҳама маҳбус кун. Азиз ҳамаро боздошт ва бандҳо барниҳод Муҳаммад ибни Тоҳирро ва хавоси ӯро тамом.

### Сабаби банд кардани Муҳаммад ибни Тоҳир ва фано гаштани хонадони Тоҳириён бар дасти Яъқуб ибни Лайс

Ва сабаб он буд ин банд барниҳодан ва боздоштани эшон ва қасди Яъқуб бад-эшон, ки рӯзе бад-он айём, ки ба ҳарби Занбил ба Буст шуд ва ӯро бикушт, рӯзе ба ҳаволии саводи Буст мутафаккир худ ва дабире аз они хеш ҳамегашт, ба сарое андар шуд, ки он сарой аз они Солеҳ ибни ан-Назр буд ва ба андак рӯзгор аз вафоти Солеҳ он вайрон гашта буд. Дабир нигоҳ кард, бар девори хона навишта буд ва байт. Ва он бархонд ва сар биҷунбонид. Яъқуб ӯро пурсид, ки он чист? Бозгуфт ва тарҷума кард ва байтҳо ин буд, ки навишта буданд:

**Шеър:**

*Соҳа-з-замону биоли Бармака сайҳатан,*
*Харру ли-сайҳатиҳи ъала-л-азқонӣ.*
*Ва би-Оли Тоҳири савфа юсмаъу сайҳатан,*
*Ғазабан яҳиллу биҳим мина-р-Раҳмони.*[1]

[1] Мазмуни байти арабӣ:
Замона шумнафасӣ кард дар ҳақи Оли Бармак,
Сарозер уфтоданд онҳо манаҳҳо бар замин ва фарёдзанон.

Пас дабир қиссаи Баромак бар Яъқуб аз аввал то охир бозгуфт ва сабаби меҳнату куштану баркандани хонумони эшон ва маънии дигари байт аз ҳадиси Тоҳириён бозгуфт. Яъқуб гуфт: Чун моро муъҷиза аз ин беш набошад, ки Эзад-таъоло моро ин ҷо ба вайронӣ андар овард, то ин ду байт бархонем ва бидонем. Ваҳй пайғамбаронро бошад. Ин аст, ки сабаби баркандани Тоҳириён ва ҷаври эшон аз мусулмонон ман хоҳам буд. Ту ин ду байт бар ҷое навис ва нигоҳ дор, то он рӯз, ки аз ту боз хоҳем. Дабир он бар қоғазе набишт ва нигоҳ дошт. Он рӯз, ки банд бар Муҳаммад ибни Тоҳир ниҳод, дабирро бихонд, ки ин байтҳо, ки туро вадеат додам, он рӯз ба Буст биёр. Байтҳо пеши вай овард. Гуфто: Нагуфтам, ки ман бошам он кас? Пас дабирро гуфт: Рав ин ду байт бар Муҳаммад ибни Тоҳир арза кун ва бигӯй, ки чӣ бояд туро ва ҳарами туро, то ба Систон равӣ ва он ҷо мебошӣ ва ҳар ки туро ба ӯ хуш бошад, бар ҷое навис, то бо ту он ҷо фиристам ва неку ҳаме дорам, то Худои таъоло чӣ хоҳад. Пас он ду байт бар Муҳаммад ибни Тоҳир арза карданд, бигристу гуфт: **Ло марадда ли-қазои-л-лоҳи[1],** акнун фармон Худовандрост ва мо бандаи ӯем ва андар дасти ӯем. Нусхате карду пеши Яъқуб фиристод. Яъқуб фармон дод, то он чи вай набишта буд, ҳар дирамеро ду карданд ва фармон дод, ки ҳаме диҳанд ӯро ва аҳли ӯро ва нудамои ӯро ва он касҳоро, ки бар эшон хуш бувад, ба Систон фиристод ба зиндони бузург ба дари Масҷиди одина маҳбус карданд. Ва гӯри Муҳаммад ибни Тоҳир андар он зиндон аст, ки беш ба чандин сол он ҷо фармон ёфт. Ва Яъқуб фармон дод, ки ҳам андар он ҳуҷра, ки фармон [ёфт], ӯро дафн кунанд, ки ӯй он рӯз мурд, ки он ҷо маҳбус гашт.

Бозгаштем ба хабари Яъқуб. Яъқуб ба Нишобур қарор гирифт. Пас ӯро гуфтанд, ки мардумони Нишобур мегӯянд, ки Яъқуб аҳду маншури Амиралмуъминин надорад ва хориҷӣ аст. Пас Ҳоҷибро гуфт: Рав мунодӣ кун, то бузургону уламову фуқаҳои Нишобур ва руасои эшон фардо ин ҷо ҷамъ бошанд, то аҳди Амиралмуъминин бар эшон арза кунам.

---

Ва дар нисбати Оли Тоҳир ҳам ба зудӣ фарёде шунида хоҳад шуд,
Ки ғазаби Худо бар онҳо хоҳад расид.

[1] Аз қазои илоҳӣ гурез нест.

Ҳоҷиб фармон дод, ки то мунодӣ карданд. Бомдод ҳама бузургони Нишобур ҷамъ шуданд ба даргоҳ омаданд ва Яъқуб фармон дод то ду ҳазор ғулом ҳама силоҳ пӯшиданд ва биистоданд. Ҳар як сипареву шамшере ва амуде[1] симин ё заррин ба даст ҳам аз он силоҳ, ки аз хазинаи Муҳаммад ибни Тоҳир баргирифта буданд ба Нишобур ва худ ба расми шоҳон биншаст ва он ва он ғуломон ду саф пеши ӯ биистоданд. Фармон дод, то мардумон андар омаданд ба пеши ӯ биистоданд. Гуфт: Бинишинед. Пас Ҳоҷибро гуфт: Он аҳди Амиралмуъминин биёр, то бар эшон бархонем. Ҳоҷиб андар омад, теғи ямонӣ бедастмиён ва дастори мисрӣ андар он печида биёвард ва дастор аз он берун кард ва теғ пеши Яъқуб ниҳод ва Яъқуб теғ баргирифт ва биҷунбонид. Он мардумон бештар беҳуш гаштанд, гуфтанд: Магар ба ҷонҳои мо қасде дорад. Яъқуб гуфт: Теғ на аз баҳри он овардам, ки ба ҷони касе қасде дорам, аммо шумо шикоят кардед, ки Яъқуб аҳди Амиралмуъминин надорад, хостам, ки бидонед, ки дорам! Мардумон боз ҷою хирад бозомаданд. Бозгуфт Яъқуб: Амиралмуъмининро ба Бағдод на ин теғ нишондааст? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Маро бад-ин ҷойгоҳ низ ҳам ин теғ нишонд. Аҳди ману они Амиралмуъминин якист. Боз фармон дод, то ҳарчи аз он мардумон аз ҷумлаи Тоҳириён буданд, банд карданд, ба кӯҳи Испаҳбад фиристод. Дигаронро гуфт: Ман додро бархостаам бар халқи Худои таборак ва таъоло ва баргирифтани аҳли фисқу фасодро, вагарна чунин бошаме, Эзад-таъоло маро то акнун чунин нусратҳо надодӣ. Шуморо бар чунин корҳо кор нест, бар тариқ бозгардед. Ва Яъқуб ба Нишобур бибуд, то хабари Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Солеҳ омад, ки: Ӯ аз Домғон ба Гургон рафт ва Ҳасан ибни Зайд бо ӯ якӣ шуд ва сипоҳ ҷамъ мекунанд ҳарби туро. Яъқуб сипоҳ баргирифт, аз Нишобур ба Гургон шуд.

[1] Гурз.

## Рафтани Яъқуб ба Гургон ба ҳарби Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Солеҳ ва Ҳасани Зайд

Чун Яъқуб ба наздики Гургон расид, эшон ҳарду ба Табаристон шуданд. Яъқуб аз паси эшон ба тохтан бирафт ва фавҷе сипоҳ бар буна бигзоштанд, ки шумо хуш-хуш аз паси ман ҳамеоед [ва худ бирафт] ба Сорӣ ба эшон андар расид. Чун Яъқубро бидиданд, ҳазимат карданд бе ҳеч ҳарб. Ҳасани Зайд ба кӯҳи Дайламон андар шуд ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Солеҳ ба дарё андар шуд. Марзбони Табаристон Абдуллоҳро бигрифт ва банд карду биёвард, ки пеши Яъқуб орад, Азиз ибни Абдуллоҳ Марзбонро дид, бо фавҷе сипоҳ аз они Яъқуб Абдуллоҳро бад-эшон супурд ва худ бозгашт, ки набояд, ки Дайламон бо Ҳасани Зайд якӣ шаванд ва қасди ман кунанд. Ва Азиз ибни Абдуллоҳро аз ӯ пазируфт ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Солеҳро ба наздики Яъқуб овард банд барниҳода. Чун Абдуллоҳро пеши вай карданд, Абдуллоҳ бисёр суханҳо карда буд ба ғайбати Яъқуб, фармон дод, то гарданаш бизаданд в-аз он ҷо бозгаштанд ва ба Нишобур омаду он ҷо биншаст.

## Куштани Абдуллоҳ ва зинҳор омадани солукони Хуросон

Чун ба Нишобур қарор гирифт, солукони[1] Хуросон ҷамъ шуданд ва тадбир карданд, ки: Ин марде соҳибқирон хоҳад буд ва давлате бузург дорад ва марде мард аст ва касе

---

[1] Дар «Бурҳони қотеъ» вожаи «солук» ба маънии дузду роҳзан ва хунӣ шарҳ дода шудааст, вале ба андешаи устод М. Баҳор, «солук» форсишудаи «саълук»-и арабист, ки ин лақаб ба дарвешон ва тиҳидастони араб дода мешуд. Дар гузашта гурӯҳе аз ҷумлаи фақирон ва дарвешони араб буданд, ки баъзан роҳзанӣ мекарданд ва мегуфтанд, ки бо ин роҳ ҳаққи худро аз байтулмол меситонанд. Онҳо ба афроде, ки молашонро меситониданд, мефармуданд, ба султон хабар диҳанд, ки саълукон ба қадри фалон маблағ аз онҳо ситонидаанд. Муаллифи «ал-Мунҷид» ҳам тасдиқ мекунад, ки саълукон дузду роҳзан ва хунӣ, чунон ки дар «Бурҳони қотеъ» гуфта шудаст, нестанд, балки фақирону дарвешони араб буданд. Аз ин ҷо устод Баҳор дар мавриди солукони Хуросон ҳам изҳор мекунад, ки онҳо ҳам дарвешону тиҳидастоне буданд, ки «гирди ҳам омада ва ба номи ахзи ҳаққи худ аз байтулмол аҳёнан ба роҳзанӣ ва туғён машғул мешуданд» (Аз шарҳи М. Баҳор).

бар ӯ бар наёяд. Моро савоб он бошад, ки ба зинҳори ӯ равем ва ба рӯзгори давлати ӯ зиндагонӣ ҳамекунем ва пас Суркаб ал-Кабир, ки номи вай Иброҳим ибни Муслим буд ва Иброҳим ибни Илёс ибни Асад ва Абӯбилол ал-Хориҷӣ ва Иброҳим ибни Абиҳафс ва Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал Хуҷистонӣ ва Азиз ибни ас-Сарӣ, ин ҳамгинону ёрон ва гурӯҳи хеши наздики Яъқуб омаданд ва Яъқуб эшонро бинвохту хилъат дод ва бо хештан ба Систон овард ва фармон дод, то сари Абдурраҳим, ки ӯро кушта буданд, хавориҷ баргирифтанд ва биёварданд. [Ва] расулону нома фиристод ба наздики Муътамид, ки Амиралмуъминин буд ва ба наздики Муваффақ, ки бародари ӯ буд [ва] валиаҳд кард. Ва кунияти Муваффақ Абӯаҳмад буд ва ба нома андар ёд кард банд барниҳодани Муҳаммад ибни Тоҳир ва сари Абдурраҳим бифиристод. Пас Амиралмуъмининро хуш наёмад банд кардани Муҳаммад ибни Тоҳир ва онро мункир буд. Аммо сари Абдурраҳиму куштани он қабул уфтод ва фармон дод, сари Абдурраҳим ба Бағдод бигардониданд ва мунодӣ карданд, ки: Ин сари ӯст, ки даъвои хилофат кард, Яъқуб ибни ал-Лайс ӯро бикушт ва сари ӯ бифиристод. Боз номаҳо ҷавоб кард [ба] некуӣ аз он чи чора надошт. Ва Яъқуб қавӣ гашта буд, савоби истимолат кардани ӯ дид. Чун расулон бозомаданд, Яъқуб қасди рафтан кард сӯи Форс рӯзи шанбе, дувоздаҳ рӯз боқӣ аз шаъбони санаи иҳдо ва ситтина ва миатай (дусаду шасту як) ва Азҳар ибни Яҳёро халифат кард ба Систон. Ва бо Яъқуб буданд дар ин сафар Алӣ ибни Ҳусайн ибни Қурайш ва Аҳмад ибни ал-Аббос ибни Ҳошим ва Муҳаммад ибни Тоҳир. Чун Яъқуб ба Истахр расид, халифати Муҳаммад ибни Восил пеши ӯ омад ва қалъа бад-ӯ супурд ва хазинаву моли Муҳаммад ибни Восил ба Аҳвоз буд. Яъқуб он ҳама молу силоҳ баргирифт ва сипоҳро бад-он обод кард ва хилъатҳо дод ва он халифати ӯро бинвохту некуӣ карду гуфт. Муҳаммад ибни Зайдӯй халифати Яъқуб буд бар Қаҳистон ва Яъқуб ӯро аз он ҷо маъзул кард. Ӯ бар Яъқуб хашм гирифту ба Кирмон шуд ва з-он ҷо наздики Муҳаммад ибни Восил шуд ва пайдо кард хилофи хеш бар Яъқуб ва Муҳаммад ибни Восилро далер кард бар муҳорибаи Яъқуб ва кор бисохт, ки ҳарб кунад.

## Ҳадиси Муҳаммади Восил бо Яъқуб ва Муҳаммад Зайдуя

Чун Яъқуб наздик шуд, Муҳаммади Зайдуя Муҳаммади Восилро гуфт: Савоб намебинам кунун бар ӯ ҳарб кардан, ки ӯ қавӣ гашт ва аз паси ман ҳолҳо дигар гашт. Муҳаммад ибни Восил фармон накард ӯро, пас Муҳаммад ибни Зайдуя з-ӯ ҷудо гашт ва ба навоҳии Форс рустое фурӯ гирифт ва он ҷо биншаст худ ва сипоҳи хеш ва аз мардумон мол ҳамеситад. Пас Муҳаммад ибни Восил ба ҳарби Яъқуб омад ва бирасид ба Навбандҷон, з-ин ҷо расул фиристод Башир ибни Аҳмадро наздики Яъқуб. Яъқуб сипоҳро фармон дод то ҳама ба ҷойҳое, ки ӯ надид, ниҳон шуданд. Чун расул фароз омад пеши Яъқуб, ҳеч кас надид магар ғуломони хурд. Пас Яъқуб ғуломро бинвохту некуӣ гуфт ва атододу гуфт: Ман аз Систон бад-он рафтам, сипоҳ наёвардам бо ин кӯдаке чанд ин ҷо омадам, то Муҳаммади Восил яқин шавад, ки ман аз баҳри дӯстӣ ҷӯстан мувофиқати ӯ кардам то дил бо ман якӣ  кунад, ки ӯ бузургтарин касест ба Эроншаҳру Хуросон. То ман ончи кунам ба фармони ӯ бошад ва бидонад, ки Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал-Хуҷистонӣ бо ман буд ва аз ман бигашт. Ночор магар акнун сипоҳи моро ӯ диҳад, то Хуҷистониро дарёбам ё на. Ӯ акнун ҳама Хуросон бар ман табоҳ кунад ва ончи ман кардам, ҳама ночиз гардад.

Расул бозгашт дил хуш карда ва Муҳаммад ибни Восилро хабар дод, бад-он чӣ дид ва гуфт: Агар бар ӯ тохтан кунӣ, ӯро ба як соат аз ҷаҳон барканӣ, ки низ ҳеч касе нагӯяд, ки Яъқуб ибни ал-Лайс буд, ки сипоҳ аз ӯ баргаштаанд ва ғуломе чанд хурд аст корнодида бари вай. Муҳаммад ибни Восил барнишасту қасди Яъқуб кард ва Яъқуб бар ӯ берун шуд ва ба Байзо фароҳам расиданд ва ҳарбе сахт буд ба миёни эшон. Муҳаммад ибни Восилро хабар набуд, то саворе даҳ ҳазор аз они Яъқуб аз паси пушти ӯ андар омад ва бо Муҳаммад ибни Восил сӣ ҳазор савор буд ва бо Яъқуб понздаҳ ҳазор савор. То Муҳаммад ибни Восил нигоҳ кард, то даҳ ҳазор мард ба як ҷо аз они ӯ кушта шуд, Муҳаммад ибни Восил ба ҳазимат бирафт ва ба дами Сарбиҷон пушти хеш гирифт ва Яъқуб бар ақиби ӯ бишуд, то ӯ ба кӯҳ дар-

шуд. Боз он ҷо ба миёни кӯҳ андарун, марде даҳ ҳазор аз они ӯ асир гирифт ва дигар ба кӯҳҳо баршуданд. Яъқуб ба Ромҳурмуз фуруд омад ва Муътамид Исмоил ибни Исҳоқ ал-Қозиро ба расулӣ наздики Яъқуб фиристод дар санаи исно ва ситтина ва миатай (дусаду шасту ду) ва Абдуллоҳ ибни ал-Восиқ омада буд наздики Яъқуб ва ӯро неку ҳамедошт, ҳам андар ин сол фармон ёфт ба сипоҳи Яъқуб андар. Ва Муътамид вилояти Мовароуннаҳр ҳам андар ин сол Наср ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон ас-Сомониро дод. Ва Абӯмуҳаммад ал-Муваффақ, ки валиаҳди Муътамид буд ва бозоргонони Бағдодро бигуфт, то бозоргонону ҳуҷҷоҷи Хуросон ҷамъ карданд ва эшонро бор дод ва пайғоми Амиралмуъминин гузорд наздики эшон, ки: Амиралмуъминин Исмоил ибни Исҳоқ ал-Қозиро наздики Яъқуб ибни ал-Лайс фиристод бо аҳди ӯ Хуросону Табаристон ва Гургону Форсу Кирмон ва Синду Ҳинд ва шуртаи мадинаи ас-Салм ва хилъат фиристод. Ва Исмоили Қозӣ сӯи Яъқуб расид ҳам бар ин ҷумла, ки Муваффақ мардонро гуфт. Ва Яъқуб ба Ромҳурмуз буд, Исмоилро бинвохту хилъат дод ва ба некуӣ бозгардонид. Ва Муҳаммад ибни Зайдуя аз Форс ба Хуросон омад ва з-он ҷо ба Қаҳистон шуд. Ва гурехтагон гурӯҳе бар Муҳаммад ибни Восил ҷамъ шуданд ва Муҳаммад ибни Восил ба Насо шуд ва аз он ҷо ба Сайроф шуд. Яъқуб Амр ибни Абдуллоҳро бо саворе ду ҳазор бар асари ӯ бифиристод ва Азиз ибни Абдуллоҳ бар асар бишуд ва бунаи ӯ бигрифт. Ӯ ба ҳазимат шуд ва Азиз аз паси ӯ шуд. Муҳаммад ибни Восил ба киштиҳо андар шуд ва биншасту ба дарё андар шуд ва ба киштиҳо дар шароъ ва олат набуд, ки аз киштиҳои сайёдон буд. Ҳама шаб ба дарё андар киштӣ ҳамегашт, то бомдод ба лаби Сайроф буданд. Меҳтаре буд он ҷо курдонро, ӯро Рошидӣ гуфтандӣ, берун шуду Муҳаммад ибни Восилро бар он ҷумла бигрифт ва савор тохт наздики Азиз ибни Абдуллоҳ ва ӯро огоҳ кард. Азиз Ғоними Баскариро, ки сарҳанги хавориҷ буд, фиристод, то Муҳаммад ибни Восилро асир биёвард. Азиз ӯро бар сутуре банд, пеши Яъқуб овард сарбараҳна, андар муҳаррами санаи салосун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту се). Ва Алӣ ибни ал-Ҳусайн ибни Қурайш дастурӣ хост, то Муҳаммад ибни Восилро бар он ҳолат бубинад. Дастурӣ дод, то бидид

ва фармон дод, то Муҳаммад ибни Восилро маҳбус карданд. Боз кас фиристод сӯи Муҳаммад ибни Восил, ки: Фармой, то дари қалъаи ту бикушоянд. Гуфт: Фармонбардорам. Ӯро қалъате маҳкам буд бар сари кӯҳ, ки ситадани он мумкин нашудӣ. Пас Халаф ибни ал-Лайс ӯро ба пои қалъа бурд ва овоз доданд ва нигоҳ ба он ба сӯи қалъа баромад ва нигоҳ кард. Муҳаммад ибни Восил гуфт: Дари қалъа бикшоед. Нигаҳбон шамшере ва лахте ҳезум аз он ҷо ба поён афканд ва бонг кард, ки: Муҳаммад ибни Восилро бад-ин шамшер бикушед ва бад-ин ҳезум бисӯзед, ки ман дари қалъа бикушоям. Халафи Лайс ӯро бозовард, Яъқуб ӯро боз ба дасти Ашраф ибни Юсуф дод, то ба як пой баровехт, то иқрор кард, ки: Аломате дорам, бигӯям, то қалъа бикшоянд. Бигзоштанд, то ғуломе бад-он аломат бифиристод ва дари қалъа бикшоданд. Сӣ рӯз ҳар рӯз понсад уштур ва понсад астар аз бомдод то шабонгоҳ аз он ҷо ҳаме дираму динор ва фаршу дебо ва силоҳи қиммате ва овони заррину симин баргирифтанд, дуни он чи бар он ҷо монд аз хуришҳои бисёр ва фарши пашмина, ки касе даст фаро он накард.[1] Пас аз он ҷо Яъқуб баргирифт ва он ҳама молҳо андар пеши Бӯсоҷ ҳамеовард, то ба Шероз бирасид. Амр ибни Лайс бародари ӯ сахтӣ гирифту хашм кард ва Муҳаммадро – писари худро баргирифту роҳи Систон баргирифт. Ва Яъқуб аз он муставҳиш[2] гашт ва Муҳаммад ибни Восилро ба қалъа фиристод, банд кардаву он ҷо маҳбус кард ва ба роҳи Аҳвоз берун шуд. Ва бар муқаддимаи ӯ Абӯмаъоз Билол ибни ал-Азҳар буд, бирафту ба Ҷундисобур фуруд омад, андар санаи арбаун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту чор).

Ва сипоҳе бар муқаддима фиристод [ва] Аҳмад ал-Муваллид ва Дасронӣ ва Саъид ибни Раҷо ал-Ҳисорӣ ва Солеҳ ибни ал-Васиф – ин ҳама ба наздики вай омаданд. Пас ӯро ҷосус бигуфт, ба лашкаргоҳ ба як рӯз расида буд, ки эшон ба макр омаданд, ҳамгинонро фармуд, то бикуштанд ва он ҷо бибуд. Ва расулон фиристоданд аз Туркистону Ҳинд ва Синду Чину Мошин ва Зангу Рум ва Шому Яман

[1] Даст ба он дароз накард.
[2] Ваҳшатзада, ба тарс афтода.

ҳама қасди ӯй карда буданд. Ба номаҳою ҳадяҳо ва тоату фармон [ӯро] пазируфта, он ҷо қиём кард, то ҳама фаро расиданд ва номаҳову хилъатҳо бидод ва бозгардониду ҳама ҷаҳон андар фармони ӯ шуданд ва ӯро Маликуддунё хонданд. Ва Абӯаҳмад ал Муваффақ хабар шунид аз ин, ки чунин ҳолҳо буд ва мардумони ҷаҳон дил бад-ӯ андар бастанд аз он чи ӯ одил буд ва ба ҳар ҷой, ки рӯй кард, касе бар ӯ барнаёмад. Сӯи Яъқуб нома кард, ки: Фазл кунаду биёяд, то дидоре кунанд ва ҷаҳон бо ту супорем, то ту ҷаҳонбон бошӣ. Ҳама ҷаҳон мутобеи ту шуданд ва мо ончи фармон диҳӣ, бар он ҷумла биравем ва бидонӣ, ки мо ба хутба басанда кардаем, ки мо аз аҳли байти Мустафоем ва ту ҳаме қуввати дини ӯ кунӣ ва ба Дорулкуфр туро ғазот бисёр будааст. Ба Ҳинд андар бишудӣ бо Сарандеб ба ақсои дарёи Муҳит ва ба Чину Мочин андар омадӣ ва Туркистон берун омадӣ ва бар куффори ҷаҳон ба ҳама ҷой асари теғи ту пайдост. Ҳаққи ту бар ҳама ислом воҷиб гашт ва мо фармон бад-он додаем, то туро ба Ҳарамайн ҳаме хутба кунанд, ки чунин осори хайр аст [туро] андар олам ва касеро андар ислом пас аз Абӯбакру Умар он осори хайру адл набудааст ки андар рӯзгори ту буд. Акнун мову ҳама мусулмонон муини[1] туем, то ҷаҳон ҳама бар дасти ту ба як дин, ки он дини ислом аст, бозгардад. Яъқуб бирафт ва ал-Муътамид Алаллоҳ аз Бағдод берун омад бо сипоҳ.

Чун лашкарҳо фуруд омаданд рӯзи панҷшанбе, ҳафт рӯз гузашта аз шавволи санаи хамсун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту панҷ), гурӯҳе аз лашкари Муътамид берун омаданд ва ҳарби саъб бикарданд ва Иброҳим ибни Симо бар аломати Муътамид буд бар он ҷумла, ки ин халифат аст. Бидонистанд, ки макр аст, пас ҳамла кард Яъқуб ба нафси хеш ва аз сипоҳи Бағдод бисёр мардум кушта шуд ва эшон ҳазимат шуданд, пушт ба об гирифтанд. Об бар сипоҳи Яъқуб берун гузоштанд, то Яъқуб аз он ҷо баргирифт аз пеши об. Ва он рӯз аз сипоҳи Яъқуб Яъқуб ибни Исмоил ва Муҳаммад ибни Касир аз бузургон кушта шуданд ва Яъқуб аз он ҷо ба Ҷундишопур бозомад ва қасди ғазоти Рум кард, ки ҳар сол ба ғазве рафтӣ ба Дорулкуфр, чун аз

[1] Ёридиҳанда, ёвар, дастгиру мададгор.

он ҷо бозгаштӣ, боз вилояти ислом кушодӣ ва ҷаҳд кардӣ то магар аҳли таҳлил набояд кушт. То ин буд Амр ибни ал-Лайс ба Ҷундишопур фаро расид, хушнуд гаштанд бо Яъқуб ба номае, ки аз паси вай фиристода буд ва Яъқуб ба омадани Амр шодмон гашт.

## Вафот ёфтани Яъқуби Лайс ба Ҷундишопур

Пас Яъқуб он ҷо бемор шуд ва иллате саъб пеш омад ӯро. Чун кори ҷаҳон ҳама рӯй бад-ӯ гирифт, нақс андар омад ва Амр ӯро андар он иллат ба нафси хеш хидмати бисёр кард, то рӯзи душанбе, даҳ рӯз монда аз шавволи санаи хамсун ва ситтуна ва миатай (дусаду шасту панҷ) фармон ёфт. Хабари вафоти ӯ ба Систон рӯзи якшанбе, дувоздаҳ рӯз монда аз шавволи санаи хамсун ва ситтуна ва миатай (дусаду шасту панҷ) [расид]. Ҳафдаҳ солу нӯҳ моҳ амирӣ кард ва Хуросону Систону Кобулу Синду Ҳинду Форсу Кирмон ҳама уммоли вай буданд ва ба Ҳарамайн хутба ӯро ҳамекарданд ҳафт сол. Ва аз дигар ҷойҳо андар ислом ҳама тоату фармони вай пайдо ҳамекарданд. Ва аз Дорулкуфр ҳар сол ӯро ҳадяҳо ҳамефиристоданд ва Маликуддунё ҳаменавиштанд, ӯро ба рӯзгоре дароз. Ва агар тамомии маноқиби ӯ андар набиштӣ, бисёр қиссаҳо будӣ ва дароз гаштӣ ин китоб. Аммо он ҳарбҳое, ки бо бузургони ислом кард миқдоре ёд карда шуд ва сирри некии ӯву адли ӯ маъруф аст, ки чӣ кард бар мардумони олам бар рӯзгори худ.

## Нишастани Амри Лайс ба амирӣ дар шавволи санаи хамсун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту панҷ)

Чун Яъқуб андар гузашт, Амр ва Алӣ ҳар ду бародар ҳозир буданд. Аҳди Алӣ ва фармони ӯ равонтар буд бар сипоҳ, аз он чи Амр ба хашм ба Систон омада буд ва он ҷо нав фаро расида. Ҳадис ҳамерафт миёни ду бародар ва

сипоҳ ду рӯз, рӯзи седигар[1] Шоҳини Бату Амрро гуфт, ки: Бародари ту мегӯяд[2]..., ки ангуштарӣ аз дасти Алӣ фаро ситад ва ба Амр дод. Амр кор пазируфту сипоҳ ризо дод ва Алӣ пушаймон шуд бад-он таанни[3], ки кард. Пас ҳама сипоҳ Амрро байъат карданд ва Амр нома набишт сӯи Муътамид ба самъу тоат. Ва расули Муътамид фаро расид наздики Амр ва аҳде нав бар амали Ҳарамайн ва Бағдоду Форс ва Кирмону Исфаҳон ва кӯҳҳо ва Гургону Табаристону Систон ва Ҳинду Синду Мовароуннаҳр ва гуфт, ки: Ин ҳама ислому куфр туро додем бар он ҷумла, ки ҳар сол маро бист ҳазор ҳазор дирам фиристӣ.

Ва расул Аҳмад ибни [Абӣ] ал-Асбаъ буд, Амр он амалҳо ҳама аз расул бипазируфт ва Абдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро халифати хеш кард бар Бағдод ва хилъат доду он ҷо фиристод андар сафари санаи ситтун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту шаш). Вилояти Ҳарамайн Наҳҷ ибни Ҳоҷро дод ва худ бозгашту ба Порс омад. Боз Амр сутунҳои заррину молҳои бузург фиристод наздики Муътамид. Ва Муътамидро бародар ба ҷунун муттаҳам кард ва маҳбус кард ва худ ба хилофат биншаст андар аввали санаи сабъун ва ситтуна ва миатай (дусаду шасту ҳафт), Муътамид андар охири санаи ситтун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту шаш) ба ҳабс андар фармон ёфт.

## Фармон ёфтани Муътамид бар ҳабс дар санаи ситтун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту шаш)

Ва Абӯаҳмад ал-Муваффақ ин амал бар Амр бидошт. Ва Алавӣ Ноҷим ба Басра берун [омада буд] ва сипоҳи Муваффақ Алавиро аз Аҳвоз манъ карданд ва роҳҳо бигрифтанд. Ва Амр Муваффақро моли бисёр фиристод ва адлу некуӣ бар мардумон пайдо кард ба Порс ва сипоҳро чиз ҳаме бахшид ва хилъатҳо ҳамедод. Алӣ ибни ал-Лайс

[1] Чунин корбурди шумораҳо, ки дар «Таърихи Систон ба назар мерасад («седигар рӯз», «седигар сол»), дар осори паҳлавӣ низ мустаъмал буда, шакле аз шумораҳои тартибӣ («сеюм») буд.
[2] Дар ин ҷо аз матни асл ҷумла афтода матлабро норавшан кардааст.
[3] Дер кардан, ба таъхир андохтан.

пушаймон ҳамебуд ва чизҳо ҳамегуфт андар ҳадиси Амр ва Амр бишниду Алиро банд барниҳод. Ва вилояти Форс Амр Муҳаммад ибни ал-Лайс Рӯҳро дод ва худ биёмад ба Систон ва ҳаволат кард сӯи Муҳаммад Ибни ал-Лайс ва Аҳмад ибни Абдулазиз, ки мол сӯи Муваффақ ҳамефиристанд ва Соъид ибни Мухалладро бар эшон мустаҳис[1] кард. Пас Бӯсоҷ дастурӣ хост, ки ба Бағдод равад, дастурӣ дод ӯро то ба Ҷундишопур бирасид, он ҷо фармон ёфт. Амр бишнид, писари ӯро – Муҳаммад ибни Абисоҷро таваллияти Маккаро дод ва Амр ба Систон андар омад рӯзи якшанбе, се рӯз боқӣ аз раҷаби санаи ситтун ва ситтуна ва миатай (дусаду шасту шаш) ва биншаст ба мотам ва мардумон ӯро таъзият карданд. Ва Алӣ ибни ал-Лайсро халос кард ва моли бисёр доду дили вай хуш гардонид. Андар ин миёна ҳар ҷо, ки аз ин бузургеро Яъқуб амал дода буд, чун Яъқуб андар гузашт, исён ба дил андар карданд Амрро ва хостанд, ки мулуки тавоиф гарданд. Пас Амр Муҳаммад ибни ал-Ҳусайн ад-Дирҳамиро бародари Алӣ Ҳасани Дирҳамиро бар Систон халифат кард ва ӯ домоди Амр буд, бар духтар – Фотима бинти Амр. Ва нома набишт Амр сӯи Амиралмуъминин Муваффақ ва назар хост аз хироҷи Систон ҳазор ҳазор дирам ва Муваффақ назар дод ҳазор ҳазор дирам ва Амр сӯи Хуросон рафт рӯзи душанбе, ҳафт рӯз монда аз рамазони санаи ситтун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту шаш) бо удаде ва иддате тамому ҳайате бузугвор аз либосу силоҳу сутур ва хазоин. Ва Муҳаммад ибни Амр писари ӯ бар ямини ӯ ва бар ясори ӯ Алӣ ибни ал-Лайс бародари ӯ ва моле бузург он рӯз Муҳаммад ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамиро дод. Чун ба Нишобур расид, Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал-Ҳуҷистонӣ хилоф пайдо кард ва Нишобур ҳисор гирифт. Ва Амр ба дари шаҳр фуруд омад, Алӣ ибни ал-Лайс бародари Амр андар ниҳон сӯи Хуҷистонӣ кас фиристод, ки: Ман ёри туам. Ва бо бародар хилоф кард, то чун ҳарб карданд, ҳол бар ин ҷумла буд [ва] Амр надонист. Ҳазимат кард рӯзи панҷшанбе, шаш рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи ситтун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту шаш). Хуҷистонӣ ҳама лашкаргоҳу бунаи Амр ғорат кард ва моле бузург ба дасти ӯ

---

[1] Маъмури хироҷ.

уфтод. Ва Амр ба Ҳарӣ андар омад ва бародарро – Алӣ ибни ал-Лайсро боз банд барниҳод ва Хуҷистонӣ бар асари Амр ба Ҳарӣ андар омад. Амр Ҳарӣ ба ҳисор гирифт ва Хуҷистонӣ донист, ки Ҳарӣ аз Амр натавон ситад, роҳи Систон баргирифт [ва] ба Фароҳ бисёр мардуми омма ёва[1] бикушт ва ғоратҳо кард ва ду рӯз монда буд аз рабеъулохири санаи сабъун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту ҳафт), ба дари Систон омад ва Муҳаммад ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамӣ, ки омил буд, шаҳр ҳисор гирифт. Вакили Амр ба Систон Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол буд ва шарики ӯ Шодон ибни Масрур буд. Байтулмолро[2] дар бикшоданд ва сипоҳро рӯзӣ бидоданд ва хилъатҳо ва силатҳои бисёр. Ва мардумони шаҳр нигоҳ доштанд ва ҳарби пайваста карданд. Амр аз Ҳарӣ андар сирр мол ва мард ҳамефиристод ва Хуҷистониро ҳеч хабар набуд. Чун донист Хуҷистонӣ, ки шаҳр натавонам кушод, касҳои хешро ба вайронии навоҳӣ ва ғорат фармон дод ва бар ҳар ҷо, ки битавонист, рабаз[3] хароб мекард. Пас мардуми омма даст андар ниҳоданд, ҳар куҷо аз они ӯ касе буд, ҳамаро бикуштанд. Пас Хуҷистониро хабар омад, ки Фазл ибни Юсуф қасди Нишобур кард, ки модари ӯро он ҷо бигирад ва хазоини ӯ баргирад. З-ин ҷо бирафт ба роҳи Қаҳистон рӯзи шанбе, даҳ рӯз боқӣ аз рабеъулохири санаи сабъун ва ситттина ва миатай (дусаду шасту ҳафт). Андар ин миёна Абӯ Талҳа Мансур ибни Муслим ва Муҳаммад ибни Зайдуя ҳар ду ба наздики Амр омаданд ба Ҳарӣ ва ҳардуро хилъат доду бинвохт ва моли бисёр дод. Ва Асрам ибни Сайф сипоҳсолори Хуросон кард ва худ аз Ҳарӣ ба Систон бозгашт рӯзи шанбеи нимаи зилқаъдаи санаи сабъун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту ҳафт) андар шаҳр омад.

Пас хабар бишнид, ки халифати вай бар Порс он молҳо, ки фармони Амр буд, наздики Султон нафиристод ва бад-он боб хилоф кард. Ва ҳамчунон Аҳмад ибни Абдулазиз ва номаи мустаҳис расид – Соид ибни Мухаллад ал-вазир – андар ин боб. Пас Амр нома навишт сӯи Соид ва

---

[1] Беҳуда, бегуноҳ.
[2] Хазинаи подшоҳӣ барои нигаҳ доштани пул ва мол.
[3] Ҳисори гирди шаҳр ва хонаҳои атрофи он.

ҳадиси Хуҷистониву изтироби Хуросон ёд кард ва андар нома гуфт: Чунон донам, ки Аҳмад ибни Абдулазиз ва Муҳаммад ибни ал-Лайс, ки халифати ман аст, он ҷо бо Хуҷистонӣ низ сар якӣ доранд андар хилоф.

Ва андар ин сол сипоҳсолор Муҳаммад ибни Тулун, ки амири Миср буд, ба Макка омад. Ва расм он буд, ки алами Амр ба Макка айёми мавсим ба ҷониби минбар ниҳодандӣ. Чун хабари тақсир кардани Муҳаммад ибни ал-Лайс шунид, андар ҳадиси мол фиристодан, Амр гуфт, ки: Андар ҳадиси ҷоҳи ман халал андар омад. Ва қасди Порс кард Амр. Пас хабар омад ҳамчунон ки вай ба дил андеша карда буд, ки алами Мисрӣ хостанд, ки бар ямини минбар бидоранд айёми мавсим ва халифати Амр андар Макка нагзошт, охир сухан дароз шуд ва ҳарб уфтод. Мардумони Макка нусрати халифати Амрро карданд ва алами Амр бар ямини минбар, чунонки расм рафта, бидоштанд.

Пас Амр писари хешро, Муҳаммад ибни Амрро ба Систон халифат карду сӯи Порс рафт, шаш рӯз гузашта аз муҳаррами санаи самонин ва ситтина ва миатай (дусаду шасту ҳафт). Ва Бӯталҳа халифати Амр бар Хуросон ба Сарахс шуд ва Хуҷистонӣ ба ҳарби ӯ омад ва ҳарбе сахт карданд ва Бӯталҳа ба ҳазимат ба Систон омад. Пас Муҳаммад ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамӣ ӯро ёрӣ кард бо молу мардон ва Амрро огоҳ кард. Амр нома ҷавоб кард, ки: Боз ба Хуросон рав ва аҳди нав фиристод. Бӯталҳа ба Хуросон бозгашт, боз дилтангӣ кард ва роҳ баргардониду ба Гургон шуд. Чун хабари куштани Хуҷистонӣ ба Гургон омад, Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс халифати хешро Фазл ибни Юсуфро ба Ҳарӣ фиристод ва андар зилқаъдаи санаи самонин ва ситтина ва миатай (дусаду шасту ҳашт) ба Ҳарӣ андар шуд. Амр чун хабар шунид, нома фиристод наздики аҳли Ҳарӣ ба самъу тоат кардан Фазлро ва наздики Фазл нома кард ба ҷидду иҷтиҳод кардан.

Чун Рофеъ бидонист, ки Фазл ба Ҳарӣ қарор гирифт, Муҳаммад ибни ал-Муҳтадиро ба ҳарби ӯ фиристод. Чун Муҳаммади Муҳтадӣ ба Ҳарӣ омад, аҳли Ҳарӣ қасди куштани Фазл карданд. Фазл ба Систон бозгашт ва Рофеъ ба нафси хеш ба Марв шуд ба ҳарби Бӯталҳа ва рӯзгоре ин чо ҳарб карданд. Охир Бӯталҳа ба ҳазимат бирафт ва ба

Тахористон шуд ва Рофеъ ба Ҳарӣ омад, рӯзгоре ба Ҳарӣ буд. Боз гуфт: Амр аз Систон дур аст. Ман бибояд шуд ба Систон бигирам, то худ чӣ бошад? Ва биёмад то Фароҳ, бузургони лашкари ӯ инкор карданд, ки ин натавонад буд. Аз он ҷо бозгашт ва лахте алафа баргирифт ва ба Ҳарӣ бозшуд. Андар ин миёна Муҳаммад ибни Амрро писаре бизод, Тоҳир ном кард рӯзи шанбе, сездаҳ рӯз боқӣ аз шаъбони санаи тисъун ва тисъина ва миатай (дусаду шасту нӯҳ). Ва Тоҳирро суннат карданд андар санаи тисъун ва ситтина ва миатай (дусаду шасту нӯҳ). Чун Тоҳир мавҷуд гашт, Муҳаммад ибни Амр хост, ки ба зиёрати падар равад ба Порс ва мубашшир ба нафси хеш бошад. Муҳаммад ибни ал-Ҳасанро хост халифат кард бар Систон ва худ бирафт сӯи Порс рӯзи шанбеи се рӯз гузашта аз муҳаррами санаи сабъина ва миатай (дусаду ҳафтод). Ва Амр ибни ал-Лайс Наср ибни Аҳмадро бо сипоҳе ба Рум фиристод ба ҳарби Аҳмад ибни ал-Лайс ал-Курдӣ то бирафт бо ӯ ҳарб кард ва ӯро асир гирифт ва молҳову хазоини ӯ ҳама бар гирифт ва пеши Амр овард. Ва Атиқ ибни Муҳаммадро ба Ромҳурмуз фиристод ба ҳарби Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Курд, то бо ӯ ҳарб карду ӯро асир гирифт ва бо молҳои ӯ ва сутурону таҷаммули ӯ пеши Амр овард. Ва ин ду солор буданд ҳар яке бо бист ҳазор савор, ки исён падид карда буданд ва ҳарду аз паҳлавонони Яъқуб буданд. Чун ин ду мард кушта шуданд, кори Форс рост гашт ва қарор гирифт. Боз Муваффақ нав аҳд ва маншуру ливо фиристод Амрро бар ҳама ислом ва Дорулкуфр ва фармон дод, ки ҳама андар фармони ӯ бояд буд ва ҳарчи аз Ҳинду Турку Рум кушояд, ӯро бошад.

Ва ба номаи Аҳмад ибни [Абил Асбаъ расид, ки акнун кори Форсу Ироқайн ва Арабу Шому Яман ҳама рост аст, ба Хуросон боз бояд гашт ва ғозиёнро ба Дорулкуфр бояд фиристод, то футуҳ ҳамебошад. [Пас Амр]Наср ибни Аҳмадро халифат кард бар Порсу Кирмон ва ба Систон омад ва хабари Рофеъ аз Ҳарӣ ёфта буд ва фармон дод Наср ибни Аҳмадро то чаҳор ҳазор ҳазор дирам фиристад Муваффақ[о]ва Муҳаммад ибни ал-Лайси Курдро бо хештан биёвард ва рӯзи панҷшанбе, даҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлохири санаи сабъина ва миатай (дусаду ҳафтод)

ба Систон андар омад ва рӯзе чанд бибуд. Рӯзи душанбе, ду рӯз гузашта аз шаъбони санаи ситтун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду шаш) бирафт сӯи Хуросон ва сарҳангони Хуросон ҳама ба зинҳор омадан гирифтанд наздики вай. Ва Муҳаммад ибни Амрро, писари хеш бар Систон халифат кард ва ба Ҳарӣ шуд ва Рофеъ ба Ҳарӣ ҳисор гирифт. Амр бо ӯ ҳарб кард, Рофеъ охир ба ҳазимат бирафт андар шавволи санаи сабъина ва миатай (дусаду ҳафтод). Боз Амр Билол ибни ал-Азҳарро ба Нишобур ба расулӣ фиристод, бузургони Нишобур пеши Билол бозомаданд ва тоати Амр намуданд, чун Муҳаммад ибни Ёсин ва Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Ҳузайма ва Уқайл ибни Амр. Ва бар Нишобур халифати Рофеъ Маҳдӣ ибни Маҷлис буд, чун хабари ҳазимати Рофеъ шунид, хутба бар номи Амр кард, Рофеъ аз Ҳарӣ ба Марврӯд шуд ва номаҳо набишт сӯи Амр ба тоат ва надомат бар карда ва афв хостанд. Ва Бӯталҳа аз Тахористон биёмад, ки наздики Амр ояд. Чун Рофеъро ба роҳ андар бидид, бо ӯ якӣ гашт ва ҳар ду қасди Амр карданд. Ва ҳар ду ба Марв қарор гирифтанд. Бӯталҳа ба шаҳр андар ва Рофеъ бар дари шаҳр. Чун рӯзе чанд бибуд, Бӯталҳа бар Рофеъ шабехун кард ва бештари сипоҳи Рофеъро бикушт ва Рофеъ танҳо ба нафси хеш бираст ва хост, ки ба Нишобур равад. Ва Бӯталҳа ба Марв андар биншаст ва Амр сӯи [Бӯ]алҳа номаҳои неку ҳаме набишт ва умедҳои неку ҳамекард, фармон накард. Ва Билол ибни ал-Азҳар ва Фазл ибни Юсуф бо сипоҳе ба Нишобур буданд, Амр ҷамоза[1] фиристод, ки: Бояд ки аз паси ман оед ба Марв. Ва худ ба тохтан ба Марв шуд ба ҳадиси Бӯталҳа ва Бӯталҳа бо сипоҳе бисёр берун омад ва ҳарбе саъб карданд ва ҳазимат бар Бӯталҳа уфтод. Пас аз он ки миқдори ҳафт ҳазор мард аз они ӯ кушта шуд ва Бӯталҳа бар боқии сипоҳи хеш ба роҳи биёбон бирафт. Амр порае бишуд ва бисёр асир гирифт. Шаб андар омад ва бозгашт Ва Фазл ибни Юсуф ва Билол ибни ал-Азҳар аз Нишобур бирафтанд ба фармони Амр [ва] Рофеъ фурсат ёфт ба Нишобур андар шуд, Амр хабари ӯ шунид, аз Марв ба Нишобур омад. Боз Рофеъ ба ҳарб берун омаданд, ба як ҳамла, ки сипоҳи Амр баровард,

---

[1] Шутури тезрафтор.

ба ҳазимат бирафт Рофеъ аввали рӯзи шавволи санаи иҳдо ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду як). Ва Амр рӯзе чанд ба Нишобур бибуд ва ба Систон бозгашт рӯзи панҷшанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз зилҳиҷҷаи санаи иҳдо ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду як) ба Систон андар омад. Ва Алавии Ноҷим ба Басра кушта шуд андар сафари санаи сабъина ва миатай (дусаду ҳафтод). Ва ӯ чаҳордаҳ солу чаҳордаҳ рӯз даъват карда буд Оли Пайғомбарро (с). Ва бар дасти ӯ кушта [шуда] буд, ба ҳарбҳо андар ин даъват понсад ҳазор мард аз аҳли таҳлил ва сипоҳе анбӯҳ бар ӯ ҷамъ шуда буданд. Ва андар санаи иҳдо ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду як) Соид ибни Мухаллад ба даргоҳи халифат бад гуфтани Амр ибни ал- Лайс оғоз кард ва Аҳмад ибни Абдулазизро, ки сипоҳсолори Яъқуб буда буд. Кирмону Порс мусаммо кард ва аҳду маншур дод. Наср ибни Аҳмад чун ин хабар бишнид, аз Порс ба Кирмон омад ва Амрро огоҳ кард. Амр Алӣ Ҳасани Дирҳамро бо сипоҳе ба ёрии Наср ибни Аҳмад фиристод, то бо Аҳмад ибни Абдулазиз ҳарб кунад. То Алии [Ҳасани] Дирҳам он ҷо расид, ҳарб карда буданд. Наср ибни Аҳмад ҳазимат кард ва Аҳмад ибни Абдулазиз кор маҳкам фурӯ гирифт ва Бакр ибни Абдулазиз бародари вай қалъати[1] Форс ғорат карду онро вайрон кард ва дарҳои он барканду ба Сипоҳон фиристод ва Мусоид ибни Мухаллад ба нафси хеш ба ақиби Аҳмад ибни Абдулазиз ба Форс омад ва ба Шероз қарор кард. Ва Аҳмад ибни Абдулазиз ба Сипоҳон шуд ва Бӯталҳа ба зинҳор омад пеши Амр ба Систон. Чун Амр чунон дид, Бӯталҳаро бар Систон халифат кард аз ҷиҳати писари хеш Муҳаммад ибни Амр ва Хуросон ҳама ба вай супурд, магар Ҳарӣ бар Пушанг, ки он Маҳдӣ ибни Маҷлисро дода буд. Ва худ бирафт ба сӯи Форс ва Муҳаммад ибни Амрро, писари хешро бар муқаддима фиристод аввали рӯз аз муҳаррами санаи исно ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду ду). Чун Соид ибни Мухаллад хабари Амр бишнид, Тарк ибни ал-Аббосро бо ҳаштод ҳазор савор ба ҳарби Амр фиристод ва Халаф ибни ал-Лайс аз Амр ба озор рафта буд ва ба даргоҳи халифат шуда ва халифат ӯро навохта ва

---

[1] Дар «Таърихи Систон» дар ҳама ҷо қалъа дар шакли «қалъат» омадааст.

солори ду ҳазор савор карда. Чун лашкарҳо фароҳам расиданд, Муҳаммад ибни Амр буд бар муқаддима ва Амр ҳанӯз аз пас буд. Халаф ибни Лайсро меҳри раҳм биҷунбид ва нахост, ки бар сипоҳи Амр ва писари вай ва мардумони Систон шикаст ояд. Сарҳангони сипоҳро ҳама некуӣ гуфту аз Амр умедҳо кард ва чиз дод, то бо ӯй якӣ гаштанд. Пас ба Тарк ибни ал-Аббос худ ва он сипоҳ, ки аз они Амиралмӯминин бо ӯ буданд, шабехун кард ва ҳама сипоҳи ӯро бикушт ва моли ӯй ва хазоину сутурон бигрифт ва зарродхона[1]. Ва Тарк ибни ал-Аббос ба ҳазимат сӯи Соид ибни Мухаллад шуд. Пас чун Халаф ин кор бикард, наздики Муҳаммад ибни Амр омад, бо ду ҳазор савору ҳазор марди пиёдаи саҷзӣ ва ҳама чун ғайбати Амр кард[2]… ҳазимат бар ӯ уфтод. Ба Сирҷон омад ва Муътазид Порс бигирифт. Андар ин миёна Рофеъ ба Хуросон буд ва Бӯталҳа халифати Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс буд, қасди Рофеъ кард. Чун кор бар Рофеъ сахт шуд, ба Мовароуннаҳр шуд ва аз Наср ибни Аҳмад ёрӣ хост. Наср бародари хешро Исмоил ибни Аҳмадро бо чаҳор ҳазор савор бо ӯ ба ёрӣ фиристод. Чун ду лашкар якӣ шуд, Бӯталҳа ба роҳи Систон баргирифт, ба Ҳарӣ бирасид ва Маҳдӣ ибни Маҷлис ба ҳарби ӯ берун шуд. Бӯталҳа бо ӯ ҳарб кард ва ӯро асир кард. Боз некуӣ карду халос кард Маҳдиро ва худ ба Систон омад. Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол ва Шодон ибни Масрафа пазираи Бӯталҳа берун омаданд ва ӯро ба шаҳр андар оварданд ва хилъатҳо доданду некуӣ карданд ва сӯи Амр нома фиристоданд. Амр ҷавоб кард ва Бӯталҳаро бихост. Буталҳа бирафт ва он ҷо шуд ва ба Сирҷон ба Амр расид. Ва миёни Муътазиду Соид хилоф уфтод ба Порс ва Муваффақ Муътазидро бозхост аз Порс. Ва Амр боз қасди Шероз кард, Соид бигрехт, ба Ироқ шуд.

**Гирифтани Амр Порсро дигарбора**

Ва Амр Порс бигрифт, Муваффақ нома набишт сӯи Амр, ки: Моли пазируфта бибояд фиристод ва писари хешро сӯи ман фирист. Амр сипоҳ берун фиристод, сӯи

---

[1] Қӯрхона, маконе, ки дар он ҷо аслиҳа месозанд, ё аслиҳаро нигоҳ медоранд.

[2] Дар ин ҷо аз матн чизе афтодааст.

Бурҷон ва Муҳаммад ибни Амрро бар муқаддима фиристод ва Бӯталҳаро бар асари ӯ ва сипоҳҳои бисёр фавҷ-фавҷ ҳаме фиристоданд. Чун хабар сӯи Муваффақ расид, худ ба нафси хеш берун омад бо саду панҷоҳ ҳазор савор. Чун Муҳаммад ибни Амр хабари вай бишнид, бозгашт [ва Бӯталҳа] бо сипоҳе бузург баргашта ва сӯи Муваффақ шуд. Чун Бӯталҳа ва сипоҳ баргаштанд, Амр ба Кирмон омад ва Муваффақ бар асари ӯ биёмад ва Амр ба биёбони Кирмон биёмад. Чун ба Рошидӣ бирасид, Муҳаммад ибни Амр бемор шуд ва он ҷо фармон ёфт рӯзи одина, ёздаҳ рӯз боқӣ аз ҷумодиюлаввали санаи арбаъун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду чор). Ва Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс ҳам андар ин моҳ зода буд аз модар шаби чаҳоршанбе, дувоздаҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлаввали санаи арбаъун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду чор). Ва Амр ба Систон андар омад рӯзи душанбе, ду шаб гузашта аз ҷумодиюлохири санаи арбаъун ва сабъина ва миатай. Ва Муваффақ номаҳои неку набиштан гирифт сӯи Амр ба сулҳ ва дили Муваффақ ба ҳадиси Шому Миср машғул гашта буд, ки донист, ки чун Амр хилоф ошкор кунад, эшон хилоф оварданд. Пас Аҳмад ибни Абил Асбаъро ба расулӣ фиристод аз Кирмон ба Систон, то ҳама мусулмонон бар ӯ муқотаъа[1] кунанд. Аҳмад ибни Абил Асбаъ ба Систон андар омад рӯзи одинаи ҳафт рӯз гузашта аз сафари санаи хамсун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду панҷ) ва Амр ӯро каромат кард бисёр ва бинвохту Кирмону Форсу Хуросон ба даҳ бор ҳазор ҳазор дирам муқотаъа кард. Ва Систон худ хоси ӯ буд ва хилъату ливою аҳд оварда буд, ӯро дод ва аҳд бар мардумон бархонд. Ва Амр Аҳмад ибни Абил Асбаъро понсад ҳазор дирам бидод ва ба некуӣ бозгардонид ва ду бор ҳазор ҳазор дирам бидод Амрро аз он мол бад-ончи мардумонро андар сипоҳи Муваффақ шуда буд. Ва Субкариро Амр ба Бағдод фиристод ба ҳадяҳои неку наздики Муваффақ ва Аҳмад ибни Абил Асбаъ бо ӯ якҷо бирафт. Субкарӣ ба Бағдод расид андар зилқаъдаи санаи хамсун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду панҷ) ва ба Бағдод андар Муваффақ фармон дод, то номи Амр

[1] Бо таъйини музд иҷрои кореро ба касе супурдан.

бар ҳама аломатҳо[1] ва матрадҳо[2] ва сипарҳо ва дари хонаву дӯконҳо барнабиштанд. Ва Амр Билол ибни ал-Азҳарро ба Форс бифиристод, ба халифатии хеш ва Абдулғаффор ибни ал-Маҷлисро бар моли ҳироҷи он ҷо фиристод ва худ ба Систон бибуд якчанде ва Билол он шуғл неку ҳамеронд. То боз Амр қасди Форс кард ва Аҳмад Шаҳфур ибни Мусоро халифат кард бар Систон бар ҳарбу намоз ва хироҷ [ва] коло ва Шоҳфури Озодмардро ёри ӯ кард андар ваколату хазина ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Миколро ва Шодон ибни Масрурро маъзул кард аз ваколат ва ин рафтан андар моҳи Раббеъулохири санаи ситтун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду шаш) буд.

### Гурехтани Алӣ ибни ал-Лайс аз қалъаи Бум

Чун Амр ба Порс расид, Алӣ ибни ал-Лайс банд буду маҳбус ба қалъаи Бум, ҳилате бикарду хештанро халос кард, андар моҳи рамазони санаи ситтун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду шаш). В-аз он ҷо гурӯҳе ҷамъ кард ва ба тохтан ба Систон омад, Аҳмад ибни Шаҳфур ва Азҳар ибни Яҳё ҳар ду бо сипоҳ ба ҳарби ӯ берун шуданд. Чун чунон дид, ҳарб накард, роҳи Хуросон бигрифту ба наздики Рофеъ ибни Ҳарсама шуд бар хилофи Амр. Ва чун хабар ба наздики Муваффақ расид, фармон дод, то номҳои Амр маҳв карданд аз эълом ба Бағдод андар шавволи санаи ситтун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду шаш). Ва Амрро хабар набуд аз он ва ҳадяҳо фиристод сӯи Муваффақ ва Муваффақ ба Исфаҳон буд, омада ба талаби Аҳмад ибни Абдулазиз ва Мусо ал-Муфлиҳиро ба Порс фиристод бо сипоҳе бисёр. Чун Амр бишнид, ба Кирмон омад ва Мансур ибни Наср ат-Табарӣ бо сипоҳе бисёр аз Систон наздики Амр шуд ва боз сӯи Форс рафт. Чун ба наздики Истахр бирасид, сипоҳи Мусо Муфлиҳӣ тохтан оварданд ва ҳарб карданд, Амр аз эшон бисёр бикушт ва бигрифт ва Мусо ба ҳазимат бирафт ва ин рӯз якшанбе буду чаҳордаҳ рӯз боқӣ аз зилҳиҷҷаи санаи ситтун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду шаш). Ва Амр аз паси ӯ то ба Байзо бишуд ва чаҳор

---

[1] Парчам, дирафш.
[2] Найзаи кӯтоҳ.

ҳазор мард аз гурӯҳи он асир карданд ва ҷумлаи он асиронро ба Систон фиристод ва эшонро ба Систон андар оварданд ва бар ҳама қалъатҳо бифиристоданд гурӯҳ-гурӯҳ ва Муфлиҳиён ном карданд. Ва Амр ба Шероз андар шуд музаффар ғурраи муҳаррами санаи сабъун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду ҳафт) ва байъат карданд Абулаббосро ал-Муътазид Биллоҳ ба валиаҳдии Муваффақ. Хабар ба Амр расид, ки номи ӯ аз эълом бияфкананд, ӯ низ номи Муваффақ аз хутба бияфканд. Аҳмад ибни Абдулазиз дастурӣ хост аз Муваффақ, ки ба ҳарби Амр равад, дастурӣ ёфт ва бо лашкаре сохта ва анбӯҳ биёмад. Чун ду лашкар баробар шуд, ки якдигарро сохта бидиданд, бе ҳеч ҳарбе Аҳмад ибни Абдулазиз ба ҳазимат бозгашт ва Амр аз паси ӯ бишуд, то ба Байзо ва бисёр мардум асир гирифт ва буна ва коло ва силоҳ. [Пас' Билоли Азҳарро ба Порс фиристод ва худ ба Аҳвоз шуд ва Мансур ибни Наср ат-Табариро ба Тустар фиристод. Ва Васиф ал-Ходим ба зинҳори Амр омад, бо сипоҳе бисёр ва Амр сипоҳ андар Аҳвоз пароканда кард. Вазири Бағдод бад-он рӯзгор Исмоил ибни Билол буд ва Муваффақ ғоиб буд, ба Ҷазира рафта буд. Пас Исмоил наздики Амр номаҳои неку кард[у] ваъдаҳои бисёр, ки: Ин ҳама они туст ва ҷой андар ҳама ислом бо ту хилофе нест. Аммо ҳаққи улуламр ва хонадони Мустафо нигоҳ бояд дошт аз баҳри динро, бояд ки бар ин ҷумла, ки ёд кардем аз Аҳвоз бозгардӣ. Амр бозгашт. Чун Мусо ба Бағдод омад ва шунид, ки Амр бо Аҳмад ибни Абдулазиз - бар чӣ кард ва ба Аҳвоз омад ва моли он бистад, тофта гашт. Қасд кард, ки худ ба нафси хеш ба Шероз ояд. Бад-ин тадбир андар буд, ки иллате саъб ӯро пеш омад ва фармон ёфт рӯзи панҷшанбе, ҳашт рӯз гузашта аз сафари санаи самонин ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду ҳашт).

## Вафот ёфтани Муваффақ ва нишастани ал-Муътазид Биллоҳ ба хилофат

Ва Абулаббос ал-Муътазид Биллоҳ ба амирӣ нишаст ва он рӯз, ки падар мурд, Муътазид маҳбус буд. Чун биншаст, аввал чизе он фармуд, ки Исмоил ибни Билолро, ки вазир буд, бикуштанд, ки ӯро ба тадбири ӯ бозгирифта буд падар. Ва Убайдуллоҳ ибни Сулаймон ибни Ваҳбро

вазир кард. Ва пас Иброҳим ибни Исҳоқ ал-Қозиро ба расулӣ фиристод сӯи Амр ва сулҳ кард бо ӯ ва ҳама муродҳои Амр ба ҳосил овард ва фармон дод, то номи ӯ бар ҳамон ҷойҳо, ки буд, бинавиштанд ва ба Ҳарамайн хутба карданд ӯро бори нав ва хилъату ҳадяҳои бисёр ва ливо фиристод ба вилояти Порс, Кирмону Хуросон, Зобулистону Систон ва Кобул ва шуртаи Бағдод. Ва фармон дод, ки ба ҳарби Рофеъ ибни Ҳарсама бояд рафт, Амр бипазируфт, аз Форс бозгашт андар санаи тисъун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду нӯҳ). Муҳаммад ибни Шаҳфур ибни Мусоро бар Форс халифат кард. Ва Халаф ибни ал-Лайс ибни Фарқад ибни Сулаймон ибни Моҳон фармон ёфт рӯзи душанбе, ёздаҳ рӯз монда аз зилҳиҷҷаи санаи тисъун ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду нӯҳ). Ва ливои Амр бар ин вилоятҳо, Исо ан-Навшарӣ овард ва Амр ӯро хилъат дод ва сад ҳазор дирам дод. Амр ба Систон андар омад рӯзи Наврӯз ва он рӯзи панҷшанбе буд, ҳашт рӯз боқӣ аз муҳаррами санаи самонин ва сабъина ва миатай (дусаду ҳафтоду ҳашт). Ва он рӯз, вазир кард Аҳмад ибни Абирабиъаро ва хилъат дод ва якчанде бибуд ба Систон ва рӯзи душанбе, ғурраи рабеъулаввали санаи самонин ва миатай (дусаду ҳаштод) бирафт сӯи Хуросон ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ал-Лайсро халифати хеш кард бар Систон. Чун ба Ҳирот расид, омили Ҳарӣ бигрехт, ки аз ҷиҳати Рофеъ буд ва Рофеъ ба Рай буд. Чун хабар Амр бишнид, ба Гургон рафт, ки он ҷо кор бисозад ва ҳарб кунад. Ва Амр Билол ибни ал-Азҳарро ба Қаҳистон фиристод ба ҳарби Муҳаммад ибни Рувайдӣ ва Муҳаммад ибни Рувайдӣ ба кӯҳ баршуд ва Билол Қаҳистон ҳама ба ғорат бидод. Боз Амр ба нафси хеш он ҷо шуд, пас Муҳаммад ибни Рувайдӣ ба зинҳори Амр омад. Ӯро зинҳор доду бинвохт, з-он ҷо ба Нишобур шуд ва Мансур ибни Муҳаммад ибни Наср ат-Табариро ба Марв фиристод ва фармон дод, ки: Талаби Алӣ ибни ал-Ҳусайн ал-Марврӯдӣ кун ба ҳар ҷо, ки ҳаст. Пас Мансур ибни Муҳаммад ибни Наср андар он фармон мудоҳанат[1] кард. Амр бар ӯ хашм гирифт бад-он сабил ва ба нома андар пайдо кард, Мансур қасд кард, ки сӯи Амр

[1] Дурӯягӣ, фиреб, чоплусӣ.

наёяд. Амр кас фиристод, ки ӯро биёранд. Ӯ бигрехт, сӯи Рофеъ шуд ва Рофеъ бад-ӯ қавӣ шуду аз Гургон қасди Нишобур кард.

**Ҳазимат кардани Рофеъ ибни Ҳарсама аз пеши Амри Лайс**

Ва бар муқаддимаи Рофеъ бародари ӯ буд – Муҳаммад ибни Ҳарсама ва Абӯмансур ибни Мухлис ва Мансур ибни Наср ва ал-Лайс ибни Алӣ ва Муаддил ибни Алӣ писарони Алӣ ибни ал-Лайс. Пас ду лашкар баробар шуд ва ҳарбе саъб бикарданд ва Рофеъ ба ҳазимат ба Гургон шуд ва Амр то Басфароин аз паси ӯ бишуд ва Лайсу Муаддилро, ду писари Алии Лайсро ҳар ду асир гирифт ва ба Нишобур овард ва ҳар дуро бинвохту хилъат дод ва некуӣ гуфт. Пас гуфт Амр: Сӯи падар равед. Гуфтанд: На мо бандагонем, ин ҷо бибошем, падар худ биёяд. Ва Билол ибни Ал-Азҳарро амири Нишобур кард ва Муҳаммад ибни Шаҳфурро ба Марвурруд фиристод ба талаби Алӣ ибни ал-Ҳусайн. Ва Алӣ бигрехт, ба Балх шуд ва писари Фареғун бо ӯ як ҷо он ҷо ҷамъ шуданд, то Бӯдовуд, ки омили Балх буд, аз Амр эшонро зинҳор хост ва Амир зинҳор дод. Чун Амр қасди Марв кард, Рофеъ ба Насо омад, Амр наздики сарҳангони Хуросон ҷамоза[1] ва нома фиристод, ки: Ба талаби ӯ равед. Чун Рофеъ бидонист, ба биёбони Сарахс бирафт ва Амр аз паси ӯ ба тохтан бишуд, Рофеъ сӯи Тӯс фуруд омад ва з-он ҷо ба Нишобур шуд ва ба ҳисор андар шуд. Ва Амр ба Нишобур омад. Ин ҳама андар рабеъулохири санаи салосун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду се) буд.

Пас Рофеъ аломатҳо сапед кард ва сиёҳ бияфканду хутба кард Муҳаммад ибни Зайдро ва ӯ ба Табаристон буд. Ва хутбаи Муътазид бигзошт ва Амрро аз ҳар сӯй ҳамл ҳаме оварданд ва Рофеъ ба тохтан лашкар фиристод, ки магар ҳаме ба даст кунад. Амр Аҳмад ибни Самиро ва Алии Шарвинро бо сарҳангон бифиристод, ҳар ду лашкар фароҳам расиданд ва ҳарб фаро гирифтанд. Рофеъ битохт ба ёрии гурӯҳи хеш, Амр бишнид, низ ба тохтан шуд ба ёрии сипоҳи хеш ва Муҳаммад ибни Бушрро аз пеш

---

[1] Шутури тезгард.

фиристод ба Бобуззод. Ҳар ду фароҳам расиданду оби Мансур ибни Наср ат-Табарӣ гирифта буд ва ин рӯзи шанбе буд, панҷ рӯз боқӣ аз рамазони санаи салосун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду се). Ва Амр бифармуд, то гирди Нишобур канда карданд. Боз аз канда берун омад. Рофеъ ба Сабзавор буду он ҷо ҳарб карданд ва бисёр мардум кушта шуданд ва Рофеъ ҳазимате зишт кард. Ва Мансур ибни Мухлис ба зинҳори Амр омад. Ва Амр аз паси Рофеъ биронд то ба Род шуд, пас аз он ҷо бозгашт, наҳви панҷ ҳазор мард асир гирифт ва панҷ ҳазори дигар ба зинҳор омад сӯи Амр, ҳамаро бинвохт ва некуӣ кард. Ва Алӣ ибни Шарвин ва Аҳмад ибни Самиро бифиристод бо сипоҳе бузург бар асари Рофеъ ва Рофеъ ба биёбони Хоразм андар шуд, бо андак моя мардум. Чун аз он ҷо берун шуд, ғуломони вай қасди куштани ӯй карданд ва бо эшон ҳарб кард. Охир буна ва колои ӯ бибурданд ва ба Туркистон шуданд. Рофеъ ба Хоразм омад танҳо ва андар монда ба работе андар шуд, ки тавбат кунад ва биншинад. Мардумони Хоразм бидонистанд, ӯро андар он работ бикуштанд, андар шавволи санаи салосун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду се) ва ӯро Муҳаммад ибни Амр ал-Хоразмӣ кушт, ки омили Амр буд бар Хоразм. Ва Амр ба Нишобур буд. Кори Хуросон ба куштани Рофеъ қарор гирифт ва Муҳаммад ибни Васиф ин шеър андар ҳадиси ӯ гӯянд:

**Шеър:**

*Эй дил, дигар бин аз Табарон, ки*
*Пирӯза намой аз садафи марҷон.*
*Ва Рофеъ акрон, ки шудаш хаста,*
*Аз феъли Абиҳафс шаҳи Ҷишон.*[1]

---

[1] Дар шарҳу тавзеҳи абёти мазкури Муҳаммад ибни Васиф устод Маликушшуаро Баҳор изҳори андеша кардааст ва хулосаи он чунин аст, ки шеъри мазкур дар матни асл дар ҳамон ҳол оварда шудааст. Аз мисраи дуюми он маълум мегардид, ки дар вазни ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуф (мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлун) аст. Устод Баҳор андешаи Эътимодуссалтанаро, ки бори нахуст матни «Таърихи Систон»-ро дар «Рӯзномаи Эрон» чоп кардааст, дар бораи дар вазни Музореи ахраби макфуф (мафъӯлу фоилоту мафоӣлун) рад мекунад ва мегӯяд, ки дар ин шеър баъзе норавшаниҳо боқӣ мондаанд, ки ҳалли онҳо даст надодааст.

Пас Амр Алӣ ибни ал-Ҳусайнро ба Гургон фиристод ва Муҳаммад ибни Шаҳфурро ба Марв. Ва Муҳаммад ибни Амр ал-Хоразмӣ ба Нишобур наздики Амр омад пас аз он ки Рофеъро кушта буд, Амр ӯро хилъат дод ва ба Хоразм фиристод. Ва Арроқ ибни Мансур аз ҷиҳати Исмоил ибни Аҳмад ба Хоразм омада буд. Амр нома набишт сӯи Алӣ ибни Шарвин, бо Муҳаммад ибни Амр ба Хоразм шуд, бо сипоҳ он ҷо бирафтанд ва ба ҷониби шарқӣ сӯи Бухоро фуруд омаданд. Ва гармои сахт буд, ба биёбон наёристанд рафт. Он ҷо бибуданд, то ҳаво хуш шуд ва ба Ҷайҳун бигзаштанд шаби одина, салхи[1] рабеъулохири санаи хамсун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду панҷ). Исмоил ибни Аҳмад аз Бухоро берун омаду гуфт: Боз гарданд ва ҳарб набояд. Эшон бозгаштанд.

Хабар ба Амр омад, боз Муҳаммад ибни Бушр[ро] бо сипоҳе бисёр ба ёрии эшон фиристод, ки бо Исмоил ибни Аҳмад ҳарб бояд кард. Боз ҷамъ шуданд ва қасди Исмоил карданд. Исмоил марде ғозӣ буд ва ҳама сипоҳи ӯ ҳамчунон мардумоне буданд, ки рӯзу шаб намозу дуо кардандӣ ва Қуръон хондандӣ. Ӯ низ қасди эшон кард ва ҳарбе сахт бикарданд. Ва Муҳаммад ибни Бушр кушта шуд ва Алӣ ибни Шарвин ва гурӯҳе бузург асир монданд ва ин андар охири шавволи санаи хамсун ва самонина миатай (дусаду ҳаштоду панҷ) буд. Чун хабар ба Амр расид, он ӯро бузург омад ва давлати дерина гашта ва сабабе ҳаме боист гашт. Нанг дошт аз он ва ҳамият ӯро бигрифт. Нома набишт сӯи Муътазид, вилояти Мовароуннаҳр бихосту гуфт: Агар ин шуғл маро диҳад ва бад-ин ризо дорад, ман Алавиро аз Табаристон барканам ва агар надиҳад, ночор ман Исмоил Аҳмадро барканам. Ва ба наздики Абдуллоҳ ибни Сулаймон андар ин боб бинвишт: Чун Абдуллоҳ он нома бихонд, ӯ дӯсти Амр буд гуфт: чӣ ҳоҷат аст он меҳтарро бад-ин ва ман донам, ки ин Амиралмуъмининро хуш наёяд. Бозгуфт, андар маҷлиси Муътазид ва нома арза кард, Амиралмуъминин сар фуруд афканд ва замоне бибуд, боз сар бароварду гуфт: Ҷавоб кун номаи Амр чунон, ки дархостаст ва чунин донам ки ҳалоки ӯ дер нест ва наздики

[1] *Салх* – охири моҳ, *гурра* – аввали моҳ.

Исмоил ибни Аҳмад бинвис, ки: Мо дасти ту кӯтоҳ накардем з-он амал, ки карда будем вассалом.

Абдуллоҳ ибни Сулаймон номаи Амр ҷавоб кард, ки: Амиралмуъминин он чӣ хоста будӣ, тамом кард, аммо хуш набуд андар он ва аҳду ливо бифиристод. Амр чун нома бад-ӯ расид, сипоҳи худ ҷамъ карду ба ҳарби Исмоил шуд ва Алӣ Ҳусайни Дирҳамро бар муқаддима бифиристоду худ ба Гургон бибуд. Ва Муҳаммад ибни Ҳамдон ибни Абдуллоҳро бифиристод ва ӯ волии Зобулистон буд. То ин буд, хабар омад, ки Носиди Ҳиндӣ ва Олмони Ҳиндӣ ҳар ду шоҳ якӣ гаштанд ва ба Ғазнин омаданд ва Барди Олӣ, ки омили Амр буд, ӯро аз Ғазинин ҳазимат карданд. З-он тангдил шуд ва бирафт то ба Балх расид. Ва Исмоил ибни Аҳмад андар Мовароуннаҳр мунодӣ кард, ки: Амр омад, ки Мовароуннаҳр бигирад ва мардумон бикушад ва молҳо ғанимат кунад ва занону фарзандон барда кунад. Чун чунин буд, ҳар чи андар Мовароуннаҳр кас буд, мардумони корӣ ҳама бо ӯ бархостанд ва ба ҳарби Амр омаданд, гуфтанд: Ба мардӣ кушта шавем беҳ аз он ки асир.

Амр ба Балх андар буд ва Исмоил ба дари Балх ва ҳарбҳои бисёр бикарданд. Боз Исмоил сари гурӯҳе аз сарҳангони Амр бигардониду эшонро аз Худой-таъоло битарсонид, ки: Мо мардумони ғозием ва моле надорем ва ин мард ҳаме дунё талаб кунад ва мо охират, аз мо чӣ хоҳад? То охир рӯзе ҳарби саъб ҳамекарданд, боде даромад чун соиқа, ки рӯз шаб гашт ва лашкари Амр ҳазимат карданд. Амр ҳаме ҳарб кард, то бигрифтандаш рӯзи сешанбе, як шаб монда аз рабеъулохири санаи сабъун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду ҳафт).

## Мондани Амри Лайс ба Балх ба дасти Исмоил ибни Аҳмад ва вафоти Насри Аҳмад

Ва андар ин сол мурд Наср ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон сайиди Оли Сомон ба Самарқанд шаби одина, дувоздаҳ рӯз гузашта аз шавволи санаи сабъун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду ҳафт). Пас чун Амр асир монд, Тоҳиру Яъқуб ду писари Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс бо сарҳангону сипоҳ ба ҳазимат ба Хуросон омаданд. Ва

уммоли Хуросон ҳама ҷамъ шуданду ба Ҳарӣ омаданд ва з-он ҷо ба Систон омаданд. Ва Муҳаммад ибни Шаҳфур бар роҳи Кирмон ба Буст омад ва дергоҳ он ҷо бимонд. Ва Билол ибни ал-Азҳар аз Форс ба Кирмон омад. Пас сипоҳи Амр ҳама ҷамъ шуданд ва Тоҳирро байъат карданд ва Тоҳир Аҳмад ибни Шаҳфурро вазорат дод ва ҳукми подшоҳӣ ба дасти ӯ кард. Ва он рӯз, ки Тоҳирро байъат карданд, андар Арк ҷудогона ба хазина андар сиву шаш бор ҳазор ҳазор дирам буд, дуни динору ҷавоҳир ва хизонаҳо пур буд ва қалъаи Испаҳбаду дигар қалъаҳо ҳама ганҷхонаву хазина буд. Ҷомаву силеҳу сутуронро касе адду аҳсо надошт, ки чанд буд ва зиёву иқор ва маркабони бузургвору даҳ ҳазор ғуломсарой буд, дуни берунӣ. Тоҳир рӯзи сешанбе,  сездаҳ рӯз боқӣ аз ҷумодиюлаввали санаи сабъун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду ҳафт) ба Систон андар омад ва Аҳмад ибни Шаҳфур нома навишт сӯи Муътазид ва сӯи Убайдуллоҳ ибни Сулаймон ва огоҳ кард, ки Амр асир монд. Сипоҳ Тоҳирро байъат карданд. Субкарӣ муставлӣ гашта буд бар Тоҳир ва бар сипоҳ ва ҳамаро гирифта буд. Ва намебоист ӯро, ки Аҳмад ибни Шаҳфур вазорат кардӣ ва нома, ки ӯ менабишт, ниҳон ҳамекард. Ва Алӣ ибни ал-Лайс ба Систон ниҳон буд ва Субкарӣ сар бо ӯ якӣ  дошт. Боз сарҳангонро наздики ӯ бурд ва ихтилоф миёни сипоҳ андар уфтод. Яке гуфт: Тоҳир бояд дигар гуфт на Алӣ бояд, ки ӯ худ васии Яъқуб буд.

**Расидани номаи Амр**

Боз номаи Амр расид аз Самарқанд бар дасти Юсуф ибни Яъқуб ан-Нақиб, ки: Шуғли ман [ба] бист бор ҳазор ҳазор дирам рост шуд, ки маро бигзоранд ва ин мол наздики Амиралмуъминин фиристад. Ва Исмоил Амрро андар сарои Наср ибни Аҳмад фуруд оварда буд ба Самарқанд. Чун нома ин ҷо расид, эшонро хуш наёмад, берун гузоштани Амр. Рӯз-рӯз мегузоштанд, то номаи Амр дигар роҳ бирасид, ки он ки гуфта буданд, ки бист бор ҳазор ҳазор, акнун бурда бар ҳазор ҳазор дирам рост шуд. Бояд ки ин ҷумла бифиристанд ва инро хатаре нест. Чун ин нома андар расид, сарҳангон Тоҳир ва Яъқубро писарони

Муҳаммаду Амрро гуфтанд, ки: Донед, ки чӣ рафт андар ин миёна, он акнун ҳама Амр андар дил дорад. Накардед ҳарб он рӯз, то ӯ гирифта шуд, ки танҳо ҳарб ӯ кард ва мо накардем ва ғорат кардани [чизе], ки бо ӯ буд. Ва з-он ҷо биёмадем, он чи аз мо рафт дар Хуросон дар ҳар шаҳре ва нишондани ту, ки Тоҳириву байъат кардани туро. Ва атият[1], ки ту додӣ аз хазина моро ва бисёр ҳадсон, ки аз мо уфтодаст, ба ҳеч ҳол салоҳ бошад. Чун ӯ берун омад на ту монӣ[ву] на мо. Агар худ бад-ин ҳама ризо диҳад, мо он гоҳ он чи хоҳем натавонем кард.

Чун ҳол чунин бибуд, Тоҳир Яъқубро бародари хешро бар Систон халифат кард ва худ рӯзу шаб ба нишоту лаҳв машғул шуд. Ва кор Субкарӣ гирифт ва ҳама ҳаллу ақд ба дасти ӯ шуд ва Субкарӣ боз қасди куштани писарони Шаҳфур кард, Аҳмаду Муҳаммад ҳар ду ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Миколро муқаддам кардан гирифт бар шуғли вазорат ва сабаб он буд, ки Аҳмад ибни Шаҳфур вазир буд аз ҷиҳати Тоҳир ва бародараш Муҳаммади Шаҳфур ба Буст биншаста буд. Ва Аҳмад ҳаме набишт сӯи ӯ, ки: Ин ҷо бояд омад, то ман вазорат ҳаме кунам [ва] сипоҳсолор ту бошӣ. Муҳаммад ҷавоб ҳаме набишт, ки: Аз хирад воҷиб накунад андар ин рӯзгори фитрат, ки мо як ҷо ҷамъ бошем. Савоб он аст, ки ман ин ҷо ба Буст ҳамебошам ва ту ба Систон, то худ чӣ пайдо ояд, ки ин давлат сар сӯи нишеб ниҳод. Охир Аҳмад нагзошт ва Тоҳирро бар он дошт, то номаҳои муаккад[2] набишт сӯи Муҳаммад Шаҳфур, то биёмад ба Систон мукраҳ[3] ва Тоҳир ӯро бинвохту бисёр некуӣ карду гуфт ва сипаҳсолорӣ бар ӯ арза кард ва ӯ қабул накард, то боз тадбир карданд, ки Субкариро ба Руххад фиристанд ва аз даргоҳ дур афкананд. Ва аҳд навиштанду ӯро ба Руххаду Кобул ва замини Ҳиндустон ва хилъат бидоданд ва ӯ нарафт. Ҳар рӯз иллате ҳамеовард ва Аҳмади Шаҳфур андар ҳадис арз кардан бар сипоҳ сахтӣ ҳамекард ва андар атият ва сабаби ҳалоки ӯ он буд, ки то охир сипоҳ тадбир карданд. Боз гуфтанд: Чун Муҳаммад ибни Ҳамдон ибни Абдуллоҳ ҳозир бошад, эшонро натавон кушт. Боз

[1] Туҳфа, ато.
[2] Ба таъкид.
[3] Дар асли матн «букраҳ» аст.

замини Довару Буст Муҳаммад ибни Ҳамдонро доданд ва аҳд набиштанд. Пас Муҳаммад ибни Ҳамдон ибни Абдуллоҳ сипоҳи хеш ҷамъ кард ва барнишасту ба даргоҳ омад. Эшонро Тоҳир хилъат дод ва савганд дод, ки узр нагӯянд. Дигар рӯз Тоҳир бар боми Кӯша шуд ва сипоҳ дар майдон ҷамъ шуданд ба дари кушки Яъқубӣ, бадраҳои дирам биёварданд ва аз бом бар лашкар ҳаме парокананд ва эшон барчиданд. Ва бад-он маънӣ он хостанд, ки: Агарчи номи шумо аз девони Аҳмади Шаҳфур бияфкананд, бок мадоред, ки дирам ҳаме диҳем шуморо. Эшон дирам баргирифтанд ва бозгаштанд. Дигар рӯз Муҳаммад ибни Ҳамдон ба расми бор андар шуд ва салом кард ва бозгашт, ки биравад. Дукои ходим дасти ӯ гирифт ва ба ҳуҷраи хеш бурд, ки: Пайғоми амир бишнав пеш аз рафтан, то бар он кор накунӣ. Чун ба ҳуҷра андар шуд[1], мардон андар шуданд ва ӯро бикуштанд. Ва Аҳмаду Маҳмуд, ду писари Шаҳфур андар пеши Тоҳир буданд ва з-ин хабар надоштанд. Чун сипоҳ бидонистанд, ки Муҳаммади Ҳамдон кушта шуд, бар интизори эшон биистоданд. Чун ҳар ду берун омаданд, сипоҳ бархостанд [ва] шамшерҳо баркашиданд ва ангуштарӣ аз дасти эшон боз карданд ва эшонро ҳар ду бозгирифтанду сароҳояшон ғорат карданд ва ҳар дуро банд карда ба қалъа фиристоданд. Ва ин ҳама ба тадбири Субкарӣ буд ва Симои Лаҳёниро бар эшон мустахраҷ[2] карданд ва Симо Муҳаммад Шаҳфурро андар мутолабат бикушт.

Пас аз он ки ҳама моли эшон бистуд, вазорат Абдуллоҳ ибни Миколро мустаҳкам гашт ва кор ҳама бар Субкарӣ қарор гирифт ва сипоҳро хилъату силат бирафт. Боз Тоҳиру Яъқуб Ҳафс ибни Амр ал-Фароро сӯи Амр фиристоданд ба узр пайдо кардан андар нафиристодани мол, ки Аҳмаду Маҳмуд писарони Шаҳфур ва Муҳаммад ибни Ҳамдон бар ин подшоҳӣ муставлӣ[3] гаштанд. Ва з-эшон он фасод омад андар вилоят ва хазина, ки: Натвон гуфт, ки то мо ҷаҳд кардем, то баъси эшон баргирифта шуд. Акнун ҷаҳд кунем бар асари он чи хостаст, бифиристем.

---

[1] Ба ҳуҷра даромад.

[2] Ғолиб, музаффар, соҳиб.

[3] Хориҷ кардашуда, баровардашуда аз қатори чизе ё касе.

Пас Муҳаммад Васифи Саҷзӣ шеъре фиристод ва ин байтҳо андар он шеър аст. Чун Амр ин байтҳо бихонд, навмед гашт ва дил аз ин ҷаҳон баргирифт. Ва байтҳо ин буд:

*Кӯшиши банда сабаб аз бахшиш аст,*[1]
*Кори қазо буду туро айб нест.*
*Буду биҳуд*[2] *аз сифати Эзад аст,*
*Бандаи дармондаи бечора кист?*
*Аввали махлуқ чӣ бошад – завол,*
*Кори ҷаҳон аввалу охир якест.*
*Қавли Худованд бихон «Фастақим»*[3]*,*
*Муътақиде шав ту бар он бар биист.*

Ва Ҳафс ӯро сифати ҳол ва он чи рафта буд, ҳама бозгуфт. То ин чандин рӯзгор шуд, номаи Муътазид омад наздики Исмоил ибни Аҳмад, ки: Амрро бифрист. Ӯро чора набуд аз фармон нигоҳ доштан ва фиристодани Амр ва Амрро гуфт: Маро набояст, ки ту бар дасти ман гирифта шавӣ ва чун гирифта шудӣ, набояст, к-он ҷо фиристам. Ва нахоҳам, ки заволи давлати шумо бар дасти ман бошад. Акнун фармони ӯ нигоҳ дорам ва туро бар роҳи Систон фиристам бо сӣ савор. Ҷаҳд кун, то касе биёяд ва туро бистонад, то маро узр бошад ва то зиён надорад. Пас ӯро бар дасти Ашноси ходим бифиристод ва биёмад сӣ рӯз ба Неҳ бибуд ва ҳеч кас андар ҳама Хуросон ва Систон нагуфт, ки Амр худ ҳаст. Охир Ашноси ходим гуфт: Эй амир! Дар ҳама олам касе туро хостор нест? Гуфт: Эй устод! Ман бар сари подшоҳон чун устод будам бар сари кӯдакон, чун кӯдакон аз дасти устод раҳо ёбанд, кош хоҳанд, ки боз он ҷо бояд нишаст.

Пас ӯро ба Бағдод бурд ва Амр Муътазидро андар ҳадяҳо уштуре дукӯҳон фиристода буд, чанд модапиле

---

[1] Дар ин ҷо муроди шоир аз бахшиш қисм ва бахшиши осмонист. Шеър дар вазни сареи матвии мавқуф (муфтаилун, муфтаилун, фоилот) гуфта шудааст. (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Шояд муроди шоир «буду бибуд» ба маънии азалият ва абадият бошад. (Аз шарҳи М. Баҳор).

[3] Ин ҷо ишора ба ояти Қуръони маҷид аст.

бузург Амрро дар он рӯз бар он уштур дар Бағдод бурданд. Абдуллоҳ ибни ал-Муътазз Амрро бидид бад-он уштур ва дониста буд, ки он уштур Амр фиристодааст, ин байтҳо бигуфт:

Шеър:
*Фаҳасбука би-с-саффори иззан ва минъата,*
*Яруҳу ва ягду фи-л-ҷуюши амиран.*
*Ҳабоҳум биаҷмолин ва лам ядрӣ аннаҳу,*
*Ало ҷамалин минҳо юқоду асиран.*

Боз Муътазид ӯро пеши худ бурд ва умедҳои неку кард ва бинвохт ва қасд кард, ки бигзорад ва гуфт: Ин марди бузург аст андар ислом ва кас андар Дорулкуфр чандон футуҳ накард, ки ин кард ва СистонуХуросон ҳарду сағр аст ва бад-он нигоҳ доштааст. Боз гуфт: Бидоред, то нигоҳ кунем. Ва бемор шуд ҳам андар вақт, ки Амрро бидид. Ва Бадрулкабир бо Амр бад буд, Муътазидро гуфт: Ӯро бибояд кушт, ки ӯро тамъи мамлакати ҳама ҷаҳон аст, набояд, ки ба ҷаҳон касе бошад, ки бар ту бузургӣ ёрад кард. Ба тадбири Бадр фармуд, то Амрро бикуштанд ниҳон. Чун Амр кушта шуд, пушаймон шуд ва Бадрро фармуд то бикуштанд ва худ низ фармон ёфт, Абулаббос ал-Муътазид Биллоҳ рӯзи чаҳоршанбе, панҷ рӯз гузашта аз ҷумодиюл-охири санаи самонин ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду ҳашт).

## Сипарӣ гаштани мир Амр ибни ал-Лайс ва сипарӣ гаштани ал-Муътазид Биллоҳ. Акнун баъзе аз сияри Яъқуб ва Амр ёд кунем

Аввал таваккули[1] вай, яъне Яъқуб ёд кардем, ки ҳаргиз андар ҳеч кори бузург бар ҳеч кас тадбир накард, илло охир, гуфт: Таваккул бар Борист – таъоло, то чӣ хоҳад ронд. Ва аз боби тааббуд[2] андар шаборӯз саду ҳафтод ракъат намоз зиёдат кардӣ, аз фарзу суннат ва аз боби садақа ҳар рӯз ҳазор динор ҳаме дод. Аз боби ҷавонмардӣ ва озодагӣ ҳаргиз ато кам ҳазор динор ва сад динор надод

[1] Умед бастан ва эътимод бастан ба Худо.
[2] Ибодат, парастиш, бандагии Худованд.

ва даҳ ҳазору бист ҳазор ва панҷоҳ ҳазору сад ҳазор динору дирам бисёр дод. Ва понсад ҳазор динор дод Абдуллоҳ ибни Зиёд[ро], ҳазор ҳазор дирам, ки наздики ӯ омад.

Ва аз боби ҳифоз[1] ҳаргиз, то ӯ буд ба ваҷҳи ноҳифозӣ, ба ҳеч кас нангарид на зӣ зану на зӣ ғулом. Як шаб ба маҳтоб ғуломеро аз они хеш нигоҳ кард. Шаҳват бар ӯ ғолиб шуд, гуфто: Чӣ бошад тавбат кунам ва ғуломон озод кунам. Боз андеша кард, ки ин ҳама неъмати Эзад аст, нашояд. Ба овозе баланд бигуфт: **Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-лоҳи-л-алийи-л-азим.** То ҳама ғуломон бедор шуданд ӯ бозгашт. Бомдодон ҳама ба сарой ғамгин буданд, касе надонист, ки чӣ будаст. Фармон дод, ки Субкариро ба наххос[2] баред. Ходим Субкариро гуфт: Зӣ наххос бояд рафт ба фармони малик. Гуфт: Фармон ӯрост, аммо ҷурми ман пайдо бояд кард, ки чӣ бошад. Ходим пеш рафту бигуфт:[3] … На бас бошад ҷурми ӯ, ки ман[4]… андар ин на хирад бошаду на ҳамият, ки маро чунон худованде дорад, ки чандин нигариш кунад, ба дасти касе фиканад, ки Худойро надонад ва бар ман ноҳифозӣ кунад. Яъқубро бигуфтанд ва гуфт: Бигзоред, аммо ҷаъду турраи ӯ боз кунед ва меҳтари сарой кунед ва нахоҳам, ки низ пеши ман ояд.

Бикарданд ва андар пеши ӯ наёмад то он рӯз, ки амири Форс фармон ёфт, гуфт: Кӣ шояд он шуғлро? Гуфтанд: Субкарӣ, ки марди бохирад, аст. Аҳд набиштанду хилъат доданд, Субкарӣ гуфт, ки: Банда мебиравад, надонад, ки ҳол чун бошад ва сапедӣ ба риш андар оварда. Дастурии дидор хост ва андар пеши ӯ шуд ва ӯро бинвохт ва бозгардонид.

Аммо андар адл чунон буд ки бар Хазрои[5] кӯшки Яъқуб нишастӣ танҳо, то ҳар киро шуғле будӣ, ба пои Хазро рафтӣ ва сухани хеш ба ҳуҷҷоб бо ӯ бигуфтӣ ва андар вақт тамом кардӣ, чунон ки аз шариат воҷиб кардӣ.

---

[1] Парҳезгорӣ, амонат нигоҳдорӣ.

[2] Ғӯломфурӯш, фурӯшандаи асирони ғуломшуда.

[3] Аз матн чизе афтодааст.

[4] Дар ин ҷо ҳам афтодагӣ дар матн вуҷуд дорад.

[5] Кӯшке дар миёни сабзазор, ки дар он подшоҳ менишаст ва арзу шикваи раиятро мешунид. Касе, ки ҳоҷате ё шиквае дошт, ба ҳоҷиби шоҳ арз мекард ва ҳоҷиб онро ба подшоҳ мерасонд.

Аммо андар иноят бар он ҷумла буд, ки тафаҳҳуси кор ва таҷассус, ки рӯзе бар он Ҳазро нишаста буд, марде бидид ба сари кӯи Синак нишаста ва аз дур сар бар зону ниҳода. Андеша кард, ки он мардро ғаме аст. Андар вақт ҳоҷиберо бифиристод, ки: Он мардро пеши ман ор. Биёварданд. Гуфт: Ҳоли хеш баргӯй, Гуфт: Аз Малик фармоед, то холӣ кунанд[1]. Фармуд, то мардумон бирафтанд. Гуфт: Эй малик! Ҳоли ман саъбтар аз он аст, ки бартавонам гуфт: Сарҳанге аз они Малик ҳар шаб ё ҳар ду шаб бар духтари ман фуруд ояд аз бом, бе хости ман ва аз духтар ва ноҷавонмардӣ ҳамекунад ва маро бо ӯ тоқат нест. Гуфт: **Ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-лоҳ,** чаро маро нагуфтӣ? Бирав ба хона шав, чу ӯ биёяд, ин ҷо, ой ба пои Хазро марде бо сипару шамшер бинӣ, бо ту биёяд ва инсофи ту биситонад, чунон, ки Худой фармудаст ноҳифозонро.

Мард бирафт, он шаб наёмад. Дигар шаб омад, марде бо сипару шамшер он ҷо буд, бо ӯ бирафту ба сарои ӯ шуд, ба кӯи Абдуллоҳи Ҳафс ба дари Порс. Ва он сарҳанг андар сарои он мард буд. Яке шамшер торакаш[2] барзад ва ду ним карду гуфт: Чароғе бифрӯз. Чун бияфрӯхт, [гуфт]: Обам деҳ. Об бихӯрд. Гуфт: Нон овар. Нон овард ва бихӯрд. Падар нигоҳ кард, Яъқуб буд худ ба нафси худ. Пас ин мардро гуфт: Би-л-лоҳи-л-азим, ки то бо ман ин сухан бигуфтӣ, нону об нахӯрдам ва бо Худой-таъоло назр карда будам, ки ҳеч нахӯрам, то дили ту аз ин шуғл фориғ кунам. Мард гуфт: Акнун инро чӣ кунам? Гуфт: Баргир ӯро! Мард баргирифт, берун овард, гуфт: Бибар то ба лаби поргин,[3] бияндоз. Бияфканд: Гуфт: Ту кунун бозгард. Бомдодон фармуд, ки мунодӣ кунед, ки: Ҳар ки хоҳад, ки сазои ноҳифозон бинад, ба лаби поргин шавед ва он мардро нигоҳ кунед.

Аммо андар даҳо[4] бад-он ҷойгоҳ буд, ки марде дабир фиристод аз Нишобур, ки: Ба Систон рав, аҳволи Систон маълум кун ва биой, маро бигӯй. Мард ба Систон омад ва

---

[1] Танҳо гузоранд.

[2] Бар фарқи сараш.

[3] Хандақ ё чоҳе, ки оби ҳаммом ва ифлосиҳо бар он бирезад.

[4] Фаросат, зиракӣ.

ҳама ҳаллу иқди Систон маълум кард ва нусхатҳо карду бозгашт.

Чун пеши вай шуд, гуфт: Ба мазолим будӣ? Гуфто: Будам. Гуфт: Ҳеч касе аз амири об гила кард? Гуфт:На, Гуфт: Ал-ҳамду ли-л-лоҳ. Боз гуфт: Ба пои чӯби Аммор гузаштӣ? Гуфто: Гузаштам. Гуфт: Кӯдакон буданд он ҷо? Гуфт: На. Гуфт: Ал-ҳамду ли-л-лоҳ. Гуфто: Ба пои Манораи куҳан будӣ? Гуфт: Будам. Гуфт: Рустоиён буданд? Гуфт: На. Гуфт: Ал-ҳамду-ли-л-лоҳ.

Пас мард хост, ки сухан оғоз кунад ва нусхатҳо арза кунад. Яъқуб гуфт: Бидонистам, беш набояд. Мард бархост, пеши Шоҳини Бату шуд, қисса бозгуфт. Шоҳин гуфт: То баррасем. Пеши мир шуд гуфт: Ин мард хабарҳо овардаст, бояд, ки бигӯяд. Гуфто: Ҳама бигуфту шунидам. Кори Систон андар се чиз бастаст: Иморат ва улфату муомалат. Ҳар се баррасидам, иморат ҳадиси амири об аст, пурсидам, ки андар мазолим ҳеч кас аз амири об гила кард. Гуфто: На. Донистам, ки андар ҳадиси иморат таъхир нест. Ва улфат – ибтидои он ҷӯяке, ки бошад ва таассуб миёни фариқайн, то барафтад ва асли ҷӯяке, ба пойчӯби Аммор кӯдакон кунанд. Пурсидам, гуфто: Набуд. Донистам, ки улфат бар ҷой аст ва таассуб нест. Се дигар муомалати уммолу раъият бошад. Чун бар раъият зиёдату бедодӣ, бошад, тадбири хеш бар пои Манораи куҳан кунанд ва он ҷо ҷамъ шаванд ва ба мазолим шаванд. Чун дод наёбанд ҳам он ҷо оянд ва тадбири гурехтан кунанд. Чун набуданд он ҷо, донистам, ки бар раъият ҷавр нест. Беш аз чӣ баррасам?

Дигар сӣ рӯзи мойгон[1] бахшида буд ҳар рӯз кореро. Ва ғуломеро сӣ чӯба тир дода буд ва ду ҷаъба, ки: Ба сари моҳ, ҳар рӯз яке тир аз ин ҷаъба баргир ва фаро дасти ман деҳ ва шабонгоҳ ба дигар ҷаъба андар неҳ, бигӯй ҳар рӯз, ки чандин баргирифтам ва чандин мондаст. Ғулом ҳар рӯз тир пеш овардӣ ва фаро дасти ӯ додӣ. Бигуфтӣ, ки чандинам чӯба тир аст. Яъқуб гуфтӣ: Додӣ, тир рост аст, аввал ростӣ бояд кард. Кори он рӯз ёд кардӣ ва он чи мумкин шудӣ, з-он

---

[1] Тақсим кардани рӯзҳои моҳ ва ҳар рӯзро муқаррар кардан барои иҷрои коре. Дар забони паҳлавӣ вожае дар шакли «Мāдикāн» ба маънии шумор ва ҳисоби рӯзҳои моҳ вуҷуд доштааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

боб, тамом кардӣ то дигар рӯз. Шумори рӯзу моҳ ва сол бад-он нигоҳ доштӣ.

Ва бисёр гуфтӣ, ки: Давлати Аббосиён бар ғадру макр бино кардаанд. Набинӣ, ки бо Бӯмаслама ва Бӯмуслим ва оли Баромика ва Фазли Саҳл бо чандон некуӣ, к-эшонро андар он давлат [буд], чӣ карданд? Касе мабод, ки бар эшон эътимод кунад!

Дигар, ки худ рафтӣ бештар ба ҷосусӣ ва ба ҳарс доштан андар сафарҳо. Ва дигар ҳаргиз бар ҳеч кас аз аҳли таҳлил, ки қасди ӯ накард, шамшер накашид ва пеш то ҳарб оғоз кардӣ, ҳуҷҷатҳо бисёр баргирифтӣ ва Худой-таъолоро гувоҳ гирифтӣ. Ба Дорулкуфр ҳарб накардӣ, то ислом бар эшон арза кардӣ ва чун касе ислом овардӣ, молу фарзанди ӯ нагирифтӣ ва агар пас аз он мусулмон гаштӣ, хилъат додиву молу фарзанди ӯ боздодӣ. Дигар он ки андар вилояти хеш ҳар киро кам аз понсад дирам вусъат будӣ, аз ӯ хироҷ наситадӣ ва ӯро садақа додӣ.

## Ҳадиси сияри Амр ибни ал-Лайс ва кори ӯву чигунагии ӯй

Аммо Амр чун ӯ бирафт, ҷаҳд кард, то бештаре аз оину сирати [вай] нигоҳ дошт ва ҳазор работ[1] кард ва понсад масҷиди одина ва манора кард, дуни пулҳо ва милҳои биёбон ва кори хайр бисёр рафт бар дасти вай ва қасди беш дошт, ки бад-он нарасид. Ва ҳиммати олӣ дошт, чунонки марде ӯро тои дебои зарбафт овард бист ман ба санг. Фармуд то баррасиданд, ки ӯро андар ин чанд харҷ шудааст. Бипурсиданд. Гуфт: Ду ҳазор динор. Бист ҳазор динор дод ӯро. Пас фармуд, то он дебо биёварданд. Гуфт: Агар як ғуломро диҳам, дигарон аз ин бенасиб монанд ва ин яке беш нест. Пас бифармуд, то бар шумори ғуломон пора карданд, ҳар якеро порае бидод.

Ва Амр ҳеч заифро наёзурдӣ ва гуфт: Пиҳ[2] андар шиками бинҷишк[3] набошад, андар шиками гов гирд ояд. Ва гуфт: Мурғ ба мурғ тавон гирифтан ва дирам ба дирам

---

[1] Корвонсарой, мусофирхона. Манзиле, ки махсус ва ба нияти савоб барои иқомати мусофирон сохта мешудааст.

[2] Чарбу, чарб.

[3] Гунҷишк, ки шакли қадимтари ин вожа «винҷишк» аст.

[гирд] тавон сохтан ва мардумонро ба мардумон истимолат тавон кардан. Ва гуфтӣ, агар пирхар бор накашад, роҳ барад.

### Нисбати Азҳар ибни Яҳё ва ҳикояти он

Аммо ҳадиси Азҳар аз ибтидои нисбати вай бигӯем: Азҳар ибни Яҳё ибни Зуҳайр ибни Фарқад ибни Сулаймон ибни Моҳон. Ва Салиму Ҳотам бародарон буданд ва Ҳотам ҷадди Яъқуб ва Амру Алӣ буд. Ва Салим ҷадди Халаф ибни ал-Лайс ва они Азҳар ибни Яҳё. Ва Азҳар марде гурд ва шуҷоъ буд ва бо камолу хиради тамом ва марде дабиру адиб буд ва мамлакат бештар ба дасти ӯ кушода шуд. Хештан коно сохта буд, чизҳое кард, ки мардумон аз он бихандидӣ ва тавозӯе дошт аз ҳад берун. Ва аз ҳикоятҳои вай яке он буд нодир, ки рӯзе мардумон бархостанд андар қасри яъқубӣ. Ӯ ангушт ба зуфрин[1] андар карда буд ва ангушти ӯ сахт карда ва омос гирифта ва бимонда. Чун ӯ барнамехост, нигоҳ карданд ва он бididанд. Оҳангаре биёварданд, то ангушти ӯ берун кард аз он ва бирафт. Дигар рӯз ҳам он ҷо биншаст, боз ангушт сахт карда буд ба зуфрин андар! Гуфтанд: Чаро кардӣ? Гуфт: Нигоҳ кардам, то фарох шуд? Дақиқӣ ба шеър андар ёд кунад:

Шеър:

*Бар оби гурм[2] дармондаст поям,*
*Чу дар зуфрини дар ангушти Азҳар.*

Дигар рӯзе Яъқуб ба намози одина ҳамеомад, Азҳар андар пеш ба расми хидмат ҳаме [шуд]. Яке рустоӣ Азҳарро салом кард. Ду пои бешалвору пӯстине рустоӣ аз паси гардан. Ва аз қаробатони ӯ буд. ҳадисҳо ҳаме пурсид аз вай. Боз гуфт: Туро душвор бошад давидан, аз паси ман барнишин, то туро осонтар бошад. Рустоӣ барнишаст. Яъқуб бидид, роҳ бигардонид ва Азҳар ҳамчунон ба намоз шуд. Чун бозгаштанд, гуфт: Эй амир! Ҳама ҳунарӣ, аммо ин ҳасад дар ту мавҷуд набуд, ки ман андар мавкаби[3] ту сад ҳазор савор ва даҳ ҳазор ғулом метавонам дид. Ту маро бар

[1] Зулфини дар.
[2] Ғам, андӯҳ, ғусса.
[3] Гурӯҳи савора ё пиёдаи ҳамсафарони подшоҳ.

зеваре наёристӣ дид, то роҳ бигардонидӣ. Яъқуб бисёр бихандид, ҳарчанд одати ӯ набуд ханда кардан.

Дигар, ки рӯзе аз шикор ҳамеомад, пирзане дид ва чизе дар бағал ҳаме гирифта. Гуфто: Золо, чӣ дорӣ? Гуфт: Наконаку пажанд.[1] Гуфт: Биёр. Пеши ӯ андар ниҳод. Асп бидошту бихӯрд ва пирзанро бар ҷанибат[2] нишонд ва ба хона бурду гуфт: Қиссаи хеш бозгӯй. Гуфт: Писаре дорам ба зиндон андар ва ба хуне муттаҳам аст ва фардо қасос хоҳанд кард. Пас [Азҳар] чизе, ки андар гармо буд, табақе неку рост кард ва бо пирзан ба зиндон фиристоду гуфт: Ман фардо писаратро раҳо кунам, иншоаллоҳ.

Дигар рӯз, мазолим буд, он ҷо рафт андар пеши амир Амр ва гуфт: Он мардро ба ман арзонӣ бояд кард. Амр гуфт, ки ин кори хасмон аст. Хасмонро бихонду ба дувоздаҳ ҳазор дирам мардро бозхарид. Азҳар гуфт: Ман наконаку пажанди зол хӯрдаам. Амр сим аз хазина бидод ва мардро бигзошту хилъат дод. Ва ӯро мавлои ал-Азҳар хонданд. Пас аз он маъруф гашту аз бузургон якӣ гашт, андар ҳадиси иморат. Ва сарвакили Азҳар буд ва чунон шуд, ки Амрро ба ҳама лашкар бо пажанд меҳмон кард. Ва амирии оби Дари Таом ба вай доданд, чандин вақт ӯ буд.

Ва ба ҳарби Занбил хартуми пилеро ба шамшер берун андохт, ки ҳамла оварда буд бар сипоҳи Яъқуб ва сабаби ҳазимати он сипоҳ бештар аз он буд. Ва расуле аз они Амиралмуъминин ба Систон омад, ӯро ба сарои Азҳар фуруд овард Яъқуб табҷилро[3] расули Азҳарро [Расул] пурсид, ки: Ту амирро кӣ бошӣ? – Гуфт: Ман сутурбони ӯям. Расул бад-он хашм гирифт. Чун ба хон хонданд расулро Азҳарро дид бо Яъқуб бар хон нишаста. Расул замоне бибуд, гуфт: Ман ба хашм будам, кунун ба аҷаб бимондам. Яъқуб гуфт: Чаро? Гуфт: Моро ба сарои сутурбони хеш фуруд овардӣ ва акнун сутурбонро ба хон ҳамебинам! Яъқуб донист, ки он Азҳар гуфтаст. Ҳеч нагуфт, то хон баргирифтанд. Фармуд, то говон биёварданд

---

[1] Пажанд – дар «Бурҳони қотеъ» ба маънии сабзии саҳроӣ зикр шудааст. Вожаи «наконак» дар китобҳои луғат ба назар нарасидааст, вале ба эҳтимол метавон гуфт, ки навъе аз хӯрданиҳост (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Қафо, ақиб.

[3] Ба хотири эҳтиром, иззат, бузургдошт.

корзорӣ ва андар афканданд ба сарои қаср андар. Чун сар маҳкам ба якдигар фишурданд, Азҳарро гуфт: Бархезу говонро боз кун. Азҳар бархосту бо як даст сурӯйи[1] ин гов гирифт ва бар дигар даст сурӯйи дигар ва ҳар дуро дур бидошт аз якдигар. Пас гуфт: Захме бикун. Яке говро дур андохт чунончи бар паҳлӯ бияфтод. Шамшер баркашид ва дигар говро шамшере бизад ва ба ду ним кард. Расул ба аҷаб бимонд. Пас Яъқуб гуфт: Агар сутурбон аст, бад-ин мардӣ, ки ту бинӣ, ҳурмати ӯ бузург аст, ночор то бар хон нишонам, ки чунин мард ба кор ояд. Ва он ки туро андар сарои ӯ фуруд овардам, табҷилро буд, аммо ӯ писари амми ман аст, на сутурбон. Валекин одат дорад чизҳо гуфтан, ки хилофи хирад бошад ва ба такаллуф гӯяд. Ман донам, ки ӯ бихрад аст ва аз чунин ҳадисҳо мустағнист. Пас расул бад-он шод буд ва амир Яъқубро хидмат карду шукр кард. Ҳамчунин қиссаҳои ӯ бисёр аст андар ҳарбҳо ба авқот, аммо шарт андар аввали китоб ихтисор аст, то хонандаро маломат кам гирад, иншоаллоҳу Таъоло.

**Бозгаштем ба ҳадиси амир Булҳасан Тоҳири Муҳаммади Амри Лайс ва ҳадиси бародари вай Яъқуб**

Пас рӯзи одина, даҳ рӯз гузашта аз муҳаррами санаи сабъун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду ҳафт), хутбаи Амр аз ҳама минбарҳо бияфканданд ва Тоҳиру Яъқубро аз паси халифа хутба карданд андар ин рӯз. Ва Абӯмуҳаммад ал-Муктафӣ Биллоҳро байъат карданд, ҳам андар он рӯз Муътазид андар гузашт.

Боз Тоҳир азми рафтан кард сӯи Форс ва бар муқаддима Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ал-Лайсро бо бист ҳазор савор бифиристод. Боз Муҳаммад ибни Амр ал-Хоразмиро бо сӣ ҳазор савор Муктафӣ фиристод бар Лайс [ибни] Алӣ, бифиристод, боз худ бирафт бар асари эшон андар муҳаррами санаи тисъун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду нӯҳ). Ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол бо ӯ бар сабили вазорат ва Яъқуб ибни Муҳаммадро – бародарро бар Систон халифат кард. Чун ба Кирмон

[1] Сурӯй ё сурӯ – шохи ҳайвонотро мегӯянд ва гоҳо ба зарурати шеър дар шакли «сурун» ҳам истифода мешавад (Аз шарҳи М. Баҳор).

бирасид, миёни Билол ибни ал-Азҳар ва миёни Лайс ибни Алӣ пайкор уфтод ва сарҳангон миёни эшон сулҳ карданд.

Ва Билолро хуш ҳаме наёмад бузургии Субкарӣ ва солории ӯ бар сипоҳ, аммо ниҳон ҳаме дошт. Ва ба Шероз омил буд аз ҷиҳати Амиралмӯминин Исо ибни ал-Мавсарӣ, чун хабари Тоҳир бишнид, з-он ҷо бирафт ва Тоҳир бо сипоҳ ба Шероз андар шуд ва биншасту молҳо қисмат кард ва [ба] як нимаи Форс мол Субкарӣ ва сипоҳи ӯ ҳамеситаданд ва ба дигар нима Билол ибни ал-Азҳар ва сипоҳи ӯ. Ва [Тоҳир] Лайс Алӣ[ро] бар муқаддима ба Бурҷон фиристод ва худ бар асар ҳаме бихост рафт ва сипоҳро иқтоъҳо бисёр ҳаме дод ва атиятҳо. Ва ҳама сипоҳ ба иқтоъ ва ато хурсанд гаштанд, магар Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол ва Фурҷа ибни ал-Ҳасан, [ки] эшон амалу истихроҷ ҳамехостанд. Пас номаи Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Сулаймон расид сӯи Тоҳир бар дасти Абонначми Бадрус ба расулӣ, ки Амиралмуъминин ҳамехоҳад, ки Форс хосаи хеш дорад сайдро ва хазинаро. Ва ин ҳама вилоятҳо ба ту даст бидоштаст ва ту низ воҷиб накунад ин моя аз ӯ дареғ доштан.

Чун нома фаро расид ва Бадр дар ба дари Шероз фуруд омад ва касҳо ҳамешуданд ва ҳамеомаданд, охир Бадр ҳаме некуӣ гуфт бар он ҷумла, ки: Чун ман боз кардам, бигӯям, то Форс ба ту низ арзонӣ дорад, аммо ту ин фармон нигоҳ дор, то хилофе набошад, ки ӯ акнун нав нишаст. То охир Тоҳир хурсанд шуд ба Кирмону Мукрон ва Систону Хуросон ва Бадр ба ҳадиси ёфтани Форс ва ба сулҳ бозгашт андар шавволи санаи тисъун ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду нӯҳ). Чун ба Сирҷон бирасид, Билол ибни ал-Азҳарро он ҷо бигузошт ва худ ба Ҷирафт омад ва Мансур ибни Ҳардинро, ки омили Амр буд, бар Кирмон он ҷо банд кард ва мутолибат кард ва моли бисёр аз ӯ бистад. Ва номаи Бадр расид ба ҳадиси Форс, ки: Инак рост ҳамекунам. Ва Тоҳир Фурҷа ибни ал-Ҳасанро ба Систон фиристод ва ба Буст ба мутолабати молҳо. Ва ба миёни Алӣ ибни ал-Муътазид, ки Бӯмуҳаммад ал-Муктафӣ буд ва они Бадр нек набуд. Чун Бадр аз Форс бирафт, Тоҳир боз Форс шуд дигар роҳ ва расул фиристод сӯи Муктафӣ ва Форс бихост. Муктафӣ фаро вай дод ва аҳд бифиристод. Тоҳир боз Лайс

ибни Алиро ба Бурҷон фиристод ва уммол ҳар ҷой бифиристод андар навоҳии Форс ва худ ба лаҳв ва сайд кардан машғул шуд. Ҳама кор бар Субкарӣ қарор гирифт ва бар Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Микол. Ва Абдуллоҳ ҳама он кардӣ, ки фармони Субкарӣ кардӣ. Билол ибни ал-Азҳар хилофи ошкоро кард бар Субкарӣ. Тоҳир Билолро фармон дод, ки: Бирав ба Систон. Билол мол ва аҳли хеш баргирифт ва ғуломону сипоҳи хеш ҳар чи хоси ӯ буд ва роҳи Систонро баргирифт. Чун ба Истахри Форс бирасид, Тоҳир Юсуф ибни Яъқуб ан-Нақибро аз паси вай фиристод, то ӯро он ҷо банд карду моли ӯ фурӯ гирифт ва андар қалъаи Муҳаммад ибни Восил маҳбус кард. Ва Абдулғаффор ибни Маҷлисро он ҷо кутвол[1] кард. Ва Билол он ҷо кушта шуд ва Тоҳир Фатҳ ибни Муқбилро бо ҳадяҳо ва моли бисёр наздики Муктафӣ фиристод. Ва Тоҳир бозгашт ва ба Систон омад, шаби якшанбе, ғурраи раҷаби санаи иҳдо ва тисъина ва миатай (дусаду наваоду як) ва ҳеҷ касро бор надод ва рӯзу шаб ба шаробу лаҳв машғул шуд. На машоихро бор додӣ ва на лашкариро. Ва астарону кабӯтар дӯст доштӣ, ҳама рӯз он ҷамъ кардӣ ва бад-он нигоҳ кардӣ. Ва кас фиристоду Муҳаммад ибни Халаф ибни ал-Лайсро бихонд ва бар ҳама сарҳангон меҳтар кард ва неку доштӣ ӯро. Яъқуб низ як соат бе Муҳаммад ибни Халаф сабр накардӣ ва хоҳари хешро бонуи [бинти] Муҳаммад ибни Амрро ба занӣ ба Муҳаммад ибни Халаф доданд. Ва алҳақ марде буд бо хиради тамом ва бо камол ва Субкариро он хуш наёмад. Ва таассуб уфтод ба Систон андар ин рӯзгор миёни фариқайн. Ва бисёр мардум кушта шуд ва якеро Садақӣ ном карданд ва якеро Самакӣ.

### Аввалин таассуби Самак ва Садақ

Ва сабаб он буд, ки майли Яъқуб бештар ба асҳоби раъй[2] буд ва они Тоҳир бар асҳоби ҳадис[3], аммо ин ном, ки уфтод, бар фариқайн сабаб бад-он буд, ки девонаеро писаре зод андар девонагии вай. Асҳоби раъй гуфтанд, ки он

---

[1] Қалъабон, дижбон, маъмури нигаҳбонии қалъа.

[2] Онҳое, ки дар ҳалли масоили динӣ ба фикр ва хулосаҳои мантиқӣ такя мекарданд.

[3] Онҳое, ки дар ҳалли масоили динӣ ба ҳадис истинод мекарданд.

фарзанди зиност ва Бӯяъқуб гуфт, ки нест, чун ақди никоҳ пеш аз ҷунуни вай дуруст буд. Пас чун масъала дуруст кард, Тоҳир гуфт: Садақа Абӯяъқуб ва казиба-л-ҳоикуна[1]. Ва бадон [он] хост, ки касе [ки] чизе надонад ва андар он сухан гӯяд, ӯ ҷулоҳа бошад.

Ва асли ин таассуб ба Систон аз Араб уфтода буд, миёни Тамимӣ ва Бакрӣ, гурӯҳе ҳавои Тамимӣ хостанд ва гурӯҳе ҳавои Бакрӣ. Охир Тамимиро ном Садақӣ гашт ва Бакриро ном Самакӣ, то охир Фурҷа ибни ал Ҳусайн он ба салоҳ бозовард.

Ва Тоҳир бирафт сӯи Буст рӯзи якшанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз зилҳиҷҷаи санаи иҳдо ва тисъина ва миатай (дусаду наваду як) ва Яъқубро бар Систон халифат кард ва аз ду randодар ҳеч касе ин ихтилофро андар подшоҳӣ ва шаҳру раият бок намедоштанд. Ва мебоист, ки ин мамлакат бишавад ва иттифоқҳои бад ҳаме уфтод ва эшон барно буданд...[2] Фирор оварданд андар биноҳо ва басотин ва лаҳву муродҳо, ки будӣ, сарф ҳаме карданд. Чунон ки шоире омад ба наздики Яъқуб ва ин байтҳо бигуфт, чаҳор ҳазор дирам дод ӯро ҳар байтеро аз он абёт ҳазор дирам:

*Атайту або Юсуфа ал-муртаҷи,*
*Фасбаҳту мин ҷудиҳи фи-л-гино.*
*Ва кунту имраан хоифан фи-з-замони,*
*Фасбаҳту фи-л-амни ламмо ато.*
*Ва сайяранӣ фӣ зиёин ва нурин,*
*Ва қад кунту мин қаблиҳи фи-д-дуҷо.*
*Ҳува-л-малику-с-саййиду-л-Муҷтабӣ,*
*Биҳи куллу нурин ладайно бадо.*[3]

---

[1] Рост гуфт Абӯяъқуб ва дурӯғ гуфтанд беҳудагӯён.

[2] Дар ин ҷо аз рӯи мазмуни ибораи «сарф ҳамекарданд» зоҳиран таъбире ба маънии «ва харчи мол фароз оварданд андар...» аз матн афтодааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[3] Мазмуни шеъри арабӣ:

Омадам назди Абӯюсуф бо талаби ҳоҷат,
Шудам аз саховати ӯ аз мол бениёз.
Марде будам тарсанда дар замона
Ва гардидам эмин чун омадам ба ҳузури ӯ.
Ва маро ғарқи нуру зиё гардонд,
Дар ҳоле, ки пеш аз он дар зулмат будам.
Ӯ подшоҳи сайиди муҷтабост,

Пас молҳо камтар шудан гирифт ва амалҳо заиф гашт ва мауннот бисёр гашт ва давлат ба охир расид. Ва Тоҳир андар ин миёна аз ҳеч касе чизе наситадӣ ва аз раият мол нахостӣ. Гуфтӣ: Зулму ҷавр чаро кунам, то он чи ҳаст, ба кор барам, то худ чӣ бошад, ки ҷаҳон баргузор аст. Аммо табзир кардӣ андар нафақот ва андар атиёт исроф кардӣ, бисёр барраю мурғ бар хон ниҳодӣ ва ҳаловӣ ва зиёдат бисёр шудӣ, чандон, ки кас аз ҳашам натавонистӣ хӯрд, то шогирдони матбах ба бозор бурдандӣ ва ба тарҳ[1] бифрӯхтандӣ. Чунончи ҳар чи ба диноре харида будӣ ба дираме ба бозор бифрӯхтандӣ. Чандин ғабн[2] будӣ, то он ҳама молҳову ганҷҳо бар ин ҷумла бишуд ва астарони бисёр доштӣ ва ҳамаро яхоб додӣ. Ҳар чи мардумони бихрад буданд, аз ӯ дурӣ ҷустанд, ба як моҳ якроҳ ба салом рафтандӣ ва бехирадон рӯзу шаб кӯшиши хӯриш ва шиками хеш гирифта будандӣ. Якчанде ба Буст бибуд бар ин ҷумла, боз ба Систон омад ва якчанде бар ин ҷумла буд ва боз ба Буст шуд рӯзи сешанбе, даҳ рӯз боқӣ аз шаҳри рабеъулаввали санаи исно ва тисъина ва миатай (дусаду наводу ду). Ба Бӯст андар шуд, боз бародар Яъқуб аз паси вай ба Буст шуд, ғурраи рабеъулохири санаи исно ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ду) ва Систонро холӣ карданд. Ва дахл аз ҷиҳати Субкарӣ мунқатеъ гашт, ки ҳеч намефиристод аз Форсу Кирмон. Боз Тоҳир ва Яъқуб ҳарду ба Систон бозомаданд ва Тоҳир қасди Форс кард рӯзи шанбе, нима аз моҳи рабеъулохири санаи исно ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ду). Ва Яъқубро бар Систон халифа кард, Яъқуб якчанде бибуд, боз қасди Руххад кард рӯзи шанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз моҳи рабеъулохири санаи исно ва тисъина ва миатай (дусаду наводу ду) бирафт. Ва Муҳаммад ибни Халаф ибни ал-Лайсро бар Систон халифат кард ва Муҳаммад ибни Халаф ибни ал-Лайс марде корӣ ва бо хиради тамом буд ва з-он чи ҳамедид, ғамгин ҳамебуд. Чун шуғл ба дасти вай шуд, фариқайнро бинвохту некуӣ гуфт ва гуфт: Таассуб набояд, ки моро худ меҳнат уфтода ҳаст, ки бас ба фақди Амру Яъқуб ва чунин

---

Аз ӯст ҳама нуре, ки мерасад ба мо.

[1] Бо нархи кам, бо зарари нархи харидашуда.

[2] Зарар ва зиён дар хариду фурӯш.

ҳолҳо ва хилофҳо, ки ҳамебинед, шуморо [дигар таасссуб ва хилоф] набояд кард. Ва таалluф бояд, ки бошад миёни шумо, то агар ҳама вилоятҳо бишавад ин яке ба дасти шумо бимонад ва ба дасти ғурабою носазо он наюфтад.

Мардумон сухани ӯ қабул карданд ва даст аз таассуб бидоштанд. Улфату некуӣ миёни мардум падид омад ва Яъқуб аз Руххад бозомад ва андар шаҳр омад рӯзи панҷшанбе, нӯҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлохири санаи исно ва тисъина ва миатай (дусаду наводу ду) ва мавлуди амир Боҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Халаф рӯзи душанбе, чаҳор рӯз боқӣ аз шаъбони санаи салоса ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ду) ва андар вақт, ки аз модар мавҷуд омад, кафи даст кушода дошт ҳар ду. Занони аҳли байти ӯ гуфтанд, ки: Ҳар чи бимонд, ин ба бод кунад ва бихӯраду бидиҳад.

Аммо чун Тоҳир бо сипоҳ бирасид, Субкариро хуш наёмад омадани ӯ ба Порс, тарсид, ки ӯро азл кунад з-ин ҷо . Пас Субкарӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ал-Лайсро пазираи ӯ фиристоду гуфт: Ту акнун биёмадӣ ва авлиёву сарҳангони сипоҳ андар ту тамаъҳо кунанд ва ҳамчунон Амиралмуъминин ба Бағдод. Ва ин ҷо чандон мол нест, ки ин корҳо кифоят кунад. Гуфта буд, ки ҷаҳд бояд кард, то бозгардад, то ман молу ҳамл бифиристам.

Пас Аҳмад наздики Тоҳир омад ва ин суханон бигуфт. Тоҳир чунон донист, ки ин аз руӣ насиҳату шафқат мегӯяд, пас он сухан қабул кард ва бад-он миннат дошт ва сӯи Систон бозгашт. Ва ба Систон андар омад рӯзи панҷшанбе, дувоздаҳ рӯз гузашта аз моҳи рамазони санаи исно ва самонина ва миатай (дусаду ҳаштоду ду). Ва ҳамон фурӯ гирифт аз молҳо ва кор бурдан бар ночиз ва ба бозиву нишот машғул будан ва эҳтимоли подшоҳӣ нобурдан ва ҳар чи бихрадони сипоҳ буданд, аз оқибати он кор бисёр тарсон буданд ва донистанд, ки подшоҳӣ бо кабӯтарбозӣ дер намонад. Ва бо рӯзу шаб шароб хӯрдану бар хазина бардоштан ва нанҳодан. Ҳар касе сари хеш ҳамегирифт ва якдигарро ҳамгуфтанд. Чун Аёс ибни Абдуллоҳ, ки меҳтари Араб буд, марде кориву бохирад ва камол буд ва Яъқуб ва Амрро хидмат карда буд ва муътамад буда буд, наздики эшон, дастурӣ хосту бирафт ва гуфт: Ин подшоҳӣ мо ба

шамшер ситадем ва ту ба лаҳв ҳамехоҳӣ, ки дорӣ. Подшоҳӣ ба ҳазл натвон дошт, подшоро доду дин бояду сиёсату сухан ва суту[1] сайф. Ин сухан нанилюшиду ӯро дастурӣ дод [сӯи] Кирмон бирафт. Ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Сулаймонро ва Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Қирниниро вакил карда буд ва андар хазина мол намонд аз зару сим, ки ҳама ба кор бурдаву дода шуд. Ва даст фаро карданд, андар авонӣ[2] фурӯхтану заринаю симинаю дираму динор задан ва ба кор бурдан андар ҳадиси матбах ва биноҳо сохтан ва астарон харидан ва сутурон, ки як ҳеч ба кор набуд. Ва ба Буст фармон дод Тоҳир то нӯҳ гунбад бароварданд нав [ва] бӯстонҳо сохтанд, перомуни он майдонҳо ва моле андар он шуд. Ҳам ба Буст хазрое, ки бар дари девон аст, ба тарафи майдон баровард ва моле андар он кард ва кӯшк дигар кард ва хам ба Буст бар лаби Ҳийрманд наздики пул ва ба Систон қасри Булҳасанӣ. Ин ҳама қасрҳо ба дирам кард ва аз ҳеч кас ҳашар нахост. Ва дигар андар нафақот, ки ба кор набуду атиятҳои бемаънӣ, ки ҳамедод онро, ки боист надод ва ӯро, ки набояст, ҳамедод ва андар санаи арбаъун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду чор) ва ходимро ба Буст фиристод Тоҳир ва шуғл зӣ вай кард. Ва Субкарӣ Лайс ибни Алиро ба Мукрон фиристод ва он амал бад-ӯ дод ва марду силоҳ бад-ӯ бифристод. Чун он ҷо шуд, Исо ибни Маъдон моли сесолаи ӯро доду ӯро бозгардонид ва молҳову ҳадяҳои бисёр доду гуфт: Ин ҷо ҷои танг аст ва лашкар ин ҷо будан қаҳт хезад. Ман худ мол ҳамедиҳам ҳарчанд [бибояд]. Лайс бозгашту ба Ҷирафт омад, он ҷо нишастангоҳи хеш гирифт. Боз Субкарӣ ба Ҷирафт омад ва гуфт: Ҳеч набувад, Мукрон ба дасти ӯ набояд гузошт ва ба мол боз набояд гашт. Ҷирафт Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ал-Лайсро дод. Лайс Алиро гуфт: Дигар роҳ ба Мукрон бояд шуд. Боз Лайс бо Субкарӣ ба Порс шуд, писарро он ҷо бигзошт ва боз ба Ҷирафт омад. То ба зилҳиҷҷаи санаи хамсун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду панҷ) он ҷо бибуд ва з-он ҷо ба Бум шуд ва Фурҷаро ва Мансур ибни Ҷардинро ҳар ду бигрифт ва моли эшон бистад ва Мансурро бикушт. Ва ба Сирҷон

---

[1] Тозиёна.
[2] Асбобҳои рӯзгор.

шуд ва Абдуллоҳ ибни Баҳрро бикушту моли ӯ баргирифт. Хабар зӣ Субкарӣ расид, сипоҳ фиристод ба ҳарби Лайси Алӣ. Сипоҳи ӯ ёрӣ накарданд ва танҳо ҳарб кард. Фурҷа он рӯзи ҳарб бигрехт, наздики Субкарӣ шуд ва Лайс ба Хух омад. Тоҳир ӯро мол фиристоду кори ӯ рост кард. Ва наздики Тоҳир бисёр шикоят намуд аз Субкарӣ. Пас ҳеч касро хабар набуд, то Лайс Алӣ ба Неҳ омад бо андак мардум, аммо моли бисёр бо хештан дошт андар муҳаррами санаи хамсун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду панҷ).

## Нишастани Ҷаъфар ал-Муқтадир Биллоҳ ба хилофат дар санаи ситтун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду шаш)

Ва фармон ёфт Абӯмуҳаммад ал-Муктафӣ Биллоҳ ба Мадинатуссалом андар зилҳиҷҷаи санаи хамсун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду панҷ). [Ва муқтадир биншаст] Ва ӯ бародари Муктафӣ Биллоҳ буд ва Муқтадир аҳди амал фиристод Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайсро бар ҳамон амалҳо ва Тоҳир хилъат дод оварандаро ва моле бузург фиристод Муқтадирро ва худ ба Буст буд. Ва хабар ба Тоҳир расид, ки Лайси Алӣ ба Неҳ омад, Андар вақт берун омад сӯи Систон ва Алӣ ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамӣ бо ӯ ва Аҳмад ибни Самӣ ва дигар сарҳангон. Ҳамчунон биронд яксар, то ба Қавқа фуруд омад. Ва бо Лайс ибни Алӣ чун саду панҷоҳ мард буд, чунон намуд, ки: Бо ман сипоҳи бисёр аст. Нома миёни эшон пайваст гашт ва Лайс чунон намуд, ки: Ман наздики ту ҳамеоям ба хидмат. Ва андар сирр мол мефиристод наздики сарҳангони [Тоҳир ва] Тоҳирро ҳеч хабар набуд, то ӯ аз Неҳ бирафт ва ба Систон фуруд омад рӯзи душанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз сафари санаи ситтун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду шаш).

## Омадани Лайси Алӣ ба Систон ва ба Шористон даршудан

Ва яксар ба майдони кӯшки Яъқубӣ омад ва Яъқуб андар кӯшк буд. Ӯро касҳои Яъқуб андар кӯшк нагзоштанд. Ва аз боми сутургоҳ Лайсро бар сари кулӯхе заданд, сараш бишкаст. Лайс саршикаста бозгашту аз дари Шористон, ки нав кардаанд, ба Дарӣ Порс баршуд ва ба масҷиди одина

шуд ва он ҷо фуруд омаду фармуд, то дарҳои Шористон пеш карданд ва ӯву ёрон сахт ранҷаву заиф ва дармонда гашта буданд, ки аз Неҳ ба шабе омада буд ва дигар рӯз ногоҳ намози пешин. Ва мардумони Шористон ӯро ёрӣ карданд ва ҳавои ӯ хостанд. Ва Тоҳир хабари ӯ ёфт, бар асари ӯ фаро расид ва перомуни шористон фурӯ гирифт. Яъқубро, бародари хешро бар Дари Таъом фиристоду Аҳмад ибни Самиро ба Дари Форс ва ба Дари Каркӯй Мозан ибни Муҳаммадро ва ба дари Нийшак Алӣ ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамиро ва ба ҳар даре ба сари кӯрае[1] кандае[2] бикарданд ва бар лаби канда деворе карданд. Алии Лайс манҷаниқҳо бар бора барниҳод ва бар кор кард. Ва Тоҳир сӯи Субкарӣ нома кард, ки: Маро мадад фирист. Ва Субкарӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Қаттолро бифиристод ва Фурҷа ибни ал-Ҳасанро.

Ва бо сипоҳе ба Систон омаданд ва ҳарб фурӯ гирифтанд ва Тоҳирро ҳар рӯз панҷ ҳазор дирам нафақот ҳамешуд, андар хос ҷудо, з-онки бар лашкар тафриқа мебоист кард бар дарҳои Шористон ва дираму динор аз авонӣ ҳамезад, ки андар хазоин буд ва Субкарӣ андаке мол фиристод ӯро ва аз ҷои дигар дахл набуд.

Пас мардумон дил бо Лайс якӣ карданд ва ӯ дираму динору ҷавоҳир дошт бисёр, мардумонро ҳамедод ва мардумони Рабаз бо мардумони шористон якӣ шуданд ва ба ҳақиқати дил. Бари Тоҳир аз лашкар ва аз раият ҳеч кас намонд, ки бар Лайси Алӣ рӯй нагирифт, магар Муҳаммад ибни Халаф ибни ал-Лайс ва Аҳмад ибни Самӣ. Пас Тоҳирро маълум шуд ин ҳадисҳо ва бар Алӣ ибни Ҳасан ад-Дирҳамӣ ишорат кард, ки: Сулҳ кунем бар Лайси Алӣ бар он, ки ӯро бигзорем, то ба Буст равад ва амали Бусту Рухҳад ӯро диҳему Қаттолро. Ва Алӣ ибни ал Ҳасан ад-Дирҳамӣ Лайси Алиро андар ин боб мутобақат[3] карданд ва ҳадиси Лайс бар Тоҳир бузург ҳаме гардониданд. Пас бар он хуш шуд. Чун Қаттол бидонист андар шаб худ ва сарҳангон бирафтанд, ки Тоҳирро аз он хабар набуд. Ва

[1] Кӯра дар ин ҷо ба маънии пуштаҳоест, ки дар ҷои об рахна карда аз хок бунёд мекунанд (Аз шарҳи М. Баҳор).
[2] Хандақ, чуқурие, ки дар гирди ҳисори қалъа ва лашкаргоҳ канда мешуд.
[3] Ба маънии ҳамроҳӣ кардан.

дигар рӯз Тоҳир монда буд бо андаке сипоҳ, Алӣ ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамиро бихонд, наздики Лайс ибни Алӣ фиристод, бар он ҷумла, ки тадбир карда буданд. Ва Лайс иҷобат кард. Дигар рӯз кандҳо рост карданд ва дари Шористон кушода гашт рӯзи одина, шаш рӯз гузашта аз ҷумодиюлохири санаи ситтун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду шаш). Пас Тоҳир фармон дод, то ҳама сарҳангон ба саломи Лайси Алӣ рафтанд. Лайс нагзошт, ки ҳеч кас аз шористон ва аз сипоҳи ӯ наздики Тоҳир шуд Муаддил ибни Алӣ аз Систон пинҳон рафта буд ба сипоҳ ҷамъ кардан ва мардумон. Ва Тоҳир Фазл ибни Анбарро ба талаби ӯ фиристода буд ва ӯро асир овардаю боздошта. Он рӯз ин сулҳ бикарданд ва дари Шористон бикушоданд ва Тоҳир ӯро берун оварду хилъат дод ва барнишонд, сӯи бародар фиристод, то ҳама андар Шористон ҷамъ шуданд ва Тоҳир ҳоҷибон ҳамефиристод, ки бираванд сӯи Буст. Чунонки Алии Ҳасан бар ӯ фурӯ ниҳода буд ва Лайс иллат ҳамеовард, ки: Бар нафси хеш эмин набошам, ки берун оям. Пас Тоҳирро маълум шуд, ки мардумон бо ӯ якӣ шудаанд ва бештаре аз сипоҳ. Азм дуруст кард, ки биравад аз Систон ва молу аёли хеш бибарад. Бародар Яъқуб гуфт: Набояд. Чун рӯзи чаҳоршанбе буд, ёздаҳ рӯз монда аз ҷумодиюлохири санаи ситтун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду шаш). Яъқуб Алӣ ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамиро биншонду бисёр ҷафо гуфт.[1] Боз қасди ҳарб кард бо Лайс Алӣ. Охир хазлони[2] Тоҳиру Яъқубро ҳар ду андар ёфт, то сӯи Дари Таъом аз шаҳр берун шуданд. Ва сари кӯраву бозори Дари Таъом бисӯхтанд ва ба Каркӯй рафтанду з-он ҷо ба роҳ шуданд, ки ба наздики Субкарӣ раванд.

## Рафтани Тоҳир ва Яъқуб писарони Муҳаммад Амри Лайс аз Систон якборагӣ

Чун эшон бирафтанд, Лайс аз шористон берун омад ва хонаҳои эшон ғорат кард ва ғавғо бо ӯ якҷо. Он рӯз Шери Луббода ном карданд ӯро, ки луббодаи[3] сурх пӯшида буд ва сипоҳи сарҳангони Тоҳир ҳама наздики Лайс

[1] Суханҳои тезу тунд гуфт.
[2] Аҷзу нотавонӣ, бечорагӣ.
[3] Либосе, ки ҳангоми борон мепӯшанд.

омаданд. Пешрави эшон Алӣ Ҳасани Дирҳамӣ буд. Ва кори Систон Лайсро мустақим шуд ва хазоини Тоҳир фурӯ гирифт ва бар ҳарами ӯ аҷре фармуд, то биронданд ва назгошт, ки кас андар сарои ҳарам шуд ва худ ба қасри Яъқубӣ андар биншаст рӯзи панҷшанбе, ду рӯз боқӣ аз ҷумодиюлохири санаи ситтун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду шаш).

## Нишастани Лайси Алӣ ба Амирӣ ва ӯро Шери Луббода гуфтандӣ

Ва рӯзи одина ӯро хутба карданд ба Систон ва ба Фароҳ ва ба Кеш ва ба Буст. Ӯро хутба карданд, хутба ба Буст ӯро Муҳаммад ибни Зуҳайри Шаҳмард кард, ки он ҷо омил буд аз ҷиҳати Тоҳир ва Фурҷа ибни ал-Ҳасан бо моле бузург ва ҷавоҳир аз Тоҳир бозгашт ва нома набишту ҷамоза фиристод ба Тоҳир ва ба Худой-таъоло ба чанд ҷой ӯро савганд дод, ки: Наздики Субкарӣ марав. Ва бар ӯ эътимод макун, ки ӯ туро вафо надорад ва кори хеш зӣ Амиралмуъминин сохтаст ва замон карда, ки туро банд кунад ва зӣ ӯ фиристад. Ва худ бирафту ба Руххад шуд ва Аҳмад ибни Самӣ ҳам бозгашт ва ба замини Довар шуд. Пас Тоҳиру [Яъқуб]ро он сухан ҳақиқат шуд, то тадбир карданд, ки бо Субкарӣ ҳарб кунанд ва сарҳангон гурӯҳе бо эшон. Ва Тоҳир бирафт ба ҳарби Субкарӣ ва Лайси Алӣ молҳо ҷабоят[1] кард ин ҷо ба Систон, уммол ҳар сӯ фиристодан гирифт. Субкарӣ низ хабар ёфт, сипоҳе бифиристод. Рӯзи шанбе, ёздаҳ рӯз гузашта аз моҳи рамазони санаи ситтун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду шаш) лашкарҳо фароҳам расиданд ва Субкарӣ моле бузург фиристода буд ва номаҳои ниҳон сӯи сарҳангони Тоҳир ва гуфта буд, ки: Эшон худовандзодагони мананд ва ҳеч касе сазотар нест, ки эшонро бандагӣ кунад, ки ман, аммо эшон подшоҳӣ нахоҳанд кард ва ҳиммати он надоранд ва хазинаву моли ҷамъкардаи Яъқубу Амр ҳама ба бод доданд. Акнун эшонрову моро ҷон бояд ҳаме канд, то на они мо монад ва на эшон. Ва мебинед, ки Систон хонаи хеш ва аҳлу фарзандон бигзоштанд аз пеши чокаре аз они хеш

[1] Ҷамъи кардани андоз.

ва бирафтанд. Кунун аз эшон кӣ шукӯҳ дорад? Ман савоб он донам, ки эшонро ҳам бо ҷой биншонем ва шамшер ба гардан барниҳем ва нони хешу они эшон ба даст ҳамедорем, то ваҳни[1] он бехирадӣ, ки эшон ҳамекунанд, бар мо беш набошад. Ва низ агар касе эшонро бигирад ва хор кунад, сустӣ бар мо бошад. Чун сипоҳ сусткории эшон ҳамедиданд ва Динори Байъатӣ бад-эшон расид, хомӯшӣ карданд, то эшонро банд ниҳоданд. Ва Субкарӣ ҳар дуро ба Бағдод фиристод. Пас хабар ба Систон омад. Мардумон ҳама хосу ом ғамгин гаштанд ва таассуф хӯрданд. Ва Лайс Алӣ ҳамчунон бисёр бигристу гуфт: Қазоро чизе натвон кард. Эзад-таъоло донад, ки ман андар ин бегуноҳам, бар ман эътимод накарду хештан арза кардам напазируфт. Пас Муҳаммад Васифи Саҷзӣ ин байтҳо ёд кард:

Шеър:
Мамлакате буд, шуда беқиёс,
Амр бад-он мулк шуда буд рос.
Аз ҳади Ҳинд то ба ҳади Чину Турк,
Аз ҳади Занг то ба ҳади Руму Гос[2].
Раъс занаб гашту бишуд мамлакат,
Зарри зада шуд зи нуҳусат нуҳос[3].
Давлати Яъқуб, дареғо, бирафт,
Монд уқубат ба ақаб бар ҳавос.
Амри Умар рафт, в-аз ӯ монд бор,[4]
Мазҳаби рӯбоҳ ба наслу навос.[5]
Эй(й) ғам(м)о[6], к-омаду шодӣ гузашт,
Буд дилам доим аз ин пурҳарос.
Ҳар чи бикардем, бихоҳем дид,
Суд надорад зи қазо эҳтирос[7].

---

[1] Сустӣ, заъф.
[2] Ба ақидаи устод М. Баҳор «гос» лафзи паҳлавии «гоҳ» аст, ки ба маънии «тахт» ва «сарир» истифода мешуда ва ин ҷо мурод «Мамлакат ус-сарир» аст, ки давлати мустақиле дар Қафқози шимолӣ будааст.
[3] Мис.
[4] Дар матн «бор» сабт шуда ва шояд аслан «боз» бошад.
[5] Ҳамин «напаса», «напоса» ва «навоса» аст, ки «навода» ҳам мегӯянд ва дар Хуросон «наваса» ҳам мехонанд (Аз шарҳи М. Баҳор).
[6] «Эй» бо ташдиди «йо» дар «эй» ва бо ташдиди «мим» дар «ғам» низ хонда мешавад (Аз шарҳи М. Баҳор).
[7] Эҳтирос – тарс, хавф.

Нос шуданд наснос[1] он гаҳ ҳама,
Воз[2] ҳама наснос гаштанд нос.
Даври фалак кардани чун осиё,
Лоҷарам ин усси ҳама кард ос.
Мулк або ҳазл накард интисоб,
Нур зи зулмат накунад иқтибос.
Ҷаҳду ҷади Яъқуб бояд ҳаме,
То, ки зи Ҷидда бадар ояд Аёс[3]

Боз чун хабар ба Зобулистон шуд, он ҷо изтироб уфтод, ки эшон гуфтанд, ки: Мо бар аҳди Тоҳирем, мухолифони ӯро фармон надорем. Боз Лайси Алӣ Муаддилро, бародари хешро он ҷо фиристод ба талаби Ғолиб бародари Субкарӣ, то ҳилат кард ва Ғолибро бигрифт ва банд карду зӣ Лайс фиристод ба Систон ва з-он ҷо ба Ғазнин омад ва Сахҷонро бикушт ва моли ӯ баргирифт ва сипоҳи Сахҷон ҷамъ шуданд ва Муаддилро ба Ғазнин наёфтанд, то хабар назди Лайси Алӣ омад. Алӣ ибни ал-Ҳасанро ва Фурҷа ибни ал-Ҳасанро ва Аҳмад ибни Самиро бо лашкаре анбӯҳи корӣ он ҷо фиристод, то бирафтанд ва он кор ба сулҳ рост карданд. Ва Муаддил ва Алӣ ибни ал-Ҳасан ад-Дирҳамӣ ба Систон бозомад, андар шаҳри рабеъулаввали санаи сабъун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ҳафт). Ва молҳо аз Бусту Руххад ва Кобул кушода гашт бар Лайси Алӣ ва Лайс бистгонӣ ва ато ҳамедод ва сипоҳ бар ӯ ҷамъ шуд ва хилофи Субкарӣ пайдо кард. Ва ҳамегуфту фармон дод, то бар минбарҳо ёд ҳамекарданд феъли баду бевафоии Субкарӣ, ки бар худовандзодагони хеш карда буд. Ва ҳуҷҷати хеш зӣ хосу ом пайдо ҳамекард ҳарб карданро бо ӯ ва писари Лайс андар дасти Субкарӣ буд, низ хост, ки ӯро раҳо гардонад. Сипоҳ ҷамъ кард ва қасди Порс кард.

---

[1] Махлуқи афсонавие, ки сурати одамро дошта, як пою як даст ва як чашм доштааст ва бо ҷастухез роҳ мерафтааст.
[2] Дар матн «воз» аст ва шояд дар асл «боз» бошад.
[3] Зоҳиран ин ҷо бояд мурод Аёс ибни Аббода, яке аз бузургони араб бошад, ки ба Яъқуб ва Амр хидмат карда, аз Зоҳир канора гирифтааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

## Рафтани Шери Луббода ба ҳарби Субкарӣ ба Форс

Ва бирафт рӯзи чаҳоршанбе, нимаи ҷумодиюлохири санаи сабъа ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ҳафт) бо ҳафт ҳазор савор ва Муҳаммад ибни Алиро бародари хешро бар Систон халифат кард. Чун ба ҳам бирасид, сипоҳи Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Қаттол ҳама ба наздики ӯ омаданд ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад худ ба нафси хеш зӣ Субкарӣ шуд ва ӯ волии Бам буд аз дасти Субкарӣ. Лайс Алӣ ёздаҳ рӯз ба Бам буд ва з-он ҷо ба Ҳанноб[1] шуд. Ва Субкарӣ лашкаргоҳ ба Ранда овард ва Лайс аз Ҳанноб ба Ранда шуд ва ҳар ду баробар уфтоданд рӯзи шанбе, ҳафт рӯз гузашта аз шаъбон ва рӯзи душанбе, ҳарб карданд ва ҳарбе сахт буд. Ва Субкарӣ ба ҳазимат шуд, Лайси Алӣ ба Истахр шуд рӯзи якшанбе, сездаҳ рӯз гузашта аз рамазон. Ва писари Лайс он ҷо ба қалъаи Муҳаммад ибни Восил боздошта буд. Кутволи писарашро наздики Лайс фиристод ва Лайс аз он ҷо ба Шероз шуд, панҷ рӯз монда аз моҳи рамазон ва лашкар ороста кард наздики осиёи Муҳаммад ибни ал-Лайс ва девон бинҳод ва молҳо ва хироҷ ҷабоят кард. Ва Муаддилро, бародари хешро ба Навбандҷон фиристод.

Вазири Муқтадир он гоҳ Алӣ ибни Муҳаммад ал-Фарот буд. Лайс зӣ вазир нома кард, ки: Ман ба талаби вилоят наёмадам, аммо ба талаби Субкарӣ омадам. Вазир нома ҷавоб кард, ки: Субкарӣ бандаи шумост, аммо вилояти султон хароб кардан нашояд, то ту ба талаби бандаи хеш оӣ. Лайс аз Шероз бирафт рӯзи шанбе, шаш рӯз гузашта аз шаввол ва Муҳаммад Зуҳайрро он ҷо халифат кард ва з-он ҷо ба Марҷон шуд рӯзи панҷшанбе, панҷ рӯз боқӣ аз шаввол. Ва Мӯниси ходим он ҷо буд, бо сипоҳе бузург з-они Муқтадир ва Субкарӣ бо ӯ якӣ гашта буд. Ва Бадруссағир ба Сипоҳон буд ва номаи Муқтадир зӣ Бадр расида буд, ки: Ба Шероз рав. Хабар зӣ Лайси Алӣ расид. Аҳмад ибни Самиро ба мадади Муҳаммад ибни Зуҳайр фиристод ба Шероз ва нома пайваста гашт ба миёни Лайсу Мунис. Ва Бадр ба Истахр омад ва Муҳаммад ибни Зуҳайр

---

[1] Истахрӣ номи ин маҳалро дар шакли «Ханноб» зикр кардааст.

ба ҳарби ӯ берун шуд. Ва ҳарб карданду Муҳаммад ибни Зуҳайр ҳазимат кард, як рӯз монда аз зилқаъда вассалом.

Боз миёни Лайси Алӣ ва Мӯнис, Абдуллоҳ ибни Иброҳим ал-Мусмаъӣ сулҳ кард ва бар он ҷумла, ки Лайси Алӣ сӯи Форс бозгардад. Субкариро хуш наёмад, гуфт: Ман ин ҳарб ба нафси хеш бикунам ва аз шумо ёрӣ нахоҳам [ва] сулҳ бозуфтод. Чун Лайс хабари Муҳаммад ибни Зуҳайр бишнид, бар роҳе тангу дурушт миёни кӯҳҳо бозгашт ва сипоҳи ӯро ранҷҳои бисёр расид андар он роҳ. Ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Қаттол бо сипоҳе андак ва бӯқу табли бисёр бар пайи эшон биёмад ва з-он бонги таблҳову бӯқҳо бисёр ёрони Лайси Алӣ ҳаме бигрехтанд, гуфтанд: Магар сипоҳ бисёр аст. Ва Мӯнис бар роҳи рост биёмад ва Субкарӣ бар муқаддимаи ӯ то рӯзи якшанбеи ғурраи муҳаррами санаи самонин ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ҳашт), баробар уфтоданд ҳар ду сипоҳ ва ҳарбе саъб бикарданд ва бисёр мардум аз ҳар ду гурӯҳ кушта шуд ва ёрони Лайси Алӣ ҳазимат карданд ва ӯ ҳазимат накарду ҳарб кард ва басе муборизон кушт, то ҳеч силоҳ ба дасти ӯ намонд [ва] асир монд. Алӣ ибни Ҳамӯя ӯро бигрифт ва сарҳанге чанд аз сипоҳи ӯ гирифт ва молу бунаи ӯ ғорат карданд. Ва Муаддил, бародари ӯ бо фавҷе сипоҳ ба Нишобур уфтоданд ва Аҳмад ибни Самӣ наздики Субкарӣ шуд. Ва Лайс ибни Алиро ба Бағдод бурданд ва он ҷо маҳбус монд. Ва Субкарӣ бозомад ба Шероз ва бештари сипоҳи Лайси Алӣ бо ӯ. Ва Муаддил боз аз Нишобур ба Кирмон шуд ва моле аз Кирмон баргирифт. Пас чун хабари гирифтани Лайси Алӣ ба Систон омад, мардумони Систонро Муҳаммад ибни ал-Лайс бихонд ва некуӣ гуфт ва гуфт: Қазо кор кард, акнун чун савоб бинед? Ва Абӯалӣ Муҳаммад ибни ал-Лайс марде буд кофӣ ва сахӣ ва вофӣ, чунонки гуфтандӣ, ки ҷуди Ҳотаму вафои Самуил ибни Од ва шуҷоати Амр ибни Маъдии Қарб дар ӯ мавҷуд аст ва аз ҳар адабеву фазле, ки мебошад, дар ӯ мавҷуд буд.

**Нишондан Абӯалӣ Муҳаммад ибни Алӣ ал-Лайсро ба аморати Систон дар якшанбеи ғурраи моҳи муҳаррами санаи самонин ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ҳашт)**

Пас мардумон бар ӯ иттифоқ карданд ва ӯро байъат доданд ва ӯ хазинаҳои бародар баргирифт ва рӯзии сипоҳ ҳамедод ва ҳамебахшид ва сутургоҳу маркабон ҳар чӣ буд, фурӯ гирифт ва корҳо бар ӯ қарор гирифт, чунонки шоир гӯяд:

Шеър:
*Ало инна-л-амира Абоалийин,*
*Ало фаъала ила аъла-с-самоъи.*
*Ҳува-л-малику-л-лазӣ юҳйи-л-маъолӣ,*
*Биифнои-л-миъдоти ва би-с-сахои.*
*Лақад бадаъа-л-аному биҷуди каффин,*
*Камо фоқа-л-барията би-л-баҳои.*[1]

Пас Муаддил Кирмон ҳама ғорат кард ва моле ба даст кард ва рафт то ба Систон бо моле бузург ва беандоза ва ба наздики бародар шуд. Бародар ӯро бинвохт. Боз андеша кард, ки магар ӯ тамаи вилоят кунад, Муаддилро банд барниҳоду ба Арк фиристод ва муваккал бар ӯ кард ва ҳар рӯз őнчи бояст, ҳаме фиристод ва надимонашро зӣ ӯ фиристод ва мутрибону канизакону ғуломон, гуфто: Ту хуш хӯр ва ман бад-он кардам, то фитна нахезад, ки акнун мо мондем, набояд, ки низ мухолифате пайдо ояд. Ва Хутба ба Систону Буст ва Кобулу Ғазнин Муҳаммад ибни Алӣ ибни ал-Лайсро ҳамекарданд.

Пас чун Лайси Алиро ба Бағдод бурданд, Субкарӣ хештан аз ҷумлаи бандагони Муқтадир шуморид. Муқтадир нома навишт наздики Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад, соҳиби Мовароуннаҳру Хуросон ва аҳди Систон ба ӯ фиристод ва фармон дод, ки: Сипоҳ ба Систон фирист. Аҳмад ибни Исмоил Ҳусайн ибни Алӣ ибни ал-Ҳусайн ал-

[1] Мазмуни шеъри арабӣ:
Ба дурустӣ, ки амир Абӯалӣ,
Дар баландии аъмол баробар бо осмон аст.
Ӯ подшоҳест, ки эҳё кард ҷавонмардиро,
Бо нобуд кардани мол ва саховатмандӣ.
Бартар аст аз тамоми мавҷудот ба сахои дасти худ,
Чунонки бартар аст аз кулли мавҷудот бо зебоӣ.

Марврудиро ин ҷо фиристод ба сипоҳсолорӣ ва хоҳарзодаи хешро бо ӯ бо фавҷе сипоҳ бифиристод. Ва Муҳаммад ибни Алӣ ибни  ал-Лайс таҷрибат карда набуд ҳанӯз андар корҳо ва бо Ҳусайни Алӣ сипоҳе ороста буд ва Муҳаммад ибни Алӣ сипоҳи бисёр ҷамъ кард савору пиёдаву ҳашри рустоӣ ва ба Қасаба андар набуд, то ӯ ба дари шаҳр омадӣ. Бирафту ба роҳи Бату шуд, пазираи ӯ ва он ҷо ҳарб оғоз кард ва Аҳмад ибни Муҳаммади Амрро, ки Ниё гуфтандӣ, бар шаҳр халифат кард ва ин рӯзи шанбе буд, ёздаҳ рӯз боқӣ аз ҷумодиюлохири санаи самонин ва тисъина ва миатай (дусаду наваду ҳашт). Бисёр ҳарбҳо бикарданд он ҷо ҳар рӯз, то рӯзи панҷшанбе, се рӯз гузашта аз раҷаб. Мардум ҳар рӯз бисёр аз ҳар ду гурӯҳ кушта шуд. Чун рӯзи панҷшанбе буд, ёрони Ҳусайн [ибни] Алӣ ҳама баробар даст ба тир андохтан бурданд ва дигар силоҳҳо кор нафармуданд. Тирбороне саъб карданд ва ҳамлаҳои гарм оварданд. Он мардуми ҳашарӣ ҳазимат кард ва лашкарӣ чун ҳазимат дид, низ бирондан гирифт, то з-он ҳашариён андар он ҳазимат наҳви се ҳазор мард кушта шуд. Ва Муҳаммад ибни Алӣ андар шаҳр омад рӯзи одина ва бар мардумон тадбир кард, ки чӣ бояд кард. Охир бар он ниҳоданд, ки: Бародарро берун бояд гузошт, то дасти ту [бад-ӯ] қавӣ бошад. Бародарро бигзошт ва бисёр некуӣ гуфту кард. Бародар ӯро гуфт: Туро Қасаба нигоҳ бояд дошт, то ман шористон [нигоҳ дорам]. Бародар гуфт: Нек ояд.

Фуруд омад, ки Қасаба нигоҳ дорад, андар соат бародари ӯ Муаддили Алӣ табл бизад ва дарҳои шористон фурӯ гирифт ва хилоф пайдо кард бар бародари хеш. Чун чунин буд, Муҳаммад донист, ки мумкин нашавад бар ду рӯи душман ҳарб кардан рӯзи ҳафтум шаҳр бигзошту ба роҳи Кеш ба Буст шуд.

## Рафтани Муҳаммад Алӣ ба ҳазимат [аз) пеши [сипоҳи) амири Хуросон

Чун ба Буст шуд, ҷавру ситам кард бар мардумон ва ғорату куштан ва мардумро азобҳо кард ба мол ситадан аз эшон ба лавнҳои азоб.[1] Ва пеш аз рафтани Муҳаммад ибни Алӣ ба Буст марде берун омада буд ба Буст, Иброҳим ибни Юсуф  ал-Ариф гуфтандӣ ӯро. Рӯзи одина берун омад ва чашм сурма кард, бо ҷома буд ва бонге ҳамекард ва гурӯҳе кӯдакону ғавғо бо ӯ ҷамъ шуда ва девонҳо ва хазоину ғаллот ба ғорат бидод ва қавме бисёр бар ӯ ҷамъ шуд. Ба минбар шуд ва хутба кард Аҳмад ибни Исмоилро ва коре бикард, ки ҳаргиз чун ӯ накарда буд. Ва бирафту ҳолаш бузург шуд ва сутурони бисёр ба дасти ӯ уфтод. Ҳар рӯз барнишастӣ бо бисёр ғуломони озоди нокордида ва ҳаргиз ҳарб накарда.

Пас Фатҳ ибни Муқбил хабари вай бишнид, аз замини Довар ба тохтан биёмад ва Иброҳим ба ҳарби ӯ берун шуд. Ҳарбе саъб карданд он ҷо ва бисёр мардум кушта шуд ва ёрони Иброҳим ҳазимат карданд ва ӯ ба миёни дашт биншаст, ҳарчанд ҷустанд, наёфтанд. Ва ёронаш бигаштанд ва ҳаргиз аз он рӯз боз хабари Иброҳим касе нагуфт, кас надонад, ки чун шуд.

Ва Фатҳ ба Буст андар омад. Чун Муҳаммади Алӣ ба Буст омад, Фатҳ бо ӯ якӣ  шуд андар ғорат кардану мол ситадан. Мардумон ба работҳо ва ҷойҳои муборак ҳамешуданд ва дуо ҳамекарданд магар ки фараҷ[2] ёбанд аз ҷаври эшон. То рӯзе бомдод бархост, ҳеч касеро хабар набуд, вақти субҳ овози таблҳо омад аз сӯи Хорбор, Аҳмад ибни Исмоил буд, ки аз Ҳарӣ рафта буд, ки ба Систон ояд. Ба Фароҳ хабари Буст бишнид, ки Муҳаммад Ибни Алӣ он ҷо чӣ кунад. Роҳ баргардонид, мардумон нигоҳ карданд, кулоҳҳои сиёҳ диданд. Мардумон шод гаштанд, ки он гоҳ лашкари Хуросон одил буданд. Чун хабар наздики Муҳаммад ибни Алӣ расид, андар вақт фармон дод, то пули Буст бибуриданд ва об бисёр буд ва роҳи гурез баргирифт

---

[1] Навъҳои гуногуни азоб.
[2] Раҳоӣ, наҷот, халосӣ.

бо сипоҳ, ки бо ӯ буд. Мардумони Булон сипоҳи Аҳмад ибни Исмоилро ва ӯро бигзоштанд[1] ва ба Буст андар омад.

## Даршудани Аҳмад ибни Исмоил ба Буст ва банд кардан Муҳаммад ибни Алии Лайсро

Пас Аҳмад ибни Исмоил Ҳусайн ибни Матро бо фавҷе савор ба талаби Муҳаммад ибни Алӣ фиристод ва ба Руххад андар ӯ расиданд ва бигрифтанду банд карда ба Буст андар оварданд. Ва Аҳмад ибни Исмоил ба лаби Ҳирманд фуруд омад ва адлу сияри неку бар мусулмонон бигустарид. Ҳама молу амлоки эшон ба эшон боздод, вилояти Буст Ҳотам ибни Абдуллоҳ аш-Шоширо дод. Ва ин Ҳотам марде мусалмону одил буд ва андар миёни мардумон суннати Мустафо (с) тоза гардонид. Ва Аҳмад ибни Исмоил он ҷо чаҳор бистгонӣ сипоҳро дод ва бад-он хост то сим андар Буст фарох шавад, ки эшон ҳама чиз ба сим харидандӣ то коҳу ҳезум. Боз фармон дод, ки ҳама колое, ки Муҳаммад ибни Алӣ аз они мардумон баргирифтаст бар худовандон[2] боздиҳанд, ҳар чи худовандон бидонистанд, баргирифтанд, дигар бигзоштанд. Ва ҳаштоду панҷ рӯз ба Буст буд, ки андар миён сипоҳи ӯ ҳеч надиданд, магар намози шаб кардан, рӯза доштан ва ҷамоату бонги намоз ва Қуръон хондан. Ва ин ҷо ба Систон Муаддил ибни Алӣ ҳисор гирифт ва Ҳусайн ибни Алӣ бо сипоҳ ба Ҳабсобод фуруд омад, бар дари Каркӯй рӯзи шанбе, дувоздаҳ рӯз гузашта аз раҷаби санаи самонин ва тисъина ва миатай (дусаду наваду панҷ).

Ва Муаддили Алӣ манҷаниқҳо барниҳод ва ҳарб оғоз кард ва бар мардумони шористон ҳарб оғоз кард ва дасти айёрон бар раият кушода кард. Боз Ҳусайн ибни Алӣ ба Рабаз андар омад ба Дари Окор ва Симҷӯр Мавлои Исмоил ибни Аҳмад андар кӯшки Яъқубӣ рӯзи панҷшанбе, ду рӯз гузашта аз шаъбон. Ва Дари Форс кушода буд, мардумон бар шористон ҳамешуданд ва ҳаме фуруд омаданд ва чизе, ки ҳамебоист, бар ҳисор мебурданд, то рӯзи сешанбе, се рӯз

---

[1] Аз об гузарониданд.
[2] Соҳиби мол.

монда аз шаъбон, Ҳусайн ибни Алӣ он дар низ фурӯ гирифт. Ва хабар андар расид, ки Аҳмад ибни Исмоил ба Буст шуд ва Муҳаммад ибни Алиро бигрифт. Чун Муаддил ин бишнид, дилаш танг гашт ва сулҳ пеш овард ва Касир ибни Аҳмад ибни Шаҳфурро андар миён кард ва машоихи шаҳрро. Пас эшон сулҳ фурӯ ниҳоданд ва савгандони муғаллаза[1] андар миён карданд. Ва Муаддил аз шористон фуруд омад, наздики Ҳусайн ибни Алӣ рӯзи панҷшанбе, як шаб гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи самонин ва тисъина ва миатай (дусаду наваду панҷ). Ва Симҷӯр ба шористон баршуд ва дарҳои шористон барканданд ва бораро рахна карданд ва чӯб аз манҷаникҳо бисӯхтанд. Ва пеш аз ин ба ду моҳ аҳди Систон Аҳмад ибни Исмоил Симҷурро дода буд ва кори Систон даргузашт.

## Мунқатеъ[2] гаштани вилояти Систон аз Оли Яъқубу Амр ва хутба кардан бар Оли Сомон

Рӯзи одина, дуюми зилҳиҷҷаи санаи самонин ва тисъина ва миатай (дусаду наваду панҷ). Пас Симҷӯр ба аморат биншаст ва Аҳмад ибни Исмоил аз Буст бирафт ва ба Систон наёмад ва нома кард наздики Ҳусайн ибни Алӣ ал-Марврудӣ, ки: Бозгард ва Муаддил ибни Алиро бо хеш биёр ба Ҳарӣ. Ва Аҳмад ибни Исмоил Муҳаммад ибни Алиро бо хештан аз Буст ба Ҳарӣ бурд. Пас Аҳмад ибни Исмоил Муаддил ибни Алиро аз Ҳарӣ ба Бухоро фиристод ва касҳои ӯро бистгонӣ кард ва ӯро хоса ҳар моҳ се ҳазор дирам фармуд. То ин буд, номаи Амиралмуъминин Муқтадир омад, сӯи Аҳмад ибни Исмоил, ки: Муҳаммад ибни Алиро бифирист. Пас Муҳаммад ибни Алиро ба Бағдод фиристод. Боз Аҳмад ибни Исмоил амали Систон Бӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқро дод, писари амми хешро ва андар омад Бӯсолеҳ рӯзи панҷшанбе, дувоздаҳ рӯз гузашта аз Робеъулаввали санаи тисъун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду нӯҳ).

---

[1] Қасами сахт, савганди устувор.

[2] Ба охир расидан, аз даст рафтани ҳукмронӣ.

## Ҳадиси Субкарӣ

Аммо ҳадиси Субкарӣ, номаи Алӣ ибни Муҳаммад ибни ал-Фарот омад зӣ Субкарӣ, ки ӯро бихонда буд, ба Мадинатуссалом ва аёлу бунаи Субкарӣ ба Ромҳурмуз наздики Муҳаммад ибни Ҷаъфар ал-Абартонӣ гаравгон буд ва Бадрро нома омад ҳам аз Алии Фарот, ки: Ба Шероз бибош бо сипоҳ, Субкариро хуш наёмад рафтан наздики Муқтадир. Нома набишт ва амали Порсу Кирмон ва Систонро хутба кард ва моли бузург бифиристод ва Муҳаммад ибни ал-Абартониро дувист ҳазор динор дод, то ба иноят дар кори Субкарӣ ба ҳазрат номаҳо набишт ва замон кард аз Муқтадир, ки ҳар соле сездаҳ бор ҳазор ҳазор дирам аз ин амал бидиҳад. Пас аҳду маншур оварда шуд Субкариро бар ин ҷумла ва иёли ӯро даст бидоштанд. Ва ин ҳама ба тадбири Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол буд. Пас Абдуллоҳ Муҳаммад ал-Қаттол ба Сирҷон фармон ёфт ва Субкарӣ Исмоил ибни Иброҳим ал-Бамиро вазир кард ва мадори кор бар вай ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Қаттол истод. Якчанде буд, молро талаб омад аз Субкарӣ ва Субкарӣ донист, ки чандон мол мумкин нагардад ба ҳосил овардан, бисёр ҷавру мусодира кард, то даҳ бор ҳазор ҳазор дирам ҷамъ кард. То ин буд, сипоҳи Муқтадир ба дари Шероз омад ҳарби Субкариро ва Субкарӣ ба ҳазимат бирафт аз Шероз рӯзи шанбеи чаҳор рӯз боқӣ аз зилқаъдаи санаи тисъун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду нӯҳ).

## Ҳазимат кардани Субкарӣ

[Субкарӣ] ба Сиргон[1] омад ва боз з-он ҷо ба Бам омад ва сипоҳ бар асари ӯ ҳамеомад ва Субкарӣ перомуни Бам канда кард ва сулҳ пеш овард, ки сипоҳ бозгардад. Гуфтанд: Чора нест, ба даргоҳ бояд рафт.

Пас рӯзи одина, чаҳор рӯз гузашта аз зилҳиҷҷа ҳарб уфтод ва Субкарӣ ба ҳазимат бирафт. Ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад Қаттолро асир карданд ва Муҳаммад ибни Халаф ибни ал Лайсро ва гурӯҳе бузургону сарҳангон. Ва Субкарӣ ба роҳи Паҳра биёмад ба Саффа ва з-он ҷо ба Неҳ

[1] Номи ин маҳал қабл аз ин дар шакли «Сирҷон» омадааст.

омад ва ба Табас омад ва ёрагӣ надоштӣ, ки ба Систон омадӣ, аз он чи бар Тоҳири Яъқуб кард, бар ду писари Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс. Донист, ки мардумони Систон хасми ӯянд ва аз он ҷо ба Ҳарӣ рафт ва нома набишт сӯи Аҳмад ибни Исмоил, ки то ба сомаи ӯй андар Хуросон бибошад. Фармон дод ӯро, ки: Ба Марв рав, он ҷо биншин. Он ҷо шуд, номаи Муқтадир расид сӯи Аҳмад ибни Исмоил, ки: Субкариро бифрист. Банд карду ӯро ба Бағдод фиристод, андар ҷумодиюлохири санаи тисъун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду нӯҳ).

Аммо ҳадиси Бӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ, ӯ чун ба Систон омад, мардумонро бисёр некуӣ гуфт ва аҳдҳои неку кард ва онро вафо накард. Ва ба лашкар ҷой қарор накард, андар Ҳалафобод, андар шаҳр омад ва ба хонаҳо манзил кард. Ва моли Систон бар аҳди қадим ҳазор ҳазор дирам беш набуд ӯ зиёдат хост.

**Хилоф кардани мардумон бар Мансури Исҳоқ**

Пас мардумони Систон гуфтанд: Ба ҳеч ваҷҳ мо истихфоф[1] эҳтимол накунем. Ва аз Оли Яъқуб ва Амр ҳеч кас намонда буд, магар Абӯҳафс Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс ва кӯдак буд ҳанӯз даҳсола. Бар он бинҳоданд, ки ӯро бинишонем ва худ андар пеши ӯ кор ҳамекунем ва ин сипоҳи Хуросонро барафканем. Ва Муҳаммад ибни Ҳурмуз ал-Мавло, ки мавлои Сандалӣ гуфтандӣ, аз маволии Муҳаммад ибни Амр буд [ва] марде ҷалд[2] буд. Андар мазолим шуду гуфт: Ба Систон расм нест, ки моли зиёдат хоҳанд ва лашкарӣ ба лашкарҷой бошад, ки мардумонро занону духтарон бошад. Мардуми бегона ба манзилу сарои озодмардон воҷиб накунад. Мансур ибни Исҳоқро бародарзодае буд барно ва тезгуна[3], гуфт: Мо сарой ва ҷимоъ аз Хуросон наёвардаем ва мол кам аз он наситонем, ки бистгонии мо бошад! Мавло Сандалӣ гуфт: Бигӯям туро!… Ва бархосту бирафт. Мансур ибни Исҳоқ он барноро гуфт: Ин набояст гуфт, аммо ин мардак моро низ

[1] Кам ва беқадр шумурдани касе ё чизе.
[2] Чусту чолок зираку хушёр.
[3] Савдоӣ ва асабимизоҷ.

ваъид кард! Бичустанд ӯро бознаёфтанд, рафта буд. Пас Сандалӣ наздики айёрон шуд ва тадбир бикард бо эшон ва пеши Зиреҳ шуд. Ва ӯ худ аз Камарзаҳар[1] буд ва ба ҳар шаҳре шуда даҳ марду бист мард ҷамъ кард, марде понсад аз пеши Зиреҳ. Шаби шанбе, сездаҳ рӯз боқӣ аз ҷумодиюлаввали санаи тисъун ва тисъина ва миатай (дусаду наваду нӯҳ) ба дари Каркӯй омад ва он ҷо гурӯҳе буданд аз ёрони Мансур ибни Исҳоқ. Бо эшон ҳарб карду гурӯҳе бикушт, дигар ба ҳазимат ба шаҳр андар омаданд ва бонг ба шаҳр андар уфтод. Ва ба Хуҳ ҷамъ шуд ва ҳар ки лашкарӣ дид, ба хонаву кӯю бозор, ҳамекушт. То ба дари зиндон шуданд ва дари зиндон бишикастанд ва маҳбусон берун омаданд ва бо эшон якӣ шуданд. Ва Муҳаммад ибни Аббоси Кулакӣ марде мард буд, биёмад ва ҳар ду фариқ андар набудани он сипоҳ якӣ шуданд ва бар боми сутургоҳи қасри Яъқубӣ баршуданд ва аз сипоҳи ӯ бисёр мардум кушта ва гирифта шуд.

**Гирифтани Систон мавлои Сандалӣ ва куштан сипоҳи Хуросонро ва гирифтани Мансури Исҳоқ**

Ва Мансур ибни Исҳоқ ба ҳазимат аз шаҳр берун шуд ва он барно бародарзодаи ӯ гирифта шуд, ба сари Кӯи занон, ки он ҷо дар банд буд. Сандалӣ ӯро ҳино баст ва дигар рӯз ба дасти сутурбон дод, то фазеҳат[2] карданд он суханро, ки гуфта буд. Ва Мансур ибни Исҳоқ ба қадаи Муҳаммад ибни ал-Лайс фуруд омада буд. Ва дигар рӯз хост, ки ҳарб кунад, чи донист, ки ба Хуҳанд, биёмад ба кӯй гирифтор шуд ва асир карданду молу буна ва сутурони ӯ ҳама ғорат карданд. Муҳаммади Мавло [Сандалӣ] андар қасри Яъқубӣ фуруд омад. Чун ин кор бирафт, хутбаи аморати хештанро хост, ки кунад ва ҳадиси Абӯҳафс бигзошт. Мардумонро он хуш наёмад, Муҳаммад ибни Аббоси Кӯлакӣ аз ӯ ҷудо шуд. Бо гурӯҳе айёрон бархосту ба Фароҳ шуд ва мавло Сандалӣ даст [ба] мусодираю ҷавр кардан бурд бар мардумон ва Бонасри Ҳамдонии

[1] Номи ин маҳал дар ҷои дигар дар шакли «Камзоҳир» омадааст.
[2] Маломат кардан, шарманда кардан барои коре ё сухане.

Ҷувайниро бо гурӯҳе сипоҳу туркони зинҳорӣ, ки з-они Мансур ибни Исҳоқ буданд, ба Фароҳ бифиристод ба ҳарби Муҳаммад ибни Аббос ва ӯ ҳарб накарду гуфт: Ман фармонбардорам. Бархост ва бо эшон биёмад. Чун ба наздикони шаҳр бирасид, Нобевасон Бонасри Ҳамдони Ҷувайниро бикушт, ёрони Бонаср ҳазимат карданд ва ӯ ба дари шаҳр омад ва мардум бо ӯ ҷамъ шуд. Ва Мавло ба ҳарби ӯ берун шуд ва ҳарбе саъб карданд ва бисёри мардум кушта шуд. Охир Мавло ба ҳазимат рафт ва ба лаби Ҳирманд фуруд омад. Ва Кӯракӣ ба кӯшки Яъқубӣ фуруд омад ва мавролӣ бо ӯ чамъ шуданд ва Бӯҳафсро берун оварданд ва ба аморат биншонданд ва хутба бар ӯ карданд рӯзи одина, дувоздаҳ рӯз гузашта аз аз моҳи рамазони санаи тисъун ва тисъуна ва миатай (дусаду наваду нӯҳ).

## Хутба кардани амир Бӯҳафс Амри Яъқуби Муҳаммади Амр ал-Лайс

Бӯҳафс Мансур ибни Исҳоқро талаб кард, ки андар ин фатрат[1] гурехта буд ва ба сарои габре наздикони мусалло[2] мутаворӣ[3] буд. Биёфту биёвард ва бисёр некуӣ кард ва хилъат дод. Ва рӯзу шаб ба наздики хеш ҳамедошт. Ва Боҳафс андар сарои занон хуфтӣ ба шаб ва Кулакӣ андар кӯшки Яъқубӣ Мавло боз мардум ҷамъ кард аз айёрон ва рустову шаҳр ва ба шаб андар табл бизад ва Кулакӣ маст буд, ки ҳеч хуш надошт. Охир бедораш карданд ва барнишаст. Шаби одина буд, чаҳор рӯз монда аз шаввол ва ҳарб карданд. Охир Мавло ҳазимат кард ва Ҳаффор бар асари ӯ ҳамешуд. Ба Кӯи занон расид, андар Кӯи рух дарун шуд. Зане аз бом яке ҳовани[4] симан[ӣ] зад бар сари ӯ ва ӯ аз асб бияфтод Ҳаффор андар расид [ва] сари ӯ баргирифт ва ӯро бар дор кард. Ва кори Кулакӣ боло гирифт ва ба нафси хеш муаҷҷаб шуд ва ҳамегуфт ки: Ин кор ба шамшер гирифтам. [Пас] рӯзи шанбе, даҳ рӯз боқӣ аз шаввол, Боҳафс рӯй ниҳон кард. Кулакӣ барнишаст, пеши ӯ шуд ва

[1] Муддат, фурсат, фосилаи замонӣ.
[2] Намозгоҳ, ибодатгоҳ.
[3] Пинҳон, гуреза.
[4] Ӯғур, зарфе, ки дар он ғалладона ё доруввориро мекӯбанд.

бисёр узр хост ӯро. Ва маволии ӯро ҳама ба кушки Яъқубӣ овард. Боз Кулакӣ бар маволӣ хилоф кард ва маволӣ ҷамъ шуданд, ки Кулакиро бикушанд. Чун Кулакӣ чунон дид Боҳафсро бар Хазро бурд ва биншонд. Ва андар пеши ӯ ба пой биистод то маволию ом ӯро ба хидмати ӯ бидиданд ва з-он боз гаштанд. Ва Кӯлакӣ Мансур ибни Исҳоқро ба Арк фиристод ва з-он ҷо бозгашт. Боз маволӣ бар Кулакӣ хуруҷ карданд, чунонки карда буданд. Охир Кулакӣ бигрехт ва ниҳон шуд ва Боҳафс ӯро эмин кард ва берун омад. Чун хабари Мансур ибни Исҳоқ сӯи Аҳмад ибни Исмоил бирасид, ки бо ӯ чӣ рафт ва акнун маҳбус аст. Ҳусайн ибни Алӣ  ал-Марврудиро бо сарҳангону сипоҳи бисёр ба Систон фиристод.

### Омадани Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ ба Систон дигар роҳ[1]

Ва Аҳмади Дароз бо ӯ ба Систон омад, даҳ рӯз монда аз зилқаъда ва ҳам андар ин сол ба дари шаҳр андар Ҳалафобод фуруд омад. Ва ҳарбҳо бисёр карданд ва ӯро андар шаҳр нагзоштанду боз аз он ҷо ба Нийшак шуд ва он ҷо фуруд омаду кас ба шаҳр ҳамефиристод, ба наздики руасо ва меҳтарон ва умедҳои неку ҳамекард. Боз рӯзе барнишаст ва моле сипоҳро дод ва мардумони Рабаз ҳавои ӯ карданд. Он рӯз ҳарбе бикарданд сахт ва Кӯраки ва Боҳафс ба шористон шуданд ва Ҳусайн ба Рабаз андар омад. Мардумонро бинвохту бисёр некуӣ гуфт ва Бӯбакр ибни  ал-Музаффар ва Симҷур бо сипоҳе фаро расиданд ба ёрии Ҳусайни Алӣ. Ҳарбҳои бисёр уфтод миёни эшон, охир сулҳ карданд ва Ҳусайни Алӣ эшонро ҳама эмин кард [ва] шаби душанбе, чаҳордаҳуми шавволи санаи салосумиа (сесад) сулҳ карданд. Мансури Исҳоқро аз Арк фуруд оварданд ва Кулакиву Занголӯд ва дигар айёрон ҳама ба наздики Ҳусайни Алӣ омаданд. Ҳамаро некуӣ гуфту хилъат дод ва ба ҳисор бозфиристод магар Мансури Исҳоқро. Рӯзи душанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз шаввол, Мансури Исҳоқ бирафт сӯи Хуросон ва гуфт: Ман имрӯз аз дӯзах растам ва ба биҳишт расидам, маро беш Систон набояд. Ва Боҳафс бо

---

[1] Бори дигар, маротибаи дигар.

мāволии хеш берун омад, ба наздики Ҳусайни Алӣ ва Ҳусайн ӯро некуӣ карду ваъдаҳои неку кард [ва] ба наздики Аҳмад ибни Исмоил нома набишт андар ҳадиси ӯ. Нома ҷавоб кард, ки: Ҳамгинонро бо хештан биёр ва шаҳру вилоят бо Симҷӯр бигузор. Ҳусайнро он хуш наёмад, ки амали худ ҳамехост. Айёронро ҳама барошуфт ва Симҷур некуӣ ҳамекарду мегуфт ва дили мардумон хуш ҳамекард. Охир Ҳусайни Алӣ, Кулакиро банд карду Боҳафсро бебанд бо хештан бибурд ва дигар айёронро ва ба Ҳарӣ шуд рӯзи панҷшанбе ва бирафт чаҳордаҳ рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи салосумиа (сесад). Чун ба Ҳарӣ бирасид, Боҳафсу айёронро наздики Аҳмади Исмоил фиристод, магар Занголудро наздики хеш боздошт. Боз бикушт ӯро андар рабеъулаввали санаи иҳдо ва салосумиа (сесаду як). Аҳмад ибни Исмоил Боҳафсро ба Самарқанд фиристоду айёронро бифармуд, то бикуштанд ва Бӯмансури Ҷайҳонӣ аз Буст ба Систон омад, андар аввали рабеъулаввали санаи иҳдо ва салосумиа (сесаду як). Мардумони Систон расул фиристоданд наздики Аҳмад ибни Исмоил, то расулон ба ҳадди Бухоро бирасиданд. Аҳмад бин Исмоилро ду ғулом аз они вай лаби Ҷайҳун бикуштанд, ба таълими Бӯбакри Дабир ҳашт рӯз боқӣ аз ҷумодиюлохири санаи иҳдо ва салосумиа (сесаду як).

## Куштани Аҳмад ибни Исмоил амири Хуросонро ва нишондан писари ӯро Наср ибни Аҳмадро ба амирӣ

Ва сипоҳу мардумон байъат карданд писари ӯро Наср ибни Аҳмад ва ӯ нуҳсола буд ва кор Абдуллоҳи Ҷайҳонӣ ҳамеронд. Расулонро бозгардонид. Чун хабари Аҳмад ибни Исмоил ва куштани ӯ зӣ Симҷӯр бирасид, мардиву ҷалдӣ кард андар нигоҳ доштани шаҳр ва миёни сипоҳ ин ҷо ихтилофҳо уфтод. Ва Бӯбакр ибни ал-Музаффар бирафт ва ба Ҳарӣ шуд наздики Ҳусайн ибни Алӣ ва сарҳангони бештаре бо ӯ бирафтанд ва ҳамчунон ягон-ягон мерафтанд то Симҷӯр танҳо монд бо хосагони хеш. Пас ҳеч хабар надошт, то айёрон бо ӯ шабехун карданд. Беш натавонист, ки ба тохтан аз шаҳр берун шуд гурехта, ҳашт рӯз гузашта

аз рамазони санаи иҳдо ва салосумиа (сесаду як) ва ба роҳи Қаҳистон бирафт.

## Гурехтани Симҷӯр аз Систон

Мардумон наздики Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Амр рафтанд, ки маъруф буд ба Ниё [ва] гуфтанд, ки шаҳр нигоҳ бояд дошт. Ва Абӯязид Холид ибни Муҳаммад ибни Яҳё бундори[1] Кирмон буд ва нома ҳаме набишт, сӯи Муқтадир андар ҳадиси Систон ва ӯро андар он боб ангезиши Муҳаммад ибни Ҳамдонӣ ҳамекард.

Пас номаи Муқтадир ҷавоб омад ва аҳди Систон омад наздики Фазл ибни Ҳамид [ва ӯ] Муҳаммад ибни Ҳамдонро ба хилофати хеш ба Систон фиристод ва Самра ибни ар-Рабеъро бо вай. Андар ин миёна ҷулоҳае бархост аз навоҳии Авқ, номи ӯ Малех ва гурӯҳе бо ӯ ҷамъ шуданд аз ғавғо. Ва ба дари шаҳр омад, ки шаҳр маро бояд ва ба рӯзи чаҳоршанбе хутба кард хештанро ба аморат. Яке ӯро гуфт: Айюҳал амир, расму одати хутба рӯзи одина бошад. Гуфт: Бошад, ки маро замон набошад, то рӯзи одина! Ҳамчунон ки набуд. Аҳмади Ниё ва айёрон берун шуданд ва ҳам андар ин рӯз, ки хутба карда буд хештанро, ӯро бикуштанд. Ва дигар рӯз берун шуданд, пазираи Муҳаммад ибни Ҳамдон ва Самра ибни ар-Рабеъ ва эшонро бо ҷалолу таъзим андар шаҳр оварданд, ғурраи зилқаъдаи санаи иҳдо ва салосумиа (сесаду як).

## Омадани Фазли Ҳамид ба амирии Систон

Фазл ибни Ҳамид андар омад, мардумони шаҳр озин бастанд ва Холид ибни Муҳаммад бо ӯ буд. Холидро андар сарои Булҳусайнӣ фуруд оварданд ва Фазл ибни Ҳамидро андар сарои Боюсуфӣ. Чун рӯзе чанд баромад, Муҳаммад ибни Ҳамдонро ба Камарзаҳар фиристод. Айёрон ӯро он ҷо

---

[1] **Бундор** аз ҷумлаи мансабҳои омилони хироҷ будааст ва аз он ки ин лафз форсист, метавон гуфт, ки қабл аз ислом маъмул буда, арабҳо низ онро истифода мекардаанд. Лафзи «ҷаҳбад» ҳам, ки эҳтимол муарраби «каҳбад» будааст, аз ҷумлаи мансабҳо ё лақабҳои роиҷ ҳисоб меёфтааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

бикуштанд ва шаҳр барошуфт, чунонки Фазлу Холид ҳар ду қасди рафтан карданд. Чун шаб андар омад, ҳарб андар уфтод миёни фариқайн ва Муҳаммад ибни Ҳамдуя ба Хавош осӣ шуда буд, даст фарои молу ғаллаи султонӣ дароз карда буд. Ва Фазл ибни Ҳамид тохтан кард ва ӯро он ҷо бикушт ва айёрони ӯро пароканданд ва бештаре асир карданду ба шаҳр андар оварданд ва шаҳр сокин шуд.

Пас айёронро бигрифтан гирифт ва банд ҳамекарду ба Кирмон мефиристод ва андар шавволи санаи исно ва салосумиа (сесаду ду) хироҷ берун кард ва Бадр ӯро мадад фиристод аз Форс ва фармон дод, ки ба Буст равед ва Бӯмансури Ҷайҳонӣ ба Буст буд, Бӯмансур амали Буст аз дасти Аҳмад ибни Исмоил дошт, якчанде биёмад ба Систон. Чун ӯро бикуштанд, Наср ибни Аҳмадро биншонданд, Бӯмансур ба Буст шуд, Холид ибни Муҳаммад нома кард ба Ҷайҳонӣ, ки: Буст бигузору бирав. Ӯ нарафт ба фармони ӯ. Пас Фазл ибни Хамид бирафт ба ҳарби ӯ сӯи Буст рӯзи сешанбе, ҳашт рӯз гузашта аз ҷумодиюлаввали санаи исно ва салосумиа (сесаду ду). Чун ба Навзод расид, Бӯмансури Ҷайҳонӣ пазираи ӯ омад ва он ҷо ҳарбе сахт бикарданд ва ҳазимат бар Ҷайҳонӣ уфтод. Бо гурӯҳи хеш бирафт сӯи Саъди Толиқонӣ шуд ба Зобулистон ва Фазл ибни Ҳамид ба Буст андар шуд рӯзи панҷшанбе, шаш рӯз боқӣ аз ҷумодиюлаввали санаи исно ва салосумиа (сесаду ду).

Рӯзгоре он ҷо бибуд ва з-он ҷо ба Систон омад ва Фатҳ ибни Морҷуҳро он ҷо халифат кард. Чун Ҷайҳонӣ наздики Саъд расид, қасди Буст карданд ҳар ду, чун ба Раздон[1] расиданд, Фатҳ тохтан кард бар эшон, бисёр мардум кушта шуд. Охир Фатҳ ба ҳазимат шуд ва Ҷайҳониву Саъд ҳар ду ба Буст андар омаданд ва Фатҳ ба Систон омад. Фазл ибни Ҳамид бемори саъб шуда буд ва сӯи Бадр ба Порс нома набишта буд, ки касе фирист ба ҷои ман ва иллати хешу моли хеш ёд карда ва Бадр Муҳаммад ибни Туғрилро бо сипоҳе корӣ бифиристода буд рӯзи сешанбе, панҷ рӯз монда аз зилқаъдаи санаи исно ва салосумиа (сесаду ду), ба Систон андар омад. Ва бирафту ба

---

[1] Зоҳиран номи ин шаҳр Равзан буда, шаҳракест наздики Фирӯзқанд ва воқеъ дар роҳе, ки аз Буст ба сӯи Рухкад меравад (Аз шарҳи М. Баҳор).

замини Довар шуд ва Ҷайҳониву Толиқонӣ ба як фарсангии замини Довар бо ӯ ҳарб карданд ва Ҷайҳонӣ ба ҳазимат бирафту Толиқонӣ асир монд, ду шаб гузашта аз муҳаррами санаи салосун ва салосумиа (сесаду се). Ва Саъдро ба иморӣ андар ба Систон фиристод. Ва Холид ибни Муҳаммади Яҳё ба Зобулистон рафт бо Муҳаммад ибни Туғрил ва он ҳама корҳо ба салоҳ бозовард ва ба Систон бозгашт ва ба Систон андар омад, шаш рӯз боқӣ аз ҷумодиюлаввали санаи салосун ва салосумиа (сесаду се). Ва Саъди Толиқониро халос карду бо ӯ бисёр некуӣ кард. Муҳаммад ибни Туғрил фармон ёфт, ҳам андар ин моҳ аз иллати саъб, ки ӯро муааввад[1] буд ба рӯзгор.

### Исён овардани Холид ибни Муҳаммад ибни Яҳё

Ва Ҳусайн ибни Алӣ ал-Марврудӣ Бӯисҳоқи Зайдӯй-ро ба Сафзор фиристода буд бо гурӯҳе сипоҳ, ки: Фурсат нигоҳ доред, то магар Систон битавонем гирифт. Чун Холид аз Буст бозомад, хабари Бӯисҳоқи Зайдӯй бишнид ва сӯи вай номаҳои неку набишт ва ӯро ваъдаҳо кард бисёр. Ва Бӯисҳоқ ба номаи вай биёмад ва Холид бо ӯ некуӣ бисёр кард ва хилъатҳо дод ва силат. Ва сипоҳ бо ӯ бифиристод ба Қаҳистон ба ҳарби Симҷӯр ва Симҷӯр бигрехт аз Қаҳистон ва Бӯисҳоқи Зайдӯй Қаҳистон бигрифт ва он ҷо қарор гирифт.

Чун соли санаи арбаъун ва салосумиа (сесаду чор) андар омад, Бадр аз Форс Зайд ибни Иброҳимро ба Систон фиристод бар моли хироҷ. Чун хабар [ба] Холид расид, мардумонро ҷамъ кард ва бигуфт: Мардумон гуфтанд, ки мо ҳеч касе дигар нахоҳем магар туро. Ва Холид ба дил андар дошт, ки исён орад Бадрро. Берун шуд сӯи Фароҳ ва андар ин миён Симҷӯр сипоҳ овард ба Қаҳистон [ва] бар Бӯисҳоқи Зайдӯй ҳарб кард ва Бӯисҳоқ ба ҳазимат биёмад ба Фароҳ ба наздики Холид. Ва Фатҳ ба Буст ба Холид андар нофармон шуда буд, Холид аз Фароҳ ба Буст шуд ва Бӯисҳоқи Зайдӯй бо ӯ якҷо. Ва Фатҳро бигрифтанд, пас аз он ки ҳарб карданд бо ӯ ва ба Систон оварданд ва ин андар

---

[1] Одатшуда, ин ҷо ба маънии бемории музмин, кухна.

ҷумодиюлохири санаи арбаъун ва салосумиа (сесаду чор) [буд]. Ва Бӯисҳоқи Зайдӯй ба Ҳарӣ шуд рӯзи одина буд, ёздаҳ рӯз гузашта аз шавволи санаи арбаъун ва салосумиа (сесаду чор), Холид ҷомаи дабирон баркард ва ҷомаи сипоҳон пӯшид ва номи Бадр аз хутба барафканд ва хештанро хутба карду қасди Кирмон кард. Рӯзи сешанбе, як шаб боқӣ аз шаъбони санаи арбаъун ва салосумиа (сесаду чор), бирафт то ба Бам расид ва з-он ҷо ба Дори Обҷурд шуд. Ва сипоҳи Бадр пеши вай омад ва ҳарбе сахт бикарданд ва сипоҳи Холид ба ҳазимат рафт. Холидро асир гирифтанд ва бикуштанд ва сипоҳи ӯ ба зинҳори Бадр шуданд. Ва Касир ибни Аҳмад ибни Шаҳфур андар сипоҳи Холид буд. Чун ҳоли Холид бар он ҷумла буд, з-он ҷо яксар ба Систон омад ва рӯзи шанбе, ҳашт рӯз боқӣ аз зилқаъдаи санаи арбаъун ва салосумиа (сесаду чор) бо гурӯҳе сипоҳ. Ва Касир бар мардум некиву адл пайдо кард ва мардумонро ҳаменавохт ва нома набишт ба Буст ӯ Руххад ва замини Довар ва ҳама дар фармони ӯ омаданд. Ва Касир ибни Абисаҳл ибни Ҳамдонро ба Буст фиристод. Ӯ чун ба Буст шуд, исён овард андар Касир ибни Аҳмад, то Касир Муҳаммад ибни ал-Қосим домоди хешро бо сипоҳе фиристод, ӯро бигрифтанд ва ба Буст оварданд. Касир фармуд, то ӯро бикуштанд ва муалла карданд. Боз Бӯисҳоқи Зайдӯй бо гурӯҳе айёрон биёмад ва қасди Касир кард, андар сафари санаи хамсун ва салосумиа (сесаду панҷ). Ва Касир Муҳаммад ибни Қосимро бо сипоҳе пазираи Бӯисҳоқ фиристод, ҳарб карданд, охир ҳазимат ба Бӯисҳоқ уфтод ва бародари вайро Бӯзакариёи Зайдӯйро асир гирифтанд. Ва Бӯисҳоқ ба Хуросон шуд ва ёрони вайро бештар асир биёварданд. Ва ин ҳарб андар рабеъулохири санаи хамсун ва салосумиа (сесаду панҷ) буд.

Боз Муқтадир Аббоси Шафиқро ба расулӣ фиристод сӯи Касир ибни Аҳмад, ки амал таслим бояд кард ба Бадр. Мардумон ҷамъ шуданд, ки: Мо ҳеч касе нахоҳем магар Касир ибни Аҳмадро. Боз Бадр Зайд ибни Иброҳимро бо сипоҳе бисёр ба Систон фиристод. Чун ба наздикони шаҳр расиданд, ёрони Касиру айёрон ба ҳарб берун шуданд. Ҳарб карданд, сипоҳи Бадр ҳазимат кард ва Зайд ибни Иброҳимро асир гирифтанд. Ва ин рӯзи чаҳоршанбе буд,

чаҳордаҳ рӯз боқӣ аз раҷаби санаи хамсун ва салосумиа (сесаду панҷ). Боз Аббоси Шафиқ дигар роҳ ба Систон омад, бо номаи писари Фарот ва они Бадр андар фиристодани Зайд ибни Иброҳим ва халос кардани ӯ. Касир ибни [Аҳмад] Зайдро халос кард ва хилъат доду асбе дод ва ду астару панҷ уштур ва ҳазор динор ва даҳ тахт ҷома ва бифиристод ва Аббоси Шафиқро шашсад ҳазор дирам [дод], ки наздики писари Фарот бояд расонид. Чун рӯзи шанбе буд, ду шаб боқӣ аз шавволи санаи ситтун ва салосумиа (сесаду шаш). Касир ибни Аҳмад берун шуд ба танназзӯҳ[1] сӯи Каркӯй андар иморӣ ва сарҳангон бо ӯ ва ғуломони ӯ Такин бо ӯ буд, андар иморӣ. Ёрони ӯ бозгаштанд ва астарро пай карданд ва пешӣ ба куштани вай Тароил кард. Ва Касир ибни Аҳмадро бикуштанд, намози дигар. Ва Касир ибни Аҳмад Бояъқубро ба тозиёна зада буд ва Курктар ҳукм карда [буд], ки Касирро андар ин рӯз бикушанд. Ва Бояъқубро шитоб гирифта буд, намози дигар ба сарои Курктар шуд, ки накуштанд Касирро? Гуфт: Эй донишманд, ҳанӯз рӯз ба қадри Касир куштан монда ҳаст! То ин буд, хабар омад, ки Касирро бикуштанд. Ва Аҳмад ибни Қудом андар шаҳр омад ва ба кӯшки Яъқубӣ фуруд омад рӯзи якшанбе, як шаб боқӣ аз шавволи санаи ситтун ва салосумиа (сесаду шаш) ва уммоли Касирро ҳам бар шуғлҳо бигзошт ва гурӯҳе ба Буст фиристод. Аз бисёрии об ба Буст андар наёристанд шуд, боз худ ба нафси худ ба Буст шуд ва Аҳмад ибни Баҳманро бар Систон халифат кард. Пас гурӯҳе ба Систон ҳавои Муҳаммад ибни Қосим карданд, ки домоди Касир ибни Аҳмад буд. Муҳаммади Қосим омили Касир буд ба Зобулистон, боз сипоҳ оварду ба дари Буст бо Аҳмади Қудом ҳарб кард. Муҳаммад Қосим ҳазимат шуд ва ба Систон омад ва Аҳмади Қудом бар асари ӯ сипоҳ фиристод. Муҳаммади Қосим бигрехт ва ба Зобулистон шуд ва Аҳмад ибни Қудом Мутаҳҳар ибни Тоҳирро Буст дод. Боз Муҳаммад ибни Ҳамдуни Исфислорро бо гурӯҳе сипоҳ ба ёрии вай фиристод ба Буст ва худ ба Систон буд, то хабар омад ки Муҳаммад ибни Ҳамдун хилоф пайдо кард ва қасди Буст кард. Андар асар хабар омад, ки Бахшаку Туғон

---

[1] Сайругашт, истироҳат, фароғат.

Буст бигрифтанд ва Аҳмад ибни Қудом з-ин ҷо ба Буст шуд, ба дашти Букон ҳарб карданд ва Туғон ба ҳазимат рафт. Аҳмад ибни Қудом сипоҳ фиристод ба талаби Муҳаммади Қосим, биёфтанду бигрифтанд ба деҳе ба Дари Таъом ва бикуштанд. Боз Аҳмад ибни Қудом Аҳмад ибни Таркаро банд кард ва ба Кӯҳтез фиристод ва бифармуд, то он ҷо бикуштанд андар ҷумодиюлаввали санаи тисъун ва салосумиа (сесаду нӯҳ). Ва Аҳмад ибни Қудом ба Систон омад ва сипоҳе фиристод ба талаби Туғон ва ба замини Довар андар Туғон расиданд ва ҳарбе сахт карданд. Охир Туғонро асир карданд ва ба Систон оварданд бар уштур ва курсӣ бар пушти уштур дар зери вай ниҳода рӯзи шанбе, ёздаҳ рӯз гузашта аз моҳи рамазони санаи тисъун ва салосумиа (сесаду нӯҳ) ва бифармуд, то бикуштанд.

Чун Туғон кушта шуд, боз ҳама ҷаҳон талаби Абдуллоҳ ибни Аҳмад ҳамекард ва Абдуллоҳ мутаворӣ буд, то шаби сешанбе, сездаҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлохири санаи ашара ва салосумиа (сесаду даҳ). Ҳеч касеро хабар набуд, то ба лаби поргин ба дари Форси нав овози табле омад заифгуна. Аҳмади Қудом аз кӯшки Яъқубӣ берун омад бо сипоҳ, нигоҳ кард Абдуллоҳ ибни Аҳмад буд бо гурӯҳе ғавғо, ҳарб оғоз карданд. Чун овози ҳарб ба шаҳр андар омад, мардумон бидонистанд, оммаи шаҳр Абдуллоҳ ибни Аҳмадро ёрӣ карданд ва Аҳмад ибни Қудом бо андак мардум ба ҳазимат бирафт ҳам аз лаби Поргин ва ба Буст шуд. Ва Абдуллоҳ ибни Аҳмад андар қасри Яъқубӣ шуд ва захоиру мол ва силоҳи Аҳмади Қудом ҳама ба дасти ӯ уфтод. Ва ҳамаи мардуми саҷзӣ, ки бо Аҳмади Қудом буданд, наздики Абдуллоҳ ибни Аҳмад омаданд. Ва ҳиндувон бо Аҳмади Қудом ба Буст шуданд ва Талҳа ибни Саворро ба талеа ба Деҳак фиристод.

Пас Абдуллоҳ ибни Аҳмад ба Систон ду писари Таробили ҳиндуро, ки солори ҳиндувони Яъқубӣ буд, банд барниҳод. Номаи Таробил андар ниҳонӣ сӯи Абдуллоҳ ибни Аҳмад расид, ки: Амонам деҳ, то биёям. Абдуллоҳ ӯро амон дод ва хилъат фиристод пеш аз омадан. Таробил ба Систон омад ва Аҳмади Қудом ба Руххад буд. Чун Таробил биёмад, Абдуллоҳ ибни Аҳмад қавӣ гашт, сипоҳ ҷамъ карда қасди Аҳмади Қудом кард ва Азизро – писари хешро бар

Систон халифат кард. Ва ғурраи рамазони санаи ашара ва салосумиа (сесаду даҳ), бирафт бо сипоҳе қавӣ сохта ва хост, ки ба роҳи биёбон биравад. Хабар расид, ки Аҳмади Қудом ҳама чоҳҳои биёбон ангжад[1] афкандааст ва об табоҳ карда. Пас ба роҳи дигар бирафт, то бирасид ба Навқон ва Аҳмади Қудом ба ҳарби ӯ берун омад ва ҳарбе сахт бикарданд. Охир Аҳмад ибни Қудом ҳазимат шуд ва сипоҳ аз паси ӯ бирафт ва наздики вай расиданд. Асп биистод, пиёда шуд, андар расиданду бигрифтанд ӯро рӯзи шанбе, чаҳор рӯз боқӣ аз моҳи рамазони санаи ашара ва салосумиа (сесаду даҳ). Пас Аҳмад ибни Қудомро ба Систон оварданд дигар рӯзи ид ва сипоҳсолори вайро Симҷӯрро ва Абдуллоҳ ибни Аҳмад молҳо бистадан гирифт. Ва Фармон дод Мутаҳҳар ибни Тоҳирро, ки: Аз мардумони Буст ҳазор ҳазор дирам бистон. Ва Абдуллоҳ ибни Аҳмад ба нафси хеш ба Руххад шуд ва з-он ҷо набишт. Чун рӯзи якшанбе буд, нӯҳ рӯзи боқӣ аз муҳаррами санаи иҳдо ашара ва салосумиа (сесаду ёздаҳ), оммаи Систон бар Азиз ибни Абдуллоҳ хуруҷ карданд ва пайдо карданд шиори амир Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Халаф ибни ал-Лайс[ро].

## Нишондан амир Абӯҷаъфарро ба амирии Систон шаби чаҳоршанбе, сездаҳ рӯз боқӣ аз муҳаррами санаи иҳдо ашара ва салосумиа (сесаду ёздаҳ)

Пас ӯро берун оварданд ва биншонданд. Ва ӯро андак моя бузург буд ҳанӯз, аммо бо хиради пирон буд, илми бисёр ҳосил карда ва фарри шоҳиву бузургӣ андар вай пайдо. Ва шаҳри айёрон фурӯ гирифтанд ва даст [ба] ғорату куштану сӯхтан бурданд. Чун амир Бӯҷаъфар он бидид, хештанро эҳтиёт кард, кори муҳмал[2] фурӯ гузошт ва худ ниҳон шуд рӯзи панҷшанбе, дувоздаҳ рӯз монда аз муҳаррам. Чун хабари ниҳон шудани ӯ аз [мардум наздики]

[1] Лафзи «ангжад» дар шаклҳои «ангжа», «ангжон» ва «ангзон» ҳам истифода мешавад. Бино ба қавли муаллифи «Бурҳони қотеъ» лафзи «ангжад» ба таври умумӣ ба шилм, моддаи часпандае мансуб аст, ки аз танаи дарахтон ҳосил мешавад. Сабаби «ангжад» ном гирифтанаш он аст, ки шилми он аз дарахти ангадон ҳосил мешавад, Ангжад дорои моддаест, ки бӯи хеле бад дорад (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Камаҳамият, нозарур, беэътибор.

Азиз ибни Абдуллоҳ бирасид, ба ҳазимат рафта буд, бозомад. Чун ба дари шаҳр омад, айёрон бонги амир Бӯҷаъфар карданд ва гуфтанд: Ҳаргиз бар мо ҳеч касе солор нагардад магар ӯ. Чун Азиз он бидид, бозгашт ва ба работи Рабеъ фуруд омад. Ва хабари амир Бӯҷаъфар ба Абдуллоҳ ибни Аҳмад бирасид, нахуфту наёрамид, то ба Систон омад рӯзи шанбе, ёздаҳ рӯз боқӣ аз сафари санаи иҳдо ашара ва салосумиа (сесаду ёздаҳ). Чун кори шаҳр мутағайир дид, дилҳои айёрону мардумони аз хештан нуфур ва ҳеч касе наздики ӯ нашуд ва муҳаббати амир Боҷаъфар андар дили мардумон ҷойгир дид ва шиори ӯ ошкора, мутаҳайир монд. Берун шуд аз шаҳр ва айёрон бонги Боҷаъфар ҳамекарданд ва амир Бӯҷаъфар андар хона нишаста [ва] ба ҳар ҷой ҷосусону пайкон ва номаҳо ҳамефиристод ва андар сирр наздики Майҳам ибни Рунак набишта буд ва ӯ омили Руххад буд, аз дасти Абдуллоҳ ибни Аҳмад, ки: Бояд, ки дили сарҳангон ва маволии мо, ки он ҷоанд, бад-он диёр хуш гардонӣ ва эшонро аз ҷиҳати ман таҳният кунӣ, ба хилъатҳои неку ва навохтҳову амалҳои бузургвор. Ва ҳамчунин наздики Ҳамак ибни Нӯҳ набишта буд ва гуфта буд, ки: Биой то Руххад ва ҳарчанд тавонӣ, мардум ҷамъ кун ва байъатҳо бистон. Ва ҳамгинон ӯро иҷобат карда буданд. Майҳам чун хабари берун омадани амир Боҷаъфар бишнид, Абдуллоҳ ибни Аҳмадро халъ кард ва хутба бар амир Боҷаъфар кард ва Ҳамак ба Руххад омад, ҳам ба фармони ӯ. Ва Абдуллоҳ ибни Аҳмад, Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абитамимро ба халифатии Буст фиристод. Мардумон ӯро андар нагзоштанд ва пайдо карданд шиори Амир Боҷаъфар ва хутба бар ӯ карданд. Чун хабари хутбаи Буст ба Руххад сӯи Майҳам бирасид, аз Руххад ба Буст омад ва ба Буст [байъати] амир Боҷаъфарро бигрифт ва мардумонро бигуфт, ки: Ӯ чандин рӯзгор аст, то ин кор фурӯ гирифтааст ва ҳаме рост кунад андар ниҳон. Абдуллоҳ ибни Аҳмад фурӯ монда буд андар ҳудуди Систон, ки надонист, ки чӣ кунад ва куҷо шавад ва бар ҳеч касе ӯро эътимод намонда буд, ки ҳама олам майл бо амир Боҷаъфар карда буданд. Пас амир Боҷаъфар нома кард сӯи Майҳам, ки: Бархез ва ба Систон ой бо сарҳангону ҳашам, ки ҷамъ шудаст, аз авлиё то аҳд тоза карда ояд. Ва Майҳам аз Буст

бирафт бо сипоҳе сохта, ҷону мол фидо карда, ки: Мо меҳтаре ёфтем, аз ёдгори подшои хеш ва аз хидмати бегонагону бандагон растем. Чун Майҳам бо ин сипоҳ наздики Систон бирасид, Абдуллоҳ ибни Аҳмадро [хабар набуд]. Чун хабари айёрон наздики Абдуллоҳи Аҳмад бирасид, бозгашт. То бозгашт, овози таблу бӯқҳо шунид [ва] Майҳам бо сипоҳ фаро расид, на Майҳамро аз ӯ хабар буд ва на ӯро аз Майҳам. Ҳарб фурӯ гирифтанд носохта ва ҳарбе сахт бикарданд ва ёрони Майҳам чирадастӣ карданд ва давлат наву саъд рӯзгор. Абдуллоҳ ибни Аҳмад ҳазимат шуд ва андар вақт хабар сӯи амир Боҷаъфар омад, ошкора шуд ва ба қасри Яъқубӣ ба қасри подшоҳӣ биншаст ва андар вақт Ямон ибни Ҳузайфро бар асари Абдуллоҳ ибни Аҳмад бифиристод, Ямон ба Бундон андар Абдуллоҳи Аҳмад расид ва ӯро он ҷо асир гирифт ва ба шаҳр андар овард шаби душанбе, сездаҳ рӯз гузашта аз раҷаби санаи иҳдо ашара ва салосумиа (сесаду ёздаҳ).

### Асир мондани Абдуллоҳи Аҳмад бар дастии Ямони Ҳузайф

Ва дигар байъати ом карданд амир Боҷаъфарро ва кор бар ӯ қарор гирифт ва сипоҳ ҷамъ шуд аз маволию сарҳангону озодагони Систон, ҳама якдилу якниҳод ва ташвиш аз миёна бархост. Боз Майҳам ибни Рунак ва Ҳусайну Муҳаммад, ду писари Билол ибни ал-Азҳар берун шуданд, ки ба Хуросон шавем ба фармони амир Боҷаъфар. Чун ба Фароҳ расиданд, Майҳаму Таробил хилоф карданд ва ба Буст шуданд ва амир Боҷаъфар ба ҳарби Майҳам шуд ба Буст ва Муҳаммад ибни Баҳманро ба Буст халифат кард ва ҳарби Майҳам бикарду Майҳам ба ҳазимат бирафт. Боз Абулфазл Муҳаммад Ибни Исҳоқ ал-Арабӣ ба Систон омад, ба хилофати амир Боҷаъфар андар шаввол ва ба зилҳиҷҷа андар амир аз Буст бозомад. Боз хабар омад, ки Булфазли Ҳорис ва Булфазли Ҳусайн байъат карданд ба Буст Азиз ибни Абдуллоҳ[ро] андар раҷаби санаи салосун ашара ва салосумиа (сесаду сездаҳ). Амир берун рафт сӯи Буст ба ҳарби Азиз андар моҳи рамазон. Чун наздикони Буст расид, Азиз бар роҳи Кеш ба ҳудуди Систон омад,

андар охири рамазон ва ба дари Мино фуруд омад ва Абулфазл Муҳаммад ибни Исҳоқ ал-Арабӣ бо ӯ ҳарб кард. Сарҳангони Азиз бигаштанду наздики Булфазл омаданд. Азиз бигрехт, ба Хуросон шуд андар шаввол. Амир Боҷаъфар аз Буст бозомад ба Систон андар рабеъулохири санаи арбаъа ашара ва салосумиа (сесаду чордаҳ). Боз андар зилҳиҷҷаи санаи хамса ашара ва салосумиа (сесаду понздаҳ) ба Бусту Руххад шуд ва андар раҷаби санаи ситта ашара (шонздаҳ) бозомад ва андар ин миёна хилофати Систон Булфазлро буд. Ва ба зилҳиҷҷа андар шаҳр омад, Муҳаммад ибни Мусоро андар ҷумодиюлохири санаи сабъа ашарата ва салосумиа (сесаду ҳабдаҳ) ва андар шаъбон Раздонӣ[ро], ки номи вай Муҳаммад ибни Яъқуб буд, ба Кирмон фиристод бо сипоҳ. Вай ба Кирмон шуд ва ҳазор ҳазор дирам бидоданд ва бозомад андар зилқаъда. Ва ҳам андар ин сол Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ал-Лайсро аз қазо азл кард ва Булҳусайни Ансориро қозӣ кард ва Босаиди Шурутиро аз хутба азл кард ва Булҳусайн ал-Мосилиро хатиб кард. Боз Муҳаммад ибни Яъқуби Раздониро ба Буст фиристод, андар рамазон ва бозори нав андар рабеъулаввал бисӯхтанд. Боз амир Бӯҷаъфар ба нафси хеш бирафт ба ҳарби Ҳамак ибни Нӯҳ андар шаъбони санаи тисъата ашара ва салосумиа (сесаду нуздаҳ) ва он ҷо шуду сулҳ карданд ва бозгашт. Ва андар ҷумодиюлохири санаи ишрина ва салосумиа (сесаду бист) Абӯаҳмад ал-Ҳусайн ибни Билол ибни ал-Азҳарро ба ҳарби Боязиди Бунакӣ фиристод ва Боязид ба ҳазимат бирафт. Ва андар ин моҳ Ансориро аз қазо азл кард ва қазо Халил ибни Аҳмадро дод андар Ҷумодиюлохири санаи ишрина ва салосумиа (сесаду бист). Боз хабар омад, ки Боязиди Бунакӣ ва Бозакариёи Зайдӯй ва Қаротекину ёронашон ба роҳи Навзод берун омаданд ба Буст, ки Аҳмади Яъқуби Раздониро бигиранд ва Раздонӣ ба моҳи рамазон гурехта з-он ҷо бозомад. Амир Бӯҷаъфар берун шуд, ки он ҷо равад ба ҳарби туркон ба Буст ва ду моҳ бар дари шаҳр бимонд, ба рамазон берун шуд ва андар зилҳиҷҷа ба шаҳр андар омад ва андар ин миёна нома

набишта буд, сӯи Абӯҳафс Амр ибни Яъқуб. Ва Бӯҳафс мутанаккир[1] ба Бағдод буд, то бозояд. Ва андар муҳаррами санаи иҳдо ва ишрина ва салосумиа (сесаду бисту як) ба шаҳр андар омад.

Ва амир Абӯҳафс ӯро бузург дошт ва иҷлолу икром кард ва хилъатҳо доду амалҳо арза карданд бар вай. Ва Боязиди Бунакӣ ва Бозакариёи Зандуй ва Қаротекин ба Буст ҳар се тоат карданд ва ба фармон андар омаданд. Чун Раздонӣ аз он ҷо бозгашт, [бар ӯ хашм гирифт] ва Раздониро маҳбус кард ва солҳо ба ҳабс андар бимонд ва боз аз зиндон бигрехт.Ва корҳо ба дасти писарони Тоҳири Асрам: Булхайр ва Бӯҳафс ва Булқосим ҳамерафт. Чун амир Боҳафс биёмад, амалҳо ба ӯ арза кард. Гуфт: Ман ду амалро андар Систон, пас аз садр, ки ту дорӣ харидор будам. Акнун оби он бим шуд [ва] нахоҳам ва садр ман доштам, ба бод додам ва кифоят он надонистам, ки бидоштӣ ту ва ба ҷой овардӣ. Бад-он ту мустаҳиқтарӣ[2] аз ман, он чӣ ман кардӣ амири шаҳр будӣ, кунун фалон Гандумакро додӣ, оби он бишуд. Дигар амирии об будӣ, фалон Муҳаммад ибни Абдурраҳмонро додӣ, оби он бишуд. Кунун маро ҳеч амал намонд ва нахоҳаму накунам. Охир Сайидабону, модари амир Бӯҷаъфар гуфт: На туро шуғле бояд?

Охир ӯро соҳиби мазолим карданд. Ҳар рӯз мазолими сипоҳ будӣ ва ба садри мазолим биншастиву корҳо ҳамерондӣ. Амир Боҷаъфар марде буд бедору сахӣ ва олим ва аҳли ҳунар ва аз ҳар илме баҳра дошт. Рӯзе шаб ба шароб машғул будӣ ва ба бахшидану доду деҳиш. Ва мардумони ҷаҳон андар рӯзгори ӯ ором гирифтанд ва ҳеч меҳтаре ба шуҷоати ӯ набуд андар ин рӯзгор. Ва соату авқотро бахшиш карда буд, замоне ба намоз хондан, замоне нишасту хӯрдан, замоне кори подшоҳӣ бознигаридан, замоне осоишу хилват ба оромидан. Ва зикри ӯ бузург шуд дар ҷаҳон наздики меҳтарони олам.

---

[1] Ба хотири шинохта нашудан дигар кардани қиёфаи зоҳирӣ ва либос.
[2] Арзандатар, сазовортар.

## Ҳадиси Мокон бо амир Бӯҷаъфар

Бад-он ки расуле фиристод сӯи Мокон, ба миёнаи Зиреҳ расул ба пазираи Булҳусайни Хориҷӣ омад. Булҳусайн гуфт: Куҷо равӣ? Гуфт: Наздики Мокон ҳамефиристад малик бандаро ба расулӣ. Булҳусайн маззоҳ[1] буд, гуфт:

Шеър:

*Фоле бикунам риши туро, ё расул,*
*Ришат биканад Мокон пок аз усул.*

Расул бирафт, наздики Мокон шуд ва Мокон ӯро бинавохт ва бирру некуӣ кард. Охир шабе шароб хӯрд ва тофта гашт[2] ва фармон дод, то риши вай бистурданд[3]. Дигар ба ҳушёрӣ з-он пушаймонӣ хӯрд ва расулро хилъатҳо дод ва молҳои бисёр ва узрҳо хост ва бидошт, то риши вай баромад ва бар казои ҳоҷат бозгардонид ва узрҳо ҳамехост. Расул гуфт: Туро, эй амир, андар ин ҳеч гуноҳ набудаст, илло ин фоле буд, ки бикарданд ба Систон ва фоли карда кори карда буд. Чун расул ба Систон бозомад, ҷосус амир Боҷаъфарро огоҳ карда буд, аз расул бозпурсид. Қисса бозгуфт. Булҳусайни Хориҷиро бихонд, вай инкор кард. Ва амир ҳазор савор бисохт ва нагуфт, ки ҳаме куҷо равам ва понсад ҷамозаву понсад марди пиёда барнишонд ва биёбони Кирмон баргирифт. Мардумон гуфтанд: Магар сӯи Куфҷон хоҳад шуд.

Ҳеч касро хабар нашуд то шабехун кард ба Рай ва Моконро бигрифт ва ба Систон овард. Ва хазинаву моли ӯ баргирифт ва ҳазор асби тозӣ ва понсад шутур овард. Ва ин ҷо аз ӯ ҳазор ҳазор дирам [бигрифт]. Пас бинвохт ва бигзошт ва меҳмон кард. [Боз] ба мастӣ бар ӯ хештан мутағайир гардонид [ва] бифармуд, то ришаш бистурданд. Дигар узрҳо бисёр хост ва неку ҳамедошт, то боз ришаш баромад, онгоҳ хилъат дод ва бозгардонид.

---

[1] Шӯхтабъ, зариф.
[2] Маст шуд.
[3] Тарошиданд.

**Ҳадиси Наср ибни Аҳмад бо амир Бӯҷаъфар**

Ин хабар ба маҷлиси амири Хуросон бигуфтанд, ӯро аҷаб омад, аз ҳиммату мурувват ва шуҷоати ӯ. Ва Моконро душман доштӣ амири Хуросон. Як рӯз шароб ҳамехӯрд, гуфт: Ҳама неъмате моро ҳаст, аммо боястӣ, ки амир Бӯҷаъфарро бидидӣ. Акнун, ки нест, боре ёди ӯ гирем. Ва ҳама меҳтарони Хуросон ҳозир буданд, ёди вай гирифту бихӯрд ва ҳама бузургони Хуросон нӯш карданд. Он гоҳ, ки сикӣ бад-ӯ расид, ҷоми сикӣ сармуҳр карду даҳ пора ёқути сурх ва даҳ тахт ҷомаи беш баҳо ва даҳ ғулому даҳ канизаки турк ҳама бо ҳуллаву ҳулал ва асбону камарҳо наздики вай фиристод ба Систон. Ва Рӯдакӣ ин шеър андар ин маънӣ бигуфта буд, бифиристод. Ва он рӯз бар зуфони амири Хуросон бирафт, ки: Агар на он аст, ки амир Боҷаъфар қонеъ аст ё на, он дилу тадбиру рою хирад, ки вай дорад, ҳама ҷаҳон гирифтастӣ. Ва шеър ин аст:

**Шеър:**

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,
То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон.
Ҷуз ки набошад ҳалол дур бикардан,
Баччаи кӯчак зи шири модару пистон
То нахӯрад шир ҳафт маҳ ба тамомӣ,
Аз сари урдибиҳишт то буни обон.
Он гаҳ шояд зи рӯи дину раҳи дод,
Бачча ба зиндони тангу модар – қурбон.
Чун биспорӣ ба ҳабс баччаи ӯро,
Ҳафт шаборӯз хира монаду ҳайрон.
Боз чу ояд ба ҳушу ҳол бубинад,
Ҷӯш барорад, биналад аз дили сӯзон.
Гоҳ забар зер гардад аз ғаму гаҳ боз,
Зеру забар ҳамчунон з- андӯҳи ҷӯшон.
Зар бар оташ куҷо бихоҳӣ полуд,
Ҷӯшад, лекин зи ғам наҷӯшад чандон.
Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,
Кафк барорад зи хашму ронад султон.
Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад,
То бишавад тирагешу гардад рахшон.

Охир, к-ором гираду начаҳад низ,
Дар-ш кунад устувор марди нигаҳбон.
Чун бинишинад тамому софӣ гардад,
Гунаи ёқути сурх гираду марҷон.
Чанд аз ӯ сурх чун ақиқи ямонӣ,
Чанд аз ӯ лаъл чун нигини Бадахшон.
Вар-ш бибӯйӣ, гумон барӣ, ки гули сурх,
Бӯй бад-ӯ доду мушку анбар бо бон.
Ҳам ба ғам андар ҳамегузорад чунин,
То ба гаҳи навбаҳору нимаи найсон.
Он гаҳ агар ними шаб дар-ш бикшойӣ,
Чашмаи хуршедро бубинӣ тобон.
В-ар ба булӯр андарун бубинӣ, гӯйӣ,
Гавҳари сурх аст ба каффи Мусии Имрон.
Зуфт шавад роду марди суст – диловар,
Гар бичашад з-ӯю рӯйзард гулистон.
В-он ки ба шодӣ яке қадаҳ бихӯрад з-ӯй,
Ранҷ набинад аз он фарозу на аҳзон.
Андӯҳи даҳсоларо ба Танҷа рамонад,
Шодии навро зи Рай биёраду Уммон.
Бо майи чунин, ки солхӯрда бувад, чанд
Ҷома бикарда фароз панҷаи хулқон[1]
Маҷлис бояд бисохта маликона,
Аз гулу в-аз ёсамину хайрии алвон.
Неъмати фирдавс густарида зи ҳар сӯ,
Сохта коре, ки кас насозад чунон.
Ҷомаи заррину фаршҳои навойин,
Шухра раёҳину тахтҳои[2] фаровон.
Барбати Исиву фаршҳои[3] фуодӣ,
Чанги мудак ниру нои чобуки ҷонон[1].

---

[1] Зоҳиран «Ҷома бикарда фароз панҷаҳ хулқон» аст ба маънии «аз солхӯрдагӣ панҷоҳ ҷома куҳна кардааст» (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Дар асл «таҳтҳо» буда, зоҳиран «тахтҳо» ба маънии сарир аст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[3] Ин ҷо лафзи «фаршҳо» шояд тақлиди котиб ба мисраи аввали байти пеш аз он омада бошад, ки таъбири «фаршҳои навоин» дорад. Вале аз рӯи он ки дар ин байт сухан аз созҳои мусиқӣ (чанг, мудак, ной) меравад, бояд ба ҷои «фаршҳо» номи яке аз асбобҳои мусиқӣ оварда мешуд (Аз шарҳи М. Баҳор).

Як саф мирону Балъамӣ биншаста,
Як саф ҳуррону пир Солеҳи деҳқон.
Хусрав бар тахти пешгоҳ нишаста,
Шоҳи мулуки ҷаҳон – амири Хуросон.
Турк ҳазорон ба пой пеши саф андар,
Ҳар як чун моҳи бар ду ҳафта дурафшон.
Ҳар як бар сар басоки мӯрд ниҳода,
Лабаш[2] майи сурху зулфу ҷаъдаш райҳон.
Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку баччаи Хоқон.
Чун-ш бигардад набиз чанд ба шодӣ,
Шоҳи ҷаҳон шодмону хурраму хандон.
Аз кафи турке сиёҳчашми парирӯй,
Қомат чун сарву зулфакон-ш чавгон.
З-он тани хуш[3]… соғаре биситонад,
Ёд кунад рӯи шаҳриёри Сиҷистон.
Худ бихӯрад нӯшу авлиёш ҳам эдун.
Гӯяд ҳар як, чу май бигирад шодон.
Шодии Бӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад,
Он меҳи озодагону мафхари Эрон.
Он малики адлу офтоби замона,
Зинда бад-ӯ доду рӯшноии Кайҳон.
Он ки набуд аз нажоди Одам чун ӯ,
Низ набошад агар нагӯӣ буҳтон.
Ҳуҷҷати якто Худою сояи ӯяст,
Тоати ӯ карда воҷиб ояти Фурқон.
Халқ ҳама аз хоку обу оташу боданд,
В-ин малик аз офтоби гавҳари Сосон.
Фарр бад-ӯ ёфт мулки тираву торӣ,
Адн бад-ӯ гашт низ гетии вайрон.
Гар ту фасеҳӣ, ҳама маноқиби ӯ гӯй
В-ар ту дабирӣ, ҳама мадоеҳи ӯ хон.
В-ар ту ҳакимиву роҳи ҳикмат ҷӯӣ,

---

[1] Мисраи дуюми ҳамин байт: «чанг, мудак ниру нои чобуки ҷонон» дар нусхаи чопӣ «Чангу дафу пардаҳои чобуки ҷонон» зикр шудааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Дар матни асл «абшу» омада ва дар тасҳеҳи устод Баҳор «лабаш» сабт шудааст.

[3] Вазни ин мисраъ ноқис аст ва шояд «З-он майи хушбӯй соғаре бистон» бошад (Аз шарҳи М. Баҳор).

Сирати ӯ гиру хуб мазҳаби ӯ дон.
Он ки бад-ӯ бингарӣ ба ҳикмат, гӯӣ:
Инак Суқроту ҳам Фалотуни Юнон.
В-ар ту фақеҳиву сӯи шаръ гароӣ,
Шофеъӣ инак-ту Бӯҳанифаву Суфён.
Гар бикушояд зуфон ба илму ба ҳикмат,
Гӯш кун, инак, ба илму ҳикмат Луқмон.
Марди адабро хирад физояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб физояду имон.
В-ар ту бихоҳӣ фаришта, ки бубинӣ,
Инак, ӯяст ошкоро Ризвон.
Хуб нигаҳ кун бад-он латофату он рӯй,
То ту[1] бубинӣ бар ин, ки гуфтам бурҳон.
Покии ахлоқи ӯву покнажодӣ,
Бо нияти неку бо макорими эҳсон.
В-ар сухани ӯ расад ба гӯши ту як раҳ,
Саъд шавад мар туро нуҳусати Кайвон.
В-ар-ш ба садр андарун нишаста бубинӣ,
Ҷазм бигӯӣ, ки зинда гашт Сулаймон.
Сомсаворе, ки то ситора битобад,
Асб набинад чун ӯ савору на майдон.
Боз ба рӯзи набарду кину ҳамият,
Гар-ш бубинӣ миёни миғфару хафтон.
Хор намояд-т зиндапил бад-он гоҳ
В-арчи буд масту тезгаштаву[2] ғуррон.
В-ар-ш бидидӣ Сифандиёр гаҳи разм,
Пеши синон-ш ҷаҳон давидиву ларзон.
Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳи тани ӯй
Кӯҳи Сиём аст, ки кас набинад ҷунбон.
Душман ар аждаҳост, пеши синонаш
Гардад чун мум пеши оташи сӯзон.
В-ар ба набард[3] оядаш ситораи Баҳром,
Тӯшаи шамшери ӯ шавад ба гаравгон[4].

---

[1] Дар матни асл «тат» омадааст ва дар тасҳеҳи М. Баҳор «то ту» сабт гардидааст.
[2] Дар матни асл «сер гашта» сабт шудааст.
[3] Дар асл «в-ар на сард» аст.
[4] Гаравгон дар «Бурҳони қотеъ» ба маъниҳои орият, вадиат, ғулом ва банда ҳам омадааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

Боз бад-он гаҳ, ки май ба даст бигирад,
Абри баҳорӣ чун ӯ наборад борон.
Абри баҳорӣ ҷуз оби тира наборад,
Ӯ ҳама дебо ба тахту зар ба анбон.
Бо ду каф ӯ зи бас ато, ки бибахшад,
Хор намояд ҳадису қиссаи тӯфон.
Лоҷарам аз ҷуду аз саховати ӯяст,
Нарх гирифта мадеҳу сомитӣ[1] арзон.
Шоир зӣ ӯ равад фақиру тиҳидаст,
Бо зари бисёр бозгардаду ҳумлон.
Марди суханро аз ӯ навохтану бир,
Марди адабро аз ӯ вазифаи девон.
Боз ба ҳангоми доду адл бари халқ,
Нест ба гетӣ чун ӯ набилу мусулмон.
Дод биёбад заиф ҳамчу қавӣ з-ӯй,
Ҷавр набинӣ ба назди ӯву на удвон.
Неъмати ӯ густарида бар ҳама гетӣ,
Он чи кас[2] аз неъматаш набинӣ урён.
Бастаи гетӣ аз ӯ биёбад роҳат,
Хастаи гетӣ аз ӯ биёбад дармон.
Боз бар[3] афви он муборак хусрав,
Ҳалқаи танг аст ҳар-ч дашту биёбон.
Пӯзиш бипазираду гуноҳ бибахшад,
Хашм наронад, ба афв кӯшаду ғуфрон.
Он малики Нимрӯзу хусрави пирӯз,
Давлати ӯ юзу душман – оҳуи нолон.
Амр ибн  ал-Лайс зинда гашт бад-ӯ боз
Бо ҳашами хешу он замонаи эшон.
Рустамро ном агарчи сахт бузург аст,
Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон.
Рӯдакиё, барнавард мадҳи ҳама халқ,
Мидҳати ӯ гӯю маҳри давлат бистон.
В-арч бикӯшӣ ба ҷаҳди хеш бигӯӣ,
В-арчи кунӣ тез фаҳми хеш ба сӯҳон.
В-арчи дусад тобеа фаришта дорӣ,
Низ парӣ бозу ҳар-ч ҷинниву шайтон.

[1] Дар асл «сомит» сабт гардидааст.
[2] Зоҳиран, «эч кас», яъне ҳеҷ кас бояд бошад (Аз шарҳи М. Баҳор).
[3] Дар ҳошияи маҷаллаи «Меҳр» «бо расани» омадааст.

Гуфт надонӣ сазошу хез, фароз ор,
Он ки бигуфтӣ, чунон-к гуфтӣ натвон.
Инак, мадҳе чунонки тоқати ман буд,
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.
Ҷуз ба сазовори мир гуфт надонам,
В-арчи Ҷарирам ба шеъру Тоиву Ҳассон.
Мадҳи амире, ки мадҳ з-ӯст ҷаҳонро,
Зинат ҳам з-ӯву фарру нузҳату сомон.
Сахт шикӯҳам, ки аҷзи ман бинамояд
В-арчи Сареъам або фасоҳати Саҳбон.
Бар духте мадҳ арҷа кард замоне,[1]
В-арчи бувад чира[2] бар мадоеҳи шоҳон.
Мадҳи ҳама халқро карона падид аст,
Мидҳати ӯро карона неву на поён.
Нест шигифтӣ, ки Рӯдакӣ ба чунин ҷой,
Чира шавад беравону монад ҳайрон.
В-арна маро Бӯумар диловар кардӣ
В-он гаҳ дастурии гузидаи Аднон.
Заҳра куҷо будаме ба мадҳи амире,
К-аз пайи ӯ офарид гетӣ Яздон.
В-ар-м заифиву бебудим[3] набудӣ,
В-онки набуд аз амири Машриқ фармон.
Худ бидавидӣ ба сони пайки мураттаб,
Хидмати ӯро гирифта ҷома ба дандон.
Мадҳ расул аст, узри ман бирасонад,
То бишносад дуруст мири сухандон.
Узри раҳӣ хеши нотавониву пирӣ,
К-ӯ ба тани хеш аз он наёмад меҳмон.
Давлати мирам ҳамеша бод бар афзун,
Давлати аъдои ӯ ҳамеша ба нуқсон.
Сар-ш расида ба моҳ бар ҳама баландӣ
В-они муодӣ ба зери моҳӣ пинҳон.

---

[1] Ин мисраъ дар матни асл чунин аст ва дар маҷаллаи «Меҳр» дар шакли «Бурд чунин мадҳу арза кард замоне» омадааст ва саҳеҳ будани он маълум нест (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Тавоно, мусаллат.

[3] Бебудӣ ба маънии лобудӣ ва бечорагӣ. Дар маҷаллаи «Меҳр» «бе барим» забт шуда ва С. Нафисӣ ба исботи дурустии он далел наовардааст. Таъбири «бе бар», «бебарӣ» дуруст ба назар намерасад. Ин таъбир метавонад дар шакли «пириам бинабудӣ» ба маънии заъфу нотавонӣ ҳам бошад (Аз шарҳи М. Баҳор).

Талъат тобандатар зи талъати хуршед,
Неъмат пояндатар зу Ҷудиву Саҳлон.

Ва аммо ин шеър бад-он ёд кардем, то ҳарки ин шеър бихонад, амир Бӯҷаъфарро дида бошад, ки ҳама чунин буд, ки гуфтааст. Ва ин шеър андар маҷлиси амири Хуросон ва содот Рӯдакӣ бихондаст. Ҳеч кас як байт ва як маънӣ аз ин ки дар ӯ гуфта буд, мункир нашуд, илло ҳама ба як забон гуфтанд, ки андар ӯ ҳарчи мадеҳ гӯйӣ, муқассир бошӣ, ки марди тамом аст. Чун шеър ин ҷо оварданд, даҳ ҳазор динор фиристод Рӯдакиро ва шаробдори амири Хуросонро, ки он ёдгор оварда буд, хилъат доду ато ва боз гардонид. Ва қисса дароз намекунам андар ҳадиси ӯ, ки китоб дароз гардад, ки фазоили ӯро хоса аз миёни бузургони Систон ду муҷаллад чунин бояд ва ҳам гуфта наёяд. Аммо аз они ҳар меҳтаре бар ихтисор фасле ёд карда ҳамеояд ва Сонеъи Балхӣ андар рубоиёти хеш ин қиссаи Мокон ва Мири Шаҳид ёд кардаст, чунонки ёд кунем:

Байт:
Хони ғами ту паст шуда вайрон бод,
Хони тарабат ҳамеша ободон бод.
Ҳамвора сари[1] кори ту бо некон бод,
Ту Мири Шаҳиду душманат Мокон бод[2].

Ва шуарои тозӣ андар ӯ шеър бисёр гуфтаанд, аммо шарти мо андар ин китоб порсӣ аст, магар ҷое, ки андар монем ва порсӣ ёфта нашавад.

Боз амир Бӯҷаъфар писарони Тоҳири Асрамро маҳбус кард ва Муҳаммад ибни Ҳамдунрову Булаббоси Умайрро Баскар фиристод. Боз Муҳаммад ибни Ҳамдун ба Хуросон шуд ба хидмати амири Хуросон. Амир Бӯҷаъфар Булфатхҳро сипаҳсолор кард ва корҳо бар дасти Булфатҳ ҳамерафт. Ва бузург гашт ва марде ҷалд буду бохирад. Боз Абулҳусайни Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни

---

[1] Дар ин лафз изофат (-и) бо ҳарфи «йо» дар шакли «سری» ифода ёфтааст.

[2] Аз ин мисраъ маълум мешавад, ки рубоии мазкур баъд аз марги Аҳмад ибни Муҳаммад эҷод шудааст ва шояд дар мадҳи Халаф ибни Аҳмад гуфта шуда бошад ва ё ба ҷои «мири шаҳид» муроди гӯянда «мири саид», яъне Наср ибни Аҳмад бошад (Аз шарҳи М. Баҳор).

Абитамим дастурӣ хост ва ба Хуросон шуд. Ва он ҷо бар дасти вай корҳо бисёр рафт ва хидматҳо кард амири Хуросонро ва сабабҳо буд ӯро, ки ба ҷойгоҳ боз гуфта ояд, иншоаллоҳ. Бисёр чизҳо ато дод ва номи вай ба мардӣ андар Хуросон бузург гашт. Ва ба даргоҳи амири Хуросон бибуд ва он ҷо хилъати эҷоби бисёр ёфту маъруф гашт ва з-он ҷо бо бузургӣ ба Систон бозомад. Ва Амир Боҷаъфар пазираи ӯ бозшуд ва ӯро бо мартабаи бузург ба шаҳр андар овард. Ва шаш моҳ ин ҷо бибуд ва рӯзу шаб ба маҷлиси ӯ буд ва хилъатҳо доду некуиҳо кард бо ӯ. Боз Буст ӯро дод ва он ҷо шуд ва он ҷо аҳли илм бисёр буд. Ва Тоҳир илмдӯст буд ва рӯзу шаб бад-он машғул гашт ва уламову фуқаҳои Бустро рӯзу шаб наздики хештан доштӣ ва мунозира кардандӣ андар пеши ӯ ва ӯ андар он сухан гуфтӣ. Боз миёни мардумони Авқ таассуби Шангул ва Зоturуқ уфтод, андар санаи иҳдо ва арбаъина (чилу як) ва Булфатҳ он ҷо шуд ва эшонро аз он заҷр кард. Боз Булфатҳро хилоф уфтод, ба сабаби тозӣ Мундарик осӣ шуд ва аз шаҳр берун шуд, ба Каркӯй шуду з-он ҷо ба Қавқа шуд.

Ва Амир Бӯҷаъфар Раздонирову сипоҳро ба талаби ӯ фиристод ва Булфатҳ бозгашту ба Ҷарводкан омад ва он ҷо мардуми ғавғо бо ӯ ҷамъ шуд. Боз Булаббосро писари Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс он ҷо байъат карданд. Гуфтанд, ки ин подшоҳии Нимрӯзро сазовортар аз амир Бӯҷаъфар, ки падар бар падар подшоҳу подшозодаст ва Амир Бӯҷаъфар подшозода аз ҷиҳати модар аст. Ва мардумони Баскар ҳам андар байъат якӣ шуданд ва Булфатҳ бар сипоҳсолории ӯ биистод ва сипоҳ ҷамъ карду қасди Қасаба карданд ва ба дари шаҳр омаданд. Ва ҳарб уфтод миёни ду сипоҳ ва туркони Буст фаро расида буданд ба ёрии Амир Бӯҷаъфар ва пой надошт, Булфатҳ бо эшон ба ҳазимат бирафт. Ва Ҷарводкан ва бештаре аз пеши Зиреҳ ғорат карданд. Ва амир Бӯҷаъфар Раздониро бар асари ӯ ба Авқ фиристод ва ӯро андар наёфту ба Авқ истиқомат кард. Ва мардумони Авқ сар аз тоат бикашид[анд] ва ба Рунҷ ҷамъ шуданд ва ҳарб карданду ба ҳазимат шуданд. Солорони эшонро шонздаҳ мард он рӯз бикуштанд. Боз амир Бӯҷаъфар Аҳмад ибни Иброҳимро ба Авқ фиристод ва мардум ором гирифтанд бо ӯ. Боз

Сулаймон ибни Авф аз Хуросон ба номаи амир Бӯҷаъфар биёмад ба амони ӯ бо се ҳазор мард ва боз ноҳияти Авқ фаро ӯ дод.

### Куштани Амири Шаҳид Бӯҷаъфар раҳамаҳуллоҳ

Боз Раздонӣ, ки ғуломи вай буд буд ва чандон некуӣ Амир Бӯҷаъфар бар вай карда буд, тадбир кард бар Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Исмоил ва бар Булаббос ибни Тоҳир ибни Амр [ва] бар Иброҳими Сурх ва гурӯҳе аз чокарони хосаи вай ва ӯро андар маҷлиси шароб ба кӯшки Ҳалафӣ андар бикуштанд ва байтулмол ғорат карданд. Ва куштани вай шаби сешанбе буд, ду шаб гузашта аз рабеъулаввали санаи исно ва хамсина ва салосумиа (сесаду панҷоҳу ду). Ва Амир Халаф он шаб рафта буд ба Дӯшоб, ки он ҷо асбон ба хайд[1] карда буд, ӯро ҷустанд, наёфтанд.

Чун хабари куштани падар ба вай расид, дуасба з-он ҷо ба Буст шуд, ба наздики Макҷул, ки волии Буст буд. Макҷул ӯро бинвохту дилгарм кард ва гуфто: Хуни падарат ба ёрии Эзад-таъоло боз орам ва туро ба Дорулмулк биншонам. Ва ба ҷои бузургвор фуруд овард ва нузли[2] бисёр фиристод ва гурӯҳе ғуломони падари ӯ бар пайи ӯ он ҷо шуданд ва кораш маҳкам шуд. Дигар рӯзи куштани Амир Бӯҷаъфар Бӯҳафси Муҳаммал ибни Амрро ба аморат биншонданд ба қалъаи Арк. Боз Макҷул сипоҳ ҷамъ карда ва ҳазор савори гузида бо Амири Халаф ба Систон фиристод ва ҳеч касеро ба Систон хабар набуд, то Амир Халаф ба Ҳорун фуруд омад. Чун Боҳафс хабар шунид, андар вақт ба ҳазимат ба Хуросон шуд ва панҷоҳ рӯз буд з-он рӯз, ки Амир Бӯҷаъфар кушта шуд, то Амир Халаф андар шаҳр омад ва ба аморат бинишаст. Ва ӯро хутба карданд рӯзи якшанбе, панҷ рӯз гузашта аз ҷумодиюлаввали санаи исно ва хамсина ва салосумиа (сесаду панҷоҳу ду). Ва Боюсуф Босаиди Мудрикиро хилъат доду сипоҳсолор кард ва номи вай Муҳаммад ибни Яъқуб буд рӯзи якшанбе, ду шаб гузашта аз раҷаб андар ин сол. Ва

---

[1] Ба маънии ба чарогоҳ бастани аспҳо.

[2] Зиёфат, дастархони пурнозу неъмат.

тобути Булфатҳ аз Нишобур биёварданд, андар шаҳр рӯзи панҷшанбеи шаш рӯз гузашта аз раҷаб ҳам андар ин таърих. Амир Бӯлҳасан ибни Тоҳир ибни Абиалӣ ат-Тамимӣ аз Буст ба Фароҳ омад, ки он ноҳият ба расми ӯ буд. Ва он ҷо мардуми бисёр бо ӯ ҷамъ шуд ва бар шаҳр омад. Амир Халаф пазираи ӯ берун шуд ва якдигарро дар канор гирифтанд ва Амир Халаф гуфт: Ту андар ин мамлакат бо ман шарикӣ ва ӯро бо қасри Яъқубӣ фуруд овард.

## Омадани Амир Тоҳири Бӯалӣ андар шаҳри Систон

Ва модари Тоҳири Бӯалӣ Оиша бинти Муҳаммад ибни Абилҳусайн ибни Алӣ ибни ал-Лайс буд ва рӯзи душанбе даромад, ғурраи зилқаъдаи ҳам андар ин сол. Боз чун шаш моҳ бигзашт, фитна андар шаҳр бархост ва андар ин шаш моҳ хутба чунин кардандӣ. Қозӣ Халил ибни Аҳмад бар минбар: Аллоҳумма аслиҳи-л-Амирайни ибни Або Аҳмад ва Абилҳусайн[1]. Боз Нагарнусак бо мардумони хеш андар шаб ба дари қасри Яъқубӣ омад ва мардуми ом ва амир Тоҳири Бӯалӣ аз кӯша[2] ба ҳазимат берун омад ва ба Кӯи кӯша фуруд омад, то мардум бар ӯ ҷамъ шуданд ва ҳарби самаку садақ карданд дигар рӯз. Охир бозори Пироста бисӯхтанд. Боз амир Халаф гуфт, ки: Ман сӯи ҳаҷ ҳамехоҳам рафт, ки маро он шаб, ки он меҳнат беш омад, назре кардам, аммо гуфтам то ин корҳо истиқомат гирад. Пас Систон ба ҷумла ба амир Тоҳири Бӯалӣ испурд ва бифармуд, ки: Ҳар чи ба даст ояд з-они хуниён, қасос ҳамекун. Ва худ бирафт, ғурраи ҷумодиюлаввали санаи салосун ва хамсина ва салосумиа (сесаду панҷоҳу шаш) сӯи Байтулҳаром. Ва Амир Тоҳири Бӯалӣ Бӯюсуф Муҳаммад ибни Яъқуб ал-Мудрикӣ[ро] банд кард рӯзи душанбе, дувоздаҳ рӯз гузашта аз Шаҳруллоҳи мубораки санаи ситтун ва хамсина ва саломумиа (сесаду панҷоҳу ҳафт). Боз бифармуд, то ӯро бикуштанд, шаби Наврӯз чаҳордаҳ рӯз гузашта аз рабеъулохири санаи сабъун ва хамсина ва

---

[1] Худоё, ду амир. Абӯаҳмад ва Абулҳусайнро ба салоҳ ор.

[2] Кӯшк.

салосумиа. Ва Амир Тоҳири Бӯалӣ марде олиму корӣ буд ва сахиву одилу некухисол ва Систон бар ӯ ором гирифт. Азбас адлу инсоф, ки бар раияти хосу ом ва лашкарӣ буд, андар аҳди ӯ. Ва хироҷ дирамӣ-дирамӣ ситадӣ ва амир Бӯҷаъфар ҳам ин одат дошт ва шабу рӯз ба хӯрдан машғул будӣ. Тоҳир ҳам бар одату сирати ӯ рафт ва қотилони ӯро ҳама ба даст кард ва бикушт ва бар ин ҳол ҳамебуд. Ва агар сияри мурувввату айёрии амир Тоҳир гӯям, қисса дароз гардад. Аммо як ҳикоят ёд кунам.

Ба рӯзгори Амир Бӯҷаъфар Тоҳири Бӯалӣ ва Муҳаммади Хамдун ба ҳашам ба Хуросон шуд[анд] ба даргоҳи амири Хуросон ва Тоҳир аз Амрувиён буд, Муҳаммади Ҳамдун набераи Марзбон буд, ки ба рӯзгори ҷоҳилият Систон эшонро буд ва эшон аз тухми Рустами Дастон буданд. Чун ба даргоҳи амири Хуросон шуданд, ҳар рӯз ба салом рафтандӣ ва ду савор тамом буданд, чунонки ҳар яке бар ҳазор савор ниҳода буданд. Рӯзе бар Регистони Бухоро ҳаме гӯй заданд ва дувоздаҳ ҳазор барнишаста буд. Он рӯз аз бузургони ҳашами амири Хуросон ва Тоҳиру Муҳаммади Ҳамдуни Абдуллоҳ ҳар ду истода ҳаме назора карданд. Амири Хуросон ҳоҷиберо фармон дод, ки: Рав Миркони Саҷзиро гӯй то гӯй зананд, Ҳоҷиб фаро рафту гуфт. Эшон хидмат карданд ва асб пошна барниҳоданд чунонки аз он дувоздаҳ ҳазор гӯй бибурданд. Сипаҳсолоре буд арабро ба даргоҳи амири Хуросон, бонг баровард, ба порсӣ гуфт: Обод бод он шаҳр, ки мардум чунин хезаду парварад!

Муҳаммад ибни Ҳамдун гуфт: Каминаи саворони он шаҳр моем. Моро ёрагӣ набошад, ки андар пеши саворони малики Нимрӯз ба майдон андар шавем.

Амири Хуросонро он хуш омад ва ҳар дуро бинвохту хилъат ва моле беандоза дод. Ва Фатики ходимро он рӯз Тоҳири Бӯалиро бахшид ва Фатик он ходим буд, ки ӯро дувист ғуломи турк дуни дигар чизҳо буд. Ва кори Тоҳир он ҷо боло гирифт, то ӯро амири Хуросон ба сипоҳсолорӣ ба ҳарби Мокон фиристод ва Амираки Тӯсирову Абдуллоҳи Фарғониро зери дасти ӯ. Ва он ҷо шуданду ҳарб карданд. Ва Мокон ба ҳазимат шуд ва Гургон ғорат карданд. [Ва] Амир Тоҳир ба майдони Мокон шуду хайма бизад касеро

нагзошт, ки андар сарои ӯ ғорат кард. Ва камтари молҳо ҳазор маркаби тозӣ ва ҳазор астари бардаъи бар охӯри ӯ буд. Ва ходимеро бихонду аҷрҳои ғуломону саройи занони ӯ ҳамедод ба зиёдат аз он, ки Мокон дода буд.

Мокон ба Табаристон шуд ва з-он ҷо ба Туркистон шуд, савор ҷамъ карду ба тохтан шабехун овард ва Гургон бигрифт. Ва сипоҳи Тоҳирро хабар набуд. Ва Амираки Тӯсиву Абдуллоҳи Фарғонӣ ва сипоҳи Тоҳир, Фатики Ходим ва Булҳасани Кошинӣ, ки ҳоҷиб-ул-ҳуҷҷоб буд, сипоҳи дигар, [ки] амири Хуросон дода буд, сипоҳу бунаи Тоҳир баргирифтанд ва бирафтанд.

Тоҳир ҳарб кард ва биистод бо саворе чанд ва гирифтор шуд ва Тоҳиррову ёронро ба қафасҳои оҳанин андар кард Мокон ва ду сол он ҷо ба банди Мокон бимонд. Ва Моконро хабар набуд, ки Тоҳир аст андар банд ва ҳама рӯз Мокон мутаассиф буд, ки ман Тоҳирро бидидӣ, то хидмате кардаме бад-он некуӣ, ки ӯ кард.

То рӯзе он ходим бад-он зиндон андар шуд, Тоҳирро бидиду бишнохт, давон пеши Мокон шуд, ки Тоҳир андар банди туст. Мокон ба нафси хеш ба зиндон шуд ва Тоҳирро замин бӯса карду халос кард ва узр хост, андар надонистан. Ва биёварду ӯро ба ҷои хеш биншонд ва худ ба хидмати ӯ биншаст. Ва сад ғулому сад канизак ва бист ҳазор динору сад ҳазор дирам фиристод [Тоҳирро]. Ва кушке биёрост аз баҳри ӯ ва сутурону маркабони неку, чунонки Мокону подшоҳонро бошад, бифиристод. Як моҳ шабу рӯз меҳмон дошт. Пас вазири хешро наздики ӯ фиристод, ки: Хоҳӣ ту мир бош, то ман сипаҳсолор ва агар на, ту сипаҳсолор, то ман бигӯям, ки мирулумаройӣ туровст андар ҳама корҳо. Тоҳир гуфт: Неку гӯяд, аммо агар ин ҳама барои он ҳамекунад, ки ман бар остои ҳарам ва асбоби вай кардам, то мукофоти он бошад. Ман он аз он кардам, ки ҷаддони ман ҳама ҷаҳон бигрифтанд, ҳар ҷо, ки ба сарои озодмардон расиданд, ҳамон карданд. Ин одате буд, ки ман аз ниёгони хеш нигоҳ доштам. Ӯ маро сипаҳсолор набояд кард ва на амир, ки ман марде душмани ӯям ва чокари амири Хуросон. Ӯро бигӯй, ки ба ҳар ки напарваридаӣ, эътимод макун, хоса бар душман. Ман парвардаи неъмати амири Хуросонам ва аз Систонам. Ва агар ман туро ба ҳарб

андар биёфтаме, ба даргоҳ фиристодаме ва ҳеч муҳобо накардаме.

Пас Мокон гуфт: Фармон турост. Гуфт: Маро дастурӣ деҳ, то биравам, аммо як моҳ биёсоям. Мокон боз созе нав фаро гирифт роҳро ва моле бисёр бифиристод, ҳама бипазируфт. Пас пайғом фиристод, ки марде корӣ бояд маро, то бад-ин молҳо кадхудоӣ кунам. Пас Мокон марде бифиристод, он мол ҳама бад-он кадхудоӣ супурд. Ва худ дигар рӯз барнишаст ва он кадхудойро гуфт: Ман бад-ин даштҳо андар чизе ниҳодаам, бираваму биёрам, ту андешаи ин шуғлҳо дор, ки бошад, ки як ду рӯз бимонам. Бирафт бо ҷанибате ва рикобдореву астаре ва қадре хӯрданӣ баргирифт ва роҳи Хуросон гирифт. Ҳеч касеро хабар набуд, то ба як манзили Бухоро расид, сӯи амири Хуросон нома набишт ва хабар кард. Дигар рӯз амири Хуросон сипоҳ барнишонд ва худ то як фарсанг ба истиқболи ӯ бозшуд. Ва бар яке боло биистод, то бузургону сарҳангон пазира ҳамешуданд, медид. Пас Фатики Ходиму Булҳасани Кошинӣ омаданд бо ғуломе понсад ороста ба камарҳо ва силоҳи тамом ва пазираи ӯ ҳамерафтанд. Амири Хуросон гуфт: Кадхудоӣ ин аст, ки Булҳасани Кошинӣ ва Фатики Ходим амир Тоҳирро кардаанд, ки бистгонӣ ҳамеситаданд ва лашкари ӯ нигоҳ доштанд ва ғулом хариданду сутуру маркабон то имрӯз андар Хуросон ҳеч касеро он таҷаммул нест, ки Тоҳир ибни Бӯалирост, ки аз банд раста. Ва он мардӣ, ки карда буд, аз ӯ писанд кард аз гуфтору кирдор ва чиз напазируфтан аз Мокон.

Ва султон Маҳмуди Сабуктегин андар маҷлиси хеш ин ҳикоят аз амир Тоҳири Бӯалӣ баргирифтӣ ва гуфтӣ: Маро боястӣ, ки ӯро зинда бидидӣ.

Пас амири Хуросон ӯро хилъатҳои неку бидод ва з-он ҷо нома кард наздики Амир Боҷаъфар то Фароҳ ӯро дод ва он ҷо буд, то ин ҳолҳо уфтод. Пас амирии Систон ёфт ва рӯзгори хеш хӯрду бо мардумон некуӣ кард ва номи неку аз ӯ бимонд ва то ҷаҳон бошад, мегӯянд. Боз чун кори Систон бар ӯ қарор гирифт андар санаи сабъун ва хамсина ва салосумиа (сесаду панҷоҳу ҳафт) лашкар кашиду ба Буст шуд. Туркон аз Буст ба ҳазимат бирафтанд ва Буст холӣ бигзоштанд. Амир Тоҳир андар Буст шуд бе ҳеч ҳарбе ва

куштане ва ӯро хутба карданд ва чанд гоҳ он ҷо бибуд ва ҳеч хабар надошт, то Юзтемур тохтан овард ва эшон ғофил буданд. Гурӯҳе аз пиёдагони саҷзӣ бикуштанд ва Тоҳир бозгашту ба Систон омад ва ҳама бузургони хешро банд барниҳод: Бораси Дайламро, ки сипоҳсолори вай буд, Булҳасани Кошиниро, ки ҳоҷиб-ул-ҳуҷҷоб буд, Носир ибни Мансур, ки раиси лашкар буд, Муҳаммади Азизро, Аҳмади Азизро, Аҳмад ибни Иброҳим ва Муҳаммад ибни Солеҳ ас-Сайёриро ва ин андар санаи самонин ва хамсина ва салосумиа (сесаду панҷоҳу ҳашт) буд. Гуфт: Шумо ба ҳарб андар ёрӣ накардед.

То ин буд, Амир Халаф аз Ҳаҷ бозомад ба наздики Бӯҳамд ибни Мансур шуд – амири Хуросон ба Бухоро ва амири Хуросон ӯро хилъату сипоҳ дод ва биёмад ба Систон. Амир Тоҳир чун хабар бишнид, аҳдро, ки карда буд ва савгандони хӯрдаро, аз шаҳр берун шуд ва бирафт ва ба Сафзор шуд. Ва Амир Халаф рӯзи якшанбе, ёздаҳ рӯз гузашта аз раҷаби санаи самонин ва хамсина ва салосумиа (сесаду панҷоҳу ҳашт) ба кадаи Муҳаммади Лайс фуруд омад ва дигар рӯз андар шаҳр омад ва ӯро хутба карданд ва ба Дорулмулк биншаст. Боз Амир Тоҳири Бӯалӣ бозомад сохта ва ба Мутқарон ва ҳарб карданд ва Амири Халаф ба ҳазимат бирафт, ба Буст шуд ва он ҷо бибуд, то рӯзи одина, ду шаб монда аз шаъбони санаи самонин ва хамсина ва салосумиа (сесаду панҷоҳу ҳашт). Амир Тоҳири Буалӣ фармон ёфт ва Амир Ҳусайн ба подшоҳӣ нишаст ва кунияти Ҳусайн Абӯаҳмад буд. Вафоти амир Тоҳир шаби якшанбе буд, даҳ рӯз монда аз зилқаъдаи санаи тисъун ва хамсина салосумиа (сесаду панҷоҳу нӯҳ). Амир Ҳусайн ба Фароҳ буд ва марги Тоҳир ошкора накарданд, то ба тохтан ҷамоза шуд ва Ҳусайн биёмад. Чун Амир Халаф бидонист, ки Тоҳир рафт ва Ҳусайн биншаст, сипоҳ ҷамъ кард ва биёмад. Чун ба Ҳастан бирасид, Ҳусайн бо сипоҳ берун шуд ва он ҷо ҳарбе сахт бикарданд ва зафар Амир Халафро буд.

### Боз омадани амир Халаф ва гирифтани Систон

Ва фатҳе бузургвор биёфт ва Бораси Дайламу Аҳмади Булфатҳ ва Бӯмуҳаммади Булазҳар ва бузургони сипоҳи

Ҳусайн ҳама он рӯз кушта шуданд. Амир Халаф андар шаҳр омад рӯзи панҷшанбе, се рӯз гузашта аз Ҷумодиюдохири санаи ситтина ва салосумиа (сесаду шаст). Авлиёи Тоҳиру они Ҳусайнро ҳама бигрифту бикушт ва моли эшон баргирифт ва чунон кард, ки ҳеч ҳусайнӣ ба Систон намонд, то ба Хуросон рафтанд ва ё ба ғурбат ё бикушт эшонро нишасти хеш ба Дошан кард, корҳо мустақим гашт. Ва ҳеч касро хабар набуд, то Амир Ҳусайн аз кӯҳ биёмад ба лаби Ҳирманд ва оби сел омада буд. Сипоҳ андар об бигзошт рӯзи одина, шаш рӯз гузашта аз шаъбони санаи иҳдо ва ситтина ва салосумиа (сесаду шасту як).

## Ҳазимат кардани амир Халаф

Ва Амир Халаф ба ҳазимат шуд ва ба Ҷувайн рафт ва Ҳусайн андар шаҳр омад ва ба масҷиди одина шуд ва намоз кард ва он рӯз хутба бар ӯ карданд. Чун ҳафт рӯз бигзашт, Ҳусайн сипоҳ ҷамъ карду берун шуд, Зиреҳ бигзашт ва ба Ромҳуробод фуруд омад ва бари Ҳусайн лашкари анбӯҳ буд ва чаҳор пил дошт. Чун Амир Халаф хабари Ҳусайн бишнид ва бари Амир Халаф савору пиёда наҳви[1] се ҳазор мард буд, ба дари шаҳр шуд ва мардумони шористон ӯро нагзоштанд. Амир Халаф ба Дошан фуруд омад ва Ҳусайн биёмаду бар Ҳисор шуд ва дарҳои Ҳисор бубастанд. Ва фитна миёни самаку садақ бархост, Абдуллоҳи Собунӣ дарҳои Ҳисор ба хишт баровард панҷ рӯз монда буд аз шаъбони санаи иҳдо ва ситтина ва салосумиа (сесаду шасту як).

Пас номаи амири Хуросон расид сӯи Амир Халаф аз Нӯҳ ибни Мансур, ки: Бигзор, то Ҳусайни Тоҳиру Абдуллоҳи Собунӣ аз Ҳисор фуруд оянд ва наздики ман оянд, то ман сухани эшон бишнавам ва они ту шунидаам, то киро воҷиб кунад, ки Систон бидорад. Амир Халаф фармонро пеш рафт ва эшонро бигузорд, то аз Ҳисор фуруд омаданд рӯзи одина, даҳ рӯз рафта аз рабеъулаввали санаи исно ва ситтина ва салосумиа (сесаду шасту ду). Ва ба Бухоро шуданд ва Амири Хуросонро пазиришҳо карданд ба

[1] Дар ҳудуди, тақрибан.

молҳои бузург. Ва Абдуллоҳи Собунӣ он ҷо биистод ва Ҳусайни Тоҳирро лашкар дод Амири Хуросон. Амир Халаф чун бишнид, ба Ҷувайн шуд пазираи ӯ ва он ҷо ҳарбе саъб карданд то шаб ва аз ҳар ду гурӯҳ мардуми бисёре кушта шуд рӯзи одина, чаҳорум аз моҳи муҳаррами санаи тисъун ва ситтина ва салосумиа (сесаду шасту нӯҳ). Боз ба шаҳр омад Амири Халаф ва бар Ҳисор шуд ва амир Ҳусайн ба Дари Форс фуруд омад ва лашкари Хуросон бар вай ва Дари Таъому шористон амир Халаф дошт рӯзи сешанбе, ҳафтуми сафар, ҳисор маҳкам гирифт ва манҷаниқҳову мардон бар кор кард се сол.

### Гирифтани амир Халаф Ҳисор ва оғози ҳарб бо сипоҳи Хуросон

То ҳар чи андар Хуросон амир буд ё сипаҳсолор буд ва андар Мовароуннаҳр, ҳама ин ҷо омаданд ба фармони амири Хуросон ва ҳар рӯз лашкаре нав омадӣ ва Амир Халаф ҳар рӯзу ҳар шаб тохтан ҳамеовардиву ҳамекуштӣ. Ва панҷоҳ савор аз они ӯ аз як сӯи сипоҳи Хуросон андар омадандӣ, ғорат кардандиву бикуштандӣ ва ба дигар сӯ берун шудандӣ ва то Ҳусайни Тоҳир тохтан овардӣ, эшон боз ба Ҳисор шудандӣ, то ҳама бузургони Систон он ҷо ҳалок шуданд. Ва аз Амир Халаф оҷиз омаданд. Ва Ҳусайни Тоҳир ҳаме хандидиву шодӣ кардӣ аз мардии лашкари Халаф то омадани лашкари Булҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷур буд ба нозирӣ ва номаҳои амири Хуросон ба наздики амир Халаф. Чун Амир Абулҳасан биёмад ва номаю пайғомҳои амири Хуросон бидод, Амир Халаф аз ҳисор фуруд омад ва ба ҳисори Тоқ шуд рӯзи панҷшанбе, нуҳуми шаъбони санаи исно ва сабъина ва салосумиа (сесаду ҳафтоду ду). Пас Булҳасани Симҷӯр наздики Амир Халаф андар сирр пайғом кард, ки амири Хуросон андар ҳадиси ту оҷиз монд, ва ҳама умарову бузургони Хуросон ин ҷо бар дасти ту ҳалок гаштанд. Акнун маро фиристод з-он чи донад [аз] дӯстии миёни ману они ту. Чизе макун, то ман бозгардам ва хатти Ҳусайни Тоҳир биситонам ва лашкар бозгардонам, он гоҳ ту беҳ донистӣ бар Ҳусайн. Амир Халаф ба Тоқ шуд ва Булҳасан

ба Кӯи Дид фуруд омад ва расулон дар миёна карданд, то бар Амири Халаф фаврӣ ниҳоданд, ки: Ту ба Тоқ ҳамебош ва зиё туро ва Ҳусайн шаҳр ва дигар навоҳӣ медорад ва Дари Таъом ва хироҷи он бар ту.

Бар ин сулҳ бикарданд ва Ҳусайн андар Ҳисор шуд ва биншаст. Ва Амир Булҳасан, то ӯ кор тамом кард, боқии шаъбону рамазон ва зилқаъда, то ҳафдаҳуми зилҳиҷҷа ин ҷо бимонд. Пас хатҳои машоиху они Ҳусайн бистад, ки: Сипаҳсолор ин ҷо омад ва шаҳру ҳисор бистуд ва ба ман супурду кори ман тамом гашт. Ва худ бирафт.

Амир Халаф бо сипоҳ омад ва ба Дошан фуруд омад ҳафт рӯз боқӣ аз зилҳиҷҷаи санаи исно ва сабъина ва салосумиа (сесаду ҳафтоду ду) ва ҳар рӯз ҳарб оғоз карданд. Ва дари Порс Ҳусайн дошту Шористон, пас охири муҳаррами санаи салосун (сесаду ҳафтоду се) амир Халаф Дари Порс бистад ва Ҳусайну мардумони Дари Порс андар ҳисор шуданд ва бо вай мардуми анбӯҳ буд. Амир Халаф андар ҳисор ҳеч улуфа[1] нагзошта буд ва сипоҳи вай, илло ҳисоре буд холӣ аз ҳама чизе ва илло фарше даст фурӯ карда буданд андар суффаи қалъаи Арк, илло ҳеч чизе дигар гузошта набуд ба амадро, ки донист, ки Ҳусайн бар ҳисор хоҳад омад. Пас қаҳт уфтод андар ҳисор ва Амир Халаф ба лаби поргин рабте[2] кард, то ҳеч кас андар ҳисор таоме наёварда буд ва сипоҳ перомуни рабт фурӯ гирифт то хирворе гандум ба дувисту чиҳил динор шуд бар он ҷо ва мардумони бештаре аз гуруснаӣ бимурданд. Ва Ҳусайн аз Сабуктегин мадад мехост ва чиз ҳамепазируфт. Ва Сабуктегин биёмад то Хон ва ба ёрии Ҳусайн. Амири Халаф кас фиристод ва динор дод бисёр ва гуфт: Ҳусайн зиндиқ аст ва ҳаводори... Сабуктегин марде карромӣ буд, бозгашт ба сӯи Буст шуд [ва] бародар Бойтуз, Амир Булқосим ва Бӯмансури Кӯшмол, вазири ӯ аз пеши Сабуктегин бо ҳазор савор назди Амир Халаф омаданд. Эшонро бинвохту некуӣ кард ва бад-эшон қуввати беш гирифт. Ҳусайн донист мардумони шористон, ки бо вай тоқат надоранд, сулҳ пеш гирифт. Ва Амир Халаф биёмад

---

[1] Озуқаворӣ, хӯрокворӣ.

[2] **Рабт** ин ҷо ба маънии бастани роҳҳои душман ва гузоштани нигаҳбонон дар атрофи қалъа.

ва андар мақобири дари Нишак биншаст. Ва Ҳусайн андар масҷиди дари Нишак ва расулон ҳамешуданду ҳамеомаданд ва маҳзарҳо ҳаменабиштанд ва савгандон ҳамехӯрданду аҳдҳо ҳамегирифтанд, то тамом гашт. Ва ин рӯзи панҷшанбе буд, ҳафдаҳуми раҷаби ба санаи салосун ва сабъина ва салосумиа (сесаду ҳафтоду се).

## Сулҳ кардани Амир Халаф бо амир Ҳусайн ва фуруд омадани ӯ аз ҳисор

Ва Амир Ҳусайн аз ҳисор фуруд омад ва Амир Халаф аз мақобир берун омад ва ӯро андар бар гирифт ва ҳарду бисёр бигристанд ва Амир Халаф ин оят бархонд: **Қад назаъа-ш-шайтону байни ва байна ихватӣ.**[1] Пас гуфт: Шукран ли-л-лоҳи таъоло, ки зинда будам, то ин мувофиқат бидидам ва чашми ҳосидону бадгӯён бад-ин некуии дарднок! Ай субҳона-л-лоҳи-л-азим туву ман имрӯз бародаронем ва з-он хонадони бузург ту мондаӣ маро ва пушти маро қувват ба туст, вилоятро чӣ хотир бошад. Акнун, ки ин кор неку шуд, он чи ҳаст, аз ту дареғ нест. Чун кунун иттифоқ уфтод, пеш гирем, ки ҳама вилояти олам мероси мост ва бегонагон доранд. Акнун, ки дилҳо рост шуд ва Эзад-таъоло ва тақаддас ин кор неку гардонид, асари фатҳу нусрати ҳама олам аст ба баракоти ту.

Ва ӯро барнишонду худ барнишаст ва ҳар ду лашкар ва ғуломон ба як ҷамъ бирафтанд ва амирон ҳар ду баробар инонзанон[2]. Ва ӯро ба кӯи Фароҳ фуруд овард ва нузли некуву хилъатҳои бисёр фиристод ва ғуломони ӯ ҳама ягон-ягон бинвохту зару силат доду бистгонӣ дод ва шаробу мутрибон фиристод ва гуфт: Амир Ҳусайн шароб дӯст дорад.

То даҳ рӯз баромад пайғом дод, ки: Донам, ки дилат гирифта аст аз тангӣ ва буъси ҳисор. Чун ояд, ки рӯзе чанд ба Дари Таом равем таназзуҳу сайду тамошоро, то дилат бикшояд ва аз они кӯдакон? Амир Ҳусайн гуфт: Сахт савоб омад. Бисохтанду бирафтанд ва ба ҳар кадае меҳмонӣ сохта буданд некутар аз дигар, то ба Тоқ расид. Он ҷо меҳмонии

---

[1] Низоъ андохт шайтон байни ман ва бародаронам.
[2] Қадамзанон.

некутар бисохт ва ба бист рӯз ӯро меҳмон дошт. Охир Амир Ҳусайн фармон ёфт. Амир Халаф ӯро мотам дошт ва бисёр бигрист. Ва ғуломони ӯро бихонданд ва гуфт: чӣ хоҳед, то кунам андар кори [шумо], акнун, ки ба қазо [кор] кард, **ло марадда ли-қазои-л-лоҳи.** Эшон замин бӯса карданду гуфтанд: Мо мероси Худовандем [ва] бандаи ӯем. Агар хидматро бишоем, бидорад, агарна бифрӯшад. Пас ҳамаро неку бинвохт ва ҳамаро хонаву зиёъу зан дод ба сазо, кори Амир Халаф мустақим шуд, андар подшоҳии Систон.

## Нишастани амир Халаф Абӯаҳмад ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Халаф

Пас аз он ки душманон қаҳр кард, ҳаҷ карду хидмати Амиралмуъминин кард ва ливо оварду аҳду маншур, ҳисорҳо гирифт ва ситад ва ҳарбҳо кард ва хуни падар бозовард ва тохтанҳо кард ва аз ин солҳо дар гузашт, то як роҳ, [ки] қарор гирифт. Ва ӯ Халаф ибни Абиҷаъфар [Аҳмад] ибни Абиллайс [Муҳаммад] ибни Халаф ибни ал-Лайс ибни Фарқад ибни Салим ибни Моҳон буд. Модари амир Ҳусайн Оиша бинти Абиюсуф ибни Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс буд.

Амир Халафро чун корҳо мустақим шуд, фармуд, то хироҷ дираме-дираме ситаданд ва бисоти адл бигустарид ва ҷомаи лашкар бар Тоқ ниҳод ва салаби[1] уламову фуқаҳо пӯшид ва тоқу тайласону маҷлиси илм [ниҳод]. Ва уламоро наздик кард ва суфаҳоро хор кард ва маҷлиси самоъ ниҳод ва илм донист аз ҳар навъе. Аммо илми ҳадису маҷлиси мунозира ниҳод ҳар шаб ва уламои ҷаҳон наздики ӯ омаданд, чун хатиби Фушанҷ ва Бадеъуззамон ва фуқаҳою уламои Бағдоду Ироқайн, чунонки Бадеъ гӯяд:

Шеър:

*Қасадту-с-саййида ал-малика-л-муайяд,*
*Ва хадду-л-макрамоти биҳи муваррад.*
*Биарзин танбиту-л-омола фиҳо,*
*Лианна саҳобаҳо Халаф ибн Аҳмад.*[2]

---

[1] Салаб – либос, пӯшок, пӯшиш.

[2] Мазмуни шеъри арабӣ:

Азми хидмати Сайидулмалики Муайяд кардам,
Ки рухсори фазилатҳо бо ӯ гулгун аст.

Ва ҳам Бадеъ гӯяд:

Шеър:

*Укфуф би-ҳақи-л-лоҳи ан ҳазас салаф,*
*Би-ҳайювати ман ҷамаъа-л- макорима ва-л-кулаф.*
*Малику-л-мулуки бани-л-мулуки ани-с-салаф,*
*Халаф ибни Аҳмада бин аби Лайсин Халаф.*[1]

Ва агар қиссаи сиёсат ва бузургии ҳиммату разонат[2] ва кифояти ӯ гӯям, қисса дароз гардад. Ва ӯро ҳама бузургони олам: ал-Амиру-с-сайиду ва-л-Малику-л-олиму-л-одилу, валию-д-давла набиштанд, з-он чи ҳеч касе андар макорим [бо] кас он накард, ки ӯ кард. Ва аҳли илму динро кас аз ӯ некутар надошт ва қамъи[3] аъдо ва суфаҳою мухолифон ва аҳли шарр кас чун ӯ накард. Андар вилояти ӯ миёни биёбони Суюк соя беш буд, аз он ки бар бисоти ӯ. Ва фарзандони ӯ[ро] ёрагӣ набуд, ки бар чокаре аз они хеш бонге задандӣ, [ки] сиёсату фармон ӯро буд. Ҳазор марди ҷосус ӯро буд, андар ҳама олам, ки он чи рафтӣ ба Туркистону Чин ва Ҳинду Рум, ӯро хабар будӣ. Чунин бедор буд ва миқдори ҳазор савор буд ӯро. Тохтане сӯи Буст бурдандӣ ва Зобулистон ва яке сӯи Форс ва Кирмон ва яке сӯи Ҳариву Фушанҷ ва Қоин ва бигрифтӣ ва солорони эшонро ба Арк боздоштӣ, то ҳеч касеро ёрагии қасди вилояти ӯ набуд, то боз, ки давлат баргашт ва рӯзгор сипарӣ шуд. Акнун қиссаи ӯву писарон гӯем.

Амир Бонаср ва Амир Булфазл ҳар ду фармон ёфтанд бе сабабе. Ва Амир Амрро бар рӯзгори Мансур ибни Нӯҳ ба Бухоро гаравгон карда буд, ба сабаби лашкарҳо, ки оварду мол пазируфт. Чун Мансур ибни Нӯҳ фармон ёфт, Нӯҳ ибни Мансур нишаст ва бо Амири Халаф дӯст буд. Амир Амрро

---

Дар замин орзуҳо рӯидаст,
Зеро абри борандаи он Халаф ибни Аҳмад аст.

[1] Мазмуни байти арабӣ:

Илтиҷо мекунам, ба ҳаққи Худо, маро аз лофзанӣ нигаҳ дор,
Қасам ба ҷони он ки некномиву шарафро соҳиб гардидааст.
Подшоҳи подшоҳон, фарзанди подшоҳон аз салаф,
Халаф ибни Аҳмад ибни Абӯлайси Халаф.

[2] Виқору тамкин, устуворӣ.

[3] Шикастану саркӯб кардани душман.

он ҷо хилъат дод ва ба Систон фиристод ва фармон дод Амир Халаф то шаҳр ойин бастанд.

### Боз омадани Амир Амр писари Амир Халаф аз Хуросон

Ва Амир Амр рӯзи чоршанбе, панҷуми муҳаррами санаи самонин ва сабъина ва салосумиа (сесаду ҳафтоду ҳашт) бо некутар ҳайате ба шаҳр андар омад ва ба Дошан ӯро фуруд овард ва бузургони шаҳр ва машоиху[1] аҷилло[2] ва қузот[3] ҳама ба хидмати ӯ омаданд бо нисорҳо. Боз фармуд, то рӯзи одина масҷиди ҷомеъ озин бастанд ва ба вақти даромадан ҳама то як манзил пазираи ӯ шуданд ва Амир Амрро дастурӣ дод, то ба хӯрдану шикастан машғул шуд. Чун якчанде бибуд, андар падар осӣ шуд ва Макҷули Ҳоҷиб ва баъзе ғуломони падар бо ӯ ба ҳам бирафтанд. Чун Амир Халаф хабар шуд, Амир Бонасрро бо фавҷе савор бифиристод, то ба Ҷувайн рӯзи панҷшанбе, панҷум аз зилҳиҷҷаи санаи салосун ва самонина ва салосумиа (сесаду ҳаштоду се) ӯро асир гирифтанд ва маҳбус кард ӯро ва ба ҳабс фармон ёфт рӯзи душанбеи нуздаҳум аз муҳаррами санаи арба ва самонина ва салосуми (сесаду ҳаштоду чор). Ва Амир Халаф ҳам бар як ҳол шуғли хеш ҳамеронд, то Амир Амру Бонаср ва Булфазл бирафтанд. Амир Тоҳир, ки Шери Борик[4] хонанд, монд, ба гурми[5] Рустами Дастон баромад ва олам ҳама аз ӯ ранг гирифт. Ду роҳ Буст бигрифт ва ду роҳ Қоин ва як роҳ Кирмон ва ба ҳарби Амир Бӯалӣ шуд, ба ёрии Сабуктегин. Чун ҳарб карданд, зафар ёфтанду қасди амир Тоҳир карданд ва Буғроҷуг бо дувоздаҳ ҳазор савор аз паси ӯ ба Бушанҷ омад. [Тоҳир] бо сад савори ғуломони хеш бозгашт ва ҳарб кард ва Буғроҷугро бикушту сари ӯ биёвард ва ҳафт пил аз он лашкар биёвард ва бисёр асбону силоҳу хазина ва марде шуд, ки ҳама ҷаҳон

---

[1] Ҷамъи шайх, пешвоёни қавм.
[2] Ҷамъи ҷалил, бузургон.
[3] Ҷамъи қозӣ , қозиён.
[4] Шери Борик лақаби Тоҳир писари Халаф буда, ӯ ба сабаби мардӣ ва шуҷоати худ ин лақабро гирифта будааст (Аз шарҳи М. Баҳор).
[5] «Гурм» дар гуфтугӯи омма ба маънии «гардан» истифода мешудааст.

хабари ӯ бишуд аз мардиву мардумӣ ва муруввату хираду саховат ва Амир Халаф бад-ӯ шод буд ва ӯ ба падар шод буд, то рӯзгоре баромад ва чашмзадагӣ расид ва Амир Халаф ба кӯҳи Испаҳбад шуд бо ҳарам ва хидматгорон ба шуғле ва сабаб уфтод, ки Султон Маҳмуд ибни Сабуктегин он ҷо бигзашт бо сипоҳе анбӯҳ ва пилони бисёр ва хабар шунид, ки Амир Халаф ин ҷо бо ҳарам ва занон ба кӯҳ аст ва сипоҳи Амир Тоҳир ба Систон аст. Султон Маҳмуд ба пои кӯҳ шуд. ҳаждаҳ рӯз гузашта аз ҷумодиюлохири санаи тисъина ва салосумиа (сесаду навад) ва бар Амир Халаф ҳеч касе набуд, илло занону ходимони сипоҳ.

## Омадани Султон Маҳмуд ибни Сабуктегин раҳматуллоҳ ба пои кӯҳи Испаҳбад

Ва уддати[1] Султонро қиёс набуд ва кӯҳро фурӯ гирифтанд, чунонки ҳеч кас чароғ натавонистӣ афрӯхт ба шаб, ки андар соат он хона пуртир кардандӣ ва манҷаниқҳо барсохт. Охир [Амир Халаф] бар сулҳ фурӯ истод [ва] сад ҳазор дирам ӯро бипазируфт ва хутба … ва ба номи Маҳмуд бар як рӯй набишт[2]… Ва Султон з-он ҷо бозгашт рӯзи шанбе, чаҳор рӯз гузашта аз раҷаби санаи тисъин (сесаду навад) ва амир Халаф чашм дошт, ки Амир Тоҳир ва сипоҳи Систон шабехун оранд ба сипоҳи Султон. Ва эшон ғафлат карда буданд ва то сохта шуданд, Султон рафта буд. Амир Тоҳир аз падар ҳаросон гашт, осӣ шуд ва пилони падар ва сипоҳ баргирифт ва ба Кирмон шуд ва ҳамчунон бишуд, то ба Порс ва ҳеч касе бо ӯ наистод.

## Рафтани Амир Тоҳир ба Кирмон дар шаъбони санаи тисъина ва салосумиа (сесаду навад)

Ва амир Халаф аз кӯҳ чун хабар шунид, дилшикаста биёмад ҳам андар шаъбон ба Ҳурандиз ва он мардумон, [ки] сипоҳи Маҳмудро алаф дода буданд, чун давлат бозгашта

---

[1] Омодагӣ, тайёрии ҳарбӣ.

[2] Дар ин ҷо чизе афтода ва ҷумла ноқис аст. Ба тахмини М. Баҳор, мазмуни зайл бояд афтода бошад: «Ва хутба ба номи Маҳмуд карданд ва номи Маҳмуд бар як рӯи сикка набиштанд…»

буд, бифармуд, то ғаллаи эшон бисӯхтанд ва он ноҳумоюн доранд. Эзад сабаб кард андар он сол, то он ҷо чандоне таранҷабин[1] уфтод, ки ҳар мардеро аз он ҳазор ман ба даст омад, то хурду бузурги он ғанӣ гаштанд ва Амир Халаф ба қалъаи Тоқ шуд ва бар мардумони Систон ва машоиху айёрон хашм гирифт ва эшон аз ӯ тарсон гаштанд ва ҳеч касро ёрагии он набуд, ки сӯи вай шудӣ, илло фақеҳ Бӯбакри Неҳиро. Ва Амир Халаф бар Тоқ бибуд, моҳи рӯза он ҷо бидошт ва идро ба шаҳр омад ва ҳеч касеро ба хештан роҳ надод, магар фақеҳ Бӯбакрро ва ба зудӣ бозгашт ва боз Тоқ шуд. Боз андар зилқаъда ба шаҳр омад ва машоихро дастурӣ дод, то пазираи ӯ шуданд ва салом карданд ба кадаи Дари Нишак ва з-он ҷо ба шаҳр андар омад, Чун иди Азҳо бигзашт, рӯзе чанд баромад Амир Тоҳир аз Кирмон бозомад бо гурӯҳе андак ва ҳоле табоҳ.

## Боз омадани Амир Тоҳир аз Кирмон

Ва расуле фиристод сӯи падар, ки: Ман он чи кардам, аз он кардам, ки аз сояи вай битарсидам. Акнун рафт, он чи рафт. Ман бандаи ӯям ва ҷон фидои ӯ дорам. Боз омадам, маро ҷой пайдо кун, то он ҷо шавам, маро нафақоте бошад, бад-он қаноат кунам. Амир Халаф дашном дод расулро ва ӯро гуфт: Фарзанди ман нест ва карданӣ бо ӯ накунам. Чун расул пайғом бозовард, Амир Тоҳир қасди шаҳр кард. Амир Халаф хабар шунид, сипоҳ берун кард ва сипаҳсолори Амир Тоҳир Зайнаб буд, ки он гоҳ сарҳанг хондандӣ ӯро. Сипоҳи Амир Тоҳир ва Амир Халаф ба лаби Ҳирманд ҳар ду баробар уфтоданд ва ҳарб карданд. Амир Тоҳир сипоҳи падарро ҳазимат дод. Тарснок пеши Амири Халаф омаданд, шикаставу хаста ва баъзе кушта. Ва Амир Халаф донист, ки меҳнат расидааст, ки пеши фарзанд ҳаме бояд гурехт ва бирафт бо хавоси[2] хеш ба Тоқ шуд ва Амир Тоҳир ба шаҳр андар омад бомдоди рӯзи сешанбе, ғурраи муҳаррами санаи иҳдо ва тисъин (сесаду наваду як) ва мардумони Қасаба ба

---

[1] Шираест, ки аз шабнами ба рӯи хори шутур (янтоқ) афтодаву сахтшуда ҷамъ карда мешавад. Онро хоршакар меноманд, ки таъмаш ширин ва гуворотар аз шакар буда, дар тиб ва ҳалвопазӣ истифода мешавад.
[2] Хосон, наздикони худ.

фармони Амир Халаф дарҳои Ҳисор баста буданд ва Амир Тоҳир андар қасри Яъқубӣ фуруд омаду биншаст ва сипоҳи ӯ қавӣ ва бонавою ғанӣ гашта буданд аз сипоҳи падар, он ҷо фуруд омаданду айёрони Систон сӯи ӯ шуданд. Чун вақти намози пешин буд, дарҳои ҳисор бикшоданд ва шаҳр амир Тоҳирро софӣ шуд ва ҳисорҳо ба ҳар ҷой, магар Тоқ, ки падар он ҳисор гирифта буд.

## Даромадани Амир Тоҳир андар шаҳр ва гирифтани вилоят

Пас дергоҳ барнаёмад, то Амир Тоҳир сипоҳу сарҳангону айёрон ва ғавғои шаҳр ҷамъ кард ва ба пои ҳисори Тоқ шуд ва ҳарб фурӯ гирифтанд ва манҷаниқҳо аз зеру забар бар кор карданд бе ҳеч ҳашамату муҳобо. Боз Амир Тоҳир пас аз муддате з-он ҷо бозгашт ва ба шаҳр омад ва расулон андар миён истоданд ва сулҳ карданд ва Амир Халаф ҳама хавоси хешро пеши ӯ фиристод, то хидматҳо карданд ва Амир Тоҳир фирефта гашт, то бархост бо гурӯҳе андак, ки пеши падар шавад ва касоне, ки густох буданд гуфтанд: Набояд шуд, ки Амир Халаф маккор аст ва меҳнат ӯро дарёфтааст ва фарзанд ту мондаӣ, набояд, ки хатое равад ва моддати ин мулкат ва давлат аз ин хонадон ба сабаби кина кашидани ӯ мунқатеъ гардад. Чи ҳар кас, ки давлат аз ӯ бигардад, ӯро роҳҳои каж намояд, то он мулкату давлат биравад.

Амир Тоҳир фармон накард ва бар гурӯҳе андак бирафт ва ба пои ҳисор фуруд омад ва ба падар кас фиристод, ки: Инак ман омадам ва барнишасту ба дари ҳисор шуд. Падар чун ӯро бидид аз дур, ҳам аз он ҷо фуруд ва пиёда шуд. Татбуи меҳтар ва Татбуи қеҳтар ду зангӣ буданд аз муборизон. Амир Халаф ҳар дуро аз паси дари ҳисор мутаворӣ карда буд, ки чун ман ӯро андар баргирам [ва гӯям], ки: Ал-ҳамду ли-л-лоҳ, шумо берун оед ва бо ман ёрӣ кунед, то ӯро андар ҳисор орам. Амир Тоҳир чун падарро пиёда дид ва шукӯҳи падарӣ дар дили ӯ буд, аз асб фурӯ ҷаст ва замин бӯса доду сабук фарози вай шуд ва падар ӯро андар бар гирифт ва «Ал-ҳамду ли-л-лоҳ» бигуфт. Татбуиён берун ҷастанд ва ӯро маҳкам карданд, ки ҳеч

силоҳ бо вай набуд ва ба дил ҳеч ғаш надошт ва аҳдҳо гирифта буду савгандон хӯрда. Ва Амир Халаф ҳам аҳд карда буду савгандони муғаллата хӯрда, аммо хилоф кард ва ӯро бар қалъа бурд ва банд барниҳод. Ва сипоҳ, ки бар ӯ буданд, ба ҳазимат ба Қасаба омаданд ва ӯ раҳмату-л-лоҳу алайҳи андар он банд фармон ёфт рӯзи душанбе буд, чаҳор рӯз гузашта аз ҷумодиюлаввали санаи исно ва тисъина ва салосумиа (сесаду наваду се). Ва тамом шудану гузаштани Оли Амру Яъқуб андар ин рӯз буд, ки ҳанӯз пас аз он ҳеч касеро аз эшон давлате [набудааст] ва Эзад-таъоло донад, ҳар ки бошад. Ва мардумони Систон ва сипоҳи Тоҳиру айёрон шаҳр ҳисор гирифтанд ва аз бими Амир Халаф шиори Султон Маҳмуд пайдо карданд ва бонги Маҳмуд карданд.

**Ҳисор гирифтан бар номи Султон Маҳмуд, айёрони Систон**

Ва Босаид Ҳусайн сарҳанге буд ба Дари Таъом, табл ба бора бурд ва ҳамезад ва бонги Маҳмуд ҳамекард ва хутбаи Оли Амр барафканд ва муфрад хутба карданд ба номи Маҳмуд. Ва Тоҳири Зайнаб андар шориситон нома набишт ва ҷамоза фиристод сӯи Султон Маҳмуд, ки: Ҳол чунин уфтоду шаҳр туро софӣ гашт, Султон Ҳасани Абдуллоҳи Қориро, ки маъруф буд ба Абдуллоҳи Малул, ба расулӣ фиристод, то ҳоли шаҳру мардумони ӯ ва айёрон таарруф кунад ва ӯро ба дурустӣ огоҳ кунад. Чун Ҳасани Абдуллоҳ ин ҷо омад, Амир Тоҳири Зайнаб ба тохтан ба наздики Султон шуд ва ӯро ба дурустӣ боз намуд, ки сурати ҳол чист ва Тоҳири Назяд. Ва андар ин ҳадис ҳеч хилоф нест, илло давлат аз он мард бигашт ва ҳам ба дасти худ дарахти давлати хеш барканд.

Чун Маҳмудро яқин шуд, ӯро хилъат доду Қабчии Ҳоҷибро бо ӯ бифиристод, ки ӯро Ғалоғуш гуфтандӣ, бо ҳазор савор ва Тоҳири Зайнаб бо ӯ биёмад ва ӯро ба кӯшаи Дошан фуруд овард. Амир Халаф ҳам ба Тоқ нишаста буд мутамаккин. Ин ҳама андар санаи салосун ва тисъина ва салосумиа (сесаду наваду се) буд ва савор ба Дари Таъом ба талоя ҳамешуд зи лашкари султонӣ ва Болайси Боҷаъфари

Босаҳли Заранҷӣ муқаддимаи эшон. Охир Амир Халаф тохтан овард ва Болайсро [низ] бигрифт ва ба тоқ бурду фармуд, то бикуштанд ва гурӯҳе аз сипоҳи Султон бигрифту бикушт. Чун Султон хабар бишнид, ки он кор мустақим намегардад, ба нафси хеш бо сипоҳе бузург ба роҳи Кеш биёмад ва ба дари ҳисори Тоқ фуруд омад. Амир Халаф ҳарб оғоз кард ва машоиху мардумони шаҳр ҳама ба наздики Маҳмуд шуданд ва қасди кушодани ҳисор кард ва рабази берунӣ аз ҳисори Тоқ бистаданд ва қасди рабази майдон карданд. Амир Халаф аҷзи хеш бидонист ва баргаштани хосу оми Систон аз вай, сулҳ андар миён овард. Султон Маҳмуд ӯро иҷобат кард, ки: Фуруд ой, чунончи хоҳӣ ва чандон ки хоҳӣ, ҳеч касро бар молу аҳли ту кор нест ва ба ҳар ҷо ки хоҳӣ, хештанро ихтиёр кун, то туро он ҷо фиристам, ки ба ҳеч рӯй мардумони Систон бар ту қарор намегиранд ва ин шуғле нест, ки ман такаллуф кардаам, ту кардаӣ бар хештан чи битвон кард [бар] чунин ҳолеро, ки пеш омадааст? Пас намози хуфтани шаби якшанбе, дувоздаҳум аз сафари санаи салосун ва тисъина (наваду се) амир Халаф фуруд омад бар Тоқ ва тайласон ба расми уламо ва зуҳҳод бар харе мисрӣ нишаста ва шамъҳо афрӯхта андар пеши вай.

## Фуруд омадани Амир Халаф аз ҳисори Тоқ ба сулҳ ва рафтан аз Систон ба Хуросон

Ва пеши Султон Маҳмуд андар шуд. Чун ба наздики вай расид, Маҳмуд бархост ва ӯро андар канор гирифт ва ба ҷониби хеш биншонд ва неку бипурсид ва дили ӯ гарм карду умедҳои неку кард ва ба охир пурсид, ки: Амир чун ин ҷо ба Систон ҳол бар ин ҷумла шуд, куҷо хоҳад ва ихтиёр куҷо кунад хештанро? Амир Халаф гуфт: Маро бо писари Кокӯй дӯстӣ аст, агар он ҷо маро мусаммо кунад[1], он дӯсттар дорам, вагарна он ҷо, ки Султон савоб бинад. Пас ӯро бозгардонид ва гуфт: Ба қалъа рав ба наздики аёли хеш. Дигар рӯз кас фиристод, ки: Маро сақалу буна [аст ва сутуре бояст, ки коло ва] ҳарами ман бигирад. Султон

[1] Таъин кунад, фиристад.

бифармуд то панҷоҳ астар ва панҷоҳ шутур ӯро доданд, то он чи хост аз зару сим ва ҷавоҳир, баргирифту бирафт сӯи Хуросон ва ҳоҷибе бо ӯ бифиристод, то хидмате кунад ӯро ва алафа ва он чи бояд, рост дорад, то ба мақсад расад, иншоаллоҳ.

### Софӣ шудани подшоҳии Систон Султони олими одил Яминуддавла Абулқосим Маҳмуд ибни Сабуктегинро рӯзи якшанбе, дар сафари санаи салосун ва тисъина ва салосумиа (сесаду наваду се)

Ва Маҳмуд з-он ҷо баргирифт ва ба шаҳр омад ва ба Карканак фуруд омад ва мақсуд он буд, ки шаҳру амали Систон Тоҳири Зайнабро диҳад. Ва аз Тоҳир пурсида буд, ки: Андар Систон кист, ки бар қавли ӯ эътимод аст? Тоҳир гуфта буд: Фақеҳ Бӯбакри Неҳӣ. Чун корҳо қарор гирифт ва аҳди Тоҳир хост, ки фармон диҳад, то набишта ояд ба вилояти Систон, Бӯбакри Неҳиро бихонд ва гуфт: Аз ин касҳо Тоҳири Зайнабро ихтиёр кардаам, ки Систон бидорад аз ҷиҳати мо. Чӣ гӯӣ, ки мегӯянд, ту ҳеч муҳобо[1] накунӣ ва сухан ба риё нагӯӣ? Гуфт: Тоҳир нашояд ин шуғлро. [Султон] Тоҳирро бихонду гуфт: Мо эътимоди Систон бар ту карда будем, аммо Бӯбакри Неҳӣ мегӯяд, ки ту ин шуғлро нашоӣ. Тоҳир ҷалдӣ карду хирадмандӣ. Чун гуфта буд, ки ӯ муътамад аст, қавли ӯро хилоф наёварду гуфт: Рост гӯяд. Пас шаҳру вилоят ба Қабҷии Ҳоҷиб супурд ва кадхудои ӯ Бӯалии Шодро дод ба ихтиёри машоих ва фармуд, то Қабҷиро хутба карданд. Ин ҳама андар сафари салосун ва тисъина ва салосумиа (сесаду наваду се) [буд]. Султон Маҳмуд ба роҳи Буст бозгашт ва бирафт.

### Ибтидои ҷулуси[2] туркон бар Сиҷистониён

Ва чун бар минбари ислом ба номи туркон хутба карданд, ибтидои меҳнати Систон он рӯз буд ва Систонро ҳанӯз ҳеч осебе нарасида буд то ин вақт ва андар ҷаҳон аз

[1] Мурувват, раҳмдилӣ кардан, поси хотир намудан.
[2] Бар тахт нишастан.

рӯзгори Яъқубу Амр ҳеч шаҳре ободонтар аз Систон набуд ва Доруддавла гуфтандӣ Нимрӯзро то он рӯз, ки Амири Халафро аз Систон бибурданд ба хилоф, ки мардумон бар ӯ карданд, то диданд он чи диданд ва ҳанӯз мебинанд ва Эзад-таъоло донад, ки чанд рӯзгор баргирад. Ва ин кор ҳам бар ин ҷумла буд то ҷумодиюлохири ҳамин сол. Шабе, ки ҳеч хабар набуд то ғавғои шаҳр ва айёрони Хух бонг баровarданд ва шаҳр биёшуфт, ки он сарҳангон ва айёрон, ки Султон Маҳмуд эшонро бар хештан бурда буд, боз омаданд, ки эшонро ба Бусту Ғазнин гузошта буд. Ва худ ба Ҳиндустон фурӯ шуд, чандон ки ҳеч хабари ӯ наёмад, эшонро занн[1] уфтод, ки магар Маҳмуд бирафту сипарӣ шуд. Тамаи фасод эшонро баргирифт ва Бӯбакри Абдуллоҳ, ки набераи Амир Халаф буд, аз сӯи духтар ва Булҳасани Ҳоҷиб, он айёронро биёварданд ва мардум ҷамъ карданд ва табл наёфтанд, даббаи[2] бузург баргирифтанд ва бизадандy бонги Бӯбакр карданд ва шористон бигирифтанду қасди Қабҷӣ карданд. Қабҷию лашкар барнишастанд андар шаб ва ба ҳазимат аз шаҳр берун шуданд ва ба Карканак ва кӯи Миёр фуруд омаданд. Амир Бӯбакр ба қалъаи Арк андар шуд ва он ҷо биншаст. Мардум бо ӯ ҷамъ шуд рӯзи одина ӯро хутба карданд. Ва Маҳмуд фармон дода буд, то бораи шаҳрро рахнаҳои бисёр карда буданд, ба гоҳи бозгаштан аз Систон то фасоде таваллуд накунад. Бӯбакр бифармуд, то рост карданд ва сипоҳи Султон ба Карканак фуруд омада [буд]. Мардуми бисёр аз эшон наҳви ҳазор савор ба машияте рафта буданд, андар навоҳии Систон ва бештар ҳиндувони кофир буданд. Бештаре аз эшон бикуштанд ва асбу коло биситаданд андар пеши Зиреҳ. [Ва] Бодори Бӯфазлу Бодори Музаффар писарони Бонасри Булаббос ва Боисҳоқи Урва ва саворе сад аз он ба зинҳори Амир Булҳасани Кошинӣ шуданд, ки ӯ бо марде ду ҳазор пеши Зиреҳ буд ва андар Султон осӣ нашуд, балки ёрии сипоҳи ӯ кард. Амир Бӯбакр номаҳою расулон фиристод сӯи вай, қабул накарду наёмад ва гуфт: Бад кардӣ, ки ин давлатест шуда ва мумкин нест, ки ин кор пеш шавад. Ва ғуломони Амир Халафи савороне сад

[1] Гумон, шубҳа.
[2] Зарфи бузурги оҳанӣ, ки ҳангоми задан аз он садо мебарояд ва ба ҷои нақора истифода кардаанд.

наздики амир Ахмад омаданд... [Булҳасани Кошинӣ], чун Арслони Зангӣ, ки нақиб буд ва сарҳангони маъруф. Ва ӯ ба Рандон иқомат кард, то авлиёи Султон аз Фароҳу Авқ пеши Зиреҳ бо ӯ ҷамъ шуданд. Пас қасди Қасаба карду бирафт, бо лашкари султонӣ як чо қарор гирифт ва Бӯбакр ҳарб фурӯ гирифт ва сипаҳсолории вай Булҳасани Ҳоҷиб дошт ва фирягарон[1] бар бора шуданд ва ҳар рӯз ҳарб ҳамекарданд.

Чун хабар ба Ғазнин шуд, Босаиди Ҳусайн ва Бӯалии Булҳасан бо Қабҷӣ ду сарҳанги бузург буданд бо фавҷе сипоҳи Маҳмудӣ з-он ҷо биёмаданд ва хабари бозгаштани Султон ёфта буданд аз Ҳиндустон. Сипоҳи Маҳмуд аз Дари Навояст он рӯз даромад ва мардуми анбӯҳ буд аз пиёда бо Амир Аҳмад Булҳасани Кошинӣ ва бисёр мардуми ом кушта шуд аз мардуми Систон ва Булҳасани Бӯалӣ бо Қабҷӣ ҳам андар он рӯз Дари Порс ва Дари Каркӯй ва Босаиди Ҳусайн ба Дари Таъом ва дари ҳисор маҳкам фурӯ гирифтанд ва ин ҳама охири шаъбони санаи салосун ва тисъина ва салосумиа (сесаду наваду се) буд. Ва ҳар рӯз бар кӯраҳо ҳарб кардандӣ, то дигар рӯзи иди гӯсфандкушон[2] Султон Маҳмуд фароз расид, бо сипоҳи бисёр ва ба Халафобод фуруд омад. Дигар рӯз барнишаст ва ба лаби Поргин, перомуни ҳисор ҳама бигашт ва нигоҳ карду тадбири ҳарбу ҳисор ситадан оғоз кард ва манҷаниқҳо барниҳоду кӯраҳо ба бастан фурӯ гирифт ва андар Поргин бар ҳар рӯй баробари Арк манҷаниқе Арӯс барниҳод ва бияндохт ва порае аз ҳазрои Арк фуруд афканданд, Маҳмуд гуфт: Ба фоли нек омад, зафар морост. Чун панҷ рӯз аз ид бигзашт рӯзи одина буд, андар масҷиди ҷомеи Систон ҳеч кас намоз нагузорд аз шикастадилии мардумони шаҳру ҳисор. Чун шаби шанбе буд, гоҳи намози хуфтан, Булҳасани Кеҳтар гуфтандӣ, айёре дӯсти Босаиди Ҳусайн буд, Дари Таъом бикшод ва бонги Маҳмуд кард. Ва Бӯбакррову гурӯҳи ӯро ҳеч хабар набуд, то ҳама ғуломи сарои Маҳмуд ба калъа баршуданд ва бар бора баромаданду табл заданд

---

[1] Фиря ба маънии нафрину лаънат омадааст. Чунончи мегӯянд: Фиряи худой бар шайтон бод. Дар забони арабӣ «фиря» дар шакли «фареҳ» истифода шуда, фареҳгарон онҳое будаанд, ки душманро дар ҷангҳо лаънату дашном мекардаанд ва ба сӯяш аз манҷаниқ санг меандохтаанд (Аз шарҳи М. Баҳор).
[2] Иди қурбон.

ва бонги Маҳмуд карданду ғорату сӯхтан фурӯ гирифтанд ва бозорҳову саройҳо бисӯхтанд. Ва масҷиди одина ғорат карданду Дари Ҳалвогарон бисӯхтанд ва Алавии хаббозро[1] бикуштанд андар дари масҷиди одина ва андар калисо тарсо куштанд. Ва марди мусулмонро андар хонаи ӯ бикуштанд ва беш касе накуштанд, ки ғараз ғорат буд на куштан, Чун рӯзи хост буд, мунодӣ кард, ки: Ғорат беш макунед ва мардумонро амон дод ва он ноира[2] фурӯ нишаст. Ва Бӯбакру Булҳасани Ҳоҷиб бар Арк буданд, дигар рӯз ба ҷонашон зинҳор дод, фуруд омаданд ва муддате Ясир буд ин ҷо. Пас бирафту аморату хутба дигар роҳ Қабҷиро доданд ва омил Муҳаммад Боҳафси Килонаро карданд, шаш рӯз монда аз зилҳиҷҷаи санаи арбаъун ва тисъина ва салосумиа (сесаду наваду чор).

## Амали амир Муҳаммад Боҳафси Килона

Боз чун соли санаи хамсун ва тисъина (наваду панҷ) андар омад, Ҳоҷиби Биҳиштӣ биёмад ва хутба боз бар ӯ карданд, то ба ҷумодиюлаввали санаи ситтун ва тисъина (наваду шаш) ӯро боз талабиданд ва Систон бар Килониён қарор гирифт.

Ва Муҳаммади Боҳафсро писарон буд: Боҳафсу Бӯнасру Бӯаҳмад ва Булқосим, ҳар сол яке ба ҳазрат[3] рафтӣ ва як сол будӣ, дигар бирафтӣ, ӯ боз омадӣ ва эшон мардумоне ҷоир буданд. Систон вайрон карданд ва андар санаи арбаъумиа (чорсад) ғалла танг шуд, қаҳт уфтод ва хирворе гандум ба дувисту чиҳил дирам шуд, мардумонро ранҷ расид, то моҳи рамазони ин сол андар омад, хутба бар сипаҳсолор карданд, Амир Наср ибни Сабуктегин (р), нарх ба ҳоли хеш бозгашт ва корҳо некутар гашт.

---

[1] Нонвойро.
[2] Оташ, шӯъла.
[3] Яъне ба пойтахти давлати султон Маҳмуд, ки шаҳри Ғазнин буд.

## Омадани Хоҷа Бӯмансури Хофӣ ба амалдории Систон

Андар шавволи ин сол Хоҷа Амид Бӯмансури Хофӣ ба Систон омад, аз ҷиҳати Амир Наср ва амалу шаҳр фурӯ гирифт ва Муҳаммад Боҳафсрову писаронро банд кард ва мутолибат кард ва моли эшон бистад. Ва Муҳаммади Боҳафс заҳр хӯрду Боҳафс ба ҳазрат шуд, пеши пил афканданд ва дигарон бирастанд. Ва андар санаи иҳдо ва арбаъумиа (чорсаду як) вабои бузург уфтод ба Систон ва мардум бисёр мурданд. Боз чун санаи исно ва арбаъумиа (чорсаду ду) андар омад, Амир Наср ба нафси хеш ба Систон омад ва аз Ғур нафир оварданд ва машоихи Систон он ҷо шуданд. Ва Султон Маҳмуд ба нафси хеш он ҷо шуд ва ба кӯҳи Пушланг ҳарбе саъб карданд ва бисёр мусулмонон кушта ва асир монданд. Ва Хоҷа Булаббоси Халилӣ (р) з-он асирон яке буд, боз раҳоӣ ёфт.

## Омадани писари Баҳоуддавла ба Систон

Чун соли арбаъун ва арбаъумиа (чорсаду чор) [буд], амири амирон Абулфаворис писари Баҳоуддавла ба Систон омад ва андар сарои Бодор Бӯҷаъфари Қавсӣ фуруд омад ва Баҳоуддавла писари Иззуддавлаи Фанохусрав буд ва аз Систон ба ҳазрати Султон Маҳмуд шуд ва ӯро бинвохту сипоҳ дод Амир Булаббоси Тоҳирро бо ӯ ба Кирмон фиристод то ҷоҳу мулк бозёфт ба ёрии сипоҳи Султон ва андар он сол барфе саъб омад ба Систон, чунонки бисёр дарахтон ва хурмобунон ва киштҳо хушк гашт ва саройҳо вайрон шуд аз он барф ва ин ҳама андар амали Хоҷа Бӯмансури Хофӣ буд. Ва ӯ марде босиёсат буд ва мардум бисёр кушт ба Систон, аммо ҳама муфсидонро[1] кушт, аҳли хайру салоҳро нек буд ва марде бошарму босаховат буд ва андар тамшияти[2] амал кофӣ. Аммо дар рӯзгори вай бисёр мардум осӣ шуд, чун: Бӯлайси Булқасри Малик, Тоҳир Бӯмуҳаммади Аҳмади Тоҳири Ҳузайф ва бо эшон ҳамеша бисёр мардум ва давоб буд. Ва исён оварда буданд ва ин ҳар

---

[1] Фасодкоронро, зиёнкоронро.

[2] Ҷорӣ кардан, ба ҷо овардан.

ду кушта шуданд ва ҳамеша ҳазор мард андар Систон ба рӯзгори вай осӣ буданд ва ӯ ҳаме гирифту кушт. Ва агар ҳама қисса бигӯям, дароз шавад.

Боз аз паси эшон Носир Муҳаммад Кожин осӣ буд ва ӯ ба дасти вай наёмад. Боз чун азли ӯ буд, Азиз ибни Муҳаммад ал-Фушанҷӣ омад, ба зинҳори ӯ [шуд] ва ба марги хеш мурд. Чун рӯзгори Бӯмансур андар гашт ва бисёр ӯро бардошт карданд ва амири сипаҳсолор андар гузашта буд андар ин санаи самонин ъашара ва арбау миа (чорсаду ҳаждаҳ). Ҳасанаки Нишопурӣ ба фармони Султон Маҳмуд ба Систон омад ва Азизи Фушанҷиро бар хештан овард лайлату-с-сабти-с-сонӣ мин ҷумодиюлувло[1], андар ин сол ба Қасаба андар омад ва Бӯмансурро маъзул кард ва Азизро ба омилӣ биншонд.

## Амали Азиз Муҳаммади Фушанҷӣ ва азли Хоҷа Бӯмансури Хофӣ рӯзи сешанбе, нӯҳуми раҷаби санаи самонин ъашара ва арбаъумиа (чорсаду ҳаждаҳ)

Ва Бӯмансурро ба ҳазрат бурданд. Ва андар шавволи ин сол нарх гарон шуд, кайле гандум ба ҳафт дирам шуд ва Бӯмансури Хофӣ фармон ёфт андар санаи тисъа ъашара ва арбаъумиа (чорсаду нуздаҳ) ва андар санаи ишрин (бист) тагарг[2] бисёр омад ба Систон, чунончи мурғон андар Зиреҳ бисёр бимурданд ва бигрифтанд, ки боли эшон шикаста буд. Ва яке аз тагарг баркашиданд, даҳ дирамсанг буд. Ва Азиз марде рост буд андар амал, аммо кушодадасти шойгон[3] набуд ва корҳо бар хештан ва бар мардумон танг гардонид. Чун муҳаррами санаи иҳдо ва ишрина ва арбаъумиа (чорсаду бисту як) андар омад, амали Систон – Султон Маҳмуд амири аҷал Сайид Булфазли Наср ибни Аҳмад мавлои Амиралмуъмининро дод ва Азиз маъзул гашт.

---

[1] Шаби шанбеи рӯзи дуюм аз ҷумодиюлаввал.

[2] Жола.

[3] Сазовор, лоиқ, мувофиқ.

## Омадани амир Абулфазл Наср ибни Аҳмад ба амали Систон

Ва ӯ ба Систон омад ва мардумонро дил қавӣ гашт, ки давлат рӯй ба некуӣ кард, чун аз шаҳри мо меҳтаре бар мо солор гашт. Боз қазои Эзад-таъоло кор кард ва Султон Маҳмуди Сабуктегин фармон ёфт рӯзи панҷшанбе, ҳафт рӯз монда аз рабеъулохири санаи иҳдо ва ишрина ва арбаъумиа (чорсаду бисту як).

## Вафоти Султон Маҳмуд (р)

Ва андар ҷаҳон қиёмате ба пой гашт ва ҷаҳон барошуфт. Ва Амир Булфазл якчанд бибуд, то номаи Султон Масъуд омад аз Ироқ, Амир Булфазл пилону лашкар баргирифт ва пазираи ӯ шуд. Ва шаҳр айёрон гирифтанд ва ҳарбу таассуб пайвастанд ва Дари Порс ғорат карданд ва сарои Имом Фохир ибни Муъоз ва аз писарони ӯ бисӯхтанд ва ғорат карданд андар рамазони ин сол. Ва хутба ба Систон амир Масъуд ибни Султон Маҳмудро карданд ва бародари вай амир Муҳаммад ба Ғазнин ба амирӣ нишаста буд. То Амир Булфазл ба Нишобур расид, Амир Масъуд аз Ироқ он ҷо омад ва бародари вай аз Ғазнин бирафт, ки ба Систон ояд ва кинаи хилоф аз эшон бозхоҳад. Эзад-таъоло чунон қазо кард, ки сипоҳи ӯро биншонданду банд барниҳоданд ва рӯй сӯи Масъуд ниҳоданд. Чун наздики ӯ шуданд, ҳама аркони давлатро банд барниҳоду бикушт. Ва Амир Булфазл Систон ба чандон ки ӯ гуфт, қабул накард. Боз Систон Азизи Фушанҷӣро доданд.

## Омадани Азизи Фушанҷӣ аз дасти Султон Масъуд ба амали Сиҷистон

Ва андар омад шаби чаҳоршанбе, нимаи муҳаррами санаи исно ва иширина ва арбаъумиа (чорсаду бисту ду) ва аморату хутба Бектуғдин Ҳоҷибро доданд. Чун санаи салосун ва иширина (бисту се) андар омад, хабари вафоти Амиралмуъминин омад аз Бағдод, ал-Қодир Биллоҳ ва Амиралмуъминин ал-Қоим Биамриллоҳро хутба карданд

рӯзи одина, понздаҳуми моҳи рамазони санаи салосун ва иширина ва арбаъумиа (чорсаду бисту се). Азиз боз ба Систон омад ва аз пеши вай Ҳоҷиби Қазо омада буд – Босаиди Ҷимартӣ.

Ва шӯриши айёрон камтар шуда буд, з-он ки Ҳоҷиб тане чанд ба ду ним кард. Боз Азиз сарҳангонро бозгирифт ва ба тозиёна бизаду нақибонро гардан бизад ва ба ду нима кард. Ва коре ба сиёсат фурӯ гирифт ва мусодираҳо ситад бисёр аз сарҳангони Қасабаву меҳтарони русто. Ва Носири Кориш андар ин сол фармон ёфт ва моли ӯ аз зани ӯ бистад ва ӯро боздошт. Ва чун санаи хамсун ва ишрина ва арбаъумиа (чорсаду бисту панҷ) андар омад, Бӯмузаффари Фушанҷа ин ҷо омад ва Азиз[ро] ба Фароҳ бурд ва Систон Амир Булфазлро дод ва Азиз[ро] бо хештан бурду Босаиди Ҷимартӣ ин ҷо буд. Чун хабар шунид, бигрехт ва Амир Булфазл ғурраи раҷаби санаи хамсун ва иширина ва арбаъумиа (чорсаду бисту панҷ) бар амал андар омад ба Систон ва кор фурӯ гирифт то санаи сабъун ва ишрина ва арбаъумиа (чорсаду бисту панҷ). Боз амал Босаиди Ҷимартӣ ва Босаиди Қаҳистониро доданд ба ширкат ва ин ҷо омаданд.

### Амали Бӯсаиди Ҷимартӣ

Ва андар амали эшон туркмон тохтан кардан гирифт ба Систон. Боз Бӯсаъди Қаҳистонӣ ба Барунҷ шуд ва ӯро бикуштанд. Ва Амир Булфазл андар Арк маҳбус буд ва амал бар Бӯсаиди Ҷимарт қарор гирифт рӯзи душанбе, даҳ рӯз монда аз зилҳиҷҷаи санаи самонин ва ишрина ва арбаъумиа. Боз чун санаи тисъун (нӯҳ) андар омад, Амир Булфазлро ба Хазрат хонданд ва амали Систон бад-ӯ доданд.

### Омадани амир Булфазл рӯзи панҷшанбе, зилҳиҷҷаи санаи тисъун ва ишрина ва арбаъумиа (чорсаду бисту нӯҳ)

Ва ба шаҳр андар омад рӯзи одина. Пас Аҳмад ибни Тоҳир ва Исҳоқи Кожин ва шангулиёни Баскар ду ҳазор мард ҷамъ шуда бад-ӯ омаданд ба ҳарби Амир Булфазл. Ва

амир Булфазл аз Дошан бирафт ва айёрони шаҳру сарҳангону шаҳнагон он ҷо ҳарб карданду эшонро ғалаба карданд. Ва бисёр солорони эшонро бигрифт ва Аҳмади Тоҳиру Исҳоқи Кожин бигрехтанд, ки касе эшонро надид. Ва ҳамаро ба Арк маҳбус кард ва андар ин сол банди Кандак бишкаст [ва] Дари Каркӯй об бибурд рӯзи шанбе, ёздаҳум аз муҳаррами ин сол ва Боумари Болайс ва писараш ва Ботоҷир бар шангулиён якӣ буданд ва ҳама гирифта шуданд. Ва андар санаи салосина ва арбаъумиа (чорсаду сӣ) ғалла гарон шуд, то хирвори гандум ба саду сӣ дирам шуд.

Ва Амир Булфазл фармуд, то бораи Систон нав баровардан гирифтанд ва андар санаи исно ва салосина (сию ду) бораи шористон тамом шуд бар дасти Амир Булфазл. Боз Аҳмади Тоҳир мардуми бисёр ҷамъ кард ва бо туркон якӣ шуд ва ба Дари Каркӯй фуруд омаду пеши Зиреҳ ғорат кардан гирифт ва дахлҳо ба сабаби вай баста гашт ва Амир Булфазл аз Султон Масъуд лашкар хост ва нафиристод. Андар он ҳадис фурӯ монд, чора надид, то ҳам аз туркмон тақвият ҷуст ва кас фиристод. Ва охир Амир Бонаср бирафт ва Артошро бо панҷ ҳазор савор биёвард андар рабеъулаввали санаи исно ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сиву ду) ва туркмонон ҳар рӯз дар шаҳр аз ҷиҳати Аҳмад Тоҳир тохтан ҳамеоварданд. Охир Аҳмади Тоҳир мардуми пиёдаву савори туркмон ҳама баргирифт ва ба Дари Таъом шуд. Чун Артош биёмад, ба пои Арк фуруд омад, Амир Булфазл наздики ӯ шуд.

## Омадани Артош ва хутба кардан бар Байғу

Ва аҳдҳо бастанд ва хутба бар Байғу карданд, Артош кас фиристоду он туркмононро фармуд, ки бо Аҳмади Тоҳир буданд, то ӯрову ёрони ӯро ҳама ба наздики ӯ оварданд ба дари шаҳр ва Аҳмади Тоҳирро банд барниҳод ва ҳама авлиёи[1] ӯро ва ба Арк овард ва Артошу Амир бо Наср ва сипоҳ бирафтанд ва ба дари Буст шуданд ва Булфазл, Аҳмади Тоҳирро ва Манучеҳрро ва Музаффари

[1] Бузургон, мансабдорон, аъёну ашрафи давлат.

Ҳусайнро ва Боҷаъфар Ҳамдони Даркӣ ва ҳамаи авлиё ва сарҳангони эшонро фармуд амири шаҳрро – Бӯнасри Кулакиро то баровехтанд.

## Омадани Байғу ба Систон

Ва Байғӯ биёмад андар ёздаҳуми рабеъулохири санаи исно ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию ду) ва Амир Булфазл бо ӯ як ҷо бирафт ва ба дари Буст шуданд ва он навоҳӣ ҳама бигрифтанду ғорат карданд. Боз миёни Байғу ва Артош хилоф уфтод ва Артош ногоҳ бозгашт ва сипоҳ бо ӯ ва Байғӯ низ бозгашт ва ба Систон омад. Ҳадиси Систон бо Амир Булфазл қарор гирифт ва лашкари туркмон ҳама бозгашт сӯи Хуросон.

## Кушта шудани Султон Масъуд

Ва Амир Масъуд кушта шуд ҳам андар санаи исно ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию ду) ва Мавдуд ибни Масъуд ба амирӣ нишаст ва Бӯсаъди Ҷимартӣ ва Боамри Болайс лашкар оварданд ба Систон ҷиҳати Амир Мавдуд ва солори эшон Қаймос ал-Ҳоҷиб буд. Ва ба Дари Навояст фуруд омаданд ва писари Бӯамри Болайси Бонаср ва писари Бӯсаъди Ҷимартӣ ҳар ду бар Арк андар маҳбус буданд, бигрехтанд, ки ҳеч касеро мумкин нашуд донистани он, ки чигуна бигрехтанд.

## Омадани Қаймос бо лашкар ба ҷониби Систон ва омадани Артош ва ҳазимат додан сипоҳи Мавдудро аз Систон

Ва Амир Булфазл бо сипоҳи хоси хеш он ҷо шуд, бо Қаймос ҷанг карданду эшонро бишкастанд ва эшон бозгаштанд сӯи Ғазнин. Он ҳама андар санаи исно ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию ду) буд. Боз ҳадисҳо андар уфтод ва Амир Мавдуд номаҳои ниҳон фиристодан гирифт ба Систон ва Амир Булфазлро аз он огоҳӣ буд ва эшон надонистанд, то рӯзи чаҳоршанбе, бисту сеюм аз ҷумодиюлохири санаи салосун ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию се), Қозӣ Босаид Муҳаммад ибни Абдуллоҳро

ва фақеҳайн[1] Абдулҳамиду Абдуссалом, ду писари Имом Фохирро ва амири Канакро ва амир Аҳмади Кутволро Амир Булфазл маҳбус кард ба Арк. Боз лашкари Мавдуд фаро расид бо ҳоҷиби бузурги вай миқдори ду ҳазор савор ва даҳ ҳазор марди пиёда аз шангулиён бо эшон ҷамъ шуданд. Ва Босаъди Ҷимартӣ ва Боамри Болайс бо эшон ва бародари Аҳмади Тоҳир ва Бӯмансур Боҳотам – писарони Саткони Ҷувайнӣ – рӯзи якшанбе, бисту панҷум аз раҷаби санаи салосун ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию се).

Ва Амир Булфазл бо сипоҳ берун шуд ва ҳарбе сахт бикарданд ва бисёр мардум аз ҳарду гурӯҳ кушта шуд ва ёрони сарҳанг Тоҳири Муҳаммади Саҷзӣ баргаштанд ва Бӯнасриву сипоҳи Мавдудӣ андар омаданд. Амир Булфазл бар ҳисор шуд, эшон ғорат карданд ва бисёр мардум бикуштанд ва он карданд, ки андар Дорулкуфр накунанд! Аввал ҳисор аз ин рӯз буд ва ҳар рӯз ба дарҳои ҳисор ҳарби сахт мекарданд ва ҳаме кушта гашт аз ҳар ду гурӯҳ чаҳор моҳ-саду бист рӯз, то Амир Булфазл ба Хуросон нома кард наздики Артош ва ӯ рафта буд ба Мовароуннаҳр, ки он ҷо туркмононро ҳарбе буд. З-он ҷо бирафт ва охири зилқаъдаи санаи салосун (се), ҳеч касро хабар набуд на бар ҳисору на фуруд, то ӯ бо сипоҳ фаро расид. Ва сипоҳи Мавдуд ба дари шаҳр шуда буданд ва лашкарҷой он ҷо бурда, бомдод Артош ва сипоҳ фаро расиданд ва як соат ҳарб карданд. Ва мардуми шористон бо Амир Булфазл фуруд омад ва сипоҳи Мавдуд ба ҳазимат бирафт ва гирифта шуданду кушта ва мурданд аз ташнагӣ андар биёбон, то аз он мардум андаке ба Буст расид. Ва Қаймосу ҳоҷибон гурӯҳе аз зарринкамарон ва Бӯсаиди Ҷимартиро Амир Булфазл бардор кард бар қасри Яъқубӣ. Ва Артош сипоҳ баргирифту сӯи Буст рафт, бар пайи сипоҳ[и мавдудӣ] ва Амир Булфазл бо ӯ бирафт ва мардум пиёда. Ҳисорҳои Буст бистаданд ва ғорати бисёр карданд, андар рабеъулаввали санаи арбаъун ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию чор) бозгаштанд аз он ҷо.

---

[1] Ду фақеҳ.

## Гирифта шудани Амир Бонаср бар дасти Туғрал

Ва Байғӯ дигар роҳ ба Систон омад, андар моҳи рабеъулохир ва з-он ҷо бозгашт ва ба Хуросон шуд. Ва Амир Бонаср ба Хуросон шуд ва Хотунро ба занӣ кард ва якчанд бибуд, з-он ҷо бозгашт. Туғрал, ҳоҷиби Мавдуд, ҷосус бар вай дошт, аз Буст бо ду ҳазор савори ҷарида[1] тохтан овард ва ӯро ба дараи Ҳиндқонон бигрифт. Ва андар ҷумодиюлохир ҳам андар ин сол биёмаданд ҳам аз сипоҳ ба Систон, зиёнҳо карданд ва Дари Каркӯй бибастанд ва бисёр мардум бикуштанд габру мусулмон ва ғорат карданд. Ва ба Кошин шуданд мардуми Кошин хона ҳисор доштанд, бистаданд ва гурӯҳе мардум куштанд ва гирифтанду ғорат карданд. Боз ба пои ҳисор омаданд ва бо Амир Булфазл дидор карданд ва гурӯҳе ба ҳисор баромаданд ва сулҳгуна сохтанд. Охир бирафтанд ва Амир Бонасрро бибурданд ба Ғазнин ва он ҷо маҳбус карданд.

## Кушта шудани Артош

Ва андар санаи сабъун ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию ҳафт) Артош бо сипоҳе бузург бирафтанд, ки ба Ғазнин шавам. Сипоҳи Мавдуд биёмаданд ва ҳарб карданд ва Артош ба ҳазимат бозгашт ва ба Шористон омад ва он ҷо фуруд омад. Ва андар санаи самонин ва салосина (сию ҳашт) Байғу бозомад ва Артош ба Систон. Ва боз андар санаи тисъун ва салосина (сию нӯҳ) фақеҳайн Абдулҳамиду Абдуссаломро Амири Булфазл халос кард рӯзи душанбе, бисту дуюм аз раҷаби санаи тисъун ва салосина ва арбаъумиа (чорсаду сию нӯҳ) ва ҳабси эшон шаш солу як моҳ буд. Ва Амир Аҳмади Кутволро андар рӯзгори ҳисор халос кард ва Амир Канакро фармуд, то баркашиданд бар қалъаи Арк. Ва Қозӣ Босаид, писари Қозӣ Булҳасан бигрехт ва ба Мукрон шуд ва он ҷо фармон ёфт. Ва Артош андар санаи арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чил) кушта шуд ба Табас бар дасти ғуломон аз они амир Булаббоси Дурҳӣ.

---

[1] Забардаст, беназир.

## Халос ёфтани амир Бонаср

Ва Амир Бонаср халос ёфт, ба сабаби Хоҷа Саид писари Аҳмад Ҳасани Майманди̅, ки ӯ ба Систон маҳбус буд. Ва ҳоҷибе чанд, ки Амир Ҷағри̅ гирифта буд, бадал карданд рӯзи панҷшанбе, бисту якум аз сафари санаи иҳдо ва арбаъина (чилу як) ба шаҳр андар омад. Шаҳр ойин бастанд ва мардумони Систон нишот карданд бисёр ва садақаҳо доданд. Боз сӯи Ҳари̅ бозгашт рӯзи чаҳоршанбеи седигар ҷумодиюлаввал ҳам андар ин сол. Ва боз аз Ҳари̅ бозомад ва шаби шанбеи бисту шашум аз зилқаъдаи санаи иҳдо ва арбаъина ва арбаъу миъа ба шаҳр андар омад. Ва Юсуфи Яъқуби̅, Собири Камари̅ Боҷаъфари Собирро ва писаронро бикушт ва сарои эшон ғорат кард. Ва Амир Булфазл тохтан кард ва ӯро бигрифт рӯзи одина, ҳафдаҳуми рабеъулаввали санаи исно ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу ду) ва андар соат фармон дод, то ба миён дуним карданд.

## Хабари вафоти Абиҷаъфар Аҳмад ибни Мансур ибни Аҳмад мавлои Амиралмуъминин наввара-л-лоҳу ҳафратаҳу[1]

Ин Амир Аҳмад писари Амир Бонаср буд. Марде аз гурдони олам, ки андар ин аркони давлат ҳеч марде ба шуҷоату саховат ва тавозуву некуаҳдии вай набуд. Бо сурати тамом, ки чун ӯ бахшандаву нондеҳ, агар гӯи̅, ки ҳаргиз ба Систон барнаёмад пас аз Амир Тоҳири Бӯали̅. Чунин қазо кард, [ки] шаби чаҳоршанбеи бистунуҳум аз рабеъулохири санаи исно ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу ду) фармон ёфт. Нӯҳ рӯз ҳамаи Систон бо диле дардманд ва чашме гирён, хосу ом ӯро мотам доштанд, з-он ки адиму-л-мисл[2] буд (р).

Ва падари ӯ Амир Бонаср [Мансур) рӯзи душанбе, ҳафдаҳум аз ҷумодиюлаввали санаи исно [ва] арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу ду) бирафт сӯи Ҳирот ва Амир Булфазл рӯзе чанд ғамгин буд ба сабаби вай. Боз тараб боз

[1] Худо қабри ӯро пурнур гардонад.
[2] Бемисл, бемонанд.

шуд ба расми мулук ва ҳеч осеб набуд андар ин рӯзгор ба Систон то омадани Туғрали малъуни номуборак бар худ.

## Омадани Туғрал

Ба рӯзи якшанбе, сеюм аз раҷаби санаи салосун ва арбаъина (чилу се) ба ҳисори Тоқ фуруд омад ва расулон фиристодан гирифт. Ва Амир Булфазли зарқи вай нахарид[1], то охир ҳарб оғоз кард бар ҳисор ва кутвол Ҳилоли Дарқӣ буд ва бисёр мардиҳо кард, охир фармон ёфт. Ва халифати Амир Булфазл он ҷо Амир Бӯсаиди Самурӣ буд, он кор фурӯ гирифт ва мардӣ кард ва сарҳангон, ки он ҷо буданд ва айёрон чун Болайси Юзӣ ва Бӯмуҳаммади Мансур ва ёрони эшон вафодорӣ карданд, то панҷ ҳазор савори маҳмудӣ бо панҷ пили сохта ва миқдори ду ҳазор пиёдаи саҷзӣ ва ғазнавӣ ва Бӯмуҳаммади Аскар бо эшон буд. Ва он ҳисор бо ҳама хилаҳо, ки карданд, наёристанд ситадан. Охир қазоро Туғрал бо саворе ҳазор сохта ва пӯшида нек ихтиёр кард ва ба дари шаҳр омад. Ва Амир Байғу аз Ҳирот биёмад ба лашкаре, ки бо сипоҳи Туғрал ҳарб кунанд ва касеро аз Туғрал хабар на. Тадбире карданд ва Туғралро хабар карданд, ки: Акнун Байғу ҳаме андарояд, то ӯ ба камин андар нишаст, то аз шаҳр Амири аҷалл Сайид Абулфазл Наср ибни Аҳмад мавлои Амиралмуъминин (р) берун шуд ва Байғу ба лаби об фуруд омад, ки то бунаву лашкар фаро расанд ва ҷамъ гарданду андар шаҳр оянд. Ва ин рӯзи шанбе буд бисту дуюми раҷаб ҳам андар ин таърих. [Ногоҳ] Туғрал хештан ба оммаи шаҳр зад ва наъра бархосту Байғу ба ҳазимат шуд бе лашкару бесилоҳ. Ва Амир Булфазл дили вай нигоҳ дошт ва бо вай бирафту ба Ҳарӣ шуд, ки он ҷо лашкар ҷамъ кунад ва ба ҳарб ояд. Пас Туғрал ба ҳисори Тоқ шуд ва он ҷо рӯзе чанди дигар ҳарб кард ва ҳеч наёмад вайро. Ва Маҳмуди Гандумак ва бародарон бигаштанд [ва] ба наздики вай шуданд ва ҳам чизе нарафт бо мардумони ҳисор. Охир ба аҷз бозгашт рӯзи одина, сездаҳуми шаъбон ва ба Ғазнин шуд. Ва Ғазнин бигрифту Абдуррашид ибни Маҳмудро ва бештарин аз он

[1] Ба макру ҳила вай фирефта нашуд.

маликзодагонро бикушт. Худой-таъоло ӯро низ ҳалок кард, чунонки муставҷиби[1] ӯ буд.

Ва Амир Булфазл чун хабари рафтани ӯ шунид, лашкар бигзошт ва ҷарида боз мамлакати хеш омад ба толеи саъд [ва] шаби сешанбеи понздаҳуми рамазони ҳамин сол андар шаҳр омад. Ва писари Амир Байғуро бо хештан биёвард ва ба Дошан фуруд овард: Амири Аҷалл Абулфатҳи Қароарслон Бӯрӣ ибни Муизуддавла мавлои Амиралмуъминин ва як сол ин ҷо буд бо бузургиву ҷоҳ ва пирӯзӣ ва Амири аҷалл Муайяд Абулфазл ӯро неку дошт. Боз падараш аз Ҳарӣ расулон ва ҳуҷҷоб фиристод, то ӯро бибурданд. Ва рафтани ӯ сӯи Ҳарӣ рӯзи душанбе, ҳаштуми шавволи санаи арбаъун ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу чор) буд.

Хутба кардани амир Туғрал Муҳаммад ибни Микол адомаллоҳу мулкаҳу ба Сиҷистон явм-ул-ҷумъа мин ассомин муҳаррами[2] санаи хамсун ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу панҷ) …[3]

### Вақъати Бидеҳ

[4]…Мардумони Систон ба рустоқи Бидеҳ аз ҷиҳати Қаротош ибни Туғонбеки Исо лаънат-ул-лоҳ рӯзи душанбе, бисту ҳафтуми рамазони санаи хамсун ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу панҷ) вақти қирони наҳсайн андар Ҳут. Ва ончунон буд, ки ӯ ба Систон омад ва қасди он карда буд, ки ба Мукрон равад. Рӯзе чанд ӯро меҳмон доштанд ва гуфтанд: Акнун бибояд рафтан аз бисёр алвофе, ки мекарданд лашкари ӯ. Гуфт: Маро панҷ рӯзи дигар алаф диҳед, то иди Систон бубинем, пас биравам. Надоданд. Пас ба хашм бирафту ба Бидеҳ фуруд омад ва бо раиятон ҷанг оғоз кард ва хонаҳои эшон хароб кардан гирифт ва эшонро куштан. Шаби душанбе Амири аҷалл Сайид Булфазл Амир Бӯриро бо фавҷе туркманон номзад кард. Ва Амир

---

[1] Сазоворӣ, муносибӣ.

[2] Рӯзи ҷумъа, ҳаштуми муҳаррам.

[3] Чунин ба назар мерасад, ки ин ҷумла оғози матлаб аст, вале зоҳиран қисме аз матлаб афтодааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[4] Аз авали ин фасл ҳам чизе монанди «ғорат шудан…» ё «куштан» афтодааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

Исмоили Қавқаҳӣ ва Амир Бӯҷаъфари Қавқаҳӣ ва Амир Аҳмад, бародари вайро бо мардумони Авқ номзад кард ва саркашону мардумони пеши Зиреҳро ба Амири Аҷалл Тоҳир супурду ӯро ба эшон номзад кард ва ғуломони хешро ҳам бо вай номзад кард. Чун қариб саворе дувист аз туркманон ва ғуломони хеш ва марде понсад бо силоҳи тамом ва [худ бо эшон] бирафт то ба дари шаҳр. Ва ҳамаро васият мекард, ки: Нигоҳ доред, то ҳеч касро накушед ва хун аз сар наёред, бонг барзанед, то бишнаванд. Эшон бирафтанд, ин туркманон, ки бо Амир Бӯрӣ буданд, пеш аз он ки ба лашкар расиданд, бонг карданд. Туркманон лашкаргоҳи хеш бигзоштанд ва худ бирафтанд. Эшон биёмаданд ва ғорат карданду хештанро коло бор карданд ва ҳама мутафарриқ[1] шуданд ва ҳар касе ҷудогона рӯй бар шаҳр ниҳоданд.

Чун бомдод равшан шуд, туркманон бозомаданд ва ҷанг оғоз карданд то намози пешин ҷанг мекарданд. Туркманони Мирбӯрӣ бигрехтанд ва Амири Бӯрию Амир Тоҳир пушт бидоданду пиёдагонро ба дасти эшон бигзоштанд. Ва Амир Исмоил ва Амир Бӯҷаъфар ба хона андар шуданд ва ҷанг карданд як ду рӯзи дигар. Ва рӯзи сеюм эшонро фуруд оварданд ва бигрифтанд. Ва қариби дувист мард он ҷо кушта шуд. Ва Амир Исмоилро бист ҳазор динор боз фурӯхтанд ва Амири ҷалил Сайиди Бонаср он ҷо рафт ва гаравгони вай мебуд, то зар бидоданд ва ӯ бирафт вассалом.

Банд кардани хоҷаи бузург[2] - Амир Байғу ба қалъаи Испаҳбад аз миёни лашкаре, ки бар худ оварда буд ва Амир Бӯрӣ – писари Байғу панҷуми шаъбони санаи хамсун ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу панҷ) ва дигар рӯз лашкар, ки бо вай буд ва Амир Бурӣ қасди рафтан карданд боз Ҳирот ва ӯро биёварданд ба қалъаи Арк ва панҷуми рамазони ин сол кушта шуд.

---

[1] Пароканда, парешон.

[2] Маълум нест, ки ин хоҷаи бузург кист ва ин ҷумла то оғози фасл маҷҳул ва ноқис аст (Аз шарҳи М. Баҳор).

## Омадани Ёқутӣ дафъати аввал ба Систон

Рӯзи панҷшанбе, ҳаштуми раҷаби санаи ситтун ва арбаъина ва арбъумиа (чорсаду чилу шаш). Нӯҳ рӯз буд ба Систон бо ду ҳазор савор меҳмони Амири аҷалл Сайид Малик Муайяди Булфазл (раҳамаҳу-л-лоҳ), ки албатта андар ҳама Систон аз ҳеч кас як ман коҳ наситанд ва ҳеч касро ба як донг зиён накарданд. Ва рӯзи шанбе, ҳафтуми раҷаб бирафт ба сӯи Мукрон ва ба Мукрон вайро хутба карданд ва хоҳари Амир Муҳайёро ба занӣ ба вай доданд. Ва бозгашту худ ба роҳи биёбони Кирмон ба Қойин рафт ва лашкари вай бештаре ба Систон боз омаданд ва рӯзе чанд он ҷо бибуданд. Ва Булмузаффари Ҳазар, ки нақиби даргоҳ буд, бо он лашкар бифиристод. Боз дар Систон вайро бигрифтанду банд карданд ва бо хештан ба Қойин бурданд ва берун нагзоштанд, то ба шиканҷаву мутолабат аз ӯ шаш ҳазор динор ситаданд. Ва аз [ин ҷо] мукошифат [1] миёни вай ва они Амир Булфазл бияфтод, то ӯ ба Хуросон рафт ва маншури Систон талабид аз Амир Ҳазарӣ, падари хеш [ва касе]ро ба Ироқ фиристод ва номаҳо набишт ба наздики Амир Туғрал ва маншури Систон бистад ва биёмад ба Систон ба Руну Ҷул фуруд омад рӯзи якшанбе, дувоздаҳуми шаъбони санаи сабъун ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу ҳафт).

## Омадани Ёқутӣ бори дигар

Ва рӯзи Озари сол бар чаҳорсаду бисту чаҳор аз Яздиҷурд [биёмад] ва рӯзе чанд он ҷо бибуд ва мардумони Руну Ҷул бо вай шуданд ва ҳеч касро аз он ҷо наёзурд ва расулон фиристоду маншури хеш арза кард, напазируфтанд ва қабул накарданд. Ва Амир Булфазл гуфт: Маро бар қавли ту ҳеч эътимод нест, туро нахоҳам ва туро хутба накунам, Систон аз дасти ман ба шамшер берун тавон кардан. Вай аз он ҷо бархосту ба Ҷувайн омад ва дигар роҳ расул фиристод. Расули вайро боз фиристоданду гуфтанд: Ту ҳанӯз ба Систон қалъа наситадӣ ва ҳисор нагирифтӣ ва марде накуштӣ. Туро ба ҳуҷҷат тоат диҳем. То расули вай бирафт, ӯ ба Дарқ омада буд. Чун сухан бишнид, бозгашт рӯзи якшанбе, бисту шашуми шаъбон андар он сол, ба

[1] Душмании ошкоро.

Ҷувайн намози дигар ногоҳ хешро андар андохт ва мардумон ғофил буданд ва ба хонаҳои хеш бозомада, аз он чи бар эшон бигзашта буд ва наёзурда, ҷанг андар гирифт ва мардумонро аз ҳисор боздошт.

## Вақъати Ҷувайн

Ва дигар рӯзи душанбе намози бом[1] ҳисор бистад ва ғорат фурӯ гирифтанд ва чоштгоҳро Амир Шоҳаншоҳро андар Ҷувайн бигрифтанд ва ба лашкаргоҳ бурданд. Ва қариби ҳазору дувист мард аз он шаҳр кушта шуд ва бисёре асир гирифтанду банд карданд ва бибурданд, ба Хуросон фиристод ва он ҷо биншаст, то иди рӯза бигзашт. Ба Барунҷ омад ва андар ҷониби Мағриб ба Кулмуҳ фуруд омад ва мардумони Қавқа чанд бор бо вай овехтан бурданд ва бисёре гӯсфанду асб ва коло аз они вай бибурданд. Ва Даркро бозфурӯхту қариби сесад ҳазор дирам аз эшон бистад ва эшонро эмин кард. Ва аз Кулмуҳ Булқосими Янолро, ки сипаҳсолори лашкари вай буд, бо саворе дувист ба расулӣ фиристоду гуфт: Ҳин ҳисор бистадам ва мард куштаму гирифтам, ҳеч баҳона монд?

Ва Амир Булфазл боз ибо кард ва сар дарнаёварду гуфт: Бо чунин муомилат, ки ту мекунӣ, вилоят хостан набошад! Булқосими Янол бозгашту ба наздики вай шуд ва Амир Булмузаффару Амир Булҳасан бар Амир Бонаср ба қалъаи Барунҷ буданд ва қариби даҳ ҳазор мард бо эшон бо силоҳи тамом он ҷо як рӯз ҷанг оғоз кард ва ҳеч наёмад вайро. Чанд кас аз они вай бигрифтанд [ва] хаста карданд. Боз расул фиристод Булқосими Нишобуриро ва Амир Булфазл гуфт ки: Агар даст аз куштану ғорат кардан бидорӣ, фармонбардорӣ кунам. Ҳафт рӯз ҳеч касеро наёзурд ва ба ҳар деҳе ҳанбошаке[2] фиристод ва мардумонро ҳама эмин кард.

---

[1] Намози бомдод, намози субҳ.

[2] Маънии ин лафз маълум нашудааст.

## Вақъати пеши Зирех

Боз рӯзи панҷшанбе, бистуми шаввол, ногоҳ ба Камар омад ва Асрам Яъқуби Собир пеши вай рафт бо марди Камар ва хидмат карду ӯро меҳмон дошт. Ва дигар рӯз аз он ҷо вайро ба Морҷӯя овард ва ҷанг оғоз кард бар ҳисори Морҷӯя ва дигар рӯз чоштгоҳро ҳисор бистад ва саду ҳафтод мардро аз он ҳисор бикушт ва занонро эмин кард. Ва пеши вай кас фиристоданд ба ҳам он рӯз ва Рандон омад ва рӯди Зариқу ҳисорҳои он бистаданд, ҷумлаи мард кушта шуд, занон асир гирифтанд ва баъзе бибурданду баъзе берун гузоштанд. Ва дигар рӯз ба ҳисори Маҳриён ва Барован рафтанд ва бистаданд. Ва хонаи Баровану хонаи Шаҳрзодӣ ба Рандону хонаи пеши сари Рандон [хароб карданд] ва бисёре мардум ба Барован кушта шуд. Ва ин вақт қирони наҳсайн буд андар Ҳамал ва ҳам андар он рӯз кадаи Умарӣ ҳисоре бистаданд ва чиҳил мард аз он бикуштанд. Ва бисту панҷуми шаввол бозгашт ва ба Фарсафони Барунҷ фуруд омад. Ва дигар рӯз ба Дарқ шуд ва ҷанг оғоз кард ва ду рӯз ҷанг карду фуруди қалъа бистад ва роҳи Қойин гирифт. Ва ин ҳама бештар ба қуввати мардони Систон кард, ки понсад мард, пеш аз он к-ӯ омад, аз Систон рафта буданд ва Маҳмуди Кандамак бо эшон, ки ба Туғрал хостанд шуд, чун вай ба Систон омад, Маҳмуди Кандамак бозгашт ва писари Бӯбакри Шодӣ ва марде сесад бо вай биёмаданд. Аз Руну Ҷул ва дигар ҷойҳо низ марде сесади дигар ҳамроҳи [ӯ] ва ин ҳама ҷангу фитна аз ӯ [буд].

## Омадани расули Мир Ҷағрӣ

Рӯзи сешанбе, бисту дуюми моҳи рабеъулаввали санаи самонин ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу ҳашт) бар толеи саъд бисту се дараҷа, он рӯз [ононро] дар хонаи Мир Артошӣ, ки андар шористони Систон аст, ба дари лаби оби Базён бурданд ва бар роҳ се ҳазор мард нишаста буданд бо хӯду ҷавшан ва зиреҳу соқа[1] ва сипару но[ҷих][2] ва найраи қина[1] ва чандон ки кунгураи қалъаи Арк

---

[1] Ин лафз ба маънии аслиҳа аз луғатҳо ёфта нашуда ва ба эҳтимоли М. Баҳор, шояд ба маънии «бозубанд» ва «соқбанд» бошад.
[2] Маънии ин лафз маълум нашудааст.

буд, аз ҳар кунгура ҷавшанею саворе ва хӯдеву сипаре карг[2] ва сози саворӣ тамом ниҳода буданд аз сар то пой ороста ва ҳанӯз ҳеч дари силоҳхона боз накарда буданд. Ва ин он буд, ки андар дасти мардон буд. Расулон чун аз он сӯ бар лаби об расиданд, киштиҳо ба бари эшон бурданд ва эшонро ба кишти гузора оварданд. Ва ҳоҷибе бо саворе панҷоҳ ба бари эшон рафт ва бар он суни шаҳр то лаби Оби Ҳирманд, ки ба дари шаҳр мерафт, аз он сӯи оби Базён ва бо эшон ҳамеомаданд то ба дари шористон. Чун расулон ва ҳоҷиб, ки бо эшон аз лаби об омада буданд, андар рафтанд, дар сахт карданд ва он дигаронро андар нагзоштанд, то он вақт, ки расулон пеши Амири аҷалл Булфазл рафтанд, андар боғи Маймун. Ва ӯ андар ҷанбаи Каркин нишаста буд ва ғуломе саду панҷоҳ хурд пеши вай ба хидмат ва марде дувист аз хосагони вай бо силоҳи тамом. Расулон андар омаданд ва намоз бурданд. Чун бархостанд, хост, ҷавҳаре бузург қимате [ва] диноре ҳазор пеши вай нисор карданду бирафтанд ва ба хонаи Артошӣ фуруд омаданд.

## Хутба кардани Амир Чағрӣ

Пас рӯзи одина, бисту панҷуми ин моҳ шаҳр озин бастанд аз дари сарои Артошӣ то дари Бутон ва ҳама ба хӯду миғфару зиреҳу ҷавшану дебо биёростанд ва бисёре дираму динор рехтанд аз зарби Ҷағрик то ба масҷиди одина андар рафт. Ва чун хутба карданд ба номи Амир Ҷағрӣ, чандоне дираму динор рехта буданд, ки ҳар ки камтар ёфта буд аз мардумони масҷид, бисту се динор ёфта буданд. Ва андарон вақт толеи Ақраб буд қариб ба бист дараҷа ва Миррих андар Асад ба се дараҷа ва Хуршед андар Саратон [ба] бисту панҷ дараҷа ва Моҳ андар Ҷавзо ба нуздаҳ дараҷа ва Зуҳал андар Ҳамал ба бист дараҷа ва Муштарӣ андар он ба бисту нӯҳ дараҷа ва Зуҳра андар Ҷавзо ба ёздаҳ дараҷа ва Уторид андар Асад ба чаҳордаҳ дараҷа.

---

[1] Мувофиқи ҳадси М. Баҳор шояд ин ҷо мурод найза бошад.
[2] Яъне, аз пӯсти каркадан.

## Омадани амир Байғу ба Систон

Чун ҳол бад-ин ҷумла буд, амир Байғу ба наздики Амир Туғрал ба Ироқ нома кард ва бисёре гила кард аз Мир Ҷағрӣ ва аҳдҳое, ки андар он вақт карда буд, ки аз лаби оби Ҷайҳун гузорда омаданд ва Хуросон бигрифтанд, ҳама ёд кард ва бисёр итоб кард.

Нома ҷавоб бозомад ва маншуре набишта вайро ба наздики Амир Булфазл ва мардумони Сиҷистон ва гуфта ки: Мо ба наздики Мир Ҷағрӣ набиштем, то дигар чунин беадабӣ накунад ва маншури Систон Мир Байғуро набиштем. Чунон бояд ки пас аз ин ӯро хилоф накунед ва гӯш ба фармони вай доред ва хутба ӯро кунед ва муҳри дираму динор ба номи вай кунед ва агар лашкари Ҷағрӣ бад-он ҷониб ояд, ӯро фармонбардорӣ накунед, то ин ҷумла бидонед.

Чун номаву маншур ба наздики Мир Байғу расид, писари хешро – Бӯриро бо ҳоҷибону лашкар ба Систон фиристод ва нома набишт, ки: Инак маншури Мир Туғрал фиристодам. Чунон бояд, ки хутба ба номи ман кунед ва муҳр бигардонед ва ҳамл бифиристед ва шаҳна, ки аз они Мир Ҷағрӣ ба наздики шумост, ба дасти лашкари ман диҳед. Ва лашкари хешро фармуд, ки ба ҳеч ҷой зиён накунед, то он вақт, ки он чи гуфтам, накунанд, он вақт дасти оташ гиред ва яке шамшер ва мекушеду месӯзед, то он вақт, ки ба фармон оянд.

Амир Бурӣ биёмад ба Систон рӯзи панҷшанбе, чаҳордаҳуми Ҷумодиюлухири санаи самонин ва арбаъина ва арбаъумиа (чорсаду чилу ҳашт), бомдод бар толеи мизон се дараҷа. Чун ба лаби Оби Девона расид, ба дари шаҳр, Амир Булфазл ҳоҷиби бузурги хешро бо саворе даҳ пазираи вай фиристод. Чун ба дари шористон бирасиданд, дигар касе надид, ки пазира шуд ва Бӯрӣ ҳамчунон биронд ва ба Дошан фуруд омад ва худ бо саворе даҳ-понздаҳ ба шористон омад, ба наздики Амир Булфазл ба боғи Маймун ва салом кард. Ва намози пешин хилъатҳо, ки аз Амир Байғу оварда буд, ба дасти ҳоҷиб бифиристод ва номаҳо

бар он. Чун Амир Булфазл нома бархонду гуфт: Ин натавонам кард шуморо ин…[1]

Вафоти Амири аҷалл Булфазл бисту сеюми ҷумодиюлохир ба соли чаҳорсаду шасту панҷ ва нишастани Амири аҷалл Баҳоуддавла ва-д-дин Тоҳир ибни Наср ибни Аҳмад бисту ҳафтуми ҷумодиюлохир ҳам андар ин сол.

Омадани Амир Бадруддавла ва-д-дин Шамсулмулук Булаббос аввалин бор, ки ба Авқ омад, ғурраи шаввол ба соли чаҳорсаду шасту ҳафт.

Омадани вай ба ҳисори Самур, гирифтани он ҳам андар ин моҳ ва омадани Амир Тоҳир ба Дарқ ва Амир Булаббосро дар ҳисор фишурдан худу лашкари Систон, панҷ ҳазор марду савор ба рӯзи одина, ҳафдаҳуми моҳ ва бозгаштани Амир Тоҳир аз ҳисори Дарқ ба рӯзи якшанбе, нуздаҳуми ин моҳ. Ва будани Амир Булаббос дар ҳисори Дарқ ва пайваста будани ин ҷангу хусумат ҳашт моҳ, то бозгашт, ба Хуросон шуд. Баъд аз он бикушт Амир Булаббос Амир Ҳарбро нуздаҳуми шаввол ба соли чаҳорсаду ҳаштоду нӯҳ ва омадани Амир Булаббос ба қалъаи Коҳ понздаҳуми моҳи муҳаррам бо соли чаҳорсаду ҳаштод ва гирифтани Исмоил Ибни Абрам ба рӯзи одина ҳам ҳаштуми сафар ҳам бад-ин сол ва куштан Амир Исмоилро ба қалъаи Коҳ, шаби чаҳоршанбе, сездаҳуми моҳи сафар ва мурдани Амир Боҷаъфари Қавқаҳӣ шаби чаҳоршанбе, ҳаждаҳуми рабеъулохири ҳам андар ин сол.

Ва Хутба кардан [ба] қалъаи Барунҷ Амир Бӯнасри Шоҳаншоҳ рӯзи чаҳоршанбе, дуюми ҷумодиюлаввал ҳам андар ин сол. Ва хутба кардан ба Барунҷ бар номи Амир Бадруддавла Шамсулмулук Булаббос ба рӯзи одина, чаҳоруми ин моҳ ва андар омадани ӯ дар Барунҷ ва фуруд

---

[1] Дар ин ҷо дар матни асл қариб нисфи сафҳа афтодааст ва аз лиҳози фосилаи замонӣ ҳам воқеоти 17 сол зикр нашуда ва масъалаи омадани амир Байғу аз Ҳирот ба Систон ва чигунагии аҳвол дар тӯли 17 сол ва давоми аҳволи амири Систон Булфазл Наср ибни Аҳмад зикр нашуда, ё муаллиф умуман ба баёни он муваффақ нашудааст. Матлаби китоб дар ин ҷо ба таври ногаҳонӣ бурида шуда, аз саҳифаи дигар матлаб бо сабку равиши дигар, яъне бо ҷумлаҳои масдарӣ ва услуби феҳристнигорӣ навишта мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки муаллифе, ки воқеотро то ин ҷо тасвир намудааст, вафот карда ва ҳодисаҳои боқимондаро муаллифи дигар мувофиқи завқу равиши худ баён кардааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

омадан дар кӯшаи[1] Барунҷ рӯзи шанбе, дувоздаҳуми ин моҳ ва шудани ӯ ба шаҳр ва Амир Тоҳирро дар ҳисор фишурдан дар Шористон ғурраи моҳи ҷумодиюлохир то наздики моҳи рамазон ҳам андар ин сол ва ҷангҳову куштанҳо бисёр рафт он ҷо ва нархҳо азиз шуд. Як ман гандум ба ҳашт дирам шуд дар шористон ҳам дар ин сол. Ва бардоштани Амир Булаббос аз пои шаҳр дар моҳи шаъбон ва омадани вай ба Барунҷ ва будан дар Барунҷ ҳаждаҳуми моҳи шаъбон ва он ҷо будан то зилқаъда. Боз бархост, дигарбора ба шаҳр шуд [ва] бигрифтанд қалъаи Арк фурудтарро[2] шаби шанбе, бисту дуюми ин моҳ ва ҷанг кард бисёр ба дари Арк ва куштан кард фаровонӣ ба дари шористон. Дари Каркӯй оқибат бистад ва Аркрову қалъаи заваринро[3] баъд аз он деволи[4] онро бибрид ва харк[5] пеш ниҳод, ба марастку[6] ниҳод онро. Ва зинҳор хост Бодори Аммор кутволи Арк худ ва он марде бист, ки бо вай буданд, он ҷо зинҳор дод ва бар ӯ фуруд овард эшонро ва худ бар қалъа шуд, Амир Булаббос, Амир Бунасри Қавқа, аввали моҳи зилҳиҷҷа ҳам бад-ин сол.

Ва берун шудани Амир Тоҳир аз шористон дар шаб пинҳон ва кас шудан бари вай ва гирифтан ӯро ва дар Арк нишондан ӯро дуюми моҳи зилҳиҷҷа. Ва нишастани Амир Булаббос дар шористон ва амирӣ гирифтан ҳамаи шаҳрро вақти заволи сеюми зилҳиҷҷа ва куштани Амир Тоҳир шаби панҷуми зилҳиҷҷа. Амир Тоҳир понздаҳ сол амирӣ карда буд.

Ва шудани[7] Амир Маъмун аз Систон шаби душанбе, сеюми зилҳиҷҷа ҳам бар ин моҳу сол ва шудани Амир Булаббос ба қалъаи Неҳ ва лашкари Систон бурдан он ҷо, шаби чаҳоршанбеи ғурраи раҷаб ба соли чаҳорсаду ҳаштоду як ва бардоштан вайро аз пои қалъаи Неҳ ба сулҳ

---

[1] Кӯшк, қаср.
[2] Зоҳиран ба маънии «фурудин» аст, зеро баъдтар «қалъаи забарин» омадааст (Аз шарҳи М. Баҳор).
[3] Заварин, яъне забарин ва мурод қалъаи болои шористон ва ҳисори миёни шаҳр аст (Аз шарҳи М. Баҳор).
[4] Девори
[5] Харк – олате, ки ба василаи он деворро рахна мекунанд.
[6] Маънии ин калима маълум нашудааст.
[7] Рафтани

ба салхи ин моҳ. Ва кас омадан аз паси вай аз ҳазрати Султони Хуросон ва шудани Амир Булаббос аз Систон аввал бор ба даргоҳи Султон Маликшоҳ пас аз ин вақъатҳо ғурраи шаввол ҳам бар ин сол ва боз омадани вай аз даргоҳи Султон Маликшоҳ ва ба амирӣ нишастан дар моҳи ҷумодиюлаввал ба соли чаҳорсаду ҳаштоду ду – вафоти Амир Булаббоси Булфазл шаби шанбе, шашуми моҳи зилҳиҷҷа ҳам бар ин сол.

Нишастани Амири Аҷалл Баҳоуддавла Халаф ибни Абилфазл ба амирӣ – ҳаштуми моҳи зилҳиҷҷа, ҳам бад-ин таърих шудани Баҳоуддавла ба Хуросон ва дар Систон нишондани Амир Бомансури Боҷаъфари Қавқаҳиро ба амирӣ ва иттифоқ кардани мардумони Систон бар амир Мансур ва осӣ шудани вай бар Баҳоуддавла ба рӯзи одина, ҳафдаҳуми зилқаъдаи соли чаҳорсаду ҳаштоду се.

Боз омадани Баҳоуддавла аз Хуросон [ба] Барунҷ ва омадани Амир Бӯмансури Қавқаҳӣ аз Систон [ва] дар Барунҷ, фишурдани[1] Амир Бӯмансур Баҳоуддавларо рӯзи чаҳоршанбеи дувоздаҳуми зилҳиҷҷа то ба рӯзи чаҳоруми моҳи муҳаррам ба соли чаҳорсаду ҳаштоду чаҳор ва сулҳ кардан бар он, ки Баҳоуддавла бишавад аз Барунҷ ба Табас ва Амир Бӯмансур биравад ба Систон. Ва дар ин сол буд, ки мани гандум бишуд ба бист дирами нақд ва се ман гандум ва мане ҷав ба понздаҳ дирам ба нақд, мане хурмо ба дувоздаҳ дирами нақд. Ва ба Авқ ва бар ҳама рӯдҳои Систон об пур буд ва боронҳои неку омада буд ва ҳам бад-ин сол ғорат фармудани Даркро бар дасти Амир Бӯмансури Аҳмади Қавқаҳӣ ва боз харидан Даркро ба сад ҳазор дирам рӯзи одинаи ғурраи моҳи сафар бад-ин сол.

Ва омадани Баҳоуддавла дигарбора ба Барунҷ ва омадани Амир Булаббоси Қавқа ҳам дар ин моҳ ва шудани амири Булаббос ва Амир Бӯнаср ибни Аҳмад ва лашкари Авқ бо эшон ба дари шаҳр ва куштани Амир Булаббос амир Бӯмансури Бӯҷаъфари сипаҳсолорро ва халқи бисёр ва ҳарбҳои бисёр ба дари шаҳр рафт [ва] чандон халқ кушта шуд, ки адади эшон Худой донад, бисту якуми сафар ҳам дар ин сол.

---

[1] Танг кардан, фишор овардан.

Ва гаштани Амири Аҷалл Баҳоуддавла дигарбора ба амирӣ рӯзи душанбеи бисту панҷуми сафар ва куштани Амир Бӯнаср Аҳмади Қавқаҳро Баҳоуддавла ба рӯзи панҷшанбе, ба ёздаҳуми зилҳиҷҷаи ҳамин сол.

Омадани амир Муайяд ба Систон ва шористон ҳисор гирифтани Баҳоуддавла пеши вай ғурраи ҷумодиюлаввал ба соли чаҳорсаду ҳаштоду панҷ, нишастани вай бар пои шористон то ба ғурраи моҳи рамазони ҳамин сол. Ба оқибат Амир Баҳоуддавла аз шористон берун шуд ва Амир Муайяд биншаст ба амирӣ ва бишуд Баҳоуддавла ба Қалъаи Дара[1] бо ёрии Қизилсореъ, кабур кандани[2] қаромита омада буд. Он ҷо буданд ба вафоти Султон Маликшоҳ буд, аз он ҷо ба Систон омаданд ва ҳар ду ба ҳам бар моҳи рамазон бад-ин таърих. Боз омадани Баҳоуддавла: Пас берун шуд ба Систон худ ва Амир Қизилсореъ ба пои шористон [ва] даҳ ҳазор мард аз шористон бар вай ҷамъ шуд аз атроф. Чун ҳама биёмаданд, ба пои Систон ҷамъ шуданд аз даҳуми моҳи зилҳиҷҷаи соли чаҳорсаду ҳаштоду шаш то даҳуми моҳи муҳаррам, як моҳ он ҷо буданд, шаби душанбе, ҳазимат карданд даҳ рӯз гузашта аз моҳи муҳаррам.

Омадани лашкари Ғазнин ва Амир Баҳоуддавла бо эшон дигарбора ба пои шористони Систон ва ҳисор гирифтани амир Муайяд шористонро ба рӯзи душанбе, панҷуми моҳи сафар бад-ин сол. Ва ин навбат он ҷо биншастанд ва мардумонро дар шаҳр паашарданд[3], ки з-ин айём, ки он ҷо буданд, қалилу касир фурӯ нагзоштанд аз шаҳр [ва] нагзоштанд, ки касе даршуд, илло мо шоаллоҳ. Ва он ҷо буданд то ёздаҳуми рабеъулохир рӯзи сешанбеи ҳамин сол. Ва ҳама [баногоҳ] барканданд, ки чунин гуфтанд, ки ҳеч кас надонист, ки чӣ шудааст.

**Шудани амир Муайяд аз шористон худ ва қавми худ бисту ҳафтуми рабеъулохири ҳамин моҳ ва шористон ба Амир Бӯнасри Шоҳаншоҳ супурдан**. Ва Амири аҷалл Баҳоуддавла ҳисори Тоқ бигрифт ва Дари Таъом ва Бодор

---

[1] Қалъаи Дара ё Ҳисори Дара аз ҷумлаи музофоти Муъминобод ба Систон марзи он пайваста ва маҳалли истиқомати мулҳидон будааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Шикаст додан, саркӯб кардан, нобуд кардан.

[3] Фишурдан, дар тангно қарор додан.

Маҳмуд қалъаи Барунҷ бигрифт бар номи Баҳоуддавла ва нома карданд аҳли шаҳр Амир Булфазлро бар Амир Маъмун то аз Ҳирот биёварданд ва дар шористон биншонданд, нимаи моҳи раҷаби ҳамин сол. Ва ҳарбҳо мерафт миёни эшон дар ин сол то рӯзи панҷшанбе, бисту панҷуми моҳи ҷумодиюлохири соли чаҳорсаду ҳаштоду ҳафт. Баъзе мардумони Систон аз шористон ба Баҳоуддавла майл карданд ва дареро бидоданд ва Баҳоуддавла бар шаҳр баромад ва чунин гӯянд, ки сесад мардро аз шористон бикушт аз вақти рӯз баромад то нимрӯз ва ғорат карданду рафт он чи рафт.

Ва Амир Баҳоуддавла дар шористон биншаст ва Бодори Маҳмуд Аркро бигрифт ва ноиби Амир Бӯнасри Шоҳаншоҳ буд ва кутволи Арк буд, аз ҷиҳати Амир Бӯнаср. Охируламр Бодор Маҳмуд фуруд омад панҷуми моҳи раҷаб ва дар боғи шористон ӯро дар ҳабс карданд ва муваккалон бар вай карданд, то бистуми моҳи раҷаб. Он гаҳ ки вайро бикуштанд ва [сипоҳ] ба Баруанҷ фиристоданд. Бар вай кутволи қалъаи Бурунҷ буд, қалъа бигрифт ва ҷанг мекард. Амир Мавдуд аз Қавқа бар вай буд. Дари қалъа шуданд ҳар ду, қариб се моҳ он ҷо буданд, то ба сулҳ фуруд омаданд [ва] қалъа бар дасти Амир Баҳоуддавла карданд.

Хам дар ин сол омадани лашкари қаромита хазалаҳуму-л-лоҳу ва лаънаҳум ба пои Неҳ ва шудани лашкари Систон ба ҷанги эшон ба Неҳ. Пас эшон бишуданд, то ба Муҳторон хонанд. Ҳарбе рафт он ҷо дар маънии ҳарби Бадр, ва ҳазору чаҳорсад мард аз қаромита хазалаҳуму-л-лоҳ ба дӯзах фиристоданд. Чунин сифат карданд, ки як мард аз лашкари Систон бар дасти қаромита кушта шуду бас. Он ҷанг дар моҳи ҷумодиюлаввал буд ба соли чаҳорсаду ҳаштоду нӯҳ. Омадани Амир Алии Ғозӣ ба Дарқ чаҳордаҳуми ҷумодиюлохири соли чаҳорсаду навад ва муқим шудани ӯ ба Дарқ, перомуни он ба деҳи Мулин ва ба Дасткардеҳ то дувоздаҳуми моҳи раҷаб ҳам бад-ин сол ва ғорат кардани ӯ ниме Дарқро ва боз фурӯхтани ӯ ниме Дарқро ба поздаҳ ҳазор динор, [ки] бистаданд дар муддате хуҷора[1] ва он ҳам бад-ин таърих буд.

[1] Ба маънии кам ва андак.

Омадани амир Бӯмансури Шаҳаншоҳ аз Хуросон ва Амир Фаррухшоҳ бо вай ва Амир Маъмуни Булаббос аз Неҳ. Ҳама ба ҳам шуданд ва Амири аҷалл Баҳоуддавларо дар шористон пашарданд дар моҳи шаъбон ба соли чаҳорсаду наваду се, ҳафт моҳи пайваста.

Дар ин сол буд, ки нархҳо азиз шуд, гандум мане ба дувист дирами накд шуд ва ҷав ба саду ҳаштод дирам ва хурмо ба саду бист дирам. Ва об омада буд паси Наврӯз, як моҳ дар ҷӯи Барунҷ бирафт ва бар чиҳил рӯз бар ҳамаи Авқ фарох шуд. Ин ҳама дар соли чаҳорсаду ҳаштоду се буд. Ва ҳамчунон ғалла азиз мешуд, то мане гандум дар ноҳияи Систон ба ҳазору дувист дирам расмӣ шуд ва ҷаву говрасу хурмо ҳам бад-ин нарх шуд, то Худои ъазза ва ҷалл неку кард.

Омадани лашкари қаромита ҳазалаҳуму-л-лоҳ ба Дарқ ва куштани донишманд Булҳасани Қозиро рӯзи сешанбе, ҳафт шаб монда аз сафар ба соли чаҳорсаду наваду панҷ.

Омадани Амир Маъмун ба Барунҷ дар моҳи ҷумодиюлаввал, ба соли чаҳорсаду наваду шаш омадани амир Барғуш, сипаҳсолори Судтон Санҷар ба Систон дар охири моҳи сафар ва шудани ӯ ба пои шористон ва сулҳ кардан бар он ки Амир Баҳоуддовлаи Халаф ва Амири аҷалл Тоҷуддини Абулфазл бад-ӯ фурӯ шуданд ва Амир Тоҷуддинро бар хештан бибурд то ба Балху Тирмид ва он ҷо бибуд шаш моҳ, то моҳи рамазони ҳамин сол дар аввали моҳи ҷумодиюлохир ба соли чаҳорсаду наваду нӯҳ дар осмон аломате падид омад ва ҳар шабе то намози шом падид омадӣ то ними шаб ё зиёдат чун сутуне ё меҳтар аз кабди замин то осмон. Он сар, ки бар замин будӣ, пайваста биистода будӣ. Ранги он сафед будӣ, як моҳ пайваста ҳамчунин будӣ, то гум шуд.

Ва осӣ шудани Амири аҷалл Тоҷуддин Абулфазл бар падари худ ғурраи моҳи раҷаби ҳамин сол. Ва хусуматҳо мерафт миёни эшон то охируламр Тоҷуддин бишуд [ва] марди Авқу Систон бештар бар вай гаштанд ва солорони Систон бар вай гаштанд ва аз Авқу пеши Зиреҳ ва навоҳиҳои дигар ва бишуданд дар ғурраи моҳи рамазон дари шористон бигрифтанд ва ҷанг оғоз карданд пайваста

то рӯзи душанбе, бисту дуюми моҳи рамазони ҳамин сол. Ба оқибат Амири аҷалл Тоҷуддин Булфазл даршуд дари шористон ва ба амирӣ биншаст бад-ин таърих. Ва Амир Шаҳаншоҳ – databases бародари вай бигрехт ва осӣ шуд бар вай ва ҳисори Тоқ бигрифту кутволи онро бикушт ва тохтанҳо мекарданд бар якдигар. Ва Амир Баҳоуддавла дар ин вақтҳо дар шористон буд. Охируламр бигрехт, бишуд ба ҳисори Тоқ бар Амир Шоҳаншоҳ якӣ шуд. Амир Қилмишро лашкари вайро бикашид ба Систон ва ӯ дар ноҳияти Исфизор буд.

Омадани амир Қилмиш ба Систон ғурраи моҳи зилқаъда ба соли понсад. Андар Систон [ва] дар навоҳии он пайваста буданд, то нимаи моҳи муҳаррам ба соли понсад ва яке Амир Баҳоуддавла бишуд бар лашкари Қилмиш то ба Руну Ҷул, то охируламр Амири аҷалл малик Муайяд Тоҷуддини Булфазл бо падари худ сулҳ кард – Баҳоуддавла – ва ӯро биёвард бар он ки биёяд ба Систон ва ҳама муродҳои ӯ ба ҳосил, илло амирӣ ӯро надиҳам, ин ман бошам.

Омадани Амир Фаррухшоҳ дигарбора ба Систон бистуми моҳи шаъбон ба соли понсаду якум ва омадани лашкари малоҳида ба соли понсаду бисту се ва шудани Тоҷуддин ба Самарқанд ба соли понсаду сиву панҷ ва омадан аз Самарқанд ба шаввол ба соли понсаду сиву ҳашт ва ҳадиси беморӣ дар моҳи шаъбон ба соли понсаду панҷоҳу нӯҳ.

Ва омадани Шамсуддин аз Неҳ, ғурраи рамазон ҳам бад-ин сол ва ях бастани хурмои Систон дар сафар ба соли понсаду шасту ду ва хуршед гирифтан ба ҷумла рӯз чун шаб шудан ва ситора падид омадан рӯзи бисту ҳафтуми ҷумодиюлохир ҳам бад-ин сол.

Гирифтани подшоҳии Амир Тоҷуддини Ҳарб ёздаҳуми шаъбон ба соли понсаду шасту чаҳор ва омадани Иззулмулук аз Неҳ ҳам бад-ин сол.

[Ва] дар миёни ду ид омадани Ғузз лаъанаҳуму-л-лоҳ ва масоф шикастан рӯзи иди Азҳо ҳам дар ин сол. Ва дигарбора омадани Ғузз низ даҳуми муҳаррами соли понсаду ҳафтоду чаҳор ва омадани лашкари малоҳида лаъ-анаҳуму-л-лоҳ ба деҳи Ҳаврақ ва куштан Адиб Боҷаъфарро

ба рӯзи чаҳоршанбе, ғурраи раҷаб сол бар понсаду навад ва шудани лашкари Систон ба Қаҳистон понздаҳуми ин моҳ ва ҳазимати лашкари Систон ба рӯзи чаҳоршанбе, бисту дуюми моҳи раҷаб ҳам бад-ин сол. Дигарбора омадани малоҳида ба деҳи Рабчан ва ҳисор бистадан ва бурдан Қозӣ Тоҳир ва Қозӣ Масъудро ба рӯзи чаҳоршанбе, панҷуми ҷумодиюлохир ба соли понсаду наваду як, шудани лашкари Систону Ғур ва Хуросон ба Дари Қойин ва куштани мулҳидон…[1]

Омадани Тоҷиддини Юлдӯз ба Систон ва Насируддини Ҳусайн ва хароб кардану хилоф кардан бо якдигар ва бозгаштан ба сӯи Хуросон ба соли шашсаду ду ва рафтани лашкари Систон ба мадади султон Маҳмуди Хоразмшоҳ ба дари Ҳирот ва фатҳи Ҳирот ба соли шашсаду чор, вафот ёфтани Носируддин Усмон ибни Ҳарб ибни Муҳаммад навваруллоҳу қабраҳу ҳам дар ин сол. Ва рафтани Хоҷазӯзан ба ҷониби Кирмон ва мадад талабидан ва рафтани Шаҳобуддин Маҳмуд бо лашкари Систон ба мадади вай ва фатҳи Кирмон ба дасти эшон ба соли шашсаду шаш.

Вафот ёфтани Малики Муаззам Тоҷулҳақ ва-д-дин Ҳарб ибни Муҳаммад наввара-л-лоҳу марқадаҳу дар саввуми раҷаб бар соли шашсаду даҳ.

Қарор гирифтани тамомии мулки Систон бар Яминуддин Баҳромшоҳ ибни Ҳарб ҳам дар ин рӯз. Лашкар талабидани Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ аз Систон ва фиристодани Яминуддавла Шамсуддини Зангӣ ибни Амир Боҳафси Ҷувайниро ва сарҳанг Асрами Камариро бо шаш ҳазор мард, ба мадади вай ба лаби оби Тирмид[2] ба соли шашсаду понздаҳ, қурби саду панҷоҳ ҳазор савор лашкари Султон арз дода буданд, беруни пиёда, ки сад ҳазори дигар буданд. Чун лашкари муғул ба лаби оби Тирмид [расид],

---

[1] Дар ин ҷо воқеаҳои таърихии дар ёздаҳ сол рухдода аз матн афтода. Ҳодисаҳои рафтани сипоҳиёни Хуросон ба Ғуру Систон ба дари Қойин ва ҷанг бо мулҳидон дар ҳудуди соли 596 ҳиҷрӣ, бо амри падараш султон Текеши Хоразмшоҳ, ба саркӯб кардани мулҳидони шаҳри Туршези Қаҳистон рафтани султон Муҳаммади Хоразмшоҳ ва бемуваффақият баргаштани ӯ ва аз бемории хиноқ вафот ёфтани султон Текеш дар матн баён нагардидааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Тирмизи кунунӣ.

Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ ҳазимат кард ва лашкари Систон ба ҷумла кушта шуданд, ё бар об ғарқ шуданд ва ин буд ба соли шашсаду шонздаҳ. Ва гирифтани лашкари муғул замини Хуросонро ҳам дар ин сол. Ва кушта шудани Яминуддавла Баҳромшоҳ ибни Ҳарб бар дасти малоҳида, ки ба исми фидоӣ буданд, дар бозори Сарроҷон рӯзи одина, панҷуми моҳи рабеъулохир ба соли шашсаду ҳаждаҳ ва нишастани Тоҷуддин Нусрат ибни Баҳромшоҳ ба аморати Систон рӯзи якшанбе, ҳафтуми моҳи рабеъулохир, ҳам дар ин сол. Хилоф кардани Шамсуддини Зангӣ ва Шуҷоъуддини Сом Асрами Камарӣ ва Бодори Наср Алии Барунҷӣ ва берун овардани Рукнуддини Бӯмансури Баҳромшоҳ аз Арк ва ҳабс ва табл ба номи вай задан ва ҳазимат кардани Нусрат ва ҷониби Буст, дар рӯзи чаҳоршанбе, бисту чаҳоруми ҷумодиюлаввал ҳам дар ин сол. Ва нишодани Амир Шаҳобуддин Маҳмуд ибни Ҳарбро ва дар ҳабс кардани Рукниддин ҳам дар ин рӯз ва омадани Нусрат аз ҷониби Буст ва масоф кардани Шаҳобуддин Маҳмуд бо вай ва берун омадани Рукниддин аз қалъаи Арк ва бар мулк нишастани вай дар аввали раҷаб ҳам дар ин сол. Ва мадад талабидани Рукниддин аз лашкари муғул, ки аз ҷониби Буст меомаданд ва рафтани Нусрат аз пеши эшон ба ҷониби Хуросон дар моҳи сафари соли шашсаду нуздаҳ. Ва кушта шудани Рукниддин Бӯмансури Баҳромшоҳ бар дасти ғуломи турки худ, понздаҳуми рабеъулаввал ҳам дар ин сол. Ва нишастани амир Булмузаффари Ҳарб ҳам дар ин рӯз ва боз омадани Нусрат аз ҷониби Хуросон ва бар мулк нишастан понздаҳуми ҷумодиюлаввал ҳам дар ин сол. Омадани лашкари кофир бори аввал ба Систон дар аҳди давлати Нусрат ғурраи зилқаъда ҳам дар ин сол ва гирифтани шаҳри Систон ва хароб кардан ва куштани Нусрат рӯзи одина буд, даҳуми зилҳиҷҷа ба соли шашсаду нуздаҳ.

Омадани Алоуддин Аҳмад ибни Усмон ибни Ҳарб аз ҷониби Неҳ ба соли шашсаду бист ва кушта шудани Алоуддин Аҳмад бар дасти Амир Соми Ҷуҷандизӣ бисту нуҳуми моҳи шаввол ҳам дар ин сол. Ва хилоф кардани бузургони Систон ва рафтани Бодор Тоҳир Маъмуни Даркӣ ба Неҳ ва овардани малик Тоҷуддини Янолтегин Шоҳмаҳ-

мудро ва нишастани вай дар мулк ва куштан Амир Алиро дар ҷумодиюлохири соли шашсаду бисту ду ва иморат кардани Арк ва хандақ задан миёни шаҳру Арк ҳам дар ин сол. Ва рафтани Малик Янолтегин ба ҷониби Неҳ ва омадани лашкари малоҳида ба масофи вай ва ҳазимат кардан пеши эшон ҳам дар ин сол. Ва нишондани Асади Манҷаниқӣ ба ниёбат ва ба ҷониби Фароҳ равона шудан ва хилоф кардани бузургони Систон ва овардани писари Амир Халаф ва дарбандон кардани Арк ба соли шашсаду чаҳор. Ва омадани малик Янолтегин аз ҷониби Фароҳ ва овардан Миркул Маликро бо худ ва ҳазимат кардани лашкар аз пои Арк ва шудан ба Авқ ва Қавқаро ҳисор гирифтан. Ва омадани малик Янолтегин ба шаҳр ва бурдани лашкар ба масофи Қавқа ва шикастани масофи эшон ва кушта шудани эшон бар дасти вай ҳам дар ин сол. Рафтани Малик Янолтегин ба ҷониби Гармсер ва Ғур то ҳадди Тулак ва Исфизор ва бурдани лашкари Систон ва гирифтани он вилоят ва овардани маликони он вилоят ба хидмат ба соли шашсаду бисту шаш. Ва омадани Ҷурмоғун ва лашкари муғул ва шудани малик Янолтегин ба кӯҳи Испаҳбад ва дарбандон кардани кӯҳ чиҳил рӯз ва халос ёфтани малик Янолтегин аз кӯҳ ба соли шашсаду бисту ҳафт ва омадани Қароча ва Юған Сунқур ва паноҳ овардан ба Систон ба соли шашсаду сӣ. Ва омадани лашкари малоъин, хазалаҳуму-л-лоҳ дар ақиби эшон дар аҳди давлати малоик Янолтегин понздаҳуми бисту ҳаштуми моҳи рамазон ба соли шашсаду сиву як ва гирифтани қалъаи Арк ва асир кардани [малик Янолтегин ва куштани] боқии мардум, ки мурда буданд, дар чаҳордаҳуми ҷумодиюлаввали соли шашсаду сиву ду. Дар ин муддат, ки дарбандон буд, ба қадри сад ҳазор одамӣ беш ё кам аз дарди пою даҳону дандон ҳалок шуданд ва нархи аҷноси ҳубуб ва атъимаю маъкулот бад-ин минвол анҷомид, ки шарҳ дода шавад:

Фонид[1] – як ман даҳ динор. Шакар – як ман понздаҳ динор. Асал – як ман бисту ду динор. Равғани сутур – як ман панҷ динор. Гӯшти гӯспанд – як ман чаҳор динор.

[1] Арабишудаи «понид» – навъе аз ҳалвост ва қанди сафедро низ «фонид» гуфтаанд.

Гӯшти гов – як ман ду динор. Пиҳ – як ман чаҳор динор. Сирко – як ман шонздаҳ динор. Сири хушк – як ман бисту панҷ динор. Ҳино, ки аз барои дарди даҳону пой муфид буд, ҳафт динор, омила ҳам ҷиҳати ин адвия дувист ҳафт динор, орд – дувист ман як динор [буд].

Байъат кардани маорифи[1] Систон бо малик Шамсуддин Алӣ ибни Масъуди Халафи Меҳрубонӣ дар моҳи рамазон дар соли шашсаду сиву се. Ҷулуси вай ба мамлакати Систон сездаҳуми моҳи зилқаъда ҳам дар ин сол ва таваҷҷуҳ намудани вай ба ҳазрати Қоон дар соли шашсаду сиву шаш ва ба ниёбат[2] нишондани бародари хеш Мубориззуддин Абулфатҳ ибни Масъудро.

Омадани Алоуддин аз дараи Каз ба шумораи Систон каррати аввал дар соли шашсаду сиву нӯҳ ва расми қалон ва қабҷӯр ниҳодан ва хароб кардан қалъаи Испаҳбадро амир Тамғоҷӣ ва Малик Маҷдуддини Қолиюнӣ дар ғурраи моҳи муҳаррами соли шашсаду чиҳил.

Омадани селоб дар вилояти Систон,чунонки дар канораи хандақ ва ҳаволии шаҳр як найза боло об мерафт ва дар тарафи Мағриб то биёбони сари кандаи Кирмон об дошт ва дар тарафи Машриқ то пои кӯҳи Фароҳ ва дар ҷануб то ҳудуди Мукрон бад-ин минвол об буд. Ва аз шаҳр муддати се моҳ бар киштӣ мебояд шуд ва дар ин муддат дар хандақ ҳашт мард ғарқ шуданд ва дар ҳаволии вилоят дар ин селоб қурби сесад одамӣ аз марду зан ва бисёр чаҳорпой ҳалок гаштанд. Ва ағлаби ғаллаи Систонро об бибурд, дар рӯзи одина, нӯздаҳуми моҳи шавволи соли шашсаду чиҳилу як.

Вафот кардани Мубориззуддин Абдулфатҳ ибни Масъуд наввара-л-лоҳу қабраҳу дар моҳи рабеъулаввали соли шашсаду чиҳилу ҳафт.

Дарбандон кардан Неҳро Амир Такудор бо се ҳазор савор ва рафтани малик Шамсуддин Алӣ ибни Масъуд ба Неҳ ва берун овардан аҳли Неҳро ба элӣ ва ба Систон овардан ба соли шашсаду панҷоҳу як ва наҳзат фармудани малик Шамсуддин Алӣ ибни Масъуд бо лашкари Систон ба

---

[1] Шахсиятҳои маъруф, одамони машҳур.
[2] Ба ҷонишинӣ.

ҷониби шимол ва Муставнак ва ситудани ҳисори Қаздор ва Мушки ва он тараф ба соли шашсаду панҷоҳу ду ва таваҷҷуҳ намудани вай ба хидмати амири лашкар, ном: Кадбуғонувин ҳам дар ин сол.

Омадани Муҳаммад Шамсуддини Карт ба ҳукму фармони подшоҳии вақт Манку Қоон ба Систон ва хилоф кардани бузургони Систон дар ғайбати малики худ ва фуруд овардан ӯро дар қасри малики худ Шамсуддин Алӣ ибни Масъуд дар моҳи муҳаррами сол бар шашсаду панҷоҳу се ва бозомадани малик Шамсуддин Алӣ ибни Масъуд аз хидмати Кадбуғонувин ва хона бар вай фурӯ гирифтан ва хона дар шудан ва эътилоф кардан бар эшон ва ҳам рӯз гузашта шудан дар моҳи сафар ҳам дар ин сол ва рафтани малик Шамсуддини Карт ба хидмати подшоҳзода Ҳалокӯ ва нишондан Арсишоҳ Янолтегинро ба ниёбати худ дар ин моҳ.

Рафтани бародарзодаи малик Алии Масъуд, исми ӯ – Малик Насируддин Муҳаммад ибни Абилфатҳ ибни Масъуд, ба хидмати амирони муғул ва фармон ситадан ва фиристодани сипоҳсолори аҷалл Шуҷоъуддин Наср ибни Халаф Меҳрубонӣ ба ниёбати хеш ба аморати Систон ва худ рафтан дар ақиби Малик Шамсуддини Карт ба талаби хуни амми худ – малик Шамсуддини Алӣ ибни Масъуд ибни Халафи Меҳрубонӣ ба хидмати подшоҳзода Ҳалоку ҳам дар ин сол ва боз омадану фармон овардани ӯ ҳам дар ин сол ва омадани Малик Шамсуддини Карт каррати дувум ба Систон ва рафтани малик Насируддин ба хидмати подшоҳ Ҳалоку ва муддате будан дар хидмат дар соли шашсаду панҷоҳу ҳафт.

Боз омадани Малик Насируддин аз хидмати подшоҳон ва фармон овардан ба аморати Систон ва нишастан ба мамлакати Систон дар соли шашсаду панҷоҳу нӯҳ, мунтасифи ҷумодиюлаввал ва берун кардан наввоби Малик Шамсуддини Картро аз Систон ва куштани он касон, ки бо вай ёр шуда буданд ба куштани амми вай Малик Шамсуддин Али ибни Масъуд чун навбатсолор Тоҳир ибни Абиласад Қавқаҳиро ва нақиб Амид Мубоsuccess Муҳаммад ибни Ҳарб ибни Муқотил Барунҷиро, дар соли

шашсаду шасту як ва фирор намудани абнои эшон ба Фароҳ дар моҳи раҷаб ҳам дар ин сол.

Асос ниҳодани Малики Муаззам Насирулҳақ ва-д-дин иморати қалъаи Арк ва бораи шаҳр, ки муддати чиҳил сол буд, то лашкари малоин[1] харобу ҳомун карда буданд, дар авоили рамазон ҳам дар ин сол.

Ҷамъ кардани лашкар Малик Шамсуддини Карт аз тамомати Ғуру Хуросон ва Неҳ ва бо чандин мулуки кибор ва умарои бузург ва ҷамоате аз мухолифони Систон ба дари шаҳр омадан ва шабеҳун овардану ҷанг кардан ва шикаста шудани масофи вай ҳам [дар] соат ва ҳазимат шудану бозгаштан аз дари шаҳр рӯзи одина, дар сездаҳуми зилҳиҷҷа ҳам дар ин сол.

Омадани Малики Кабир Имодуддин Каҷурон ва илтиҷо сохтан ба хидмати малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин дар ҳаждаҳуми шаъбон ҳам дар ин сол ва муроҷиат кардан ба ҷониби вилояти худ ба хушдилии тамом дар ин сол.

Омадани Амир Ҷанҷӯ дар Нуин ба Систон ва сипоҳ овардан ва бар рӯи Зиреҳ лашкаргоҳ кардан ва ба Хирманд бузург йирга[2] сохтан бар канори об салхи сафари сол ба сесаду шасту се.

Омадани умарои кибор Боғӯ ва Арс Нуин бо дувоздаҳ ҳазор савор ва Малик Шамсуддини Карт бо ҷумлагии лашкари Ғуру Хуросон ва Исфизору Фароҳу Неҳ ва ғайра ва тамомати мулук ва умарои ин диёр ва мухолифони Систон ва масоф кардан бо амири бузург Ҷанҷӯдар Нуин ва шикаста шудани масофи вай ва мунҳазим ба шаҳр омадан ва илтиҷо сохтан ба хидмати Малики Муаззам Насирулҳақҷ ва-д-дин халлада-л-лоҳу мулқаҳу.

Ва рафтани лашкарҳо тамом ба ҷониби Зиреҳ ва дувоздаҳ рӯз таваққуф кардан ва харобӣ намудан ва ба қатл овардан бисёре мардумро аз саҷзӣ ва балуҷу маҷусӣ ва бештари мардуми саводакӣ берун буданд, бо эшон ёр шудан ва омадан ба дари шаҳр, ғурраи рабеъулаввал ҳам дар ин

---

[1] Ҷамъи малъун – малъунон, мурод мулҳидон.

[2] Шояд ин ҷо мурод «ҷирга» бошад, ки навъе аз шикор будааст ва муғулҳо ҳар сол лашкарро ба шикори ҷирга водор мекардаанд, то дар тирандозиву саворӣ ва интизоми ҷангӣ варзида бошанд (Аз шарҳи М. Баҳор).

сол ва чиҳил рӯз дарбандон кардан ва шабехун овардан аз даруни шаҳр бар эшон дар шаби одина ва бисёре аз лашкари эшонро қатл кардан ва сарҳову аламҳо ва асбону силоҳҳои эшонро дар шаҳр овардан ва элӣ хостани умарои бузург бо Малики Муаззам Насирулҳақ ва-д-дин ва дар миён омадани малики Неҳ ва байъат кардану берун шудани Малики Муаззам ба дари шаҳр – дарвозаи Табақгарон ва дидорӣ кардану сухан гуфтан бо умарои бузург ва бар-хостани лашкар аз дари шаҳр мунтасифи рабеъулохир ҳам дар ин сол. Ва нишондан Малик Тоҷуддини Арсишоҳро ба Авқ бо як ҳазор мард аз савору пиёда аз Ғуру Ҳироту Исфизор ва Неҳу Фароҳ ва ҷудо гирифтани Авқ аз пеши Зиреҳ ва қалъаи Бурунҷ ва дизҳоро иморат кардан ҳам дар ин сол.

Омадани малик Иззудин Тулак бо чандин умарои бузург аз Ғуру Исфизору Хуросон ва Фароҳ ба миқдори понсад савор ба мадади Малики Кабир Тоҷиддини Арсишоҳ дар авоили раҷаб, сол бар шашсаду шасту шаш; омадани эшон бо тамомати лашкар ба Пушнаи туркон ва ҷанг кардан бо нақибони Калморуд ва ба қатл омадан ва берун рафтани лашкари [малик] аз шаҳр ва фиристодан бародари хеш Маликулумаро ва-л-кибор, алоу-л-миллат ва-д-динро бо лашкари сохта ва рафтани эшон аз пеши вай ба ҳазимат то работи дашт ва ҷанг кардану шикаста шудани масофи эшон ва чанд кас аз эшонро ба қатл овардану асир кардан ва мунҳазим шудани эшон ва бозгаштани лашкар аз ақиби эшон дар шонздаҳуми шаъбон ҳам дар ин сол.

Наҳзат фармудани рикоби муборaки Малики Муаз-зам ба Авқ ва дарбандон кардан қалъаи Қавқаро ва нӯҳ рӯз ҷанг кардану ситадани Фусайл ва чанд касро захм кардан ва оҷиз шудани эшон ва аз сари аҷз берун омадан ва дасти аҳд ситадан ва амон хостан ва чанд касро аз эшон бо худ овардан аз меҳтарон ва бозгурехтани эшон аз роҳ ва банд кардан якеро аз меҳтарони эшон ва бори дигар [он гурӯҳ] асос ниҳодан ва қалъа рост кардан ва оғози ҷангро мустаид будан дар дувуми зилҳиҷҷа ҳам дар ин сол.

Рафтани Маликулумаро валкибор Малик Алоуддавла ва-д-дин. Сафдари Нимрӯз дома давлатаҳу бо лашкар ва хабар ёфтани Малик Тоҷиддин Арсишоҳ ва эшон ҷамъ

кардани лашкар дар деҳи Самур ва берун шудан ба саҳро ва масоф кардану шикаста шудани эшон ва паноҳ бурдан ба қалъаи Самур ва дар ақиби эшон рондани Маликул-умаро ва-л-кибор Алоуддавла ва-д-дин ва чанд касро аз эшон дар хандақи ҳисори Самур андохтан ва захму қатл кардан ва ба фирӯзӣ бозгаштан дар бисту чаҳоруми муҳаррами сол бар шашсаду шасту ҳафт.

Дорулмулк сохтани Малик Насирулҳақ ва-д-дин Хусрави Нимрӯз – халлада-л-лоҳу мулкаҳу дар Арк ва тамом кардани иморати қалъаи Арк ҳам дар ин сол.

Дафъаи дигар наҳзат фармудани рикоби Малики Муаззам Хусрави Нимрӯз бо лашкари муғул ба Авқ ва бурдани чанд манҷаниқ ва дарбандон кардан ҳисори Қавқаро ва рукне аз бораро бо манҷаниқ хароб кардан ва музтар шудани эшон ва ба аҷз берун омадан аз сиғору кибор. Ва қасд кардани лашкари муғул ба зану фарзанди эшон ва мунозаат кардани Малики Муаззам ҷиҳати эшон бо муғулон ва бираҳонидани эшон аз ҳисор ва аз пеши муғулон ва бозгаштани Малики Муаззам аз пои ҳисори Қавқа ва лашкаргоҳ кардан бар канори рӯди Фароҳ ва чанд рӯз таваққуф кардан ва баъд аз он ба пои қалъаи Барунҷ рафтан ва манҷаниқ барниҳодану чанд рӯз ҷанг кардан ва аҳд хостани эшон ва бозгашт аз пои қалъа ба аҳд ва бисту як рӯз таваққуф шудан.

Ва бозгаштан ба ҷониби шаҳр ва овардан чанд касро аз меҳтарони эшон ва банд кардан ва харобӣ фармудан ҳисори Қавқаро дар дувоздаҳуми моҳи рабеъулохир дар ин сол ва тохт кардани Малик Тоҷуддини Арсишоҳ ва умаро, ки дар Авқ буданд пеши Зиреҳро ва амволи мусулмонон бурдан ва деҳҳоро ғорат кардану бандҳову хирманҳо сӯхтан дар авоили шаввол ҳам дар ин сол.

Наҳзат фармудани рикоби Малики Муаззам каррати дувум ба Авқ ва бурдани лашкар пеши Зиреҳ ва сӯхтани чархҳои бод ва харобӣ кардан дар авохири Шаввол ҳам дар ин сол ва берун шудани Малик Тоҷуддин ва дарбандон кардани қалъаи Барунҷ ва холӣ кардан қалъаро аз мардум ва омадани тамомати умаро ва нуқабо ба хидмати Малики Муаззам Насирулҳақ ва-д-дин ва мутеу мунқод шудани тамомати вилоят ва хароб кардани ҳамаи қалъаҳои Авқ ва

овардан меҳтарони эшонро бо хонхо дар нуздаҳуми ҷумодиюлохир ҳам дар ин сол.

Фиристодани Малики Неҳ писари худ Шамсиддин Муҳаммадшоҳро ба хидмат бо чанд кас аз бузургон дар сеюми шаввол ҳам дар ин сол. Фиристодани Малики Кабир Урсишоҳ сипоҳсолори кабир Қутбиддин Маҳмудро, ки хоҳарзодаи ӯ буд, дар ҳафтуми моҳи зилқаъдаи ҳам дар ин сол.

Фиристодан сипоҳсолори кабир Шуҷоуддин Ифтихори Нимрӯз Қосим ибни Маҳмудро дома иқболаҳу ба ҳукумати қалъаи Коҳ дар бистуми зилҳиҷҷа ҳам дар ин сол.

Маъмур гардонидани мавозеи бари Зиреҳ[1] ва Ҷӯи баргшикастаро дар зироат овардан ва ҷӯйҳову рӯдҳо бад-он тараф бурдан ва ободон шудан, ки қурби дувист сол буд, ки харобу муаттал[2] монда буд. Чунон ободон гашт, ки халқе мураффаҳу-л-ҳол[3] дар он мавозеъ ва мақоми саканӣ сохтанд, сол бар шашсаду шасту се.

Маъмур гардонидани қалъаи Сафеддиз, ки маъруф аст ба Лош дар Авқ, ба даст гирифтану иморат фармудан, ки аз ҳангоми Баҳмани Исфандиёр харобу вайрон монда буд ва истизҳори вилояту рафоҳияти раоёро ободон кардан ва ба маунот ва аҳволи он тараф сарф кардан, сол бар шашсаду ҳафтоду панҷ.

Маъмур гардонидан[и вилояти Хушкрӯд ва] мавозее, ки дар машриқи Қасаба аст, чун кадаи Булбулӣ ва бораи нав ниҳодану хандақ задан кадаи Булбулиро, ки дар қадим набудааст аслан ва ободон кардани деҳҳои Таҳиҷан ва Маликобод ва ҳаволии он тараф ва аз Ҳирманд таҷане нав ниҳодан ва иморату зироат дар он мавозеъ рафтан ҳам дар ин сол. Ва чанд мавзеи дигар аз Систон хароб бибуд, ки аз тахриби куффору истилои он гурӯҳ ободон нашуда буд, чун Линбу ва пои Кӯшки Тоҳирӣ ва Фуштаи Султонӣ, Ҳисунҷ ва Морҷӯя, ва аз Ҳирманд рӯде ниҳодану об равон кардан

---

[1] Ин таъбир дар баъзе китобҳо дар шакли «пушти Зиреҳ» ва «дашти Зиреҳ» ҳам омада ва зоҳиран ба маънии дашт ё дарёчаи Зиреҳ истифода шудааст (Аз шарҳи М. Баҳор).

[2] Бекор, истифоданашуда.

[3] Осудаҳол.

ва ободон гаштани он тараф сол бар шашсаду ҳафтоду панҷ.

Омадани Султон Музаффаруддини Ҳаҷҷоҷ аз Кирмон ва илтиҷо сохтан ба хидмати Малики Муаззам Насирулҳақ ва-д-дин ва як сол дар Систон мақом кардан ва эъҷозу икром дар ҳаққи ӯ фармудан ва ба истибдод раъии азимати Ҳиндустон кардан ва рафтан ҳам дар ин сол.

Омадани лашкари Абоқо – подшоҳи вақт – ба Систон ва муқаддимаи эшон амир Ҷорду ва Ниқора ва Туғон ва чанд амир ва ҳазори дигар аз лашкари подшоҳ Абоқо ва харобӣ кардан дар саводи вилоят ва талафу тороҷ кардани ғаллаю чаҳорпо б-он чи даст додашон ва ба дари шаҳр омадану берун рафтани лашкари мансур ва бар эшон задану бисёре аз муғулро аз эшон ба қатл овардан ва асбону аслиҳаи бисёр гирифтан ва мақҳуру мунҳазим шудани эшон ҳам дар ин сол. Хилоф кардани Амири Бор ва ҳува Макинуддин Амр ибни Абимансури Меҳрубонӣ ва малики собиқ Муҳаммад раис ва ҷамоате аз ашоир ва қабоили эшон ва хуруҷ кардан ва аз вилоят эшонро берун кардан ва ба Неҳ рафтани эшон ва лашкари Мансур насараҳуму-л-лоҳ, мутаоқиб шудан ва аз он ҷо ба ҳазимат ба Қаҳистон бурдан ва вафоти Амири Бор дар Ҷусаф ба соли шашсаду ҳаштоду ду ва қавми вай боз гурехтан ва ба Систон омадан ва сар дар рибқаи хидмат ва тоат овардан ва чунончи муроду мароми раъйи Малик Муаззам буд, ба салоҳ анҷомидан ҳам дар ин сол.

Омадани расули Аҳмади Султон, ки аз насли Чингизхон буд ва ҷулуси ӯ ба тахти Эрон ва қувват додани ислом ва мусулмон шудани ӯ ва ташрифҳои гаронмоя фиристодан ҷиҳати Малики Муаззам Насирулҳақ ва-д-дин – халлада-л-лоху мулкаҳу, чун фармон ва поиза ва чатру алам ва таблу шамшер ва қабои хоси мурассаъ ва навозиши бисёр ва маншур додан ҷиҳати аморати Систон ва Неҳу Фароҳ ва қалъаи Коҳу Буст ва Такнобод ва тамомии навоҳии Рӯд ва эъзозу икром фармудан дар соли шашсаду ҳаштоду чаҳор.

Маъмур гардонидани мавозеи ҳисори Тоқ ва ҷамъ кардани мардуми бисёр аз Дари Таъом ва рӯд задан ва об бурдан бад-ин мавозеи мазкур ва эъмори ҳисор ба итмом

расонидан ва мардуми бисёр ҷамъ шудан дар он тараф ва рӯй ба ободонӣ ниҳодан дар соли шашсаду ҳаштоду чаҳор.

Омадани бародари Туғон ва ҳува Туршезмалик бо лашкари анбӯҳ аз муғул ба Неҳ ва ҷанг кардан бар дари Неҳ ва фуруд овардан Шамсуддини Муҳаммадшоҳро бо раоё ва хонахез бурдан эшонро ба Қаҳистон дар соли шашсаду ҳаштоду ҳашт.

Фиристодани худдом Малик Насируддин – халлада-л-лоҳу мулкаҳу фарзанди худ шоҳ Шамсуддин Алиро ба Неҳ ва ободон кардани он букъа ва аз он ҷо ба ҷониби Қаҳистон рафтан ва гирифтани Ҷусаф ва Бирҷанд ва боқии шеби тарафи Қаҳистон ва мақом сохтан он ҷо ҳам дар ин сол.

Омадани Камшу, аз насли подшоҳони муғул бо панҷ ҳазор савор ба вилояти Авқ ва сӯхтани чанд чархбод ва рафтан ба пои қалъаи Сафедкӯҳ, ки маъруф аст ба Лош ва мушоҳида кардани сипоҳи бисёр бо уддати тамом ва аз он ҷо махуф бозгаштан ба ҷониби Хуросон ҳам дар ин соли мазкур.

Омадани Атобаки Язд ва ҳува Атобаки Муаззам Қутбу-л-миллати ва-д-дин Атобак Алоуддавла ва мақом сохтан дар мадинаи Сиҷистон муддати як сол ва аз ин ҷо рафтан ба Хуросон ба хидмати амир Наврӯз ҳам дар ин сол.

Омадани амири бузург Наврӯз ба Фароҳ ва шабехун овардан ва тохт кардану аҳли он бақъаро асир кардан, наҳбу қатли он вилоят ва гирифтан Малик Ҷалолуддин ибни Малик Тоҷуддинро ва бурдан ба Ҳирот ва гирифтани қалъаи Доварӣ ва нишондан малик Рукнуддинро ба он қалъа ба аморат дар соли шашсаду наваду се.

Омадани расулони Малик Шамсуддини Карт ва ҳумо қозиён Мавлоно Шамсуддин Муҳаммад қозии Ғур ва Мавлоно Зайнуддин қозии Исфизор ба ислоҳи зотулбайн ва тамҳиди узрҳои гузашта кардан ҳам дар ин сол.

Омадани шоҳ Шамсуддин Алӣ аз Қаҳистон ба бандагии худдоми малик ва лашкар талабидан ва ба мусоҳибати ӯ лашкаре ба Қаҳистон фиристодан ва мустахлас гардонидани шаҳри Қойин ва боқии мамолики Қаҳистон то ба Туршез дар соли шашсаду наваду чаҳор.

Омадани Малик Янолтегин ибни Малик Тоҷуддини Урсишоҳ аз ҷониби Ироқ ба роҳи Қаҳистон ба вилояти

Фароҳ ва гирифтани Дизбурҷро ва ҷамъ кардан ҷамоати мардуми Фароҳро ва илтиҷо сохтан ба бандагии даргоҳи Нимрӯз ва мадад талабидан ва фиристодани махдуми Малики ислом халлада мулкаҳу лашкар ва истеъдоду муованат кардан Маликро ва мустахлас гардонидани он вилоят ва нишастан дар дизи Доварӣ ва қаҳту тангӣ дар он буқъа. Омадани Малик Янолтегин ба бандагии Малики ислом халлада мулкаҳу ва ташрифоту инъомот фармудан дар ҳаққи ӯ ва ғалла фиристодан ба Фароҳ ба ҷиҳати тухм ва улуфаи аҳолии он буқъа – воҷиби яксола ҳам дар ин сол.

Омадани мулуки Кирмону Бам: Малики Муаззам Ғиёсуддини Нусратмалик ва Малики Муаззам Муъиззуддин Алималик ва дигар маликзодагон ва умарову акобири он диёр ба ҳазрати Малики ислом халлада-л-лоҳу мулкаҳу ба сабаби мунозаате ва ваҳшате[1], ки миёни хонадони салтанати Кирмон зоҳир шуда буд ва мақом сохтан дар шаҳр ва инояту тарбият дар ҳаққи эшон фармудан ва сокин гардонидан эшонро дар вилоят ҳам дар ин сол.

Омадани Накӯдариён ба вилояти Авқ ба азимати тохти Систон адади чаҳор ҳазор савор ва сӯхтани чанд чархбод[2] ва аз сари хавфу раъб мунҳазим шудан ҳам аз он ҷо ва мурочиати эшон ба Ҳирот ҳам дар ин сол.

Омадани Шоҳ Шамсуддини Карт дувум бор ба бандагии Махдум Малики ислом халлада мулкаҳу ҷиҳати омадани даҳ ҳазор савор ба Қаҳистон ва ҳам Амир Бобек ва Тӯдакон ва мақом сохтан ва аз бандагии Махдуми малик халлада мулкаҳу лашкар талабидан ва фиристодани лашкар ба мусоҳабати ӯ ва он даҳ ҳазор саворро аз Қаҳистон берун кардан ҳам дар ин сол.

Фиристодани лашкари Мансур ба вилояти Гармсер ва ҳаволии Буст ва Такнобод ва ҷамоате дуздон ва рунудро барандохтану баъзеро қатл кардан ва он вилоятро аз он ҷамоат холӣ гардонидан ва овардан сари хайлон ва муқаддамон ва мардумони он буқоъро ба Систон ва роҳҳоро аз шарру фасоди эшон эмин гардонидан дар соли шашсаду наваду панҷ.

---

[1] Низоъ ва душманӣ.

[2] Чархе, ки бо қувваи бод давр мезанад.

Ободон кардани қаряи маҳрусаи Деварк ва об овардан ба он мавзеъ ва оғози иморат, ки баъд аз истило ва вақъати куффор хазалаҳуму-л-лоҳ, харобу муаттал монда буд ҳам дар ин сол.

## Қиссаи аҳволи Махдум шоҳи аъзам шаҳриёри Нимрӯз Рукнулҳақ ва-д-дин Шоҳмаҳмуд халлада-л-лоҳу мулкаҳу

Ки писари меҳтари Малики Муаззам Насирулҳақ ва-д-дин аст ва чанд гоҳ падар ба дидори ҷаҳонорои ӯ шод [буд] ва ӯ дар хидмат ба дар муттафиқ-ул-лафз вал маънӣ мулозим. То чунон уфтод, ки ба ҷиҳати ҷамъе аз ашоир ва қабоили модар дар миёни ӯ ва падар озоре зоҳир гашт ва чашми захм уфтод. Ва шоҳи муаззам Рукниддин Маҳмуд аз Систон ба хашм бирафт ва азимати Бежанобод кард ва он ҷо рафт. Ва мардуми он навоҳӣ бо ӯ байъат карданд ва сар дар рибқаи тоати вай оварданд. Муддати як сол дар он ҷо мақом кард, баъд аз он лашкар баргирифту ба Ҳадоин рафт ва мардуми он ҷо ба ҳарби ӯ берун омаданд ва шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд эшонро ҳазимат дод ва чанд мард аз эшон ба қатл оварду тамомати молу маноли эшон баргирифт. Баъд аз он мардуми он қасаба чун худро тоқати муқовимати ӯ надиданд, кас дар миён карданд ва сар ба тоати ӯ даровcovarданд ва ҳисорро таслим доштанд. Баъд аз он лашкар аз он ҷо баргирифт ва ба саломат бурд ва ҷамоате аз худовандзодагони Хофу Қаҳистон дар ҳисор саломат рафтанд ва бо Шоҳи муаззам Рукнуддини Маҳмуд ҷанг оғоз карданд. Се рӯз дар миёни эшон ҷанг қоим гашт, то оқибат дармонда шуданд ва ҳисор бидоданд ва худ ба аҷз пеши ӯ омаданд. Ва шоҳи муаззам Рукнуддин Махмуд эшонро зинҳор дод ва эмин кард ва он қасабаро дар таҳти тасарруфи худ даровард. Ва аз он ҷо ба Харҷурд рафт ва он ҷо ҳам ҷанг кард ва он қасабаро низ бистад ва чанд рӯз дар он ҷо мақом уфтод. Ва аз он ҷо лашкар баргирифт ва ба Сангон рафт ва Амир Шоҳобуддини Санон мунҳазим шуд, боқии мардуми вилояти Сангон пеш омаданд ва мутеъ ва мунқод гаштанд. Ва аз он ҷо ба қалъаи Зӯзан шуданд ва мардуми он буқъа низ пеши ӯ омаданд ва хидматҳо карданду шаҳру қалъа таслим карданд. Ва чанд рӯз он ҷо

иттифоқи мақом уфтод ва аз он ҷо ба сангони Барободшуд ва чун мардуми он қасаба аз вусули муборакиӯ хабар ёфтанд, дар ҳолу соат истиқбол карда пеш омаданд ва ҳамчунин тамомати вилояти Хофро мусаххар гардонид ва мардумони он вилоят бад-ӯ мустазҳару шодмон мебуданд.

Баъд аз он ба вилояти Бохарз рафт, тамомати мардуми он вилоят пеши ӯ омаданд ва бо ӯ байъат карданд ва хидматҳо пазируфтанд. Ва Амир Наврӯз, ки Мири Хуросон буд, дар пинҳон лашкаре ҷамъ кард, он ҷо фиристод, чунонки ҳеч касро бар он ҳол иттилоъ набуд. Ва шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд бар деҳе аз вилояти Бохарз фуруд омада буд ва лашкари худро мутафарриқ гардонида, то ногоҳ лашкари Амир Наврӯз шабехун карданд ва шоҳи муаззам Рукнуддин Махмуд аз лашкари худ ҷудо уфтода буд [ва] бо даҳ мард аз хавоси худ бар ҷое мухтасар монда буд. Лашкари Амир Наврӯз ба гирди он хона даромаданд ва ҳама шаб ҷанг карданд. Чун рӯз шуд, то намози пешин ҳарб миёни эшон қоим буд. Баъд аз он бузургони лашкари эшон ба пои хона наздик омаданд ва бо шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд гуфтанд, ки: Бо ту аҳду мисоқ мекунем, ки ба ҳеч навъ бар ту газанде нарасонем ва нақзи аҳде нанамоем ва ба хидмати ту пеши Амир Наврӯз равем.

Шоҳи Муаззам Рукнуддин Маҳмуд бар сухани эшон эътимод карда берун баромад ва бо ҳам пеши Амир Наврӯз рафтанд ва Амир Наврӯз ӯро дар банд кард ва ба Ғурҷистон ба қалъаи Вижвиж фиристод ва муддати як сол дар банд бимонд. Баъд аз он Амир Наврӯз ӯро халос кард ва пеши худ талабид ва хилъат доду ба анвои тарбият махсус гардонид. Ва муддати як соли дигар пеши Амир Наврӯз буд, баъд аз он ӯро бо бародари худ Амир Ҳоҷӣ ба Қаҳистон фиристод. Ва иттифоқ чунон уфтод, ки лашкари Қаҳистонро ҳазимат доданд ва мунҳазим гардониданд ва ғаноими бисёр гирифтанд ва Амир Ҳоҷӣ аз он ҷо бозгашт.

## Боз омадани шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд аз пеши Амир Наврӯз ба вилояти Неҳ

Ва шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд аз он ҷо ба вилояти Неҳ омад ва он вилоятро лашкари муғул, хазалаҳуму-л-лоҳу, харобу вайрон карда буданд ва мардум мутафарриқ гашта. Дар он ҷо мақом сохт ва он қасабаро ободон гардонид ва қалъа бисохту корезҳои онро солеҳа кард ва дар шаҳру мавозеъ ва боғҳову дарахтони мусмир[1] дар расонид ва дар қадим дар шаҳри Неҳ дарахту боғҳо набуд, баъд аз он чун қавме бар ӯ ҷамъ гаштанд, ба вилояти Хабис рафт.

## Рафтани Шоҳи Муаззам Рукнуддин Маҳмуд ба вилояти Хабис

Ва шаҳри Хабисро бигрифт ва мардуми он вилоятро мустазҳару эмин гардонид ва аз он ҷо ба Деҳкард рафт ва қалъаи онро бигрифт ва аз он ҷо ба Ҳабақ рафт ва он навоҳиро мусаххар гардонид. Баъд аз он ба пои ҳисори Тоқ шуд ва манҷаниқҳо бар кор кард ва ҳарб оғоз кард, то мардуми он фарёди аҷз баровopen ва ба ҷон амон хостанду қалъаро таслим карданд ва моле, ки дар он қалъа буд, ба тамомӣ ба даст омад ва дар ҳама мавозеъ мардону муътамадон биншонд. Ва он навоҳӣ ҳар чи аз ин тарафи кӯҳ ҳама ӯро мусаллам гашт ва мардумон бад-ӯ шоду хуррам буданд. Ва аз шаҳри Кирмон Султон Маҳмудшоҳ аз хешону мутааллиқони худ бо асбони тозӣ ва ҳадяҳои бисёр ҷамъеро ба хидмати шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд фиристод ва ӯ муддати як сол дар он ҷо мақом кард ва шаҳри Хабисро борае бисохт ва хандақе фурӯ бурд.

Дар он сол ба сабаби уфунати[2] гармсер дар он вилоят бемории саъб рӯй намуд ва халқе бемор гашт ва бештари мардум бимурданд. Ва шоҳи муаззам Рукнуддини Маҳмуд низ бемор шуд ва тамомати ёрони ӯ ҳама бемор гаштанд. Ва чун чунин буд, ӯро дар миҳаффа[3] ба вилояти Неҳ оварданд

[1] Босамар, мевадиҳанда.
[2] Бадбӯӣ, вайронии ҳаво.
[3] Каҷоваи соябондор, ки дар он одам менишонданд. Имори, Аморӣ.

ва як сол дар он бемории ҳалифи фирош[1] бимонд. Чун сиҳат ёфт, ба наздики падар кас фиристод, ки муддати чандин гоҳ аст, то ин фарзанд ҷилои ватан намудааст ва ба анвои машаққати ғурбат ва таҷрибаи рӯзгор мушоҳида карда. Имрӯз хидмати падари пир шудааст, воҷиб он аст, ки ин фарзандро аз вилоят насибае пайдо кунад.

Ин маъниро ҷавобе наёфт, ду се каррати дигар кас фиристоду ҳамин навъ арза дошт. Ҳеч ҷавобе ба савоб нафармуданд, то ба навӣ адоват миёни эшон зоҳир гашт. Чанд навбат шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд бо навкарони худ дар навоҳии Сиҷистон меомад ва дар атрофи Систон харобӣ мекард, то як навбат бо сад савор навкарони худ ба пушти шаҳр омад ва ба хидмати малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин кас фиристод ва арза дошт, ки: Дар бандагии ту аз савору пиёда чандин ҳазор мард лашкареанд ва хидмати туро маълум аст, ки мусоҳиби ин фарзанд қурби сад савор беш нест. Ҳурмати падарӣ ва иззати махдумии ту нигоҳ медорам ва худро дар маъразн ту намеорам. Боқӣ тамомати лашкарро ва бузургону бародарони ман, ки ҳастанд, ҳамаро номзад фармой, то масоф кунем. Агар ҳамаро ҷавоб гӯем, бидон, ки аз ҳама беҳтарам, чунки эшон маро ҳазимат доданд, тарк аз Систон гирам ва ба ҳамон гӯшона розӣ шавам. Малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин чун ин сухан истимоъ кард, асари ғазаб дар башараи ӯ мутамаккин гашт, оташи ғайрат боло гирифт ва тамомати лашкари Сиҷистонро берун овард ва то қарияи Морҷуя биёмад.

## Ҷанг кардани шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд бо лашкари Насирулҳақ ва-д-дин ва музаффар гаштани ӯ бар лашкари малик

Шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд он ҷо буд, пеши падар кас фиристод, ки: Аз ҷиҳати нигоҳдошти ту намехоҳам, ки бо ту мувоҷеҳа[2] кунам ва шамшер кашам. Дигарон ҳамаро бифрист. Ӯ тамомати шоҳону бузургони

[1] Рахти хоб, ҷогаҳ. Дар ин ҷо «ҳалифи фирош» ба маънии «бистарӣ (будан)» омадааст.

[2] Рӯбарӯ омадан.

Сиҷистонро пеш хонд ва сухани шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд бо эшон тақрир кард.[1] Ҳама гуфтанд: Тану ҷони мо фидои номи ту бодо! Агар фармон диҳад, ҷанг кунем. Малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин дарҳол як ҳазор савор бо тамомати шоҳону бузургони Систон ба масофи шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд равона фармуд. Чун ба якдигар расиданд, ӯ бо сад савор аз навкарони худ бар ин як ҳазор савор ҳамла кард ва эшонро ҳазимат доду мунҳазим гардонид ва шоҳону бузургони эшонро бигрифт. Ва чун тане чанд ба қатл омада буданд, баъд аз он бифармуд, то дигар касеро накушанд. Ва ҳар киро гирифта буданд, бигзошт ва он лашкар шикастаю хастаю бечораҳол пеши малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин омаданд ва дарҳол лашкар аз он ҷо бозгашт ва ба шаҳр рафтанд. Ва шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд низ мансуру музаффар рӯй ба Неҳ ниҳод.

То баъд аз муддате малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин касон ба Неҳ фиристод ва шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмудро бозталабид ва мулкро бад-ӯ таслим дошту худ ба шаҳр биншаст ва қалъаи Арк ва дигар қалъаҳои мавозеи Сиҷистонро бад-ӯ тафвиз дошт. Чун бад-ин сухан як сол бигзашт, малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин аз супурдани мамлакат ба шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд пушаймон шуд ва шабе ғавғои шаҳрро ҷамъ карду ба дари Арк омад ва муҳорибат оғоз ниҳод. Ва тамомати мардуми шаҳр бо ӯ ҷамъ шуданд ва даҳ рӯз ҷанг карданду қурби дувист мард кушта ва хаста шуданд. Баъд аз он шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд касон [наздики] падар фиристод ва гуфт: Маро ба иродаи худ талаб доштӣ ва мулк ба ман арзонӣ фармудӣ, Имрӯз, чун пушаймон гаштаӣ, роҳ боз деҳ то ман ба вилояти худ равам.

Ҳамчунин карданд ва шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд қавму аттбои худ баргирифт ва берун омад ва ба вилояти Неҳ шуд. Ва он ҷо буд, то вақти адроки ғалла наздик омад ва аз он ҷо ба вилояти Систон омад ва мардуми Зиреҳ бар вай ҷамъ гаштанд ва ба шаҳр рафтанд. Ва малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин бо даҳ ҳазор мард

[1] Баён кард, изҳор намуд.

аз дари Шаҳристони дари Таъом ба ҳарби ӯ берун омад ва рӯёрӯй шуданд. Ва чун шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд аз миёни лашкар падарро бидид, тамомати лашкари худро бигзошту як савора бар падар ҳамла кард ва дар миёни даҳ ҳазор мард дар шуд ва падарро аз асб бияфканду ба шамшер ба сари ӯ рафт. Ва падар аз ӯ зинҳор хост ва овоз дод, ки: Маҳмуд мазан! Шафкати падару фарзандӣ дар ниҳоди шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд асар кард, даст аз шамшер боздошт ва малики муаззам Насирулҳақ ва-д-динро ба миҳаффа нишонда миҳаффаро ба гардан гирифт ва ба шаҳр бурданд. Ва пеши Барвазон, ки ҷанг кард, муқаррар карда буданд, ки чун масоф кунем, ҳар кадом, ки фирӯз оянд, мулк аз они ӯ бошад. Чун шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд дар ин масоф музаффар гашт ва лашкари падарро бишкаст, дигар рӯз пеши падар кас фиристод, ки: Масоф карда шуд ва зафар маро буд. Акнун мулк таслим бояд кард, Малики муаззам Насируддин бад-он сухан нарасид, лашкар перомуни шаҳр фаро гирифт ва ба дарҳои шористон ҷанг оғоз карданд ва ҳар рӯз бад-ӯ вақти ҳарб буд. Ин дарбандон муддати ҳашт моҳ бимонд ва қурби понсад мард фурӯ шуд. Ва тамомати ғаллот талаф гашт ва анъом тороҷ шуд. Баъд аз он аимма ва машоих дар миён омаданд ва қарор доданд, ки Ҳирманд дар миён бошад – аз ин сӯ аз ҳисоби малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин бошад ва аз он сӯ аз ҳисоби шоҳ Рукнуддин Маҳмуд. Бад-ин аҳдҳо бозгаштанд.

Ва шоҳ Рукнуддин Маҳмуд ба Неҳ бозгашт ва дар навоҳии Зиреҳ касон ва мутааллиқони худро бигзошт. Дигарбора малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин аҳдҳои карда ҳама хилоф кард ва мутааллиқон ва касону худдоми шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмудро аз вилоят маъзул кард ва дар ақиби ӯ дар Неҳ равона кард. Шоҳ Рукнуддин Маҳмуд бори дигар ба Систон омад ва ба тарафи Авқ, пеши Зиреҳ бисёре харобӣ рафт. Ва бозаргонони атроф мунқатеъ гаштанд.

Ва боз ба Неҳ шуд, то баъд аз он малики муаззам Насирулҳақ ва-д-дин ба ҷавори раҳмати Ҳақ пайваст ва дар он вақт шоҳи муаззам Шоҳмаҳмуд дар шикоргоҳ аз асб хато шуда буд ва пои ӯ шикаста, бад-он сабаб дар Систон

наметавонист омадан, дар шаҳр яке аз бародарони ӯ шоҳи муаззам Насруддин буд Бад-ӯ кас фиристод, ки чунин воқеа ҳодис шудааст, акнун шаҳрро нигоҳ бояд дошт.

Чун як сол бигзашт, пои шоҳ Рукнуддин Маҳмуд неку шуд. Тамоми акобиру бузургони вилояти Зireҳ ба наздики ӯ рафтанд ва гуфтанд, ки албатта ба Систон мебояд рафт. Ва ҳанӯз пои ӯ қуввати рикоб надошт. Ӯро ба муҳаффа ба Систон оварданд ва шоҳи муаззам Нусратуддин дар шаҳр мустақим гашта буд ва мардумро бо худ муттафиқ карда ва хазоини падар бад эшон масруф гардонида. Ва чун шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд биёмад, тамомати мардуми мавозеи Систон ҳама пеши ӯ омаданд, илло, ки шаҳр бимонд. Ба дари шаҳр рафтанд ва ҳарб оғоз ниҳоданд. Ва ин муҷодалат миёни эшон муддати ду моҳ бикашид ва бисёре мардум ҳалок шуд, то охир ба сулҳ қарор доданд. Ва дигарбора аимма ва машоих ва бузургон дар миён омаданд ва ҳамчунон, ки дар аҳди падар муқаррар гашта буд, муқаррар доштанд, ки Ҳирманд дар миён бошад. Бар ин қарор муддати ҳашт сол бигзашт ва ин соат ҳамчунин муқаррар медоранд. Ва фарзандон бо хам мувосалат карданд ва ба як бор муқовимату мунозаат аз миён баргирифтанд ва бо ҳам мегузаронанд то ба охири умр. Ва биллоҳи-т-тавфиқ.

# ФЕҲРИСТИ НОМИ АФРОД

**Абд Раббиҳи ибни Абдуллоҳ ибни Умайр ал-Лайсӣ** – бародари Абдуллоҳ ибни Омир.

**Абдуллоҳ ибн аз-Зубайр** – соли 680 дар Макка бар зидди Умавиён исён бардошта, дар он ҷо халифа эълон шуда буд ва соли 692 исёни ӯ фурӯ нишонда шуд.

**Абдуллоҳ ибн ал-Восиқ** – кунияи Абулқосим дошта, бародари халифа Муҳтадӣ будааст ва дар соли 874-75 вафот кардааст.

**Абдуллоҳ ибни ал-Муътазз** (тав. С. 861) – шоир, донишманди илми адаб, писари халиф ал-Муътазз, ки пас аз фавти падар се рӯз ба тахти хилофат нишаста ва дар таърих бо лақаби «Халифаи серӯза» низ машҳур аст.

**Абдуллоҳ ибни Муовия ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ибни Абитолиб Зулҷаноҳайн** (ваф. 746) – аз насли халифа Алӣ сарвари исёни шииён бар зидди Умавиён, ки соли 744 дар Куфа воқеъ гардида буд.

**Абдуллоҳ ибни Омир ибни Қурайз** – (626-680) – амакзодаи халифа Усмон. Соли 649-50 Усмон ӯро ҳокими Басра таъйин кардааст.

**Абдуллоҳ ибни Умар ибни Абдулазиз** – писари халифа Умари II, ки соли 744 Язид ибни Валид ӯро омили Ироқ таъин карда буд.

**Абдурраззоқ ибни Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ** – писари вазири султон Мавдуди Ғазнавӣ Аҳмад ибни Ҳасан Маймандӣ, ки ҳангоми муҳориба бо ғузҳо дар Систон ба асорат афтодааст.

**Абдурраҳмон ибни ал-Аббос ибни Рабиа ибни ал-Ҳорис ибни Абдулмуталлиб ал-Ҳошимӣ** – аз назди Ҳаҷҷоҷ ба сӯи Абдурраҳмон ал-Ашъас фирор карда, фармондеҳи сипоҳиёни савораи вай гардидааст ва баъди шикаст хӯрдан аз Язид ибни Муҳаллаб ба Синд фирор кардааст.

**Абдурраҳмон ибни Самур** (ваф. 670) сипаҳсолори араб, омили Систон дар солҳои 653-666.

**Абраҳа** – подшоҳи ҳимяриён дар Арабистони ҷанубӣ, ки дар миёнаи асри VI ҳукмронӣ кардааст. Ӯ дар соли милоди Пайгамбари ислом (с) ба Мака лашкар кашидааст.

**Абу Довуд Холид ибни Иброҳим** – аз қабилаи Бани Амр ибни Шайбон ибни Зуҳл, саҳобаи наздики Абӯмуслим буда, аз тарафи ӯ омили Балх таъйин шудааст. Соли 755 пас аз вафоти Абӯмуслим омили Хуросон таъин шуда, ҳангоми саркӯб кардани исён дар Систон дар соли 759 кушта шудааст.

**Абӯмусо ал-Ашъари** – омили Ироқ ва яке аз нахустин саҳобагони Пайғамбари ислом (с), ки дар ҳалли рақобати Алӣ ибни Абитолиб ва Муовия аз ҷониби Ироқиён ҳакам интихоб шуда буд ва аз Амр, ки аҳли Сурия ӯро ҳакам интихоб карда буданд, сахт фиреб хӯрда буд.

**Абӯсароё ас-Сарӣ ибни Мансур** – ғуломи Ҳарсама, сарлашкари Маъмун. Ӯ соли 14-15 дар Ироқ бар зидди Маъмун ва ба ҷонибдории алавиён исён бардошта ва соли 815 қатл карда шудааст.

**Абӯхолид Язид ибни Умар ибни Хубайра ал Фазорӣ** (тав. 705-06) – фарзанди омили маъруфи Куфа дар замони Язиди II ибни Абдулмалик. Дар оғози соли 745 Марвон ӯро омили Ироқ таъин намудааст.

**Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ** – вазири Наср ибни Аҳмади Сомонӣ.

**Абулаббос Абдуллоҳ ибни Тоҳир** – бародар ва валиаҳди Талҳа ибни Тоҳир, ҳокими мустақили Хуросон дар солҳои 828-844.

**Абулқосим ибни Симҷӯр** – бародари Алӣ ибни Симҷӯр ва омили Кӯҳистон.

**Абулфаворис ибни Баҳоуддавлаи Дайламӣ** (ваф. 1012), волии Ироқ, Хузистон ва Кирмон.

**Абулфазл Аҳмад ибни ал-Ҳусайн ибни Яҳё ибни Саиди Ҳамадонӣ** (ваф. 1007), ки бо лақаби Бадеуззамони Ҳамадонӣ шуҳрат ёфтааст. Ӯ шогирди Абулҳусайн Аҳмад ибни Форис ар-Розии луғавӣ будааст. Дар таърихи адабиёти форсӣ Бадеуззамон бо «Мақомот»-и худ, ки дар пайравии «Мақомоти Ҳарирӣ» эҷод кардааст, машҳур аст.

**Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Балъамӣ** (ваф. 940) – вазири маъруфи Сомониён, муосири Рӯдакӣ.

**Абулфазл Наср ибни Аҳмад** (1030-1072) – аз авлоди Саффориён ва ҳокими маҳаллии Систон будааст.

**Абулфараҷ Қудома ибни Ҷаъфар ал Бағдодӣ** – донишманди араб дар соҳаи забону адабиёт ва ҷуғрофиё, муаллифи асари бузургҳаҷм бо номи «Китоб-ул-хароҷ ва санъат-ул-китоба». Мутаассифона аз ин китоб то замони мо нисфи он расида ва фасли мансуб ба хироҷ нашр шудааст.

**Абунаср Мансур ибни Аҳмад** – мавлои Амиралмуъминин, бародари волии Систон амир Абулфазл Наср ибни Аҳмад.

**Абуннаҷм** – сарлашкари халифа Муътазид.

**Абунувос** ал-Ҳасан ибни Ҳонӣ (747-814) – шоири маъруфи араб, ки аз модаре форс ба дунё омада, бештар мадҳи Ҳорунаррашид ва фарзанди ӯ Маъмунро гуфтааст.

**Абуссоҷ** – сардори шуртаи Бағдод буда, бо фармони Амр ибни ал-Лайс аз вазифа озод шудааст. Соли 879-80 дар Ҷунди Шопур вафот кардааст.

**Абутаммом Ҳабиб ибни Авс ат-Той** – шоири маъруфи араб дар аҳди Аббосиён.

**Абӯабдуллоҳ ибни Карром** – бунёдгузори мазҳаби карромия. Ин мазҳаб дар асрҳои X-XI дар Хуросон нуфузи зиёд доштааст ва гӯё султон Маҳмуди Ғазнавӣ низ таълимоти Карромиёнро дастгирӣ мекардааст.

**Абӯабдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни ал-Ҳасан ибни ал-Ҳусайн ибни Али ибни Абитолиб** бештар бо лақаби Ибни Таботабо маъруф буда, соли 814-15 даъвои маснади хилофат кардааст.

**Абӯабдуллоҳ Макҳул ибни Абдуллоҳ аш-Шомӣ** (ваф. 730-31) – донишманди маъруфи суннат, ки ба қавле асли ӯ аз Кобул будааст.

**Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Идрис Шофеӣ** (767-820) – маъруф бо лақаби Имом Шофеӣ ва муассиси мазҳаби шофеия.

**Абӯабдуллоҳ Нофеъ ибни Абдуллоҳ**, мавлои Абдуллоҳ ибни Умар. Ӯ зодаи шаҳри Дайлам ва донишманди маъруфи илми ҳадис будааст.

**Абӯабдуллоҳ Суфён ибни Саид ибни Масруқ ас-Саврӣ** (695-96-734) – илоҳиётшиноси машҳур ва бунёдгузори яке аз мазҳабҳои исломӣ.

**Абӯалии Симҷӯр** – омили Сомониён дар вилоятҳои ҷанубии соҳили дарёи Ому.

**Абӯалӣ ал-Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Аббос ал-Миколӣ**, мулаққаб ба Ҳасанак – аз ҷумлаи охирин вазирони Султон Маҳмуди Ғавзнавӣ. Қиссаи ӯ дар «Таърихи Байҳақӣ» муфассал аст.

**Абӯамр Омир ибни Шуроҳил ибни Абӯзикуббор аш-Шаъбӣ ал-Ҳимярӣ** – шоир ва донишманди машҳури суннат буда, соли 722-23 дар Куфа вафот кардааст.

**Абӯбакр Абдуллоҳ ибни Сулаймон ибни Абӯдовуд** (ваф. 928) – фарзанди Абӯдовуд Сулаймон ибни ал-Ашъас, донишманди бузурги илмҳои ҳадис ва фиқҳ.

**Абӯдовуд Сулаймон ибни ал-Ашъас** – муаллифи маҷмуаи ҳадисҳо бо номи «ас-Сунан».

**Абӯзакариё Яҳё ибни Аммори Сиҷистонӣ** – донишманди суннат ва фиқҳ.

**Абӯимрон Симҷӯр** – ғуломи турки Сомониён, бунёдгузори давлати Симҷӯриён.

**Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳалаф** – соли 921-22 ҳокими Систон таъйин гардидааст.

**Абӯмуҳаммад Саид ибни Ҷубайд ибни Ҳишом ал-Куфӣ** – донишманди маъруфи суннат буда, дар исёни Абдурраҳмон ал-Ашъас ширкати фаъолона доштааст.

**Абӯмусо Ашъарӣ** (тав. с. 614) – саҳобаи Муҳаммад (с) ва сарфармондеҳи лашкари ислом, ки фатҳи шаҳрҳои Қум ва Кошонро ба ӯ нисбат медиҳанд. Дар замони хилофати Умар ҳокими Басра будааст.

**Абӯнаср Молик ибни ал-Ҳайсам ал Хузои** – наздиктарин саҳобаи Абӯмуслим ва сардори шуртаи ӯ.

**Абӯҳанифа ан-Нуъмон** (699-767) – имоми маъруфи аҳли суннат, бунёдгузори мазҳаби ҳанафия.

**Абӯҳотим Саҳл ибни Муҳаммад ас-Сиҷистонӣ** (ваф. 869) – донишманди илмҳои луғат ва арӯз, ровии ҳадисҳо дар бораи Абӯзайф ва дигарон.

**Абӯсалама Ҳафс ибни Сулаймон ал-Ҳаллол** – тарғибгар (доъӣ)-и асосии Аббосиён баъди вафоти Букайр ибни Моҳон будааст. Ӯ соли 749 бо фармони халифа Абулаббос ас-Саффоҳ бо гуноҳи он ки саъй

кардааст ҳукуматро ба дасти хонаводаи Алӣ ибни Абӯтолиб диҳад, ба қатл расонида шудааст.

**Абӯсолеҳ Абдурраҳмон** – ба қавли Балозурӣ, пас аз Зодон Фаррух дабири девони Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф будааст. Ба қавли Мадоинӣ, дабири девони Ҳаҷҷоҷ на худи Абдурраҳмон, балки писари ӯ Солеҳ, мавлои қабилаи Бани Тамим будааст.

**Абӯязид Холид ибни Муҳаммад ал-Марвазӣ** – омили Систон аз номи Бадр ал-Кабир.

**Аднон** – ҷадди Пайғамбари ислом (с), ки дар балоғати сухан шуҳрат доштааст.

**Азудуддавла Фанно Хусрав** – писари Рукнуддавла. Пас аз марги падар ба тахт нишаста солҳои 949-983 ҳукмронӣ кардааст ва ба давлати Оли Бӯя ривоҷу равнақ бахшидааст.

**Ал-Асвад ал-Анси,** ки дар «Таърихи Систон» Исо зикр шудааст, ҳанӯз дар замони зиндагии Муҳаммад (с) худро пайғамбари Яман эълон карда буд.

**Ал-Баро Ибни Озиб ал-Ансорӣ** (ваф. с. 691) – саҳобаи Пайғамбари ислом (с) ва фотеҳи шаҳрҳои Қазвин ва Рай будааст.

**Алӣ ибни ал-Ҳусайн ал-Марваррудӣ** – амири Марв, ки бо Амр ибни ал-Лайс барои ҳимояти Марв мубориза бурда, баъди шикаст хӯрдан дар Фороб ба ҳалокат расидааст.

**Алӣ ибни Шарвин** (Алӣ ибни Суруш) – сарлашкари Амр ибни ал-Лайс.

**Алӣ** ибни Исо ибни Моҳон – дар оғоз сардори гвардияи хоси халифа буда, солҳои 796-807 омили Хуросон таъйин шудааст. Бо бераҳмиву золимии фавқулоддаи худ шуҳрат доштааст.

**Алӣ ибни Муҳаммад ибни ал-Фурот** – вазири халифаи Аббосӣ Муқтадир.

**Ал-Ҳасан ал-Басрӣ** – илоҳиётшиноси маъруф, ки соли 728-29 вафот кардааст.

**Амир Ёқутӣ** – писари Ҷағрибек Довуд ва бародари Туғрулбек.

**Амир Муайяд** – ҳокими Систон дар солҳои 1092-1094.

**Аммор ибни Исо** – шоири маҳаллии Систон, ки дар ягон маъхази дигар зикри ӯ вуҷуд надорад.

**Амр ибн ал-Ос** (ваф. с. 663). Омили Муҳаммад (с) дар Уммон будааст ва пас аз вафоти Муҳаммад (с) ба Мадина баргашта, дар ғазовоти мусулмонон ба кишварҳои ҳамсоя иштирок кардааст ва чун фотеҳи Миср шуҳрат пайдо намудааст.

**Амр ибни Маъдӣ-Кариб** – шоири араб, ки дар ҳудуди солҳои 530-643 зиндагӣ карда бо шуҷоати фавқулодаи худ дар ҷанги Қодисия машҳур будааст.

**Аҳмад ибн ал-Ҳасан** – хатиби Карот ё Курот ном ноҳияи Фушанҷ. Ӯ аз зумраи донишмандон ва хаттотони замони худ буда, ба забонҳои арабӣ ва форсӣ шеър ҳам мегуфтааст.

**Аснош** (Аснос, Ашнос) – ғуломи Исмоил ибни Аҳмад.

**Асрам ибни Сайф** – тибқи хабари Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор», ҳокими қалъаи Рамалсӣ ё Рамалсум будааст.

**Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал-Хуҷистонӣ** – аз ҷумлаи муқаррабони Муҳаммад ибни Тоҳир буда, баъди омили Нишопур таъйин шудани Яъқуб ибни ал-Лайс ба ӯ пайвастааст. Ин ҳамон Хуҷистонӣ аст, ки Низомии Арӯзӣ аз харбандагӣ ба бузургӣ расидани ӯро бо таъсири абёти зерини Ҳанзалаи Бодғисӣ зикр намудааст:

Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.

**Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ** – дар солҳои 907-914 ҳукмронӣ кардааст.

**Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ал-Лайс** – сардори шуртаи Амир Исмоил будааст.

**Аҳмад ибни Тоҳир** – вазири Янолтекин.

**Аҳмад ибни Ҳанбал** – донишманди маъруфи суннат, илоҳиёт ва фиқҳ ва бунёдгузори яке аз мазҳабҳои аҳли сунат – ҳанбалия. Бо фармони халифа Муътасим ба ӯ ба сабаби эътироф накардани офарида будани Қуръон ҷазо дода шуда буд.

**Бадр ибни Абдуллоҳ Ҳаммомӣ** – бо лақабҳои Бадри Кабир ва Бадр ал-Ҳаммоми ҳам шуҳрат дошта, ғуломи ибни Тулун, сарлашкари Аббосиён ва омили Исфаҳону Шероз будааст.

**Байтуз** – ғуломи турки Қаротегин ва омили ӯ дар Буст.

**Бани Бакр ибни Воил ва Бани Тамим ибни Мурр** – ду қабилаи араб, ки қисман аз Арабистон ба Хуросон муҳоҷират карда ва аз қадим миёни ҳамдигар душманӣ доштаанд.

**Бани Назир** – номи қабилаи яҳудиёне, ки дар Мадина мезистаанд ва аксарият тоҷирону заминдорони сарватманд будаанд.

**Бедасп** (Шедасп, Будасп) – писари Тур.

**Бектукди** – сардори горди султон Масъуд.

**Беғу** (Байғу) – ба қавли В. В. Бартольд, ин ном таҳрифшудаи Ябғуст, ки ӯ пешвои ғузҳо, писари Салҷуқ ва амаки Туғрул ва Довуд буда, волии Ҳирот, Буст ва Систон таъин гардида будааст.

**Буғроҷӯк -** бародари Сабуктегин, омили Маҳмуди Ғазнавӣ дар Ҳирот ва Бушанҷ.

**Бухт ан-Наср** – сипаҳсолор дар замони Луҳросп, Гуштосп ва Баҳман.

**Вақеъ ибни Бакр ибни Воил ал-Аздӣ** – аз ҷониби Муҳаллаб омили Систон таъйин гардида будааст.

**Вақеъ ибни Ҳассон ибни Қайс ибни Абӯсуд ат-Тамимӣ** – яке аз сипаҳсолорони Салм ибни Зиёд, ки дар бераҳмӣ ва золимӣ шуҳрат ёфта буд.

**Ғассон ибни Аббод** – дар солҳои 819-821 омили Хуросон аз номи Халифа Маъмун будааст.

**Дирҳам ибни Наср ибни Солеҳ** – дар оғоз сарвари дастаи «Муборизони роҳи дин» буда, бо хаворичи Систон мубориза мебурд ва минбаъд ҳокими Систон гардида, се сол дар он ҷо ҳукмронӣ кардааст.

**Душманзиёр Абӯҷаъфар ибни Кокуя**, мулаққаб ва Алоудавла, волии Исфаҳон.

**Закариё Зайдавӣ** – бародари фармондеҳи сипоҳи айёрон Бӯисҳоқи Зайдавӣ.

**Занбил** – лақабе, ки подшоҳони Зобулистон доштаанд.

**Зиёд ибни Абиҳи ё Зиёд ибни Абӯсуфён**. (ваф. 677-78) – бародари Муовия, ки ҳокими тамоми Ироқ ва Эрон таъин шудааст.

**Зуҳайр ибни Мусайяб аз-Забӣ** – писари омили собиқи Хуросон ва сипаҳсолори Маъмун.

**Иброҳим ибни ал-Ҳусайн** (Ҳузайн) – ба сабаби гумонбар шудани Сайёр ӯро бо гуноҳи шарик будан дар исёни Убай ибн ал-Ҳузайн дастгир карда буданд.

**Иброҳим ибни Илёс ибни Асад** – зоҳиран, писари Илёс ибни Асади Сомонист, ки омили Ҳирот ва навоҳии атрофи он будааст.

**Иброҳим ибни Осим** – омили Систон дар замони Юсуф ибни Умар. Ӯ то расидан ба ин мансаб дар ғазва ба Хуттал (с. 737), ки сипаҳсолор Асад ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ буд, ширкат намудааст.

**Иброҳим ибни Яҳё ибни Муҳаммад ал-Аббосӣ** (ваф. 783) – дар солҳои 774-775 роҳбари маросими ҳаҷ буда, соли 783 омили Мадина таъйин шудааст.

**Иёс ибни Абдуллоҳ** – сарлашкари араб, ки ба Яъқуб ва Амр хизмат кардааст.

**Иззулмулук** – падари Тоҷуддин Ҳарб ва бародари Шамсуддин Муҳаммад.

**Имодуддин Қадҷуронӣ**, бародари ҳокими Қалъаи Такона (Мукрон) Фахруддини Кадҷуронӣ.

**Ирташ** (Эртош, ваф. 1048-49) – бародари Иброҳими Янол ва бародарзодаи Туғрули Салҷуқӣ.

**Исмоил ибни Балбал** – бо лақаби Абуссақр ва ному насаби пурраи ӯ Исмоил ибни Ҳимод ибни Абӯҳанифа ал-Қозӣ будааст. Исмоил вазирии халифа Муваффақро бар уҳда доштааст ва пас аз вафоти Муваффақ ӯро Муътазид ҳабс кардааст ва дар маҳбусӣ вафот кардааст.

**Каъб ал-Аҳбор** (ваф. 652-655) – аз зумраи нахустин яҳудиёне, ки дини исломро пазируфтаанд. Ӯ яке аз нахустин ҷамъоварандагони ҳадис низ ҳисоб меёбад.

**Каюмарс** – шакли арабишудаи Гайо- Мартан, ки тибқи устураи эрониён, нахустин инсон ҳисоб меёбад. Дар тасаввури муаллифони нахустини таърихҳои аҳди исломӣ Каюмарс ба Одам (а) шабоҳат дода мешавад.

**Китбуқо** (Кибуқо)-ноён – амири муғул аз лашкари Ҳалогухон, ки дар фатҳи Хуросон, Кӯҳистон, Бағдод, Сурия ва Миср ширкат

кардааст. Ӯ ба ҳокими Систон Алӣ ибни Масъуд дар муҳорибаи вай бо Шамсуддин Муҳаммади Карт мадади ҳарбӣ расонидааст.

**Куранг** (Турак, Гавранг) – писари Асрат ва бародари Гаршосп.

**Кӯрктар** – тибқи мулоҳизаи М. Баҳор, яке аз айёрон ва тирандозони ҷамоати исёнгар дар Систон будааст.

**Қарача-ноён** – сипаҳсолори шоҳзода Ҷалолуддини Хоразмӣ.

**Қаротегин** – ҳокими Ҷурҷон.

**Қатарӣ ибн ал-Фуҷоа** – шоири маъруф ва сипаҳсолори хавориҷ, ки бо шуҷоати фавқулоддаи худ фарқ мекардааст. Соли 689 азрақиён, ки яке аз гурӯҳҳои хориҷиён буданд, ӯро халифаи худ эълон кардаанд. Соли 694-95 дар Заранҷ ба номи ӯ тангаҳо сикка зада шудааст. Қатарӣ соли 697 дар Табаристон ба ҳалокат расидааст.

**Қаҳтаба ибни Шабиб ат-Тоӣ** – сипаҳсолори Абӯмуслим ва яке аз нахустин пайравони ҳаракати Аббосиён.

**Қизил Сореъ** (Сореғ, Сорек) фармондеҳи сипоҳи султон Маликшоҳи Салҷуқӣ, ки ба муҳориба бо доъии исмоилиён Ҳусайни Қойинӣ фиристода шуда буд.

**Қусай** – лақаби Зиёд ибни Килоб аз қабилаи Қурайш, ки тибқи ривоятҳо қабилаи Хузоаро аз Макка ронда, мавқеи аз дастрафтаи қабилаи Қурайшро баргардондааст.

**Қутайба ибни Муслим ал-Боҳилӣ** (669-70 – 715) сарлашкари араб ва муқарраби Ҳаҷҷоҷ. Ӯ дар тӯли солҳои 705-715 аз номи Ҳаҷҷоҷ омили Хуросон ва Систон будааст.

**Лайс ибни Алӣ ибни ал-Лайс** – бародарзодаи Яъқуб ва Амр буда, баъди Систонро тарк кардани Тоҳир ибни Муҳаммад дар соли 905-906 бо ҳамроҳии Субкарӣ дар Форс ҳукмронӣ кардааст.

**Мавло ас-Сандалӣ** – мавлои Аҳмад ибни Исмоил. Ӯ пайрави мазҳаби хавориҷ буда, дар Бухоро мезистааст.

**Малик Маҷдуддин Колиюнӣ** – ҳокими Ҳирот дар солҳои 1241-1243.

**Малик Тоҷуддин Янолтегин** (Ниёлтегин) – сипаҳсолори Буроқ-Ҳоҷиб ва бародарзодаи Султон Маҳмуди Хоразмшоҳ. Соли 1229 аз тарафи муғулҳо ба қатл расидааст.

**Малик Шамсуддин** Муҳаммади Карт (1245-1278) – асосгузори сулолаи Картҳо дар Ҳирот ва Ғур.

**Малик Янолтегин** – бародари хурдии ҳокими Фароҳ – Ҷалолуддин. Ӯ дар иттифоқ бо Шамсуддин Алӣ Фароҳро аз муғулҳо озод кард ва омили амир Наврӯзро аз он ҷо ронд.

**Марвон ибни Муҳаммад ибни Марвон** – охирин намояндаи сулолаи Умавиён, ки декабри соли 744 дар Димишқ ба мақоми хилофат расида, то соли 750 ҳукмронӣ кардааст.

**Марвон ибни Сулаймон ибни Яҳё ибни Яҳё ибни Абӯҳафса** – шоири маъруфи мадеҳасарои араб (вaф. 797).

**Матар ибни Ноҷия** – аз оли Бани Риёҳ ибни Ярбуъ ат-Тамимӣ, ки нисбати Риёҳӣ ва Ярбуӣ дошта, сипаҳсолори Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф будааст ва сипас ба тарафи Абдурраҳмон гузаштааст.

**Маҳмудшоҳ** – ҳокими Кирмон, ки соли 1300 дар Кирмон бар зидди муғулҳо исён карда, пас аз як соли он ба ҳалокат расидааст.

**Маън ибни Зоида ибни Матар ибни Шурайк аш-Шайбонӣ** – пешвои араб, ки ҳам ба Умавиён ва ҳам ба Аббосиён хидмат карда, Халиф Мансур ӯро соли 768 омили Систон таъин кардааст ва дар Буст марде аз рустои Тоқ ӯро ба қатл расонидааст.

**Мокон ибни Кокӣ (Кокуӣ)** – ҳокими Дайлам, ки бар зидди Сомониён исён карда ва баъди шикаст хӯрданаш соли 940 ба қатл расонида шудааст.

**Муғира ибни Шуъба** – дар замони халифа Умар омили шаҳрҳои Басра ва Куфа будааст.

**Музар** – бунёдгузори арабҳои Ҳиҷоз ва Наҷд.

**Муҳаллаб** – сарлашкари Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ва омили Хуросон, ки соли 701 вафот карда ва ба ҷои ӯ писараш Язид ибни Муҳаллаб таъин шудааст.

**Муҳаллаб ибни Абӯсафра** (ваф. 702) – сипаҳсолор ва дабири Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф будааст.

**Муҳаммад ибн ал-Аббос** – бо лақаби Ибн Ҳаффор шухрат ёфта, раиси хавориҷи Систон будааст.

**Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Сулаймон ал-Буконӣ** – дар адабиёт чун Абӯумар ан-Нуқати ё Нуқонӣ ва ба ҳайси муаллифи китобҳо доир ба адаб маъруф аст.

**Муҳаммад ибни Бушр** (Башир) – сарлашкари асосии Амр ибни ал-Лайс будааст.

**Муҳаммад ибни Восил ат-Тамимӣ** – аз аҳли Форс буда, дар яҷоягӣ бо курд Аҳмад ибни ал-Лайс бар зидди омили Форс Ҳорис ибни Симо исён намуда, Ҳорисро қатл кардааст ва ҳукмронии Форсро соҳиб гардидааст. Ҳангоми ҳуҷуми Яъқуб ибни ал-Лайс ба Форс бо Яъқуб пайваста аз ҷониби вай омили Форс таъин шудааст.

**Муҳаммад ибни Ғаззон (Иззон) ал-Калбӣ** – профессор Босвор ва Маликушшуаро Баҳор ин шахсро бо Язид ибни Иззон ал-Калбӣ як мешуморанд.

**Муҳаммад ибни Зайд** – бародар ва валиаҳди Ҳасан ибни Зайд, ки аз соли 884 то 900 ҳокими давлати Алавиён будааст.

**Муҳаммад ибни Зайдуя** – омили Яъқуб ибни ал-Лайс дар Кӯҳистон будааст ва соли 975 маъзул гардида, аввал ба Кирмон ва баъд ба назди Муҳаммад ибни Восил ба Форс рафта бар зидди Яъқуб исён кардааст. Баъд аз вафоти Яъқуб ба хидмати Амр ибни ал-Лайс рафтааст.

**Муҳаммад ибни Ҷаъфар ал-Фирёбӣ** – волии Ромҳурмуз.

**Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ** – риёзидон, муаррих, мунаҷҷим ва ҷуғрофидони маъруфи нимаи аввали асри IX, ки асари бузурге дар таърихи умумӣ бо номи «Китоб-ут-таърих» ба қалами ӯ тааллуқ доштааст.

**Муҷошеъ ибни Масъуд ас-Суламӣ** – сарлашкари араб, ки дар фатҳи эрон иштирок дошта, соли 656 дар «Ҷанги уштур» ба ҳалокат расидааст.

**Муовия ибни Абӯсуфён** – сарлашкари сипоҳи мусулмонон, ки минбаъд дар солҳои 661-680 нахустин халифаи сулолаи Умавиён гардид.

**Муоз ибни Муслим** – омили Хуросон (766-779-80) аз номи Халиф Маҳдӣ.

**Мусайлима** – ҳокими Ямома, ки худро пайғамбари қабилаи Бани Ҳанифа эълон карда буд. Ӯ дар муҳорибаи назди Акраба дар Ямома кушта шудааст. Бо лақаби Мусайлимаи каззоб (дурӯғгӯ) маъруф гардидааст.

**Муслим ибн ал-Валид ал-Ансорӣ** – шоири замони ҳукмронии Аббосиёни аввал, ки бо лақаби Сареъ ал-Ғавонӣ маъруф будааст.

**Мӯнис-ходим** – сарлашкари халифа Муқтадир, ки ба ёрии Субкарӣ фиристода шуда буд ва баъди он ки ӯ писарони Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс-Тоҳир ва Яъқубро даст баста ба Муқтадир фиристод, Муқтадир ӯро омили Форс таъин кард.

**Муътазид Биллоҳ** – писари Муваффақ, ки соли 892 пас аз вафоти падар ба тахти хилофат нишастааст.

**Наврӯз** – писари Амир Арғунхон, ки соли 1284 ба ҳайси сарлашкар ва мансабдори маъмурӣ дар Систон ва Хуросон таъин гардида буд. Баъд аз вафоти падар нофармонӣ ба ҳукумати марказӣ зоҳир карда, оқибат ба Ғозонхон итоат кард ва исломро пазируфт. Соли 1297 бо фармони Қутлуғшоҳ ба қатл расонида шуд.

**Насируддин Ҳусайн** (Ҳасан) мулаққаб ба Мири Шикор – сипаҳсолори Тоҷуддини Юлдуз будааст ва баъди сар задани ихтилоф миёни ӯву Тоҷуддин Юлдуз ба Хоразм фирор кардааст.

**Насируддин Усмон ибни Ҳарб** – писари калонӣ ва валиаҳди ҳокими Сиситон Тоҷуддин Ҳарб. Ӯ ҳанӯз дар замони зиндагии падар аз олам даргузаштааст.

**Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил** – подшоҳи Сомонӣ, ки дар тӯли солҳои 914-943 ҳукмронӣ кардааст.

**Наср ибни Насируддин Сабуктегин** – бародари Султон Маҳмуд ва омили ӯ дар Систон.

**Наср ибни Сайёр** – омили Хуросон дар тӯли солҳои 738-747.

**Низор ибни Маъад** – тибқи тасдиқи илми ансоб, қабилаҳои шимолии араб аз ӯ оғоз меёбанд.

**Ноҳим** – пешвои зангиёни исёнгар, ки Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад Абдурраҳим ном дошта, бо лақаби Соҳибуззинҷ маъруф будааст. Ӯ соли 869 бо мадади зангиён дар Хузистон ва Басра исён бардошта, ин шаҳрҳоро ба тасарруфи худ даровардааст ва дар тӯли 14 сол ҳукмронӣ кардааст. Соли 883 баъди шикаст хӯрдан аз сипоҳи Муваффақ ба асорат афтода ва ба қатл расонида шудааст.

**Нӯҳ ибни Мансур** – подшоҳи Сомонӣ, ки дар тӯли солҳои 976-977 ҳукмронӣ кардааст.

**Нуъмон ибни Мақрун** (ё ба қавли Табарӣ, Нуъмон ибни Муқаррин ал-Музанӣ – сарлашкари араб, ки соли 642 дар муҳорибаи назди Наҳованд ширкат кардааст.

**Омир ибни Исмоил ибни Омир ибни Нофиъ ал-Муслӣ** – сардори маъруфи Аббосиён дар лашкари Абдуллоҳ ибни Алӣ. Ӯ барои таъқиби охирин халифаи Умавӣ – Марвон фиристода шуда ва қатли Марвонро ба вай нисбат медиҳанд.

**Пирӯз** (Фирӯз) – мавлои Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ал-Анбарӣ ва аз ҷумлаи эрониҳои ба асоратафтода буда, бо шуҷоат ва мардонагии худ шуҳрат пайдо кардааст.

**Рабеъ ибни Зиёд ал-Ҳорисӣ** – омили Систон аз ҷониби Зиёд ибни Абиҳи дар замони Муовия ва дар тӯли солҳои 666-671.

**Рафеъ ибни Ҳарсама** – сарлашкари араб, ки дар оғоз ҳокими Нишопур ва соли 888 ҳокими Рай будааст. Ӯ бо Исмоил ибни Аҳмад бар зидди Амр ибни Ал-Лайс мубориза бурдааст. Соли 897 дар Гургон кушта шудааст.

**Рустам, писари Фаррух** – Ҳурмуз, сипаҳбади маъруфи Хуросон, ки аз тарафи шоҳаншоҳ Яздигурд ба ҷанги Қодисия фиристода шуда, дар ҳамон ҷанг (с. 637) ҳалок гардидааст.

**Саидабону** – духтари Муҳаммад ибни Амр ибни ал-Лайс, ки ӯро ба Муҳаммад ибни Ҳалаф ба шавҳар дода будаанд.

**Салм ибни Зиёд** – омили Хуросон ва Систон дар солҳои 681-683.

**Самуил ибни Одиё** – яҳудие, ки бо амонатнигоҳдорӣ ва вафо ба аҳд шуҳрат доштааст.

**Саҳбон ибни Зафар ибни Иёс ал-Воилӣ** – шоир ва воизи машҳури араб.

**Саъд ибни Абӯваққос** – ҷияни Омина, модари Пайғамбари ислом (с) ва яке аз нахустин саҳобагон буда, сазовори эҳтироми хоси Пайғамбари Худо (с) маҳсуб мешудааст. Дар муҳорибаи назди Қодисия дар соли 637 сарфармондеҳи сипоҳи мусулмонон будааст.

**Сумайя** – модари Зиёд ибни Абиҳӣ. Сумайя каниз буда, тибқи тасдиқи баъзе маъхазҳо, бо ғуломе бо номи Убайд ҳамхоба будааст. Ин қисса дар адабиёт маъруф буда, дар ағлаби китобҳои таърих низ сабт шудааст.

**Суҳайл ибни Синон** – нахустин юноние, ки исломро қабул карда, дар шумори саҳобагони Муҳаммад (с) дохил гардида будааст. Суҳайл пас аз вафоти Умар ва то таъин шудани халифаи нав, яъне Усмон ибни Аффон, се рӯз дар маснади хилофат қарор доштааст.

**Такӯдор** (Никӯдор) – писари Ҷағатой Такӯдор, ки фармондеҳи лашкари Ҳулогу дар истилои сарзаминҳои ғарбӣ будааст.

**Талҳо ибни Абдуллоҳ** ва **Зубайр ибни Аввом** – онҳое, ки бар зидди Амиралмуъминин Алӣ исён карда, дар муҳорибаи назди Хурайба дар соли 656 ба ҳалокат расидаанд.

**Тамим ибни Саид ибни Даълаҷ** – дар замони халифа Маҳдӣ омили Систон будааст.

**Тароил (Таробил)** – сардори дастаи сарбозони ҳинду дар сипоҳи Яъқуб ибни ал-Лайс.

**Тоир Бӯқо** – сарлашкари муғул, ки дар ҳамлаи Ҳулогу ба Эрон ширкат намудааст.

**Тоҳир ибни Наср ибни Аҳмад Баҳоуддавла** – писари амир Абулфазл Наср ибни Аҳмад. Дар тӯли солҳои 1073-1087 ҳокими Систон будааст.

**Тоҳир ибни Ҳусайн ибни Мусъаб ибни Розиқ ибни Моҳон**, Зуляминайн – асосгузори давлати Тоҳириён (ваф. 822), ки Халифа Маъмун ӯро соли 813 омили Ҷазира ва соли 821 омили Хуросон таъин кардааст.

**Тоҷуддин Нусрат** ё Нусратуддин – писари миёнаи Баҳромшоҳ, ки солҳои 1121-1122 дар Систон ҳукмронӣ карда, ҳангоми ҳамлаи муғулҳо ба қатл расидааст.

**Тоҷуддин Абулфазл** – писари Баҳоуддавла Ҳалаф ибни Абулфазл Наср ибни Аҳмад. Ӯ сад сол зиндагӣ ва беш аз ҳафтод сол ҳукмронӣ кардааст. Тибқи ахбори маъхазҳо, Тоҷуддин Абулфазл дар шуҷоат ва адолат камназир буда, назди султон Санҷар эҳтироми хосе доштааст. Ӯ соли 1164 вафот кардааст.

**Тоҷуддин Юлдуз** – сипаҳсолори туркнажоди Ғиёсуддин Маҳмуд. Пас аз вафоти Шаҳобуддин дар тӯли солҳои 1209-1216 ҳокими Ғазнин будааст. Соли 1216 ҳукумати Ғазнинро аз даст дода, ба Ҳинд ронда мешавад.

**Туғрул** – ҳоҷиби Мавдуд ва писари бародари ӯ Масъуд. Мавдуд хоҳари худро ба вай ба занӣ дода, мақоми ӯро баланд бардоштааст. Баъд аз вафоти Мавдуд, бародари амир Масъуд Абдуррашид ӯро ҳоҷиби бузург таъйин кардааст.

**Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ** – омили Буст ва Рухад аз ҷониби Наср ибни Аҳмад.

**Убайдуллоҳ ибни Сулаймон ибни Ваҳб** – соли 891 вазири Муътазид таъйин гардидааст.

**Уғтой Қоон** – писари Чингизхон, ки ҳанӯз дар замони зиндагии падараш валиаҳд таъин гардида, аз соли 1229 то соли 1241 ҳукмронӣ кардааст.

**Урус-ноён** – писари хурдии Мункеду Саур. Дар оғоз дар хидмати Ҳулогухон ба ҳайси ҷондор буда, сипас амири Хуросон таъин шудааст. Дар замони ҳукмронии Абоқохон Урус вазифаи муҳофизати сарҳади Ҳирот ва Бодғисро бар уҳда доштааст.

**Утба ибни Ғазвон ибни Ҷобир ал-Мозинӣ** – аз ҷумлаи сипаҳсолорони лашкари мусулмонон ва саҳобагони Муҳаммад. Ӯ чун бунёдгузори шаҳри Басра маъруф аст.

**Ушҳанг** (Ҳушанг) – нахустин подшоҳи устуравии Эрон.

**Фазл ибни Саҳл ибни Абдуллоҳ ас-Сарахсӣ** – вазири халифаи Аббосӣ Маъмун буда, соли 818 ё 819 қатл карда шудааст.

**Фазл ибни Сулаймон ат-Тӯсӣ** – дар замони халифаҳои Аббосӣ – Маҳдӣ ва Ҳодӣ омили Хуросон ва Систон будааст.

**Фазл ибни Яҳё ал-Бармакӣ** – бародари ҳамшири Ҳорунаррашид, ки соли 793 омили Хуросон таъин шуда пас аз ду сол маъзул гардидааст.

**Фравак** (Фравок, Фарвок, Фарвол) – писари Сиёмак.

**Халил ибни Аҳмади Сиҷистонӣ** – донишманди суннат ва фиқҳ муосири Абӯсолеҳ Мансури I ибни Нӯҳи Сомонӣ. (961-976).

**Холид ибни Валид** – сипаҳсолори халифа Абӯбакр буда, нахустин футуҳоти мусулмонон дар ҳудуди ғарбии давлати Сосониён бо номи ӯ марбут аст. Дар таърихи ислому араб Холид ибни Валид бо лақаби «Сайфулислом» («Шамшери ислом») маъруф аст.

**Хон Абоқо** – писари калонии Ҳулогухон. Аз соли 1265 то 1282 ҳукмронӣ кардааст. Соли 1279 ба Систон лашкар кашидааст.

**Хотим ат-Той** – марде шоир аз қабилаи Тай, ки дар замони қабл аз ислом зиндагӣ карда, беш аз ҳама бо ҷавонмардӣ ва саховатмандии худ шуҳрат пайдо кардааст.

**Хоҷа Разиуддини Зӯзанӣ** – бо лақаби Малик ва Хоҷа Зӯзанӣ шуҳрат дошта, мансаби кадхудоӣ ва ноибии Нусратуддиншоҳи Ғозӣ ибни Муҳаммадро бар уҳда доштааст.

**Хусрави II Парвиз** – писари Ҳурмузди IV ва яке аз шоҳаншоҳони маъруфи силсилаи Сосониён аст, ки солҳои 590-628 ҳукмронӣ кардааст.

**Ҳалаф ибни Абулфазл Баҳоуддавла** – солҳои 1090-1092-93 дар Систон ҳукмронӣ кардааст.

**Ҳамза ибни Абдуллоҳ аш-Шорӣ** – дар сарчашмаҳо бо номҳои Ҳамза ибни Атрак ас-Сиҷистонӣ, Ҳамза аш-Шорӣ, Озарак зикр гардида, сардори исёни бузурги Хавориҷ дар Систон дар соли 795-96 будааст.

**Ҳамза ибни Абдуллоҳ аш-Шорӣ** – сарвари ҳаракати деҳқонон ва ҳунармандони Систон дар ҳудуди асрҳои VIII-IX, ки бо номи ҳаракати хавориҷ маълум буд.

**Ҳамза ибни Молик ибни ал-Ҳайсам ал-Ҳузои** (ваф. 797) – аз номи халифа Маҳдӣ соли 775-76 омили Систон ва соли 792-93 омили Хуросон таъин гардида будааст.

**Ҳарсама ибни Аъян ал-Балхӣ** – сарлашкари Ҳоруннаррашид ва Маъмун, ки соли 807 омили Хуросон таъин шудааст.

**Ҳасан ибни Зайд ал-Алавӣ** – имоми зайдиён ва ҳокими давлати Алавиён дар шаҳрҳои назди Каспий (Табаристон, Дайлам, Гелон) дар солҳои 864-884. Яъқуб ибни ал-Лайси Саффорӣ борҳо ба ин сарзамин лашкар кашида, вале муваффақият ба даст наовардааст.

**Ҳассон ибни Собит** (тав. 563) – шоири маъруфи араб, ки дар поёни умр дар хидмати Пайғамбари ислом (с) буда, бунёдгузори шеъри динӣ дар адабиёти араб ва ислом ҳисоб меёбад.

**Ҳаҷҷоҷ Музафарруддин** – писари ҳокими Кирмон Қутбуддин Муҳаммад. Баъд аз вафоти падар дар тӯли солҳои 1257-1261 ҳокими Кирмон будааст.

**Ҳимён ибни Одӣ** ас-Садусӣ – дар оғоз сардори шурта дар Басра ва сипас соҳиби мансабе дар Кирмон дар замони Ҳаҷҷоҷ будааст.

**Ҳоҷӣ Нарин** – бародари амир Наврӯз, соли 1297 ба қатл расидааст.

**Ҳошим** – писари сеюми Абдуманоф буда, дар Макка вазифаи бо об таъмин кардани ҳоҷиёнро бар уҳда доштааст.

**Ҳумайд ибни Абӯҳумайд Тархон** – мавлои Талҳа ибни Абдуллоҳ ал-Ҳузоӣ, аз ҷумлаи шахсиятҳои маъруф дар илми ҳадис, ки соли 759 дар 75 солагӣ вафот кардааст.

**Ҳусайн ибни Мут** – бародари волии Исфиҷоб Аҳмад ибни Мут, ки дар замон Наср ибни Аҳмади Сомонӣ дар ин мансаб буда, дар аҳди падари Наср – Аҳмад ибни Исмоил сипаҳсолор будааст.

**Шайбон ибни Абдулазиз ал-Яшкурӣ** – баъд аз шикаст ва ҳалокати Заҳҳок ибни Қайс дар соли 746 сарвари хавориҷ интихоб гардида, дар Баҳрайн ё Систон ё дар Уммон кушта шудааст.

**Шамсуддин Зангӣ ибни амир Бӯҳафси Ҷувайнӣ** – писари амир Ҷувайнӣ.

**Шамсуддин Муҳаммад** – писари калонии Тоҷуддин Абулфазл. Баъд аз вафоти падараш дар соли 1163 ба тахти подшоҳӣ нишастааст.

**Шаҳм** (Шом) – фарзанди Турак ва набераи Асрат.

**Шаҳобуддин Маҳмуд** – писари Тоҷуддин Ҳарб.

**Шимр ибни Зулҷавшан** – сипаҳсолори Язид ва муқарраби Убайдуллоҳ. Қатли Ҳусайн ибни Алӣ дар Карбало ба ӯ нисбат дода мешавад.

**Шоҳин аз Бату** – сарлашкари Яъқуб ибни ал-Лайси Саффорӣ.

**Шуҷоуддин Абулқосим** – писари Хоҷа Зӯзанӣ. Ӯ муддате волии Кирмон будааст.

**Шурайҳ ибни Ҳонӣ** ал-Ҳорисӣ – ҳангоми ғазваи Убайдуллоҳ ба Кобул сарфармондеҳи лашкари Куфа будааст.

**Ҷағрибек Довуд** – волии Марв ва Балх, бародари Туғрулбеки Салҷуқӣ.

**Ҷарир ибни ал-Атия** (ваф. 728-29 ё 732-33) – шоири тавонои араб, ки дар замони хилофати Муовия (661-680) шуҳрат пайдо кардааст.

**Ҷомосп** – вазири шоҳ Гуштоси ва сардори мунаҷҷимони дарбори ӯ.

**Ҷурҷир** (Грегориос) – патриархи Рум, ки сарфармондеҳии сипоҳи румиёнро дар ҷанги Субайтила бар уҳда доштааст.

**Ҷурмоғун-ноён** – сипаҳсолори Чингизхон ва писари ӯ Уғтой. Лашкари 30 ҳазор нафараш муғулҳоро ҳангоми ҳамла ба Форс сарварӣ кардааст.

**Язид ибни Ҷарир ибни Язид ибни Холид ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ** – солҳои 811-812 ҳокими Яман будааст.

**Язид ибни Мазяд** – бародарзодаи Маън ва сипаҳсолори вай будааст. Сипас омили Арманистон ва Озарбойҷон буда, дар замони

Ҳорунаррашид дар фурӯ нишондани исёни хавориҷ ширкат карда сардари исён Валид ибни Тарифро ба ҳалокат расонидааст.

**Язид ибни Рабиа ибни Муфарриғ ал-Ҳимярӣ** – шоири ҳиҷогӯи араб, ки дар асри VII зиндагӣ кардааст. Ӯ падари худ Зиёд ибни Абиҳӣ ва бародараш – Аббодро ҳаҷв карда, барои ин ҷазо дидааст.

## ФЕҲРИСТИ НОМИ МАҲАЛҲО

**Авқ** (Ӯқ) – деҳа ва работе будааст воқеъ дар роҳи Буст-Ғазнин ва ба сабаби он ки номи ин маҳал дар ҳама ҷо дар радифи номҳои Баскар ва Ҷувайн зикр мешавад, метавон тахмин кард, ки дар Систон наздикии Заранҷ воқеъ будааст.

**Арк** – ин вожа аз забони юнонӣ ба форсӣ интиқол ёфта, маънии «қалъа»-ро доштааст. Арки Систон дар қисмати шимоли шарқии шаҳр, дар байни дарвозаҳои Нишак ва Каркӯй воқеъ буда, дар он хазинае вуҷуд доштааст, ки тибқи ривоятҳо, онро Амр ибни Лайс бунёд карда будааст. Арки Систон бо муқовимати тӯлонии худ бар зидди муғулҳо шуҳрат пайдо карда будааст.

**Арфаҷон** ва **Доробҷурд** – номи шаҳрҳое, ки дар Форс ҷойгир шуда будаанд.

**Асфирор** (Асфизор) – Исфизор, шаҳре дар вилояти Систон ва дар самти Ҳирот.

**Базандун** – яке аз деҳаҳои сарҳадии Рум, ки дар масофаи якрӯза роҳ аз Тарсус воқеъ шудааст. Халифа Маъмун дар ин деҳа вафот ёфта дар Тарсус дафн гардида будааст.

**Байзо** – шаҳраке дар Форс дар масофаи ҳашт фарсах аз Шероз.

**Бакровоз** (Бакробоз) – шаҳре дар вилояти Буст.

**Бам** – номи шаҳре, дар Кирмон, ки имрӯз ҳам ба ҳамин ном дар шоҳроҳи Кирмон-Зоҳидон, дар масофаи 193 км. аз Кирмон вуҷуд дорад.

**Бандон** – номи деҳаи марказӣ дар ноҳияи ҳамноми он, ки дар шимоли Систон, наздики Неҳ воқеъ будааст.

**Баҳра** (Пахра) – муарраби Фахраҷ, шаҳраке дар Кирмон, ки роҳ ба Систон аз он убур мекардааст. Деҳаи имрӯзаи Фаҳраҷ дар масофаи 58 километр ба шарқ аз Бам дар шоҳроҳи Бам-Зоҳидон ҷойгир шудааст.

**Бар** – номи работе дар миёни Заранҷ ва Болис.

**Барқа ва Атробулус** – шаҳрҳои воқеъ дар Африқои шимолӣ, ки соли 643 онҳоро Амр ибни ал-Ос фатҳ кардааст. Шаҳри Атробулус ё Тароблус имрӯз бо номи Триполи ва пойтахти Либия мавҷуд аст.

**Барсуҳон** (Барсухон) – ба эҳтимоли М. Баҳор, деҳае бошад дар масофаи ду фарсах аз Бухоро.

**Бату** – эҳтимол деҳае будааст, ки дар музофоти Нишак воқеъ гардидааст.

**Бидеҳ** – номи рустое дар Систон.

**Болис** (Болиш, Волиштон) – ноҳияе дар шимоли Балуҷистон.

**Бохарз** – вилояте, ки шаҳри асосии он Молин ном дошта, дар қисмати ҷанубии Ҷом – шаҳри дигари вилояти Кӯҳистон воқеъ будааст.

**Бузистон** – шаҳрест, ки имрӯз бо номҳои Буҷистон ва Бужистон вуҷуд дорад.

**Бурҷон** (Бирҷон, Фурҷон) – шаҳре дар Форс, воқеъ дар музофоти Ардашер-Ҳурра.

**Буст** – шаҳри дуюми Систон аз лиҳози бузургӣ (пас аз Заранҷ) ҳисоб мешуда ва дар роҳи тиҷоратӣ бо Ҳинд, дар маҳалли якҷояшавии дарёҳои Аржандоб ва Ҳирманд воқеъ гардида будааст. Харобаҳои он имрӯз бо номи Қалъаи Буст боқӣ мондаанд.

**Гос** (Гоҳ) – ба қавли М.Баҳор, номи давлате, ки дар сарзамини Қафқоз ҷойгир шуда будааст.

**Ғӯта** – минтақаи боғҳо ва гулгаштҳо, ки дар Димишқ будааст.

**Дабиқ** – шаҳр дар вилояти Қаннисрин, ки дар шимоли Сурия воқеъ будааст.

**Дари Анҷара** (Ғанҷара) – номи яке аз дарвозаҳое дар Заранҷ будааст.

**Дари Каркӯя** – дари шимолии шаҳристони Заранҷ, ки аз он ҷо ба Каркӯя мерафтаанд.

**Дари Навоист** (Навист) номи дарвозае дар рабази шаҳри Заранҷ.

**Дари Таом** – дарвозаи ҷанубии шаҳристон дар Заранҷ.

**Диварк** – номи рустое, ки дар Систон (Заранҷ) дар наздикии дарвозаи шахр ҷойгир гардида будааст.

**Дизи Сафед** – номи қадимии ҳисори Лош, ки дар поёноби Фароҳрӯд дар наздикии Ҷувайн воқеъ будааст.

**Дошан** – номи маҳаллае дар рабази Заранҷ.

**Дӯшоб** – поёноби дарёи Ҳирманд ё Ҳилманд.

**Жӯшт** (Зӯшт, Рӯшт) – шаҳре дар масофаи се фарсах аз Заранҷ.

**Замини Довар** (Довар) – номи вилояте дар байни Систон ва Ғур.

**Зиреҳ** – номи кӯле дар Систон.

**Зобулистон** – кишваре бо номи Нимрӯз будааст, ки шаҳрҳои Систон, Замини Довар, Тӯрон, Ғазна Қандаҳор ва Кобулро дар бар мегирифтааст. Зобулистон инчунин ба маънии

минтақае будааст, ки Ғазнин шаҳраки он буда, дар замони Султон Маҳмуд обод ва пойтахти давлати Ғазнавиён гардидааст.

**Золиқ** (Ҷолиқ) – ба қавли Ёқути Ҳамавӣ, рустои бузурге дар Систон. Мавқеи имрӯзаи ин русторо дар байни деҳаҳои Бунҷор ва Қосимобод дар ғарб ва Ҷалолободу Карку дар шимоли шарқ, дар резишгоҳи дарёи Ҳирманд тахмин мекунанд.

**Зӯзан** – номи русто ва шаҳри марказии он дар вилояти Кӯҳистон.

**Илиё** – номи Иерусалим, ки дар осори муаллифони араб дар қатори номҳои ал-Қудс ва Байтулмуқаддас зикр мегардад.

**Кадаҳ** – музофоте, ки дар роҳи Хош воқеъ будааст.

**Камар Зуҳайр** (Кам Зуҳайр) – деҳае дар Систон будааст, вале маҳалли ҷойгиршавии он дар маъхазҳо зикр нагардидааст.

**Каркӯя** (Каркӯй) – шаҳре дар Систон, воқеъ дар масофаи як манзил аз самти шимолии Заранҷ. Харобаҳои биноҳои қадимии Теппаи Каркӯй имрӯз дар назди деҳаи Карку дар масофаш 4,5 км. Аз Миён-Кангӣ – деҳаи бузурги резишгоҳи дарёи Ҳирманд, мавҷуд аст.

**Каруҳ** – шаҳре дар вилояти Ҳирот, ки дар масофаи як манзил аз шимолу шарқи Ҳирот ҷойгир шудааст.

**Кис** – шаҳре будааст дар Синд ва сарҳади ҷанубии Систон.

**Кошан** (Гошан) – шакли арабишудаи он «Ҷошан» – номи маҳалле дар Систон будааст, вале макони ҷойгиршавии он маълум нест.

**Кувайн** (Гувайн) – шаҳри начандон бузург, ки дар масофаи се манзил аз Заранҷ ҷойгир шуда ва макони асосии хавориҷ будааст. Ин шаҳр то имрӯз номи худро нигоҳ доштааст.

**Кулморӯд** – рустои қадимӣ дар роҳи тиҷоратие, ки Систонро бо Халиҷи Форс ва вилоятҳои шимол, шарқ ва ғарб мепайвастааст.

**Куҳандиз** – арабишудаи Қуҳандиз. Ин ном метавонад ба ҳар як қалъаи куҳна мансуб бошад. Дар гузашта бо номи Куҳандиз ё Куҳандиз қалъаҳое дар Балх, Самарқанд, Бухоро, Нишопур ва Марв вуҷуд доштаанд. Ҳоло аз қалъаҳои мазкур ва бо ҳамин ном танҳо қалъае дар қисмати шарқии Балх ва ғарбии Бадахшони Афғонистон боқӣ мондааст, ки онро Қундуз меноманд.

**Кӯҳа** (Кӯҳак, Азкӯҳ) – деҳае дар вилояти Руххаҷ будааст.

**Кӯҳтез** (Кӯҳшер) – номи яке аз қалъаҳои Ғазнин, ки дар роҳи Буст воқеъ гардида будааст.

**Кӯра** – муарраби «хӯра» ва ҷамъи он «кувар ба маънии иқлим, мамлакат, сарзамин буда, пеш аз ислом мамлакати

Форсро ба панҷ хӯра тақсим кардаанд: 1) Хӯраи Ардашер. 2) Хӯраи Истахр. 3) Хӯраи Дороб. 4) Хӯраи Шопур. 5) Хӯраи Қубод. Дар забони паҳлавӣ асли маънии Хӯра «шукӯҳу бузургӣ ва фарру ҷалолат» будааст.

**Қавқа** (Қуқаҳ) – номи ҳисоре дар Систон.

**Қайсария** – номи шаҳре дар Фаластин, ки Муовия ибни Абӯсуфён онро соли 639 бо як ҳамла фатҳ намудааст.

**Қайсория** – шаҳре будааст дар соҳили дарёи Шом, ки яке аз вилоятҳои Фаластин ҳисоб меёфта ва имрӯз хароб шуда ва ба деҳкадае табдил ёфтааст.

**Қалъаи Дуруҳ** – ҳисоре дар самти ҷанубии роҳи Табаси Кӯҳистон

**Қандобил** – шаҳре, ки дар роҳи аз Болис ба Қучдор воқеъ будааст ва имрӯз бо номи Гандав чун сарзамини ҳосилхез дар вилояти Балуҷистони Покистони ғарбӣ вуҷуд дорад.

**Қарнин** – деҳае дар Нишак, ки гӯё охури Рахши Рустам дар он ҷо будааст.

**Қиннасрин** – (Қиннисрин) вилояте будааст дар Шом (Сурия), ки шаҳри Ҳалаб аз ҷумлаи шаҳрҳои тобеи он ҳисоб меёфтааст. Аз Қиннисрин то Ҳалаб як манзил роҳ будааст. Ин шаҳр соли 351 ва ба қавли дигар соли 355 дар натиҷаи ҳуҷуми Румиён хароб гардида, дигар барқарор карда нашудааст.

**Қирнин** – деҳае будааст дар роҳи Буст, дар масофаи 6 км аз Заранг.

**Қодисия** – шаҳре будааст дар канори дарёи Фурот дар масофаи бисту панҷ фарсах (150 км) аз Куфа. Ба қавли баъзе маъхазҳо, ин шаҳр дар наздикии Карбало будааст

**Қойин** – яке аз шаҳрҳои асосии вилояти Кӯҳистон дар асрҳои миёна, ки аҳамияти бузурги тиҷоратӣ доштааст.

**Қуздор** (Коздар) – шаҳре, ки имрӯз низ бо номи Хуздар дар масофаи 85 мил аз шаҳри Келат (Покистони ғарбӣ) вуҷуд дорад. Дар гузашта он шаҳри асосии музофоти Тӯрон ҳисоб меёфтааст ва ба воситаи он роҳи тиҷоратӣ аз Систон ба Ҳинд мегузаштааст.

**Лаби оби Тирмид** (Тирмад) – шаҳре, ки дар соҳили дарёи Сурхон воқеъ будааст, дар назар дошта шудааст.

**Майсон** – номи вилояте будааст, ки дорои боғҳои хурмо ва дарахтзорон буда, дар байни Басра ва Восит ҷойгир гардида будааст.

**Мастунг** – шаҳре, ки дар асрҳои миёна ба вилояти Гармсер тобеъ будааст. Номи ин шаҳр то имрӯз боқӣ мондааст ва

Мастунги кунунӣ дар Покистон байни шаҳрҳои Кветто ва Келат вуҷуд дорад.

**Машкӣ** (Мосакон) – шаҳре, ки ба вилояти Қуздор тобеъ будааст.

**Моижнобод** (Моизнобод) – деҳаи қадим дар вилояти Хоф, дар масофаи 6 фарсах ба ҷанубу шарқи Сангон. Имрӯз деҳае наздик ба номи деҳаи мазкур дар шакли Мужнобод мавҷуд аст.

**Морҷӯя** (Моргӯ) – деҳае дар Миён-Кангӣ, дар Систон, ки то имрӯз бо ҳамин ном вуҷуд дорад.

**Навбандҷон** – маркази кӯраи Шопур будааст ва шаҳри Козарун ҳам тобеи ин кӯра (иқлим) ҳисоб меёфтааст.

**Надандун** (ал-Базандун) – номи шаҳре, ки имрӯз бо номи Бозанти дар Осиёи Хурд, дар масофаш 60 км. Аз Тарсус воқеъ гардидааст.

**Ниҳ** – шаҳре дар Систон, дар қисмати ғарбии кӯли Зиреҳ, дар масофаи ду манзил аз Тарк.

**Нишак** (Нишк) – музофоте дар Систон, ки байни ҳудуди Систон ва Буст қарор доштааст.

**Ноширӯд** (Ношрӯд) – номи рустои воқеъ дар соҳили рӯде бо ҳамин ном.

**Нуқон** (Нуқот) – номи яке аз музофотҳои Систон.

**Обур** – яке аз деҳаҳои Систон будааст, ки донишманди маъруфи ҳадис Абулҳасан Муҳаммад ибни Ҳусайн дар он ҷо ба дунё омадааст.

**Оташи Каркӯй** – аз лиҳози бузургӣ сеюмин маъбади оташпарастони зардуштӣ, ки бунёди онро ба Баҳман – писари Исфандиёр нисбат медиҳанд.

**Пешзиреҳ** – ноҳияе дар қисмати ҷанубии кӯли Зиреҳ ва имрӯз бо номи Пешоб дар Афғонистон вуҷуд дорад.

**Пӯлон** (Булон) – деҳае дар наздикии Буст.

**Рабаз** – маҳаллаҳои сукунатӣ, ки дар атрофи қалъа ва шаҳристони марказӣ бунёд гардида боғоту осиёбҳо ва манзилҳои деҳқононро дар бар мегирад ва баъзан дар гирди он девори бузург бардошта мешавад. Маҷмӯи ободиҳо ва маҳаллаҳои истиқоматӣ новобаста аз он ки дар дохили девори бузург аст ё берун аз он, рабаз номида мешавад.

**Рамалла** – бино ба тахмини М. Баҳор, «Румайла» бошад, ки имрӯз яке аз деҳаҳои Байтулмуқаддас (Иерусалим) аст.

**Ринда** (Риндон) – деҳае дар самти шимоли Зоҳидон, ки харобаҳои он то имрӯз боқӣ мондааст.

**Розқон** (Родкон) – шаҳраке дар мобайни Хабушон ва Тӯс, ки чун зодгоҳи Низомулмулк маъруф аст.

**Ромҳурмуз** – ба қавли Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Ромҳурмуз шакли арабишудаи номи шаҳри Шуштар будааст.

**Рошид** (Росак, Рошак) – ноҳияе дар як гӯшаи биёбони Кирмон дар роҳи Систон ва дар масофаи 23 фарсах аз Заранҷ.

**Рум** – дар матни «Таърихи Систон» дар шакли «Рамм Бизонҷон» ҳам зикр шуда, зоҳиран ноҳияи кӯҳистон ва асосан курднишин будааст.

**Руҳҳо** – номи шаҳре дар Байнаннаҳрайн (байни дарёҳои Даҷла ва Фурот) дар байни Мосул ва Шом (Сурия).

**Рухад** (Руххаҷ) – номи музофот ва номи шаҳри марказии он, ки дар қисмати шарқии Систон воқеъ будааст.

**Рӯди Таом** – канале, ки аз дарёи Ҳирманд дар масоҳати 60 километрӣ аз Заранҷ канда шуда ва заминҳои атрофи дарвозаи Таомро обёрӣ мекардааст.

**Рӯзон** – шаҳре хурдтар аз Қарнин ва воқеъ дар наздикии Фирӯзқанд.

**Салом** (Салома, Салумак, Салумад) – шаҳре дар Кӯҳистон дар масофаи якрӯза роҳ аз Зӯзан.

**Сангон** – шаҳре дар минтақаи Хофи Кӯҳистон.

**Санобод** (Сунбод, Сунаобод) – деҳае дар масофаш 7-8 километрӣ аз Тӯс, ки имрӯз дар ҷои он шаҳри Машҳад бино ёфтааст.

**Саҳлон** – номи кӯҳе дар Наҷд (Ироқи кунунӣ).

**Сарвон** (Шарвон) – шаҳраке дар замини Довар, наздикии Қарнин ва дар масофаи ду манзил аз Буст.

**Сафзор** – бо номҳои Исфизор ва Сабзавор низ номи ин шаҳр ба назар мерасад. Ин шаҳр имрӯз бо номи Сабзавор ва чун ҷузъи вилояти Ҳирот мавҷуд аст ва ин Сабзаворе нест, ки дар минтақаи Хуросони Эрон воқеъ гардидааст.

**Сиём** – номи кӯҳе дар шаҳри Нахшаб.

**Синак** – номи кӯчае, ки дар Заранҷ будааст.

**Сипиҳ** (Испиҳ, Исфиҳ) – ноҳияте, ки дар биёбон, дар байни рустои Паҳра ва шаҳри Заранҷ воқеъ будааст.

**Сирҷон** – муарраби Сиргон шаҳри марказии вилояти Кирмон дар масофаи дурӯза роҳ аз Заранҷ воқеъ гардида будааст. Номи ин шаҳр имрӯз дар номи яке аз остонҳои Форс боқӣ мондааст.

**Сироф** (Сайроф) – бандари бузурге дар асри X дар соҳили Халиҷи Форс будааст ва имрӯз харобаҳои он дар наздикии Бандари Тоҳир (Эрон) мавҷуд аст.

**Систон** – вилояте дар поёноби дарёи Ҳирманд ва шаҳри марказии он Заранг (Заранҷ) буда, харобаҳои он дар атрофи деҳаи Зоҳидони Афғонистон боқӣ мондааст.

**Сова** – шаҳре, ки дар роҳи корвон ба воситаи Форс, мобайни Ҳамадон ва Рай воқеъ будааст.

**Субайтила** – шаҳре дар Тунис, ки муҳорибаи байни арабҳо ва румиён дар он ҷо воқеъ гардидааст.

**Сумайсот** – шаҳре дар соҳили ғарбии дарёи Фурот ва дар тарафи кишвари Рум (Византия).

**Сурушана** (Усрушана) – дар тасҳеҳи устод Баҳор мавқеъ ва асли ин шаҳр муайян нашудааст. Дар истинод ба тадқиқоти муаррихони Тоҷикистон ва хориҷи он ва ба далели он ки номи «Усрушана» дар «Таърихи Систон» дар радифи Самарқанд, Шош, Фарғона ва Хуҷанд зикр шудааст, метавон гуфт, ки он Истаравшани кунунӣ аст.

**Сӯс** (Шӯш) – номи шаҳре, ки имрӯз бо номи Тӯс дар масофаи 10 километр аз Машҳад вуҷуд дорад ва зодгоҳи Ҳаким Фирдавсӣ мебошад.

**Табас** – шаҳре дар биёбони кабир, дар Кӯҳистон, ки онро Балозурӣ «Дарвозаи Хуросон» номидааст.

**Табола** – шаҳраки машҳуре будааст дар сари роҳи Яман. Аз Табола то Макка 52 фарсах (312 км) ва то Тоиф шашрӯза роҳ будааст.

**Таймо** – шаҳраке дар сари роҳи ҳоҷиён дар байни Шом (Сурия) ва Водиюлқуро ва ба қавли Ёқути Ҳамавӣ, ҷои беоб будааст. Дар соли нуҳуми ҳиҷрӣ (631 милодӣ) аҳли Таймо бо Пайғамбари ислом бо додани ҷизя паймони сулҳ бистанд.

**Танҷа** (Танҷери кунунӣ) – шаҳр дар Мағриб-Мароккои имрӯза.

**Тоқ** – қалъае, ки дар масофаи як манзилӣ аз Заранҷ ба ҷануб воқеъ буда бо ҳафт қатор девор иҳота гардида будааст. Харобаҳои ин қалъа дар байни мардум бо номи «Сар Пар» маълум буда, дар масофаи 25 километр аз Қалъаи Фатҳ ба ҷониби шарқ боқӣ мондааст.

**Тоқ** – номи ҳисоре дар Кирмон дар ноҳияи Гармсер.

**Убулла** – шаҳре дар соҳили дарёи Даҷла. Ин шаҳр аз Басра қадимтар будааст, зеро он дар аҳди подшоҳони Сосонӣ вуҷуд дошта ва Басра дар замони халифа Умар сурати шаҳрро ба худ гирифтааст.

**Фароҳ** – музофоте дар Систон буда дар соҳили дарёи ҳамноми худ воқеъ гардида будааст. Имрӯз яке аз устонҳои Афғонистон номи «Фароҳ»-ро ба худ гирифтааст.

**Фишанҷ** (Фишланҷ) – арабишудаи Бишланг, ки ҳисоре будааст дар Систон ва вилояти Ғур. Онро Султон Маҳмуди Ғазнавӣ фатҳ кардааст.

**Хабушон** – номи шаҳре, ки имрӯз бо номи Кӯчон дар қисмати шимоли ғарбии Радғони Хуросон вуҷуд дорад.

**Хайсун** (Хисун) – деҳае, ки дар масофаи 5 фарсах аз шимол ё шимолу ғарбии Каркӯй воқеъ будааст. Харобаҳои ин деҳа имрӯз бо номи Тахти Шоҳ боқӣ мондааст.

**Хатлон** (Хутталон) – бино ба қавли ағлаби таърихнигорон, вилояти Кӯлоби имрӯза аст.

**Ховар** (Ховарон) – ба қавли М. Баҳор, дар китобҳои паҳлавӣ «Хурвар», «Ховар» «Ховарон» ва «Хобирон» на ба маънии сарзаминҳои шарқ, балки ғарб будааст.

**Хорбор** – деҳае, ки дар роҳи Ҳирот-Буст воқеъ гардида будааст.

**Хоф** – деҳаи бузурге аз ҷумлаи музофотҳои Нишопур буда, имрӯз тобеи Машҳад аст.

**Хош** – яке аз вилоятҳои Систон будааст ва ҳоло ҷузъе аз Балуҷистон ҳисоб меёбад ва дар хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аст.

**Ҳабақ ва Бабақ** – номи ду рустое, ки дар Кирмон будааст.

**Ҳабис** – шаҳре дар вилояти Кирмон, дар масофаи се манзил аз Моҳон.

**Ҳавҷ** – зоҳиран, номи маҳаллае дар Заранҷ ё яке аз деҳоти наздик ба он.

**Ҳалофобод** (Ҳалафобод) – номи деҳае дар наздикии Заранҷ будааст.

**Ҳанноб** – шаҳре дар Кирмон, ки дар байни шаҳрҳои Бам ва Сирҷон, дар масофаи се манзил аз Сирҷон воқеъ шуда будааст.

**Ҳимс** – шаҳри бузурге дар Сурия, ки дар байни Димишқ ва Ҳалаб воқеъ будааст ва имрӯз ҳам бо ҳамин ном боқӣ мондааст.

**Ҳирот** – яке аз шаҳрҳои машҳури Хуросон, ки имрӯз ҳам бо ҳамин ном дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавҷуд аст. Сокинони Ҳиротро ҳиротӣ, ҳиравӣ ва ҳарева меномидаанд.

**Ҳурбандон** – ба эҳтимол номи маҳалле дар наздикии Заранг ё дар дохили рабази шаҳр.

**Ҷарвотикон** (Гарвотикон) – деҳае дар Систон, ки байни дарвозаи Таом ва деҳаи Неҳ воқеъ гардида будааст.

**Ҷибол** – минтақаи кӯҳсор, ки дар шимоли Хузистон воқеъ будааст.

**Ҷирра** – ба қавли Ибн ал-Балхӣ, муаллифи «Форснома», шаҳре дар Форс, дар баландии кӯҳ будааст.

**Ҷируфт** (Ҷирафт) – шаҳре дар қисмати ҷанубии Кирмон, ки то истилои муғулҳо маркази муҳими тиҷоратӣ будааст. Харобаҳои ин шаҳр ҳоло дар наздикии Каримобод боқӣ мондааст.

**Ҷобия** – деҳае дар вилояти Ҷавлон, дар Сурия.

**Ҷудӣ** – ноҳияи баланкӯҳ дар минтақаи Бохтон дар масофаи 180 км. аз Ҷазираи ибни Умар.

**Ҷунди Шопур** (Ҷундайсобур) – маънии он «Шаҳри Шопур» ва он шаҳрест, ки Шопур писари Ардашер бино карда, дар он гурӯҳе аз лашкариёни Шопур ва асирони ҳарбии Рум сокин будаанд.

**Ҷур** (Хур, Хурра) – номи шаҳре, ки онро Ардашер Хурра ҳам мегуфтаанд ва Аздуддавлаи Дайламӣ пас аз фатҳи ин шаҳр ба он номи Фирӯзободро додаст.

**Ҷурзон** – ба қавли Ибн ал-Асир, минтақае будааст, ки пойтахти он Атфалис ном доштааст.

**Ҷусф** (Ҳусф) – шаҳраке дар Кӯҳистон, дар гӯшаи биёбон, дар масофаи се манзил ба ҷануби шарқи Табас.

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

Муқаддима ........................................................................ 4
Оғози китоб ........................................................................ 17
Ҳадиси Куранг ........................................................................ 20
Нисбати Бахтиёр Али Исбаҳбад ........................................ 21
Фазли охир ........................................................................ 22
Фазли охир ........................................................................ 23
Фазли дигар ........................................................................ 23
Ва аммо он чи дар зоти Систон мавҷуд аст, ки дар соири шаҳрҳо нест ........................................................ 24
Дигар аҷоибҳо, ки дар Систон буда ва баъзе кунун мебинем 26
Фазли дигар ........................................................................ 26
Фазли охир ........................................................................ 27
Фазли охир ........................................................................ 27
Фазли охир ........................................................................ 28
Фазли дигар ........................................................................ 28
Фазли дигар ........................................................................ 29
Акнун ёд кунем баъзе номҳои эшон, ки аз паси ислом бузург гаштанд ва мардумон эшонро бидонистанд ба фазл. 29
Шароити ободонии Систон бар се банд бастан ниҳода омад.. 31
Номҳои Систон. Систон ва Зовул ва Заранг ва Нимрӯз ...... 31
Аммо ҳудуди Систон ва шаҳрҳои ӯ чанд аст ва аз куҷо то куҷост ........................................................................ 32
Амали Систон пас аз ислом ва қуртаҳои (хӯраҳои) он бар сулҳи қадим ........................................................................ 33
Амали Хуросон то ғояти ҳадди ислом ................................ 34
Қуртаҳои он ........................................................................ 34
Расотиқи Систон ................................................................ 35
Лаҳу модҳеҳҳо ................................................................ 35
Қисмати хироҷи Систон ...................................................... 35
Акнун ёд кунем аз тариқе, ки мардуми Систон доштанд андар қадим то ислом оварда шуд ................................ 37
Нисбати Бухтуннаср ............................................................ 37
Акнун ёд кунем сабаби оташи Каркӯй ................................ 38
Пеши ибтидои кори ислом омади мавлуди Мустафо (с) бозгӯем, ки ҳеч фахре Систонро бештар аз он нест ............... 40
Қиссаи Қайдор ал-Малик ибни Исмоил андар ҳадиси нури Мустафо (с) ................................................................ 45
Хоби Назр ибни Кинона ва ӯ он аст, ки ӯро Қурайш гуфтанд. 49
Андар қиссаи Абраҳатус-Саббоҳ бо Абдулмуталлиб, нахустин, ки ба Макка омаданд ........................................ 52

Мавлуди Муҳаммади Мустафо (с) ........................................ 57
Хилофати амиралмуъминин Абӯбакр (р) ............................ 68
Хилофати Амиралмуъминин Умар ибни ал-Хаттоб (р) ....... 68
Хилофати Амиралмуъминин Усмони Аффон (р) ............... 70
Ҳадиси фатҳи Систон ба рӯзгори Усмони Аффон дар санаи салосин ........................................................................ 71
Омадани Абдурраҳмони Самра ба Систон андар санаи салосун ва салосина ................................... ........... 74
Хилофати Амиралмуъминин Алӣ ибни Абитолиб ............. 74
Сабаби солорӣ ёфтани Муҳаллаб .................................. 75
Нишастани Муовия ба халифатӣ .................................... 79
Омадани Абдуллоҳ ибни Омири Қарез ба Систон андар санаи иҳдо ва арбаъин ............................................. 80
Омадани Рабеъ ал-Ҳорисӣ ба Систон ба амал дар санаи ситта ва арбаъин ............................................................ 80
Омадани Убайдуллоҳ Абибакра ба Систон андар санаи иҳдо ва хамсина ......................................................... 81
Омадани Аббод ибни Зиёд ба Систон ................................ 82
Нишастани Язиди Муовия ба халифатӣ рӯзи панҷшанбе, лисамони лаёлин бақина мин раҷаби санати ситтин.......... 84
Омадани Язиди Зиёд ва Бӯубайда ба Систон, Язид ба амирӣ ва Бӯубайда ба сипаҳсолорӣ .......................................... 86
Омадани Талҳа ат-Талаҳот ба Систон ва Умар бародари ӯ соҳиби ҷайш буд ................................................................ 87
Омадани Асвади Саид ба Систон ................................. 88
Омадани Абдуллоҳи Талҳа ба Систон ............................ 88
Нишастани Муовия ибни Язид ибни Муовия ба халифатӣ . 89
Нишастани Марвон ал-Ҳакам ба Шом ........................... 89
Нишастани Абдуллоҳи Зубайр ба Мака .......................... 90
Омадани Абдулазиз ба аморат аз пеши Ҳориси Абдуллоҳ... 90
Рафтани Абдулазиз сӯи Буст ва Кобул ............................ 90
Нишастани Абдулмалик Марвон ибни ал-Ҳакам ба халифатӣ ......................................................................... 91
Омадани Абдуллоҳи Умайя ба Систон ба рӯзгори Ҳаҷҷоҷ дар санаи арбаъа ва сабъин .................................... 92
Омадани Мусо Талҳаи Абдуллоҳ ба Систон ..................... 92
Омадани Убайдуллоҳ ибни Аби Бакра ба Систон ба рӯзгори Ҳаҷҷоҷ ............................................................... 94
Омадани Абдурраҳмон Муҳаммад ал-Ашъас ба Систон дар санаи исно ва самонина ................................................ 95
Омадани Мусмеъ Молик ба Систон дар санаи ситта ва самонин ....................................................................... 99

Нишастани Валид ибни Абдулмалик .......................... 99
Омадани Қутайба ибни Муслим андар раҷаби санаи ситтин ва самонин ба Систон ..................................... 100
Омадани Қутайбаи Муслим ба Систон андар вақти бародари худ Амр дигарбора.................................. 101
Омадани Язид ибни Муҳаллаб ба Хуросон ба амал ва фиристодани бародар Мудрики Муҳаллабро ба Систон.... 101
Нишастани Умар ибни Абдулазиз ба хилофат рӯзи одина, даҳ рӯз монда аз сафари санаи тисъин ва тисъина .......... 102
Омадани Саббок ибни ал-Мунзир аш-Шайбонӣ ........... 103
Омадани Абдурраҳмон ба Систон ............................ 103
Омадани Маъорик ибни ас-Салт ба Систон .................. 103
Нишастани Язиди Абдулмалик ба хилофат дар раҷаби санаи иҳдо ва миъа ................................................ 103
Нишастани Ҳишоми Абдулмалик ба хилофат рӯзи одина, панҷ рӯз монда аз шаъбони санаи хамсин ва миъа ........... 104
Нишастани Валид (ибни) Язид ибни Абдулмалик дар халифатӣ андар рабеъулаввали санаи хамса ва ишрина ва миа ...................................... ........... 106
Нишастани Язиди Валид Абдулмалик ба халифатӣ рӯзи панҷшанбе, дар ҷумодиюлохир дар санаи ситта ва ишрина ва миа ............................................ 107
Нишастани Иброҳими Валиди Абдулмалик ба хилофат андар зилҳиҷҷаи санаи ситта ва ишрин ва миа ................ 107
Аввали таассуб миёни фариқайн ............................. 107
Омадани Савор ибни ал-Ашъар ба Систон .................. 108
Нишастани Марвон ибни Муҳаммад ба хилофат андар санаи сабъан ва ишрина ва миа ................................ 109
Омадани Молик ба Систон .................................... 110
Бархостани Бӯмуслим Абдурраҳмон ибни (Муслим) соҳибуддаъвати рӯзи душанбеи моҳи рамазони санаи иҳдо ва салосин ва миа ................................ 110
Нишастани Абулаббос ас-Саффоҳ ба хилофат ва байати Бӯмуслим ва сипоҳи вай ........................................ 110
Нишастани Абӯ Мансур Ҷаъфар бародари Саффоҳ ба халифатӣ .......................................................... 112
Омадани Сулаймон ибни Абдуллоҳ ал-Киндӣ ............... 113
Омадани Ҳунодӣ ас-Сарӣ ба Систон ........................... 114
Омадани Зуҳайр ибни Муҳаммад ал-Аздӣ дар Систон ..... 114
Нишастани Маҳдӣ ба халифат ва фиристодани Язид ибни Мансур ба Систон .......................................... 115
Омадани Убайдуллоҳ ибни ал-Ало ба Систон дар санаи

иҳдо ва хамсина ва миа ………………………………………..	116
Омадани Маън ибни Зоида аш-Шайбонӣ ба Систон …….	116
Нишастани Маҳдӣ (ибни) Мансур ба хилофат рӯзи сешанбе, дар зилҳиҷҷаи санаи самонин ва хамсина ва миа…	120
Омадани Зуҳайр ибни Муҳаммад ал-Аздӣ ба Систон ……	121
Нишастани Ҳодӣ ба хилофат дар санаи тисъун ва ситтина ва миа ………………………………………… …………	122
Омадани Касир ибни Солим ба Систон …………………...	122
Нишастани Ҳорунаррашид ба хилофат рӯзи одина, нимаи моҳи рабеъулаввали санаи сабъина ва миа …………………	123
Омадани Абдуллоҳ ибни Ҳамид ба Систон ……………….	123
Омадани Язид ибни Ҷарир ба Систон ……………………..	125
Берун омадани Амир Ҳамза ибни Абдуллоҳ ал-Хориҷӣ андар санаи иҳдо ва самонина ва миа………………………	126
Омадани Сайф ибни Усмон ат-Торобӣ ва Ҳузайн ибни Муҳаммад ал-Қавсӣ ба Систон ………………….................	128
Омадани Алӣ ибни Исо ба Систон ………………………..	128
Омадани Сайф ибни Усмон ат-Торобӣ ба Систон ………..	130
Нусхаи номаи Ҳорунаррашид ……………………………..	131
Ҷавоб кардани Ҳамза ибни Абдуллоҳ ал-Хориҷӣ ………....	133
Омадани Муҳаммад ибни ал-Ашъас ба Систон ………….	139
Нишастани Абулаббос Абдуллоҳ ал-Маъмун ба хилофат …	139
Омадани Аҳмад ибни ал-Фазл ба Систон ………………..…	140
Омадани Амр ибни ал-Ҳайсам ба Систон …………...........	142
Омадани Муҳаммад ибни ал-Ҳузайн ал-Қавсӣ ба Систон …	142
Омадани Илёс ибни Асад ба Систон …………………………	143
Омадани Муҳаммад ибни ал-Аҳвас ба Систон …………......	143
Муҳаммад ибни Шабиб ба Систон омад ……………………	143
Омадани Муҳаммад ибни Язид ба Систон …………………	144
Омадани Ҳусайн ибни Алӣ ба Систон …………………….. .	144
Омадани Аҳмад ибни Холид ба Систон …………………... .	144
Омадани Муҳаммад ибни ал-Аҳвас ба Систон ………..……	145
Байъат кардани Ҳусайн ибни ал-Ҳусайн амми Абдуллоҳро..	146
Нишастани Абӯисҳоқ ал-Муътасим Биллоҳ ба халифатӣ …	147
Омадани Ҳусайни Абдуллоҳ ас-Сайёрӣ ба Систон …………	147
Хушк шудани Ҳирманд ва қаҳту маргӣ ……………………..	148
Омадани Насри Сайёрӣ ба Систон …………………………....	149
Омадани Иброҳим ал-Ҳузайн ба Систон …………………....	150
Нишастани ал-Восиқ Биллоҳ ба халифатӣ дар санаи сабъун ва ишрина ва миатай ……………………………………………	151
Нишастани ал-Мутоваккил Алаллоҳ ба хилофат ………….	153
Ахбори маликуддунё, Соҳибулқуръон Абиюсуф Яъқуб

ибни ал-Лайс ва нисбати ӯ ва ёд кардани бузургӣ,
ки ӯро буд ............................................................................ 158
Нишастани ал-Мунтасир Биллоҳ ба хилофат ................. 160
Нишастани ал-Мустаъин Биллоҳ ба хилофат ................. 160
Қиссаи Азҳар .................................................................. 161
Рафтани Яъқуб ба ҳарби Аммори Хориҷӣ ...................... 162
Рафтани Яъқуб ба ҳарби Солеҳ ибни Ҳуҷр ...................... 163
Рафтани Яъқуб ба Ҳирот ва гирифтани Ҳарӣ ................. 164
Рафтани Яъқуб ба Кирмону Форс ................................ 167
Нишастани ал-Муҳтадӣ Биллоҳ ба хилофат ................... 168
Рафтани Яъқуб ба Рухҳад ба ҳарби Занбил ...................... 168
Нишастани ал-Муътамид Алаллоҳ ба хилофат ................ 169
Берун омадани Абдурраҳим ба амирӣ ............................ 170
Сабаби банд кардани Муҳаммад ибни Тоҳир ва фано
гаштани хонадони Тоҳириён бар дасти Яъқуб ибни Лайс... 172
Рафтани Яъқуб ба Гургон ба ҳарби Абдуллоҳ ибни
Муҳаммади Солеҳ ва Ҳасани Зайд ................................. 175
Куштани Абдуллоҳ ва зинҳор омадани солукони Хуросон.. 175
Ҳадиси Муҳаммади Восил бо Яъқуб ва Муҳаммад Зайдуя ... 177
Вафот ёфтани Яъқуби Лайс ба Ҷундишопур .................... 181
Нишастани Амри Лайс ба амирӣ дар шавволи санаи хамсун
ва ситтина ва миатай ........................................................ 181
Фармон ёфтани Муътамид бар ҳабс дар санаи ситтун ва
ситтина ва миатай ............................................................ 182
Гирифтани Амр Порсро дигарбора ............................ 189
Гурехтани Алӣ ибни ал-Лайс аз қалъаи Бум ................. 191
Вафот ёфтани Муваффақ ва нишастани ал-Муътазид
Биллоҳ ба хилофат ........................................................ 192
Ҳазимат кардани Рофеъ ибни Ҳарсама аз пеши Амри Лайс . 194
Мондани Амри Лайс ба Балх ба дасти Исмоил ибни Аҳмад
ва вафоти Насри Аҳмад .................................................. 197
Расидани номаи Амр ................................................ 198
Сипари гаштани мир Амр ибни ал-Лайс ва сипарӣ гаштани
ал-Муътазид Биллоҳ Акнун баъзе аз сияри Яъқуб
ва Амр ёд кунем ................................................................ 202
Ҳадиси сияри Амр ибни ал-Лайс ва кори ӯву чигунагии ӯй. 206
Нисбати Азҳар ибни Яҳё ва ҳикояти он ......................... 207
Бозгаштем ба ҳадиси амир Булҳасан Тоҳири Муҳаммади
Амри Лайс ва ҳадиси бародари вай Яъқуб ...................... 209
Аввалин таассуби Самак ва Садақ ................................. 211
Нишастани Ҷаъфар ал-Муқтадир Биллоҳ ба хилофат дар
санаи ситтун ва тисъина ва миатай .................. ........... 216

Омадани Лайси Алӣ ба Систон ва ба Шористон даршудан.. 216
Рафтани Тоҳир ва Яъқуб писарони Муҳаммад Амри Лайс аз Систон якборагӣ………………………………………… 218
Нишастани Лайси Алӣ ба Амирӣ ва ӯро шери Луббода гуфтандӣ ……………………………………………… 219
Рафтани Шери Луббода ба ҳарби Субкарӣ ба Форс ……… 222
Нишондан Абӯалӣ Муҳаммад ибни Алӣ ал-Лайсро ба амората Систон дар якшанбеи ғурраи моҳи муҳаррами санаи самонин ва тисъина ва миатай……………………… 224
Рафтани Муҳаммад Алӣ ба ҳазимат (аз) пеши (сипоҳи) амири Хуросон ……………………………………………….. 226
Даршудани Аҳмад ибни Исмоил ба Буст ва банд кардан Муҳаммад ибни Алии Лайсро ………………………………. 227
Мунқатеъ гаштани вилояти Систон аз Оли Яъқубу Амр ва хутба кардан бар Оли Сомон ……………………………… 228
Ҳадиси Субкарӣ …………………………………………… 229
Ҳазимат кардани Субкарӣ ………………………………… 229
Хилоф кардани мардумон бар Мансури Исҳоқ …………….. 230
Гирифтани Систон мавлои Сандалӣ ва куштан сипоҳи Хуросонро ва гирифтани Мансури Исҳоқ ………………… 231
Хутба кардани амир Бӯҳафс Амри Яъқуби Муҳаммади Амр ал-Лайс ……………………………………………… 232
Омадани Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ ба Систон дигар роҳ.. 233
Куштани Аҳмад ибни Исмоил амири Хуросонро ва нишондан писари ӯро Наср ибни Аҳмадро ба амирӣ………. 234
Гурехтани Симҷӯр аз Систон ……………………………… 235
Омадани Фазли Ҳамид ба амирии Систон ………………… 235
Исён овардани Холид ибни Муҳаммад ибни Яҳё …………… 237
Нишондан амир Абӯҷаъфарро ба амирии Систон шаби чаҳоршанбе, сездаҳ рӯз боқӣ аз муҳаррами санаи иҳдо ашара ва салосумиа ……………………………………… 241
Асир мондани Абдуллоҳи Аҳмад бар дастии Ямони Ҳузайф. 243
Ҳадиси Мокон бо амир Бӯҷаъфар ………………………… 246
Ҳадиси Наср ибни Аҳмад бо амир Бӯҷаъфар ……………… 247
Куштани Амири Шаҳид Бӯҷаъфар раҳамаҳу-л-лоҳ ……….. 255
Омадани Амир Тоҳири Бӯалӣ андар шаҳри Систон ………. 256
Боз омадани амир Халаф ва гирифтани Систон …………… 261
Ҳазимат кардани амир Халаф …………………………… 261
Гирифтани амир Халаф Ҳисор ва оғози ҳарб бо сипоҳи Хуросон ……………………………………………… 262
Сулҳ кардани Амир Халаф бо амир Ҳусайн ва фуруд омадани ӯ аз ҳисор ……………………………………… 264

Нишастани амир Халаф Абӯаҳмад ибни Аҳмад ибни Муҳаммади Халаф .................................... ........... 265
Боз омадани Амир Амр писари Амир Халаф аз Хуросон ... 267
Омадани Султон Маҳмуд ибни Сабуктегин раҳмату-л-лоҳ ба пои кӯҳи Испаҳбад ........................................... 268
Рафтани Амир Тоҳир ба Кирмон дар шаъбони санаи тисъина ва салосумиа .............................................. 268
Боз омадани Амир Тоҳир аз Кирмон .......................... 269
Даромадани Амир Тоҳир андар шаҳр ва гирифтани вилоят. 270
Ҳисор гирифтан бар номи Султон Маҳмуд, айёрони Систон. 271
Фуруд омадани Амир Халаф аз ҳисори Тоқ ба сулҳ ва рафтан аз Систон ба Хуросон .................................. 272
Софӣ шудани подшоҳии Систон Султони олими одил Яминуддавла Абулқосим Маҳмуд ибни Сабуктегинро рӯзи якшанбе, дар сафари санаи салосун ва тисъина ва салосумиа ........................................................... 273
Ибтидои ҷулуси туркон бар Сиҷистониён ....................... 274
Амали амир Муҳаммад Боҳафси Килона ..................... 276
Омадани Хоҷа Бӯмансури Хофӣ ба амалдории Систон ..... 277
Омадани писари Баҳоуддавла ба Систон ..................... 277
Амали Азиз Муҳаммади Фушанҷӣ ва азли Хоҷа Бӯмансури Хофӣ рӯзи сешанбе, нӯҳуми раҷаби санаи самонин ъашара ва арбаъумиа .................................................. 278
Омадани амир Абулфазл Наср ибни Аҳмад ба амали Систон .......................................................................... 279
Вафоти Султон Маҳмуд (р) .......................................... 279
Омадани Азизи Фушанҷӣ аз дасти Султон Масъуд ба амали Сиҷистон ................................................... 279
Амали Бӯсаиди Ҷимартӣ .............................................. 280
Омадани амир Булфазл рӯзи панҷшанбе, зилҳиҷҷаи санаи тисъун ва ишрина ва арбаъумиа ................................ 280
Омадани Артош ва хутба кардан бар Байғу ................. .. 281
Омадани Байғу ба Систон .......................................... 282
Кушта шудани Султон Масъуд .................................. .. 282
Омадани Қаймос бо лашкар ба ҷониби Систон ва омадани Артош ва ҳазимат додан сипоҳи Мавдудро аз Систон ....... 282
Гирифта шудани Амир Бонаср бар дасти Туғрал ............ 284
Кушта шудани Артош ............................................. 284
Халос ёфтани амир Бонаср ....................................... 285
Хабари вафоти Абиҷаъфар Аҳмад ибни Мансур ибни Аҳмад мавлои Амиралмуъминин наввараллоҳу ҳафратаҳу.. 285
Омадани Туғрал ........................................................ 286

Вақъати Бидеҳ ......................................................... 287
Омадани Ёқутӣ дафъати аввал ба Систон ......................... 289
Омадани Ёқутӣ бори дигар ............................................ 289
Вақъати Ҷувайн ......................................................... 290
Вақъати пеши Зиреҳ .................................................... 291
Омадани расули Мир Ҷағрӣ ........................................... 291
Хутба кардани Амир Чағрӣ ........................................... 292
Омадани амир Байғу ба Систон .................................... 293
Қиссаи аҳволи Махдум шоҳи аъзам шаҳриёри Нимрӯз Рукнулҳақ ва-д-дин Шоҳмаҳмуд халлада-л-лоҳу мулкаҳу ........................................... 313
Боз омадани шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд аз пеши Амир Наврӯз ба вилояти Неҳ........................................ 315
Рафтани Шоҳи Муаззам Рукнуддин Маҳмуд ба вилояти Хабис ......................................................... 315
Ҷанг кардани шоҳи муаззам Рукнуддин Маҳмуд бо лашкари Насирулҳақ ва-д-дин ва музаффар гаштани ӯ бар лашкари малик ................................................ 316
Феҳристи номи афрод ................................................. 320
Феҳристи номи маҳалҳо .............................................. 334
Феҳристи матолиб ......................................................... 343

*Муҳаррири техникӣ:*
**Бунафша Ҷабборова**

Ба матбаа 06.05.14 супорида шуд. Ба чоп 29.09.14 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андоза 70x100$^1/_{16}$.
Ҳаҷм 21,93 ҷузъи чопӣ. Адади нашр 200 нусха.
Супориши № 053. Нархаш шартномавӣ.

**Дар матбааи ЧДММ «Нашриёти Бухоро» ба табъ расид.**
**ш.Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**